АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ
А. БАҲОВАДДИНОВ

ВБД 1 (091)
ТКБ 87.3 (2 тоҷик)
З-57

Бо ҳуқуқи дастнавис



ЗИЁЕВА ЗЕБОНИССО ИДИБЕКОВНА

ФАЛСАФАИ ИБНИ АРАБӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа
аз рӯи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор, Академики Академияи миллии Тоҷикистон Кароматулло Олимов

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....4-24

БОБИ 1. ЗИНДАГӢ, ОСОР ВА ТАЪЛИФОТИ ИБНИ АРАБӢ

1.1. Зиндагинома ва осори Ибни Арабӣ.....25-41

1.2. Таълифоти асосии Ибни Арабӣ.....41-64

1.3. Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабонони Хуросон ва Мовароуннаҳр.....64-75

БОБИ 2. “ФУСУС АЛ-ҲИКАМ”-И ИБНИ АРАБӢ ВА ШАРҲҲОИ АСРИМИЁНАГИИ ОН

2.1. “Фусус ал –ҳикам” - муҳимтарин асари фалсафии Ибни Арабӣ.....76-91

2.2. “Шореҳони машҳури асримиёнагии “Фусус ал-ҳикам” – и Ибни Арабӣ”.....91-120

2.3. Вокунишҳо дар баробари Ибни Арабӣ.....120-125

2.4. Мушкилоти фаҳми осори Ибни Арабӣ.....125-135

БОБИ 3. МАКТАБИ ИБНИ АРАБӢ ВА ВИЖАҲОИ ТАЪЛИМОТИ Ӯ

3.1. Машраби Ибни Арабӣ дар ваҳдати вуҷуд.....136-151

3.2. Ибни Арабӣ ва тасаввуф.....151-156

3.3. Ибни Арабӣ илмҳои анъанавӣ, шариат ва фалсафа.....156-166

3.4. Равишҳои таҳқиқи таълимоти Ибни Арабӣ.....166-170

БОБИ 4. ИБНИ АРАБӢ ВА ВАҲДАТИ ВУҶУД.....171-172

4.1. Ваҳдати вуҷуд ва собиқаи он дар ирфони то замони Ибни Арабӣ.....172-194

4.2. Табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ: ал-мумкинот, ал-аъён ас-собита ва ал олам.....194-204

4.3. Мақомоти Худо аз дидгоҳи суфиён ва Ибни Арабӣ.....204-238

4.4. Таносуби Ваҳдати вуҷуд ва Ваҳдати шуҳуд.....238-255

БОБИ 5. МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ФАЛСАФАИ ИРФОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ АРАБӢ

5.1. Масъалаи офариниши ҷаҳон ё “Назарияи офариниши нав”-и Ибни Арабӣ.....256-281
5.2. Масъалаҳои ҳастишиносӣ: Худо ва олам.....281-312
5.3. Мақоми инсон ва шинохти нафс.....312-350
5.4. Мушкилоти дарки таълимоти Ибни Арабӣ 351-383
ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО.....384-401
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....402-441

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот. Тасаввуф яке аз падидаҳои маънавӣ мебошад, ки дар марҳаллаҳои мухталифи тамаддуни инсонӣ дар байни халқҳои гуногуни ҷаҳон вуҷуд доштааст. Аммо тасаввуф, ба монанди ҳар кадом шаклҳои гуногуни ирфон дорои хосиятҳои худ мебошад, ки дар муҳити муайяни умумифарҳангие ташаккул ёфта, фарҳанги онро дар партави ҷиҳатҳои хоси худ инъикос намудааст. Худи ҳамин ба ҷиҳатҳои хоси тасаввуф дар доираи “кулли умумиисломӣ” низ дахл дорад, ки то андозаи муайян тасаввуфро аз дигар ҷараёнҳои бузург ва мактабҳои исломӣ фарқ мекунонад. Дар баробари ин тасаввуф, яке аз компонентҳои бунёдии ин “кулли умумимусулмонии маданият”-ро бо ҳама ҷараёнҳо ва таълимотҳои гуногун, инчунин дастовардҳое, ки дар соҳаи илм ва фаъолияти амалӣ, ташкил медиҳад, алоқаманд намудааст. Ғайр аз ин метавон гуфт, ки тасаввуф яке аз намунаҳои назарӣ ва амалии маданияти мусулмонӣ мебошад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо арзиши баланди тасаввуфро дар шинохти паҳлуҳои маънавии ақли назариявӣ ва амалии исломӣ ба миён меоваранд. Ин самтҳо дар аксари ҳолатҳо аз доираи “ҷаҳонбинии мусулмонӣ” берун баромада, тобеъи ҷараёни умумии пешрафти намунаҳои беҳтарини таҷрибаи инсонӣ мешаванд. Маҳз ҳамин ҳолатҳо то ҳанӯз ҳам сабаби баҳсу мунозираҳо дар атрофи моҳият ва хусусиятҳои тасаввуфи исломӣ будаву ҳоло ҳам ҳастанд. Дар вай ҳамчунин яке аз ангезаи гносеологӣ ва маънавии омӯзиши тасаввуфи исломӣ пинҳон аст, ки таваҷҷуҳи рӯзафзуни муҳаққиқони оламро ба худ ҷалб мекунад. Ин раванд, ки беинтиҳо ба назар мерасад, ду сабаби асосӣ дорад. Аввалан, ин беинтиҳо будани проблемаҳоест, ки тасаввуф дар назди ақл ва интуитсияи (кашфи) инсонӣ гузоштааст. Сониян, дар шаклҳои гуногуни он ва нодир будани ҳар кадоми он нуҳуфта аст, ки имкони шарҳу баёнҳои гуногуни онро дар ҳар марҳалаи нави пешрафт ва фаъолияти амалӣ, ба вуҷуд меоварад.

Муҳиддин Ибни Арабӣ (560 ҳ.ш./1165-638 ҳ.ш./1240) аз назари мақоми

таърихӣ ва нуфуз дар тасаввуфи исломӣ дар афкори назариявӣ ва амалӣ, яке аз шахсиятҳои нотакроре мебошад, ки омӯзиши амалӣ ва фалсафии ӯ дорои аҳамияти болиғ мебошад. Сухан на дар бораи шахсияте меравад, ки ҳанӯз дар замони зиндагиаш сазовори унвони олитарин ва ифтихории “шайхи акбар” – “устоди бузург” ё “қутб-ул-ақтоб” (қутби қутбҳо) гардидааст, балки нуфузи бузург ва асарҳои ниҳоят зиёди эҷодкардаи ӯст, ки ҳар яке аз файласуфони бузург дар таърихи инсоният гузоштааст.

Ирфони исломӣ ва ё тасаввуф – шакли махсуси худошиносӣ ва тарзи инкишоф додани донишҳо оид ба Худо, олам ва инсон мебошад. Нақши таълимоти ирфонӣ дар ҳаёти маънавӣ ва сиёсии олами муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки гуё дини расмӣ қабл аз ҳама мутаваҷҷеҳи оммаи мардум буда, на ҳама вақт қодир аст ниёзҳои маънавии фарди алоҳидаро ҳаматарафа қонеъ гардонад. Сарчашмаи доимии мавҷудияти ориф ва заминаи асосии пешрафти ғояҳои ирфонӣ маҳз дар ҳамин нуҳуфта мебошад. Рушди бе майлон ва тӯлонии ирфон, аз ҷиҳати ташкилӣ, боиси дар тӯли асрҳои XII-XIII бунёди силсилаҳои сӯфиёна гардида, аз ҷиҳати назариявӣ, боиси пайдо шудани ирфони оқилона ва ғоявӣ ҳукмрон гардидани теософияи ирфонӣ гардид.

Муҳиммияти мавзӯи рисолаи илмӣ ҳамчунин дар нукоти зерин ифода меёбад:

1. Омӯзиш ва таҳқиқи тасаввуфи Ибни Арабӣ ва умуман мутафаккирони барҷастаи Шарқ дар шароити муосир имкон фароҳам меоварад, ки на танҳо умқи таълимоти дар тӯли асрҳо ташаккулёфта ва таҳаввулёфта, ҷойгоҳи арзишҳои маънавии инсоният дар фарҳанги муосир равшантар гардад ва зуҳуроти ботинӣ ва зоҳирии инсон мавриди омӯзиши ҷиддии муҳаққиқон қарор мегирад. Таълимоти гуногуни ӯ ваҳдати вуҷуд, ваҳдати адён, аъёни собита, нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ, аз ҷумлаи аносири аслии ташкилдиҳандаи дастгоҳи фикрии Ибни Арабӣ эътироф гардидаанд.

2. Зарурати он фаро расидааст, ки масъалаи муаяйн намудани ҷойгоҳ ва

мақоми Ибни Арабӣ дар таърифи фалсафаи Шарқ ва таъсири нуфузи ғояҳои ӯ дар тасаввуф ва ирфони исломӣ ва умуман фалсафаи муосир дар доираи илмҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, антропологӣ аз мавқеи таҳлили интиқодӣ анҷом дода шавад.

3. Ибни Арабӣ аввалин андешаманди мусулмон аст, ки бо усули сабки хосаи нигориш, таълимотеро асос гузоштааст, ки қаблан дар таърихи фалсафаи исломӣ назири онҳо вуҷуд надошт. Ҳамин нуктаро низ бояд ёдовар шуд, ки забони осори ӯ дар ниҳояти камол ва ларбрезу саршори истиораву маҷоз, рамзҳо ва символизм мебошад, ки фаҳму дарки маънии гуфтаҳои ӯ на ба ҳар муҳаққиқ дастрас мебошад.

4. Ибни Арабӣ орифи бузурги олами ислом аст, ки аксари муҳаққиқони ҷаҳон ӯро бунёдгузори ирфони назарӣ номида таваҷҷуҳ ба осор ва андешаҳои ӯ тайи солҳои ахир рӯ ба афзунӣ дорад. Китобҳои ӯ ба рағми теъдоди зиёди мухолифон ва мувофиқонаш дар бештари кишварҳо дар ҳоли интишор, тарҷума ва таҳқиқ қарор дорад.

5. Соли 1964 аҳли илму фарҳанги араб бояд 700-мин соли таваллуди Ибни Арабиро тибқи барномаи бузургдошти ӯ таҷлил менамуд, аммо он бо сабабҳои гуногун баргузор нагардид. Сарфи назар аз таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқон ба таълимоти пешниҳод кардаи ӯ таълимоти ваҳдати вуҷуд дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад, зеро ин назария асос ва меҳвари андешаҳои Ибни Арабиро ташкил медиҳад ва дар воқеъ афкори дигари вай бар асоси ҳамин назария устувор мебошанд.

6. Сарфи назар аз он ки муҳаққиқон осор ва афкори ӯро “фалсафаи сӯфиёна” ё “тасаввуфи фалсафӣ” ном мебаранд, Ибни Арабӣ орифест, ки бар наслҳои баъд аз худ таъсири фаровон дошта, баҳсу мунозираҳои донишмандон дар атрофи меҳвари назарияи ваҳдати вуҷуд оғозу анҷом мегиранд. Осор ва афкори ӯ, ҳам дар миёни суннимазҳабон ва ҳам шиъимазҳабон тарафдорон ва мухолифони зиёд дорад.

7. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳаввулоти азиме мадди назар қарор гирифтааст, ки бо таъсирпазирӣ аз ҷараёни глобализм бегонашавии фарҳангӣ ва косташавии ахлоқ назаррас мебошад. Аз ин хотир, масъалаи бо ҳам муқобилгузории тамаддунҳо, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва хатарзоест, ки имкони воқеии онро дорад, ки заволи ахлоқии башариятро тақвияту таҳким бахшад. Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши гуногунҷабҳаи осор ва мероси мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ имкон дорад, ки дар боло бурдани маънавиёт ва арзишҳои умумибашарӣ бар пояи ҳуқуқ ва сиёсат гардида, шароити шиддатнокӣ ва тезутундшавии муқобилгузории фарҳангҳо нақши калидӣ дошта бошад. Қабл аз ҳама дар мадди аввал қарор додани талаботи маънавии ҷомеаи таҳаввулёбанда ва тағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки метавонад сурат ва симои комилан нав бигирад. Дар ин самт омӯзиш ва таҳқиқи таълимоти ваҳдати динҳо ва нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ дорои аҳамияти болиғ мебошад. Ҳақ ҷониби Президенти муҳтарами кишвар аст, ки дар ин маврид таъкид намудааст: «Мероси таърихии фарзандони барӯманди миллатамон имрӯз низ барои худшиносии миллӣ, муаррафӣ намудани тоҷикон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва дар гуфтугӯи тамаддунҳо аҳамияти муҳими байналмиллалӣ дорад» [237, С. 125].

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Осор ва мероси Ибни Арабӣ ҳанӯз аз давраи зиндагиаш таваҷҷуҳи донишмандони гуногуни ҷаҳонро ба худ ҷалб кардаву дар шароити муосир низ ҷанбаҳои гуногуни таълимоти ӯ мавриди омӯзиш ва тадқиқи донишмандони гуногуни ҷаҳон қарор доранд. Муҳаққиқони осори Ибни Арабиро тибқи дараҷаи имрӯзаи омӯзиш, тарҷума ва таҳқиқи онҳоро шартан метавон ба шаш гурӯҳ тақсим намуд.

Ба гурӯҳи якум, метавон осори мутафаккирони асримиёнагиеро дохил намуд, ки аввалин маълумотҳои тарҷумаҳолӣ, шарҳи андешаҳои алоҳида, назарияҳо ва таълимоти ӯро дар ин ва ё он шакл шарҳу баён намуданд. Ба ин гурӯҳ асарҳои бо забони арабӣ навиштаи ҳамасрон, шогирдон, мухолифон ва ҷонибдорони таълимоти Ибни Арабӣ дохил мешаванд.

Аввалин маълумоте, ки дар бораи Ибни Арабӣ ва шахсияти ӯ то замони мо расидаанд, дар осори таърихнигорон ва донишмандони мусулмони зиёде: Аз-Заҳабӣ [73], Ибн Касир [43], Ибн Имод [44], Ибн Тақрибурдӣ [312], Ҷомӣ [61; 62; 63; 64; 65; 287], Ҷалолуддин ал-Суютӣ [90] ва дигарон пайдо намудан мумкин аст. Аз ҷумла, қисмати зиёди маълумоти онҳо хусусияти тарҷумаҳолӣ, номгӯи осор ва андешаҳои ӯро зикр намудаанд.

Таълимоти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии Ибни Арабӣ имкон медиҳад, ки манзараи ҳаматарафаи барқароршавии инфиродии он ва инкишофи таҷрибаи шахсии ӯро бозтакрор намояд. Дар он ягонагии ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, ахлоқӣ ва ваҳдати вуҷудии фалсафаи ӯ мушоҳида мегардад, ки яке аз муҳимтарини онҳоро назарияи “ваҳдати вуҷуд” ташкил медиҳад. Ба қавли дигар, «маҳз маърифати ҳақиқӣ имкон медиҳад, ки инсон ба камол бирасад. Тамоми ин ҳолатҳо муҳиммияти интихоби мавзуи тадқиқоти мазкурро ба миён овардаанд»[75; 21; 22].

Гурӯҳи дуюмро он мутафаккироне ташкил медиҳанд, ки тасаввуфи Ибни Арабиро комилан ҷонибдорӣ карда [44; 91], таълимоташро ҳимоя ва пуштибонӣ ва ҳатто ғояҳои ӯро дар гушаҳои гуногун ва бо забонҳои гуногуни олами исломӣ таблиғу ташфиқ кардаанд. Дар миёни онҳо Кошонӣ [170] ва Қунавиро [177] метавон ҷудо кард, вале Абдулваҳҳоб Шаъронӣ [1] дорои ҷойгоҳи хоса мебошад.

Дар воқеъ, атрофи таълимоти Ибни Арабӣ, дар ҳалқаҳои илмӣ баҳсу мунозираҳои шадид сурат гирифтаанд, ки номгӯи он китобҳо аз ин шаҳодат медиҳад: [38] “Барҳазар доштани аҳмақон оид ба кофир будани Ибни Арабӣ ва посух ба он” ва “Барҳазар доштани аҳмақон оид ба бегуноҳ будани Ибни Арабӣ” мебошанд, ки аввалинаш китоби Бурҳониддин ал-Буқоӣ (1406-1480) ва дуввумаш асари Ҷалолиддин Суютӣ (1445-1505) мебошанд, ки ҳар ду аз донишмандони мифтоҳии исломӣ мебошанд.

Гурӯҳи сеюмро муҳаққиқони муосири аврупоие ташкил медиҳанд, ки

асарҳои онҳо хусусияти тарҷумаи ҳолии Ибни Арабӣ ташкил медиҳанд. Масалан, “Ҷустуҷуи кибрити сурх”-и Клод Аддос (1993), ки эҳтимолан яке аз тарҷумаҳои ҳоли пурраи Ибни Арабӣ мебошад.

Аммо **гурӯҳи муҳаққиқони** дигари аврупоӣ мебошанд, ки дар замони муосир дар омӯзиш ва тадқиқи фалсафаи Ибни Арабӣ ба ном шарқшиносон мебошанд, ки ба методикаи илмии муосир такя мекарданд, нақши асосиро бозида тавонистаанд, ки як қатор самтҳои нави фалсафаи ӯро ошкор намоянд.

Дар миёни шарқшиносони аврупоӣ метавон асарҳои Р.А. Николсон, [210; 211; 212; 213; 403; 404] Карра де Во [158], Андре Тор [260], Дж. Триментэм [262], Ҳенри Корбин [164; 165; 166; 167; 326; 387], Клод Адас, [72], В.Читтик [62; 253; 285; 346; 347; 348; 349; 383; 384] ва дигаронро ном бурд.

Ҳамчунин хизмати файласуфон-шарқшиносони рус ва дигар муҳаққиқони кишварҳои дигарро, ки бо забони русӣ менавиштанд, дар ошкор сохтани паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи Ибни Арабӣ бояд таъкид кард. Ба мисли М. Т. Степанянц [253; 254; 255; 342], А. А. Игнатенко [141; 142; 317; 318; 319], А.В. Смирнов, [33; 41; 134; 249; 250; 251; 336; 337; 338; 339; 340; 341], А. Кныш [34; 160; 161; 162; 321; 322; 323; 324; 325], Т.А. Ибрагим [313; 314; 315; 316], А.Насыров [332; 333] ва дигарон дар омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри осори Ибни Арабӣ хизмати сазовор ва шоистае анҷом додаанд, ки мавқеи ҳар кадоми онҳо аз якдигар фарқ мекунад.

Аммо он чӣ ба назарияҳои онтологӣ ва гносеологии Ибни Арабӣ дахл дорад, ба андешаи онҳо, маҷмӯи ғояҳои гуногун ва кӯшиши дар як низоми ягона муттаҳид намудани андешаҳои мактабҳо ва ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ ба мисли Карра де Во [158], Абулаъло Афифӣ [8; 20; 37; 70;], Т. Андре [260] мебошанд.

Гурӯҳи чаҳорумро асарҳои илмие ташкил медиҳанд, ки махсус ба шарҳ ва тавзеҳи осори Ибни Арабӣ бо ҳадафҳои гугогун, паст задан ва хилофи таълимоти исломӣ будани онҳоро даъво кардаанд. Таҳти таъсири муҳаққиқони

фавқуззикр як қатор тадқиқотҳои муҳаққиқони араб, аз қабили Абӯало ал-Афифӣ [8; 20; 37; 70], Наср Ҳамод Абӯ Зайд [208], Умар Фаррух [263; 264] низ рӯи даст омадаанд. Онҳо таъкид кардаанд, ки фалсафаи Ибни Арабӣ аз омехта кардани ғояҳо иборат буда, аз таълимоти гуногуни фалсафӣ маншаъ гирифтаанд.

Гурӯҳи зиёди муҳаққиқони арабро метавон ном бурд, ки андешаҳои Ибни Арабиро аз мавқеъҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додаанд - Абӯало ал-Афифӣ [8; 20; 37; 70], Абдуллоҳ Ал-Муслиҳ [79], Абдурраҳмон Вақид [107], Абу Абдулазиз Идрис Маҳмуд Идрис [143], Абӯбакр Ҷобир ал-Ҷазоирӣ [283], Доктор Али ал-Хатиб [59], Доктор Исом Қасабҷӣ [327], Доктор Карам Амин Абдукарим [66], Абдулқодир ибн Ҳабибуллоҳ [138], Лайло бинт Абдуллоҳ [178], Маҳмуд Абдураъуф ал-Қосим [176], Муҳаммад ал-Абла [200], Муҳаммад Аҳмад Луҳ [202], Собир Таъима [252], Фаллоҳ ибн Исмоил ибн Аҳмад [267], Шайх Юсуф Хаттор Муҳаммад [306] ва диг.

Ҳамчунин гурӯҳи бузурги таҳқиқотҳои муҳаққиқони муосири эронӣ аз ҷумла Косим Кокоӣ [168], Муҳаммад Алӣ Муваҳҳид ва Самад Муваҳҳид [38], Муҳсин Ҷаҳонгирӣ [284], Сайд Яҳё Ясрибӣ [243; 350] Муҳаммад Шариф [292], Муҳсин Тайб Ниё [372], Муртазо Разавӣ [371] ва Шарафуддини Хуросонӣ [291] намояндагони он маҳсуб мешаванд.

Таҳқиқи Муртазо Ризавӣ аз таҳқиқоти дигар муҳаққиқон бо услуб ва шакли муносибати худ ба Ибни Арабӣ ва осораш тафовути ҷиддӣ дорад. Масалан, ӯ чунин меҳисобад, ки тасаввуфи Ибни Арабӣ ба манотиқи ҷанубии Эрон, Форс, Кирмон, Язд, Блуҷистони Эрон ва Покистон нуфуз накардааст. Ба андешаи ӯ, ин бахшҳо дар ҳамон тасаввуфи форсӣ ва суннатии худ боқӣ монданд. Ба ҳамин ҷиҳат вижагиҳои тасаввуфи ӯ дар осори монанди Ҳоҷӯи Кирмонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, ҳатто осори Саъдӣ, ки ҳамасри ӯ мебошад, дида намешавад.

Мутаҳҳарӣ низ ҳамин гуна андешаро дар бораи Ибни Арабӣ таъкид карда

навиштааст: «Ҳеҷ кас ба андозаи Муҳйиддин дар борааш мутаноқиз изҳори назар нашудааст. Баъзе ӯро авлиёу-л-лоҳ ва инсони комил ва қутби акбар медонад ва баъзе ӯро як кофири муртад ва гоҳе мумайит-д-дин (қотили дин) ва мо ҳай ад-дин (зиндакунандаи дин) мехонанд» [197, С. 131].

Гурӯҳи панҷумро асарҳои илмию таҳқиқотиии муҳаққиқони арабию эронӣ ташкил медиҳанд, ки ҷанбаҳои гуногуни фалсафӣ-динии ӯро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ки онро метавон мавқеи тавзеҳотӣ ном бурд. Ба таълимоти Ибни Арабӣ аз назаргоҳи фалсафаи континенталӣ низ наздик шудаанд, ки китоби Ян Алмонд-ро [379; 380] метавон мутолиа кард.

Дар ин ҷо муҳаққиқони туркӣ ва эронии Ибни Арабиро низ бояд ёдовар шуд, ки қариб аксари осори ӯро тарҷума карда, ба ҳаводорони фалсафа ва ирфон пешниҳод кардаанд [38].

Гурӯҳи шашумро муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд, ки ҷанбаҳои гуногуни фалсафаи динӣ-фалсафии мутафаккирро: Зиёзода И.Ғ [123; 124; 125; 126; 129; 130; 131; 132; 310; 353] ва Одинаев Ё. - ро [219] метавон ном бурд, ки паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёт ва пайравони мактаби Ибни Арабиро мавриди баррасӣ қарор дода, самтҳои асосии таълимоти ӯро шарҳу баён намудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Масъалаҳои методологии таҳқиқи афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва тасвири олам дар осори мутафаккирони тоҷик» барои солҳои 2023–2027 мавриди иҷро қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои фалсафӣ, стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи илмӣ дорад. Пеш аз ҳама, он бо ҳадафҳои дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2030» пешбинишуда, бахусус рушди илм, маориф, сармояи инсонӣ ва омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ мувофиқат менамояд. Дар ин замина, таҳқиқи низоми фалсафии Ибни Арабӣ, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, ваҳдати вуҷуд ва мақоми инсон дар низоми ҳастӣ барои густариши донишҳои илмӣ ва фалсафӣ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур бо паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои рушди илму маориф, баланд бардоштани маърифати ҷомеа ва омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина, омӯзиши осори Ибни Арабӣ барои шинохти амиқтари таърихи афкори фалсафии Шарқ, арзёбии саҳми мутафаккирони ҷаҳони ислом ва бозшиносии мероси фалсафию маънавии тамаддуни исломӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, таҳқиқоти мазкур бо «Стратегияи давлатии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» робитаи назариявию маърифатӣ дорад. Зеро омӯзиши илмӣ-таърихии мероси динӣ-фалсафӣ, таҳлили таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ ва муайян намудани заминаҳои ташаккули андешаҳои динӣ барои ташаккули муносибати илмӣ ва таҳлилӣ ба масъалаҳои динӣ ва маънавӣ аҳаммият дорад. Дар ин замина, таҳқиқи таълимоти фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ барои дарки хусусиятҳои ҷаҳонбинии ӯ ва мазмуни назариявии андешаҳои фалсафии тамаддуни исломӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027» дар самти омӯзиши мероси таърихию фарҳангӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ҳамоҳанг мебошад. Ҳамчунин, он бо вазифаҳои марбут ба Соли маърифати ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа аз ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои ахлоқ,

масъулияти инсон ва арзишҳои маънавию иҷтимоӣ робитаи маърифатӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои амиқтар омӯхтани таърихи фалсафаи Шарқ, муайян намудани ҷойгоҳи Ибни Арабӣ дар рушди фалсафа ва ирфони назариявӣ, таҳлили масъалаҳои бунёдии ҳастӣ, маърифат ва инсон, инчунин такмили муҳтавои таълими фанҳои фалсафӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиш ва таҳлили фалсафаи сӯфиёнаи Ибни Арабӣ, вижагиҳои таълимоти маърифатшиносӣ (гносеологӣ) ва ҳастишиносии (онтологии) ӯ, ваҳдат ва ногусастагии онҳо зимни таҳқиқи таълимоти ваҳдати вуҷуд ва масоили мутааллиқи он мебошад. Барои татбиқи ҳадафи таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин муҳим шуморида шуданд:

- шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳоли мутафаккир, тавсифҳо, вижагиҳои осор, шахсият, мақом, таъсир ва баҳогузориҳои гуногуни тасаввуфи Ибни Арабӣ, ки дар асарҳои донишмандони асрҳои миёна, маълумоти тарҷумаҳолии дар асарҳои худи мутафаккир ва муҳаққиқони муосири аврупоӣ, арабӣ, форсӣ ва ватанӣ мавҷуданд.

- тавсиф ва таҳлили умумии таълимоти коркардшудаи ирфонии ӯ, баҳсҳои таърихнигорон, фарҳангнависон, қомуснигорон оид ба номгӯи осор, теъдоди таълифот, тартиби таълифи асарҳо, номгузории китобҳо, нашри китобҳо, таълифоти асосии Ибни Арабӣ: “Таъбирот ал-илоҳия”, “ал-Футутоҳот ал-маккия”, “Иншо-ад-давоир”, “Ақлат ал-муставфир” ва “Тарҷумон ал-ашвоқ” (Девони ашъор).

- муайян намудани мақоми китоби “Фусус ал-ҳикам” дар тасаввуфи назарӣ ва интишор ёфтани ирфони минбаъдаи баъди вафоти Ибни Араб, баҳогузориҳои гуногун ба ин асар, ба ду гурӯҳ табақабандӣ кардани пайравону ҷонибдорон ва душманон ғоявии таълимоти ваҳдати вуҷуд.

- мушаххас намудани номҳо ва асарҳои шореҳони машҳури “Фусус”, шарҳи мухтасари тарҷумаи ҳол ва андешаҳои шогирдони ӯ, ки ҳар кадоме шарҳи мустақиле бар он таълиф намуда, ки бо хусусияҳои худ, дарки масъалаҳои ваҳдати вуҷудӣ, тарзи фаҳмиш ва баёни масоили матраҳшуда аз ҷониби онҳо, мушкилоти забонӣ, дарки маънои консепсияҳои коркард намудаи Ибни Арабӣ аз ҷониби шогирдон. Баъзе маълумоти асосӣ дар бораи тарҷумаи ҳоли шореҳон, осори илмии онҳо, фарқияти байни усулҳо ва равишҳо, ба фалсафа наздик шудани тасаввуф, оҳанги фалсафӣ гирифтани баҳси шогирдон ва пайравони Қунавӣ ва Ибни Арабӣ дар бораи қаробат ва дурии онҳо аз фалсафа, асарҳои ба муқобил, инкору ботил гардонидани ғояҳои марказии таълимоти ваҳдати вуҷуд. Нишон додани зуҳури анъанаи шарҳнависӣ ба китоби “Фусус ал-ҳикам”, ангезаҳо ва сабабҳои он.

- шарҳ ва таҳлил намудани вокунишҳо ва аксуламалҳои мутафаккирони асримиёнагӣ дар мухолифат ва ҷонибдорӣ таълимоти ваҳдати вуҷуд.

- муайян кардани мушкилоти фаҳм ва дарк, тарҷума ва шарҳи осори Ибни Арабӣ, баҳсу андешаҳои донишмандони асримиёнагӣ, муҳаққиқони муосири осори мутафаккир на танҳо аз ҷониби донишмандони арабизабон (масалан Афифӣ, донишманди асри XIX мисрӣ), балки муҳаққиқони муосири забонҳои аврупоӣ (масалан, Читтик ва муҳаққиқони муосири русзабон) ва шарқӣ.

- таҳлил намудани мактаби Ибн Арабӣ ва вижагиҳои ин таълимот, машраби мутафаккир дар тасаввуф, муносибати ӯ ба фалсафа, илмҳои анъанавӣ ва файласуфон, баҳси рад намудани андешаҳои файласуфон аз ҷониби ӯ, дар худошиносӣ дасткутоҳ ҳисобидани донишҳои фалсафӣ, ки ба ақл ва далелу бурҳонҳои мантиқӣ сару кор доштани онҳо, қосир ва нокомил будани роҳҳои маърифатии ақлӣ ва ҳиссии инсон, афзалият додани ӯ ба масъалаи имон ва ҷойгоҳи он дар худошиносии сӯфиёна, андешаҳои Арабӣ дар бораи дилбохтагӣ ва мансубияташ ба тасаввуф.

- возеҳ намудани рабти Ибни Арабӣ ба ваҳдати вуҷуд ва консепсияҳои мустақили пешниҳод намудаи ӯ: “халқи ҷадид”, “аъёни собита”, “таҷаллиёти илоҳӣ”, муайян намудани масъалаи офариниши дар ҷаҳони ҳастӣ, таҳлили таълимоти аз “ҳеҷ” офаридани олам тибқи оятҳои қуръонии “Кун фаякун” дар муқобили таълимоти таҷаллиёти илоҳӣ.

- шарҳ ва таҳлил намудани масъалаҳои асосии фалсафаи ирфони Ибни Арабӣ: масъалаҳои ҳастишиносӣ: Худо ва олам, фано ва бақо, шарҳҳои гуногуни сӯфиён аз ин масоили вобаста ба таълимоти фано ва бақо, аз ҷумла, фано аз-зот, фано ас-сифот ва ғ.

- мушкилоти фаҳм ва дарки ваҳдати вуҷуд ва робитаи он бо пантеизм, панентеизм, тавҳиди мутлақ, ҷавҳар ва араз, интуитсия (ваҷди сӯфиёна), ихтилоф ва баҳси байни тасаввуф ва пантеизм, масъалаҳои танзеҳ ва ташбеҳи Худо аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони Ғарбӣ ва Шарқӣ.

Объекти таҳқиқ: мероси фалсафӣ-ирфонии Ибни Арабӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми ташаккул ва рушди фалсафаи назариявии тасаввуф.

Предмети таҳқиқ: таҳқиқи андешаҳои ирфонӣ-фалсафии асосгузори таълимоти ваҳдати вуҷуд – Ибни Арабӣ.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Давраи таърихи таҳқиқотро андешаҳои сӯфиёнаи аз фалсафаи асримиёнагии Шарқ то замони Ибни Арабӣ, андешаҳои мутафаккирони гуногуни муосири аврупоӣ, шарқӣ ва русӣ дар бораи таълимоти ӯ ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти мазкур дар давоми солҳои 2020 то 2025 дар Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Аз лиҳози назариявӣ таҳқиқот пеш аз ҳама дар асоси таҳқиқоти осори худи Ибни Арабӣ, сониян, дар заминаи шарҳҳои шогирдон ва пайравони ӯ таълиф намудаанд ва саввум таҳқиқоти ба анҷом расидаи муҳақиқони аврупоӣ, шарқӣ ва ватанӣ дар бораи Ибни Арабӣ,

соҳаи таърихи фалсафа ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, муаллиф зимни таҳияи рисола ба таҳқиқоти саршиносони муҳаққиқони ватанӣ дар соҳаи таърихи фалсафа аз қабили муҳаққиқони А. Баҳоуддинов [101], М. Диноршоев [113; 114; 115;], К. Олимов [220; 221; 222; 223; 335], А. Муҳаммадхоҷаев [203], О. Нодиров [217; 218], С. Аҳмадов [93; 94], А. Шамолов [290; 362], М. Музаффарӣ [188], Х.М. Зиёӣ [127; 128; 133], Н.Содиқова [240], М.Т. Мамадҷонова [182; 183] ва муҳаққиқони теъдодан зиёди муосири арабу эронӣ ва дигарон такя намудааст.

Асоси методологии таҳқиқотро асосан усулҳои таърихӣ-фалсафӣ ва герменевтикии омӯзиши мавзуъ ташкил медиҳад. Усули таърихӣ-фалсафӣ дар таҳқиқи ин мавзуъ дар коркарди сарчашмаҳои аввалияи ирфонӣ, бахусус, осори Ибни Арабӣ мебошад, ки дар пояи онҳо муҳокима ва таҳлили фарзияҳо ва назарияҳо, инчунин дар муайян кардани заминаҳои матншиносии ирфонӣ ифода ёфтааст. Ин усул инчунин дар таҳлили адабиёти таҳқиқотӣ ва сарчашмаҳои дуюмдараҷа, синтез ва тафсири интиқодии онҳо барои муқоиса ва арзёбии аҳамият ва арзишҳои ғояҳои ирфонии Ибни Арабӣ истифода шудааст. Ин усулҳо дар диссертатсия инчунин бо усулҳои дигар, ба монанди абстраксияи илмӣ, таърихшиносӣ, таҳлил, синтез ва муқоиса ҳамгиро аст. Таҳлили масоили ирфонии Ибни Арабӣ бо таъкид бар ҷанбаҳои аксиологӣ аз нигоҳи деонтология ва секвенсиализм анҷом дода мешавад. Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ба миён гузошташуда, усулҳои гуногуни дигари таҳлилӣ низ ба кор рафтаанд: усули диалектикӣ барои маърифати объективии масъалаҳои матраҳшуда ва усули системавӣ, ки таҳлили масъалаҳои умумии масъалаҳои ирфониии таълимоти Ибни Арабиро дар бар мегирад.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро маълумоти таърихӣ ва фалсафӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Ибни Арабӣ, далелҳои илмии марбут ба ташаккул ва рушди таълимоти фалсафию ирфонии ӯ, осори аслии мутафаккир, аз ҷумла «Ал-Футуҳот ал-Маккия» ва «Фусус ал-ҳикам», натиҷаҳои таҳқиқоти илмии

муаллиф, хулоса ва тавсияҳои амалии диссертант, инчунин мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот маҷмуи сарчашмаҳои фалсафӣ, ирфонӣ, таърихӣ, назариявӣ ва таҳқиқоти илмиро дар бар мегирад, ки барои таъмини эътимоднокӣ, асоснокӣ ва мукаммалии натиҷаҳои таҳқиқот заминаи зарурӣ фароҳам меоранд. Манбаъҳои истифодашуда ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Сарчашмаҳои аслӣ ва осори фалсафию ирфонии Ибни Арабӣ: Ба ин гурӯҳ асарҳои бунёдии мутафаккир, аз ҷумла «Ал-Футуҳот ал-Маккия», «Фусус ал-ҳикам» ва дигар осори ӯ дохил мешаванд. Ин сарчашмаҳо барои таҳлили масъалаҳои ҳастӣ, маърифат, ваҳдати вуҷуд, инсон ва муносибати байни Худо ва олам ҳамчун заминаи асосии таҳқиқот истифода гардидаанд.

2. Сарчашмаҳои фалсафӣ ва ирфонии классикӣ: Ба ин гурӯҳ осори мутафаккирон ва намояндагони барҷастаи фалсафа ва тасаввуфи исломӣ, ки дар ташаккул ва рушди афкори фалсафию ирфонӣ саҳм гузоштаанд, дохил мешаванд. Ин манбаъҳо барои муайян намудани заминаҳои таърихӣ ва назариявии ташаккули таълимоти Ибни Арабӣ ва муқоисаи андешаҳои ӯ бо равияҳои дигари фалсафию ирфонӣ истифода шудаанд.

3. Манбаъҳои консептуалӣ ва назариявӣ: Ба ин гурӯҳ асарҳои бунёдӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти муосири олимони ватанию хориҷӣ оид ба таълимоти Ибни Арабӣ, фалсафаи назариявии тасаввуф, ваҳдати вуҷуд, назарияи маърифат, масъалаи инсон ва дигар ҷанбаҳои фалсафаи ирфонӣ дохил мешаванд. Ин манбаъҳо заминаи назариявию методологии таҳқиқотро ташкил дода, барои шарҳу таҳлили мафҳумҳо ва консепсияҳои асосии фалсафии мутафаккир хизмат менамоянд.

4. Сарчашмаҳои таърихӣ ва тарҷумаиҳолӣ: Ба ин гурӯҳ маълумоти таърихӣ, осори тарҷумаиҳолӣ, тазкираҳо ва таҳқиқоте дохил мешаванд, ки ҳаёт, фаъолияти илмӣ, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва заминаҳои таърихии

ташаккули ҷаҳонбинии Ибни Арабиро инъикос менамоянд. Ин сарчашмаҳо барои муайян намудани шароити таърихии ташаккул ва таҳаввули афкори фалсафию ирфонии мутафаккир истифода гардидаанд.

5. Манбаъҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ: Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти илмие дохил мешаванд, ки ба баррасии интиқодӣ, муқоисавӣ ва арзёбии таълимоти Ибни Арабӣ, аз ҷумла масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, муносибати ҳастӣ ва маърифат, инчунин таъсири андешаҳои ӯ ба рушди фалсафа ва тасаввуфи исломӣ бахшида шудаанд. Ин манбаъҳо барои муайян намудани хусусиятҳои хоси таълимоти мутафаккир ва ҷойгоҳи он дар таърихи афкори фалсафӣ истифода гардидаанд.

6. Манбаъҳои илмии даврӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ: Ба ин гурӯҳ мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда, маводи конференсияҳои илмӣ, рисолаҳои илмӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни фалсафа ва ирфони Ибни Арабӣ дохил мешаванд. Онҳо барои омӯзиши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, шиносоӣ бо дастовардҳои илмии муосир ва муайян намудани масъалаҳои ҳанӯз камомӯхташуда истифода шудаанд.

Маҷмуи сарчашмаҳо ва адабиёти илмии истифодашуда бо фарогирии ҷанбаҳои фалсафӣ, ирфонӣ, таърихӣ, назариявӣ ва таҳлилӣ имконият фароҳам овард, ки мавзуи таҳқиқот ҳамаҷониба омӯхта шуда, хулосаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодгардида дорои асоснокӣ, эътимоднокии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ бошанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки барои аввалин бор дар таърихи фалсафаи ватанӣ омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлилии фалсафаи Ибни Арабӣ дар шакли комплексӣ ва системавӣ ҳамчун объекти тадқиқот қарор дода шудааст, ки дар натиҷаи он баъзе масъалаҳои норавшани мероси ирфонӣ-фалсафӣ ошкор ва мушаххас гардонида шудаанд. Аз ҷумла:

-тарҷумаи ҳол ва мероси Ибни Арабӣ, унсурҳои алоҳидаи таълимоти ӯ ва ҷойгоҳи ирфонӣ-фалсафӣ дар низоми ҷаҳонбинии сӯфиёна – “ваҳдати вуҷуд”,

“фано” ва “бақо”, “халқи ҷадид”, “аъён ас-собита”, “таҷаллиёти илоҳӣ” ва ғ. аниқ гардонида шуда, робитаҳои байни якдигарии онҳо, ошкор гардонида шудаанд.

- шарҳ ва тавсифи муҷази осори нисбатан машҳури Ибни Арабӣ ва муносибати шореҳони асримиёнагӣ ба асарҳои ӯ, ҷонибдорон ва душманони ғояҳои ӯ;

- муқаррар гардонида шуд, ки Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи ирфони исломӣ буда, сарфи назар аз он ки ғояи “ваҳдати вуҷуд” дар байни дигар тамаддунҳои ҷаҳон дорои собиқаи тӯлонӣ мебошад ва Ибни Арабӣ аввалин ихтироъкори он ба ҳисоб намеравад, аммо дар таърихи фалсафаи мусулмонӣ ӯ нахустин бор ин ғояро аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок намудааст ва то ҳадде онро коркард намуд, ки шумораи гуруҳҳои зиёде мутафаккирони Шарқ мактаби фалсафиёро бунёд гузоштанд, ки меҳвари онро шарҳу тафсирҳои таълимоти марказии ӯ ташкил медод ва ба сифати ҷонибдорони бовафои ӯ ва мубаллиғони он дар олами исломӣ баромад менамуданд;

- муқаррар гардид, ки таъсири андешаҳои ваҳдати вуҷудии Ибни Арабӣ инчунин дар кишварҳои форсизабон низ интишор ёфта, ҷонибдорон ва мухолифони онро ба вуҷуд овардаанд. Масалан Абдурраҳмони Ҷомӣ ба сифати шореҳ, муфассир ва пайрави ин ғоя баромад намуда, теъдоди эҳсосшавандаи асарҳои худро ба интишор ва паҳн намудани ин ғоя бахшидааст. Таъсири таълимоти ваҳдати вуҷуд дар ҷаҳонбинии мутафаккирони кишварҳои форсизабон нишон дода шудааст.

- андешаҳои таҳқиқнашудаи Ибни Арабӣ, ки ба масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, хусусиятҳо ва вижагиҳо, мушкилоти дарк ва фаҳми он мутааллиқанд, мавриди таҳлил қарор гирифта, барои шарҳу баёни гуногун ва якдигарро истиснокунанда, нодурустфаҳмиҳо, лағзишҳо ва ғайра тавзеҳоти алоҳида оварда шудааст;

- ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва ё ба ҳадди кам омӯхташудаи таълимоти Ибни Арабӣ дар самти ҳастишиносӣ ва маърифат мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд;

- андешаҳои Ибни Арабӣ махсусан дар ду самти таълимоти ваҳдати вуҷуд ва фаною бақо мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, таносуби маърифати сӯфиёна (кашфу шуҳуд) нисбат ба дигар навъҳои маърифат донишҳои ҳиссӣ, касбӣ, ақлӣ, ваҳбӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ гардид;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки Ибни Арабӣ аз ҷумлаи таъсиргузортарин мутафаккирони ирфонию фалсафии ҷаҳони ислом буда, таълимоти ӯ, махсусан консепсияи ваҳдати вуҷуд, дар ташаккул ва рушди минбаъдаи тасаввуфи назарӣ нақши муайянкунанда гузоштааст. Исбот гардидааст, ки таъсири ин таълимот дар осори аксари пайравон ва шореҳони баъдӣ инъикос ёфта, онҳоро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ – ҷонибдорон ва мухолифони мактаби Ибни Арабӣ ҷудо намуд. Ҳамчунин муайян карда шудааст, ки дар миёни осори сершумори ӯ китобҳои “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “Фусус ал-ҳикам” ҷойгоҳи меҳварӣ дошта, “Фусус ал-ҳикам” ҳамчун ифодаи мӯҷаз ва мутамаркази андешаҳои асосии фалсафию ирфонии мутафаккир аҳамияти калидӣ дорад.

2. Муайян карда шудааст, ки матнҳои фалсафии Ибни Арабӣ дорои сохтори ғайри муназзам ва тарзи баёни хоси ирфонӣ мебошанд, ки дарки дурусти онҳо танҳо дар заминаи мутолиаи маҷмуи осори мутафаккир, таҳлили муқоисавии матнҳо ва фаҳмиши низоми истилоҳоти ирфонии ӯ имконпазир аст. Аз ин рӯ, омӯзиши осори Ибни Арабӣ истифодаи равиши комплексӣ, герменевтикӣ ва системавиро тақозо менамояд.

3. Исбот гардидааст, ки сарфи назар аз мақоми баланди Ибни Арабӣ дар таърихи фалсафаи исломӣ ва тасаввуфи назарӣ, осор ва ҷаҳонбинии ӯ дар муҳити илмии Тоҷикистон то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Дар айни замон таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ ӯро

ҳамчун асосогузори назарияи ваҳдати вуҷуд ва низомбахши марҳилаи нави рушди тасаввуфи назарӣ муаррифӣ намудаанд, ки зарурати омӯзиши амиқи мероси ӯро дар фалсафаи ватанӣ тақвият медиҳад.

4. Мушаххас карда шудааст, ки меҳвари асосии фалсафаи Ибни Арабиро масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии ирфонӣ ташкил медиҳанд. Ӯ маърифати ирфониро ҳамчун олитарин роҳи худшиносӣ ва худошиносӣ арзёбӣ намуда, низоми мукаммали мафҳумҳо ва истилоҳоти фалсафию ирфониро ташаккул додааст, ки дар рушди минбаъдаи афкори ирфонии ҷаҳони ислом, нақши муассир гузоштаанд.

5. Ошкор карда шудааст, ки консепсияҳои асосии Ибни Арабӣ, махсусан таълимоти ваҳдати вуҷуд, аз ибтидои пайдоиши худ то имрӯз баҳсу мунозираҳои густурдаи илмӣ ва диниро ба вуҷуд оварда, боиси ташаккули ду равиши асосии арзёбӣ – ҷонибдорӣ ва интиқодӣ гардидаанд. Ин ҳолат аз таъсири амиқ ва аҳамияти таърихию фалсафии андешаҳои ӯ дар ташаккули афкори исломӣ шаҳодат медиҳад.

6. Асоснок карда шудааст, ки мероси илмии Ибни Арабӣ дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши таърихи тасаввуф ва ирфони исломӣ хизмат менамояд. Муайян гардид, ки аксари муҳаққиқони муосири соҳаи тасаввуфшиносӣ ҳангоми таҳқиқӣ масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва ирфони назарӣ ногузир ба осори ӯ мурочиат мекунанд, ки ин аз аҳамияти устувори мероси илмии ӯ шаҳодат медиҳад.

7. Муайян карда шудааст, ки яке аз мушкилоти асосии таҳқиқи осори Ибни Арабӣ ба забон, услуб ва тарзи ифодаи матнҳои ӯ вобаста мебошад. Забони мафҳумҳои сермаъно, истифодаи ҳамзамони маъноҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, фаровонии рамзҳо, истилоҳоти махсуси ирфонӣ, нотамом мондани баъзе андешаҳо ва хусусияти таъвилии матнҳо шарҳу тавзеҳ, тарҷума ва дарки осори ӯро барои муҳаққиқон, махсусан муҳаққиқони ғайри араб, ба масъалаи

мураккаби илмӣ табдил додааст.

8. Исбот гардидааст, ки ҳатто муҳаққиқони арабизабон, аз ҷумла А. Афифӣ ва дигар шореҳони маъруфи осори Ибни Арабӣ, дар фаҳмиш, шарҳ ва таҳлили баъзе масъалаҳои таълимоти ӯ бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дарки амиқи ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ танҳо бо донистани забони арабӣ маҳдуд нашуда, балки истифодаи таҳлили муқоисавӣ, герменевтикӣ ва фалсафиро низ талаб менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаю натоиҷи бадастомадаи онро дар таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқон доир ба таърихи фалсафа ва махсусан, барои амиқтар шинохтани ирфони назарӣ, омӯзиш ва дарки ваҳдати вуҷуди тасаввуфи исломӣ ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, истифодаи мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, курси лексияҳо ва дастуру васоити таълимӣ барои омӯзиши таърихи тасаввуфи форсӣ-тоҷикӣ, ки то асри Ҷомӣ идома дошт, низ аз манфиат холӣ нест.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро ин натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебошанд, ки бо такя ба заминаи назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ асоснок шудаанд. Пеш аз ҳама эътимоднокии назариявӣ тавассути интихоби саҳеҳи методология, истифодаи осори аслии Ибни Арабӣ, тарҷумаи онҳо бо забонҳои форсӣ ва русӣ татбиқи равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва герменевтикӣ таъмин гардидааст.

Заминаи таҷрибавӣ ва таҳлили мустақими сарчашмаҳо, таснифи истилоҳот, муқоисаи андешаҳои гуногуни шореҳон-шогирдони мустақими Ибни Арабӣ, асарҳои бо забонҳои гуногун тарҷума шуда, таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои аврупоӣ ва шарқӣ ба муаллифи диссертатсия ҷиҳати баровардани хулосаҳои боэътимод шароит фароҳам овардааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия зери унвони «Фалсафаи Ибни Арабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафаи пешниҳод мегардад, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмиест, ки муаллиф онро мустақилона анҷом додааст. Дар раванди таҳқиқ диссертант бо такя бо сарчашмаҳои муътамад, осори Ибни Арабӣ, тарҷумаҳои мустақими онҳо ба забонҳои форсию русӣ моҳияти фалсафии таълимоти мутафаккирро кушода, арзиши таърихӣ ва амалии онро барои ҳаводорони фалсафаи Шарқ пешниҳод намояд. Натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои истифодаи амалии онҳо, аз дастоварҳои мустақиму бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Таҳқиқоти илмии дар ин замина ба нашр расида, маърузаҳои дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ салоҳияти ӯро доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 26 июни соли 2026 мавриди муҳокима қарор гирифта, (Протоколи №5) натиҷаҳои таҳқиқотии он ҳамчун кори илмии анҷомдодашуда баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Диссертант дар семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд”, 2021; конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ; конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, бахшида ба 75-солагии

ДМТ, 03.10.2023; Симпозиуми байналмилалӣ «Саҳми Абунасри Форобӣ дар илм ва тамаддуни ҷаҳон» (16-17 октябри соли 2024; Мизи гирд “Тамоюлҳои муосири рушди илмҳои фалсафӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон” (18 ноябри соли 2022); Симпозиуми байналмилалии “Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ” (Душанбе, 4-5 ноябри соли 2025) баромад ва иштирок намудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои диссертатсия дар панҷ мақолаҳои илмии диссертант, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд, рӯйи нашрро диданд Аз миён 20 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақолаҳои фишурда дар дигар маҷмуаҳо ба нашр расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, нуздаҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо иборат аст. Диссертатсия аз 441 саҳифа иборат буда, адабиёти истифодашуда ба 409 номгӯ баробар аст.

БОБИ 1. ЗИНДАГӢ, ОСОР ВА ТАЪЛИФОТИ ИБНИ АРАБӢ

1.1. Зиндагинома ва осори Ибни Арабӣ

Ибни Арабӣ – Муҳиуддин Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни ал-Арабӣ ал-Ҳотимӣ ат-Тойӣ соли 1165 дар ш. Мурсияи Испанияи мусулмонӣ, дар оилаи яке аз шахсони сарватманд ва бонуфузи араб таваллуд ёфтааст. Таваллуди ӯ ба давраи заволёбии сулолаи ал-Муравиддун ва гузашти ҳокимият ба дасти сулолаи ал-Муваҳиддун рост меояд. Бачагии Ибни Арабӣ дар Севиле, пойтахти Испаниёи ал-муваҳиддун сипарӣ шудааст, ки аҳли хонаводаашон соли 1172 ба онҷо кӯчида буд. Дар ҳамон ҷо, ӯ таълимоти анъанавии мусулмониро фаро гирифтааст: илова бар калом, (З.З- Калом (араб. калом) – аввалин ҷараёни фалсафаи арабӣ-мусулмониест, ки масоили илоҳиётшиносиро аз мавқеи ақл ҳаллу фасл намудааст, аммо ҳанӯз дар оғози пайдошавии худ каломи муътазилӣ ба ҷараёни фалсафӣ табдил ёфта, масоили метафизикӣ, назарияи маърифат ва ахлоқро ба объекти ҳусну таваҷҷуҳи худ қарор додааст.), фиқҳ ва илм ал-ҳадис, ӯ балоғати арабӣ ва махсусан шеърро аз устодони гуногун омӯхтааст [34, С. 14]. Ибни Арабӣ ҳанӯз аз давраи бачагӣ бо тақводорӣ, зуҳду зоҳидӣ ва таваҷҷуҳи хосааш ба тасаввуф аз ҳамсолони худ фарқ мекард. Метавон гуфт, ки зеҳни ӯ аз солҳои наврасӣ ба рӯъёи ирфонӣ, кашфу ишроқ ва шавқу рағбати зиёдаш ба тасаввуф мутамоил будааст. Масалан, соли 1189 дар шаҳри Кордова дар хоб барояш рӯъёе насиб шуда буд, ки Худо барояш имкон фароҳам оварад, ки тамоми пайёмбаронро бо чашми худ мушоҳида намояд. Ӯ дар ин бора дар китобаш “Фусусу-л-ҳикам” маълумоти муфассал додааст [38, С. 154]. Тибқи маълумоти тарҷумаҳолии Ибни Арабӣ, ӯ дар синни 16 солагӣ аз ҷониби шайхони Андалусия ба сафи сӯфиён пазируфта шудааст (хирқа пӯшидааст). Шояд мулоқоти ӯ бо файласуфи машҳури арабӣ - Ибни Рушд низ ба ҳамин давра рост меояд [40, ҷ. 1. С. 207].

Ибни Арабӣ, тибқи эътирофи шахсиаш дар ҳудуди бистсолагиаш илҳоми сӯфиёнаро аз сар гузаронида, ба фазли он тавонистааст, ки тамоми “мақомот”

(шакли танҳои арабиаш мақом)-и тариқати сӯфиёнаро тай намуда, истеъдоди фавқулодаеро аз олами боло ба даст оварад [385, P. 6;]. Аз ҳамин давра сар карда, ӯ ба сафарҳои мутааддидаш дар шаҳрҳои ватани худ - Андалусия, кишварҳои Мағриб (Марокаш, Тунис) баромада, шаҳрҳои Талемсен (1193), Маррокаш, Фес (1194, 1196 ва 1197 с.), Кордова (1198 с.) ва ғ. рафта, бо донишмандони сӯфимашраб ва маъруфи он замон мулоқот намудааст. Дар ин давра низ ба омӯзиши улуми динӣ – ҳадисшиносӣ, фиқҳ, илм ат-тасаввуф ҷиддан машғул шуда, зиёда аз шаст рисолаҳои калону хурдро таълиф намудааст [385, P. 6]. Хоббиниҳои ирфонии ӯ такрор ба такрор дар ӯ пайдо мешуданд, ки ба қавли худаш "ҳақиқати" ҳастиро барояш ошкор гардониданд. Ахиран, соли 1180 дар Фес ба сайёҳати рӯҳонӣ (меъроҷ) ба сӯи Худо баромадааст, ки тибқи анъанаи мусулмонӣ пайёмбари ислом Муҳаммад низ ин амалро анҷом додааст. Ибни Арабӣ дар "ал-Футутуҳот ал-маккия" меъроҷи рӯҳонии худро ба "ҳафт табақаи осмон" муфассал шарҳ додааст, ки «зимни он бо пайёмбароне аз қабили – Исо, Яҳё, Юсуф, Идрис, Ҳорун, Мӯсо ва Иброҳим мулоқот кардааст» [40. С. 336-341].

Аҳамияти истисноии ин ҳодиса дар ҳаёти маънавии ӯ бо он муаяйн мешавад, ки "меъроҷи шабонаи" пайёмбар Муҳаммадро сӯфиён ҳамчун тачрибаи шахсии ориф ва намунаи олии он мавриди назар қарор додаанд, ки «ҳама бояд барои анҷом додани он саъю талош намоянд» [88, С. 43] ва «[пайёмбар] Муҳаммад тачрибаи шахсии худ, зинда ва мулоқоти мустақимро бо Худо анҷом додааст» [261, С. 361]. Ибни Арабӣ ҳамчунин эътироф намудааст, ки «худи ҳамон соли 1198 дар Фес, барояш кашфи "асрори хатм ал-вилоя ал-муҳаммадия" муяссар гаштааст, бо ҳамин тасдиқ мекунад, ки ӯ сатҳи маърифати олитарин ва камолотро ба даст овардааст» [40, Ҷ. 2. С. 51].

Соли 1199 с. ӯ аз Марокаш ба зодгоҳаш Мурсия бар гашта, тасмим мегирад, ки ба ҳаҷ ва зиёрати шаҳрҳои муқаддаси мусулмонӣ – Макка ва Мадина биравад. Соли оянда ӯ ба Мағриб рафта, дигар ба ватанаш Испониё боз

нагаштааст, ки муҳаққиқони аврупоӣ китобе низ бо ҳамин номин ном “Сафари бебозгаш” [72] таълиф кардаанд. Ибни Арабӣ зимни сафар ба Марокаш боз дар рӯъё мебинад, ки “зоботарин парранда”-е, ки болои арши илоҳӣ парвоз мекард, барояш мужда дод, ки ӯ бояд ба Шарқ сафар намояд ва ҳамсафараш бояд Муҳаммад ал-Хассора аз Фес бошад. Ӯ ба Фес рафта, мебинад, ки Муҳаммад ал-Хассор дар ҳақиқат ҳам ӯро чанд рӯз боз интизор аст, то ки якҷо ба сӯи кишварҳои Шарқ сафар намоянд [40, Ҷ. 2. С. 428]. Аз Фес Ибни Арабӣ бо ҳамсафараш ба Биҷою меравад (З.З- Биҷоя яке аз шаҳрҳои соҳилии Алҷазоир) ва дар он ҷо ҳам дар хоб мебинад, ки ӯ бо ахтарони осмон ва ҳарфҳои алифбои арабӣ никоҳ бастааст [394, P. 4]. Аз Биҷою ӯ бо ҳамсафари худ ба сӯи Тунис рафта, дар он ҷо таҳрири аввали китоби “Иншоа ад-давоир”-ро ба охир мерасонад [34, С. 18]. Соли 1201 Ибни Арабӣ ба Шарқ рафта, то охири умраш дар он ҷо боқӣ мемонад. Баъди зиндагии кутоҳмуддат дар Қоҳира, соли 1202 ӯ ба Фаластин рафта, дар Хеврон (ал-Халил), мақбараи пайёмбар Иброҳимро зиёрат карда, баъдан ба сӯи Қудс (ал-Қудс) бо мақсади тибқи анъанаи мусулмонӣ гузоридани намоз дар “ал-Масҷид ал-ақсо” роҳро пеш мегирад [Қуръон 17:1]. Аз Фаластин ӯ бо мақсади зиёрати мақбараи пайёмбар Муҳаммад ба Мадина меравад. Ахиран худи ҳамон сол (1202) ӯ ба ҳадафи ниҳоии худ - зиёрати Макка рафтааст [394, P. 6].

Ибни Арабӣ дар Макка ду сол зиндагӣ намуда, пайваста бо донишмандони мусулмон, ки ҳамасола дар он ҷо ҷамъ меомаданд, мулоқот менамояд. Бо ӯ ҳодисаҳои фавқуттабиӣ рӯй дода, хобҳои мухталиф дида, аз олами боло сазовори футуҳоти пурасрор (кашфи асрори ғайб) мегардад.

Ӯ дар ин ҷо ба таълиф намудани асари бисёрҷилдаи худ “ал-Футуҳот ал-маккия” оғоз карда, соли 1204 ба сафари тӯлонӣ ба кишварҳои Шарқӣ мебарояд: дар марҳилаи байни солҳои 1204 ва 1220 ӯ дар шаҳрҳои Сурия, Фаластин, Миср, Ироқ ва Анатолия саёҳат кардааст. Дар Макка ӯ бо Маҷдуддин Исҳоқ ибни Юсуф ар-Румӣ, ки яке аз муқаррабони султони салҷуқии Анатолия

Кайхусрав (ваф.1212) ва баъди марги ӯ бо ҷойнишини ӯ – Кайхусрав (ваф.1218) ошноӣ пайдо мекунад, ки минбаъд ба дӯстии ҳақиқӣ табдил ёфтааст. Ӯ ба Мосул, Бағдод ва Байтулмуқаддас рафта, соли 1205 ҳамроҳи дӯсташ ба Қуния (Анатолия) меравад. Ин дӯстӣ бо он хотима меёбад, ки баъди вафоти дӯсташ Маҷдуддин, Ибни Арабӣ писари ӯ – Садриддини Қунавиро (ваф. 1274) ба фарзандӣ хонда, тарбияи ӯро ба ӯҳда мегирад, ки баъдан аз маъруфтарин шореҳони таълимоти Ибни Арабӣ мегардад [34, С. 20].

Ибни Арабӣ солҳои мазкур дар Осиёи Хурд ва Шарқи Наздик сайёҳат намуда, бо донишмандони соҳаи дин ва пайравони сершумораш мулоқот карда, ба баҳсу мунозираҳои илмӣ мепардозад. Соли 1209 ӯ дар Макка, соли 1211 дар Ҳалаб, соли 1213 дар Бағдод қарор дошт. Дар ҳама сафарҳо муридони зиёдаш ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Шуҳрат ва нуфузи Ибни Арабӣ рӯз то рӯз то андозае боло мерафт, ки ҳокимони маҳаллӣ талош мекарданд, то бо ӯ робитаҳои дӯстӣ барқарор намоянд. Илова бар машғулиятҳои дарсӣ бо муридон бо мақсади шарҳу баён намудани нуктаҳои марказии илми тасаввуф - “илм ат-таṣаввуф” -, ӯ ба таълифи асарҳо машғул шуда, зиёда аз панҷоҳ расоили хурду бузургро таълиф намудааст. Соли 1223 Ибни Арабӣ дар Димашқ иқомат гузида, то охири умр дар он ҷо зиндагӣ ва эҷод намудааст. Ин марҳалаи таърихии ҳаёти ӯ семаҳсултарин давраи эҷодии ӯ маҳсуб мешавад. Маҳз дар Димишқ “Ал-Футуҳот ал-маккия”-ро ба итмом расонида, ба таълифи “Фусусу-л-ҳикам” оғоз намудааст [40; 321; 385; 394], ки яке аз машҳуртарин асарҳои ӯ мебошад. Ибни Арабӣ соли 1240 вафот карда, ҳанӯз дар давраи Усмонӣ бо амри Султон Салими I дар ибтидои асри XVI оромгоҳи ӯ дар ҷабал ал-Қосиюн (Димашқ) бино шудааст, ки то ҳанӯз ҳам зиёратгоҳи пайравон ва дилбохтагони ӯ мебошад [34, С. 83].

Баъди вафоти Ибни Арабӣ осори ӯ ба сарчашмаи хушкнашавандаи донишҳои фалсафӣ ва ирфонӣ табдил ёфтаанд [400, P. 107-116]. Натиҷаҳои тадқиқи ҳаёт ва фаъолияти Ибни Арабӣ дар олами ислом дар китобҳои гуногун

ва сершумори дунё оид ба мерос ва осори муҳаққиқон ҷамъоварӣ гардидаанд.

Таълимоти ваҳдати вуҷуд ба пешрафту рушди афкори фалсафӣ-динии афкори мусулмон таъсири бағоят бузург расонида, таълимоти ӯро на фақат аҳли тасаввуф ва ирфон, аз қабили Кошонӣ (ваф.1329), Садриддин Қунавӣ (ваф. 1274 с.), Абдулкарим ал-Ҷиллӣ (ваф. 1428), Ҷомӣ (ваф. 1492), балки файласуфони шиъамазҳаб Ҳайдар Омулӣ (ваф. 1385), Мулло Ṣадро (ваф. 1640) ва дигарон пайравӣ намудаанд [34; 348].

Муҳаққиқони муосири Ибни Арабӣ, асарҳои муаллифони асрҳои миёнаи мусулмонӣ, ки дар ҳимоя ё баръакс бар хилофи таълимоти ӯ таълиф шудаанд, маълумоти зиёди тарҷумаҳолӣ, таҳлили андешаҳо ва шарҳҳои муҳимеро дар бар гирифтаанд. Донишманди машҳури динӣ - Ибни Таймия (ваф. 1327), мутакаллим ва факеҳ ат-Тафтазонӣ (ваф. 1390 ё 1389), муаррих ва файласуфи араб - Ибни Халдун (ваф. 1406) ва диг. ба андешаҳои Ибни Арабӣ муқобил баромада, имкони онро фароҳам оварданд, ки маншаъ ва дигар мароми эҷодиёти ӯро ошкор ва самти ҳаракати андешаҳои ӯро дарк намоянд [34].

Зиндагиномаи Ибни Арабӣ дар аксари таҳқиқотҳои муаллифони шарқӣ, аврупоӣ ва ватанӣ ба чашм мерасанд, аз ин ру, ба тавсифи мухтасари осори динӣ-фалсафии ӯ мегузарем.

Осори Муҳиуддин Ибни Арабӣ (1165-1240), барҷастатарин донишманди мусулмон, ҳамчунон, ки зикр шуд, яке аз намояндагони маъруфтарини тасаввуфи исломӣ хоҳад рафт, ки дар тӯли асрҳои мутааддид таваҷҷуҳ ба осор ва таълимоти ӯ ба унвони муассиси таълимоти “ваҳдати вуҷуд” дар гӯшаҳои гуногуни олам на танҳо мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифта[1] балки

[1] Худи Ибни Арабӣ ибораи “ваҳдат ал-вуҷуд”-ро дар ягон асари худ (зиёда аз 500 асар) ягон бор ҳам истифода набурдааст. Чунин тахмин карда мешавад, ки ин ибора бори аввал аз ҷониби мунаққиди ашадии тасаввуфи фалсафӣ Ибни Таймия (ваф. с.1328) дар китоби “Ҳақиқат мазхаб ал-иттиҳодийн ва ваҳдат ал-вуҷуд («Ҳақиқати таълимоти муттаҳиддин ва ваҳдати вуҷуд” (ниг. : Ибн Таймия. Маҷмуъат ар-расоил ва-л-масоил. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1983. Т. 4. С. 3-114) истифода шудааст. Метавон мисоли дигаре низ аз китоби дигари ӯ: «Учение (қавл дар бораи иттиҳҳод омм “ваҳҳдат ал-вуҷуд номида мешавад” овард, ки он таълимоти Ибни Арабӣ ат-Тойй, ва шогирдони ӯ [Ṣадриддин] ал-Қунавӣ, Ибн Сабъин, Ибн ал-Фориз ва дигарон мебошад» (ниг. Ибн Таймия. Ал-Иҳтиҷоҷ би-л-қадар // Маҷмуъат ар-расоил ал-кубро. Бейрут: Иҳё ат-турос ал-араби, 1972. Ҷ. 2. С. 102-103).

мактаби ваҳдати вуҷудиёнро дар гӯшаҳои гуногуни олам ташкил додааст. Андешаҳои асосии ӯ дар бораи “айнияти Худо ва олам, ё айнияти ваҳдат ва касрат” ошкор гардида [250, С. 80], теъдоди зиёди муҳаққиқонеро ба камол расонидааст, ки паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёт ва осори ӯро таҳқиқ намудаанд. Ғояи сӯфиён дар бораи ваҳдати вуҷуд маҳз дар таълимоти Ибни Арабӣ ба авҷи камоли ниҳоии худ мерасад, ки тибқи он худи ваҳдатро бояд аз касрат ва баръакс, худи касратро бояд аз ваҳдат иборат донист. Заҳмату талошҳои тӯлонии донишмандон дар дарки проблемаи ваҳдат ва ягонагии Худо ҳамчун вокуниш (рефлексия) алайҳи таълимоти исломӣ, натиҷаи худро дар шакли пайдошавии “унсурҳои фалсафие, ки аз ҷониби Ибни Арабӣ ва пайравонаш инкишоф тавсеъа ёфтааст” [316, С. 85], ба вуҷуд овардааст. Дар анъанаи сӯфиёна, ӯ дорои унвони ифтихории (аш-шайх ал-акбар) – Шайхи бузург, Ибни Афлотун, Муассиси таълимоти ваҳдати вуҷуд ва ғ. машҳур аст. Мероси ғоявии Ибни Арабӣ ба аксари мутлақи ҷараёнҳои афкори фалсафӣ-динии олами ислом таъсир расонидааст. Осори ӯ аз ҷониби мутафаккирон ва донишмандони асри миёнагии мусулмонӣ баҳоҳои мутаззод ва хилофи якдигар гирифтаанд: аз ҳамду сано ва тавсифу таъриф (муҳайюуддин – эҳёкунандаи дин), то шаклҳои ифротӣ – куфр, ғайри исломӣ ва ҳатто аз ин ҳам болотар ва қатъитар “мумайтуддин”-қотили дин, кӯшандаи дин, шарҳу баён ёфтаанд. Аммо он чӣ ба тасаввуфи давраи мутаахири асримиёнагӣ дахл дорад, дарки он танҳо дар матни таълимоти Ибни Арабӣ ва таъсири мустақими ӯ ба афкор ва ғояҳои мутафаккирони баъдинаи сӯфиёна, имконпазир аст. Ибни Арабӣ бо мероси ғоявии худ таҷассумгари давраи комили тамаддуни исломӣ бо ҳама самтҳо ва ҷараёнҳои фалсафӣ, динӣ, илоҳиётӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ғояҳои ӯ ҳанӯз ҳам ба маданияти исломӣ ва ғайри мустақим умуман ба тамаддуни ҷаҳонӣ таъсир расонидаанд.

Ибни Арабӣ донишманди барҷаста ва назариётчиёни шаҳири фиқҳ ва шариат буда, сарфи назар аз он ки ӯ дар ибодат аз анъанаи “аҳли зоҳир” пайравӣ мекард, худро аз “аҳли сир” ё “аҳли таҳқиқ” яъне сӯфӣ меҳисобид.

Ба андешаи ӯ, шариат муқаддимаи аҳволи қалбӣ мебошад, аз ин рӯ, баъзан шатҳиёти ӯ худро “Хатми авлиё” ҳисобида, ба хобаш даромадани пайёмбар Муҳаммад ва ҳамчунин донандаи исми аъзам (Исм-и аъзам),[2] асрори ал-кимиё ва ғ. меҳисобид, ки ҳамасронаш ӯро аз ҳамин дидгоҳ баҳогузорӣ карданд. Маҳз барои чунин даъвоҳо аҳли шариат андешаҳои ӯро инкор намуда, ҳатто боре уламои мисрӣ фатвои қатлашро низ бароварда буданд. Танҳо зери ҳимоя ва пуштибонии шайх Боҷайӣ Ибни Арабӣ тавонист, ки аз он ҷо ҷон ба саломат барад. Баъзан дар ақволи Ибни Арабӣ суханҳое ба чашм мерасанд, ки зоҳиран мулҳидона мебошанд, аз ин рӯ, дар баҳодиҳии ӯ мувофиқати андешаҳои мусулмонон ба чашм намерасад. Баъзеҳо ӯро бедин, зиндиқ ва баъзеи дигар, ӯро “қутб” ва “валӣ” ҳисобидаанд. Дар миёни ҷонибдорони таълимоти ӯ Шиҳобуддин Суҳравардӣ; Фирӯзободӣ[3] ном бурд. Фирӯзободӣ, ки баъзе асарҳои Ибни Арабиро ба хати худ рӯбардор карда буд, навиштааст, ки ӯ ба Қозӣ Бадави [65] барои баҳо додан ба таълимоти Ибни Арабӣ ва кунияташ мурочиат намуда, дар посухаш навишта буд, ки “Ӯ (Ибни Арабӣ - З.З.) шайх, имом ва муҳйӣ (ҳомии) донишмандон” буда, ӯро тавсифҳои зиёде кардааст. Имом Шаъронӣ таъкид кардааст, ки афзалияти Ибни Арабиро бузургтарин муҳаққиқони тамоми улум эътироф кардаанд, аммо онҳое, ки ба андешаҳои ӯ аз мавқеи интиқодӣ наздик шудаанд, ба маънои гуфтаҳояш сарфаҳм нарафтаанд [40, Ҷ.1, с. 207].

Садриддин Муҳаммад ибн Исҳоқ ал-Қунавӣ (ваф. с 1274) аз зумраи шогирдон ва тарбиягирифтагони мактаби Ибни Арабӣ мебошад, ки модараш баъди вафоти падараш ба Ибни Арабӣ ба шавҳар баромада, тарбия ва парвариши писари дӯсташро ба ӯҳда гирифтааст. Қунавӣ аз аввалин муридони Ибни Арабист, ки андешаҳояшро тибқи талаботи шариат мураттаб намуда,

[2] Исм ал-аъзам (арабӣ), «Исми бузургтарин” ва “Исм ал-ҷалол” - Бузургтарин исми Худоро гӯянд, ки ҳар касе онҳоро медонист, дорои каромот, вилоят ва асрори ғайб ба ҳисоб мерафт.

[3] Фирӯзободӣ, Муҳаммад ибни Яъқуб (1329-1415) – забонишиносӣ бузурги забони арабӣ ва муаллифи луғати машҳури “ал-Қомус ал-муҳит”.

онҳоро шарҳу баён намудааст. Ӯ аввалин шуда ба асарҳои Ибни Арабӣ шарҳҳое ба мисли “Мифтоҳ ал-ғайб” («Калиди олами ғайб»), “Расоил ан-нусус” («Рисолаҳои равшан»), Факук («Ҷудокунӣ») ва “Нафаҳот илоҳия” («Нафасҳои илоҳӣ») ва ғ.-ро навиштааст. Фахриддин Иброҳими Ироқӣ (ваф. с 1289 с.) аз шогирдони шаҳири мактаби ӯ буда, дар дарсҳои Садриддин ба омӯзиши китобҳои Ибни Арабӣ - “Фусус ал-ҳикам” ва “Ал-Футухат ал-маккия” - машғул будааст. Ӯ дар ин давра китоби машҳурашро бо номи “Ламаъот” тибқи услуби Ибни Арабӣ иншо намуда, андешаҳои ирфонии устодони худ Садриддини Қунавӣ ва Ибн ал-Арабиро шарҳу баён намудааст.

Ба истиснои баъзе донишмандони фиқҳ ва ҳадис мисли Ибни Таймия ва Ибни Қайим ал-Ҷавзи[4] ки ошкоро ба муқобили таълимоти Ибни Арабӣ баромада буданд, баъзе сӯфиёне аз қабили шайх Алоуддавла ас-Симнонӣ (ваф. 1337) низ баромада, андешаҳои ваҳдати вуҷудии ӯро дар мукотиботаш бо ҷонибдорони таълимоти ӯ, шайх Абдурраззоқ Кошонӣ[5] ба баҳсу мунозира баромадааст. Ин матнҳо дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ “Нафаҳоту-л-унс” маҳфуз мондаанд.

Муҳимтарин асарҳои Ибни Арабӣ китоби чаҳорҷилдаи бузург - “Ал-Футуҳот ал-маккия”, мебошад, ки дар он қариб тамоми масоили илми тасаввуф инъикос ёфтаанд, аз ин рӯ, онро беасос “Доирату-л-маорифи исломӣ” наномидаанд. Дигар асари ирфонии ӯ – “Фусусу-л-хикам” мебошад, ки муҳаққиқон онро шарҳи мухтасари таълимоти Ибни Арабӣ ҳисобидаанд, ки дар он андешаҳои ваҳдати вуҷудии ӯ возеҳу равшан баён шудаанд. Аммо ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки забони ин асар мураккаб буда, барои ҳама хонандагон ва муҳаққиқон дастрасу фаҳмо нест. Аз ин рӯ, ба шарҳу баёни

[4] Ибн ал-Қаййим ал-Ҷавзия (ваф. 1350) –донишманд, фақеҳ, муҳаддис ва яке аз асосгузорони салафия. Ном ва кунияи пурраи ӯ -Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абубакр ибни Айюб буда, ӯ тақлиди куркуронаро инкор карда, талаб мекард, ки дар ҳама масоили ҷаҳонбинӣ ва фиқҳӣ ба далелҳои сарчашмаҳои исломӣ муроҷиат намоянд.

[5] Ал-Кошонӣ (ё ал-Кошӣ), Камолиддин Абдурраззоқ ибни Аҳмад (ваф. 1329) – сӯфӣ ва муфассири машҳури китобҳои “Латоиф ал-аълом” («Нозукиҳои маърифат») ва муаллифи китоби машҳури “Истилоҳот ас-суфийа” ва ғ.

иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

“Тарҷумону-л-ашвоқ” (Девони ғазалҳо) низ дорои аҳамияти зиёд буда, сарфи назар аз он ки муаллиф дар он эҳсосоти худро дар шакли шеъри ошиқонаи заминӣ таълиф намудааст, худаш онро воситаи маърифати Худо таъбир кардааст. Асари дигаре, ки Ибни Арабӣ дар ин ҷода таълиф намудааст, шарҳе ба “Тарҷумону-л ашвоқ” мебошад, ки зери унвони “аз-Захоир ва-л-алақ фи-шарҳ «Тарҷумону-л-ашвоқ» («Захираҳо ва дурдонаҳо дар шарҳи “Тарҷумон-л-ашвоқ») таълиф шудааст; ин асарро метавон шарҳи сӯфиёнаи ашъори дар ҷавонӣ сурудаи ӯ эътироф кард, ки шояд муаллиф хоҳиш доштааст, ки эҳсости ботинии худро зери румуз ва ҳиҷобҳои сӯфиёна пинҳон намояд.

Дигар асарҳои муҳими Ибни Арабӣ китобҳои “Муҳозирот ал-аброр ва-мусамирот ал-ахёр” («Суҳбати солеҳон ва ривоятҳо дар бораи беҳтарин инсонҳо»), “Ат-тадбирот ал-илоҳия би-с-салоҳ ал-мамлакат ал-инсония” («Тадбироти илоҳӣ барои беҳтар кардани идораи ҷомеаи инсонӣ»), “Мишкоту-л-анвор («Мишкот барои нурҳо»), “Мавоқеъ ан-нуҷум” («Ҷойгирии ситораҳо»), Руҳ ал-қудс («Руҳи муқаддас») ва ҳамчунин “ад-Дивон ал-кабир” ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, ба Ибни Арабӣ асарҳои зиёде мансуб дониста мешавад, ки муҳаққиқи машҳур Х. Ниберг[6] онҳоро тадқиқ намуда, китоби аз ҷиҳати илмӣ асосноки худро роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти илмии Ибни Арабӣ таълиф намудааст [34, С. 13].

Дар “Фусусу-л-ҳикам” равиши хосаи Ибни Арабӣ аз он иборат аст, ки ӯ ояте ва ё ҳадисеро ба сифати мисол баргузида, онро таъвил карда, андешаҳои худро дар шакли усули машҳури донишмандони мактаби Искандария Филон ва Ориген муҳокимаронӣ мекунад. Чунин муҳокимарониҳо барои фаҳмидани матлаби он ва аз ҳама бадтараш шарҳу баён ва қабулу дарки хонандаи онҳоро ниҳоят мураккаб гардонида, аксари ҳолатҳо хонандагонро ба иштибоҳ

[6] Ҳенрик Сэмюэл Ниберг (Nyberg) (1889—1974) – донишманди эроншиносӣ ва семитологӣ.

меандозад. Андешаҳои сӯфиёна-ирфонии ӯ дар ин асар ба мавзӯи мураккабтарин ва амиқтарин фалсафаронаҳо табдил меёбад, ки таваҷҷуҳи хосаи мутахассисонро тақозо мекунад. Дар забони муаллиф истилоҳоти сершумори динӣ-фалсафӣ, истиораҳо, тафсирҳои ҳарфӣ, суханҳои сермаъное ба чашм мерасад, ки арзиши маъноии муҳтавои онро кам мекунад, аммо агар аз ин маъноҳои истилоҳот дур шавем, сарфаҳм рафтан ба маънои ҳақиқии он тамоман номумкин мегардад.

Бисту ҳафт фасле, ки дар "Фусус ал-ҳикам" - "фас" (санги қиматбаҳо барои ангуштарӣ) номида шудаанд, ҳар кадоме ба яке аз расулон ва пайёмбарон ("набӣ"), баъзан дар мувофиқа бо матни Қуръон ва баъзан тибқи маълумоти дигар сарчашмаҳо нуктаи итлоқии андешаҳои Ибни Арабиро ташкил медиҳанд. Ҳар фасл тибқи тартиби анъанавии силсилаи нубувват (аз Одам то Муҳаммад-З.И.) паи ҳам омадаанд. Дар заминаи ривоятҳо ва таҳти ҳиҷобҳои рамзӣ Ибни Арабӣ дар бораи пайёмбаре нақл мекунад, ки ҳамин фасл махсус ба ӯ бахшида шудааст. Амалан ҳар як ривоят саҳнаест, ки муаллиф нақши махсус ва нақши маърифати ҳар як пайёмбар (наби) –ро инъикос мекунад. Ҳар як пайёмбар ҳамчунон ки дар "Фусус" тавсиф ёфтаанд, ба сифати "инсони комил"-е баромад мекунанд, ки ҳар кадоме тибқи табиати худ ба сатҳи муайяни рисолати худ дар роҳи маърифати ҳақ расидааст. Масалан, Одам таҷассуми хилофати инсонӣ, аммо Айюб таҷассуми инсонест, ки гирифтори азобу имтиҳони илоҳӣ қарор дода шудааст, аз ин рӯ, байни ӯ ва Ҳақ ҳиҷобе барқарор буд. Ибни Арабӣ ин масоилро шарҳ дода, даст ба таъвили оятҳо ва ҳадисҳо мезанад ва тибқи андешаи худ хулосабарорӣ карда, амалан бо забони қалб сухан мегӯяд.

"Фусус ал-ҳикам" - асари барҷастатарини Ибни Арабӣ дар соҳаи тасаввуф ва ирфон буда, ба эътиқодот ва ҷаҳонбинии сӯфиёни ҳамаср ва минбаъда таъсири фаровон гузоштааст. Дар ин асар Ибни Арабӣ таълимоти "ваҳдати вуҷуд"-ро дар шакли хеле возеҳу равшан шарҳ додааст. Дар шарҳу баёни ин таълимот ӯ аз сарчашмаҳои гуногун: Қуръон, ҳадис, калом, фалсафаи машшоия

ва ишроқ, афкори масеҳӣ ва яҳудия ва ҳамчунин таҷҳизоти мафҳумии исмоилия, “Ихвон-ус-сафо” ва сӯфиёни мутақаддам истифода бурдааст.

Ба ибораи дигар, Ибни Арабӣ баъд аз худ махзани ғояҳо, истилоҳоти махсуси сӯфиёна ва ибораҳоеро ба мерос боқӣ гузоштааст, ки ба тамоми ҷабҳаҳои афкори сӯфиёна таъсири амиқ расонида, тасаввуфро мазмуни фалсафӣ додааст. Аксари сӯфиёни минбаъда дар ин ва ё он сатҳ аз ғояҳо ва истилоҳоти ӯ истифода бурдаанд. Сарфи назар аз он ки дар ин ҳадафи асарҳои Ибни Арабӣ “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “ад-Дивон ал-кабир” барояшон манфиатноктар буданд, “Фусус ал-ҳикам” дорои таъйинот ва рисолати хоса буда, мағзи таълимоти Ибни Арабӣ, хулосаи фалсафаи сӯфиёнаи “ваҳдати вуҷуд”-ро ташкил медиҳад. Равиши шарҳи андешаҳо ва усули навишти ин китоб мураккаб буда, дар аксари ҳолатҳо маънои андешаҳои муаллиф нофаҳмо, дар зери ҳиҷоб ва пардапӯшона боқӣ мемонад, ки минбаъд он бо тадриҷ кушода шуда, аз зери сояи истилоҳоти махсуси ирфонӣ берун мебароянд. Равшан аст, ки ин адешаҳо зери таъсири илҳом ва завқи сӯфиёна гуфта шудаанд. Ҳамчунон ки аз муқаддимаи асар ва баъзе фаслҳои “Фусусу-л-ҳикам” бармеояд, муаллиф итминони комил дошт, ки ин асар бо имлои худи пайёмбар ҳангоми дар хоб буданаш соли 627/1230 дар Димашқ таълиф ёфтааст, ки худи Ибни Арабӣ дар китобати он танҳо ба сифати шореҳ иштирок мекунад. Дар воқеъ ҳам “Фусусу-л-ҳикам” (мисли “Ал-Футуҳот ал-маккия”) шарҳу баёни кашфҳо ва илҳомҳои сӯфиёна ҳастанд, ки ба Ибни Арабӣ аз олами ғайб дастрас гардида, андешаҳои шахсии худи ӯ намебошанд. Ҳамин тариқ, бо итминон метавон гуфт, ки “Фусусу-л-ҳикам” - комилтарин ва пурмуҳтавотарин асари Ибни Арабӣ мебошад, ки дар он имкони мутобиқ гаштани фалсафаи интуитивиро бо муҳокимаҳои ақлӣ исбот намудааст.

Китоби Ибни Арабӣ “Ал-Футуҳот ал-маккия”-ро сӯфӣ ва илоҳиётшиноси мисрӣ имом аш-Шаъронӣ (ваф. 1531) мухтасар намуда, ки он хеле муфассал ва аз 560 фасл иборат аст, ки шайх дар фасли 559 шарҳи мухтасари тамоми

муҳтавои онро овардааст. Онҳое, ки ин асарро аз мавқеи интиқоди Ибни Арабӣ мутолеъа кардаанд, онро ба таври дигар маънидод кардаанд.

Порчаҳое, ки дар онҳо сухан дар бораи ҳолатҳои махсуси рӯҳонии Ибни Арабӣ меравад, ба даъвоҳои аҷиб ва рӯъёҳои (хоббиниҳои) ғариб асос ёфтаанд. Дар "Ал-Футуҳот ал-маккия" муаллиф дар бораи он ҳикоя мекунад, ки рӯзе аз духтарчаи яксолаи худ пурсидааст, ки дар бораи ким-кадом масъалаи мушаххаси фиқҳӣ ба суоле посух гӯяд ва духтарча ба он савол посух додааст. Ибни Арабӣ ҳамчунон ҳикоя кардааст, «ки кӯдаки дар раҳми модараш буда, баробари шунидаии атсазании ӯ гуфтааст, ки "Худованд раҳматат кунад" ва овози баланди ӯро тамоми ҳозирин шунидаанд. Ибни Арабӣ дар бораи чунин рӯйдодҳо бидуни ҳеҷ гуна шакку шубҳа ва бо итминони комил сухан мегӯяд» [40, Ҷ. 3, С. 336-341]. Муқаррар шудааст, ки дар "Ал-Футуҳот ал-маккия" баъзе масоили мураккаб ва даъвоҳои ғарибе ба чашм мерасанд, ки одамони дорои сатҳи муайяни ақлӣ ба ашё бо чашмони оддӣ ва бидуни ҳар гуна шарҳҳои рамзӣ ба онҳо менигаристанд, ба шунидани андешаҳои Ибни Арабӣ тоқат намекарданд, гӯё ки ин андешаҳо дорои сатҳи ақлии махсуси ақлӣ (интеллектуалии) "аристократӣ-ашрофона" буда, танҳо барои онҳое дастрас буданд, ки дорои тахаюлоти муқаррарӣ ва баландпарвоз дастрас мебошанд [88, С. 43].

Дар масъалаи баҳодиҳӣ ба арзиши адабии асарҳои Ибни Арабӣ андешаҳои муқарризон бо ҳам мувофиқат надоранд, сарфи назар аз он ки аксари мунаққидонаш услуби баёни ӯро таърифу тавсиф намудаанд [261, С. 361]. Услуби баёни Ибни Арабӣ дорои чунин афзалият аст, ки хонандаро аз суханҳои зиёди пучу холӣ озод карда, ӯро водор мекунад, ки дар олами маъонӣ ғарқ гардад. Аммо сатҳи аз ҳад зиёди маъниофарӣ баъзе ҷойҳои таассуроти "ғомиз" (торик) ва норавшанро бар ҷой мегузоранд, ки ба шарҳу тафсирҳои маҷозӣ-тамсилӣ (рамзӣ, истиоравӣ) ва мураккаб эҳтиёҷ доранд. Ҳар касе хоҳиши фаҳмидани гуфтаҳои ӯро дорад, бояд дақиқан бо услуби ӯ шинос шуда, барои

танқид кардани ӯ саросема нашавад.

Ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки Ибни Арабӣ тасаввуфро бо мазмуну мундарҷаи фалсафӣ саршор сохт. Фалсафаи Ибни Арабӣ аз мақсаднок мувофиқ гардонидани ҷаҳонбинии ашъариён бо фалсафаи искандаронӣ-навфлотунӣ ва таъсири каму беши масеҳият иборат аст. Андешаҳо оид ба таълимоти ирфонии “ваҳдати вуҷуд”, ки ҷавҳари таълимоти ӯро ташкил медиҳанд, бар ин андеша бунёд ёфтааст, ки “*вуҷуд”* Ҳақиқӣ, Ягона (Воҳид) ва Азалӣ мебошад. Албатта, бидуни шакку шубҳа ин Воҳид (Ягона) ва Азалӣ - Худо аст. Ҳамин тариқ, олам худ ба худ дорои вуҷуди мустақил ва ҳақиқӣ доштан наметавонад ва ин ваҳму хаёли маҳз аст. Аммо вуҷуди ҳақиқӣ Воҳид (Ягона) аст. Олам бо тамоми ихтилофҳо ва зиддиятҳои дар он мавҷуд буда, дар шакл ва зуҳуроташ ба сифати маҷмӯи мазоҳири мухталифи Ҳақиқии Воҳид (Ягона) баромад мекунад, ки ин вуҷуди илоҳӣ, яъне Худо мебошад. Тамоми ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ бар ин тасдиқот бунёд ёфтаанд, ки зербинои методи фалсафии ӯро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, набояд дар бораи ду шакли аз ҳам ҷудои шаклҳои вуҷуд сухан гуфт, ки яке аз онҳо Холиқ ва дигаре Махлуқ (халқ, офаридашуда) бошад. Баръакс, бояд ҳастии Вуҷуди Воҳидеро эътироф кард, ки ҳам Холиқ аст ва ҳам Халқ ва дар миёни онҳо зиддиятҳо ва ихтилофҳои ҷиддӣ вуҷуд надоранд. Ин ҷо табиист, ки суоле пайдо мешавад, ки пас чӣ гуна метавон пайдошавии оламро шарҳ дод, ки он ҳам (бо чашм) дида ва ҳам (бо аъзоҳои ҳисс) эҳсос шуда, нақд будани онро наметавон инкор кард? Агар Вуҷуди Ҳақиқӣ Воҳид (Ягона) бошад, пас, тафоввути байни “қадим” ва “ҳодис” дар чист ва чӣ гуна дар олам ҳодисаҳое пайдо мешаванд, ки ҳанӯз дар қайди ҳастӣ вуҷуд надоранд ва онҳо чӣ гуна либоси мавҷудиятро хоҳанд пӯшид?

Посухи Ибни Арабӣ ба ин гуна масоил он аст, ки вуҷуд бидуни қайду шарт ҳақиқӣ ва воҳид буда, вай пайдошавӣ, касрат ва ваҳдат надорад. Ин вуҷуди Ҳақиқӣ аз ҳамон худи Зоти Ҳақ иборат аст, ки азалӣ вуҷуд дорад, аммо олам бошад вуҷуди воқеӣ надошта, намуна ва танҳо ваҳму хаёл мебошад. Вуҷуди

Ҳақиқӣ танҳо вуҷуди Зоти Ҳақиқӣ аст. Аммо, ба андешаи Ибни Арабӣ, ин Ҳақиқати Воҳид, ки Вуҷуди Ҳақиқӣ мебошад, дорои таҷалии азалӣ аст, ки онро ӯ "Файзи ақдас" номида, онро ҳамчун зуҳуроти Зоти Ҳақиқӣ дар шакли тамоми мумкиноти мавҷуда тавсиф менамояд. Ин шаклҳои мумкиноти мавҷударо Ибни Арабӣ зуҳуроти ақлие медонад, ки аз вуҷуди объективӣ маҳруманд; онҳо ҳамон чизҳое ҳастанд, ки Ибни Арабӣ онҳоро "ал-аъён ас-собита фи-л-адам" (аъёни собита дар нестӣ) номидааст; ӯ боварӣ дорад, ки онҳо шаклҳои мавҷудоти мумкина мебошанд [40, Ҷ. 2. С. 51], ки дар илми илоҳӣ ба мисли андешаҳо ва афкори дар ақли инсон вуҷуддошта муқаррар мебошанд (ки онҳо аз рӯи зарурат ба вуҷуд омадаанд) ва дар айни замон новуҷуданд (вуҷуд надоранд, адам) ва аз вуҷуди зоҳирӣ маҳруманд. Ба ҳар ҳол, ин "аъёни собита", ба андешаи Ибни Арабӣ, дорои аҳамияти муҳиманд, зеро ба қавли ӯ, Худо бо илми худ тамоми ҳолатҳои оламро тавассути онҳо (яъне, "аъёни собита"-З.З. дар бар мегирад. Вай тамоми зуҳуроти мавҷудоти мумкинаро дар асоси илми худ дар бораи ин аъён аз доираи онҳо берун набаромада, эҷод мекунад. Аммо, ба андешаи Ибни Арабӣ, ин "аъёни собита дар адам" аз соҳаи олами маъқул (соҳаи ақлӣ) мебошанд, ки минбаъд дар олами маҳсус пайдо хоҳанд шуд. Ин зуҳуроти "Файзи муқаддас" мебошад. Ибни Арабӣ мутмаин аст, ки дар олами вуҷуд чизе вуҷуд надорад, ки дар марҳалаи зоҳиршавии худ ҳолате дошта бошад, ки ҳолати мушобеҳи олами "аъёни собита" муқобил бошад. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, ҳастие, ки Вуҷуди Воҳид (ягона) мебошад, амалан чизи дигаре ҷуз Вуҷуди Ҳақиқӣ нест, ки дорои ду "файз" ва ду "тачаллӣ" мебошад: яке аз онҳо "Файзи Ақдас" мебошад, ки тавассути он "аъёни собита дар адам" барқарор мешаванд, аммо дигараш – "Файзи муқаддас" аст, ки тавассути вай "аъёни собита фи-л-адам" барқарор шуда, дар олами эҳсосшаванда (маҳсус) зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, Зоти ҳақ тавассути он файзе (эманатсияе), ки "Файзи ақдас" номида мешавад, "аъёни собита"-ро дар адам барқарор мекунад ва бо воситаи файзе, ки "Файзи муқаддас" номида мешавад, ин "аъёни собита"-ро аз адам ба

олами зуҳурот интиқол медиҳад. Ибни Арабӣ амали (акт) пайдошавии олам (“Ҳудус”)-ро шарҳ дода, эълом менамояд, ки амалан вуҷуд – ин Ҳақиқати воҳид мебошад. Агар мо аз мавқеи мазоҳир (ҷои пайдошавии) ба вуҷуд назар афканем, он гоҳ метавонем онро (вуҷудро) дар шаклҳои гуногун мушоҳида намоем, ки маҳз ҳамин шаклҳои гуногуни вуҷудро “офариниш” (халқ) меноманд. Вале агар ба ин Вуҷуди Воҳид аз мавқеи Зот ва Ҳақ нигоҳ кунем, пас метавон ҳама ин гуногуншаклиро воҳид (ягона) дид ва ҳамин вуҷуди Воҳид ба сифати таҷассуми Ҳақ эътироф мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, олам, ба андешаи Ибни Арабӣ, дар ҳоли офарида шудани он (халқ), бигзор ки ба Ҳақ баробар ва айният ҳам надошта бошад, вале чизе нест, ки аз Ӯ дур бошад, мисли он ки Ҳақ аз халқ ҷудо нест, ба қавли худи муаллиф: «Субҳон таъоло ашёеро халқ кардааст, ки онҳо айни Ӯ мебошанд. (Дар забони арабӣ - Субҳона аллоҳа аллази халқа ал-ашё ва ҳува айнаҳу ва дар забони русӣ - Преславный сотворил вещи, которые являются Его воплощением»). Ваҳдати ёдшудаи Ҳақ ва ашё, аз дидгоҳи Ибни Арабӣ, ба халқ (махлуқот) иҷозат медиҳад, ки нисбат ба Ҳақ ишқ варзад, зеро тафоввути байни Халқ ва Ҳақ (танҳо дар соҳаи ақл, тафаккур ва андеша ба чашм мерасад), аммо Воҳид (ягона) буданаш воқеӣ аст. Илова бар ин, ҳар як мавҷуд нисбат ба ҳамҷинсони худ муҳаббат варзида, ба онҳо майд дорад, аз ин рӯ, сабаби мавҷудияти кашишу ҷаззабаи байниҳамдигарии онҳо дар тамоми олам низ дар ҳамин пинҳон аст. Ин чунин маъно дорад, ки муҳаббат ба Ҳақ ва муҳаббати илоҳие, ки сӯфиён аз он сухан гуфтаанд, ба соҳаи ғайриақлӣ (ирратсионалӣ) дохил намешавад. Ин андешаи барои Ибни Арабӣ асосӣ, эҳтиёҷ ба шарҳу баёни махсус дорад, ки таҳқиқи он аз доираи ин мақола берун аст.

Андешаҳо дар бораи “ваҳдати вуҷуд”, ки ҷавҳари назарияи Ибни Арабӣ мебошад, аз ҷониби донишмандони соҳаи фиқҳ ва калом мавриди интиқоди шадид қарор гирифтаву ҳоло ҳам ин раванд дар байни руҳониёни арабӣ, махсусан салафиён ва ваҳобиён идома дорад [133]. Сарфи назар аз ин осори Ибни Арабӣ дар байни орифон ва ҷонибдорони тасаввуф (махсусан дар Эрон ва

Осиёи Хурд) дастгирӣ ёфта, интишор ёфт.

Шавқу рағбати сӯфиён ба шакли маҷозии шарҳу баён ҳамчун воситаи шиддати фалсафаи интуитивӣ бо шариат, ахлоқи исломӣ ва анъана баромад мекард. Суфиён, ба мисли дигар гурӯҳҳо ва ҷамоаҳои мазҳабӣ бо муқаррароти возеҳ ва якмаънои шариат, ки ба эътиқодоти онҳо мухолифат дошта, муқобил буданд, рӯ ба рӯ шуда, талош мекарданд, ки ин зиддиятҳоро бартараф намоянд ва онҳоро рамзомезона (маҷозӣ-рамзӣ) шарҳ медоданд [40, Ҷ.2. С. 428].

Чунин равиш нисбат ба дигар халқҳо ва ҷомеаҳо низ ҳамчун далелу бурҳони исботи ҳаққонияти эътиқодҳои худ ва ё барои ҳақ баровардани андешаҳое, ки зоҳиран ба далелҳои ақл мухолифат доштанд, ҷо доранд. Ин равишро ҷонибдорони Филони Яҳудӣ[7] зимни ташреҳи Тора ва зиндиқиёни мазҳаби зардуштӣ (санавия) дар тафсири Авасто истифода бурдаанд. Дар миёни мусулмонон чунин равишро баъзе мазҳабҳое аз қабили ҷаҳмия[8] (барои инкор намудани имкони зиндашавии ҷисмонии одамон дар он дунё), муътазилиён (барои инкор намудани дидор бо Худо барои солеҳон), ботиниён (ё исмоилиён) ва Ихвон ас-сафо (барои инкор кардани истифодаи ақлгароӣ ва шариат) - ҳамаи онҳо оятҳои Қуръон ва ҳадисҳоро дар маънии рамзӣ-маҷозӣ шарҳу баён намудаанд. Ҳатто ашъариён, ҳамчунин имом Ҳанбал низ, ба чунин тафсирҳо муқобил набаромада буданд. Ғазолӣ ва аксари муфассирон шарҳу баёни рамзӣ-маҷозиро роҳи ҳалли ягонаи баъзе масоили динӣ меҳисобиданд. Ин дар ҳоле буд, ки ҳашвия ва зохирия ба чунин шарҳҳо ризоят намедоданд. Ибни Тайимия ҷонибдорони таъвилро, ба гурӯҳҳои қарматия, ботиния, собеия[9] ва файласуфон дохил карда буд. Аммо имоми ҳанбалӣ - Муваффақуддин Абдуллоҳ ибни

[7] Филони Искандаронӣ (Филони Яҳудӣ) (наз. соли 25 то м. - наз. соли 50 м.) - намояндаи машҳури эллинизми яҳудӣ, ки маркази он ш. Искандария ба ҳисоб мерафт; илоҳиётшинос, мубаллиғи яҳудия ва мутафаккири динӣ, ки бо таълимоти худ оид ба логос ботинигарии худ дар илоҳиётшиносӣ таъсири бузург расонидааст.

[8] Ҷаҳмия – мазҳабест дар мактаби ҷабрия, ки тарафдори тақдири илоҳӣ дар тамоми ҷараёнҳои олам ва аз ҷумла инсонро ҷонибдорӣ мекард. Номи он аз номи муассиси он Ҷаҳм ибни Сафвон (ваф. 745) гирифта шуда, исбот мекард, ки биҳишту дузах бошишгоҳи муваққатии одамон буда, Қуръон махллуқ аст, имкони дидор бо Худоро дар биҳишт инкор мекард.

[9] Собеия - дини қадимаи қабилаҳои араб, ки асоси онро ибодат ё парастиши ситораҳо ва таълиҳи ахтарон ташкил медод.

Қидам (ваф. 1223) китоберо бо номи “Замм ал-та’вил” («Дар мазаммати таъвил») таълиф намудааст.

Сӯфиён, ба мисли ботиния ва Ихвон ас-сафо, дар аксари ҳолатҳо ба таъвил рӯй меоварданд ва ин кори онҳо истисноӣ набуд. Ривоятҳое вуҷуд доранд, ки сӯфиёни мутақаддам (Шоҳ Кирмонӣ, Абубакр Воситӣ, Шиблӣ ва диг.) низ ба таъвили оятҳои қуръонӣ машғул буданд. Дар китоби “Асрору-т-тавҳид” ишораҳое вуҷуд доранд, ки шайх Абу Саъид ҳангоми тафсири оятҳои Қуръон ба таъвил муроҷиат менамуд. Дар тафсири Саҳл ибни Абдуллоҳ ат-Тустарӣ дар бораи таъвили оятҳо сухан рафтааст. Ин ҳолатҳо дар дигар тафсирҳо низ аз қабили “Ҳақоиқу-т-тафсир”-и ас-Суламӣ, “Латоифу-л-ишорот”-и ал-Кушайрӣ ва “Ароису-л-баён“-и Буқлӣ ва диг.[10] низ анҷом ёфтааст. Иловатан метавон ба суханони Садриддини Қунавӣ дар бораи таъвили сураи “Ал-Фотиҳа” ва тафсири Абдурраззоқи Кошонӣ низ ишора кард. Дар андешаҳои Ҷалолиддини Румӣ, зоҳири Қуръонро ба шахсияти инсон, «нишонаҳои он маръӣ (дидашаванда) ва нафс номаръӣ (диданашаванда) мебошанд», ҷонибдори таъвил будани ӯ дар “Маснавӣ” борҳо ба чашм мерасад. Сӯфиён ҳам барои ҳадисҳои қудсӣ ва набавӣ ва ҳам барои шарҳи шатҳиёт шайхони худ аз таъвил зиёд истифода мебурданд.

1.2. Таълифоти асосии Ибни Арабӣ

Таълифоти Ибни Арабӣ шомили рисолаҳои чанд сафҳаӣ то китобҳои бузургҳаҷме чун “ал-Футуҳот ал-Маккия” аст. Теъдоди ин осор ба дурусти равшан нест. Шаъронӣ рақами чаҳорсад, Ҷомӣ панҷсадро ҳамчун теъдоди таълифоти ӯ зикр кардаанд ва Муҳаммад Рағаб Ҳилмӣ аз набераҳои Ибни Арабӣ пас аз интихоби рақами панҷсад, иловатан дусаду ҳафтоду чаҳор (274) китоби ӯро ном бурдааст [133, С. 125-139].

Усмон Яҳё ҳаштсаду чилу ҳафт (847) асари ӯро баршумурдааст. Ибни Арабӣ худ дар рисолае 248 асари худро ном бурда, тавзеҳ додааст, ки баъзе аз

[10] Рӯзбеҳон, Бақлии Шерозӣ (ваф. 1209 ё 1210) - сӯфии машҳури эронӣ.

ин таълифот як ҷузъ ва бархе аз онҳо беш аз сад ҷилд китоб мебошанд.

Бар асоси навиштаи худи Ибни Арабӣ таълифоти ӯ иборатанд аз:

1. “Ал-обоу ал-улвиёт ва-л-уммуҳоту-с-суфлиёт ва-л-муваладот.

2. “Ал-ибдоъ ва-л-ихтироъ” (Навовариҳо ва ихтироъот).

3. “Ал-Адаб”.

4. “Ал-Аҷвибат ал-арабия ани-л-масоил ал-юсуфия” (Посухҳои Ибни Арабӣ оид ба масоили юсуфӣ).

5. “Ал-Аҷвиба ала-л-масоил ал-мансурия” (Посухҳо оид ба масоили дар китоби Мансурия оварда).

6. “Ал-Иҳтифол фимо кона алайҳи расулуллоҳи (с) мин синина-л- аҳвол” (Ҷашне, ки пайғамбар аз он...).

7. “Ал-Аҳҷор ал-мутафаҷирати ва-л-муташаққати ва-л-ҳобитати” (Сангҳои тарканда, шикананда ва афтанда).

8. “Ал-Аҳадията” (Китобу-л-алиф).

9. “Китоб-ул-эҳсон”.

10. “Ихтисору сиррати-н-наби” (с) (Мухтасари сирати набавӣ).

11. “Ал-инсону ал-комил ва-л-исму ал-аъзам” (Инсони комил ва исми аъзам).

12. “Ал-Инсон”...

Дар ин ҷо мо танҳо аз китобҳое ном бурдаем, ки зоҳиран ба фалсафа ё ирфон наздиктаранд, аммо дар асл ин китобҳо (246 номгӯ) ва расоилу таълифоте аст, ки худи Ибни Арабӣ дар рисолае, ки дар соли 632 ҳ.қ. барои Султон Малик Музаффар Баҳоуддин Ғозӣ ибни Малик Одил навишта, оварда аст ва ин рисола бо тасҳеҳ ва таҳқиқи Гургис Авод дар Димишқ ба чоп расидааст.

Ибни Арабӣ дар номаи дигари худ ба Кайковус 240 номгӯи таълифоташро баршумурдааст, ки ин рисола низ дар китоби “Ҷомеъу каромот ал-авлиё” таълифи Юсуф ибн Исмоил Набҳонӣ [305] зикр шудааст.

Тазаккури ин нукта лозим аст, ки маҷмӯаи китобҳои Ибни Арабӣ, табъи Ҳайдаробод, таҳдиди чоп шуда [35], ки 39 номгӯ рисолае аз ҷумла “Рисола ила ал-имом Ар-Розӣ”, “Китоб-ут-тароҷим”, “Китоб-уш-шоҳид”, “ал-Ҷалол ва-л-ҷамол”, “ал-Алиф ва ҳува китоб-ул-аҳадияти” ва ғ.-ро дар бар гирифтааст.

Акнун ба шарҳу баёни мухтасари баъзе китобҳои машҳури Ибни Арабӣ мегузарем, ки дар китобҳои муҳаққиқони осор ва афкори ӯ, тавсиф ёфтаанд.

1.“Тадбирот-ул-илоҳия” - яке аз асарҳои маъруф ва муҳими Ибни Арабӣ буда, муаллиф дар хутбаи китоб қайд кардааст, ки ин китоби камҳаҷм, вале пурмуҳтаворо ба “Тадбироти илоҳият ва ислоҳи мамлакати инсонӣ” номгузорӣ кардам. Дар Доирату-л-маорифи бузурги исломӣ низ ин китоб ҷузви осори Ибни Арабӣ ба шумор омадааст, вале мутаассифона, доктор Ҷаҳонгирӣ онро аз қалам андохтааст, гарчи ҳангоми баёни “Иншо-ад-давоир” ва “Ақлат-ул-муставфиз” дар поварақ мутазаккир мешавад, ки ин ду китоб бо иловаи рисолаи “Тадбирот-ул-илоҳия” дар Лейден ба чоп расида, ҳатто “Иншо-ад-давоир”-ро ду бор бо ду номи мутафоввит зикр кардааст [284, С. 38].

Ибни Арабӣ макон ва ангезаи таълифи онро дар аввалин боби “Тадбирот” чунин овардааст: «Ва сабаби таълифи ин китоб он аст, ки вақте шайх Абумуҳаммад Абдулло Маврурирo дар шаҳри Маврур зиёрат кардам, назди вай китоби “Сирру-л-асрор”-ро китоби (мансуб ба Арасту аст) дидам, ки Ҳаким Арасту онро барои Зулқарнайн тасниф карда буд, чун худро аз рафтан бо вай нотавон дида буд. Пас, Абӯмуҳаммад ба ман гуфт: «ин муаллиф ба тадбири ин мамлакат назар дошта аст ва ман аз ту мехоҳам, ки бо таълифи сиёсати мамлакати инсонӣ, ки саодати мо дар он аст, онро баробар (яъне муқоиса-З.З.) кунӣ. Ман дархости вайро пазируфтам ва дар ин китоб аз маъони тадбири мулк бештар аз он чӣ он Ҳаким нигошта буд, навиштам ва дар он умуреро дар мавриди тадбири мулки кабир баён доштам, ки аз баёни он ғафлат карда буд ва онро дар муддати камтар аз чаҳор рӯз дар Мадина ва шаҳри Мавруд таҳрир кардам. Ҳаҷми китоби ҳаким як чаҳорум ё як саввуми ҳаҷми ин китоб аст» [284,

С. 38].

Шайхи Акбар “Тадбирот”-ро қабл аз “Ал-Футуҳот-ал-маккия” навиштааст. Ба ҳамин ҷиҳат дар чандин ҷойи “Футуҳот” ба он истинод намудааст, ки ба баъзеи онҳо ишора хоҳем кард. Масалан, вай дар ҷилди аввали “Футуҳот” [40, С. 63]. таъкид кардааст, ки дар китоби “Тадбироти илоҳия” маънии китобро шарҳ додам ва гуфтам, ки уммаҳҳот ва усули кутуб се аст:

1. Китоби мастур; 2. Китоби марқум; 3. Китоби маҷҳул ва низ дар ҷилди саввум гуфтааст [40, С. 63]: дар “Тадбирот-ал-илоҳия” дар бораи нотиқ будани ҳайвон, илми одоби подшоҳон ва шеваи идораи мамлакатро баён кардем.

Орифон дар таълифот ва таҳқиқоти худ аз ин китоб бисёр истифода намудаанд, масалан, Ибн Фанорӣ таҳқиқе дар бораи ҳаввос ва хаёл аз “Тадбирот ал-илоҳия” чунин нақл мекунад: Шайх дар “Тадбирот” гуфтааст, ки ҳаввос маҳсусотро гирифта, онро ба ҳисси муштарак медиҳанд, ки ҳамон молики хироҷ ва молиёти хаёл аст ва онҳоро аз ҳисси муштарак ба хизонаи хаёл интиқол мекунанд ва дар ин ҳангом маҳсусот ба мутахаёлот табдил мешаванд.

Ҳамон тавре, ки дар ин рисола омадааст, дар ҳеҷ як асари Ибни Арабӣ ёфт намешавад, аз ин рӯ, “Тадбирот-ул-илоҳия” дар мавзӯи худ беназир аст.

Ин китоб шомили як хутба, тамҳид, муқаддима ва як боб аст. Муаллиф дар хутба таъкид кардааст, ки: “мавзӯи ин китоб дақоиқи тавҳидӣ дар тадбироти мулк ва мамлакати инсонӣ буда, ин боб мағзи тасаввуф ва маърифатро ташкил медиҳад, ки ҳама мардуми ориф ва оммӣ, омму хос ба он ниёзманд мебошанд. Хутба дар ҳамд ва ситоиши Худо, паёмбар ва таҷлил аз мақоми машоихи инсонӣ буда, дар тамҳид муқоисаи байни мақоми фардият, ки хоси Худо ва завҷият, ки хоси инсон аст, сухан рафтааст. Дар муқаддимаи асар дар бораи асрор, улум ва дақоиқи тасаввуф ва маърифат сухан рафтааст. Вай дар муқаддима муҳаққиқони ирфонро ба мутолиаи яке аз асарҳои муҳимаш дар мавзӯъи асрори тариқат ва тасаввуф ба номи “Маноҳиҷи иртиқо ила ифтизоз абкор ал-бақо ал-муходарот би-хаямоти-л-лиқо” даъват намуда, изофа мекунад,

ки ин китоб муҳтавои сесад боб аст, ки барои ҳар бобе даҳ мақом аст, ки дар маҷмӯъ се ҳазор мақом мешавад. Баъдан таъкид кардааст, ки: Сангрезии бинои тасаввуф ва маърифат иборат аз таслим ва тасдиқ аст. Ба ҳамин хотир, бузургони тариқат фармудаанд: солик ба ҳақиқат намерасад, то ин ки ҳазор дӯст гувоҳӣ диҳанд, ки ӯ кофир ва зиндиқ аст. Инҳо илми завқӣ аст, то начашӣ надонӣ. Феҳристи бобҳои китоб чунин аст:

1 . Дар вуҷуди халифае, ки подшоҳи бадан аст ва андешаҳои сӯфиён дар бораи он ва таъбирҳои онон аз он ва ин як ҷузъи рӯҳ набошад;

2. Ихтилофи донишмандон дар бораи моҳият ва ҳақиқати рӯҳ;

3. Дар бунёди шаҳри бадан ва тафсилоти он ки мамлакати халифа ва рӯҳ аст;

4. Дар баёни иллати вуқуъи низоъи ақл ва ишқ дар ин боб шароити даҳгонаи хилофат ва амонати рӯҳ бар нафс ва баданро мавриди ҷустуҷӯ қарор медиҳад, ки ба тартиб омадаанд:

4-1. Булуғи рӯҳӣ, ки мурод пайвастан (иттисол) ба мақоми илоҳӣ аст;

4-2. Ақл рӯҳе, ки мурод идроки воридот аз Худо аст;

4-3. Озодагии рӯҳӣ, ки аз ғайри Худо бояд озод бошад;

4-4. Закурият (мардӣ) ва мардонагии рӯҳӣ, зеро амонат ва хилофат шоистаи зан нест ба далели ин ки мансаби қазоӣ ва шаҳодат дар бештари аҳкоми шаръӣ аз занон манъ гардида ва нафс чун муаннас (ҷинси зан) ва масдари фисқ ва фуҷур аст, наметавонад имом шавад ба хилофи рӯҳ, ки муҷаррад ва музаккар (мардона) аст ва мабдаи тақво ва садоқат аст;

5-4. Нисбати рӯҳе, ки мурод аз он духул дар мақомоти Муҳаммадӣ аст;

6-4. Саломати қувваи чашм ва гӯши рӯҳонӣ, ки мурод аз он дидан ба Ҳақ ва шунидан ба Ҳақ аст, ки ҳадиси қурби навофил ва фароиз далели он аст;

7-8.4 Имдод ва нусрати рӯҳе, ки мурод аз он ёрӣ расонидан ба рӯҳ ба василаи фариштагон тавассути Ҳақ таъоло аст;

9-4. Илми ладунии рӯҳӣ;

10-4. Вараъи рӯҳӣ, ки мурод аз он ин аст, ки шариат ридои (болопӯш) он ва ҳақиқат либоси он бошад;

5. Дар исм ихтисоси имом ба халифа аст ҷуз яке аз чаҳор нафар нест;

Подшоҳони зоҳирӣ бар чаҳор қисматанд:

А) Сахӣ ва бахшанда бар худ ва мардум, ки беҳтарин қисм ва мустаҳақи (сазовори) хилофат онҳоянд;

Б) Лаим ва хасис бар худ ва мардум, ки бадтарин қисм аст;

В) Сахӣ ва бахшанда ба худ ва лаъиму хасис бар мардум;

Г) Лаъим ва хасис бар худ ва сахӣ ва бахшанда бар мардум;

Соликон ва подшоҳони маънавӣ низ бар чаҳор синфанд:

А) Олими омил, ки сахӣ бар худ ва бадан аст ва сазовори хилофати илоҳӣ аст;

Б) Бе илм ва амал, ки лаъим бар худ ва бадан аст;

В) Олими беамал, ки сахӣ бар худ ва лаъим бар бадан аст ва ин солике аст, ки аҳли шаҳват ва иртикоби муҳаррамот аст;

Г) Олими бе илм, ки лаим бар худ ва сахӣ бар бадан аст ва ин солике аст, ки дар сайру сулуки аҳли тақлид аст ва аз мушоҳадот ва мукошафоти илоҳӣ бе баҳра аст. Мурод аз саховат исор ҳангоми ниёз аст бидуни кам ва зиёдӣ ва мурод аз хасосат манъ ва бухл ҳангоми ниёз аст ва ҳар, ки беш аз ҳад исор кунад, ифрот карда ва агар камтар аз ҳад исор кунад, тафрит намудааст.

6- Дар адолат аст, ки ҳамон қозии шаҳри инсонӣ аст.

7- Дар вазорат аст, ки ҳамон қувваи оқила аст.

8- Дар фаросати шаръӣ ва фалсафӣ аст. Мурод аз фаросати шаръӣ нуре аз анвори илоҳӣ аст, ки дар ҳадис омада: иттақу фаросата ал-муъмина фаиннаҳу янзуру би нури-л-лоҳи (ба фаросати муъмин бовар кунед, зеро ӯ бо нури илоҳӣ нигоҳ мекунад). Ва фаросати фалсафӣ маорифи фикрӣ, улуми назарӣ ва аҳкоми тачрибӣ аст. Дар ин боб дар бораи фаросати шаръӣ ва фаросати ҳикамӣ низ сухан рафтааст.

9. Дар шинохти котиб, сифот ва кутуб аст.

10. Дар таъйини нигаҳбонон, омилҳо, маъмурони молиёт ва хироҷи бадан аст.

11. Дар интиқоли молиёти бадан ба ҳазрати иллаҳият ва сарпарастии имоми муқаддас бар он ва интиқол аз он ҷо ба сӯи Ҳақ таъоло.

12. Дар таъйини сафирон ва фиристодагон ба сӯи душманон дар шаҳри бадан;

13. Дар сиёсат ва тарбияти нерӯҳои низомӣ ва интизомӣ ва маротиби онҳо.

14. Дар сиёсатгузории ҷангҳо ва лашкар ҳангоми муқобала бо душман;

15. Дар баёни рамзе, ки бад-он бар душманони ин мамлакат пирӯзӣ ҳосил мешавад;

16. Дар тартиби ғизои рӯҳонӣ дар фаслҳои сол барои устувории подшоҳи мамлакати инсонӣ ва бақои он;

17. Дар хаввоси асроре аст, ки дар вуҷуди инсон нуҳуфта аст ва дар он панҷ фасл аст:

1.17-18. Дар шинохти ифозаи нури яқин бар дил тавассути ақл;

2.17-19. Дар шинохти ҳиҷобҳое, ки монеъи идроки малакут тавассути чашми дил аст;

3. 17 20. Дар лавҳи маҳфуз ва исбот;

4. 17-21. Дар асбоб ва иллали сир сару садо ва ваҷд ва ҳаракат ҳангоми самоъ ва шарҳи ҳадиси қурби фароиз: кунту самъаҳу аллази ясмаъу биҳи (ман гӯшҳои ӯ будам, ки бо онҳо мешунавид)**.**

5. 17-22. Дар супориш ба мурид ва дар он чанд фасл аст: аввалин гом барои наҷоти мурид пайдо намудани устоди ҳақиқӣ аст: 1) Намоз ва одоби шароити он; 2) Ҳад ва андозаи хӯрдан ва ошомидан; 3) Дар шуғл ва таваккул; 4) Дар мусобиҳат (суҳбат) бо устод ва тарки мусоҳибат бо дигарон, ҳатто шогирдони устод; 5) Дар одоби ҳузур дар масоҷид; 6) Дар ҳифз ва мувозибат

бар хавотир ва андешаҳо ва тарки сӯъи занн (бадгумонӣ) ба халоиқ ва иштиғол ба ҳусни занн ва беҳтарин шева – тасҳеҳи хотир, хидмат бидуни чашмдошт ба халоиқ аст.

Чопи ин китоб дар 138 саҳ. бо илова намудани “Иншо-ад-давоир” ва “Ақлату-л-муставфир” дар 240 саҳифа бо ҳуруфи мошинӣ, ҳамроҳи поварақҳои лотинӣ ва арабӣ маъмулан нусхаи бадал мебошанд дар чопхонаи Брил дар ш. Лейдени Ҳуланд дар таърихи 1339 ҳ. ба зевари табъ ороста гардидааст. Номи китоб: “Ал-Тадбирот ал-илаҳияти фи ислоҳи-л-мамлакат” (Тадбироти илоҳӣ дар ислоҳи мамлакат) мебошад.

Китоби “Тадбирот-ал-илоҳия” барои омӯзиши тасаввуф ва тасаввуфи назарӣ ва амалӣ ниҳоят судманд буда, бо забонҳои гуногуни аврупоӣ, аз ҷумла русӣ [40; 33] тарҷума ва нашр шудааст.

2.“Ал-Футуҳот ал-маккия”. Ин китоб аз китобҳои баландовозатарини Ибни Арабӣ буда, номи комили он чунин аст: “Ал-Футуҳот ал-Маккия фи маърифати ал-асрор ал-моликия ва-л-малакия” (Футуҳоти маккӣ дар шинохти асрори моликия ва малакия). Интихоби ин ном аз он ҷиҳат аст, ки дар китоб дар бораи мукошифоти ғайбии муаллиф дар Макка, ҳангоми таввофи Байтуллоҳ ал-Ҳаром ва вуқуф дар даргоҳи илоҳӣ сухан меравад.

Мавзӯи он ирфон ва ба хусус ирфони назарӣ аст. Ҳарчанд дар ин китоб омӯзаҳои фаровоне аз улуми мухталиф гирд омадаанд, аз ин ҷиҳат, онро “Доирату-л-маориф”-и тасаввуф номидаанд, аммо ҳама ин омӯзаҳо дар ростои ғарази аслии китоб, ки шарҳу баёни усули асосии ирфони назарӣ ва манозил ва мақомот дар сайру сулуки ирфонӣ аст, қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ин китоб яке аз беҳтарин сарчашмаҳои ирфонӣ ба шумор меравад.

Қабл аз тавзеҳоти “Футуҳот” ба таваҷҷӯҳи хонандагон баъзе андешаҳои яке аз машҳуртарин муҳаққиқи осори Ибни Арабӣ – Смирнов А.В.-ро дар бораи методи баёни андешаҳо, услуби баёни афкор ва шарҳи мухтасари осори мутафаккир пешниҳод менамоем, зеро ин муҳаққиқро метавон аз аввалин

муҳаққиқони русе эътироф кард, ки ҷиддан бо омӯзиши осор ва тарҷумаи асарҳои Шайхи акбар машғул гашта, тайи омӯзиш ва таҳқиқи худ натиҷаҳои назаррасеро ба даст овардааст. Тахминан то чанд сол қабл ӯ аз муҳаққиқони якқатозе дар Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба омӯзиш ва тадқиқи тасаввуф, махсусан, Ибни Арабӣ ва китобҳои “Фусус ал-ҳикам” ва “ал-Футуҳот ал-Маккия”-и Ибни Арабӣ машғул гардидааст. Аз ин рӯ, андешаҳои ӯ барои мо на танҳо таваҷҷӯҳпазир, балки услуби методи истифодаи ӯ дар тадқиқи осори Ибни Арабӣ – таҷрибаи таҳлили парадигмии фалсафаи Ибни Арабӣ, аз услубҳои камназирест, ки бори аввал дар тасаввуфшиносӣ татбиқ ёфтааст. Фикр мекунам, ки Смирнов А.В. дар ин ҷода муваффақ ҳам гардида, натиҷаҳои беҳтарини илмиро ба даст овардааст. Мутаассифона, шарҳ ва тафсили услуб ва методи таҳлили парадигмии фалсафаи Ибни Арабӣ берун аз ҳавсала ва ҳаҷми ин китоби ҳозир буда, ба таҳлили амиқу муфассал эҳтиёҷ дошта, айни замон берун аз ҳадафи рисолаи диссертатсионӣ мебошад.

Аммо ҳоло ҳамин нуктаро таъкид менамоем, ки ба андешаи муҳаққиқи рус, дар маҷмӯъ “Футуҳот” аз 560 фасли хурду бузург иборат буда, дар он муаллиф андешаҳои фалсафии худро пешкаш намуда, зимни баррасии онҳо масоили илоҳиёти мусулмонӣ ва амалияи сӯфияро низ шарҳ додааст, зеро илоҳиёт ва амалияи сӯфияро ҷузъи таркибии ақоиди ирфонӣ бояд эътироф кард. Ин асар солҳои тӯлонӣ таълиф ёфтааст, аз ин рӯ, дар он такрорҳо ва баъзан бозгашт ба масъалаҳои қаблан баррасишуда ба чашм мерасад. Замни баёни андешаҳо дар китоб мулоҳизоти танқидии Ибни Арабӣ оид ба андешаҳои мактабҳои гуногуни асримиёнагӣ ҷо гирифтаанд, ки барои дарки андешаҳои худи муаллиф дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд. Дар сохтори китоб баёни мантиқии андешаҳо ба чашм намерасад: фаслҳо, бобҳо ва зербобҳо аз он дарак медиҳанд, ки онҳо ба таври тасоддуфӣ интихоб шудаанд: «дар миёни онҳо робита ва интиқоли мантиқӣ ба назар намерасанд. Аз дилхоҳ ҷой метавон ба мутолиъаи асар оғоз намуда, хоҳ ба аввал ва хоҳ ба охири китоб рафт.

Ба қавли дигар, матнҳои фалсафии Ибни Арабӣ фарогири андешаҳои ӯ «дар шакли муназзам ва мураттабшуда қарор надоранд, аз ин рӯ, фаҳм ва дарки ин ва ё он нуктаҳои таълимоти ӯ танҳо баъди мутолиа ва шиносоӣ бо матнҳои фалсафии ӯ имконпазир аст. Танҳо ҳамон фаҳмише саҳеҳ будан метавонад, ки ҳама андешаҳои ҳар ҷо пароканда ва мансуб ба ин нуктаҳо ба назар гирифта шуда бошанд. Аввалин мушкилие, ки муҳаққиқ бо он рӯ ба рӯ мегардад, он аст, ки ӯ дар шарҳу баёни дилхоҳ андешаҳои ӯ саросема нашавад, сарфи назар аз он ки ҷойҳои чунин мафтуншавиҳо ниҳоят зиёданд – зеро мавриди омӯзиш қарор додани таҳқиқи таърихӣ-фалсафӣ бидуни ба низом даровардани он номумкин аст, чӣ расад ба фалсафаи Ибни Арабӣ, пас ин вазифа комилан бар души муҳаққиқ меафтад»[249, С. 5].

Инчунин ҳолати дигаре низ вуҷуд дорад, ки тавсифи глобалии матнҳои фалсафии Ибни Арабиро мушкилтар гардонида, шарҳу баёни новақти фалсафаи ӯро дар заминаи қисми матнҳои релеваетӣ (қисми боқимондаи онҳо ё “тасоддуфӣ” аст ва ё дидаву дониста аз диди мутафаккир берун монда, инкор шудаанд). Сухан дар бораи он меравад, ки фазои афкори Ибни Арабӣ яквақта нест: «онҳо ба қисмҳо ҷудо мешаванд, ки дар байни онҳо интиқолҳои имманентӣ вуҷуд надоранд. Дар ин фазо ҳаракат карда, мулоҳиза кардан осон аст, ки худи ҳамон саволҳо дар ҷойҳои гуногун ҳархела ҳаллу фасл мешаванд, аммо ҳангоме, ки ду ва ё се хели ҳалли гуногуни ким-кадом як проблема дар як матн ҳамҷиворанд ва дар миёни онҳо шарҳи чунин ихтилофот вуҷуд надоранд. Баъдан дар ин фазо ҳудудҳои диданашаванда барои гузаштан аз як проблема ба проблемаи дигар монеъ шуда, имкони онро намедиҳанд, ки масъалаҳои бо ҳам алоқамандро ба як тасалсули ягонаи мантиқӣ алоқаманд кунӣ. Дар тадқиқоти ба фалсафаи Ибни Арабӣ бахшидашуда, ин ҳолат рӯпӯш мешаванд ва ё бо натиҷаи нопайдарпаӣ ва зиддияти маъноии муаллиф ва ё ҷой наёфтани руъяти мистикӣ дар доираи маҳдуди мантиқ ва мубоҳисаҳои фалсафӣ шарҳу баён меёфт»[249, С. 5].

Ҳеҷ кадоме аз шарҳу баёнҳоро наметавон қонеъкунанда ҳисобид. Адами мувофиқати зоҳирӣ, гуногунҳаҷмии қабатҳои афкори Ибни Арабӣ аз ҳад зиёд ошкору равшан аст, ки метавон онро сарфи назар кард. Дар айни замон матнҳои ӯ баъзан дорои чунин нерӯи мантиқӣ ва возеҳият мебошанд (ин сифат дар "Фусус ал-ҳикма" ба назар мерасад, аммо дар "Футуҳот" гуногуншаклтар мебошад), ки муаллифи онро битавон дар вуруд ба зулмот, ки ӯро маҷбур карда, ки ҳатто тақозои оддитарини мантиқро сарфи назар намояд, умуман ғайриимкон аст, муттаҳам кард. Аммо он чӣ ба мушкилбаёнии сӯфиёнаи шинохти олам тавассути мубоҳисаи мантиқӣ дахл дорад, худи Ибни Арабӣ инро ба хубӣ дарк мекард. Ӯ, аввалан, возеҳу ошкор дар бораи ин сухан мегӯяд, аммо, дуввум, дар матнҳои фалсафии ӯ на тавсифи эҳсосоти дарки олами сӯфиёна (чунин тавсифҳоро бояд қабл аз ҳама дар ашъори ӯ, ки забонашро хуб медонист, бояд ҷустуҷӯ кард), балки шароитеро тавсиф менамояд, ки таҷрибаи сӯфиёна дар он имкон дорад, ва ӯ шарҳи фалсафии таҷрибаи мазкурро пешниҳод мекунад (ва он табиист, ки аз баёни мустақими дарки олами сӯфиёна фарқ мекунад).

Тамоми ин гуна шарҳу баёнҳо дорои як хосияти умумӣ мебошанд: онҳо дар заминаи ғайритабиӣ будани нуктаҳои асосӣ бунёд ёфтаанд, ки зимни он дар як системаи фалсафӣ қабатҳои бо якдигар номувофиқ ва мутавозини афкор вуҷуд доранд; аз ин ҷо саъю талош барои ин ва ё он хел элиминироват сар мезанад. Ба андешаи мо, бояд тамоман баръакс рафтор кард: ҳадафҳои гуногунро дар ҷои аввал гузошта, бояд кӯшиш кард, ки системаи фалсафии Ибни Арабиро аз рӯи ҳамин нуқтаи назар мавриди бозсозӣ қарор дод.

Маҳз чунин мавқеъ дар тадқиқоти мазкур истифода гардидааст. Мо аз он ҳолати мавҷудияти се навъи дониш, ки муносибатҳои эҳтимолии байни субъект ва объектро ба охир мерасонанд: ҷудогии онҳо, қисман омезиш ёфтан, айният пайдо кардан, дур шудем. Қабатҳои гуногуни фалсафаи Ибни Арабӣ бо донишҳои фалсафӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар натиҷаи ин се навъи дониш ба даст омадаанд. Тафоввути принсипалии асосҳои дониш гуногунтаркибии

принсипалии донишҳои фалсафиро низ ҷазб менамояд, ки дар бораи он болотар сухан гуфтаем. Ҳар кадом чунин як қабатро мо философема[11] хоҳем номид; системаи Ибни Арабӣ, пас ба се философема тақсим мешавад.

Системаи Ибни Арабӣ аз роҳи бо ҳам пайвастани механикии философемаҳо бунёд мегардад. Маъноаш ин аст, ки мутавозинӣ ва адами мувофиқат, ки собиқан ба он ишора кардем, мутлақ нест. Ҳамаи онҳо дар системаи ягона, омезиш (синтез) меёбанд; зеро ин омезишёбии узвӣ аст, на муттаҳидкунии механикӣ, вай мавҷудияти унсуҳои системавиро тақозо мекунад, ки ба ягон системаи омезишёбандаи зерсистемаҳо дохил нашуда, онҳоро ба як кулли ягона, муттаҳид мекунанд. Философемаҳои ба система синтезшуда, назар ба мазмуни ҳангоми баррасӣ кардани онҳо бароянда, дорои мундариҷаи нисбатан дигархелтар ва ғанитар мебошанд.

Агар тиловати онҳо ба методи муайяне такя намекард, кор анҷом намеёфт ва он философемаҳоро мо дар матнҳо “дидан” наметавонистем. Аллакай қайд кардаем, ки муҳаққиқе, ки бо ин матнҳо сару кор мегиранд, бо ”доираи герменевтикие” рӯ ба рӯ мешавад: фаҳмидани дилхоҳ нуктаҳои фалсафаи Ибни Арабӣ бидуни тасаввур кардани сохтори комили онҳо номумкин аст, вале чунин тасаввурот баъди фаҳмидани тамоми нуктаҳои он ба даст меояд. Барои гузоштани гоми аввал дар самти фаҳмидани фалсафаи Шайхи акбар ин доира бояд гусаста шавад.

Методи гусастани доираи герменевтикӣ дар кори мо чунин сурат мегирад: Дар марҳалаи аввал зарур аст, ки нақшаи умумӣ, принсипалии сохтори фалсафаи Ибни Арабӣ, ҳамон устухони андеша, ҳамон ҳудудҳои умумие, ки кулро ташкил медиҳанд, фаҳмида гирифта шавад. Чунин фаҳмишро, табиист, ки наметавон аз асарҳои худи Шайхи акбар ба даст овард: вай бояд пеш аз тиловат

[11] Философема - муҳокимаи алоҳидаи фалсафӣ, хулосабарории анҷомёфта, ки моҳияти ин ва ё он фикрро ифода менамояд. Ин вожа аз лот. philosophēma гирифта шуда, дар матнҳое истифода мешавад, ки дар он ғояи асосиро бояд ҷудо кард. Философема - муҳокимаи алоҳидаи фалсафӣ, хулосабарории анҷомёфта, ки моҳияти ин ва ё он фикрро ифода менамояд.

анҷом гирад, то ки имконияти кушодани онро фароҳам оварад. Донистани схемаи мантиқии Ибни Арабӣ иҷозат медод, ки матнҳои ӯро гаштаву баргашта хонда, сипас бо тадриҷ онҳоро бо мазмуни воқеӣ пур кард. Чунин раванд танҳо бисёрзина будан метавонад – пур кардани схемаи аввалияи мантиқӣ бо мазмун, схемаро аниқтар мегардонад ва схемаи аниққардашуда ва тавсиа бахшида, имкони фаҳмидани қабатҳои нави матнро имконпазир мегардонад. Зимни чунин мавқеъ фаҳмиши тамоми маводи тадқиқ танҳо баъди он ба даст меояд, ки дар он қисмҳои ба таври гуногун шарҳшаванда, боқӣ намонда бошанд.

Ҳамин тавр, фаҳмиши адекватии фалсафаи Ибни Арабӣ танҳо дар асоси тасаввуроти априорӣ дар бораи схемаи мантиқии умумӣ, ки доираи фалсафаронии ӯро муайян мекунад, ба даст меояд. Аммо чунин тасаввурот аз куҷо маншаъ мегирад?

Онро танҳо дар ҳолате метавон шакл дод, ки агар фарз кунем ки падидае, ки бо номи “фалсафаи асримиёнагии араб” маълум аст, усулан гемогенӣ мебошад. Он гоҳ гемогенности вай бар факти мавҷудияти ҳамон схемаи принсипалии мантиқии системаи фалсафӣ асос ёбад, ки барои ҳама онҳое, ки мо онҳоро файласуфони асрҳои миёнаи арабӣ меҳисобем, умумӣ бошад. Аз сабаби он ки мо пешниҳод намуда будем, ки фалсафаи Ибни Арабиро дар матни ин анъанаи фалсафӣ шарҳ диҳем, зеро мо ният доштем, ки схемаи ишорашудаи принсипиалии мантиқиро, ки бароямон тасаввуроти қаблии матлубро дар бораи сохтори фалсафаи ӯ, дода тавонад. Тезис дар бораи гемогеннӣ будани фалсафаи арабӣ ва тасдиқи ба он дохил будани афкори Ибни Арабӣ ба ин контексти таърихӣ-фалсафӣ (яъне мақоми куллии фалсафии ӯ – муаллиф), танҳо фарзияҳое буданд, ки бояд мавриди тафтиш ва тасдиқ қарор мегирифтанд, тамоман табиист.

Ҳамин тавр, мо фарз кардем схемаи мантиқии фалсафаронӣ, ки гомогенности фалсафаи асрҳои миёнагии арабро метавон дар шакли маҷмӯи проблемаҳои базавии асрҳои миёна тасаввур кард, ки бе ҳаллу фасли онҳо, ҳеҷ

як файласуфи асримиёнагии араб коре анҷом додан наметавонист, зеро дар асоси ҳаллу фасли онҳо бунёд намудани системаи фалсафие, ки ба ин анъана мансуб аст, имконпазир аст, зеро маҳз ҳамин маҷмӯи проблемаҳои базавӣ тарҳи манзараи оламро муайян мекунад, ки барои ин тамаддун, дар ин марҳала хос мебошад. Тадқиқи матни пешгузаштагони бузурги Ибни Арабӣ фарзияро дар бораи мавҷуд будани маҷмӯи чунин проблемаҳо тасдиқ карда, имкон дод, ки онро шаклбандӣ кунанд. Илова бар ин, дар ҳалли ин проблемаҳои базавӣ асолати мантиқӣ, вақте ки ҳар кӯшиши нав бо ба ҳисоб гирифтани ихтилофҳои сарзада ва ё номуназзамӣ (нопайвастагӣ), қабул мешавад, чашмрас мебошад. Дар натиҷа мо ба хулосае расидем, ки барои дар тадқиқоти таърихӣ-фалсафӣ бояд ҳатман аз методи парадигмавӣ истифода бурд.

Ҳамин тавр, мавриди назар қарор додани фалсафаи асримиёнагии араб аз мавқеи методи парадигмавӣ ба дасти мо калиди заруриеро ҷиҳати тадқиқи матнҳои фалсафии Шайхи акбар медиҳад. ... мо муътақидем, ки ин метод дар маводи таърихӣ-фалсафӣ замоне методи тадқиқи фалсафӣ шудан метавонад, ки худи таърихи фалсафа мавзӯи тадқиқи фалсафа бошад.

Ҳар як метод хуб аст, агар он на танҳо иҷоза диҳад, ки чизи алаккай гузаштаро шарҳу баён намоем, балки дорои нерӯи пешгӯи низ бошад. Аммо андешаҳои муҳаққиқони эронӣ дар бораи сабк ва услуби муғлақбаёнии Ибни Арабӣ дорои самти дигар мебошад [39, С. 28-121]. Акнун баъди шарҳи ин масъала боз мегардем сари мавзӯи “Фусус ал-ҳикам”.

Худи Ибни Арабӣ дар мавриди ангезаи таълифи “Футуҳот” гуфтааст: «пас аз ин ки дар Тунис аз валии худ (Абӯмуҳаммад Абдулазиз Абӯмуҳаммад ибн Абӯбакри Қиршӣ аз орифони бузурги он диёр) ҷудо шудам ва ба қасди зиёрати Хонаи Худо ба самти Макка азимат намудам, дар Макка Худованд дар хотирам афканд, то фунуни маъориферо, ки дар ғайбати худ таҳсил намуда будам, ба валии худ бишиносонам ва аз ҷавоҳири улуме, ки ба он даст ёфта будам, ба ӯ ҳадя намоям. Лизо ин рисоларо барои ӯ ва ҳама ёрони пок ва баргузида ва

сӯфиёни ҳақиқатҷӯ ва низ барои дӯстамон Абдуллоҳ - падари ҳабашӣ таълиф намудам»[39, С. 28-121].

Бинобар ин ҳарчанд иродати Ибни Арабӣ ба орифи бузург Абӯмуҳаммад Абдулазиз муҳаррики ӯ дар таълифи китоб ба ин нукта низ ишора намуд, ки китоб посухе аст ба ниёзи касоне, ки бо замири пок, ҷӯёи ҳақиқат ва дар пайи ноил гаштан ба воқеъият мебошанд.

Ибни Арабӣ чунон ки худ шарҳ намудааст, – “Футуҳот”-ро дар ду нусха навиштааст. Нусхаи аввал дар соли 599 ҳ.қ. дар Макка оғоз ва дар соли 629 ҳ.қ. дар Димашқ ба поён расида ва нусхаи дуввум, дар соли 632 ҳ.қ. оғоз ва дар соли 634 ба анҷом расидааст.

Ҳамон тавр, ки ишора шуд, китоби “Футуҳот” дар ду нусха тавассути муаллифи он – Ибни Арабӣ, навишта шудааст, ки дар нусхаи дуввум бисёре аз матолиби дар нусхаи аввал мавҷуд бударо ҳазф (партофта) ва матолибе илова намудааст. Нусхаи хатии мавҷуд бар хати муаллиф ҳамон нусхаи дуввум аст ва нусхаи аввал низ ба хати яке аз пайравони ӯ, ки дар замони ҳаёти муаллиф навиштааст, мавҷуд мебошад.

Ба далели таваҷҷӯҳи олимон ва орифон ба ин китоб, дастнавиштаҳои гуногун ва сершуморе пайдо шудаанд ва ба гуфтаи Усмон Яҳё танҳо дар китобхонаи Сулаймония дар Истамбул беш аз сад нусхаи хаттии “Футуҳот” мавҷуд мебошад [408].

Сершумории нусхаҳои хаттӣ ҳарчанд мансубияти китобро ба Ибни Арабӣ қатъӣ созад ҳам, аммо эҳтимоли таҳриф ёфтани онро низ наметавон инкор кард. Агар он чӣ Шаъронӣ дар бораи китоби “Футуҳот” гуфтааст, саҳеҳ бошад, дар тааҷҷуб мешавем, ки чанд миқдори ин муҳимтарин китоби Ибни Арабӣ аз они ӯст ва чанд миқдори он ба ӯ мансуб дониста мешавад. Шаъронӣ таъкид намудааст, ки ҳангоме, ки Ибни Арабӣ дар андешаи мухтасар намудани (талхиси) китоби “Футуҳот” шудааст, бо ибораҳое рӯ ба рӯ шудааст, ки ба андешаи ӯ, бо ақоиди мусаллами муслимин мухолифат дошт. Ӯ пас аз андаке

шак ва тардид онҳоро ҳазф кард ва рӯзе ин матолибро бо шайх Шамсиддин (ваф. соли 955 ҳ.қ.), ки нусхае аз “Футуҳот”-ро ба хати худ навишта ва бо нусхаи муаллиф дар Қуния муқоиса карда буд, ба миён гузошт. Пас аз хондани он дарёфт, ки ҳеҷ як аз ибораҳое, ки вай ҳазф карда буд, дар он нусха мавҷуд нест. Шаъронӣ нақл мекунад, ки барои вай мусаллам гардид, ки нусхаҳои “Футуҳот”, ки ба номи муаллиф ҷаъл шуда буд, дар нисбати китоби “Фусус” ва дигар асарҳои ӯ низ чунин кор сурат гирифта буд [292, Ҷ.1, С. 317].

Усмон Яҳё аввалин ноширии “Футуҳот”-ро Амир Абдулқодир Ҷазоирӣ дониста, қайд кардааст, ки “Футуҳот” то соли 1329 ҳ.қ. се бор дар Қоҳира интишор ёфт. Ба муносибати 800-мин соли таваллуди Ибни Арабӣ бо дархости гурӯҳи фалсафа ва улуми ичтимоии Шӯрои олии ҳимоят аз фунун ва адабиёт ва улуми ичтимоӣ дар Миср ва бо таъйиди ин Шӯро ва бо ҳамкории бахши Таърихи адёни анҷумани олии таҳқиқот дар Сорбони Фаранса ва Шӯрои олии фарҳанги Миср ба шакли фаннӣ ва бо таҳқиқи шоиста ва боббандии муносиб ва феҳристҳои арзишманд ба чоп расид. Он чи аз ин китоб дар ихтиёр дорем 14 ҷилд аст, ки шомили бар 106 ҷузъ ва 161 боб аз маҷмӯъ 560 боб мебошад.

Чунончи муҳаққиқи китоб доктор Усмон Яҳё гуфтааст: «Мабоҳиси китоб мутобиқи тақсимбандии муаллиф дар нусхаи дуввуми “Футуҳот” танзим шуда, ки бар асоси он матолиби китоб ба асфор, ҷузъҳо ва бобҳо тақсим шуда, дар муқаддимаи ҳар як аз асфор чакидае аз матолиби он арза шуда ва ҳар сафар ба чандин феҳрист аз қабили оёти қуръонӣ, аҳодис, амсол ва ҳикам, ашъор, шарҳи ҳоли худ навишта (он чи Ибни Арабӣ аз зиндагии худ дар он ҷилд гузориш карда зери унвони “Сират аз-зотия” омада аст, истилоҳоти ирфонӣ ва ... оро дода шудааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки таҳқиқи китоб бар асоси чаҳор нусхаи муҳим (яъне нусхаи хатии Қуния, ки дар воқеъ нусхаи дуввуми китоб ба қалами Муҳийуддин аст ва нусхаи хаттии Боязид, ки бар асоси нусхаи аввали “Футуҳот” навишта шуда ва нусхаи хаттии Фотеҳ ба қалами Исмоил ибн Судкин аз шогирдони Ибни Арабӣ ва нусхаи дар соли 1329 ҳ. қ. дар Қоҳира чоп

шудааст), сурат гирифтааст»[408]. Ба андешаи муҳаққиқ, метавон ин чопро нусхаи комили “Футуҳот” донист, ки шомили матолиби ҳазфшуда аз дастнависи аввали муаллиф ва матолиби иловашуда дар дастнависи дуввум мебошад.

Мавқеи илмӣ ва аҳамияти “Футуҳот”-ро тақрибан метавон дар чунин шакл баён намуд:

1. Китоби “Футуҳот”, ки маҳсул ва натиҷаи талоши илмӣ ва ирфонии Ибни Арабӣ мебошад, ки дар дигар китобҳои ӯ пароканда мебошанд.

2. “Футуҳот” доирату-л-маорифе аст, ки дар он маорифи исломӣ дар абъоди мухталифаш аз Қуръон ва ҳадис, фиқҳ ва калом, тафсир ва таърих, адабиёт ва адаби сулук, тааммулот ва мукошафот ба равиши ирфонӣ пешниҳод шудааст.

3. Маҷмӯаест бе мислу монанд, ки аз муҳимтарин масоили ирфони амалӣ аз мароҳил, манозил ва мақомоти сайру сулук ва ҳолот ва мақомоти ақтоб, абдол, авлиё ва мабоҳиси ирфони назарӣ аз ваҳдати вуҷуд, вилоят, инсони комил, маротиби таҷаллиёти асмо ва сифоти ҳақ, ва ғ.-ро дар бар гирифтааст.

4. Китобест бисёр таъсиргузор дар таҳаввули фикр ва андеша дар ҷаҳони ислом, ки намунаҳое аз ин таъсирро дар ҳавзаҳои ирфонӣ, хонақоҳӣ ва адабӣ ба хусус шеър ва фалсафӣ ба вижа ҳикмати мутаолия мушоҳида метавон кард.

Бар асоси феҳристе, ки Ибни Арабӣ дар ҷузъи дуввум аз сафари аввал овардааст, китоби “Футуҳот” ба 60 фасл ва ҳар фасл ба бобҳое тақсим шуда, маҷмӯан аз 560 боб иборат мебошад. Номҳои фаслҳо ва теъдоди бобҳои ҳар фаслро метавон дар чунин пешкаш кард:

Фасли аввал. Дар маориф бо 73 боб.

Фасли дуввум. Дар муомалот бо 116 боб.

Фасли саввум. Дар аҳвол бо 80 боб.

Фасли чаҳорум. Дар манозил бо 114 боб.

Фасли панҷум. Дар мунозилот бо 78 боб.

Фасли шашум. Дар мақомот бо 99 боб.

3.“Иншо-ад-давоир”

Яке аз осори маъруфи Ибни Арабӣ аст, ки то замони мо расида чоп шудааст. Ибни Арабӣ қайд намудааст, ки онро [39]. “Иншо-ад-давоир ала ҳотия” номида, дар “Футуҳот” номи онро бо се таъбир: “Иншо-ад-давоир”, “Иншо-ад-давоир ва-л-ҷадовил” ва “Иншо-ал-ҷадовил ва ад-давоир” зикр намудааст. Доктор Муҳсин Ҷаҳонгирӣ номи онро “Иншо-ад-давоир ал-аҳотия ала ад-дақоиқ ала-ал-мазоҳот ал-инсон ли-л-холиқ ва-л-халоиқ” зикр намуда аст. Албатта, бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ кард, ки ӯ ин номгузориро аз матни худи рисола бо андак ихтилоф иқтибос намудааст ва иштибоҳе, ки дорад, зеро иборати “ала ад-дақоиқ” дар матн вуҷуд надорад ва ба назар нодуруст ҳам меояд. Хулоса ин рисола ба номи “Иншо-ад-давоир” маъруф шуда, дар нусхаи чопи Ленден дар соли 1329 ҳиҷрӣ бо ҳамин ном ба табъ расидааст.

Муҳаққиқи эронӣ, ангеза, замон ва макони таълифи онро чунин баён мекунад: «Ибни Арабӣ дар соли 598 бори дуввумин дар Тунис зиндагиро ихтиёр намуда, дар тӯли иқоматаш дар он ҷо, дар хонаи Абӯмуҳаммад Абдулазиз ва дар суҳбат ва зиёфати вай ба сар бурдааст ва ба хоҳиши вай ба таълифи китоби маъруфи “Иншо-ад-давоир” пардохта ва як қисмати онро (дар Тунис) дар манзили вай навиштааст. Чунонки дар китоби “Футуҳот” овардааст: “Ва ҳамоно саффи валӣ, ки Худованд ӯро боқӣ бидорад... китоби мо мавсум ба “Иншо-ад-давоир”, ки баъзе аз онро дар манзили ӯ дар соли 598, ки иродаи ҳаҷ доштам, таълиф кардаем, ходими ӯ Абдулҷаббор он андоза аз китобро, ки навишта будам, нуқта ва эъробгузорӣ намуд ва ман дар ҳамон сол онро ба Макка бурдам, то дар он ҷо ба поён бирасонам. Пас, ин китоби маро ӯ ва аз ғайри ӯ боз дошт ва ман бад-он иштиғол варзидам ва сабаби он амри илоҳӣ буд, ки дар тақйид ва нуқта ва эъробгузории калимоти он ворид шуда буд ва ҳамчунин ба ҷиҳати рағбате буд, ки баъзе аз бародарон ва фақирон ба итмоми он доштанд, зеро онон бар мазиди илм ҳирс меварзиданд ва майл доштанд, ки баракати ин байти мубораки шариф, ки маҳали баракат ва ҳидоят ва оёти

байинот аст, бад-онҳо оид шавад ва низ барои ин буд, то аз баракате, ки Макка дар ин мавзӯъ ба Абӯ Муҳаммад Абдулазиз аъто карда аст, вайро огоҳ созем» [284.с. 45]. Ба андешаи Доктор Муҳсин Ҷаҳонгирӣ: «Ибни Арабӣ ин рисоларо қабл аз “ал-Футуҳот ал-Маккия” ба риштаи таҳрир даровардааст, ҳамчунон ки таърихи таълифи он бад-ин матлаб гувоҳӣ медиҳад ва низ дар чандин ҷои ”Футуҳот” номҳои гуногуни онро зикр кардааст» [284, С. 343]. Чунон ки қаблан ёдовар шудем, Ибни Арабӣ ҳатто хонандагони “Футуҳот”-ро барои тафсили бештари баъзе мабоҳис ба ин рисола ҳавола кардааст, ки ин худ далели аҳамияти зиёди мавзӯи ин рисола ба ҳисоб меояд. Танҳо ба хотири намуна дар ҷилди аввали “Футуҳот” [40, С. 54]. гуфтааст: «баҳси таҷарруди азалият аз сурати маъқулро ба таври муфассал дар “Иншо-ад-давоир” матраҳ кардем ва ё дар ҳамин ҷилд навиштааст: асмо ва уммаҳоти онро бо тафсил дар “Иншо-ад-давоир” шарҳ додаем»[40, С. 54].

Довуд Қайсарӣ дар бораи китоб навиштааст: “Шайхи Акбар дар “Иншо-ад-давоир” ҳазрати воҳидиятро бар ҷавоҳир итлоқ кардааст. Перомуни мавзӯъи рисола ва вижагиҳои он метавон гуфт: «Шайх дар хутбаи китоб мегӯяд чун Ҳақ таъоло ҳақоиқи ашёро ҳамон гуна, ки ҳаст ба ман нишон дод ва аз тариқи кашф ва шуҳуди ҳақиқат нисбатҳои онҳоро низ ба ман иттилоъ дод, ирода кардам, то онҳоро дар қолаби ҷадвали ҳиссӣ даровардам ва дар ихтиёри дӯсти ҳамгоми худ Абдуллоҳ падари Ҳабашӣ ва соири касоне, ки қудрати идрок ва мушоҳидаи ҳазрати воҳидиятро 3-и онҳоро надоранд, қарор диҳам, то дастрасӣ ба он барои ишон осон гардад» [49, С. 344].

Ғараз аз “Иншои ин китоб баёни мартабати инсон дар олами вуҷуд ва мақоми ӯ назди Бори таъоло ва наҳваи буруз ва зуҳури инсон аз олами ғайб ба олами айн ва хориҷ аст ва низ баррасии ин савол, ки оё инсон қабл аз вуҷуд ва офариниш мутассиф ба ҳоле будааст ё на? Оё байни вуҷуд ва адам ҳол ва восита аст ё хайр?

Инҳо матолибе аст, ки дар фасли аввали ин рисола мавриди пажӯҳиш

қарор гирифта, баъдан ба расмкашии ҷадвалҳо ва доираҳо гузаштааст. Ба андешаи Ибни Арабӣ, инсон ду чеҳра дорад: «яке чеҳраи зоҳирии ӯст, ки бо зоҳири ҷаҳони ҳастӣ мусовӣ аст, яъне ҳар чи дар ҷаҳони ҳастӣ вуҷуд дорад ва намунае аз он дар чеҳраи зоҳирии инсон низ вуҷуд дорад.

Чеҳраи дигари ӯ, чеҳраи ботинии ӯст, ки бо ҳазрати улуҳият мусовӣ мебошад, баъдан ӯ ба расмкашии ҷадвали маъруфи асмо ва сифот мепардозад, ки мавзӯъи аслии ин рисоларо ташкил медиҳад. Дар воқеъ, ин рисола ба хотири ҳамин ҷадвал дар миёни муҳаққиқони ирфон ҳанӯз аз замонҳои пеш то ҳол шуҳратманд аст.

Ӯ дар оғоз ҷадвали вижаи асмо ва сифоти илоҳиро расмкашӣ намуда, асмои зоти Ҳақро яке-яке мешуморад, пас аз он ба ҷадвали асмои сифот мепардозад ва онҳоро бозгӯ менамояд ва дар поёни ҷадвал асмои афъолро таҳия намуда, асомии онҳоро яке пас аз дигаре ном мебарад. Сипас ба шарҳ ва тафсили асмо мепардозад. Баъдан бар асоси асмо, сифот ва афъол ба марҳалаҳои оламҳои вуҷудӣ пардохта, доираҳои вуҷуди олами ҳастиро расмкашӣ менамояд»[49, С. 344].

Доктор Ҷаҳонгирӣ дар ин бора гӯфтааст: «Ибни Арабӣ дар рисолаи “Иншоа-д-давоир” ҷадвале тартиб дода, асмои зот раъси исм, асмои сифотро бисту чаҳор исм ва асмои афъолро сиву ҳашт исм зикр карда ва хотирнишон сохта, ки ин асмо дар шаръи мутаҳҳар, яъне дар китоб ва суннат ворид шудаанд.

Вай асморо наваду ду исм шумурда, вале афзудааст, ки асмои илоҳӣ ба онҳо маҳдуд нашуда, мумкин аст дар китоб ва суннат асмои дигаре низ ёфт шаванд. Аммо бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ин ҳаср ва таҳдид дар бораи куллиёти асмо (асмои куллия) аст, на ҷузъиёти онҳо (асмои ҷузъия), зеро ҷузъиёт хориҷ аз ҳад ва ҳаср ва эҳсо ҳастанд.

Вай дар ин китоб аимаи асморо иборат аз Хайй (Зинда), Алим (Доно), Мурид (Иродакунанда), Қоил (Гӯянда), Қодир (Тавоно), Ҷавод (Саховатманд), Муқассит (Одил) шиносонда аст, яъне ба ҷои Мутакаллим (Сухангӯ). Қоил ва ба

ҷои Самеъ ва Басир, Ҷавод ва Муқассит оварда ва Ҳайро имом ва муқаддами айима ва Муқасситро охири онҳо муаррифӣ кардааст. Ҷаводро шомили ҷамеи асмои раҳмонӣ, ки Муътии раҳмат ва неъмат аст, дониста ва Муқасситро шомили ҳар гуна исми ғазабӣ (асмои ҷалолӣ), ки Муътии мазаррат (зарар) ва нақмат (азоб, ҷазо) аст, дониста ва афзудааст, ки агар аҳкоми шаръӣ зоҳир намешуд ба имомати исми Муқассит ниёзе намебуд, ки ба дунболи зуҳури аҳкоми шаръ ваъдаи кайфар (подош) ва иқоб (азоб) падидор гашта, дар натиҷа моро ба қабули имомати исми Муқассит маҷбур сохта аст.

Вай дар ин китоб бо камоли сароҳат ва ҷасорат ихтиёрро аз Худованд салб карда, имконро инкор карда ва вуҷудро мунҳасир дар вуҷуб ва истиҳола (маҳол) донистааст» [284, С. 299-423].

Андешаҳои Ибни Арабӣ дар бораи асмо ва сифоти Ҳақ таъоло ба сурати маҷмӯъ ва мавзӯе дар ин рисола якҷо ҷамъоварӣ шуда, мавриди пажӯҳиш, нақд ва баррасии орифон будааст, масалан, Қайсарӣ дар “Шарҳи Фусус” ва Қунавӣ дар “Мифтоҳ” ва Ибн Фанорӣ дар “Мисбоҳ ал-унс” ва ғ. онҳоро шарҳ додаанд.

4.“Ақлат ал-муставфиз”. Яке аз асарҳои Ибни Арабӣ мебошад, ки дар “Футуҳот” чандин бор аз он ном бурда шуда, ба матолиби он ишора намудааст. Доктор Ҷаҳонгирӣ, ки маъмулан номи китобҳои Ибни Арабиро дароз зикр мекунад, номи ин асарро “Ал-Ақлат ал-муставфиз фи аҳкоми ва-с-санъати ал-инсоният ва таҳсина-с-санъат ал-имония” гузоштааст.

Ҳамон тавре, ки маълум аст, замони таълифи ин китоб қабл аз “Футуҳот” аст, зеро дар “Футуҳот” аз он иқтибосҳо овардааст, ки аҳамияти ин рисола маълум мегардад. Масалан, вай дар ҷилди аввали “Футуҳот” навиштааст: «тартиби аволими (оламҳои) ҳастиро дар китоби “Ақлат ал-муставфир” баён кардем [40, Ҷ. 1, С. 123] ва бори дигар дар ҳамин ҷилд, омадааст, ки офариниши ҷаҳони ҳастиро дар “Ақлата ал-муставфир” овардем» [40, Ҷ. 1, С. 148]. Ин китоб бар осори ирфонии минбаъда таъсири бузург расонидааст, ба сифати мисол Ибни Фанорӣ шореҳи “Мифтоҳи ғайб ал-ҷамъ ва ал-вуҷуд”-и Қунавӣ дар

китоби маъруф “Мисбоҳ ал-унс”, ки охирин ва олитарин матни дарсии ирфонпажӯҳӣ аст, аз ин асар хеле зиёд истифода намудааст.

Мавзӯи ин асари ирфонӣ, чунонки гузашт, тартиб ва тартиби ҷойгирии оламҳои улвӣ ва маротиби сифлӣ аст, ки онро дар қолаби шеър даровардааст. Дар ибтидо сухан аз олами ҳаймон ва сипас аз олами имкон ба миён оварда, Ибни Арабӣ мӯътақид аст, ки тақдим ва таъхир дар он ду роҳ надорад, сипас номҳои оламҳои улвӣ ва сифлиро чунин тартиб зикр намудааст: 1. Ҳабо. 2. Ҷисми фалакӣ. 3. Аркон. 4. Арш. 5. Курсӣ дар муставои Раҳмон аст. 6. Фалаки буруҷ. 7. Фалаки кавокиб, ки масдари пайдоиши замон аст. 8. Халоъ. 9. Хок. 10. Об. 11. Ҳаво. 13. Моҳ. 14. Фалаки котиби девон. 15. Зуҳра. 16. Ғазола. 17. Миррих. 18. Муштарӣ. 19. Кайвон. 20. Олами фариштагон, ки олами нуронӣ аст. 21. Олами шаётин. 22. Маъодин. 23. Набот. 24. Ҳайвон. 25. Инсон. 26. Нафхи рӯҳ. 28. Хилофати инсон. 28. Оби сиёҳ дар дили замин, ки хӯроки гуноҳкорон аст.

Дар боби дуввум камоли инсониро тавсиф намуда, ба ҳадиси “инна лилаҳ сабъин алф ҳиҷобан мин нур ва зулмат” (Аллоҳ ҳафтод ҳазор ҳиҷоби нур ва зулмат дорад) такя кардааст.

Дар боби саввум, ба офариниши олами арвоҳи муҳайма ва унсури аъзам пардохта, ба ҳадиси “кунту канз мухфиян...”(ман ганҷи пинҳоне будам) ишора мекунад.

Дар боби чаҳорум, аз офариниши ақли аввал, қалами аъло ва ҳадиси “ман арафа нафсаҳу фақад арафа рабаҳу” (Ҳар ки худашро шинохт, Худояшро шинохт) сухан ба миён меоварад.

Дар боби панҷум, арш ва ақсоми панҷгонаи онро ба номҳои 1. Арши ҳаёт. 2. Арши раҳмоният 3. Арши азим 4. Арши карим 5. Арши маҷид шарҳ додааст.

Дар боби шашум, Фалаки буруҷ ё Атласро тафсил дода, онро дувоздаҳ бурҷ донистааст, ки ҳар кадом мулке дорад, бар шарҳи зер: мулки аввал ба сурати Мизон, мулки дуввум ба сурати Акраб, мулки саввум ба сурати Қавс,

мулки чаҳорум ба сурати Ҷидда, мулки панҷум ба сурати Далв, мулки шашум ба сурати Ҳут, мулки ҳафтум ба сурати Кабш, мулки ҳаштум ба сурати Савр, мулки нуҳум ба сурати Тавъмон, мулки даҳум ба сурати Саратон, мулки ёздаҳум ба сурати Асад, мулки дувоздаҳум ба сурати Сунбула.

Дар боби ҳафтум, оид ба Фалаки кавокиб баҳс намудааст.

Дар боби ҳаштум, хилқат ва офариниши дунёро баён намудааст.

Дар боби нуҳум, дар бораи истиҳолот андешаҳояшро иброз намудааст.

Дар боби даҳум, никоҳ ва таволудро матраҳ намудааст.

Дар охирин боб ба баррасии олами инсони аввал пардохтааст. Ин асар дар 59 саҳифа ба илова шудани ду рисолаи дигар ба номи "Иншо-ад-авоир" ва "Ат-Тадбирот ал-илоҳия" ба ҳамроҳи ҳавошии лотинӣ дар чопхонаи Барил дар шаҳри Лейдан дар соли 1339 ҳичрӣ ба табъ расидааст.

5."Фусус ал-ҳикам"

"Фусус ал-ҳикам" номест, ки ба гуфтаи Ибни Арабӣ, паёмбари ислом (с) барои китоб интихоб намуда, фармудааст, ки онро барои тамоми уммати мусулмонон иншо намояд. Номи китоб аз ду калимаи "фас" ва "ҳикмат" иборат аст, ки аввалӣ ба шарҳу тавзеҳ ниёзманд мебошад. Калимаи "фас" дар китобҳои луғат ба маъноҳои мухталифе зикр шудааст, ки ду маънои он бо мундариҷа ва муҳтавои китоб муносибтар ба назар мерасад: 1) хулоса ва чакидаи чизе; 2) нигини ангуштарӣ.

Бо назардошти он ки ҳикмат дар назди орифон, маърифати шууни зотӣ, таҷаллиёти асмо ва сифоти Ҳақ мушоҳидаи ҳузурӣ аст, фасси ҳар ҳикмате бино ба маънои аввал аз хулосаи улум ва маърифе иборат аст, ки барои ҳар кадом паёмбарони мазкур дар ин китоб аз роҳи шуҳуди ҳузурӣ ҳосил шудааст, ба қавли муҳаққиқи эронӣ: «маорифе, ки ба тақозои тафовути исме, ки зуҳури он дар ҳар паёмбаре ғолиб аст ва бар лиҳози ихтилофи онҳо дар истеъдод ва қобилият, мутафоввит мебошад. Бар асоси ба маънои дуввум, фасси ҳар ҳикмате иборат аст аз қалби ҳар як паёмбарони мазкур дар ин китоб, ки улум ва

маорифи махсус ба ҳар як, аз мабдаи олӣ ба он изофа шуда, дар он нақш мебандад, мисли нигини ангуштар, ки исми соҳибашро бар он ҳак (ҳаккокӣ) мекунанд, то нишоне аз вуҷуди ӯ бошад ва аз он чи ки нузул ва уруҷи маротиби вуҷуд дурӣ аст ва қалби инсони комил маҳалли нақшҳои ҳикматҳои илоҳӣ аст, ин ҳикматҳоро ба ҳалқаи ангуштарӣ ва қалбро ба нигини он ки маҳалли нақшҳо аст, ташбеҳ намудааст» [40, С. 310-343].

Мавзӯи китоб ирфони назарӣ аст ва яке аз олитарин китоби маорифи илоҳӣ буда, ба ниёзҳои зиёди маърифати инсон посух мегӯяд. Таърихи дақиқи оғоз ва анҷоми таълифи “Фусус ал-ҳикам” равшан нест, аммо бо тавоҷҷӯҳ ба ин ки Ибни Арабӣ таърихи мубаширароро[12], ки иллати аслии таълифи китоб аст, даҳаи охири Муҳаррами соли 637 ҳ.қ. зикр намудааст, метавон натиҷа гирифт, ки ин китоб дар даҳҳаи охири зиндагии ӯ таълиф шудааст. Ибни Арабӣ аз соли 620 ҳ.қ. дар Димишқ то поёни умр дар он ҷо зиндагӣ дошт, аз ин рӯ, таълифи китоби “Фусус” низ дар Димишқ сурат гирифтааст.

Ибни Арабӣ сабаби таълифи ин китобро иҷрои фармони возеҳи паёмбар (с) дониста, дар ҳақиқат на худ, балки паёмбарро муаллифи китоб медонад, ки дар муббашира бар ӯ додааст, то онро дар ихтиёри дигарон қарор диҳад ва онҳоро аз асрори мавҷуд баҳраманд созад[13].

1.3. Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабони Хуросон ва Мовароуннаҳр

Ин зербоб аз назари муҳтаво, фосилаи таърихӣ ва теъдоди ниҳоят зиёди суфиён ва орифони форсизабонро шомил мебошад, ки ҳадди ақал як китоби бузургеро тақозо дорад, ки ин масъаларо аз ибтидои пайдоиш то ҳадду ҳудуди

[12] Таърихи мубашира – даҳ нафаре, ки тибқи ҳадисҳо Аллоҳ дар зиндагиашон ваъдаи ворид шудан ба биҳиштро додааст. (ниг. Горден Ньюби. Краткая энциклопедия ислама. ФАИР-ПРЕСС. Москва. 2007. Пер. с англ. -384 с.)

[13] Ибни Арабӣ навиштааст:”фаинни раайту расулаллоҳи (с) фи мубашира арайтуҳо фи ушри ал-охир мин Муҳаррам лисанати сабъ ва ишрин ва ситмиат би маҳрусати Димишқ ва биядиҳи (с) китоб, фақола ли: ҳазо “китобу Фусус ал-ҳикам” хузуҳу ва ухруҷ биҳи ила ан-нос янтафиъуна биҳи. фақулту: алсамъ ва алтоат лилаҳи ва лирасулиҳи ва алулу ал-амр мин камо амарно. фаҳаққақту ал-амния ва ахласту ан-нията ва ҷарраду ал-қасд ва ал-ҳимма ила иброз ҳазо ал-китоб камо ҳаддаҳу ли расуллуллоҳ (с) мин ғайра зиёдати ва ло нуқсон...

замони Абдурраҳмони Ҷомӣ, асри 16 фарогир бошад. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо танҳо бо маълумоте маҳдуд хоҳем шуд, ки дар мақолаи Сайд Ҳусайн Наср зикр гардидаанд ва ба хотири кутоҳсуханӣ дар ин мавзӯъ баъзе маълумоти ҷузъие илова мекунему халос. Зеро таъсири орифи барҷастае ба мисли Ибни Арабӣ, ба қавли донишманди муосири эрониасли америкоӣ Сайд Ҳусайн Наср: «Ин ки ба муносибати солгарди вафоти орифи бузурги мусулмон, Шайх Акбар Муҳиддин ибни Арабӣ, перомуни афкори вай баҳсу гуфтугӯ мешавад, набояд фаромуш кард, ки ӯ дар марокизи ирфон ва тасаввуф, аз Антлантика то Осиёи Миёна ва Ҳинд бо иқбол ру ба рӯ буда, чунон нуфузи густурдае доштааст, ки ҳамчунон дар бораи афкораш баҳс мешавад. Имрӯз иртиботи манотиқе чун Индонезия, ки ислом то умқашон нуфуз карда бо тариқатҳои сӯфиёна, ки пайванди мустаҳкаме бо дидгоҳи шайхи Мурсия доранд, бисёр наздик аст» [244].

Ба андешаи муҳаққиқ: «Муносибтарин ҷо барои омӯзаҳои Ибни Арабӣ, ҷаҳони форсизабон будааст. Дидгоҳҳои ӯ фақат дар тағйири забони тасаввуфи назарӣ муассир набуда, балки ба даруни фалсафа (ҳикмат) ва калом низ нуфуз кард. Ҳафт қарн аст, ки шуюх ва ҳукамо бар осори ӯ шарҳ менигоранд. Шоҳкори ӯ “Фусус ал-ҳикам” ва маҳофили суннати динӣ ҳаммонанди ҷамооти суфӣ, тадрис мешавад» [55].

Сайид Ҳусайн Наср навиштааст: «Беҳтарин шакл барои мутолеъаи чигунагии баст ва густариши андешаҳои Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабон ва махсусан Эрон, ин аст, ки мутаассирин аз ӯро ба чанд гурӯҳ тақсим кунем. Аввалин гурӯҳ, орифоне ҳастанд, ки дар айни ҳол устоди забони форсӣ низ будаанд. Дидгоҳҳои Ибни Арабӣ ба анҳои мухталиф дар осори онҳо буруз ёфтааст» [55].

Шоири бузурги форсизабон Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ низ тавассути Садриддин Қунавӣ бо Ибни Арабӣ пайванд меёбад. Қунавӣ муриди Ибни Арабӣ ва дӯсти наздики Мавлоно будааст. Ҳатто баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки “Маснавии маънавӣ” нусхаи форсии “Футуҳот” мебошад. Тардиде нест, ки ин

ду шайхи бузурги маърифати исломӣ, нуқоти муштарак доштаанд. Аммо инро ҳам набояд фаромуш кард, ки Мавлоно рӯнавишти соддае аз Ибни Арабӣ набуда, ӯ комилкунандаи ин масир буд ва агар тассаввуфро чун себе фарз кунем, ӯ яке аз ду нимаи он себ будааст" [348].

Пас аз Мавлоно сӯфиён муаллифе дигаре монанди Азиз Насафӣ ва Саъдуддин Ҳамавӣ будаанд. Онҳо ба рағми интисобашон ба Наҷмиддини Кубро намояндаи мактаби тасаввуфи Туркистон, дар фаҳми андешаҳои Шайхи Акбар муассир будаанд. Ҳатто Алоуддавла Симнонӣ, ки бархе назариёти Ибни Арабиро нақд мекунад, аз вай таъсир пазируфтааст. Ҳофиз ва Саъдӣ ки аз шоирони сӯфимаслаки давраи мазкур будаанд, аз тасовири классики баҳра бурда ва аз забони сано, яъне забони Аттор ва Мавлоно истифода кардаанд ё бо боқӣ мондан дар ҳамон чорчӯб, буъди ҷадиде ба забони клоссик бахшидаанд. Ин ду шоири сӯфӣ аз ҳамон забони намодин истифода кардаанд, аммо дигарон ба андешаҳои Ибни Арабӣ ва тарҷумаи ва тафсири он ба шеър ва насри дилнишини форсӣ овардаанд. "Ашиъату ламаъот"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [61], "Ламаъот"-и Фахриддини Ироқӣ [180], ки муриди Қунавӣ будааст, намунаҳои ошкори дигаре барои ин мавзӯъ ҳастанд. Дар ин ҷо аз ашъори Авҳаддуддин Кирмонӣ ва "Гулшани Роз"-и Маҳмуди Шабистарӣ ҳам бояд ёд кард. Китоби ахир (Гулшани роз) тибқи сиёқи Ибни Арабӣ, назарриёти сӯфиёнро, ки ба сурати мероси муштараки форсизабонон даромада, дар абёти бархурдор аз зебоиҳои илоҳӣ дарҷ кардааст. Ба ҳамин сурат Шайх Маҳмуди Лоҳиҷӣ шореҳи машҳури "Гулшани роз" ва бунёнгузори тариқати нурбахшия низ амиқан аз Ибни Арабӣ таъсир пазируфтааст. Неъматуллоҳи Валӣ, шайхи бузурги дигаре аз диёри форсизабонон аст, ки тариқати неъматулоҳия аз тариқатҳои фаъол дар Эрони имрӯзро поя гузорад. Ӯ "Фусус ал-ҳикам"-ро ба форсӣ тарҷума кард ва ашъори "Фусус"-ро ба шеър, тарҷума ва шарҳ кард. Неъгматуллоҳ дар абёти зер бар таъсирпазириаш аз Ибни Арабӣ сиҳҳа гузоштааст:

«Калимоти Фусус дар дили мо,

Чун нигин дар мақоми худ нишаст.

Аз расуди Худо расид ба ӯ,

Боз аз рӯҳи ӯ ба мо пасваст» [134.с.56].

Муносиботи амиқи Ибни Арабӣ ва Шайх Маҳмуди Шабистариро ки дар давраҳои баъди таърихи Эрон, таъсиргузортарин сӯфӣ будааст ба ҳеҷ чизи дигаре наметавон то ин ҳад возеҳ баён кард. Шоири бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ низ, ки аз шуюх ва шоирони сӯфие, ки зикрашон рафт интисоб дошт, дар таблиғ ва густариши андешаҳои Ибни Арабӣ ҳамон масирро рафт.

Ӯ бо нигориши шарҳҳои мутаадид бар осори шайхи Акбар ва таълифи китобҳое, ки мубтани бар назарияи Ибни Арабӣ буд, ва бо назм ва насри вижае, бар ҳамасрони худ, сӯфиёни форсизабони давраҳои баъд, таъсироти амиқе гузошт. Шоироне фӣ давраҳои баъд монанди Сафои Исфаҳонӣ ӯро улгӯи худ қарор доданд. Исфаҳонӣ шоире аст сӯфӣ ва ба аҳамияте, ки мутааллиқ ба ду насли баъд аст. Ӯ дар иртибот бо “Фусус” ва осори Қунавӣ аз нуфузи чашмгир бархурдор буд ва зеботарин шеърҳои форсии саддаи ахирро суруд.

Гурӯҳи дуввуме, ки аз Ибни Арабӣ таъсир пазируфтаанд он даста аз мутаолиҳони шиъӣ ҳастанд, ки омӯзаҳои Ибни Арабиро бо эътиқодоти ташайъюи исноашарӣ омехтанд, то бистари муносибе барои фархехтагони давраҳои сафавӣ омода кунанд. Иртиботи қобили таваҷҷуҳи омӯзаҳои Ибни Арабӣ ва маъорифи шиъӣ ва ҳамоҳангии мавҷуди байни онҳо, мавзуи қобили таваҷҷуҳе барои таҳқиқ пажуҳиш аст.

Ибни Арабӣ пас аз ин таблиғҳо, ки барои густариши таълимот сурат мегирифт, байни мутаолиҳон ва урафои шиъӣ пайравоне чун Ҳайдари Омулӣ [192], ки шарҳе бар “Фусус” дорад, Ибни Тарка нависандаи “Тамҳид ал-қавоид”, ки ба манзалаи муқаддимае бар “Фусус” аст, ва Ибн Аби Ҷумҳур, ки дар асари худ “ал-Муҷаллӣ” бисёре аз орои Шайхи Акбарро мунъакис кардааст, ёфт.

Ибни Арабӣ ба ҳамин тартиб, бар нависандагони исмоилӣ, ки ба форсӣ менавиштанд ва баъдҳо Ҳиндустонро мавтини худ интихоб карданд, таъсир

гузоштааст. “Тафсир-ул-қуръон”-е [53], ки ғолибан дар миёни исмоилиён мутолиъа мешавад, тафсири Ибни Арабӣ аст. Дар саддаҳои ҳафтум ва ҳаштуми ҳичрӣ, пеш аз он ки фаъолияти исмоилия зеризаминӣ шавад, нависандагони форсизабони исмоилӣ, ба шакли қобили таваҷҷуҳе омӯзаҳои Ибни Арабӣ дар ҷаҳони исломро баст ва густариш медодаанд.

Бо зуҳури сафавия дар Эрон, растохезе дар фалсафаи исломӣ эҷод шуд. Садриддини Шерозӣ (Мулло Садро) дар ин давраи бошукӯҳ мезистааст. Ин шайхи бузург, ки назарияҳои фалсафаи машшоъ, фалсафаи ишроқ ва омӯзаҳои Ибни Арабиро дар ҳам омехт, мактаби назарии равшангаронаи ҷадиде поягузорӣ кард, ки ҳанӯз низ мавҷудияти худро дар Эрон ҳифз карда аст. Мулло Садро амиқан таҳти таъсири таълими Ибни Арабӣ будааст. Ӯ дар муҳимтарин китобаш “Асфор” [239], ки дар он ба каррот аз “Фусус” ва “Футуҳот” иқтибос карда, ба вижа дар мабоҳиси қуввои руҳ ва масоили марбут ба ҳашр, дидгоҳҳои Ибни Арабӣро мунъакис мекунад.

Дар бисёре аз марокизи илми ба вижа дар мадрасаҳои расмии динӣ, осори Мулло Садро ва муридони ӯ, мутафаккироне монанди Муло Алии Нурӣ, Ҳоҷ Мулло Ҳодии Сабзаворӣ ва Мулло Алӣ Занурӣ тадрис мешавад. Гумон мекунам иғроқ нахоҳад буд агар бигӯем андешаҳои Ибни Арабиро дар саддаҳои ахир, дар Эрон ба воситаи ҳамин осор фаро мегирифтаанд. Нақши Ибни Арабӣ дар шаклгирии ин мактаби бисёр муҳими фалсафӣ, ирфонӣ, ҷанби дигаре аз аз таъсиргузории ӯ бар ҷаҳони форсизабон, ва шояд муҳимтарин ҷанбаи он бошад.

Дар натиҷа бояд ошкоро гуфт, ки шореҳони осори Ибни Арабӣ, ворисон ва давомдиҳандагони таълими ӯ будаанд. Умуман дар кишварҳои Шарқи ҷаҳони исломӣ, ба вижа дар Эрон, ин матлаби пазируфташудае аст, ки Садриддин Қунавӣ мурид ва писархондаи Ибни Арабӣ дар сарзаминҳои Шарқ густаиш ёфт. Қунавӣ ки худ шайхи сӯфӣ буд дар канори таълифи китобҳои арзишманде чун “Фусус”, “Фукук” ва “Мифтоҳ-ул-ғайб” [177], ба шарҳи осори шайхи Акбар низ пардохт. Ҳамзаи Фанорӣ бар “Мифтоҳ-ул-ғайб” шарҳе ба

номи “Мисбоҳ ул-унс” навиштааст. Дар диёри форс ин ду асарро арзишмандтарин китобҳои навишташуда дар хусуси таъоруфи сӯфиёна медонанд.

Дар Эрон “Шарҳи Фусус”-и Қунавӣ дар канори шуруҳи Абураззоқи Кошонӣ ва Довуди Қайсарӣ, муътабартарин шарҳ маҳсуб мешавад. “Фусус” шуруҳи мутааддиде дорад, ки бахше аз онҳо ба забони форсӣ навишта шудааст. ба унвони метавонам ба шуруҳи Алии Ҳамадонӣ ва Алоуддавла Симнонӣ бар “Фусус” ва ҳамчунин шарҳи дигаре, ки Ҷомӣ бар “Фусус” навиштааст, ишора кунам. Аммо ин низ ҳақиқате аст, ки ҳамаи шарҳҳои мазкур мубтани бар се шарҳе аст, ки номашонро баён намудем. Бештари авқот низ ҳамон гуна, ки дар шарҳи Ҷомӣ мушоҳид мешавад, аз шуруҳи мазкур иқтибос шудааст. Дар миёни касоне, ки барои густариши андешаҳои Ибни Арабӣ бештарин талошро кардаанд, қатъан бояд аз Қайсарӣ ном бурд, ки шарҳаш бар “Фусус” бо муқаддимае оғоз мешавад, ки ҳовии тавзеҳоти комиле аз тасаввуф аст. Ва пас аз ӯ, Кошонӣ дар канори таъвили Қуръон шарҳе бар “Фусус” навишт ва осори мутааддиди машҳуре дорад. Камтар касе бо шукуҳе монанди он чӣ Болӣ Афандӣ ва Ноблуси бар “Фусус” навиштаанд ва бисёре аз китобҳои Шаъронӣ, ки дар тафсири андешаҳои Ибни Арабӣ аст, ошно аст. Ин қабил китобҳо ҳеҷ гоҳ ҳамчун шуруҳе, ки зикрашон рафт шуҳрат наёфтанд.

Суннати мутолиъаи “Фусус” ва навиштани шарҳ бар дигар осори Ибни Арабӣ дар Эрон, аз замони Сафавия то имрӯз идома доштааст. Бо ин ҳол дар бораи ҷузъиёти ин иттилоъоти кофӣ, дар ихтиёр надорем. Дар Эрон дар саддаҳои ёздаҳум ва дувоздаҳуми ҳиҷрӣ шуюхе ба монанди Мулло Ҳасани Лубнонӣ, Мирсаид Ҳасан Толиқонӣ, Мулло Муҳаммад Ҷаъфар Ободаӣ, Сайид Ризо Мозандаронӣ, Мирзо Муҳаммад Қумшаӣ ва Мирзоҳошим Раштӣ зиндагӣ мекардаанд, ки муридонашон имрӯз дар қайди ҳаётанд. Бештари шуюхи номбурда дар мадорис ё манозили шахсии худ “Фусус”-ро тадрис мекарда ва бар осори Ибни Арабӣ ва Қунавӣ шарҳҳо менигоштаанд. Муҳимтар ин аст, ки

бигӯем шуюхи ёдшуда ҳомилони суннати шифоҳии таъолими сӯфиёна будаанд. Онҳо бо амалӣ кардани равишҳои руҳӣ ҳаёти ботинии ислом, бо мушоҳидот ва мукошафоти ҷадид мубтанӣ бар ҳақоиқи маънавӣ, муҷиби эҳёи наслҳо мешудаанд. Гурӯҳҳое, ки дар ин ҷо ба ихтисор дар мавридашон матолибе баён шуд, намояндаи ҷанбаҳои мухталифи густариш андешаҳои Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабон ва ба вижа Эрон будаанд. Гурӯҳҳои ёдшуда бо халқи осоре, ки ба меваҳои бо таъм ва роиҳаҳои гуногун мемонад ва бо муаррифии маҷмуаи осори ирфонии ин орифи бузург, дар густариши афкори ӯ дар Эрон ва манотиқи дигари ҷуғрофии ислом дар партавафшонии ва дафъи торикиҳо ва ибҳомҳо муассир будаанд. Каломи охир ин аст, ки Ибни Арабӣ ва назарияи ваҳдати вуҷуд ба аносири аслии ҳаёти руҳӣ ва маънавии ҷаҳони форсизабон мубаддал шудааст.

Тамоми шарҳу баёни маълумоти мақолаи Сайид Ҳусайн Наср дар боби дуюми диссертатсия инъикос ёфтаанд, аз ин рӯ, ба тафсилоти онҳо напардохта, ба он мегузарем. Бо ҳамин маълумоти муқаддимавӣ бо назардошти мавзуъҳои мавриди баҳс қаноатманд шуда, ба тавсиф ва тавзеҳи яке аз барҷастатарин асарҳои Ибни Арабӣ, - “Фусус ал-ҳикам”-, ки барояш шуҳрати ҷаҳонӣ овардааст, интиқол меёбем.

Хулосаҳои боби аввали рисоларо тахминан бо тартиби зайл метавон ҷамъбаст кард:

1. Маълумоти тарҷумаҳолии Ибни Арабӣ дар китоби “Ал-Футуҳот ал-маккия” он қадар муфассал оварда шудаанд, ки шакку шубҳаҳои хонандаро дар бораи шахсияти тавоно, нобиға будан, донишҳои энсиклопедӣ доштан, вусъати доираи донишҳои фарогир, фарқияти фавқулодаи эҷодӣ, зеҳният, хотираи фавқулода доштани ӯро куллан аз байн мебаранд. Танҳо ба хотир овардани теъдоди асарҳо, устодон, сафарҳою мулоқотҳо ӯ, бидуни шак ҳар касро ба ҳайрат меоварад ва хонандаро водор менамояд, ки бовар кунад, ки ӯ дар воқеъ ҳам шахсияти фавқулодда буда, дар шакли изҳори назар, баёни мавриди баҳс

ҳам аз сӯфиён фарқ мекунад ва ҳам аз файласуфон.

2. Агар овозаи шуҳрат ва хоҳиши мулоқоти Ибни Арабӣ бо файласуфи араб Ибни Рушд ва суҳбати кутоҳмуддати онҳо ба ҳақиқат наздик бошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар воқеъ ҳам ӯ шахсияти хориқулоддаест, ки дорои тарзи тафаккури ғайриоддӣ буда, аз мавқеи донишҳои ҳиссӣ, басирати қалбӣ-кашфӣ, шуҳудӣ, завқӣ – интуитивие муҳокима ва андешаронӣ мекунад, ки аз чашми одамони ғайри сӯфӣ, яъне одамони оддӣ пинҳон мебошанд.

3. Ибни Арабӣ, аз зумраи он мутафаккирони сӯфимазҳаби асрҳои миёна аст, ки аз ҳамасрони имтиёз дошта, бо низоми тафаккур, андешаронӣ ва таълифи осори худ, на танҳо бо забони махсуси нофаҳмо ва мушкилнависӣ, балки бо забони шарҳу баёни ҳолатҳои махсуси ирфони психологӣ ва таъбири хобҳои дидааш аз дигарон куллан фарқ мекунад.

4. Ибни Арабӣ тачрибаи динии аз сар гузаронидаи худро, яъне тачрибаи шахсии ҳолати вачд ва ҳолатҳои гуногуни равонии худро тавре шарҳ медиҳад, ки хонандаро дар ҳоли ачиб ё ҳайратоваре боқӣ мегузорад, ки худи ӯ дар гуфтаҳои худ куллан ҷои шакку шубҳаеро боқӣ намегузорад. Мисоли чунин даъвоҳо “хобҳои дидаи ӯ”, суханони худи ӯ дар бораи “имло шудан”-и “Фусус” аз ҷониби Худо ва савгандҳои ӯ ки “чизеро фикр накарда, танҳо бо имлои Худо” эҷод кардани онҳо ва ғайра шудан метавонанд, ки дар бораи таълифи ҳам китоби “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва ҳам “Фусус ал-ҳикам” овардааст, ки дар бораи онҳо ва муфассирони ин ду китоб дар диссертатсия муфассал сухан гуфтаем. Агар даъвоҳои ӯро дар бораи “хатми вилоят”, сафари руҳонӣ - ба меъроҷ рафтан, сайр дар оламҳои (афлок) осмонӣ, шиносшавии ӯ ба тамоми пайёмбарони ба замин фиристодашуда, ҳангоми зикр сухта шудани нерӯҳои ақлии ӯ, ҳулул, баъдан бо тадриҷ ба ҳолати пешин баргаштани ӯро ба хотир оварем ва тачрибаи ирфонии ӯро ба ҳақиқат наздик тасаввур карда, даъвоҳои ӯро аз гӯшаи “сафсатагӯӣ”, ҷунун ва ё девонагӣ наҳисобем, мо дар воқеъ ҳам бо сӯфие сару кор дорем, ки тачрибаи ирфонӣ барояш он оламеро ташкил медиҳад,

дар ҳақ будани он шахсан шакку шубҳае надорад ва бо он чи аз он ҳикоят мекунад, яқинан боварӣ дорад. Он чи ӯ ба хобҳои дидааш, сафарҳои рафтааш, ба меъроҷ рафтанаш, хотимат-ул-авлиё хондани худ, дорои маърифати асрор буданаш ва ғ. имони комил дорад. Ӯ талош дорад, ки хонанда маърифати завқии ӯро дар ягон шакл зери шакку шубҳа қарор надиҳад ва ба онҳо куллан бовар кунад.

5. Фарқияти байни донишҳои фалсафӣ, ки аз роҳи маърифати ақлӣ ба даст овардааст бо маърифати завқӣ, ки донишҳои худодод (мавҳабӣ) ва ладунӣ мебошанд, муқобил гузошта, талош мекунад, ки афзалияти донишҳои завқӣ, ҳақ будани ва афзалияти онҳоро нисбат ба донишҳои фалсафӣ собит созад.

6. Муҳаққиқони муосир сарфи назар аз методҳои таҳқиқотҳои худ ба мушкилоти зиёди луғавӣ, семантикӣ, сермаъноии калимаҳо, фаҳмишҳои гуногуни ибораҳо ва истилоҳоти сӯфиёна, ҳатто дар тарҷумаи мафҳумҳои алоҳида, сару кор мегиранд, дар аксари мавридҳо боиси таҳриф ёфтани таълимот, кажфаҳмиҳо ва ҳатто нодуруст шарҳ додани таълимоти Ибни Арабӣ гашта, дарки саҳеҳи маънои таълимоти алоҳидаро имконнопазир менамоянд. Чунин мисолҳо дар зерфаслҳои алоҳидаи диссертатсия нишон дода шудаанд.

7. Қисмати тарҷумаҳолӣ ва осори Ибни Арабӣ, ки дар тадқиқоти мо бар асоси асли арабии онҳо бар тарҷумаҳои форсӣ ва русии се китоби Ибни Арабӣ: “Ал-Футуҳот ал-маккия”, “Фусус ал-ҳикам” ва “Иншоа ад-давоир” такя мекунанд, бароямон имкон медиҳанд ба натиҷа биёем, ки муҳаққиқон дар самти шинохтани таълимоти мутафаккир муваффақ гаштаанд. Аммо сарфи назар аз тарҷумаҳои саҳеҳ ва илмии онҳо, мавқеъҳои ишғолкардаи муҳаққиқон дар таҳқиқи осори ӯ то андозаи муайяне хонандагонро аз дарки саҳеҳи маънои вожаҳо ва махсусан истилоҳоти алоҳидаи сӯфиёна мураккабу печ дар печ, дар аксар мавридҳо монеъ мегарданд. Дар ин самт тасаввуфшиносӣ, то ҷое расидааст, ки масалан, дар байни муҳаққиқони муосири русзабон (масалан тарҷумаи “Ал-Футуҳот ал-маккия”-и анҷомдодаи Кныш А. аз ҷониби Насыров

Р.) зарурат ба тарҷумаҳои наву дуввумбора рӯй оварданашон гардидааст. Масалан, агар қисматҳои гуногуни “Ал-Футуҳот ал-маккия” ки ибтидои солҳои навадум оғоз ёфта, тарҷумаи комили “Фусус ал-ҳикам” аз ҷониби Смирнов А. анҷом ёфта буд, солҳои охир аз нав дар тарҷумаи И. Р. Насыров [332], ба нашр мерасад, ки шакли тарҷумаи пурраи он шояд солҳои наздик дастраси хонандагон мегардад. Ҳамин сарнавишт низ тарҷумаи Кныш А.-ро низ интизор аст, ки аз мавқеъҳои ишғолкардаи муҳаққиқон дар дарку фаҳмиши таълимоти Ибни Арабӣ сахт вобаста мебошад. Ногуфта намонад, ки зери шубҳа гузоштани ин ва ё он тарҷума, на ба хотири нодурустӣ ва нуқсонҳо дар тарҷума, балки соддакунии тарҷумаҳо барои дарки осори Ибни Арабӣ анҷом мегиранд. Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки шарҳу баёни ин ё он асари мутафаккири асри миёнагӣ аз дарки хосаи андешаҳои худи муҳаққиқон буда, услубу равишҳои тадқиқотии хешро роҳандозӣ кардани онҳо чӣ дар самти соддагӣ ва мураккабии забони тарҷумашуда, чӣ дар самти дарки таълимоти Ибни Арабӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Сухан сари он меравад, ки оё таълимоти ваҳдати вуҷуди Ибни Арабиро метавон аз мавқеи пантеизм шарҳу баён кард ё не? Посухҳои “ҳа” ё “не”-и муҳаққиқонро чӣ гуна метавон шарҳ дод? Агар мувофиқат кунад, оё ин маънои онро надорад, ки андешаи пантеистии шарҳи олам ҳамон як ғояе мебошад, ки тафаккури фалсафии халқҳои алоҳида зимни раванди инкишофи худ бо тадриҷ ба ин марҳала омада мерасад?

8. Ниҳоят зиёд будани таълимоти дар асарҳои Ибни Арабӣ шарҳшаванда, аз як ҷониб, сабаби аз контекст кандашавӣ ва дуршавии мавзӯи мавриди баҳс аз ҷониби муҳаққиқон мегардад, ки ин корро услуби хосаи тарзи сабку баёни худи мутафаккир, пароканда ва ноаёншавии масъалаи мавриди баҳс гашта, асолати мантиқии онро вайрон мекунад. Ба қавли дигар, зимни баррасии як масъала, Ибни Арабӣ даҳҳо масоилеро ба миён гузошта, ба ҳаллу фасли онҳо мепадозад, ки масъалаи асосӣ, гӯё фаромуш шуда, хонанда гумон мекунад, ки андешаи муаллиф бо ҳамон маълумоти пешниҳод кардааш қонеъ гашта ё чизи дигаре

гуфтанӣ надорад, аммо муаллиф ногаҳон масъалаи ба миён гузоштаашро гӯё ба хотир оварда, онро бидуни муқаддамот ва шарҳу баёни иловагӣ аз нав ба миён мегузорад ва шарҳу баёни онро идома медиҳад. Дар натиҷа муҳаққиқ (ё хонандаи) асар ба шакку шубҳа ва иштибоҳ, кажфаҳмиҳо меафтад ва ё умуман бемаънӣ ҳисобидани андешаҳои Ибни Арабӣ оварда мерасонад.

9. Шарҳҳои гуногун ва ниҳоят зиёд, мухтасаркуниҳои матни асарҳо аз ҷониби худи мутафаккир ва шарҳҳо ва фаҳмишҳои зиёди матнҳои ниҳоят мураккаби Ибни Арабӣ дар миёни ҳалқаҳои сӯфиён ва махсусан аз ҷониби шогирдони сатҳи аввали мубаллиғони ваҳдати вуҷуд, масоили баррасишавандаро тобиши фалсафӣ дода, фаҳмиши бе ин ҳам мураккаби онҳоро боз ҳам мураккаб гардонид. Албатта ин нуктаро ҳам набояд фаромӯш кард, ки сатҳи донишҳои забони арабидонии муҳаққиқон ҳам дар дарк ва фаҳмиши осори қариб ба забони классикӣ баробар, мустақиман таъсир мерасонад. Агар саъю талош намоем, ки ба сирру асрори мураккаб ва печиданависиҳои Ибни Арабӣ сарфаҳм равем, шояд ягона роҳи ёфтани посух ба он зеҳнияти фавқулодаи ӯ бошад, ки дидаву дониста ин услуби баёнро пеш гирифта бошад ва ё ба содданависӣ одат накардани “нобиға”-ҳое мисли Ибни Арабӣ бошад.

10. Таъвили оятҳои Қуръон низ услуби дӯстдоштаи муаллифоне аз қабили Ибни Арабӣ аст, ки бисёр ҷараёнҳои динӣ, махсусан, дар байни пайравони исмоилия, ихвону-с-сафо ва ғ. аз он зиёд истифода мебурданд. Оид ба шарҳҳои теъдодан зиёди “Фусус ал-ҳикам” (зиёда аз 150 шарҳ) ҳамин нуктаро бояд шарҳ диҳем, ки ба истиснои тавсифҳои дар диссертатсия оварда шуда, ки он ҳам танҳо ба хотири маълумот пешниҳод гардид, омӯзиши амиқтар ва фарогирии онҳоро тақозо мекунад. Итминон аст, ки ин самт низ солҳои наздик оғоз меёбад ва муҳаққиқон имкон меёбанд, ки ба “чуну чароҳо”-и зиёди таълимоти Ибни Арабӣ (ҳатман, ки баъди анҷом ёфтани таҳқиқот, тарҷумаҳо ва нашри онҳо) мегарданд. Беҳтарин муҳаққиқони ин соҳа шинохти осор ва таълимоти Ибни

Арабиро пешаи худ қарор додаанд.

Пас аз тавзеҳоти болоӣ дар бораи вижагиҳои дар бораи барҷастатарин асари Ибни Арабӣ “Фусус ал-ҳикам”, шарҳи муҷази шореҳон, вокунишҳо дар баробари мутафаккир ки дар воқеъ ҳам бо эътирофи аксари мутлақи муҳаққиқон ва мухолифону ҳомиёнаш, метавон ӯро доиратулмаорифи тасаввуфи исломӣ ҳисобид, ки метавон ба боби дигари таҳқиқ оғоз намуд.

БОБИ 2. “ФУСУС АЛ-ҲИКАМ”-И ИБНИ АРАБӢ ВА ШАРҲҲОИ АСРИМИЁНАГИИ ОН”

2.1 “Фусус ал-ҳикам” – муҳимтарин асари фалсафии Ибни Арабӣ

Борҳо такрор намудаем, ки дар миёни осори Ибни Арабӣ ду китоби ӯ “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “Фусус ал-ҳикам” ҷойгоҳи хоса доранд. Баъзк муҳаққиқон “Фусус ал-ҳикам”-ро “васиятномаи фикрӣ ва ақидатии Ибни Арабӣ” [39, С. 30] хондаанд. тарҷумаи фарансавии онро Т. Буркҳарт анҷом додааст.

Садриддин Муҳаммад ибн Исҳоқ ал-Қунавӣ (ваф. с 1274) аз зумраи шогирдон ва тарбиягирифтагони Ибни Арабӣ мебошад, ки модараш баъди вафоти падараш ба Ибни Арабӣ ба шавҳар баромада, тарбия ва парваришаши писари дӯсташро ба ӯҳда гирифтааст. Қунавӣ аз аввалин муридони Ибни Арабист, ки андешаҳояшро тибқи талаботи шариат мураттаб намуда, онҳоро шарҳу баён намудааст. Ӯ аввалин шуда ба асарҳои Ибни Арабӣ шарҳҳое ба мисли “Мифтоҳ ал-ғайб” («Калиди олами ғайб»), “Расоил ан-нусус” («Рисолаҳои равшан»), Факук («Ҷудокунӣ») ва “Нафаҳот илоҳия” («Нафасҳои илоҳӣ») ва ғ.-ро навиштааст. Фахриддин Иброҳими Ироқӣ (ваф. с 1289 г.) аз шогирдони шаҳири мактаби ӯ буда, дар дарсҳои Садриддин ба омӯзиши китобҳои Ибни Арабӣ - “Фусус ал-ҳикам” ва “Ал-Футухат ал-маккия” - машғул будааст. Ӯ дар ин давра китоби машҳурашро бо номи “Ламаъот” тибқи услуби Ибни Арабӣ иншо намуда, андешаҳои ирфонии устодони худ Садриддини Қунавӣ ва Ибн ал-Арабиро шарҳу баён намудааст.

Ба истиснои баъзе донишмандони фиқҳ ва ҳадис мисли Ибни Таймия ва Ибни Қайим ал-Ҷавзи,[14] ки ошкоро ба муқобили таълимоти Ибни Арабӣ баромада буданд, баъзе сӯфиёне аз қабили шайх Алоуддавла ас-Симнонӣ (ваф. с 1337) низ баромада, андешаҳои ваҳдати вуҷудии ӯро дар мукотиботаш бо

[14] Ибн ал-Қаййим ал-Ҷавзия (ваф. 1350) –донишманд, фақеҳ, муҳаддис ва яке аз асосгузорони салафия. Ном ва кунияи пурраи ӯ -Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абубакр ибни Айюб буда, ӯ тақлиди куркуронаро инкор карда, талаб мекард, ки дар ҳама масоили ҷаҳонбинӣ ва фиқҳӣ ба далелҳои сарчашмаҳои исломӣ муроҷиат намоянд.

ҷонибдорони таълимоти ӯ, шайх Абдурраззоқ Кошонӣ[15] ба баҳсу мунозира баромадааст. Ин матнҳо дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ “Нафаҳоту-л-унс” [63] маҳфуз мондаанд.

Муҳимтарин асарҳои Ибни Арабӣ китоби ирфонии ӯ – “Фусусу-л-хикам” мебошад, ки муҳаққиқон онро шарҳи мухтасари таълимоти Ибни Арабӣ ҳисобидаанд, ки дар он андешаҳои ваҳдати вуҷудии ӯ возеҳу равшан баён шудаанд. Аммо ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки забони ин асар мураккаб буда, барои ҳама хонандагон ва муҳаққиқон дастрасу фаҳмо нест. Аз ин рӯ, ба шарҳу баёни иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар “Фусусу-л-ҳикам” равиши хосаи Ибни Арабӣ аз он иборат аст, ки ӯ оят ва ё ҳадисеро ба сифати мисол баргузида, онро таъвил карда, андешаҳои худро дар шакли усули машҳури донишмандони мактаби Искандария Филон ва Ориген муҳокимаронӣ мекунад. Чунин муҳокимаронҳо барои фаҳмидани матлаби он ва аз ҳама бадтараш шарҳу баён ва қабулу дарки хонандаи онҳоро ниҳоят мураккаб гардонида, аксари ҳолатҳо хонандагонро ба иштибоҳ меандозад. Андешаҳои сӯфиёна-ирфонии ӯ дар ин асар ба мавзӯи мураккабтарин ва амиқтарин фалсафаронҳо табдил меёбад, ки таваҷҷуҳи хосаи мутахассисонро тақозо мекунад. Дар забони муаллиф истилоҳоти сершумори динӣ-фалсафӣ, истиораҳо, тафсирҳои ҳарфӣ, суханҳои сермаъное ба чашм мерасад, ки арзиши маъноии муҳтавои онро кам мекунад, аммо агар аз ин маъноҳои истилоҳот дур шавем, сарфаҳм рафтан ба маънои ҳақиқии он тамоман номумкин мегардад.

Бисту ҳафт фасле, ки дар “Фусусу-л-ҳикам” - “фас” (санги қиматбаҳо барои ангуштарӣ) номида шудаанд, ҳар кадоме ба яке аз расулон ва пайёмбарон (“набӣ”), баъзан дар мувофиқа бо матни Қуръон ва баъзан тибқи маълумоти дигар сарчашмаҳо нуктаи итлоқии андешаҳои Ибни Арабиро ташкил медиҳанд.

[15] Ал-Кошонӣ (ё ал-Кошӣ), Камолиддин Абдурраззоқ ибни Аҳмад (ваф. 1329) – сӯфӣ ва муфассири машҳури китобҳои “Латоиф ал-аълом фи ишрот аҳл ал-илҳом. Теҳрон: Мероси мактуб, 2000” («Нозукиҳои маърифат») ва муаллифи китоби машҳури “Истилоҳот ас-суфийа” Қоҳира, 1981 ва ғ.

Ҳар фасл тибқи тартиби анъанавии силсилаи нубувват (аз Одам то Муҳаммад - З.И.) паи ҳам омадаанд. Дар заминаи ривоятҳо ва таҳти ҳиҷобҳои рамзӣ Ибни Арабӣ дар бораи пайёмбаре нақл мекунад, ки ҳамин фасл махсус ба ӯ бахшида шудааст. Амалан ҳар як ривоят саҳнаест, ки муаллиф нақши махсус ва нақши маърифати ҳар як пайёмбар (наби) –ро инъикос мекунад. Ҳар як пайёмбар ҳамчунон ки дар “Фусус” тавсиф ёфтаанд, ба сифати “инсони комил” - е баромад мекунад, ки ҳар кадоме тибқи табиати худ ба сатҳи муайяни рисолати худ дар роҳи маърифати ҳақ расидааст. Масалан, Одам таҷассуми хилофати инсонӣ, аммо Айюб таҷассуми инсонест, ки гирифтори азобу имтиҳони илоҳӣ қарор дода шудааст, аз ин рӯ, байни ӯ ва Ҳақ ҳиҷобе барқарор буд. Ибни Арабӣ ин масоилро шарҳ дода, даст ба таъвили оятҳо ва ҳадисҳо мезанад ва тибқи андешаи худ хулосабарорӣ карда, амалан бо забони қалб сухан мегӯяд.

“Фусусу-л-ҳикам” - асари барҷастатарини Ибни Арабӣ дар соҳаи тасаввуф ва ирфон буда, ба эътиқодот ва ҷаҳонбинии сӯфиёни ҳамаср ва минбаъда таъсири фаровон гузоштааст. Дар ин асар Ибни Арабӣ таълимоти “ваҳдати вуҷуд”-ро дар шакли хеле возеҳу равшан шарҳ додааст. Дар шарҳу баёни ин таълимот ӯ аз сарчашмаҳои гуногун: Қуръон, ҳадис, калом, фалсафаи машшоия ва ишроқ, афкори масеҳӣ ва яҳудия ва ҳамчунин таҷҳизоти мафҳумии исмоилия, “Ихвону-с-сафо” ва сӯфиёни мутақаддам истифода бурдааст.

Ба ибораи дигар, Ибни Арабӣ баъд аз худ махзани ғояҳо, истилоҳоти махсуси сӯфиёна ва ибораҳоеро ба мерос боқӣ гузоштааст, ки ба тамоми ҷабҳаҳои афкори сӯфиёна таъсири амиқ расонида, тасаввуфро мазмуни фалсафӣ додааст. Аксари сӯфиёни минбаъда дар ин ва ё он сатҳ аз ғояҳо ва истилоҳоти ӯ истифода бурдаанд. Сарфи назар аз он ки дар ин ҳадафи асарҳои Ибни Арабӣ “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “ад-Дивон ал-кабир” барояшон манфиатноктар буданд, “Фусусу-л-ҳикам” дорои таъйинот ва рисолати хоса буда, мағзи таълимоти Ибни Арабӣ, хулосаи фалсафаи сӯфиёнаи “ваҳдати вуҷуд”-ро ташкил медиҳад. Равиши шарҳи андешаҳо ва усули навишти ин китоб мураккаб

буда, дар аксари ҳолатҳо маънои андешаҳои муаллиф нофаҳмо, дар зери ҳиҷоб ва пардапӯшона боқӣ мемонад, ки минбаъд он бо тадриҷ кушода шуда, аз зери сояи истилоҳоти махсуси ирфонӣ берун мебароянд. Равшан аст, ки ин адешаҳо зери таъсири илҳом ва завқи сӯфиёна гуфта шудаанд. Ҳамчунон ки аз муқаддимаи асар ва баъзе фаслҳои “Фусусу-л-ҳикам” бармеояд, муаллиф итминони комил дошт, ки ин асар бо имлои худи пайёмбар ҳангоми дар хоб буданаш соли 627/1230 дар Димашқ таълиф ёфтааст, ки худи Ибни Арабӣ дар китобати он танҳо ба сифати шореҳ иштирок мекунад. Дар воқеъ ҳам “Фусусу-л-ҳикам” (мисли “Ал-Футуҳот ал-маккия”) шарҳу баёни кашфҳо ва илҳомҳои сӯфиёна ҳастанд, ки ба Ибни Арабӣ аз олами ғайб дастрас гардида, андешаҳои шахсии худи ӯ намебошанд. Ҳамин тариқ, бо итминон метавон гуфт, ки “Фусус ал-ҳикам” - комилтарин ва пурмуҳтавотарин асари Ибни Арабӣ мебошад, ки дар он имкони мутобиқ гаштани фалсафаи интуитивиро бо муҳокимаҳои ақлӣ исбот намудааст.

Дар масъалаи баҳодиҳӣ ба арзиши адабии асарҳои Ибни Арабӣ андешаҳои муқарризон бо ҳам мувофиқат надоранд, сарфи назар аз он ки аксари мунаққидонаш услуби баёни ӯро таърифу тавсиф намудаанд. Услуби баёни Ибни Арабӣ дорои чунин афзалият аст, ки хонандаро аз суханҳои зиёди пучу холӣ озод карда, ӯро водор мекунад, ки дар олами маъонӣ ғарқ гардад. Аммо сатҳи аз ҳад зиёди маъниофарӣ баъзе ҷойҳои таассуроти “ғомиз” ва норавшанро бар ҷой мегузоранд, ки ба шарҳу тафсирҳои маҷозӣ-тамсилӣ (рамзӣ, истиоравӣ) ва мураккаб эҳтиёҷ доранд. Ҳар касе хоҳиши фаҳмидани гуфтаҳои ӯро дорад, бояд дақиқан бо услуби шинос шуда, барои танқид кардани ӯ саросема нашавад.

Ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки Ибни Арабӣ тасаввуфро бо мазмуну мундарҷаи фалсафӣ саршор сохт. Фалсафаи Ибни Арабӣ аз мақсаднок мувофиқ гардонидани ҷаҳонбинии ашъариён бо фалсафаи искандаронӣ-навфлотунӣ ва таъсири каму беши масеҳият иборат аст. Андешаҳо оид ба таълимоти ирфонии “ваҳдати вуҷуд”, ки ҷавҳари таълимоти ӯро ташкил медиҳанд, бар ин андеша

бунёд ёфтааст, ки “*вуҷуд”* Ҳақиқӣ, Ягона (Воҳид) ва Азалӣ мебошад. Албатта, бидуни шакку шубҳа ин Воҳид (Ягона) ва Азалӣ - Худо аст. Ҳамин тариқ, олам худ ба худ дорои вуҷуди мустақил ва ҳақиқӣ доштан наметавонад ва ин ваҳму хаёли маҳз аст. Аммо вуҷуди ҳақиқӣ Воҳид (Ягона) аст. Олам бо тамоми ихтилофҳо ва зиддиятҳои дар он мавҷуд буда, дар шакл ва зуҳуроташ ба сифати маҷмӯи мазоҳири мухталифи Ҳақиқии Воҳид (Ягона) баромад мекунад, ки ин вуҷуди илоҳӣ, яъне Худо мебошад. Тамоми ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ бар ин тасдиқот бунёд ёфтаанд, ки зербинои методи фалсафии ӯро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, набояд дар бораи ду шакли аз ҳам ҷудои шаклҳои вуҷуд сухан гуфт, ки яке аз онҳо Холиқ ва дигаре Махлуқ (халқ, офаридашуда) бошад. Баръакс, бояд ҳастии Вуҷуди Воҳидеро эътироф кард, ки ҳам Холиқ аст ва ҳам Халқ ва дар миёни онҳо зиддиятҳо ва ихтилофҳои ҷиддӣ вуҷуд надоранд. Ин ҷо табиист, ки суоле пайдо мешавад, ки пас чӣ гуна метавон пайдошавии оламро шарҳ дод, ки он ҳам (бо чашм) дида ва ҳам (бо аъзоҳои ҳисс) эҳсос шуда, нақд будани онро наметавон инкор кард? Агар Вуҷуди Ҳақиқӣ Воҳид (Ягона) бошад, пас, тафоввути байни “қадим” ва “ҳодис” дар чист ва чӣ гуна дар олам ҳодисаҳое пайдо мешаванд, ки ҳанӯз дар қайди ҳастӣ вуҷуд надоранд ва онҳо чӣ гуна либоси мавҷудиятро хоҳанд пӯшид?

Посухи Ибни Арабӣ ба ин гуна масоил он аст, ки вуҷуд бидуни қайду шарт ҳақиқӣ ва воҳид буда, вай пайдошавӣ, касрат ва ваҳдат надорад. Ин вуҷуди Ҳақиқӣ аз ҳамон худи Зоти Ҳақ иборат аст, ки азалӣ вуҷуд дорад, аммо олам бошад вуҷуди воқеӣ надошта, намуна ва танҳо ваҳму хаёл мебошад. Вуҷуди Ҳақиқӣ танҳо вуҷуди Зоти Ҳақиқӣ аст. Аммо, ба андешаи Ибни Арабӣ, ин Ҳақиқати Воҳид, ки Вуҷуди Ҳақиқӣ мебошад, дорои таҷалии азалӣ аст, ки онро ӯ “Файзи ақдас” номида, онро ҳамчун зуҳуроти Зоти Ҳақиқӣ дар шакли тамоми мумкиноти мавҷуда тавсиф менамояд. Ин шаклҳои мумкиноти мавҷударо Ибни Арабӣ зуҳуроти ақлие медонад, ки аз вуҷуди объективӣ маҳруманд; онҳо ҳамон чизҳое ҳастанд, ки Ибни Арабӣ онҳоро “ал-аъён ас-собита фи-л-адам”

номидааст; ӯ боварӣ дорад, ки онҳо шаклҳои мавҷудоти мумкина мебошанд, ки дар илми илоҳӣ ба мисли афкори дар ақли инсон вуҷуддошта муқаррар мебошанд (ки онҳо аз рӯи зарурат ба вуҷуд омадаанд) ва дар айни замон новуҷуданд (адам) ва аз вуҷуди зоҳирӣ маҳруманд. Ба ҳар ҳол, ин "аъёни собита", ба андешаи Ибни Арабӣ, дорои аҳамияти муҳиманд, зеро ба қавли ӯ, Худо бо илми худ тамоми ҳолатҳои оламро тавассути онҳо (яъне, "аъёни собита"- З.З) дар бар мегирад. Вай тамоми зуҳуроти мавҷудоти мумкинаро дар асоси илми худ дар бораи ин аъён аз доираи онҳо берун набаромада, эҷод мекунад. Аммо, ба андешаи Ибни Арабӣ, ин "аъёни собита дар адам" аз соҳаи олами маъқул (соҳаи ақлӣ) мебошанд, ки минбаъд дар олами маҳсус пайдо хоҳанд шуд. Ин зуҳуроти "Файзи муқаддас" мебошад. Ибни Арабӣ мутмаин аст, ки дар олами вуҷуд чизе вуҷуд надорад, ки дар марҳалаи зоҳиршавии худ ҳолате дошта бошад, ки ҳолати мушобеҳи олами "аъёни собита" муқобил бошад. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, ҳастие, ки Вуҷуди Воҳид (ягона) мебошад, амалан чизи дигаре ҷуз Вуҷуди Ҳақиқӣ нест, ки дорои ду "файз" ва ду "таҷаллӣ" мебошад: яке аз онҳо "Файзи Ақдас" мебошад, ки тавассути он "аъёни собита дар адам" барқарор мешаванд, аммо дигараш – "Файзи муқаддас" аст, ки тавассути вай "аъёни собита фи-л-адам" барқарор шуда, дар олами эҳсосшаванда (маҳсус) зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, Зоти ҳақ тавассути он файзе (эманатсияе), ки "Файзи ақдас" номида мешавад, "аъёни собита"-ро дар адам барқарор мекунад ва бо воситаи файзе, ки "Файзи муқаддас" номида мешавад, ин "аъёни собита"-ро аз адам ба олами зуҳурот интиқол медиҳад. Ибни Арабӣ амали (акт) пайдошавии олам ("Ҳудус")-ро шарҳ дода, эълом менамояд, ки амалан вуҷуд – ин Ҳақиқати воҳид мебошад. Агар мо аз мавқеи мазоҳир (ҷои пайдошавии) ба вуҷуд назар афканем, он гоҳ метавонем онро (вуҷудро) дар шаклҳои гуногун мушоҳида намоем, ки маҳз ҳамин шаклҳои гуногуни вуҷудро "офариниш" (халқ) меноманд. Вале агар ба ин Вуҷуди Воҳид аз мавқеи Зот ва Ҳақ нигоҳ кунем, пас метавон ҳама ин гуногуншаклиро воҳид (ягона) дид ва ҳамин вуҷуди Воҳид ба сифати таҷассуми

Ҳақ эътироф мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, олам, ба андешаи Ибни Арабӣ, дар ҳоли офарида шудани он (халқ), бигзор ки ба Ҳақ баробар ва айният ҳам надошта бошад, вале чизе нест, ки аз Ӯ дур бошад, мисли он ки Ҳақ аз халқ ҷудо нест, ба қавли худи муаллиф: «Субҳон таъоло ашёеро халқ кардааст, ки онҳо айни Ӯ мебошанд». Ваҳдати ёдшудаи Ҳақ ва ашё, аз дидгоҳи Ибни Арабӣ, ба халқ (махлуқот) иҷозат медиҳад, ки нисбат ба Ҳақ ишқ варзад, зеро тафоввути байни Халқ ва Ҳақ (танҳо дар соҳаи ақл ба чашм мерасад), аммо Воҳид (ягона) буданаш воқеӣ аст. Илова бар ин, ҳар як мавҷуд нисбат ба ҳамҷинсони худ муҳаббат варзида, ба онҳо майд дорад, аз ин рӯ, сабаби мавҷудияти кашишу ҷаззабаи байниҳамдигарии онҳо дар тамоми олам низ дар ҳамин пинҳон аст. Ин чунин маъно дорад, ки муҳаббат ба Ҳақ ва муҳаббати илоҳие, ки сӯфиён аз он сухан гуфтаанд, ба соҳаи ғайриақлӣ (ирратсионалӣ) дохил намешавад. Ин андешаи барои Ибни Арабӣ асосӣ, эҳтиёҷ ба шарҳу баёни махсус дорад, ки таҳқиқи он аз доираи ин мақсадҳои рисола берун аст.

Андешаҳо дар бораи “ваҳдати вуҷуд”, ки ҷавҳари назарияи Ибни Арабӣ мебошад, аз ҷониби донишмандони соҳаи фиқҳ ва калом мавриди интиқоди шадид қарор гирифтаву ҳоло ҳам идома дорад. Сарфи назар аз ин осори Ибни Арабӣ дар байни орифон ва ҷонибдорони тасаввуф (махсусан дар Эрон ва Осиёи Хурд) дастгирӣ ёфта, интишор ёфт.

Шавқу рағбати сӯфиён ба шакли маҷозии шарҳу баён ҳамчун воситаи шиддати фалсафаи интуитивӣ бо шариат, ахлоқи исломӣ ва анъана баромад мекард. Сӯфиён, ба мисли дигар гурӯҳҳо ва ҷамоаҳои мазҳабӣ бо муқаррароти возеҳ ва якмаънои шариат, ки ба эътиқодоти онҳо мухолифат дошт, муқобил буданд, рӯ ба рӯ шуда, талош мекарданд, ки ин зиддиятҳоро бартараф намоянд ва онҳоро рамзомезона (маҷозӣ-рамзӣ) шарҳ медоданд [40, Ҷ. 2, С.428].

Чунин равиш нисбат ба дигар халқҳо ва ҷомеаҳо низ ҳамчун далелу бурҳони исботи ҳаққонияти эътиқодҳои худ ва ё барои ҳақ баровардани андешаҳое, ки зоҳиран ба далелҳои ақл мухолифат доштанд, ҷо доранд. Ин

равишро ҷонибдорони Филони Яҳудӣ[16] зимни ташреҳи Тора ва зиндиқиёни мазҳаби зардуштӣ (санавия) дар тафсири Авасто истифода бурдаанд. Дар миёни мусулмонон чунин равишро баъзе мазҳабҳое аз қабили ҷаҳмия[17] (барои инкор намудани имкони зиндашавии ҷисмонии одамон дар он дунё), муътазилиён (барои инкор намудани дидор бо Худо барои солеҳон), ботиниён (ё исмоилиён) ва Ихвон ас-сафо (барои инкор кардани истифодаи ақлгароӣ ва шариат) - ҳамаи онҳо оятҳои Қуръон ва ҳадисҳоро дар маънии рамзӣ-маҷозӣ шарҳу баён намудаанд. Ҳатто ашъариён, ҳамчунин имом Ҳанбал низ, ба чунин тафсирҳо муқобил набаромада буданд. Ғазолӣ ва аксари муфассирон шарҳу баёни рамзӣ-маҷозиро роҳи ҳалли ягонаи баъзе масоили динӣ меҳисобиданд. Ин дар ҳоле буд, ки ҳашвия ва зохирия ба чунин шарҳҳо ризоят намедоданд. Ибни Тайимия ҷонибдорони таъвилро, ба гурӯҳҳои қарматия, ботиния, собеия[18] ва файласуфон дохил карда буд. Аммо имоми ҳанбалӣ - Муваффақуддин Абдуллоҳ ибни Қидам (ваф. 1223) китоберо бо номи “Замм ал-та’вил” («Дар мазаммати таъвил») таълиф намудааст.

Сӯфиён, ба мисли ботиния ва Ихвон ас-сафо, дар аксари ҳолатҳо ба таъвил рӯй меоварданд ва ин кори онҳо истисноӣ набуд. Ривоятҳое вуҷуд доранд, ки сӯфиёни мутақаддам (Шоҳ Кирмонӣ, Абубакр Воситӣ, Шиблӣ ва диг.) низ ба таъвили оятҳои қуръонӣ машғул буданд. Дар китоби “Асрору-т-тавҳид” ишораҳое вуҷуд доранд, ки шайх Абу Саъид ҳангоми тафсири оятҳои Қуръон ба таъвил муроҷиат менамуд. Дар тафсири Саҳл ибни Абдуллоҳ ат-Тустарӣ дар бораи таъвили оятҳо сухан рафтааст [34, С. 18]. Ин ҳолатҳо дар дигар тафсирҳо низ аз қабили “Ҳақоиқу-т-тафсир”-и ас-Суламӣ, “Латоифу-л-

[16] Филони Искандаронӣ (Филони Яҳудӣ) (наз. соли 25 то м. - наз. соли 50 м.) - намояндаи машҳури эллинизми яҳудӣ, ки маркази он ш. Искандария ба ҳисоб мерафт; илоҳиётшинос, мубаллиғи яҳудия ва мутафаккири динӣ, ки бо таълимоти худ оид ба логос ботинигарии худ дар илоҳиётшиносӣ таъсири бузург расонидааст.

[17] Ҷаҳмия – мазҳабест дар мактаби ҷабрия, ки тарафдори тақдири илоҳӣ дар тамоми ҷараёнҳои олам ва аз ҷумла инсонро ҷонибдорӣ мекард. Номи он аз номи муассиси он Ҷаҳм ибни Сафвон (ваф. 745) гирифта шуда, исбот мекард, ки биҳишту дузах бошишгоҳи муваққатии одамон буда, Қуръон махлуқ аст, имкони дидор бо Худоро дар биҳишт инкор мекард.

[18] Собеия - дини қадимаи қабилаҳои араб, ки асоси онро ибодат ё парастиши ситораҳо ва таълиҳи ахтарон ташкил медод.

ишорот”-и ал-Кушайрӣ ва “Ароису-л-баён“-и Буқлӣ ва диг.[19] низ анҷом ёфтааст [34, С. 18]. Иловатан метавон ба суханони Садриддини Қунавӣ дар бораи таъвили сураи “Ал-Фотиҳа” ва тафсири Абдурраззоқи Кошонӣ низ ишора кард. Дар андешаҳои Ҷалолиддини Румӣ, зоҳири Қуръонро ба шахсияти инсон, «нишонаҳои он маръӣ (дидашаванда) ва нафс номаръӣ (диданашаванда) мебошанд», ҷонибдори таъвил будани ӯ дар “Маснавӣ” борҳо ба чашм мерасад. Сӯфиён ҳам барои ҳадисҳои қудсӣ ва набавӣ ва ҳам барои шарҳи шатҳиёт шайхони худ аз таъвил зиёд истифода мебурданд.

Яке аз мавзӯҳои муҳими тадқиқи осори Ибни Арабӣ масъалаи таъсири таълимоти ӯ ба тақдири минбаъдаи анъанаи ирфонӣ мебошад. То ҳанӯз бархе аз муҳаққиқони ғарбии мероси Ибни Арабӣ майл доранд, ки марҳалаҳои асрҳои IX – ибтидои асри X –ро замоне, ки сӯфиёни барҷастае аз қабили Абӯязиди Бисṭомӣ, Ҳаллоҷ, Абӯлҳусайни Нурӣ ва Ҷунайд зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ҳамчун лаҳзаи авҷи тараққиёти тасаввуф ва таърихи минбаъдаи онро ҳамчун раванди бо тадриҷ пайдошавии таҷрибаи ирфонии махсус дар андешаҳои теософии Ибни Арабӣ, баррасӣ кунанд. «Дидгоҳи анъанавии ғарбӣ аз он иборат буд, ки ӯ (Ибни Арабӣ – З.З.) аз пантеизми исломӣ ва ё тавҳид (монизм) намояндагӣ карда, бо назарияҳои монистии худ сабаби он гардид, ки тасаввурот дар бораи Худо ҳамчун нерӯи зиндаи фаъол вайрон шавад, дар натиҷа, дар маънои васеаш барои заволёбии ҳаёти динии исломӣ масъул мебошад» [302, С. 208]. Ба андешаи Л. Масинён: «дар заволёбии маънавиёт дар тасаввуф монизми назарӣ ва ақлгароии Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ дар саъю талошашон барои ақлонӣ кардани тасаввуф нақши манфӣ бозида, тасаввуфро аз моҳияти аввалаи худ, ки дар заминаи таассуроти шахсӣ ва мустақим бунёд меёфт, маҳрум гардониданд» [399, P. 315].

Аз ҷониби дигар, як қатор исломшиносони муосир мероси эҷодии Ибни Арабиро ҳамчун олитарин марҳалаи инкишофи ирфони назарӣ баҳогузорӣ

[19] Рӯзбеҳон, Бақлии Шерозӣ (ваф. 1209 ё 1210) - сӯфии машҳури эронӣ.

кардаанд. Масалан, Сайид Хусайн Наср асарҳои Ибни Арабиро ҳамчун: «хулосаи назарияҳои коркарди пешгузаштагони ӯ, аз ҷумла мутафаккирони сӯфимашраб мешуморад» [302, С. 208] ва худи ӯро “сӯфии бузург” («giant of Sufism») номидааст [402, P. 137].

Т. Ибрагим таъкид мекунад, ки «дар вуҷудия, ки муассиси он барҷастатарин мутафаккири сӯфимашраб Ибни Арабӣ (1165-1240) мебошад, анъанаи иманентии тасаввуфи ғайриҳаннотонаи (спекулятивӣ), самтгирӣ ба сӯи тақарруби ирфонӣ-равонӣ бо Худо, дар пантеизми фалсафӣ ба авҷи тараққиёти худ расидааст»[313, С. 82]. Ба андешаи Смирнов А.В. бошад: «низоми фалсафии Ибни Арабиро бояд ҳамчун нуктаи гардиши қатъӣ, зимни таҳаввулёбии фалсафаи асри миёнагии арабӣ бояд фаҳмид, зеро бо вай нерӯҳои билқувваи инкишофи эҷодии афкори фалсафӣ дар Шарқ интиҳо меёбанд, ки дар заминаи парадигмаи асри миёнагӣ бунёд ёфта буданд»[249. С. 126].

Аз назари Садыков И. бошад, эътироф намудани мероси эҷодии Ибни Арабӣ ҳамчун таҷассуми музаффариятҳои афкори динӣ-фалсафии гулгулшукуфии ҷомеаи исломӣ набояд асоси он ҳисобида шавад, ки анъанаи ақлии минбаъда дар кишварҳои мусулмонӣ танҳо иборат аз шарҳу тафсири таълимоти мутафаккирони давраи “тиллоии” тамаддуни исломӣ баҳогузорӣ шавад (IX-XIII).

Ибни Арабӣ теъдоди зиёди асарҳоеро ба мерос мондааст, ки дар онҳо ҳалли масоили нодири масоили метафизикӣ, гносеологӣ ва ахлоқӣ вуҷуд доранд. Таҳқиқи асарҳои ӯ моҳиятан ба як самти мустақили исломшиносӣ табдил ёфтаанд, аммо таҳаққуқи ин вазифа саҳлу осон намебошад. Донишмандон бояд корҳои зиёдеро ба анҷом расонанд, ки дар бораи мероси хаттии ӯ тасаввуроти комил ба даст оваранд. То ҳанӯз ҳам теъдоди аниқи асарҳои ӯ вуҷуд надорад, барои ҳамин ҳам теъдоди онҳо аз байни рақамҳои 800 ва 300 калавиш доранд.

Муҳаққиқи муосири мисрӣ Усмон Яҳё тарҷумаи ҳоли ӯро омухта,

муқаррар намуд, ки теъдоди асарҳояш зиёда аз 800 асар мебошанд [404]. Тамоман табиист, ки ин рақам дар самти камшавӣ аз ҳисоби истисно кардани асарҳои апокрифӣ, бояд тағйир ёбад. Муҳаққиқи лубнонӣ Муҳаммад Абд ар-Раҳмон ал-Маръашлӣ тасдиқ мекунад, ки: «тақрибан дар бораи 400 асари аслӣ метавон сухан гуфт, ки ба қалами худи Ибни Арабӣ тааллуқ доранд»[40, С. 13]. Ҳаҷми асарҳои ӯ мухталиф мебошанд, масалан китоби "Ал-Футуҳот ал-маккия" аз якчанд ҷилдҳои бузургҳаҷм иборатанд, вале "Иншоа ад-давоир" бошад, бештар ба ёддошт (конспект) шабоҳат дорад.

Ҳамчунон ки қаблан ёдовар шудем, "Фусус ал-ҳикам"-и Ибни Арабӣ яке аз асарҳои беҳтарин ва машҳуртарини худро низ дар Димашқ таълиф намудааст, ки дар он ҷо аз соли 1223 то вафоти худ, (то соли 1240) дар он зиндагӣ кардааст. Аз миёни асарҳои ӯ маҳз ҳамин китоб таваҷҷӯҳи ҳаводорони истеъдоди ӯро бештар ҷалб намудааст. Ин асар ба мавзӯи шарҳҳои зиёди шогирдони ӯ (зиёда аз 50 шарҳ) аз қабили шарҳҳои Ṣадриддин Қунавӣ, Муъайаддин Ҷандӣ, Довуди Қайсарӣ, Абдулғанӣ ан-Наблусӣ, Ҳайдари Омулӣ ва диг. гардидаанд, ки аксари онҳо то ҳанӯз ба нашр нарасидаанд.

Шарҳи Садриддини Қунавӣ бо номи **"**ал-Фукук фӣ асрор мустанадот ҳикам ал-фусус" (Шарҳи асрори аркони ҳикматҳои Фусус ал ҳикам) солҳои наздик дар Эрон ба нашр расиданд [51]. Нашри интиқодии "Фусусу-л-ҳикам"-ро муҳаққиқи мисрӣ - Афифӣ барои нашр омода намудааст [378]. Мутахассиси аврупоии машҳури тасаввуф Титус Буркхардт (1908-1984) порчаҳои алоҳидаи онро бо забони фаронсавӣ [396] ба чоп расонидааст. Хизмати шоёни тарҷумаи пурраи он бо забони фарансавӣ ба қалами Шарл-Андре Жилис тааллуқ дорад [397].

Тарҷумаи комили "Фусусу-л-ҳикам"-ро аз забони арабӣ ба забони русӣ файласуфи арабшинос А. В. Смирнов анҷом додааст [41, 249, С. 145-321]. Дар асоси таҳлили амиқи ин асар ва "ал-Футуҳот ал-маккия" ӯ таълимоти Ибни Арабиро аз нав баҳодиҳӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, низоми фалсафии "Шайхи

бузург” аз се филосфемаҳо иборат аст, ки ҳар сеи онҳо се шакли маърифатро ташкил дода (ақлонӣ, кашфи-мушоҳидавӣ ва ирфонӣ), робитаҳои имкондори байни субъект ва объектро хотима мебахшанд [249, С. 6-46]. Бо ҳам омезиш додани ин философемаҳо мебоист вазифаи асосии фалсафаи классикӣ: роҳҳои ҳаллу фасли робитаҳои байни якдигарии Худо ва олами касрат, инчунин муайян намудани мақоми инсонро дар манзараи динии офариниши олам, анҷом медоданд.

Насыров Р. баъзе бобҳои (аниқтараш бобҳои 9 ва 10) “Фусус ал-ҳикам”-ро аз нав тарҷума намуда, таъкид кардааст, ки тарҷумаи нави онҳо на ба хотири зери шубҳа гузоштани тарҷумаи олии А.В. Смирнов аз ҳамин китоб набуда, балки ба хотири он аст, ки забони русӣ барои тарҷума намудани ҳолатҳои гуногун ва нозуки маъонӣ, ки Ибни Арабӣ аз тамоми захираҳои он дар тарҷумаи ин асар дар шарҳ додани низоми фалсафии худ истифода бурдааст, дорои имкониятҳои беназир мебошад. Мо онро ба назар гирифтаем, ки ҳар як тарҷумаи нави осори Ибни Арабӣ бароямон имкон хоҳад дод, ки самтҳои мухталифи таълимоти фалсафии ӯро ҳар чи бештар ошкор намоем.

Аксари вокунишҳо дар баробари “Фусус ал-ҳикам” тахминан баъди сад соли даргузашти муалифи он - Ибни Арабӣ оғоз ёфтанд, ки дар ин муддат, ҷои худро дар ҳавзаҳои сартосарии ҷаҳони ислом боз карда буданд. Зоҳиран таълимоти Ибни Арабӣ дар замони ҳаёти ӯ бозтоби густурдае дар миёни аҳли қалами он рӯзгор надоштааст. Пас аз марги ӯ ва бар асари ривоҷ ва таблиғи Садриддини Қунавӣ ва шогирдони ӯ буд, ки вокунишҳо пайдо мешуданд ва то он ҷо аз таҳқиқоти Усмон Яҳё дар “Феҳристи махтутоти (дастхатҳои) китоби хонаҳои муҳими Эрон ва Турия ва Аврупо” бар меояд. Нахустин раддия бар Ибни Арабӣ ба қалами Муҳаммад ибни Умари Димишқӣ (ваф.652) ва нахустин китоб дар нақзи Фусус тавассути Имодуддин Аҳмад Ибни Иброҳим Воситии Ҷабалӣ (ваф.711) ба номи “Ашиъат ан-нусус фи ҳитаки астор ал-фусус” (Рушноӣ афкандан ба он чизе, ки дар фусус ниҳон аст) навишта шудааст. Ба

андешаи муҳаққиқи эронӣ, ин сӯфӣ ду китоби дигар низ дар радди ақидаи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ низ нақл шудааст, ки нусхае аз онҳо боқӣ намондааст.

Раддиянависиҳо дар аввалҳои қарни ҳаштум бо навиштаҳои олими пуркори дигаре Ибни Таймияи Ҳарронӣ (ваф.728) авҷ гирифт. Дар Эрон садои эътироз зоҳиран на аз миёни фақеҳон ва мутакаллимон, балки маҳофили ирфонӣ бархост. Алоуддин Симнонӣ орифи номдор (ваф.736) Ибни Арабиро марди “азумулшаън” медонист, аммо ақидаи ӯро дар ваҳдати вуҷуд намеписандидааст ва андешааш бар он буд, ки ”дар ҷамии миллал ва ниҳал ба-дин расвоӣ сухан кас нагуфтааст ва чун нек бишикофӣ, мазҳаби тобеъия ва даҳрия беҳтар ба бисёре аз ин ақида”. Мавзеъгирии Алоуддавла, Адурраззоқ Кошониро бар он дошт, ки номае бинависад ва аз худ, ки ба сабаби ҳаводорӣ аз ақоиди Ибни Арабӣ дар маърази ҳамла қарор гирифт буд дифоъ кунад. Чӣ Алоуддавла пой аз “тахтиъа ва ташнеъ” фаро ниҳода ва корро ба “такфир” кашонида буд. Алоуддавла дар баробари Кошонӣ хомӯш нанишаст ва номаи дигаре навишт. Матни номаи Кошонӣ “Посухи Алоуддавла дар маъохизи (сарчашмаҳои) мутааддид, аз ҷумла “Нафоҳот-ул-унс”-и Ҷомӣ ва “Равзат-ул-ҷинон” Карбалоӣ нақл шудааст. Ин муборизаи қаламӣ миёни ду ориф, ки ҳар ду (соли 736) даргузаштаанд, пас аз он буд, ки Кошонӣ “Шарҳи Фусуси худ”-ро навишта буд, чӣ ӯ дар номаи худ Алоуддавларо ба матолибе, ки дар оғози “Шарҳи Фусус” гуфтааст, ҳавола мекунад ва мақсуди ӯ албатта се муқаддимае аст, ки табйин ва тавҷеҳ усули ақоиди Ибни Арабиро дар бораи ҳақиқати зоти азалият ва номутаноҳӣ будан асмо ва шаъни илоҳӣ дар баробар дорад.

Кашмакаш дар миёни бузургони мутасаввифаи эронӣ бар сари ақоиди Ибн Арабӣ дар сар то сари қарни ҳаштум идома дошт. Аз писари Рукнои Шерозӣ нақл мекунанд, ки падари ӯ шайх Сафиаддини Ардабилӣ ва Шайх Алоуддавла Самнониро дуст намедоштааст, зеро ки ҳар дуи онон бо мухолифат бо Абдурразоқ Кошонӣ, ки шайх ва устоди Рукнои Шерозӣ буд, бархоста

буданд. То шабе Рукно расули акрамро дар хоб бидид, ки дар боғе аст, мехоҳад дохили боғ биравад ва ба ҳузури он ҳазрат ташарраф ёбад. Аммо роҳаш намедиҳанд чӣ Шайх Сафиаддин Ардабилӣ як тараф дар боғ ва Алоуддавла Симнони тарафи дигари он истодаанд ва ба дасти ҳар як аз онон чамоқе аст, ки монеъи вуруди Рукно мешаванд. Рукно хандон тазарруъ ва зорӣ мекунад, ки шайх Сафӣ дилаш месӯзад ва иҷоза медиҳад, ки ӯ дохил шавад. Ҳазрати Расул болои тахте нишаста буданд. Рукно салом мекунад, вале ҳазрат руй бармегардонад ва мефармояд: «Намедонӣ, ки Сафиаддин ва Аоруддавла аз дарбонони мо бошанд» [38, С. 38-39].

Хоби Рукно муҳтавии пайёми муҳим аст. Тасвир бар мабнои Шайх Сафи ва Алоуддавла ба унвони дарбонони мақоми рисолат, ки роҳ ба сӯи Рукно баста буданд, тафсири эҳсоси хатаре аст, ки мутавалиёни ирфони суннатии Эрон аз ноҳияи афкор ва ақоиди Ибни Арабӣ доштанд ва он тарҳу нигаришро ба роҳи расми маълуфи худ, бегона меёфтанд. Дунболаи ҳикоят чунин аст, ки Рукно пас аз он хоб ба сафар меравад ва зиёрати ҳар ду шайхро воҷиб мешуморад. Ӯ аз дидори худ бо Шайх Сафӣ чизе намегӯяд, аммо дар тафсили мулоқот бо Алоуддавла меоварад:

«Дар пеши шайх китобе дидам... гуфтам чӣ гуна аст, ки китоби “Фусус” қуфле аз арабӣ дорад ва рад мекунанд ва ин китоб қуфли арабӣ надорад ва тасниф шарифи Шайх аст ва бало райб мақбул аст. Шайх табассум кард ва маро дуъои хайр кард» [38, С. 39].

«Лаҳни танзолуди суоли Рукно, ки албатта нишоне аз дармондагӣ ва сардаргумӣ низ дорад бар аҳли диққат махфӣ наменомад» [38, С.40-41].

Ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки бо иқрори Ибни Арабӣ унвони китоб яъне “Фусус ал-ҳикам”-ро, пайёмбари ислом интихоб намуда, мавзӯи он ирфони назарӣ буда, матни он аз олитарин матнҳои маорифи исломӣ ба ҳисоб меравад. Аммо таърихи дақиқи оғоз ва анҷоми таълифи китоб равшан нест, аммо худи муаллиф қайд намудааст, ки он соли 637-638 оғоз гардидааст, ки ин ба давраи

зиндагиаш дар Димишқ мувофиқ меояд. Дар бораи сабаб ва ангезаи ин асар худи Ибни Арабӣ таъкид намудааст, ки он натиҷаи иҷрои амри пайёмбар мебошад ва ҳатто Ибни Арабӣ худашро муаллифи он наҳисобида, пайёмбарро муаллифи асосӣ меҳисобад: «Аммо баъд, ман расули Худоро дар руъяти башоратомез ба хоб дидам – дар даҳҳаи охири аз Муҳаррами соли 627 дар шаҳри Димишқ – ки ба дасти худ китобе дошт. Маро фармуд ин китоби "Фусус ал-ҳикам аст, бигир ва назди мардумонаш бар то аз он баҳра ҷӯянд. Гуфтам: шунидам ва фармон Худойрост ва расули Ӯро ва соҳибони амрро аз миёни мо, чунон ки моро фармудаанд». «Пас, хости ҳазратро ба ҷо овардам ва ният холис гардонидам ва қасд ва ҳиммат бар он гумоштам, ки ин китобро -чунон ки Расули Худо фармуд – ба ҳеҷ каму зиёд ошкор кунам. Ва аз Худованд хостам, ки маро дар ин кор- ва ҳама ҳол -аз зумраи бандагоне қарор диҳад, ки шайтонро бар онон роҳ нест ва маро дар он чӣ бар қаламам ҷорӣ мешавад ва бар забонам меояд ва бар қалбам мегузарад бо таъйид ва ҳифзи худ ба илқои раҳмонӣ ва дами қудсӣ дар даруни ҷонам махсус гардонад то дар он чӣ мегӯям тарҷумони ӯ бошам, на он ки аз худ бигӯям, магар соҳибдилон аз аҳлуллоҳ, ки бар он воқиф гарданд, бидонанд, ки ин гуфтаҳо аз мақоми поке аст ки мунназзаҳ аз ағрози нафсонӣ аст ва талбисро дар он роҳе нест. Ва умедвор чунонам, ки ҳақ таъоло чун дуъои ман бишнавад нидояиро иҷобат фармояд. Ман нагӯям ҷуз он чиро ки ба ман гуфта мешавад ва дар ин набишта намеоварам ҷуз он чӣ аз боло бар ман фурӯ меояд. Ман муддаъиии пайёбарӣ ва рисолат нестпм, аммо ворисам, ва кишту кори охирати хешам» [38, С.136-137].

Инро нуктаро ҳам хотиррасон бояд кард, ки дар рад ва дифоъи андешаҳои Ибни Арабӣ китобҳои зиёде таълиф ёфтаанд: «Ашиъат ан-нусус фи ҳитаки асрор-ил-фусус" (Равшание бар асрори фусус)-и Аҳмад ибн Иброҳим Воситии Ҳанбалӣ, "Ҳукм мо фи фи-л-фусус мин-ал-эъйтқодот-ил-мафсудати" (Ҳукми эътиқодҳои фосид, ки дар фусус омадааст)-и Абдуллатиф ибни Абдуллоҳи Саъудӣ, "Радду-л-аботила л-фусус" (Дар радди андешаҳои ботили ал-Фусус)-и

Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ, “Тасаввурот-ул-нусус ала тасаввурот-ил-Фусус” (Тасаввурот дар бораи таҳаввуроти-ил-Фусус)-и Муҳаммад ибни Муҳаммад ибн Хизри Шофеъӣ ва ғ. ахиран ишора мекунем, ки муаллифони зиёде вуҷуд доранд, ки китоби “Фусус ал-ҳикам”-ро дар шакли мухтасар рӯнавис кардаанд. Худи Ибни Арабӣ низ онро дар ду китоб бо номҳои “Мифтоҳ -ул-фусус” ва “Нақш-ул-фусус”-ро талхис карда навиштааст, ки ҳар дуи онҳо низ мавриди шарҳу баёни ҷудошона қарор гирифтаанд, аз ҷумла “Нақш-ул-фусус”-и Садриддин Қунавӣ ва “Нақд-ул-фусус фи шарҳ-ил-нақш-ил-фусус”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва “Шарҳ-ул-нақш-ил-фусус”-и Рукниддини Шерозӣ. Дастнависҳои зиёди “Фусус ал-ҳикам” дар китобхонаҳои кишварҳои исломӣ ниҳоят зиёд маҳфуз мебошанд» [132 С. 255-295].

Баъд аз муқаддимаи боло фурсати муносибе расидааст, метавонем ба шарҳи муфассали шореҳони машҳури асримиёнагии “Фусус ал-ҳиками” оғоз намоем.

2.2. Шореҳони машҳури асримиёнагии “Фусус ал-ҳикам” – и Ибни Арабӣ

“Фусус ал-ҳикам” номест, ки ба гуфтаи Ибни Арабӣ, паёмбари ислом (с) барои китоб интихоб намуда, фармудааст, ки онро барои тамоми уммати мусулмонон иншо намояд. Номи китоб аз ду калимаи “фас” ва “ҳикмат” иборат аст, ки аввалӣ ба шарҳу тавзеҳ ниёзманд мебошад. Калимаи “фас” дар китобҳои луғат ба маъноҳои мухталифе зикр шудааст, ки ду маънои он бо мундариҷа ва муҳтавои китоб муносибтар ба назар мерасад: 1) хулоса ва чакидаи чизе; 2) нигини ангуштарӣ.

Бо назардошти он ки ҳикмат дар назди орифон, маърифати шууни зотӣ, таҷаллиёти асмо ва сифоти Ҳақ мушоҳидаи ҳузурӣ аст, фасси ҳар ҳикмате бино ба маънои аввал аз хулосаи улум ва маъорифе иборат аст, ки барои ҳар кадом паёмбарони мазкур дар ин китоб аз роҳи шуҳуди ҳузурӣ ҳосил шудааст, ба қавли муҳаққиқи эронӣ: ”маорифе, ки ба тақозои тафовути исме, ки зуҳури он дар ҳар паёмбаре ғолиб аст ва бар лиҳози ихтилофи онҳо дар истеъдод ва

қобилият, мутафоввит мебошад. Бар асоси ба маънои дуввум, фасси ҳар ҳикмате иборат аст аз қалби ҳар як паёмбарони мазкур дар ин китоб, ки улум ва маорифи махсус ба ҳар як, аз мабдаи олӣ ба он изофа шуда, дар он нақш мебандад, мисли нигини ангуштар, ки исми соҳибашро бар он ҳак (ҳаккокӣ) мекунанд, то нишоне аз вуҷуди ӯ бошад ва аз он чи ки нузул ва уруҷи маротиби вуҷуд дурӣ аст ва қалби инсони комил маҳалли нақшҳои ҳикматҳои илоҳӣ аст, ин ҳикматҳоро ба ҳалқаи ангуштарӣ ва қалбро ба нигини он ки маҳалли нақшҳо аст, ташбеҳ намудааст".

Мавзӯи китоб ирфони назарӣ аст ва яке аз олитарин китоби маорифи илоҳӣ буда, ба ниёзҳои зиёди маърифати инсон посух мегӯяд. Таърихи дақиқи оғоз ва анҷоми таълифи "Фусус ал-ҳикам" равшан нест, аммо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Ибни Арабӣ таърихи мубаширaро, ки иллати аслии таълифи китоб аст, даҳаи охири Муҳаррами соли 637 ҳ.қ. зикр намудааст, метавон натиҷа гирифт, ки ин китоб дар даҳҳаи охири зиндагии ӯ таълиф шудааст. Ибни Арабӣ аз соли 620 ҳ.қ. дар Димишқ то поёни умр дар он ҷо зиндагӣ дошт, аз ин рӯ, таълифи китоби "Фусус" низ дар Димишқ сурат гирифтааст.

Ибни Арабӣ сабаби таълифи ин китобро иҷрои фармони возеҳи паёмбар (с) дониста, дар ҳақиқат на худ, балки паёмбарро муаллифи китоб медонад, ки дар муббашира бар ӯ додааст, то онро дар ихтиёри дигарон қарор диҳад ва онҳоро аз асрори мавҷуд баҳраманд созад.

Шарҳҳои "Фусус ал-ҳикам" зиёд буда, ҳар кадоми онҳо бо хусусият ва вижагии худ фарқ мекунад, ки сараввал номгӯи онҳоро ёдовар шуда, баъдан ба шарҳи ҳоли муаллифон ва тавзеҳи мухтасари китобҳои маъруфи он мегузарем, зеро бе зикри номи онҳо дарки мақому мартабаи Ибни Арабӣ душвор аст.

1. Шарҳи Исмоил ибни Судкин ан-Нурӣ (ваф. 636 ҳ.қ.) (Шарҳи фасси Идрисӣ).
2. Шарҳи Садриддин Қунавӣ (ваф. 673 ҳ.қ.) ба номи "Ал-Фукук".
3. Шарҳи Афифуддин Талмисонӣ (ваф. 690 ҳ.қ.).

4. Шарҳи Муайяддуддин Ҷандӣ (ваф. 690 ҳ.қ.).

5. Шарҳи Саъдуддин Саъид Фарғонӣ (ваф. 695 ҳ.қ.).

6. Шарҳи Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Умар ал-Аббосӣ (ваф. 708 ҳ.қ.). ба номи “Ал-Хусус би-адои ан-Нусус”.

7. Шарҳи Камолуддин Ансории Шофеъӣ (ваф. 727 ҳ.қ.).

8. Шарҳи Камолуддин Абдурраззоқ Кошонӣ (ваф. 730 ҳ.қ.).

9. Шарҳи Алоуддавла Симнонӣ (ваф. 736 ҳ.қ.).

10. Шарҳи Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Воридӣ (ваф. 732 ҳ.қ.).

11. Шарҳи Абумуайян Абдуллоҳ ибни Аҳмад Нағорӣ (ваф. 736 ҳ.қ.) ба номи “Машориқ ан-Нусус ан ғавомиз-ул-Фусус”.

12. Шарҳи Шайх Аҳмад (ваф. баъд аз 739 ҳ.қ.) ба номи “Нусус ал-Хусус” (форсӣ).

13. Шарҳи Рукниддин Шерозӣ (ваф. 744 ҳ.қ.)(форсӣ).

14. Шарҳи Довуд ибни Маҳмуд Қайсарӣ (ваф. 751 ҳ.қ.).

15. Шарҳи Алӣ ибн Шаҳобуддин Ҳусайни Ҳамадонӣ (ваф. 786 ҳ.қ.) (форсӣ).

16. Шарҳи Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Муҳиб ал-Муқаддасӣ (ваф. 789 ҳ.қ.).

17. Шарҳи Муҳаммад ибн Абӯисмоил (ваф. 793 ҳ.қ.).

18. Шарҳи Ҳайдар ибн Алӣ ал-Ҳусайнии ал-Омилӣ (ваф. 787 ҳ.қ.) ба номи “Нассу-н-нусус фи шарҳ-ил-фусус”.

19. Шарҳи Сулаймон ибни Муҳаммад Ал-Садрӣ ал-Қунавӣ (ваф. аввалҳои қарни нуҳуми ҳичрӣ) ба номи “Асрору-н-нусус фи шарҳ-ил-фусус”.

20. Шарҳи Хоҷа Муҳаммад Порсо (ваф. 822 ҳ.қ.)(форсӣ).

21. Шарҳи Абдулкарим ал-Ҷиллӣ (ваф. 850 ҳ.қ.).

22. Шарҳи Моинуддин ибн Таркаи Исфаҳонӣ (ваф. 830 ҳ.қ.).

23. Шарҳи Алӣ ибн Аҳмад ал-Маҳоимӣ (ваф. 835 ҳ.қ.) ба номи “Хусус ан-ниъам фи шарҳи Фусус ал-ҳикам”.

24. Шарҳи Зайниддин Исфаҳонӣ (ваф. 835 ҳ.қ.) ба номи “Ал-Фуҳус”.

25. Шарҳи Муҳаммад ибни Солеҳ ал-Котиб машҳур ба Ёзичӣ ё Ғулув (ваф. 855 ҳ.қ.).

26. Шарҳи Қутбиддин Ал-Азниқӣ (ваф. 885 ҳ.қ.).

27. Шарҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 ҳ.қ.).

28. Шарҳи Шарафуддин Ас-Садиқӣ (форсӣ).

29. Шарҳи ал-Ҳиравӣ (ваф. 900 ҳ.қ.).

30. Шарҳи Музаффаруддин Алии Шерозӣ (ваф. 922 ҳ.қ.).

31. Шарҳи Идрис ибни Ҳисомиддин ал-Бадлисӣ (ваф. 936 ҳ.қ.).

32. Шарҳи Биёзид Халифа ар-Румӣ (ваф. баъд аз 900 ҳ.қ.).

33. Шарҳи ибни Камол Пошо (ваф. 940 ҳ.қ.) ба номи “Мабоҳис ала баъзу фусул ал-Фусус”.

34. Шарҳи Шариф Носир ал-Ҳусайнӣ (ваф. 940 ҳ.қ.) ба номи “Маҷмаъ-ул-баҳрайн”.

35. Шарҳи Боли Халифа ас-Сӯфиявӣ (ваф. 960 ҳ.қ.).

36. Шарҳи Яҳё ибн Алӣ Хилватӣ маъруф ба навъи Афандӣ (ваф. 1007 ҳ.қ.).

37. Шарҳи Исмоил Ҳаққӣ ал-Анқаравӣ (ваф. 1043 ҳ.қ.)(туркӣ).

38. Шарҳи Абдуллоҳ Ал-Бусанавӣ (ваф. 1054 ҳ.қ.) ба номи “Таҷаллиёту ароис ан-нумус фи шарҳ-ил-фусус”.

39. Шарҳи Абдуллоҳ Афандӣ (ваф. 1054 ҳ.қ.) (туркӣ).

40. Шарҳи Абдуллатиф ибни Баҳоуддин ибн ал-Боқӣ (ваф. 1083 ҳ.қ.).

41. Шарҳи Алӣ ибни Муҳаммад ал-Қастамунӣ (ваф. 1083 ҳ.қ.).

42. Шарҳи Неъматуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ал-Ҳусайнӣ (ваф. 1130 ҳ.қ.).

43. Шарҳи Абдулғанӣ Ан-Ноблусӣ (ваф. 1143 ҳ.қ.) ба номи “Ҷавоҳир ан-Нусус”.

44. Шарҳи Ҳусайн ибни Мӯсо ал-Курдӣ (ваф. 1148 ҳ.қ.).

45. Шарҳи Иброҳим ибни Ҳайдар Ас-Сафавӣ (ваф. 1151 ҳ.қ.) ба номи “Фусус ал-ёқут фи асрори ал-лоҳут”.

46. Шарҳи Маҳмуд ибн Алӣ ад-Домунӣ (ваф. 1199 ҳ.қ.) ба номи “Ҷавоҳир-ул-қидам”.

47. Шарҳи Абдулалӣ ибн Низомиддин Баҳрулулум ал-Лакҳнавӣ (ваф. 1235 ҳ.қ.) (шарҳи Фусуси навҳӣ (грамматикӣ)).

48. Шарҳи Саъид Яъқубхон (ваф. 1287 ҳ.қ.) ба номи “Тавзеҳ-ул-баён” (форсӣ).

49. Шарҳи Муҳаммад Ҷафъар аш-Шиҳоб ад-Димашқӣ (ваф. 1300 ҳ.қ.).

50. Доктор Абуалои Афифӣ (ваф. 1386 ҳ.қ.). “Ат-Таълиқот ала Фусус ал ҳикам”, ва ғ.

Илова бар рисолаҳои ёдшуда, аз шарҳҳои дигар низ ном метавон бурд, ки ё таърихаш ва ё муаллифонашон номаълум мебошанд. Аммо китобҳое, ки дар радди китоби “Фусус ал-ҳикам” навишта шудаанд, бо шарҳи мухтасар метавон гуфт, ки дар афкори андешаҳои Ибни Арабӣ китобҳои бисёре таълиф шуда, дифоъ аз андешаҳои ӯ ва шарҳу тавзеҳу онҳо таълиф шудаанд ва ҳоло ба шарҳҳои маъруфи мутафаккирон хоҳем гузашт.

1. Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ Қунавӣ**.** Сарфи назар аз он ки ӯ ягон асаре махсус ва алоҳидае дар шарҳи осори устод ва падархонди худ Ибни Арабӣ нанавиштааст, маҳз ӯ дар интишор ва ривоҷи андешаҳои ирфонии падархондаш саҳм гузошта, шохаи ба фалсафа наздикгардонии ирфонро бунёд намудааст. Аз ин рӯ, бе зикри афкору осори ӯ рисолаи мо ноқис ва яктарафа боқӣ мемонад.

Қунавӣ соли 607 ҳ. (1210 м.) ба дунё омада соли 673 ҳ. (1274 м.) вафот карда, писархонди Муҳйиддин ибни Арабӣ ва шогирди беҳтаринаш будааст. Бо таъкиди худи ӯ дар китобаш “Нафаҳот ал-улуҳия*”*, тавассути устоди худ баъди вафоти устодаш ӯ бо таҷаллии Зот наздик шудааст [49]. Ин шахсияти барҷаста, дар баробари донистани улуми ботинӣ, аз улуми зоҳирӣ – улуми ғайрисиррӣ ва фалсафа низ бохабар будааст. Ӯ бо шахсиятҳои барҷастае мисли Хоҷа

Насириддин Тусӣ ва Малоно Ҷалолуддини Румӣ дӯстӣ ва робита дошта, ба фазли мақоми бузурги илмии худ мавриди эҳтироми онҳо будааст.

Яке аз хусусиятҳои Қунавӣ аз он иборат аст, ки ӯ ба умқи андешаҳои Ибни Арабӣ сарфаҳм рафта, ба фазли донишҳои амиқи фалсафӣ ва улуми ақлӣ, тавонистааст, ки ирфони назариро бо равиши далелҳо дар доираи илмӣ пешниҳод намуда, мавзӯъ, асосҳо ва масоили онро шарҳу баён намояд. Ӯ саъй намудааст, ки ба саволҳои файласуф бо категорияҳо ва мафҳумҳои ирфонӣ посух гӯяд. Ӯ низ ба мисли устодаш Ибни Арабӣ ҳеҷ гоҳ аз шуҳудот (мушоҳидаҳои маънавӣ)-и хеш даст накашидааст. Аммо ба фазли донишҳои амиқ ва истеъдоди илмӣ ва фалсафии худ тавонистааст шарҳу баёнҳои мушоҳидаҳояшро пешниҳод намуда, онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ ва фалсафӣ асоснок намояд.

Чунин мавқеи фалсафӣ ва онтологӣ ба масоили ирфон ҷанбаи ақлонии муҳокимаҳои ӯро боло бурда, мутобиқати онҳоро бо биниши фалсафӣ таъмин намояд. Аз ин рӯ, шахсияти барҷастае ҳамчун Садр ал-Мутаъоллиҳин (Мулло Садро) ба Қунавӣ итминони комил эҳсос карда, аз осори ӯ иқтибосҳои зиёдеро истифода бурдааст.

Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс” дар бораи мақоми волои Қунавӣ навиштааст: «Вай наққоди каломи шайх аст. Мақсуди шайх дар масъалаи ваҳдати вуҷуд бар ваҷҳе ки мутобиқи ақл ва шарҳ боша д, ҷуз ба татабуи таҳқиқоти вай ва фаҳми он – камо янбағи– муяссар намешавад»[63, С. 555].

Аксари орифон моҳияти суханҳои Ибни Арабиро тавассути шарҳҳои Қунавӣ фаҳмидаанд, зеро ӯ баробари барқарор намудани тартиби илмӣ ва пайдарпаии масоил дар ҳама масоил андешаҳои Ибни Арабиро аниқ шарҳ дода, аз мавқеи сатҳӣ дидани масоил худро дур мегирифтааст. Аз ин рӯ, шарҳу баёни ӯ аз ҳама чизҳои нозаруру нодаркор маҳфуз монда, саршори маъонӣ мебошанд. Барои ҳамин ӯ яке аз пайравони ирфони назарӣ мебошад.

Осори Қунавӣ: «Мифтоҳ-ул-ғайб» яке аз асарҳои муҳими ӯ буда, дар он

мазмуни мухтасари ирфони назариро шарҳ додааст. Шарҳи ин асар дар китоби “Мисбоҳ ал-унс”-и Фанорӣ оварда шудааст. Асари дигараш “Расоил ан-нусус” низ ба таври интихоби аслиёти унсурҳои муҳими масоили ирфонӣ шарҳу баён намудаанд. Муаллиф дар қисмати охири ин китоб онро “Мифтоҳ мафотиҳ “Фусус ал-ҳикам” Ибн Араби” ё «Мифтоха мафотиҳ ал-Фусус» номидааст. Асари дигари муҳими ӯ “Китоб ал-фукук” («Китобе, ки [асрори суханҳои] Фусус ал-ҳикам»-ро ҳаллу фасл мекунад), ки амалан шарҳи “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ буда, ҳадафи он шарҳи мушкилоти китоби устодаш мебошад. Ӯ ҳамчунин китоби дигаре бо номи **“**Нафаҳот ал-илоҳия” дорад, ки дар он шуҳудат (мушоҳидаи маънавӣ)-ро шарҳ додааст. Ин китоб барои шарҳи мақомоти маънавии муаллиф аҳамияти муҳим дорад.

Қунавӣ ҳамчунин китобҳои “Шарҳ ал-ҳадис” (шарҳи 27 хадис); Тафсири «Фотиҳа» ва ё “Эъҷоз ал-баён**”**-ро таълиф намуда, устоди Муайяддин Ҷандӣ, Саъидддин Фарғонӣ, Фахриддин Ироқӣ ва Афифиддин Талмасонӣ мебошанд, аз шореҳони маъруфи “Фусус ал-ҳикам” мебошанд.

Усули таълифоти Қунавӣ бо Ибни Арабӣ то ҳудуди зиёде фарқ дорад. Худи Қунавӣ орифи бузург буда, ба фалсафаи машшоӣ майл дошт, кӯшиши зиёде ба кор бурд, то ин фалсафаро бо таъбирҳои ақлии тасаввуф мувофиқ гардонад. Талош барои тавфиқ ва татбиқи тасаввуф ва фалсафа дар баҳси “вуҷуд” зоҳир мешавад»[383 P. 78]. Аммо Ибни Арабӣ ҳарчанд ки аксаран дар бораи вуҷуд баҳс мекунад, вале вуҷуд, мавзӯи аслитарин баҳс набудааст ва то айни замон маълум нест, ки чаро пайравони ӯ истилоҳи вуҷудро маҷмӯан асоси таълимоти вай ҳисобида, онро ҳамчун машғулияти асосии хеш қарор додаанд.

Ба ибораи дигар, вуҷуд барои Қунавӣ ва шогирдони баъдии ӯ ба унвони як баҳси фалсафӣ матраҳ буда, ғолибан онро ҳамчун сифати аслии Худо зикр мекунанд, дар ҳоле, ки Ибн Арабӣ истилоҳоти қуръониро дар ин маврид бештар меписандад ва аз Худованд бештар ба исми “Ҳақ” ёд мекунад.

Мақсади ин ҳарфҳо он аст, ки дидгоҳҳои Ибни Арабӣ тавассути Қунавӣ ва

шогирдонаш ба фалсафа наздиктар шуд. Чунон ки мо дар “Футуҳот” бештар бо тафсири ирфонӣ аз матнҳои мунтахаби китоб ва суннат рӯ ба рӯ ҳастем, ҳамеша наздикӣ ба манбаъхои суннати исломиро эҳсос мекунем ва ҳаргиз ғалабаи равиши системаноки фалсафиро ба чашм намебинем, аммо Қунавӣ дар таълифоташ тарҳеро барои танзими ақлонии андешаҳо пешниҳод намудааст. Тамоили фалсафии вай дар сохтори мантиқӣ ва системаноки осораш комилан ҳувайдо мебошад.

Ба ҳамин иллат аст, ки Афифиддин Талмисонӣ (ваф. 490), ки ҳам шогирди Ибни Арабӣ ва ҳам Қунавӣ мебошад, дар ин масъала чунин ибрози назар намудааст: “Устоди аввалам (Ибни Арабӣ) мутараввеҳи мутафалсуф буд, дар ҳоле, ки устоди дуввумам (Қунавӣ –З.З.) файласуфе мутараввеҳ буд”. Шояд ба хотири ҳамин тафоввут бошад, ки Ибни Таймия, ки Ибни Арабиро такфир карда (кофир хондааст), Қунавиро бештар аз устодаш интиқод мекунад: “Садриддини Румӣ, ки тарафдори Ибни Арабӣ буд, гироишҳои фалсафии бештаре доштааст, лизо аз шариати ислом дуртар буд”.

Ба ҳар ҳол, мо чунин андеша дорем, ки ваҳдати вуҷуде, ки Ибни Арабӣ аз он сухан мегӯяд бо баҳси “ваҳдати вуҷуд”-и шогирдону пайравони ӯро набояд яксон дониста, ба он сибғаи фалсафӣ диҳем. Далели аввал ин аст, ки Ибни Арабӣ ҳамчун муассиси назарияи ваҳдати вуҷуд дар ҷаҳони ислом эътироф шудааст. Истилоҳи ваҳдати вуҷуд ҳатто як бор ҳам дар саросари “Фусус” ва “Футуҳот” ба кор нарафта, ҳамаги дар як ҷо ба таври заманӣ аз “ал-ваҳдат фи-л-вуҷуд” ёд шудааст. Сониян, истилоҳи вуҷуд дар мавридҳои зиёде назди Ибни Арабӣ ба ҳамон маънои луғавии “виҷдон” ва “дарёфт” истеъмол шуда ва бо муодили истилоҳи ирфонии “ваҷд” ба кор рафтааст, чунон ки илова бар он ки аҳлу-л-лоҳро ба унвони асҳоби кашф ва шуҳуд ёд мекунад, ононро асҳоби кашф ва вуҷуд мехонад [40, Ҷ.3, С. 489]. Дар “Футуҳот” ба таъриф додани истилоҳот машғул шуда, гуфтааст: «Бидон, ки вуҷуд назди урафо иборат аз ёфтани Ҳақ дар ҳолати ваҷд аст » [40, Ҷ.3, С. 538] ва агар бигӯй: вуҷуд чист? Мегӯем: «вуҷуд

ёфтани Ҳақ дар вақд аст (ал-вуқуд вичдону-л-ҳақ фи-л-вуқуд» [40, Ҷ.3, с. 113].

2. Шарҳи Соинуддин Таркаи Исфаҳонӣ Алӣ ибн Муҳаммад Афзалуддин Муҳаммад Тарака Хуҷандии Исфаҳонӣ лақабаш Соинуддин ва кунияташ Абӯмуҳаммад (ваф. соли 835 ҳ. қ.), яке аз шореҳони маъруфи "Фусус ал-ҳикам"-и Ибни Арабӣ мебошад. Ба хотири камсуханӣ ва дарозо нашудани рисола мо аз шарҳи ҳол ва зиндагии шореҳон даст кашида, танҳо маълумоти заруриро дар бораи шарҳҳои навиштаи шореҳон пешниҳод менамоем [38].

Осор ва таълифоти Соинуддин бо забонҳои арабӣ ва форсӣ зиёд буда, муҳимтаринашон аз китобҳои зер иборатанд: 1)"Шарҳи Фусус ал-ҳикам"-и Ибни Арабӣ, 2) "Ат-тамҳид фи шарҳи қавоиди ат-тавҳид" (арабӣ), 3) "Истилоҳот ас-суфия" (арабӣ), 4) "Ал-арбаъиния ё хасоис адад арбаъин" (шарҳе ба забони арабӣ бар ҳадиси "Фи ҳифзи арбаъин ҳадисан"), 5) "Иҷозаи ривояти китоб ал-Масобеҳ" (иҷозаест ба арабӣ барои яке аз шахсиятҳои фозилу донишманди асри худ), 6) "Инзолия" (рисолае аст ба забони арабӣ дар ҷавоби пурсише дар мавриди иллати тақаддуми "Бо" (ҳарфи "бо"-и алифбои арабӣ) бар тамоми ҳуруф дар Қуръони карим ба равиши ҳуруфӣ), 7) "Тақдим ал-ақл ала ан-нуфус" (ба забони арабӣ ва бо истифода аз илми ал-ҳуруф), 8) Ҳошия бар хутбаи "Кашшоф"-и Замахшарӣ (арабӣ), 9) Рисолае дар "Шарҳи ҳақиқати ваҳдати мутлақаи зотия" (арабӣ), 10) "Шарҳ "ал-бисмиллаҳ" (ба забони арабӣ дар баёни маънои "Бисмиллоҳи ар-раҳмон ар-раҳим", тибқи равиши аҳли ҳақ), 11) "Шарҳи таҷаллии зотӣ" (Шарҳи каломи Ибн Ҳуди Мағрибӣ дар таҷалии зотӣ, ба забони арабӣ), 12) "Шарҳ ҳадис ал-имон" (шарҳи фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳуруфӣ ба забони арабӣ бар ҳадиси "инна ли кулли шайъин қалбан ва қалбу-л-Қуръон Ёсин" (Ҳар чизеро дилест ва дили Қуръон Ёсин аст) ва "Инзоли Қуръон ала сабъата аҳруф"- Нозил шудани Қуръон бо ҳафт ҳарф), 13) Шарҳи ҳадис "Хайру ҳадис китобу-л-лоҳ ва хайру ал-ҳуда ҳудо Муҳаммад (с)"- Беҳтарин ҳадис китоби Худост ва беҳтарин ҳидоят ҳидояти пайёмбар, 14) "Шарҳи назму ад-дур" (шарҳи қасидаи Тоияи куброи Ибни Фориз ба забони форсӣ) ва ғ.

Ҳамчунон ки зикр қаблан шуд, яке аз асарҳои маъруфи Соинуддин “Шарҳи Фусус ал-ҳикам” мебошад, баъзе мушкилоти матни “Фусус”-ро бар асоси илми ҳуруфия[20] тавзеҳ додааст. Ӯ ҳангоми таълифи шарҳи худ ба шарҳҳои муҳими Фусус, монанди “Шарҳи Фусус”-и Муйиддин Ҷандӣ, “Шарҳи Фусус”-и Абдурразоқи Кошонӣ ва “Шарҳи Фусус”-и Шарафуддини Қайсарӣ муроҷиа намуда, баъзан матолиби онҳоро мавриди танқид қарор медиҳад, ки ин амал арзиши шарҳи ӯро боло бурдааст.

Аз вижагиҳои дигари ин “Шарҳ”-и ӯ он аст, ки шореҳ мавридҳоеро, ки маҳалли ихтилофи назари миёни орифон, ҳакимон, файлсуфон ва мутакаллимон аст, бисёр сареҳ ва возеҳ дар заминаи ирфонӣ тафсир намуда, аксаран аз андешаҳои аҷиб ва ғариби дигар шореҳон худро бар канор гирифта, баъзан ҳатто онҳоро хато меҳисобад. Хулоса, ӯ ҳозир нест, барои ҷалби таваҷҷуҳи ҳакимон ва ризояти файласуфон шуда, хасоиси ирфониро таъмим (умумият) дода, аҳамияти онро паст занад.

Ибн Тарка ин китобро соли 814 ҳиҷрӣ дар Ҳирот ба поён расонида, онро донишманди эронӣ Муҳсин Бедорфар таҳрир намуда, дар ду ҷилд ба табъ расонидааст. Ҷилди аввали он шомили муқаддимаи таҳқиқ ва муқаддимаи шореҳ ва сипас “Шарҳи Фусус” аз фасси Одамӣ то фасси Азизӣ дар 564 сафҳа, ҷилди дуввум аз “Фасси Исавӣ” шуруъ шуда, ба “Фасси Муҳаммадӣ” охирин фасси китоб, хатм мешавад.

Муҳаққиқ дар поёни ҷилди дуввум феҳристҳои зиёдеро таҳия намудааст, ки бисёр илмӣ баромадаанд. Феҳристҳо аз оёт, ҳадисҳо, осор, ашъори арабӣ ва форсӣ, аълом (шахсиятҳои маъруф), манобеъ, амокин (маконҳо), мавзӯъоти истилоҳот ва феҳрасти тафсилии матолиби китоб иборат буда, дар 645 саҳифа таълиф шудааст.

Ӯ файласуфи машшоия буда, ба қавли Сайид Ҳайдари Омилӣ, аз фалсафа

[20] Ҳуруфия - яке аз силсилаҳои сӯфия, ки оламро офаридаи Худо ва одамро шабеҳи Худо медонанд ва даъво мекунанд, ки инсон ҳам вуҷуди худаш ва ҳам оламро дарк намуда, Худоро дар худи инслг мебинад.

ба ирфон гузашта, дар ин ҷода асарҳои муҳим таълиф намудааст. Зеро ӯ масоили ирфониро тавассути фалсафа баррасӣ намуда, баъзе масъалаҳои шубҳаноки ирфониро ислоҳ намудааст. Ба қалами Абӯҳомид асарҳои зиёде мансуб бошанд ҳам, муҳимтарин асари ӯ "Қавоъид ат-тавҳид" мебошад, ки набераи Соинуддин Таркаи Исфаҳонӣ ба он шарҳ навиштааст.

3."Шарҳи Фусус ал-ҳикам"-и Болизода "Шарҳи Фусус ал-ҳикам"-и Болизода, китоби "Фусус ал-ҳикам"-и Ибни Арабиро аз оғоз то анҷом, сатр ба сатр ва фас ба фас (боб ба боб) шарҳ додааст. Муаллифаш орифи озарӣ Шайху-л-машоих Халифату ал-Хулафо Мустафо ибни Сулаймон Болизода ба номи Болӣ Афандӣ (ваф. 1069 ҳ.қ.) машҳур мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқони эронӣ, ин китоб монанди ганҷест, ки дари он бо тилисм баста шудааст. Ибороти он возеҳу равшан буда, вале ишорат ва румузи он пӯшида аст, ба ҳамин хотир донишмандони зиёде онро шарҳ дода, барои кушодани ганҷ, гавҳари он, ҳалли мушкилоти асрор ва румузи он кӯшиши бисёр намуданд. Равиши Ибни Арабӣ дар "Фусус ал-ҳикам" чунин аст, ки китобро ба бисту ҳафт фасс тақсим намуда, ҳар фассеро ба яке аз паёмбарони илоҳӣ бахшидааст ва дар ҳар фасс теъдоде аз оёти Қуръон ва аҳодиси набавӣ, ки мансуб ба он фас аст, зикр менамояд, сипас онҳоро шарҳи ирфонӣ дода, таъвил кардааст.

Аз маҷмӯи бисту ҳафт паёмбаре, ки дар "Фусус" омадааст, ном ва шарҳи ҳоли бисту чаҳор тан аз онон дар Қуръон омадааст, ки ба шарҳи зер аст: 1.Фасси Одамӣ. 2. Фасси Нуҳӣ. 3. Фасси Идрисӣ. 4. Фасси Иброҳимӣ. 5. Фасси Исҳоқӣ. 6. Фасси Исмоилӣ. 7. Фасси Яъқубӣ. 8. Фасси Юсуфӣ. 9. Фасси Ҳудӣ. 10. Фасси Солеҳӣ. 11. Фасси Шуайбӣ. 12. Фасси Луттӣ. 13. Фасси Азизӣ. 14. Фасси Исавӣ. 15. Фасси Сулаймонӣ. 16. Фасси Довудӣ. 17. Фасси Юнусӣ. 18. Фасси Аюбӣ. 19. Фасси Яҳявӣ. 20. Фасси Закариёвӣ. 21. Фасси Илёсӣ. 22. Фасси Ҳорунӣ. 23. Фасси Мӯсавӣ. 24. Фасси Муҳаммадӣ – Фасси Луқмонӣ мансуб ба Луқмони Ҳаким аст, ки Луқмон паёмбар набудааст.

Фасси Шисӣ ва фасси Холидӣ мансуб ба ҳазрати Шис паёмбар ва ҳазрати Холид ибни Санон мебошад, ки сарфи назар аз пайёмбар буданашон дар Қуръон ном ё шарҳи ҳоли онҳо ҳатто ба ишора ҳам наомадааст. Аз тарафи дигар, дар Қуръон ном ва шарҳи паёмбароне омадааст, ки дар “Фусус ал-ҳикам” хабаре аз онон нест (монанди ал-Ясуъ ва Зулкафл), аз ин ҷо метавон ба хулоса омад, ки Ибни Арабӣ дар “Фусус ал-ҳикам” матни Қуръонро риоя накардааст.

Нуктаи дигар тартиби хосе аст, ки дар “Фусус ал-ҳикам” омадааст, зеро ин тартиб на ба асоси таърих, замони таваллуд ва вафоти паёмбарон аст (агар тартиби замонӣ риоя мегардид, мебоист Фасси Ҳорунӣ ва Фасси Мӯсавӣ қабл аз фасси Исавӣ ва фасси Яҳявӣ ва фасси Зикриёвӣ мебуданд), на бар асоси мақомоти маънавии паёмбарон, ба ин маъно, ки масалан, аз паёмбари ислом шурӯъ шавад, то ба афзали паёмбарон (яъне Муҳаммад – З.З.) бирасад ва ё баръакс, хулоса ин ки тартиби паёмбарон дар “Фусус ал-ҳикам” боиси саргардонии муҳаққиқон шуда, дар ин маврид ба Ибни Арабӣ эрод гирифтаанд. Метавон гуфт, ки Ибни Арабӣ дар баёни теъдоди паёмбарони “Фусус ал-ҳикам” комилан аз Қуръон пайравӣ ва тартиби хронологии таърихиро дар “Фусус ал-ҳикам” риоя накардааст.

Дар ин шарҳ маъноҳои мухталифи фасс бо далел ба калимоти Ибни Арабӣ дар “Фусус ал-ҳикам” ба хубӣ маълум ва баён гардидааст. Ӯ дар ин замина вожаи “фасс”-ро дар “Фусус ал-ҳикам” ба чаҳор маънӣ шарҳ додааст.

Болӣ дар шаҳри Истарвамча, ки имрӯз дар кишвари Албания қарор дорад, таваллуд ёфта, баъдан дар шаҳри София – Булғористон – зиндагӣ кардааст, аз ин рӯ, бо номи Суфявӣ низ машҳур мебошад. Вай дар ҳамон шаҳр таҳсил карда, сипас ба Истанбул рафта, аз муридони Шайх Қосим Чалабӣ шудааст. Аз ин рӯ, бо унвони Ерми Халифа ас-Суфявӣ низ маъруф аст. Султон Сулаймон Қорунӣ ба вай таваҷҷӯҳи хос дошт, Болӣ Афандӣ баъдҳо ба тариқати хилватия[21] пайваста, аз машоихи машҳури ин тариқат гардида, муридони зиёдеро тарбият

[21] Хилватия – яке аз фирқаҳои машҳури сӯфия, ки ба “хилват” – танҳоӣ таваҷҷуҳи махсус медодааст

ва таълим додааст [116, С. 305].

Аз Болӣ Афандӣ чанд осоре дар ирфон бар ҷо мондааст: 1. “Атвори сабъа”, рисолае аст дар атвори сабъаи сӯфиён, ки онро усули фақр низ номидаанд; 2. “Рисолаи қазо ва қадар”; 3. “Рисолат ат-тасаввуф”; 4. “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Муҳиуддин ибн Арабӣ, ки машҳуртарин асари Болӣ Афандӣ аст. Ин шарҳ ба забони туркӣ таълиф шуда, дар миёни шарҳҳои мухталифи “Фусус ал-ҳикам” аз аҳамияти хосе бархурдор буда, соли 1309 ҳ.қ. дар Истанбул ба чоп расида аст; 5. “Шарҳи ҳадиси “кунту канзан мухфиян”, “Қиссаи Иброҳим алайҳи салом” ва “Иродат” - “Маҷмӯаи насоеҳ” ва баъзе ашъори сӯфиёнаи ӯро метавон ном бурд.

4. “Шарҳи Фусус ал ҳикам”-и Порсо. Муҳаққиқони эронӣ таъкид доранд, ки камтар китобе ба ин ҳади “Фусус” мавриди эътироз ва такфири донишмандони қавм қарор гирифта аст. Ин далели нуфуз ва эътибори ин китоб дар афкори ирфонӣ ва каломӣ мебошад. Агар ба нуфузи ин ақоид дар адаби форсӣ ва арабӣ ва тамоми андешаҳои шореҳони “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ таваҷҷӯҳ намоем, баҳси муфассал ва ҷолибе хоҳад буд, ки баррасии он аз доираи ҳадафҳои рисолаи мо хориҷ аст.

Ҳамчунон ки қаблан мутаззакир шудем, аз шарҳҳои муътабар, балки аввалини онҳо бар китоби “Фусус ал-ҳикам” шарҳи Муйяддудин Ҷандӣ аст, ки аксари донишмандон аз ҳар ду ҷанба ӯро шореҳи нахустини ин китоби шариф қаламдод кардаанд. Агар иддае аз донишҷӯён ақида доранд, ки худи Садриддини Қунавӣ шореҳи нахустини китоби “Фусус ал-ҳикам” мебошад, саҳеҳ нест: зеро Садриддини Қунавӣ шогирди мустақим ва писархонди Шайхи Акбар бошад ҳам, вале то ҳол китоби алоҳидае, ки шарҳи ҷумла ба ҷумлаи “Фусус ал-ҳикам” бошад, аз ӯ дида нашудааст.

Дуввумин шарҳи муътабар, шарҳи Шайх Абдурраззоқ Кошонӣ шореҳи “Манозил ас-соирин” ва муаллифи китоби “Истилоҳот ва таъвилу-л-оёт” аст. Ӯ муосири Шайх Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ соҳиби “Мисбоҳу-л-ҳидоят” дар

шарҳи озоди китоби “Авориф ал-маориф”-и Суҳравардӣ ва муриди шайх Нуриддин Абдусамад Натанзӣ аст ва аз ӯ низ аз муридони Абдурраҳмон Алӣ ибни Бузғаш ва ӯ низ муриди падараш Алӣ ибн Бузғаши Шерозӣ аз муридони Шайх Шаҳобуддин Суҳравардӣ, муосири Шайхи Акбар - Муҳиуддин ибни Арабӣ аст.

Дар байни шарҳҳои “Фусус”, шарҳи Кошонӣ яке аз амиқтарин ва асилтарин шарҳҳои “Фусус” ба шумор меравад. Қудрати фикр ва борикандешиҳои Кошонӣ на танҳо дар “Шарҳи Фусус”, балки дар тамоми китобҳои ӯ, мисли “Шарҳи Манозил ас-соирин” ба таъриф ниёз надорад.

Саввумин шарҳи муътабар дар байни шуруҳи “Фусус” шарҳе аст, ки Қайсарӣ (Шарафуддин Довуд ибни Маҳмуд Қайсарӣ Совии Румӣ) бар китоби “Фусус ал-ҳикам” навиштааст. Ӯ дар тасаввуф, шогирд ва муриди Абдурраҳззоқ Кошонӣ мебошад, ки худ дар муқаддимаи шарҳи худ бар “Фусус” ба ин ишора кардааст.

Дар байни шарҳҳои зиёде, ки аз замони Шайхи Акбар (632) то замони Хоҷа Муҳаммад, охирҳои қарни ҳаштум ва оғози қарни нуҳум навишта шуда буд, се шарҳ ва ҳамчунин равиши кори шореҳони ин се шарҳ дар баёни дақиқ ва саҳеҳи афкори Ибни Арабӣ бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор доштаанд.

Ҳамчунон ки Порсо дар муқаддимаи шарҳи худ овардааст: «... ва ҷамъе аз муҳаққиқони ин қавм, дар шарҳ ва баёни мушкилотии ин китоб яд байзо (яъне саҳмузорӣ) намудаанд, ва ин ҳисори муҳками бунёнро бо қуввати бозӯи баён бигшудаанд. Аммо дар майдони баст инони баён фурӯ гузоштаанд, ва татвил (дароз кашидани шарҳ) дар шарҳи муаззалоти (уқдаҳои) он лозим доштанд, ва баъзе аз зуафои талаба ба сабаби басти калом ва қусури афҳом, ҳақоиқ ва румузи китоб, ки асли матлуб аст, забт натавонистанд кард» [363].

Саъю талоши Порсо дар ин шарҳ чунин аст, ки зимни нигаҳдории исолати гуфтори Ибни Арабӣ ба шарҳи мушкилоти китоб пардохта, аз овардани андешаҳои дуру дароз парҳез кардааст: вай қабл аз оғози шарҳ, асоси афкори

асҳоби ваҳдати вуҷудро баён намуда, онро ба сифати муқаддима овардааст. Мушкилоти китобро бо баёни равшан тавзеҳ дода, дар сурати монанд будани афкор аз такрори он худдорӣ кардааст.

Хоҷа Порсо илова бар шарҳҳои “Фусус” ба китобҳои Шайхи Акбар ошно буда, баъзан дар мавридҳое, ки шайх дар “Фусус” ба китоби “Футуҳоти маккӣ” ишора мекунад, шореҳ бо зикри боб ва фасли матлаби мавриди назар, ҷӯяндаро ба асли китоб роҳнамоӣ карда, хулосаи баҳси мавриди назарро дар ҷумлаҳои камҳаҷм ва пурмаънӣ баён намудааст.

Баъзе муҳаққиқон забони шарҳи Порсоро бо “Тазкирату-л-авлиё”-и Аттор”ва “Кимиёи саодат”-и Ғазолӣ дар як сатҳ қарор додаанд.

Орифи асри ҳаштум, Абулфатҳ Муҳаммад ибни Маҳмуд Ҳофизи Бухорӣ, мулаққаб ба Порсо, дар ҳудуди соли 756 дар хонадони яке аз бузургони Бухоро ба дунё омадааст. Насабашро ба Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар Тайёр, бародарзодаи Имом Алӣ, расондаанд. Вай аз оғози ҷавонӣ, монанди падар ва амакаш ба тариқати нақшбандия даромада, дар ин тариқат, дуввумин ҷонишини Баҳоуддини Нақшбанд шуд ва шохаи порсоияи тариқати нақшбандия ба ӯ мансуб аст.

Ба ривояте, лақаби “порсо”-ро Баҳоуддин ба вай додааст. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ низ, ки дар панҷсолагӣ ба ҳамроҳи падараш бо ӯ мулоқот карда буд, ӯро бисёр тавсиф намуда ва худро марҳуни таваҷҷуҳоти вай дониста аст[64, С. 397-398]. Зоҳиран унвони “Хоҷа” ба сабаби интисоби Порсо ба силсилаи Хоҷагон ба вай дода шудааст.

Хоҷа Порсо ду бор ба ҳаҷ рафтааст: бори нахуст ҳамроҳи муршиди худ, Баҳоуддин Нақшбанд буд ва бори дуввум, пас аз анҷоми маросими ҳаҷ бемор шуд ва дар 24 зулҳиҷҷа 822 дар Мадина дар гузашт. Шамсиддин Муҳаммад Фанорӣ (ваф. 834) ва аҳли Мадина дар ҷанозаи ӯ ҳозир будаанд ва ӯро дар ҷивори қабри Аббос, амаки паёмбар дар Бақеъ дафн карданд. Зайниддин Хавофӣ (ваф. 838) низ санги қабри ӯро аз Миср овардааст [64 С. 397-399].

“Фасли хитоб ли-васл ал-аҳбоб ал-Форуқ байна ал-хато ва-с-савоб”, ба забони форсӣ дар ҳашт боб мақомот ва аҳволи ирфониро шарҳ додааст. Дар ин китоб, ки муҳимтарин асари Порсо аст - вай маноқиби имомҳои шиъаро зикр карда, вале баъзе андешаҳои хилофи ақоиди шиъаро низ овардааст. Осори Порсо зиёд буда, муҳимтарини онҳо иборатанд аз: 1) “Қудсия”, мачмуае аст форсӣ аз суханони Баҳоуддини Нақшбанд, ки Порсо онро ба ташвиқи домод ва ҷонишини Баҳоуддини Нақшбанд, Алоуддин Муҳаммад Аттор навишта, онро шарҳ низ додааст; 2) “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ ба форсӣ, баъзеҳо дар бораи мансубияти ин асар ба Хоҷа Порсо шак кардаанд. Ин китоб дар 1366 ш. ба чоп расидааст; 3) “Таҳқиқот”, китобе дар ирфон, ахлоқ ва одоби сулук ба форсӣ, ки Хоҷа Муҳаммад Зоҳиди Кобулӣ онро ба бобҳо тақсим карда аст. Ин китоб бо номи “Туҳфату-л-соликин” дар Деҳлӣ ба чоп расидааст; 4) “Анису-л-толибин ва иддату-с-соликин” манзумаест форсӣ дар шарҳи мақомоти Баҳоуддин Нақшбанд, дар чаҳор қисм ва 2600 байт; 5) “Ақоид”, ки дар бархе манбаъҳо номи он “Ақоиди фуруқи исломӣ” омадааст. Ин китоб таҳрири масъалаи 56-уми рисолаи “Саводу-л-аъзам” асари Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад Ҳаким Самарқандӣ (ваф.342) мебошад. Хоҷа Порсо бар асоси ин масъала, рисолаи “Ақоид”-ро таълиф кардааст; 6) Осори мансуб ба Хоҷа Порсо иборат аст аз: “Одобу-с-соликин”, “ал-Арбаъуна ҳадисан”; “Ҷомеъ ал-қалам”; “Рисола дар зикри 73 фирқаи ислом”, “Рисола фи тариқи-з-зикр ал-хафӣ”; “Рисола дар боби қасидаи Ибни Фориз”; “Рамз ал-ақтоб”; “Рисола дар таҳқиқи замон ва макон”, ки гузидае аст аз фасли Хитоб; Сухани рост ва Рубоиёти Хоҷа Муҳаммад Порсо, ки Ҷомӣ бар он шарҳ навишта аст; “ал-Фусул ал-ситта дар ҳадис”; “Кашфия”; “Рисолаи маҳбубия дар маноқиби Баҳоуддини Нақшбанд”; “Масъалаи халқ ал-афъол”; “Маслак ал-орифин дар маноқиби Баҳоуддини Нақшбанд ва тариқаи ӯ”; “Маносики ҳаҷ” ва “Мантиқу-т-тайр”ва ғ.

5.“Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Ҷандӣ. Аз қадимтарин шарҳҳои “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ буда, аввалин китобест, ки “Фусус”-ро ба маънии

маъруфи калимаи “шарҳ”, шарҳ медиҳад.[22] Талмисонӣ низ аз шогирдони Қунавӣ мебошад.

Қандӣ низ монанди Шайх Садрриддин фақат вориди баҳсҳои назарӣ ва фикрӣ шуда, ба шарҳу тафсири луғавии калимот таваққуҳ надодааст. Бидуни шак маънии луғавии “Фусус” барои Садриддин ва Муайядуддин ошкор буда, ишколоти лафзӣ ва дастурӣ, ки шореҳони минбаъда ба тафсил дар бораи онҳо баҳс кардаанд, барои онҳо тақрибан вуҷуд надоштааст.

Қомӣ дар “Нафаҳоту-л-унс” дар бораи иҳотаи ин ду нафар бар китоби “Фусус” ишорае мекунад: «Қандӣ гуфтааст, хидмати Шайх Садриддин қаддаса сирраҳу хутбаи “Фусус”-ро аз барои ман шарҳ кард, ва дар аснои он вориди ғайбӣ[23] бар вай зоҳир шуд, ва асари (таъсири) он зоҳир ва ботини маро фаро гирифт. Он гоҳ дар ман тасарруфе кард муҷиб ва мазмуни китобро ба тамом дар шарҳи хутба мафҳуми ман гардонид, ва чун ин маънӣ аз ман дарёфт, гуфт, ки ман низ аз ҳазрати Шайх дархостам, ки китоби “Фусус”-ро бар ман шарҳ кунад. Хутбаро шарҳ кард ва дар аснои он дар ман тасарруфе кард, ки мазмуни тамоми китоб маро маълум шуд...» [64, С. 558].

Ҳудуди ҳафтяки шарҳи Қандӣ шарҳи хутбаи “Фусус” буда, ҳам дар он ҷо ва ҳам дар шарҳи матни китоб мабоҳиси “Фусус”-ро ба шакле, ки дар ҳеҷ кадом аз шарҳҳои дигарон дида намешавад, шарҳ ва тафсил додааст. Ин аст, ки ҳамон тавр ки нақл кардем, Қомӣ дар бораи шарҳи ӯ гуфтааст, ки: «Дар он ҷо таҳқиқоти бисёр аст, ки дар соири кутуб нест» [64, С. 558].

Дар шарҳи китоби “Фусус” равиши Қандӣ чунин аст, ки як ё чанд сатрро аз “Фусус” нақл карда, баъдан дар бораи тамоми ҷонибҳо ва равшан кардани ин ибораҳо ба баҳси муфассал оғоз мекунад, бе он ин ки дар бораи калимот ва ё

[22] Дар китобшиносии Ибни Арабӣ Усмон ибн Яҳё ба шарҳе ба Фусус аз Мунифуддин Талмисонӣ ишора мекунад, ки мумкин аст қабл аз шарҳи Қандӣ навишта шуда бошад (с. 342), вале мо ин ҷо аз Қомӣ пайравӣ мекунем, зеро ӯ дар “Нақд ан-нусус” ду бор мегӯяд, ки Қандӣ шореҳи аввали “Фусус” аст (1-3/19, 3-4/340 ба ҳар ҳол Қомӣ зоҳиран аз шарҳи Талмисонӣ иттилоъ надоштааст ва илло ҳатман дар “Нафаҳот ал-унс” дар шарҳи ҳоли Тилмасонӣ зикре аз он ба миён меовард. Дар ин ҷо фақат аз шарҳи “Манозил ас-соирин” ва девони вай ёд мекунад (с. 570 571).

[23] Вориди ғайбӣ – воридоте, ки ба дили банда бидуни ирода ва саъю талош дохил мешаванд.

сарфу наҳви онҳо сухане бигӯяд. Чунин маълум мешавад, ки Ҷандӣ ба ин масоил тафсили беш аз андоза додааст, аз ин рӯ, шореҳони баъдӣ онро бо бисёрсуханӣ айбдор донистаанд. Ҷомӣ дар “Нақд ан-нусус” мукаррар аз ӯ нақли қавл мекунад, вале тақрибан бидуни истисно ва бар хилофи нақли қавлҳое, ки аз соири шореҳон мекунад, чанд ҷумла ва гоҳе нисфи ибороти ӯро ҳазф мекунад. Ӯ дар китоби “Нақд ан-нусус” [63, С. 208] ҳам (208/ 22) аз яке шореҳони дигари “Фусус” нақл мекунад ва мегӯяд, ки: «Ҷандӣ калимоте дар ин боб дорад, ки яке аз шореҳон ба ин сурат талхис кардааст» [63, С. 37-40]. Шояд далели ин ки бо вуҷуди аҳамияти фавқулоддае, ки шарҳи Ҷандӣ дорад, ҳанӯз ба табъ нарасидааст. Ҳамоно бисёрсухани он аст ба ҳар ҳол устод Оштиёнӣ машғули тасҳеҳи ин шарҳ аст [63, С. 40-41.]

Шарҳи Ҷандӣ дар айни ин ки ба румуз ва ҷойҳои норашани китоб даст задааст, вале барои мубтадӣ (онҳое, ки навакак ба омӯзиши тасаввуф оғоз кардаанд) китоб муносиб нест, зеро ҳамчунон ки шайхони тариқат тавсия додаанд, онҳо бояд аз шарҳҳои осонтар ва дар пеши устодон мафҳумҳои баланди ирфониро фаро бигиранд. Дар муқоиса бо шарҳи Кошонӣ, ки пас аз шарҳи Ҷандӣ таълиф шудааст, шарҳи Ҷандӣ душвортар ба назар мерасад, аммо бо ин ҳол, теъдоди ҷолиби таваҷҷуҳе аз шарҳҳои муҳими “Фусус”, ки ҳатто дар давраҳои матни дарсӣ будаанд, баъзан матлаби Ҷандиро бо ибораҳои соддатар баён карда, ҳатто дар баъзе мавридҳо алфози Ҷандиро айнан истифода бурдаанд. Масалан, Хоҷа Муҳаммад Порсо дар мавридҳои зиёде ба тарҷумаи форсии ибороти Ҷандӣ басанда кардааст.

Муаядуддин Ҷандӣ (ваф. 691 / 1291 м.), яке аз шогирдони Қунавӣ буда, асари асосии ӯ “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ ва яке аз аввалин шарҳҳои расмии Фусус ба ҳисоб меравад. Ҷандӣ аз дигарон бо истеъдоди илмии худ ва кашфҳои ирфонии худ фарқ мекард. Китоби Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и ӯ ба аксари мутлақи муфассирон таъсир расонидааст, ки баъди ӯ зиндагӣ кардаанд. Барои ҳамин Ҷомӣ нисбати ин китоб фармудааст: «китоби он яке аз

манбаҳои муътамадии барои шореҳони китоби «Фусус ал- ҳикам» аст. Дар ин китоб бисёр аз шарҳое мавҷуданд, ки дар дигар китобҳо вонахурдаем» [63, С. 556].

6. “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Хоразмӣ. Шарҳи бо забони форсӣ таълифнамудаи Тоҷиддин Ҳусайн ибни Ҳасани Хоразмӣ Киравӣ мебошад, ки дар дуруст будани мансубияти он ба Ҳусайн ибн Ҳасан Хоразмӣ ва ё Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ (бонии силсилаи Ҳуснияи Ҳамадония) шубҳаҳое вуҷуд доранд.

Сохтори дохилии китоб бар асоси матни “Фусус ал-ҳикам” танзим шуда, фасҳои бистуҳафтгонаро ба тартиби муайян тавзеҳ додааст. Муҳимтарин нуктае, ки бояд ҳатман ба он ишора кард он аст, ки “Шарҳи Қайсарӣ”, яъне “Матлаъи Хусус ал-ҳикам фи шарҳ Фусус ал-ҳикам” аст, ки шарҳи Хоразмиро наметавон аз шарҳҳои мустақили “Фусус ал-ҳикам” ҳисобид: зеро Хоразмӣ ин шарҳро бо тавоҷҷуҳ ба шарҳи Қайсарӣ иншо намуда, ошкор кардааст, ки шарҳи Хоразмӣ дақиқан мутобиқи матни Қайсарӣ аст.

7.“Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Кошонӣ. Номи пурраи ин китоб “Шарҳи Фусус ал-ҳикам” ё “Шарҳу-л-ориф ва-л-комил Камолиддин Абдураззоқ ал-Кошонӣ ала Фусус ал-ҳикам ли-л-шайх Муҳиуддин Ибн Арабӣ” аст. Аз ибораҳои хутбаи китоб, ки муаллиф овардааст, маълум мешавад, ки китоб бо дархости ҷамоате аз аҳли ирфон китоби “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабиро шарҳ додааст.

Муаллифи он орифи номдор Абулғаноим Камолуддин Абдурраззоқ Қосонӣ (ваф.730 ҳ.қ.) мебошад. Абдураззоқ Қосонӣ сабаби таълифи “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-ро дар муқаддима чунин баён мекунад: «Гурӯҳе аз аҳли Ҳақ ва ҳақиқат ва арбоби ирфон ва маърифат ба вижа дӯсти бузургвор олими ориф муваҳҳиди муҳаққақ Шамсу-л-милла ва-д-дин қаддасаҳу арбоби яқин Муҳаммад ибни Муслиҳ, машҳур ба Шамси Табрезӣ аз банда дархост намуданд, ки китоби “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабиро барои онон шарҳ намоям ба

шарти он ки чизе аз гавҳари гаронбаҳои онро махфӣ нанамоям ва то ҷое, ки имкон дорад асрор ва румузи онро ошкор кунам» [295].

Дар дарси “Шарҳи Фусус” Абдурраззоқ Қошонӣ шогирдони зиёде ширкат доштаанд, ки се нафари онҳо аз чеҳраҳои дурахшони олами адаб ва ирфон буданд: яке Шамси Табрезӣ, дигаре орифи шаҳир аллома Довуд ибни Маҳмуд Қайсарӣ бузургтарин шореҳи “Фусус ал-ҳикам” аст ва саввум Рукниддин Масъуд Шерозӣ маъруф ба Бобор Каноии Шерозӣ аст, ки “Фусус ал-ҳикам”-ро ба форсӣ шарҳ ва тарҷума намуда, номи онро “Нусус ал-хусус фи тарҷимати ал-Фусус” гузоштааст.

Аллома Қайсарӣ дар оғози “Шарҳи Фусус ал-ҳикам” мефармояд: банда Худои субҳонро ба хотири се неъмати бузург шукр менамоям, аввалӣ устоди бузурге чун Абдурраззоқ насиби ман гардид. Дуввумӣ китоби муҳиме чун “Фусус ал-ҳикам” ба дастам расид ва саввумӣ шогирдони бо шӯру шавқе дар дарсам ҳозир мешуданд.

Ин китоб шомили се муқаддима ва бисту ҳафт фасс аст. Се муқаддима тамоми усули “Фусус ал-ҳикам”-ро дар бар дорад: муқаддимаи аввал дар таҳқиқи ҳақиқати зоти аҳадият, муқаддимаи дуввум, дар баёни ҳақоиқи асмо ва ғайримутаноҳӣ будани онҳо ва муқаддимаи саввум, дар баёни шаъни илоҳӣ аст.

“Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Кошонӣ аз шарҳҳои муҷази “Фусус ал-ҳикам” ба шумор меравад, аз ин рӯ, ба шарҳи алфоз ва иборот камтар пардохта, бештар ҷониби маъно ва муҳтаворо риоя намуда аст. Муаллиф дар тафсир ва таъвили Қуръон дорои донишҳои амиқ буда, дар шарҳи маорифи олӣ аз ҳақоиқи қуръонӣ ва таъвили оёти илоҳӣ бисёр баҳра гирифтааст, аз ин рӯ, шарҳи ӯ бо далелҳои оёти Қуръон таълиф шудааст.

8. “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и Қайсарӣ. Муаллиф дар муқаддимаи китоб навиштааст: “ва самайту ал-китоба биматлаъи хусус ал-калам фи маъони фусус ал-ҳикам” (ман ин китобро “Матлаъи хусус ал-қалам фи маъони фусус ал-ҳикам” номидам) аст ва ин ном сарфан номи муқаддимаи китоб нест, балки

кулли китоб аз муқадимоти дувоздаҳгона ва шарҳи “Фусус” ба ҳамин ном, номида шудааст. Ин китоб шарҳе ғайрмузаҷӣ ба тариқи “Қола - Ақул” (Гуфт-Мегӯям) бар яке аз муҳимтарин осори Ибни Арабӣ дар ирфони назарӣ, яъне китоб “Фусус ал-ҳикам” буда, ба далели имтиёзоти он нисбат ба дигар шарҳҳо пайваста аз манбаъҳои омӯзишӣ аҳли ирфон, аз ҷумла, дар ирфони назарӣ мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор дорад. Муаллифи китоб “Довуд ибн Муҳаммад Румии Қайсарӣ” аст, ки яке аз шореҳони барҷастаи мактаби ирфонии Ибни Арабӣ ва барҷастатарин шогирди Абу ал-Ғаном Абдурразоқ Косонӣ аст.

Қайсарӣ пеш аз он ки ақоиди ирфонии худро монанди дигар шореҳон матраҳ намуда, ба шарҳи ақоид ва андешаҳои мавҷуд дар “Фусус” бипардозад, рисолати худро аз шарҳу тавзеҳи асрор ва дақоиқи китоб дониста, аз ибтидо то интиҳои китоб ҳамин равишро риоя намудааст. Ӯ барои ба ин ҳадаф расидан муқаддамотеро дар аввали китоб оварда, онҳоро муфассал шарҳ додааст, ки донистани онҳо дар фаҳмиши китоб нақши муҳиме дорад.

Қайсарӣ бо такя ба матни аслӣ саъй намудааст, ки ибороти мушкил ва нофаҳмои онро дар қолаби ибораҳои возеҳ ва равшан кушода, аз роҳи мухтасар кардани андеша ва ба дарозо накашидани сухан тавзеҳ намояд, ки бо ин хусусиёташ дар миёни шарҳҳои дигар фарқ мекунад.

“Шарҳи Фусус” дар пайравӣ аз матни он дар 27 фас танзим шуда, ҳар фасс ба яке аз авлиё ва анбиё бахшида шудааст. Ин шарҳ аввалин бор дар Эрон пас аз таҳрири он тавассути марҳум Ҳоҷ Мулло Муҳаммад Ҳусайни Кошонӣ, ба табъ расидааст [298].

Дар муқаддимаи китоб пас аз хутбаи он дувоздаҳ фасл омада, ки дар ҳар яке аз онҳо яке аз масоили муҳими ирфони назарӣ мавриди баҳс қарор гирифта иборатанд аз: 1. Фи-л-вуҷуд ва иннаҳу ҳува ал-ҳақ (Оид ба вуҷуд, ки иборат аст аз вуҷуди ҳақ). 2. Фи асмоиҳи ва сифотиҳи таъоло (Дар бораи асмо ва сифоти Ҳақ Таъоло). 3. Фи ал-аъён ас-собита ва т-танбеҳ баъзу мазоҳир ал-асмо фи-л-хориҷ (Дар бораи аъёни собита ва танзеҳи баъзе мазоҳири асмо дар хориҷ). 4.

Фи ал-ҷавҳар ва-л-араз (Дар бораи ҷавҳар ва араз). 5. Фи баёни ал-аволим ал-куллия ва ал-ҳазарот ал-хамс ал-илоҳия[24] (Дар бораи оламҳои куллӣ ва ҳазароти панҷгонаи илоҳӣ). 6. Фи мо яттааллиқ би-л-олам ал-мисоли (Дар бораи он чизе, ки ба олами мисолӣ мутааллиқ аст). 7. Фи маротиби ал-кашф ва анвоъуҳо иҷмолан (Дар бораи маротиби кашф ва ҳама шаклҳои он). 8. Фи инна ал-олам ҳува сурату ал-ҳақиқият ал-инсонияту биҳасб маротибиҳо (Дар бораи он ки олам сурати ҳақиқати инсонӣ вобаста аз маротиби ӯ мебошад). 9. Фи баён ал-хилофати ал-ҳақиқати муҳаммадияти ва ал-ақтоб (Дар баёни ҳақиқати муҳаммадӣ ва қутбҳо). 10. Фи баён ар-рӯҳ ал-аъзам ва маротибиҳи ва асмоиҳи фи-л-олами ал-инсонӣ (Дар баёни рӯҳи аъзам ва маротиб ва асмои он дар олами инсонӣ). 11. Фи авд ар-рӯҳ ва мазоҳира ал-улвия ва-с-сифлия илайҳи таъоло (Дар бораи бозгашти рӯҳ ва мазоҳири олӣ ва сифлии он ба сӯи Худо). 12. Фи ан-нубувва ва ар-рисола ва-л-вилоя (Дар бораи нубувват, рисолат ва вилоят). Ҷалолиддин Оштиёнӣ ин фаслҳои дувоздаҳгонаро дар китобе ба номи “Шореҳи муқаддимаи Қайсарӣ” ба тафсил шарҳ намудааст.

Исмоил Пошо Бағдодӣ дар китоби “Ҳадияту ал-орифин” сездаҳ асари Қайсариро зикр намудааст, ки иборатанд аз: 1)”Таҳқиқ мо ал-ҳаёт”; 2) “Кашф асрори-з-зулмот”; 3) “Шарҳ ҳадиси ал-арбаъин”; 4) “Шарҳ ал-аруз” (асари Андалусӣ); 5) “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”; 6) “Шарҳ қурату-л-айн аш-шуҳуд” (асари Шайх Акбар, Ибни Арабӣ); 7) “Шарҳи қасидаи “ал-Хамрия” (асари Ибни Фориз); 8) “Шарҳи Манозилу-с-соирин”; 9) “Кашф вуҷуҳ ал-ғур лимаъони ад-

[24] Ҳазароти хамс - бо он ки тамоми мавҷудоти олам аз зарроти дарра мазоҳире аз мазоҳири ҳақанд ва ҳар якро мақом ва мавзеъияте аст ки мазҳари яке аз сифоти ҷамол ва камол ва ҷалол аст. Ва мазоҳири ҳақанд ва маъа залика урафо умуман ба зикри ҳазароти хамс иктифо карданд, ки онҳо усули ҳазаротанд ва онҳо иборатанд: 1. Ҳазароти ғайби мутлақ, ки олами он, олами аъёни собита аст дар ҳазрати илоҳия; 2. Ҳазрати шаҳодат, ки муқобили ҳазрати ғайб аст ва олами он олами мулк аст; 3. Ҳазрати ғайби музоф, ки ба ду қисм аст, яке он ки наздик ба ғайби мутлақ аст ва олами он олами арвоҳи ҷабарутия ва малакутия аст, яъне олами уқул ва нуфус; 4. Ва дигар он ки ақраб ва наздиктар ба олами шаҳодат аст ва олами он олами мисол аст. 5. Ҳазрати ҷомеъ, ки ҷомеъи чаҳор ҳазарот аст ва олами он олами инсони комил аст, ки ҷомеъи ҷамиъи аволим (оламҳо) аст. Олами мулк мазҳари олами малакут аст, ки олами мисоли мутлақ аст ва олами мисоли мутлақ мазҳари олами ҷабарут аст, ки олами муҷарадот бошад ва олами ҷабарут мазҳари олами аъёни собита аст ва аъёни собита мазҳари асмои илоҳия ва ҳазрат ва аҳадият аст ва он мазҳари ҳазрати аҳадият аст. (Ирфон ва тасаввуф, с.739 ҳарфи ҳ). Баъдан ин масъаларо муфассал баррасӣ хоҳем кард.

дур”; 10) “Шарҳи тоия”-и Ибни Фориз; 11) “Маротибу-т-тавҳид”; 12) “Матлаъ хусус ал-калам фи маъони Фусус ал-ҳикам; 13) “Ниҳояту-л-баён фи дирояти-з-замон” ва ғ.

Се рисолаи Қайсарӣ бо номҳои “Ат-тавҳид ва-н-нубувват ва-л-вилоя”, “Асосу-л-ваҳдонията”, “Ниҳоята-л-баён фи-д-дирояти-з-замон” ба чоп расидааст [47].

9. Саъидуддин Фарғонӣ (ваф. 700 ҳ. / 1300 м.) шогирди дигари Қунавӣ буда, дар тақдири ирфони назарӣ таъсири бузург расонидааст. Маҳз ба хотири ӯ ва шогирдонаш Қунавӣ қасидаи “Тоия”-и Ибни Форизро ба забони форсӣ шарҳ додааст[25]. Фарғонӣ бошад, ин шарҳҳоро коркард намуда, дар заминаи онҳо китобаш”Машориқ ад-дарори” («Макони тулуъи ситораҳои тобон»). Дар ин асари худ ӯ маънои лафзии устоди худро наовардааст, аммо аз рафти муҳокимаҳои ӯ маълум мешавад, ки ин шарҳу баён дар заминаи дарсҳои устод таълиф ёфтааст.

Фарғонӣ дар муқаддимаи ин шарҳ муҳтавои умумии ирфони назариро баён намуда, баъдан ба шарҳи қасидаи “Тоия” гузаштааст. Ин муқаддима ба таҳаввули минбаъдаи ирфони назарӣ таъсири фаровон гузоштааст, зеро муаллиф дидгоҳи сӯфиро нисбати маротиби ҳастиро аниқ ва мантиқӣ шарҳ додааст, ки мислу монанди он ҳатто дар осори худи Қунавӣ ба чашм намерасад. Баъдан Фарғонӣ худи асарро шарҳ дода, ба забони арабӣ ба он иловаҳо дохил намуда, шарҳи худро “Мунтаҳо ал-мадорик” («Ниҳояти дастовардҳо») номидааст.

Муҳимтарин асари Фарғонӣ шарҳи истилоҳоти ирфонӣ мебошад. Ибни Арабӣ ва Қунавӣ ҳангоми интиқоли маъонӣ истифодаи истилоҳоти махсус вазифадор надониста, ҳар дафъа вобаста аз вазъият вожаҳои мувофиқро

[25] Ибн ал-Фориз Шарафуддин Умар **(**ибн Али Абу Ҳафс**) (ё** Абу-л-Қосим**)** ал-Мисри ас- Саъди (1151 - 1235) – бузургтарин шоири сӯфии арабӣ, намояндаи шохаи ғарбии тасаввуф (машҳур бо -«Султон ал-ошиқин»). Асарҳои машҳури ӯ “Хамрия”ва «Тойияи кубро» - қасида, ки аз 760 байт иборат аст. Девони ӯ борҳо рӯи чоп омада ба он шарҳҳои зиёд навишта шудааст.

истифода мебурданд, ки баъзан ба нофаҳмоиҳо ва қироатҳои гуногун мерасонид. Фарғонӣ роҳи ҳалли ин масъаларо ёфта, калимаҳои махсуси муқарраршударо ворид намудааст. Ҳамин тариқ, баъди ӯ ба истиснои баъзеҳое аз қабили Кошонӣ ва Қайсарӣ истилоҳҳои махсуси ӯро ворид намудааст. Масалан, Соъинуддин Таркаи Исфаҳонӣ дар китоби худ "Тамҳид ал-қавоъид" («Омода сохтани қоидаҳо») ва Фанорӣ дар китоби "Мисбоҳ ал-унс" («Чароғи дӯстӣ») дар раванди шарҳи нуктаҳо ва истифодаи истилоҳот ба ишораҳои Фарғонӣ пайравӣ кардаанд.

10. Фахриддини Ироқӣ (ваф. 688 ҳ./ 1289 м.) – низ аз шогирдони маъруфи Қунавӣ буда, дар машғулиятҳои ӯ оид ба шарҳи "Фусус ал-ҳикам" иштирок намуда, "Ламаъот"-и худро таълиф намудааст, ки Ҷомӣ онро шарҳ дода, китоби " Ашъа ал-лумаъот" («Нурҳои ламаъоти (илоҳӣ)-ро навиштааст».

11. Афифуддин Талмасонӣ (ваф. 690 ҳ./ 1290 м.) низ аз шогирдони шаҳири Қунавӣ ва шореҳи китоби Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ "Манозил ас-соирин" («Манозили соликон») мебошад. Шарҳи Мулло Абдурразоқ Кошонӣ дар заминаи ҳамин китоб навишта шудааст.

12. Мулло Абдурраззоқ Кошонӣ (ваф. 735 ҳ./ 1334 м.) дар баробари маърифати амиқи ирфони назарӣ ва фалсафа, дорои истеъдоди кашфи сӯфиёна будааст. Ба қавли худаш «баъди солҳои тӯлонии саъю талош "ваҳдати шахсияи вуҷуд"-и Ибни Арабӣ ва ҳақиқати ин ваҳдат барояш кашф шудааст» [63, С. 488]. Доир ба ин масъала байни ӯ ва орифи машҳури ҳамасраш Алоудавла Симнонӣ, ки яке аз душманони ашадии таълимоти ваҳдати вуҷуд буд, мукотиба ва баҳсу мунозираҳо идома доштаанд. Дар ин номаҳо Кошонӣ оиди андешаҳои хатои Симнонӣ, ки асоси ғоявии ирфони назарӣ ва эътиқоди Ибни Арабиро ташкил медиҳанд, посухҳои далелнок пешниҳод гардидаанд.

Кошонӣ муаллифи асарҳои зиёд, аз ҷумла ӯ муаллиф китоби "Тафсири таъвилот" мебошад, ки баъзе муҳаққиқон онро мансуби Ибни Арабӣ донистаанд. Китобҳои ӯ "Шарҳи «Фусус ал-ҳикам», "Истилоҳот ас-суфия",

ҳамчунин шарҳҳои машҳури “Манозил ас-соирин”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар байни муҳаққиқон дорои нуфузи зиёд мебошанд.

13. Шейх Довуд Қайсарӣ (ваф. 751 ҳ. / 1350 м.) аз шогирдони Кошонӣ буда, шарҳи “Фусус ал-ҳикам”, дар байни орифон маъруф буда, ба сифати китоби дарсии марҳалаи дуввуми ирфони назарӣ эътироф шудааст. Қайсари пеш аз таълифи шарҳи худ, муқаддимаеро навиштааст, ки аз 12 фасл иборат буда, яке аз китобҳои муҳимтарини ирфони назарӣ эътироф шудааст. Садр ал-Мутаъолиҳин (Мулло Садро) ба масоили баррасишудаи ин китоб аҳамияти махсус додааст.

14. Сайид Ҳайдар Омилӣ (ваф. 783 ҳ. / 1381 м.) муаллифи осори муҳим дар ҷодаи анъанаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ ба мисли “Ҷомеъ ал-асрор” («Маҷмӯи асрор»), “ал-Муҳит ал-аъзам” («Нури бузургтарин») ва “Нас ал-Нусус” (Матнҳои аслии “Расоили возеҳ”), ки шарҳи китоби Ибни Арабӣ “Фусус ал-ҳикам” мебошад. Аммо муҳимтарин осори ӯ мутобиқат додани ирфон бо тасаввуф мебошад.

15. Муҳаммад ибни Ҳамза Фанорӣ (ваф. 834 ҳ./ 1430 м.) яке аз беҳтарин донишмандони ирфони назарӣ буда асарҳои зиёде дар ин ҷода таълиф намудааст. Асари муҳимтарини ӯ “Мисбоҳ ал-унс” мебошад, ки шарҳи китоби Садриддин Қунавӣ “Мифтоҳ ал-ғайб” мебошад. Дар ин китоб андешаҳо ва ақволи орифони барҷастаи асри VII (XIII), яъне Ибни Арабӣ, Ҷандӣ ва дар навбати аввал Қунавӣ ва Фарғониро ҷамъ оварда, истилоҳоти муҳими ирфонии асри VII (XIII)-ро шарҳ додааст. Маҳз барои ҳамин ин асар ба сифати китоби дарсии маҳфилҳои дарсӣ дар соҳаи ирфон истифода мешудааст.

16. Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 ҳ. / 1492 м.) охирин муҳаққикест, ки дар соҳаи ирфони назарӣ асарҳо таълиф намудааст. Фаъолияти Ҷомӣ аз ду ҷанба муҳим мебошанд: а) ӯ тамоми осори пешгузаштагони худро ҷамъоварӣ намудааст; б) масоили ирфони назариро дар шакли дастрастар ва фаҳмотар пешниҳод кардааст. Аз ин рӯ, асарҳои ӯ дорои аҳамияти зиёд буда, асарҳои

зиёде таълиф додааст асарҳои машҳури ӯ “Нақд ан-Нусус” («Таҳлили интиқодии «Нусус»), ал-Лавоеҳ («Чароғакҳо, Вспышки»), “ал-Лавомеъ” («Сияния-Дурахш»), Ашъат ал-лумаъот («Шуои нурҳои илоҳӣ») и Шарх-и «Фусус ал-хикам» ба ҳисоб мераванд.

“Нақд ан-нусус фи шарҳ нақш ал-фусус”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ. Китоби “Нақд ан-нусус фи шарҳи нақши-л-фусус” асари Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, дар ирфони назарии мактаби Ибни Арабӣ, яке аз китобҳои муътабар ба ҳисоб меравад. Аммо бо вуҷуди ин ҳама нусхаҳои хаттӣ, ин асар камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Эдвард Браун ин китобро “Шарҳи Ҷомӣ бар Нусуси Садриддин Қунавӣ” пиндоштааст. Устод Ҳикмат низ дар китоби “Ҷомӣ"-и худ фақат ба зикри ном “Шарҳи ал-фусус”-и Ҷомӣ иктифо кардааст, бинобар ин фарқи байни ду асар, яъне “Нақду-н-нусус” ва “Шарҳу-л-фусус”-ро равшан накардааст.

“Шарҳу-н-нусус” шарҳест, ки Ҷомӣ онро дар “Нақшу-л-фусус”-и Ибни Арабӣ бо номи “Нақш ал-фусус” таълиф намуда, дар миёни осори ин муаллиф аҳамияти хосе дорад. Ҳамон тавре ки Усмон Яҳё дар “Китобшиносии Ибни Арабӣ” навиштааст: «Шайхи Акбар дар миёни ин кутуб ва расоил “Фусус ал-ҳикам”, ба қавли Ҷомӣ, “хотами мусаннафоти вай аст» [62, С. 18], зеро дар он шайх ба беҳтарин вачҳ назарриёт, кашфиёт, ақоиди худро хулоса ва баён карда аст. Ин китоб дар таърихи ирфони исломӣ мақоми хосе дорад ва дар ирфони назарӣ шояд муҳимтарин китоби дарсӣ ба шумор ояд [408, С. 341].

“Нақд-н-нусус фи шарҳи нақшу-л-фусус” дар равшан кардани матолиб ва муҳимтарин баҳсҳои мактаби Ибни Арабӣ китоби беҳамто буда, зиёда аз нӯҳ шарҳи дигар бар “Нақш ал-фусус” навишта шудааст [62].

Ҳар “фассе” аз “Фусус ал-ҳикам”-ро, ки Ибни Арабӣ дар нақши “Фусус” овардааст**,** мухтасаран шарҳ дода, Ҷомӣ беҳтарин ва баргузидатарин шарҳҳо ва баёнҳои пешгузаштагони худро ба сурати муназзам гирд овардаст. Ҷомӣ худ шарҳ додааст (15/17), ки китоби “Нақду-н-нусус” [62, С. 15] калимае чанд аст аз

“Нусус арбоби хусус”, яъне Шайхи Акбар ва тобеони ӯ, ки он «ҷамъ карда мешавад... чун марқаъи сӯфиён, ҳар порае аз ҷое андӯхта» [62, С. 21-23]. Худи ибораҳои “Нақду-н-нусус” ба маънии ҷудо кардан ва фарқ кунонидани навиштаҳои бад аст. Шубҳае нест, ки ба андозаи Ҷомӣ бо он мақоми баланди ирфонӣ ва адабӣ шоистагӣ аз уҳдаи ин кор бо сарбаландӣ баромадааст.

Баъзе навиштаҳои мухталиф ва матнҳои ҷудогона, баъзе ба форсӣ ва баъзе ба арабӣ мебошанд, ки Ҷомӣ аз онҳо дар ин китоб истифода бурда аст. Метавон тахмин кард, ки дар ҳудуди 35 дар сади “Нақду-н-нусус” ба форсӣ ва 65 дар сад ба арабӣ мебошад. Ҷомӣ дар ин китоб гуфта аст, ки ҳар пораеро аз “Нақду-н-нусус” аз ҳар ҷо ҷамъоварӣ кардааст, ки дар ҳақиқат ҳам китобе беҳтаринеро таълиф карда аст, ки қисмати зиёди он ба қалами худи ӯ тааллуқ дорад.

Шак нест, ки барои дарки мақоми илмӣ ва шеърии Ҷомӣ ин асар дорои аҳамияти махсус мебошад, зеро тасаввуф, аз назари ӯ, ҳақиқати ислом буд, ва аз партави сайр ва сулуки сӯфиёна буд, ки ба олитарин марҳалаҳои ирфони назарӣ ва илмӣ расида буд. Мақсад аз “амалӣ” ин аст, ки ирфони ӯ фақат “илмӣ” ва назарӣ набуд, балки ба ҳақоиқи ислом аз тариқи завқ низ пай бурда буд. Ҳақиқати ислом тавҳид аст ва тавҳид барои ин ки дар вуҷуди инсон таҳаққуқ ёбад, дар дили солик сироят кунад. Ҳамчунон ки Абдулғафури Лорӣ дар шарҳи ҳоли ӯ такроран ба ин нукта ишора кардааст, ба қавли Ҷомӣ: «Фарқ аст миёни якто гуфтан ва якто будан» [68, С. 29], ва ӯ худ бидуни шак ба марҳалаи “якто будан” расида буд.

Ихлос ва сидқи Ҷомӣ дар ҳақиқати дин ва ирфон дар тамоми осори ӯ таҷаллӣ ёфтааст. Чунончи Абдуғафури Лорӣ нақл мекунад, ки Ҷомӣ дар бораи худ гуфтааст: «сирри ваҳдат ва маънии тавҳид чунон ғолиб шудааст, ки дафъи вайро аз худ намедонем. Ва дар ин ҳеҷ ихтиёре нест. Ҳеҷ чиз қабл аз ин маънӣ дар хотир наояд. Ин маънӣ пеши ҳама гирифтааст: Мо роайту шайъан илло ва раайту аллоҳа қаблаҳу»[68, С. 16] (чизеро надидам, ки пеш аз он Аллоҳро надида бошам).

Ба назари Абдулғаури Лорӣ, пас аз назари илмӣ ва завқӣ Ҷомӣ мазҳари мақоми фано ва бақо буд, зеро худ ба ин марҳила аз сайру сулук расида буд: ва аз назари ақида ва афкор аз пайравони беҳтарини мактаби Шайхи Акбар буда, мақом ва висоли худро мувофиқ ба ин мактаб баён кардааст.

Робитаи Ҷомӣ бо тариқати нақшбандия ё "тариқаи хоҷагон"-ро Абдулғафури Лорӣ ба тафсил шарҳ додааст. "Тазкира"-и ӯ дар ин маврид аз ҷумлаи манбаъҳои боэътимод ба шумор меравад, зеро вай худ мурид ва шогирди ҷудонашавандаи Ҷомӣ буда, аз одоб ва шеваи сайр ва сулуки ин тариқа огаҳии тамом доштааст.

Устоди маънавӣ ва муршиди Ҷомӣ Саъдиддини Кошғарӣ (ваф. 860) буда, ки бо ду восита мууриди асосгузори тариқати нақшбандӣ Хоҷа Баҳоваддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Нақшбанд Бухорӣ (ваф. 791) будааст.

Ба қавли Лорӣ, Ҷомӣ ибтидо Хоҷа Саъдуддинро дар воқеае[26] дида буд ва сипас ба хидмати ӯ расида ва ба фақр[27] мушарраф шудааст. Ҳангоме ки Ҷомӣ ба суҳбати Хоҷа расида, ӯ гуфта будааст: "Ҳош бозе ба чанги мо афтода". Аз ин маълум мешавад, ки истеъдоди маънавии Ҷомӣ ҳанӯз дар ҳамон оғози кор дар назари Хоҷа комилан ошкор будааст. Зоҳиран Ҷомӣ дар ибтидо шаш моҳ дар хилват нишаста: «Дар ибтидои шуғл ба ин тариқ... муддати шаш моҳ худро аз мардум барканор гирифта буданд»[68, С. 64], зеро ҳамон тавре, ки расми сӯфиён аст, мурид дар оғози кор ба "чилла" ё хилвати 40 рӯза (ва гоҳе камтар ва гоҳе бештар аз чиҳил рӯз) менишинад, то алоқаи ӯ ба дунё ва одатҳои дерини худ қатъ шавад ва зиндагии тамоман навро оғоз кунад.

Осори Ҷомӣ дар ирфони назарӣ самараи робитаи ӯ бо тасаввуф аст, зеро бидуни он робитаи ӯ наметавонист китобҳое монанди "Лавомеъ"-ро бо он вузуҳ ва зебоӣ ва салосати наср бинависад[180.]. Ҳамчунон ки худи Ҷомӣ навиштааст: «Боис бар тасвиди авроқ (сиёҳ кардани варақҳо, яъне навиштан) дар боби

[26] Воқеъа – ба маънои ахбори фараҳбахше, ки ба дили солик аз олами ғайб дохил мешаванд.
[27] Фақр – камбағалии маънавӣ, фақирӣ, бенавоӣ , чизе надоштан аз молу сарвати дунёӣ, яъне вораста аз дунё ва неъматҳои он.

тасаввуф он буд, ки дар мабодии ҳол (оғози пайравӣ аз сӯфиён), ки дар суханони ин тоифа шуруъ кардем, фаҳми мақосиди қавм (яъне сӯфия) аз таҳти ибороти ишон ба ғоят мушкил буд. Назр[28] кардам, ки агар ин боб мафтуҳ (равшан) гардад (ва тавассути сайру сулук мафтуҳ гашт) мақосиди қавм бар вақҳе баён карда шавад, ки мардум ба суҳулат ("Лавомеъ" ё Шарҳи қасидаи мимияи Ибни Форизро – З.З.) фаҳм кунанд»[68, С. 17].

Бархурдорӣ аз файзу баракати маънавӣ Ҷомӣ бо истифода аз осори ӯ маҳдуд нашуда, аз муршиди худ иҷозаи байъат ва дастгирӣ низ дошт, ва ё ба қавли сӯфияи эрон ба унвони "шайх" аз тарафи қутб таъйин шуда буд ва дар ин маврид гуфтааст: «Таҳаммули бори шайхиро надорам». Гоҳе муридонро қабул мекард. Абдуғафури Лорӣ ҳикояти сарсупурдагии муридеро, ки Ҷомӣ ӯро талқини зикр карда буд, нақл мекунад.

Тасаввуф ва одоби амалии он рисолаи тариқи сӯфиён, рисола дар тариқи хоҷагон, рисолаи поси анфос, рисолаи тариқи таваҷҷуҳи хоҷаҳо, рисола дар шароити зикр, рисола дар тариқи нақшбандия, рисола сиришта, нурия, нақшбандия, ҳудуди панҷ сафҳа дар баёни масоили тасаввуф ва аркони он, яъне зикр, таваҷҷуҳ ва муроқиба, робита бо пир парварда шабеҳ аст ба он чи дар шарҳи охирон рубоии "Шарҳи рубоъиёти Ҷомӣ", шарҳу баён ёфтаанд [231].

"Нақд-н-нусус фи шарҳи нақши ал-фусус" (арабӣ ва форсии дар ҳам омехта) аввалин асари ирфонии Ҷомӣ ва асоси таҳқиқоти баъдии ӯ ба шумор меравад. "Шарҳи рубоъиёт", "Лавомеъ ё Шарҳи қасидаи мимияи Ибни Фориз", "Шарҳи баъзе абёти қасидаи тоияи Форизия", "Ашиат ал-ламаъот" ва ғ. аз беҳтарин осори ирфонии Абдураҳмони Ҷомӣ мебошанд, то айни замон мавриди таҳқиқи ҷиддии муҳаққиқон қарор нагирифтаанд [133].

Акнун фурсати муносиби он фаро расидааст, ки сухане чанд дар бораи вокунишҳои донишмандони асримиёнагии мусулмон бояд гуфт, ки қаблан ба он ишора намудем, далели возеҳи бо ҳам мувофиқ наомадани андешаҳои

[28] Назр – ваъда ва аҳду паймоне, ки шахс иҷрои ин ва ё он корро ба муносибате ният мекунад.

донишмандони давр буда, онҳоро ба ду қисм - мухолифон ва ҳомиёни таълимоти Ибни Арабӣ – ҷудо намудан мумкин аст.

2.3 Вокунишҳо дар баробари Ибни Арабӣ

Ба андеши муҳаққиқони эронӣ, то ин вақт беш аз яксад сол аз вафоти нависандаи “Фусус” мегузашт ва дар ин муддат китоб ҷойи худро дар ҳавзаҳои ирфонии сар то сари олами ислом боз карда буд. Таълимоти Ибни Арабӣ дар замони ҳаёти ӯ шуҳрати густурдае дар миёни аҳли қалами он рӯзгор надоштааст. Пас аз марги ӯ ва бар асари таблиғи Садриддин Қунавӣ ва шогирдони ӯ буд, ки вокунишҳо пайдо мешуданд ва то он ҷо ки аз таҳқиқоти Усмон Яҳё дар Феҳристи дастнависҳои китобхонаҳои муҳими Эрон, Туркия ва Аврупо бар меояд, нахустин раддия бар Ибни Арабӣ ба қалами Муҳаммад ибни Умар Димишқӣ (ваф. 652) ва нахустин китоб дар нақзи “Фусус” тавассути Имодуддин Аҳмад ибни Иброҳим Воситӣ Ҳанбалӣ (ваф. ба соли 711) ба номи “Ашиъат ан-Нусус фи ҳитики астору-л-фусус” (Шуъоҳои Нусус дар бардоштани ҳитаки пардаҳои Фусус) навишта шудааст. Аз ин донишманди ҳанбалӣ ду китоби дигар низ дар радди ақидаи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ нақл шуда, ки зоҳиран нусхае аз онҳо боқӣ намондааст [224].

Раддиянависиҳо дар аввалҳои қарни ҳаштум, бо навиштаи олими ҳанбалии дигаре - Ибни Таймия Ҳарронӣ (ваф. 728) авҷ гирифт. Дар Эрон нахустин садои эътироз зоҳиран на аз миёни фақеҳон ва мутакаллимон, балки аз маҳофили ирфонӣ бархост. Алоуддавла Симнонӣ орифи ба ном (ваф. 736) Ибни Арабиро “марди азимушшаън” медонист, аммо ақидаи ӯро дар ваҳдати вуҷуд намеписандид ва бар он буд, ки: «дар ҷамиъи миллал ва ниҳал бад-ин расвоӣ сухан касе нагуфтааст ва чун нек бишикофӣ мазҳаби табиъия ва даҳрия беҳтар ба бисёре аз ин ақида». Мавзеъгирии Алоуддавла, Абдураззоқ Кошониро бар он дошт, ки номае бинависад ва аз худ, ки ба касби ҳаводорӣ аз ақоиди Ибни Арабӣ, дар маърази ҳамла қарор гирифта буд, дифоъ кунад, чи Алоуддавла пой аз “тахтиа ва ташнеъ” фаротар ниҳода ва корро ба “такфир” кашонида буд.

Алоуддавла дар баробари Кошонӣ хомӯш нанишаст ва номаи дигаре навишт. Матни номаи Кошонӣ ва посухи Алоуддавла дар маъохизи мутааддид, аз ҷумла “Нафаҳоту-л-унс”-и Ҷомӣ ва “Равазот ал-ҷинон”-и Карбалоӣ нақл шудааст» [224.с.56].

Ин муборизаи қаламӣ миёни ду ориф, ки ҳар ду соли 734 даргузаштанд, пас аз он буд, ки Кошонӣ “Шарҳи Фусус”-и худро навишта буд, зеро ӯ дар номаи худ Алоудавларо ба матолибе, ки дар авоили “Шарҳи Фусус” гуфтааст: «Ҳавола мекунад ва мақсуди ӯ албатта се муқаддимае аст, ки табйин ва тавҷеҳи усули ақоиди Ибни Арабиро дар бораи ҳақиқати зоти аҳадият ва номутаноҳӣ будани асмо ва шаъни илоҳӣ дар бар дорад. Кашмакаш дар миёни бузургони мутасаввифаи эронӣ бар сари ақоиди Ибни Арабӣ дар сар то сари қуруни ҳаштум идома дошт»[39.с.23].

Дар авохири ҳамон қарн, яке аз мутакаллимон низ ба майдони масоф бо Ибни Арабӣ ворид шуд ва ӯ Саъдуддин Тафтазонӣ (ваф. 792) буд, ки китобе бо номи “Радду-л-аботили-л-Фусус” (Инкори суханҳои ботили Фусус) навишт, аммо ҳеҷ як аз ин мухолифхониҳо натавонист аз равнақи рӯзафзуни бозори “Фусус” бикоҳонад. Аз шарҳҳои дигаре, ки дар ҳамин қарн бар “Фусус” навишта шуд “Ҳалли-л-Фусус”-и Мирсаид Алии Ҳамадонӣ (ваф. 786) мебошад, ки зоҳиран дар андешаи ваҳдати вуҷуд бо Ибни Арабӣ мувофиқат надорад [38, С. 42.].

Дар қарни нуҳум ду шарҳи форсии комил бар “Фусус” дорем, яке аз Тоҷуддин Ҳусайн Хоразмӣ (ваф.840) ва дигаре Хоҷа Муҳаммад Порсо (ваф. 822). Бархи дигар аз орифони авохири ин қурун ва аввоили қарни нуҳум монанди Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ (ваф. 834) низ шуруҳе бар бархе аз бахшҳои “Фусус” навиштаанд. “Шарҳи Хоразмӣ” тарҷумаи мухтасаре аз “Шарҳи Қайсарӣ” аст, аммо шарҳи Муҳаммад Порсо ба асоси “Шарҳи Ҷандӣ” танзим гардидааст. Дигар аз инкишофдиҳандагони муҳими Ибни Арабӣ дар қарни ҳаштум бояд аз Абдулкарим Ҷиллӣ (ваф. 826) нависандаи “Инсони комил” ва

“Шарҳи мушкилоти Футуҳот” ном бурд... Абдулкарим Ҷиллӣ дар муҳити хориҷ аз Эрон ба сар мебурд. Ӯ дар масъалаи ваҳдати вуҷуд ҳамон таъолими Ибни Арабиро ҳатто дар мавридҳои рангинтар ва ҷасуронатар аз худи Шайх бозгӯ мекунад.

Дар Эрон, ки баъд аз суқути хилофати Бағдод ва барафтодани қалъаи исмоилия заминаи бисёр муносибе барои рушд ва пешрафти ташайюи дувоздаҳимома ба вуҷуд омад, дар миёни шореҳини “Фусус” низ тамаюлоти шиъагарӣ рӯз то рӯз бештар гардид. Сайид Ҳайдар Омилӣ дар нимаи дуввуми қарни ҳаштум (соли 782) “Шарҳи Фусус”-и худро бо номи “Нассу-н-нусус” дар Наҷаф ба охир расонид. Омилӣ Фусусро китоби “адиму-л-мисл ва ан-назиру мисла-л-Қуръон” (бемислу сонанд) мехонад ва мегӯяд ду китоб мансуб аст ба пайёмбари акрам, аввал Қуръон, ки бар ӯ нозил шуда ва дуввум “Фусус”, ки аз ӯ содир гардидааст”.

Дар ҳар ҳол қарни нуҳум бо яке дигар аз пуркортарин ва муътабартарин шореҳони Ибни Арабӣ ба поён мерасад ва ӯ Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф.898) аст. Ҷомӣ нахуст “Нақшу-л-Фусус”-и Ибн Арабиро шарҳ кард ва “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-ро низ ду сол пеш аз марги худ ба поён расонид (896) ва дар он миён осори дигаре монанди “Ашиъат ал-ламаъот”, “Лавоеҳ” ва “Шарҳи рубоиъёт” дар қалам овард, ки ҳама дар шарҳ ва тақрири орои Ибни Арабӣ аст [39, С. 43].

Муҳаққиқи муосири эронӣ Муваҳҳидӣ дар дебочаи тарҷумаи “Фусус ал-ҳикам”-и Ибни Арабӣ оид ба масъалаи “Шохаҳои мусбат ва манфии таъолими Ибни Арабӣ” андешаронӣ карда, баъзе мулоҳизоти худро ёдрас шудааст, ки барои мо муфид мебошанд. Аз ин рӯ, мухтасаран баъзеи онҳоро ин ҷо зикр мекунем.

Мактаби Кошонӣ ва Қайсарӣ, ки метавон онро идомадиҳандаи ҷанбаи фалсафӣ ё ирфони назарии таъолими Ибни Арабӣ донист, роҳи худро то Мулло Садро дунбол кард. Ҳикмати мутаъолии Мулло Садро дар воқеъ авҷи пухтагии ин шоха аз андешаҳо ва таъолими Ибни Арабӣ аст, ки бо истифода аз заминаи

васеъ ва манобеъи фаровони фалсафӣ ва каломӣ ва ирфони муқаддам бар Ибни Арабӣ болида ва бовар гаштааст. Пас аз Мулло Садро низ ҳамон ҷараён тавассути шореҳини ҳикмати мутаъолӣ, чун Мавлавӣ Алии Нурӣ ва Ҳоҷи Мулло Ҳодии Сабзворӣ ва Мирзо Ҳошим Ашкурӣ то имрӯз идома ёфтааст [39 С. 52].

Шохаи дигари таъолими Ибни Арабӣ (шохаи хурофаомезтар ва авомписандатар) низ масири худро бо мувозоти шохаи аввал таъқиб кард ва аз ҳамон охирҳои қарни ҳаштум бо ақоиди исмоилия ва ғулоти шиъа ва мутадиъини дигар даромехт ва ҳаракатҳое чун ҳуруфия ва нуқтавияро падид овард ва мояи тағзия (илҳом) ва рушди ҷараёнҳое тозатар аз Сайид Муҳаммад Мушаъшаъ то Сайид Алӣ Муҳаммади Боб гардид [39 С. 53].

Муваҳҳид оид ба мушкилоти фаҳми “Фусус” ки ҷолиб буда, аз ҷумла қайд мекунад, ки Карбалоӣ дар шарҳи ҳоли Шайх Амир Бадриддин Аҳмади Лола менависад: Мавлоно Салмон ном шахси толибилме “Шарҳи Фусус”-и Шайх Довуди Қайсариро китобат карда буд, амр фармудаанд, ки ин китобро ба хидмати Амир Сайд Аҳмади Лола бибар ва ба ишон бигузарон, ки ҳақиқати ин китобро онҳо медонанд.

Баъзе аз мушкилоти шарҳи Қайсариро бояд аз ишон пурсид чаро ки: Ҳазрати ишонро аз рӯҳи муқаддаси Ҳазрати Хотаму-л-анбиё ва ал-муҳаққиқин Шайх Муҳиюмилла ва-д-дин ар-арабӣ қаддаса-л-лоҳу сирраҳу истифозаи бисёр даст дода ва тарбиятҳои бениҳоят ёфтаанд ва мефармуданд дар айёме, ки ба мутолеъаи “Фусус” машғул будем, баъзе аз мушкилоти он нусха чунон аст, ки аз шарроҳ (шореҳон) ҳеҷ кас ҳалли онро накарда ва хидмати Хоҷа Соинуддин Алӣ Тарка (раҳамаҳу аллоҳ) мефармуданд, ки инҳо “муғулиҳо”-и ҳазрати шайх аст. Мо шуруъ дар ҳалли онҳо наметавонем кард. Ҳазрати махдум қуддиса сирраҳу мефармуданд дар аснои мутолеъа риёзати бисёр кашидам ва шабҳо гиря ва зории тамом мекардам, то он ки ҳазрати шайх зоҳир мешуданд ва ҷамиъи он мушкилотро ҳал мефармуданд.

Аз ин қарор Шайх Лола зоҳиран муддаъӣ буда аст, ки бо истимдод (кӯмак) аз рӯҳи худи Ибни Арабӣ бар мушкилоти “Фусус” фоиқ (дастболо) омадааст ва аз ин рӯ, интизор мерафта, ки дигаронро низ роҳнамоӣ кунад, аммо интизор беҳуда будааст; хостам то шарҳи алоҳида бар “Фусус” нависам ва баёни онҳо кунам; охир чунин мулҳам шудам (илҳом гирфтам), ки албатта то ин замон ҳикмате аст дар хафои онҳо, мебояд инҳо захираи охират бошад!

Натиҷа он ки бояд нишаст ва ҳамчунон мунтазир буд, то шайх дар охират қуфл аз дари ин асрор бардорад ва мушкилоти китобро ҳал кунад. Ин нукта низ дархӯри таваҷҷуҳ аст, ки Соиниддин Алӣ Тарка худ аз шореҳони бисёр маъруфи “Фусус” аст, ки бо тамоюлоти ҳуруфӣ майл доштааст. Мафҳуми иборoти танзгунаи ӯ он аст, ки Ибни Арабӣ дар ин китоб гоҳе бо забони муғулӣ ҳарф мезанад ва ҳеҷ кас намефаҳмад, ки ӯ чӣ мегӯяд!

Дар ин росто андешаҳои муҳаққиқи осори Ибни Арабӣ Абулаъло Афифӣ, дар бораи мушкилоти фаҳми забони асарҳои Ибни Арабӣ чунин андешаҳоро иброз намуда буд: Мисоле барои намуна: 2. Дар он айём андӯхтаҳои илмии ман дар бораи тасаввуф ночиз буд, ба вижа дар тасаввуфи Ибни Арабӣ, чизи каме медонистам. То он замон дар мутолиоти шарқӣ ё ғарбиям бо чунин шакле аз андеша ва тафаккур мувоҷҷеҳ нашуда будам.

Шуруъ ба хондани китобҳои Ибни Арабӣ кардам. Аввалин китобе, ки устод Николсон мутолиаи онро ба ман тавсия кард “Фусус ал-ҳикам” буд. Ин китобро борҳо мутолиа кардам, гоҳ асли китобро бо тавзеҳи шореҳоне монанди Кошонӣ (ваф. 730 қ/1330 м.), Довуди Қайсарӣ (ваф. 751 қ./1349 м.), Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 қ./1493 м.) ва Абдулғанӣ Ноблусӣ (ваф. 1143 қ./1731 м.) мутолиа мекардам. Худованд ҳанӯз барои ман даричае накшода буд. Албатта матнро бо арабӣ мехондам ва маънои ҳар калимаро ба танҳоӣ мефаҳмидам, аммо муҳтаво ва маънои куллии мавриди назари муаллифро дарнамеёфтам. Ҷумалоти зерро ки дар бахши оғозини китоб қарор дорад, ба унвони намуна аз матолиби душвор зикр мекунам...

Маъюс ва маҳзун назди устод Николсон рафтам ва сареҳ ба ӯ гуфтам, ки “Фусус”-ро дарк намекунам ва нахустин китобе аст дар забони арабӣ, ки барои ман чунин душвор менамояд. Ӯ мутолиаи китобҳои дигари Ибн Арабиро ба ман тавсия кард. Қариб 20 ҷилд китоби чопӣ ё хатӣ аз Ибни Арабӣ монанди “ал-Футуҳот ал-маккия”, “Тадбирот-ул-илоҳия”, “Иншо-ад-авоир”, “Уклат ал-муставфаз”, “Мавоқеъ ан-нуҷум ва тафсиру-л-қуръон”, ки ба Ибни Арабӣ ва дар айни ҳол ба дигарон низ марбут астро хондам. “Футуҳот” ба манзалаи калиде буд, ки ман тавонистам бо он қуфли “Фусус”-ро боз кунам. Бо мутолиаи ин асар печидагиҳои “Фусус” кушода шуд ва ишороте дар ҷиҳати дарки маром ва услуби Ибни Арабӣ ба ман намоён шуд. Донистам, ки ин сӯфӣ аз ду забон истифода мекарда ва гоҳ дар матолиби худ барои хонандагон тавъамон ҳар ду забонро ба кор мебурда ва дар сурати лузум барои пинҳон кардани мақсуди хеш ду забони мазбурро бо якдигар меомехтааст. Ин ду забон, забони зоҳир ва ботин ва ё ба қавли сӯфиён лисони шариат ва ҳақиқат аст [312].

Ин ду байтро ҳам аз Машриқи Табрезӣ (ваф.859), ки худ аз баромадагони мактаби Ибни Арабӣ дар соҳати шеър ва адаби порсӣ аст, нақл мекунам:

«Мушкил ҳикоятест, ки “аъёни собита”,

Гӯянд бе вуҷуд ниҳонанд дар адам.

Он ки вуҷуди мутлақи ҳақро мазоҳиранд,

Охир адам чӣ гуна бувад мазҳари қидам» [39 С. 56-57].

2.4. Мушкилоти фаҳми осори Ибни Арабӣ

Ҳамчунон ки қайд шуд, аз муҳимтарин баҳсҳои ирфони Ибни Арабӣ баҳси истилоҳи “аъёни собита” ва “мақомоти зоти илоҳӣ” мебошанд, ягон муҳаққиқ аз онҳо чашм пӯшидан наметавонад. Мушкилии ибораи “аъёни собита” на танҳо дар маънои он, балки бештар дарк ва тарҷумаи он то андозае мураккаб ва печида гардидаанд, ки ҳар муҳаққиқ онро бо фаҳму истеъдод ва идроки худ тарҷума ва шарҳ медиҳад.

Муҳаққиқи муосири рус Т. Ибрагим масъалаи мушкилоти “аъёни собита”-ро ба миён гузошта қайд мекунад, ки барои ифода кардани ин “таносуб” ва ё “маъонӣ” («соотнесенностей», или «смыслов») Ибни Арабӣ ҳам ифодаи ин мафҳумро чунин шарҳ додааст :«аъён собита» (шакли танҳояш «айн собит»), ки дар адабиёти фалсафии русӣ чун қоида “мавҷудоти номутаҳаррик”, “мавҷудоти ноуменалӣ” Ӯ таъкид кардааст, ки: «Тарҷумаи ин ибора ба забонҳои дигар мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меоваранд ва онҳо бо ибораҳои - “аъйон” ва “собита” алоқаманд мебошанд. Исмҳои “аъйон” дар ин матн одатан ҳамчун “архетипҳо”, “мавҷудот”, “ғояҳо”, аммо сифати “собита” - ҳамчун “номутаҳаррик” ва “тағйирнаёбанда” (“неподвижные”, “неизменные”), бошад - “доимӣ”, “перманентӣ” - тарҷума мешавад. Ин ҳама ибораҳо амалан дар адабиёт ба чашм мерсанд» [316, С. 111], А. В. Смирнов, тарҷумаи ибораи “аъёни собита”-ро ҳамчун «утвержденные воплощенности» шарҳ дода, навиштааст: «ман истилоҳи “айн”-ро бо вожаи “воплощенность” тарҷума мекунам» [336, С. 349-351], ва ҳам ҳамчун “мавҷудоти мушаххас” «конкретные сущности» дар китоби А. Кныш [322, С. 38-40] тарҷума шуда, истифода мешаванд. Барои Ибни Арабӣ аз ҳама муҳим таъкид кардани он буд, ки ҳар шайъи дар самти “айн” гирифта шуда, ҳамеша худ ба худ ва дар ҳолати адам (вуҷуд надоштан, новуҷудӣ) боқӣ мемонад, аммо дар ҳолати мавҷудият (“шайъ дар ҳар ду ҳолат собит мебошад” [322, С. 348.]. Мушкилӣ дар тарҷумаи ин ибора “аъён” (шакли танҳояш “айн”) аст. Дар фаҳмиши Т. Ибрагим ва А. В. Смирнов «аъён» мушобеҳи фаҳмиши афлотунии “мавҷудот” («сущностей») нест. Т. Ибрагим навиштааст: «Аммо дар тафоввут аз ахириҳо (аз ғояҳои афлотунӣ - И.З.), аъён универсалияҳо набуда, балки зотҳои ягонаи инфиродӣ – партикулярӣ мебошанд»[313, С. 105]. А. В. Смирнов қайд мекунад, ки: «Дар забони оддӣ ин калима (айн. - З. З.) ба маънои накдӣ, даркшавандагӣ ва мушаххасияти ин шайъро ифода мекунад. Дар осори Ибн Арабӣ ҳамчунин ба “худи шайъ” низ ишора мекунад. Дилхоҳ шайъ дорои “айни собита” буда, ҳам ҳолати (адам)

вуҷуд надоштан ҳам вуҷуд доштанро ифода мекунад. Дар баробари ин, метавон ба тафоввути онҳо ҳамчунон ки “айни собита” тавсиф мекунад, ишора кард. Дар ҳолати “адам” вай “нисаби одамия” аст дар ҳолате вуҷуд доштан бошад “сурат” (сура) аст»[336, С. 349]. Сарфи назар аз ин, тарҷумаҳои истилоҳи “аъён” ҳамчун “мавҷудот” («сущности») Т. Ибрагим и А. Д. Кныш ва ҳам “айн”- “таҷассумият” («воплощенность»)[29] (Соотнесенность – привязанность, сравнимость, сопоставимость) А. В. Смирнов аз маънои “вуҷуд доштан” – ро чунин шарҳ медиҳад: «зеро дар ин ҳолат маънои ибораи “аъёни собита”-ро торик мегардонанд: инсоне, ки фалсафаро бо анъанаи фалсафии ғарбӣ (омехта) ассосиатсия мекунад, истилоҳи “мавҷудият” ҳамчун ифодаи вуҷуди асил (муҳим нест, ки идеалӣ ва ё моддӣ бошад), айнан ҳамин тавр, истилоҳи “таҷассумият”-ро ӯ дар маънои гузариши (интиқоли) чизе аз адам ба сӯи вуҷуд (ҳастӣ), ҳамчун ба даст овардани вуҷуд дарк мекунад. Аммо дар фаҳмиши Ибни Арабӣ «аъёни собита» баръакс, новуҷудӣ (маъдумият) мебошанд, зеро ба қавли ӯ, ҳанӯз «онҳо роиҳаи вуҷудро эҳсос накардаанд».

Адами (небытийность) айни собита “ҳеҷ”-и мутлақ набуда, аз мавҷудияти шайъ дар ҳолати дастрасии ақл (интеллигибалӣ) то интиқоли он шайъ ба ҳолати вуҷуд (мавҷудият) иборат мебошад. Ба қавли дигар, айни собита – ин ким-кадом модусе аст, ки ҳам бо вуҷуд ва ҳам бо адам тавсиф карда намешавад. Ин ким-чизи саввум мебошад.

Забони русӣ бошад имконият медиҳад, ки оид ба шайъ танҳо дар бораи ким-чизи мавҷуд ва ё номавҷуд (маъдум)-ро ифода кунад ва чизи саввум дода нашудааст. Шайъ метавонад вуҷуд дошта бошад ва ё вуҷуд надошта бошад. Дар забони русӣ дар бораи мавҷудияти шайъ танҳо дар бораи ин ва ё он самти вуҷуд метавон сухан гуфт. Амали номгузории шайъ дар забони русӣ қаблан (ба таври априорӣ) вуҷудро ҳамчун уфуқи ҳама равишҳои андеша дар бораи шайъ дар назар мегирад. Дар бораи адам - шайъи номавҷуд метавон танҳо аз роҳи инкор

[29] Соотнесенность – привязанность, сравнимость, сопоставимость

кардани мавҷудияти он (“шайъи вуҷуд надошта”) сухан гуфт. Ибни Арабӣ бошад, бо кӯмаки ибораи “айни собита” дар бораи мавҷудияти шайъе сухан мегӯяд, ки онро наметавон ҳамчун мавҷуд ва ё ғайримавҷуд тавсиф дод. Айни собита – ягон шайъи мавҷуд будае нест, ки вуҷуд дошта бошад, айнан ҳамин тавр, чизе нест, ки вуҷуд надошта бошад.

Дар контексти проблемаи баррасишаванда барои мо муҳим он аст, ки ибораи “аъёни собита” барои ифода кардани ашёе хизмат кунад, ки то пайдошуданашон дар ҳастӣ вуҷуд дошта, дар илми илоҳӣ “собит” буданд [*38*, С. 85], ки ҳар кадоми он худ ба худ вуҷуд дошта, дар як вақт дар ҳолати адами худ қарор дошта бошад (где каждая из них является собой и одновременно любой другой из-за своей небытийности). Ибни Арабӣ назарияи офариниш (креатсиони)-ро дар бораи аз “ҳеҷ” офаридани ашёро аз ҷониби Худо инкор карда, даъво мекунад, ки раванди офаринишро ҳамчун аз ҷониби Худо интиқоли ашё аз як ҳолати онтологӣ ба дигараш – он бояд ҳамчун гузариш аз “шайъияти интеллигибалӣ” ба “шайъияти феноменалӣ”, фаҳмида шавад. Ашё дорои ду ҳолати онтологӣ мебошанд: а) ҳамчун аъён; б) ҳамчун ашёи ҳиссӣ-мушаххаси олам, ки дорои мавҷудияте ҳастанд, ки Худо онро дар раванди офариниш ато менамояд.

Ҳамин тариқ, адами (небытийность) айни собита, нусхаи дуввуми шайъ дар олами интеллигибелӣ, “ҳеҷияти” (ҳеҷи) мутлақ набуда, балки тарзи вуҷуди шайъ дар ҳолати дастрасии ақл (интеллигибелӣ) то интиқол ёфтанаш ба ҳолати мавҷудият мебошад. Шайъ бояд алаккай бо ким-кадом роҳе то пайдошавии худ дар олами ҳиссӣ-мушаххас, вуҷуд дошта бошад, дар ҳоли баръакс, Худо дар ҳолате вуҷуд дорад, ки наметавонад ба амри худ “Кун” муроҷиат намояд [38, С. 85]. Ибни Арабӣ баъзан айн, ки модуси мавҷудияти шайъ то пайдоиши он мебошад, бо ибораи “шайъияи омма” (шайияти омма), вале баъзан бо ибораи “шайъияи мутлақа” (шайъиййа мутлақа) ишора мекунад. Ба андешаи Ибни

Арабӣ: «амри илоҳии “Кун” (Бишав) маҳз ба ҳамин "шайъияти омма" нигаронида шудааст» [346, С. 217].

Мухолифони Ибни Арабӣ, ба робитаи таълимоти аъён бо таълимоти муътазилиён дар бораи “маъдума” (вуҷуд надоштаҳо) ишора карда, ӯро ба эътироф кардани азалияти олам аз назари азалияти моддаи (материяи) он муттаҳам намудаанд: ”Оё” маъдум дар ҳолате номавҷудиятии шайъ набудан қарор дорад ва ё не”?

Мутакаллимоне аз муътазилиён ва шиамазҳабон ба андешае расидаанд, ки бале, ки номавҷудҳо чӣ дар мавҷудияти зоҳирӣ ва чӣ дар “зот” ва чӣ дар [ҳолати] айн шайъ мебошанд. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки “моҳиёт”-и ашё офарида нашуда, мавҷудияти онҳо изофаест барои ҳақиқати онҳо. Файласуфон ва тарафдорони таълимоти ваҳдати вуҷуд низ ба ҳамин андешаи ваҳдати вуҷуд (иттиҳодия) расидаанд».

Нуктаи дигари ихтилофи принсипиалии байни таълимот дар бораи аъён ва тезиси теистонаи вобастагии ашё илми азалии Худованд аз он иборат аст, ки аъён ҳанӯз дар ҳолати ба сифати объекти илми илоҳӣ қарор доштанашон, нисбат ба ин илм аваллин мебошанд, зеро онҳо онро сабаб мегарданд (детерминуют его) «Когда Мы захотим быть чему-либо, тогда наше слово только в том, чтобы нам сказать: “Будь!” и то получает бытие» [313, С. 106]: «Илми аъёни собита – (соотнесенность), чизест, ки ба маърифаткунанда тааллуқ дорад, аммо маърифатшаванда бошад – худи ту ва ҳолатҳои худи ту мебошанд» [32, Ҷ. 3. С. 89]. Тасдиқ намудани он чӣ аъён сабаби илми Худо мегардад (Утверждение о том, что *а‘йāн* детерминируют знание Бога), амалан ба эътироф кардани он оварда мерасонад, ки Худо танҳо иҷрои амри “Кун” (Бишав!) доданро ҳифз мекунад, зеро шайъ қобилияти таҳаққуқ додани худро дар олами ҳиссӣ-мушаххас маҳз бо кумаки дугоники худ “айн” доро мебошад, аз ин рӯ, барои мавҷудияти хеш танҳо аз худаш миннатдор аст [135, Ҷ. 2. С. 72].

Дар натиҷа, Ибни Арабӣ се мартабаи ҳолати онтологии вуҷуди ягона – ҳолати вайро ҳамчун Мутлақ ва ду ҳолати ҳар як шайъ (барои ақл дастрас ва мушаххас)-ро тасдиқ менамояд. Ин мухолифати ба чашм расандаро дар андешаҳои Ибни Арабӣ ҳангоми таълиф намудани китоби дигараш: «Иншоа ад-давоир" алаккай аз байн мебарад, ӯ на дар бораи маротиби чаҳор мартабагӣ, балки таснифоти се мартабагии ҳолатҳои ашёро дар шакли зер пешниҳод кардааст: 1) он чизе ба фазли худаш дар айни худаш вуҷуд дорад (мавҷуд бизотиҳи фи айни-ҳи), ва ин – вуҷуди мутлақ, номаҳдуд мебошад (вуҷуд мутлақ ло ятақаяд), ва вай ба Худо айният дорад (ва хува Аллоҳ); 2) он чи ба фазли Худо вуҷуд дорад, яъне вуҷуди маҳдуд муқайяд (вуҷуд муқайяд), ё ки олами касрат; нисбияти вай на дар "таъхир кардани он" нисбати замони мутлақ, балки вуҷуди мутлақ ӯро дар вуҷуд (би-л-вуҷуд) "муқаддам" мебошад; 3) он чизе, ки онро на вуҷуд метавон тавсиф кард ва на адам, на ҳудус (пайдошавӣ) ва на "қидам"; вай аз олами касрат "муқаддам" набуда, дар замон ҳам "мутаахир" нест. Ҳамин "шайъи саввум", ба андешаи Ибни Арабӣ, "асл" (маншаест), ки олами касрат аз он ба вуҷуд меояд»[313, С. 106].

Хулосаҳои боби аввали рисоларо тахминан бо тартиби зайл метавон ҷамъбаст кард:

1. Маълумоти тарҷумаҳолии Ибни Арабӣ дар китоби "Ал-Футуҳот ал-маккия" он қадар муфассал оварда шудаанд, ки шакку шубҳаҳои хонандаро дар бораи шахсияти тавоно, нобиға будан, донишҳои энсиклопедӣ доштан, вусъати доираи донишҳои фарогир, фарқияти фавқулодаи эҷодӣ, зеҳният, хотираи фавқулода доштани ӯро куллан аз байн мебаранд. Танҳо ба хотир овардани теъдоди асарҳо, устодон, сафарҳою мулоқотҳо ӯ, бидуни шак ҳар касро ба ҳайрат меоварад ва хонандаро водор менамояд, ки бовар кунад, ки ӯ дар воқеъ ҳам шахсияти фавқулодда буда, дар шакли изҳори назар, баёни мавриди баҳс ҳам аз сӯфиён фарқ мекунад ва ҳам аз файласуфон.

2. Агар овозаи шуҳрат ва хоҳиши мулоқоти Ибни Арабӣ бо файласуфи араб Ибни Рушд ва суҳбати кутоҳмуддати онҳо ба ҳақиқат наздик бошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар воқеъ ҳам ӯ шахсияти хориқулоддаест, ки дорои тарзи тафаккури ғайриоддӣ буда, аз мавқеи донишҳои ҳиссӣ, басирати қалбӣ-кашфӣ, шуҳудӣ, завқӣ – интуитивие муҳокима ва андешаронӣ мекунад, ки аз чашми одамони ғайри сӯфӣ, яъне одамони оддӣ пинҳон мебошанд.

3. Ибни Арабӣ, аз зумраи он мутафаккирони сӯфимазҳаби асрҳои миёна аст, ки аз ҳамасрони имтиёз дошта, бо низоми тафаккур, андешаронӣ ва таълифи осори худ, на танҳо бо забони махсуси нофаҳмо ва мушкилнависӣ, балки бо забони шарҳу баёни ҳолатҳои махсуси ирфони психологӣ ва таъбири хобҳои дидааш аз дигарон куллан фарқ мекунад.

4. Ибни Арабӣ тачрибаи динии аз сар гузаронидаи худро, яъне тачрибаи шахсии ҳолати вачд ва ҳолатҳои гуногуни равонии худро тавре шарҳ медиҳад, ки хонандаро дар ҳоли ачиб ё ҳайратоваре боқӣ мегузорад, ки худи ӯ дар гуфтаҳои худ куллан чои шакку шубҳаеро боқӣ намегузорад. Мисоли чунин даъвоҳо “хобҳои дидаи ӯ”, суханони худи ӯ дар бораи “имло шудан”-и “Фусус” аз чониби Худо ва савгандҳои ӯ ки “чизеро фикр накарда, танҳо бо имлои Худо” эчод кардани онҳо ва ғайра шудан метавонанд, ки дар бораи таълифи ҳам китоби “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва ҳам “Фусус ал-ҳикам” овардааст, ки дар бораи онҳо ва муфассирони ин ду китоб дар диссертатсия муфассал сухан гуфтаем. Агар даъвоҳои ӯро дар бораи “хатми вилоят”, сафари руҳонӣ - ба меъроч рафтан, сайр дар оламҳои (афлок) осмонӣ, шиносшавии ӯ ба тамоми пайёмбарони ба замин фиристодашуда, ҳангоми зикр сухта шудани нерӯҳои ақлии ӯ, ҳулул, баъдан бо тадрич ба ҳолати пешин баргаштани ӯро ба хотир оварем ва тачрибаи ирфонии ӯро ба ҳақиқат наздик тасаввур карда, даъвоҳои ӯро аз гӯшаи “сафсатагӯӣ”, чунун ва ё девонагӣ наҳисобем, мо дар воқеъ ҳам бо сӯфие сару кор дорем, ки тачрибаи ирфонӣ барояш он оламеро ташкил медиҳад, дар ҳақ будани он шахсан шакку шубҳае надорад ва бо он чи аз он ҳикоят

мекунад, яқинан боварӣ дорад. Он чи ӯ ба хобҳои дидааш, сафарҳои рафтааш, ба меъроҷ рафтанаш, хотимату-л-авлиё хондани худ, дорои маърифати асрор буданаш ва ғ. имони комил дорад. Ӯ талош дорад, ки хонанда маърифати завқии ӯро дар ягон шакл зери шакку шубҳа қарор надиҳад ва ба онҳо куллан бовар кунад.

5. Фарқияти байни донишҳои фалсафӣ, ки аз роҳи маърифати ақлӣ ба даст овардааст бо маърифати завқӣ, ки донишҳои худодод (мавҳабӣ) ва ладунӣ мебошанд, муқобил гузошта, талош мекунад, ки афзалияти донишҳои завқӣ, ҳақ будани ва афзалияти онҳоро нисбат ба донишҳои фалсафӣ собит созад.

6. Муҳаққиқони муосир сарфи назар аз методҳои таҳқиқотҳои худ ба мушкилоти зиёди луғавӣ, семантикӣ, сермаъноии калимаҳо, фаҳмишҳои гуногуни ибораҳо ва истилоҳоти сӯфиёна, ҳатто дар тарҷумаи мафҳумҳои алоҳида, сару кор мегиранд, дар аксари мавридҳо боиси таҳриф ёфтани таълимот, кажфаҳмиҳо ва ҳатто нодуруст шарҳ додани таълимоти Ибни Арабӣ гашта, дарки саҳеҳи маънои таълимоти алоҳидаро имконнопазир менамоянд. Чунин мисолҳо дар зерфаслҳои алоҳидаи диссертатсия нишон дода шудаанд.

7. Қисмати тарҷумаҳолӣ ва осори Ибни Арабӣ, ки дар тадқиқоти мо бар асоси асли арабии онҳо бар тарҷумаҳои форсӣ ва русии се китоби Ибни Арабӣ: “Ал-Футуҳот ал-маккия”, “Фусус ал-ҳикам” ва “Иншоа ад-давоир” такя мекунанд, бароямон имкон медиҳанд ба натиҷа биёем, ки муҳаққиқон дар самти шинохтани таълимоти мутафаккир муваффақ гаштаанд. Аммо сарфи назар аз тарҷумаҳои саҳеҳ ва илмии онҳо, мавқеъҳои ишғолкардаи муҳаққиқон дар таҳқиқи осори ӯ то андозаи муайяне хонандагонро аз дарки саҳеҳи маънои вожаҳо ва махсусан истилоҳоти алоҳидаи сӯфиёна мураккабу печ дар печ, дар аксар мавридҳо монеъ мегарданд. Дар ин самт тасаввуфшиносӣ, то ҷое расидааст, ки масалан, дар байни муҳаққиқони муосири русзабон (масалан тарҷумаи “Ал-Футуҳот ал-маккия”-и анҷомдодаи Кныш А. аз ҷониби Насыров Р.) зарурат ба тарҷумаҳои наву дуввумбора рӯй оварданашон гардидааст.

Масалан, агар қисматҳои гуногуни “Ал-Футуҳот ал-маккия” ки ибтидои солҳои навадум оғоз ёфта, тарҷумаи комили “Фусус ал-ҳикам” аз ҷониби Смирнов А. анҷом ёфта буд, солҳои охир аз нав дар тарҷумаи И.Р. Насыров, ба нашр мерасад, ки шакли тарҷумаи пурраи он шояд солҳои наздик дастраси хонандагон мегардад. Ҳамин сарнавишт низ тарҷумаи Кныш А.-ро низ интизор аст, ки аз мавқеъҳои ишғолкардаи муҳаққиқон дар дарку фаҳмиши таълимоти Ибни Арабӣ сахт вобаста мебошад. Ногуфта намонад, ки зери шубҳа гузоштани ин ва ё он тарҷума, на ба хотири нодурустӣ ва нуқсонҳо дар тарҷума, балки соддакунии тарҷумаҳо барои дарки осори Ибни Арабӣ анҷом мегиранд. Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки шарҳу баёни ин ё он асари мутафаккири асри миёнагӣ аз дарки хосаи андешаҳои худи муҳаққиқон буда, услубу равишҳои тадқиқотии хешро роҳандозӣ кардани онҳо чӣ дар самти соддагӣ ва мураккабии забони тарҷумашуда, чӣ дар самти дарки таълимоти Ибни Арабӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Сухан сари он меравад, ки оё таълимоти ваҳдати вуҷуди Ибни Арабиро метавон аз мавқеи пантеизм шарҳу баён кард ё не? Посухҳои “ҳа” ё “не”-и муҳаққиқонро чӣ гуна метавон шарҳ дод? Агар мувофиқат кунад, оё ин маънои онро надорад, ки андешаи пантеистии шарҳи олам ҳамон як ғояе мебошад, ки тафаккури фалсафии халқҳои алоҳида зимни раванди инкишофи худ бо тадриҷ ба ин марҳала омада мерасад?

8. Ниҳоят зиёд будани таълимоти дар асарҳои Ибни Арабӣ шарҳшаванда, аз як ҷониб, сабаби аз контекст кандашавӣ ва дуршавии мавзӯи мавриди баҳс аз ҷониби муҳаққиқон мегардад, ки ин корро услуби хосаи тарзи сабку баёни худи мутафаккир, пароканда ва ноаёншавии масъалаи мавриди баҳс гашта, асолати мантиқии онро вайрон мекунад. Ба қавли дигар, зимни баррасии як масъала, Ибни Арабӣ даҳҳо масоилеро ба миён гузошта, ба ҳаллу фасли онҳо мепадозад, ки масъалаи асосӣ, гӯё фаромуш шуда, хонанда гумон мекунад, ки андешаи муаллиф бо ҳамон маълумоти пешниҳод кардааш қонеъ гашта ё чизи дигаре гуфтанӣ надорад, аммо муаллиф ногаҳон масъалаи ба миён гузоштаашро гӯё ба

хотир оварда, онро бидуни муқаддамот ва шарҳу баёни иловагӣ аз нав ба миён мегузорад ва шарҳу баёни онро идома медиҳад. Дар натиҷа муҳаққиқ (ё хонандаи) асар ба шакку шубҳа ва иштибоҳ, кажфаҳмиҳо меафтад ва ё умуман бемаънӣ ҳисобидани андешаҳои Ибни Арабӣ оварда мерасонад.

9. Шарҳҳои гуногун ва ниҳоят зиёд, мухтасаркуниҳои матни асарҳо аз ҷониби худи мутафаккир ва шарҳҳо ва фаҳмишҳои зиёди матнҳои ниҳоят мураккаби Ибни Арабӣ дар миёни ҳалқаҳои сӯфиён ва махсусан аз ҷониби шогирдони сатҳи аввали мубаллиғони ваҳдати вуҷуд, масоили баррасишавандаро тобиши фалсафӣ дода, фаҳмиши бе ин ҳам мураккаби онҳоро боз ҳам мураккаб гардонид. Албатта ин нуктаро ҳам набояд фаромӯш кард, ки сатҳи донишҳои забони арабидонии муҳаққиқон ҳам дар дарк ва фаҳмиши осори қариб ба забони классикӣ баробар, мустақиман таъсир мерасонад. Агар саъю талош намоем, ки ба сирру асрори мураккаб ва печиданависиҳои Ибни Арабӣ сарфаҳм равем, шояд ягона роҳи ёфтани посух ба он зеҳнияти фавқулодаи ӯ бошад, ки дидаву дониста ин услуби баёнро пеш гирифта бошад ва ё ба содданависӣ одат накардани “нобиға”-ҳое мисли Ибни Арабӣ бошад.

10. Таъвили оятҳои Қуръон низ услуби дӯстдоштаи муаллифоне аз қабили Ибни Арабӣ аст, ки бисёр ҷараёнҳои динӣ, махсусан, дар байни пайравони исмоилия, ихвону-с-сафо ва ғ. аз он зиёд истифода мебурданд. Оид ба шарҳҳои теъдодан зиёди “Фусус ал-ҳикам” (зиёда аз 150 шарҳ) ҳамин нуктаро бояд шарҳ диҳем, ки ба истиснои тавсифҳои дар диссертатсия оварда шуда, ки он ҳам танҳо ба хотири маълумот пешниҳод гардид, омӯзиши амиқтар ва фарогирии онҳоро тақозо мекунад. Итминон аст, ки ин самт низ солҳои наздик оғоз меёбад ва муҳаққиқон имкон меёбанд, ки ба “чуну чароҳо”-и зиёди таълимоти Ибни Арабӣ (ҳатман, ки баъди анҷом ёфтани таҳқиқот, тарҷумаҳо ва нашри онҳо) мегарданд. Беҳтарин муҳаққиқони ин соҳа шинохти осор ва таълимоти Ибни Арабиро пешаи худ қарор додаанд.

Пас аз тавзеҳоти болоӣ дар бораи вижагиҳои дар бораи барҷастатарин асари Ибни Арабӣ “Фусус ал-ҳикам”, шарҳи муҷази шореҳон, вокунишҳо дар баробари мутафаккир ки дар воқеъ ҳам бо эътирофи аксари мутлақи муҳаққиқон ва мухолифону ҳомиёнаш, метавон ӯро доиратулмаорифи тасаввуфи исломӣ ҳисобид, ки метавон ба боби дигари таҳқиқ оғоз намуд.

БОБИ 3. МАКТАБИ ИБНИ АРАБӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ТАЪЛИМОТИ Ӯ

3.1. Машраби Ибни Арабӣ дар ваҳдати вуҷуд

Баъзеҳо Ибни Арабиро файласуфе донистаанд, ки ба тасаввуф алоқаманд буда, ба шеваи фалсафӣ, мактаби ваҳдати вуҷудро таъсис додааст. Масалан, гуфтаанд: «Мактаби ваҳдати вуҷуд ба сурати комилаш қабл аз Ибни Арабӣ вуҷуд надошт. Возеъи ҳақиқӣ ва муассиси ин мактаб ва тафсилдиҳандаи маъонӣ ва мақосиди он ва касе, ки онро сурати ниҳоӣ бахшида Ибни Арабӣ аст» [20, Ҷ.1, С. 25].

Онҳо китоби “Фусус ал-ҳикам”-ро китобе донистаанд “дар фалсафаи илоҳӣ, ки бо тасаввуф мамзуҷ (омехта) аст, на ин ки тасаввуфи сирф бошад. Ҳадафи муаллиф баҳс дар табиати мавҷуд ба сурати ом ва робитаи вуҷуди мумкин ва вуҷуди воҷиб аст” [20, Ҷ.1, С. 21]. Илова бар ин Ибни Арабиро дар танзими мактаби ваҳдати вуҷуд ба дуздӣ муттаҳам карда гуфтаанд: «Вай мактаби ваҳдати вуҷудро сурати ниҳоӣ дод ва онро ранги комилан сӯфиёна бахшид ва (дар ин роҳ) аз ҳар масдаре мумкин буд, истимдод (кумак) ҷӯст, аз ҷумла, аз Қуръон, ҳадис, калом, фалсафаи машшоӣ, фалсафаи ғнусияи масеҳӣ, равоқиён, фалсафаи яҳудӣ, исмоилия, қаромита, ихвону-с-сафо ва сӯфияи мутақаддам» [20, Ҷ.1, С. 21].

Аксари шарқшиносон дар бораи Ибни Арабӣ чунин дидгоҳеро доранд ва маҳз ҳамин боиси он шуд, ки дар таърихи тафаккур ва ирфони исломӣ, баъзан Ибни Арабиро суфӣ ба ҳисоб наоварда ё ҳадди ақал ҷанбаи тасаввуфи ӯро камранг бидонанд, ба қавли баъзеҳо: «Маъмулан дар кутуби таърихи тасаввуф хостаанд байни сӯфиёни пешин чун Бистомӣ, Ҷунайд ва Ҳаллоҷ, ки аз таҷрибаи хеш сухан мегӯянд ва низомпардозоне чун Ибни Арабӣ, ки эҳтимолан бар асоси таҷриба наменависанд, тамоюз (фарқият) қоил шаванд» [168, С. 186].

Баъзан чунин гумон мекунанд, ки “Вай беш аз он чи орифе маҷзуб бошад, нобиғае дар назм додан ба назарриёт ва тафаккуроти ирфонӣ буд ва низоми тафаккури ирфонии ҷомеъ ва мунсаҷаме дар ихтиёри наслҳои пас аз худ қарор

дод” [85, С. 443]. Баъзе ин суолро низ матраҳ кардаанд, ки оё тасаввуфи суннатӣ ба дасти Ибни Арабӣ аз исломи воқеӣ дур нагаштааст? Як кисми муҳаққиқон пештар рафта, баъзан Ибни Арабиро хориҷ аз ҳалқаи сӯфиён қарор дода, навиштаанд: «Тафсири сӯфия аз таҷаллии ҳақ дар қалби абд (банда) тафсире сӯфиёна аст ва тафсири Ибни Арабӣ тафсири фалсафӣ мебошад, ки аз мазҳабаш дар ваҳдати вуҷуд мутаассир аст» [20, Ҷ. 2, С. 146].

Кокоӣ навиштааст: «Барои ба ҳақиқат пай бурдан, ба андешаи мо, робитаи Ибни Арабӣ бо фалсафа, ҳикмат ва ақлу кашф сухане чанд бояд гуфт, то шакку шубҳае дар ин маврид пайдо шудааст, равшантару возеҳтар гардад» [168, С. 186.]

Ду нукта дар баррасии робитаи Ибни Арабӣ ва фалсафа аз аҳамият холӣ нест: а) дар осори Ибни ат, касрат, мумкину-л-вуҷуд, воҷибу-л-вуҷуд, мумтанеъу-л-вуҷуд, маҷол, адам, қадим, ҳодис, ҷавҳар, араз, моҳият, мутаҳайз, ва ғ. ба чашм мехӯрад..., ки бисёре аз ин истилоҳот дар осори сӯфиёни қабл аз Ибни Арабӣ ба кор нарафта ва ё камтар ба кор рафтааст, аз ин назар, метавон ӯро файласуфтар аз сӯфиёни қаблӣ донист.

б) ҳарчанд Ибни Арабӣ вожахои фалсафии зиёде ба кор бурдааст, лекин набояд ӯро дар қатори файласуфон қарор дод ва ё ӯро аз сӯфиён ҷудо намуд. Ба қавли баъзе муҳаққиқон ҳарчанд: «Бидуни шак Ибни Арабӣ яке аз бузургтарин азҳони (зеҳнҳои) фалсафиеро доро буд, ки ҷаҳон то кунун ба худ дидааст, лекин фалсафа дилмашғулии ӯ набуда» [285.С. 23], дар мавридҳои бисёре файласуфонро бо номи “аҳли назар” дар муқобили орифон - “муҳаққиқин” ё ”аҳлуллоҳ” қарор дода, онҳоро мавриди танқид қарор додааст. Баъзе ҳолатҳо онҳоро маҳҷуб медонад, ҳатто бо як навъи мазоҳу масхара онҳоро “асҳобу-л-лоҳ” хонда таҳқир менамояд [40, Ҷ.4, С. 307]. Ба эътиқоди вай “касе, ки мехоҳад аз роҳи далоили ғарибе, ки фи нафсиҳи маъқул нестанд ба маърифати умур ноил ояд маҳол аст, ки ба чизе даст ёбад ва ҷуз хусрон (зарар, нокомӣ) чизе насибаш нахоҳад шуд” [40, Ҷ.3, С. 485].

Ҷои дигар, аз файласуфон ва аҳли назар чунин интиқод мекунад: «Аҳли назар ба баҳс дар зоти Худо пардохтанд ва гуфторашон дар бораи зот, бисёр муташатит (пароканда) аст. Ҳар як бар тибқи назари хеш чизеро гуфта, ки дигаре айнан онро рад кардааст. Онон аз роҳи назар ба дидгоҳи воҳиде дар бораи Худо нарасиданд... (Каҳф, 104)... иддае гуфтанд, Худо иллат аст. Ҷамъе гуфтанд, иллат нест. Бархи дигар гуфтанд Худо наметавонад ҷавҳар ё араз ё ҷисм бошад, балки вуҷудаш айни моҳияташ аст... ва баҳсро дар ин замина ба дарозо кашониданд...» [40, Ҷ.2, С. 319].

Пас мулоҳиза мешавад, ки дигар қавли Остин Палосиюс ва амсоли вай ки Ибни Арабиро бо аз суннати юнонӣ гирифтани мавзуъ муттаҳам мекунанд. Имрӯз назди муҳаққиқон қавле аст сирри адами таҳқиқ [285] ва қавли ҳақ ҳамон аст, ки баъзе мутафаккирони муосир гуфтаанд: «Дар мавриди баҳс аз Ибни Арабӣ бояд донист, ки мо бо файласуфе хоҳ ба маънии ҷадиди ин калима ва хоҳ ба маънии арастуии он сару кор надорем ва ҳаргиз набояд ба усули ақоид ва назариёти вай ҳамчун масоили фалсафӣ назар шавад, шабоҳат миёни ақоиди ирфонӣ ва ҳикамӣ аз ин қабил, ва фалсафа, беш аз он чӣ воқеъӣ бошад, ҷанбаи зоҳирӣ дорад. Муҳийддин ба унвони як файласуф саъй намекунад, ки кулли воқеиятро дар як дастгоҳ мундариҷ созад ва аз қаламравҳои мухталифи он тавзеҳи мунассақ ва муназзаме бидиҳад» [56, С. 21].

Аммо дар бораи робитаи Ибни Арабӣ ва ҳикмат Кокоӣ ҳамин нуктаро таъкид кардааст, ки «шояд беҳтарин тавсиф барои Ибни Арабӣ “ҳаким” бошад, зеро Ӯ худ истилоҳи ҳикматро аз фалсафа дида бештар меписандад. Мухолифати ӯ бо фалсафа на ба хотири юнонӣ будан ё ғайриисломӣ будани он аст, балки дар илоҳиёт асосан равиши ақлиро кофӣ ва лозим намебинад. Вай илм ва маърифатро нуре медонад, ки Худо ба ҳар қалбе, ки бихоҳад ато мекунад: «Бурҳон барои имон на лозим аст ва на кофӣ, балки имон нуре аст, ки Худо дар ҳар қалбе бихоҳад, метобонад» [40, Ҷ. 2, С. 374].

Барои ҳамин ориф бояд зоҳир ва ботинашро барои касби маърифат пок гардонад: «ва фикрро ба таври куллӣ аз нафсаш бизудояд (пок намояд), зеро ҳимматашро мутафарриқ (пароканда) месозад. Бояд ба даргоҳи парвардигораш ба муроқибаи қалбаш ба эътикоф бинишинад, то ин ки Худованд дарро ба рӯи ӯ боз кунад ва он чиро аз омӯзишҳои анбиё ва аҳлуллоҳ наметавонист дарёбад, фаҳм намояд, яъне ҳамон умуреро дарёбад, ки ақл наметавонад мустақилан онҳоро дарк намояд, балки онҳоро маҳол мешумурд» [40, Ҷ.2. С. 374].

Ҳамчунон ки мебинем, ба қавли муҳаққиқон, Ибни Арабӣ на танҳо ба фалсафа сару кор надорад, балки дар илоҳиёт асосан фалсафаро нолозим медонад. Ӯ ҳамчунин муътақид аст, ки “илм” ва “маърифат” на дар фаҳмиши фалсафии он, балки дар фаҳмиши ирфонии он зарур мебошанд ва ҷои онҳоро “имон” мегирад.

Аз ҳамин рӯ, Ибни Арабӣ дар саросари “Фусус” ва “Футуҳот” танҳо аз ду файласуф ном бурдааст, яке Ибн Рушд, ки вайро ба хотири аз завқи илоҳӣ холӣ буданаш ва фурӯ рафтанаш дар далелҳои ақлӣ таҳқир мекунад. Шахсияти дигаре аз файласуфон ӯ номи Афлотунро зикр карда, ки вайро ба хотири ҳаким буданаш ситоиш кардааст: “Он идда аз аҳли ислом Афлотунро намеписанданд сирфан ба хотири мансуб будани вай ба фалсафа аст дар ҳоле, ки инон маънои ин лафзро намефаҳманд. Ҳукамои ҳақиқӣ олимон ба Худо, ашё ва ҷойгоҳи онҳо ҳастанд. Худо худ Ҳаким ва Алим аст ва ба ҳар, ки бихоҳад ҳикмат ато мекунад. Ба касе, ки ҳикмат дода шавад хайри касир дода шудааст (ниг. Бақара, 249). Ҳикмат илми нубувват аст, чунонки Худованд Довудро аз касоне донист, ки ба ӯ подшоҳӣ ва ҳикмат дода шудааст ва фармуд: “Ба ҳар ки хоҳад, дониш медиҳад; ва ҳар кас, ки дониш дода шудааст, пас, ҳамоно некӯии бисёр дода шудааст”(Бақара, 2:269”).

Файласуф низ маънояш муҳиби (дӯстдори) ҳикмат аст, зеро “суфаё” (софия) ба забони юнонӣ ба маънои ҳикмат ва “филу” ба маънои муҳаббат аст, пас фалсафа маънояш дӯст доштани ҳикмат аст ва ҳар оқиле ҳикматро дӯст

дорад. Аммо аҳли фикр хатояшон дар илоҳиёт бештар аз савобашон аст; хоҳ файласуф бошанд, хоҳ муътазилӣ, ашъарӣ ё ҳар синфи дигар аз аҳли назар. Пас фалосифа сирфан ба хотири ин исм мазмум (мазамматшуда) нестанд, балки ба сабаби хатояшон дар илми илоҳӣ мавриди зам (мазаммат) қарор мегиранд" [40, Ҷ.2, С. 533].

Кокоӣ баҳси худро идома дода, ба масъалаи маърифати ақлӣ ва интуитивӣ мегузарад. Аммо андешаи Ибни Арабӣ, дар бораи ақл ва кашф тамоман ҷиддӣ аст, зеро ӯ дар илоҳиёт дараҷа ва мартабаеро, ки дигарон барои ақл ва тафаккур қоиланд, ба расмият намешиносад ва пас, аз шариат ягона илми саҳеҳе, ки онро эътироф мекунад, ки аз роҳи кашф ҳосил шуда бошад: «Илми саҳеҳ аз роҳи тафаккур ва он чи уқало (оқилон) аз роҳи афкорашон тақрир кардаанд, ба даст намеояд, балки илм танҳо он аст, ки Худо дар қалби олим меандозад ва нури илоҳӣ аст, ки ҳар киро бихоҳад аз фариштa ва расул ва набӣ ва валӣ, бад-он мухтас мекунад. Касе, ки кашф надорад, илм надорад» [40, Ҷ.1, С. 218].

Муҳаққиқ дидгоҳи Ибни Арабиро дар масъалаи ақл ва кашф мавриди баҳс қарор дода, навиштааст: Шоҳиди ин гуфта он аст, ки ба андешаи ӯ, ҳеҷ набӣ ва ё валӣ илм ба Худоро аз роҳи тафаккур ба даст наёвардааст: «Анбиё ва авлиё аз аҳлуллоҳ, илмашон ба Худо аз роҳи фикр ҳосил нашудааст. Худованд ононро аз ин амр татҳир (пок) кардааст, балки онон дорои гушоиши кашф аз ҷониби Худоянд» [40, Ҷ.3, С. 116], яъне онҳо дорои илми худодод мебошанд.

Ибни Арабӣ тафаккурро, ки маҳсули ақли башарӣ аст, ҳамвора дар маъразии шубҳа ва хато мебинад, зеро илмҳое, ки муаллими он ғайри Худо бошад, аз шубҳа холӣ нест, яъне илми ҳақиқӣ он аст, ки онро Худо додааст, на он донишҳое, ки тавассути омӯзиш ва иктисоб ба даст омадаанд. Иллати ихтилофи мутафаккирон ва аҳли назар низ аз ҳамин ҷо бармеояд, ҳол он ки анбиё, ки илмашон аз роҳи кашф аст, бо якдигар ихтилоф надоранд: «Илме ҷуз он чӣ аз Худо ахз (гирифта) мешавад илм нест, фақат Ӯ (яъне Худо –З.З.) Олим аст. Танҳо Муаллиме аст, ки мутааллим (шогирд) ба воситаи он чӣ аз Ӯ ахз

мекунад, дучори шубҳа намешавад. Мо муқаллиди Ӯем ва он чӣ назди Ӯст ҳақ аст, пас, мо ба исми “олим” сазовортарем, то асҳоби назари фикре (мо сӯфиён, аз файласуфон дида, сазовори номи “олим” мебошем – З.З.), ки муқаллиди тааммулоти ақли хешанд ва ночор доиман дар илм ба Худо бо якдигар ихтилоф доранд. Аммо анбиё бо ҳама касраташон ва бо фосилаи замониашон дар илм ба Худо бо якдигар ихтилоф надоранд. Аҳлуллоҳ ва баргузидагони Худо низ чунинанд. Чунон ки мутааххири онон мутақаддамашонро тасдиқ карда ва ҳар кадом дигареро ҳимоят мекунанд» [40, Ҷ.2, С. 290].

Ибни Арабӣ тафаккурро ба қадре барои маърифати авлиё зараровар мебинад, ки агар кас қаблан аҳли фикр ва назар буда ва сипас ба аҳли маърифат пайваста бошад, такшониҳое, ки аз ҳамон шеваи тафаккури ақлӣ дар ӯ вуҷуд дорад, монеъ ба камоли расиданаш мешавад ва орифи комиле хоҳад шуд. Намунаи боризи он, менависад Ибни Арабӣ, Ғазолӣ аст: «Бидон, ки ҳеҷ паёмбаре қабл аз нубувваташ дар илм пайдо кардан ба Худо ба шеваи ақлӣ даст наёзидааст. Ин кор барои ӯ сазовор нест. Ҳамчунин ҳеҷ валии баргузидае низ собиқаи назари ақлӣ дар илм ба Худовандро надорад. Ҳар кадом аз авлиё, ки қаблан ба шеваи тафаккури ақлӣ дар мавриди Худо назар карда бошад, ҳарчанд валӣ бошад, аммо баргузида нест ва аз касоне нест, ки Худо хитоби илоҳиро ба онон ба ирс (мерос) дода аст» [40, Ҷ.3, С. 402].

Аз назари Ибни Арабӣ, авлиё низ дорои дараҷот мебошанд ва болотарини онҳо баргузидагон ва ворисони китоби илоҳӣ ҳастанд. Ба андешаи ӯ, иллати нуқсони тафаккури ақлӣ ду чиз аст: «аввал он ки ақл маҳали “тақйид” (маҳдудият) аст ва ҳол он ки қалб ҷойгоҳи “таҳаввул” (тағйирёбӣ) мебошад: “сабаби ин матлаб он аст, ки назари фикри Худовандро дар шаъне (коре) муқайяд (маҳдуд) ва ӯро аз соири шуун (тамоми корҳо) мутамоиз ва мубарро мекунад ва қудрат надорад, ки ҳамаи вуҷудро ба ӯ нисбат диҳад»[40, Ҷ.3, С .402].

Тафаккури ақлонӣ, ба андешаи Ибни Арабӣ, тобеъи “далел” аст ва далелҳо низ ба воситаи тағйири ҳолот, мизоҷ, замон ва макон иваз мешаванд: «Касе, ки бо фикраш, дар муътақидоташ ба ғавр бипардозад, доиман дар як ҳолат боқӣ наемонад, балки дар ҳар замоне тобеъи он чизе аст, ки ба рағми худаш далелаш дар он вақт ба ӯ ато мекунад, лизо аз амре ба нақизи он бармегардад. Эй бародар! Туро барои ба тариқи касби илми нофеъ (судманд, манфиатнок) далолат кардам, ки аз куҷо бароят ҳосил мешавад. Агар дар роҳи мустақими ин тариқ, сулук кардӣ, бидон, ки Худо дастатро гирифта ва ба ту эътино карда ва туро барои хеш баргузидааст» [40, Ҷ3, С. 82].

Мумкин аст дар ин ҷо ин таваҳҳум пеш ояд, ки кашф ҳарчанд лозим аст, аммо корҳое вуҷуд дорад, ки ба кашф алоқа надошта, танҳо дар ҳавзаи тафаккур ва тааққул қарор мегиранд. Ибни Арабӣ муътақид аст аз тариқи кашф (интуитсия), метавон ҳама илоҳиётро фаро гирифт. Барои ҳамин, ӯ равиши фалсафиро дар илоҳиёт комилан рад мекунад: «Оё амре вуҷуд дорад, ки сирфан аз тариқи фикр битавон бад-он расид ва тариқи кашф ва виҷдон қобили вусул набошад? Ҷавоби мо манфӣ аст. Лизо ба таври куллӣ аз фикр манъ мекунем, зеро соҳибашро дучори талбис[30] ва адами сидқ (дурӯғгӯӣ) мекунад. Чизе вуҷуд надорад, магар он ки илм ба он аз тариқи кашф ва виҷдон қобили вусул аст ва баръакс, машғул шудан ба фикр ҳиҷоб аст. Дигарон аз пазириши ин амр ибо доранд, аммо ҳеҷ кадом аз аҳли тариқи Худованд онро инкор намекунанд. Мункирони ин амр аҳли назар ва истидлоланд, яъне ҳамон уламои расмӣ, ки аз завқи аҳвол тиҳӣ мебошанд. Касоне ҳам монанди Афлотуни илоҳӣ, ки соҳиби завқ бошанд, дар миёни онон бисёр нодиранд. Ин соҳибони завқ низ худро бо аҳли кашф ва виҷдон ҳамнафас медонанд» [40, ,Ҷ.2, С. 523].

[30] Талбис – пинҳон доштани макр ва айб аз касе, аммо дар истилоҳ пӯшидани ҳақиқат ва изҳори он аст ба хилофи он чӣ ҳаст (Фарҳанги ҷомеи истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ, с. 221)

Дар иқтибоси боло Ибни Арабӣ равшану ошкор таъкид кардааст, ки “**ба** таври куллӣ аз фикр манъ мекунем”, зеро ба андешаи ӯ, илми ягонаи саҳеҳ дониши кашфӣ мебошад.

Вобаста ба андешаҳои болоӣ, барои мо айни замон ин масъала муҳим аст, ки дар бораи муносибати Ибни Арабӣ ба таҷрибаи ирфонӣ низ тасаввуроти равшане дошта бошем.

Ибни Арабӣ бо ин ҳама таъкидҳое, ки бар кашф (ошкор кардан, кушодан, пайдо кардан) ва лозим будани он мекунад, худ аз касоне аст, ки “завқ”-ро дар ҷои аввал мегузорад. Вай ошкоро худро “аҳли кашф”, “мукошифа” ва аз “авлиё” медонад, ки ба наҳве, ки аз ҳамон авони навҷавонӣ Худо аз назари маънавӣ ончунон иноятe ба ӯ карда буд, ки Ибни Рушд файласуфи бузурги Андалус, бо пиронсолӣ, дар баробари азамати ҷойгоҳи вай қоил шудааст. Ӯ, ки дар бораи нубуғ ва маънавияти Ибни Арабӣ фаровон шунида, аз падараш хоҳиш намудааст, ки мулоқотро бо ӯ фароҳам оварад, то ин навҷавонро аз наздик бинад. Маҳз дар ҳамин мулоқот Ибни Арабӣ бо гуфтани “наъм” (бале) ва “ло” (не) Ибни Рушдро бо як парадокси бузург рӯ ба рӯ кард, ки ӯро ба ҳайрат афканд: “Пас аз он Ибни Рушд аз падарам хост, то бо ман мулоқот дошта бошад, то ончиро фаҳмидааст, бар ман арза кунад, ки оё бо он чи назди мост созгорӣ (мутобиқат) дорад ва ё носозгор аст... ӯ аз соҳибони фикр ва назари ақлӣ буд ва Худои таъолоро шукр кард, ки дар замоне зистааст, ки тавониста касеро бубинад, ки бидуни дарс ва баҳс ва қироат, бо ҳолати ҷаҳл дар хилвати хеш дохил шуда ва инчунин олим хориҷ гашта аст. Вай мегуфт: «Ин ҳолате аст, ки мо имкони онро ақлан исбот карда будем ва аммо касеро надида будем, ки бад-он восил шуда бошад. Шукр Худойро, ки маро ҳамзамон бо касе қарор дод, ки ин ҳолатро вичдон карда (ба даст дароварда, пайдо карда) ва қуфлҳои дарҳои маърифатро гушудааст» [157.с.56].

Аммо сухан сари он меравад, ки Ибни Арабӣ Ибни Рушдро (бо вуҷуди шуҳраташ дар фалсафа) омода наёфт ва баъди ин ҳодиса аз мулоқот бо ӯ дурӣ

кард ва дигар ӯро надид, то замоне, ки ҷанозаи Ибн Рушдро дар як тарафи маҳмил қарор дода буданд ва китобҳояшро дар тарафи дигар. Ба таъбири Ибни Арабӣ: «Шояд арзиши Ибни Рушд ба андозаи вазни моддии китобҳояш буда, ба чизе болотар аз он даст наёфта бошад»[40, Ҷ.1, С. 154].

Ибни Арабӣ дар бораи таҷрибаҳои кашфии худ навиштааст: «Вақте, ки ба ин мавқиф (ҳолат, ҷойгоҳ) дохил шудам, нуре бидуни шуъо бароям таҷаллӣ кард. Он нурро илман дидам ва худро бо он нур, ва ҳама ашёро дар хеш, дидам ва низ онҳоро аз тариқи нурҳое, ки дар зоти худ ҳамл мекарданд, мушоҳида кардам... ва машҳаде азим ёфтам, ки ҳиссӣ буд, на ақлӣ ва сурат буд, на маънӣ» [40, Ҷ.2, С. 263].

Дар ҳамин таҷаллӣ аст, ки Худо барояш нотавонии ақлҳоро ба Ибни Арабӣ намоиш додааст [40, Ҷ.2, С. 263]. Дар “Футуҳот” чӣ гунагии ваҳй ва ҳолатҳои нафсро шарҳ дода, тавзеҳ додааст, ки чӣ гуна ба ҳангоми ваҳй анбиё мадҳӯш мешуданд: «Ва сипос Худойро, ки ман ҳама инҳоро дар нафсам шуҳуд кардаам ва ҳеҷ шакке дар бораи он надорам. Ташбеҳе, ки метавонам дар ин маврид ба кор барам дарҳои бастае аст, ки агар боз шаванд, моварои (пушти) онҳо бар ту намудор мешавад ва бо як назари воҳид метавонӣ илман бар он муҳит шавӣ (фаро гирӣ), монанди касе, ки чашмашро ногаҳон боз мекунад ва аз замин то авҷи осмонро бо як назар мебинад» [40, Ҷ.3, С. 39].

Дар ҷои дигар, ки баҳс аз фанои инсон ва сӯхтани қуввaҳои инсонӣ аз таҷрибаи хеш сухан мегӯяд, ки чӣ гуна дар ҳоли зикри Худованд, ба марҳалае расидааст, ки забонаш сӯхта ва қувваташ фонӣ шудааст. Дар он ҳол, ин Худо буда, ки зикри Худо мекардааст, на Ибни Арабӣ: «Ман ин ҳолати иҳроқро (сӯхтанро) чашидаам ва сӯхтанро дар ҳоле, ки Худоро бо Худо зикр мекардам, ҳис намудаам. Пас, Ӯ буду ман набудам. Шаш соат ё дар ҳамин ҳудуд дар ин ҳолат, зокири Худо ба василаи Худо будам. Сипас Худо забонамро ба ҳангоми дарёфти он дубора баргардонид ва дубора ӯро ба ҳангоми дарёфти он аз тариқи ҳузур, зикр мегуфтам на бо Ӯ»[40, Ҷ.3, С. 297].

Дар робита бо андешаҳои болоии Ибни Арабӣ ҳоло дар бораи шеваи омӯзиш (таъаллум) ва таълими ӯ ишорае чанд намудан ба маврид аст, зеро аввалан дар ҳама китобҳои оид ба Ибни Арабӣ навишташуда ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд; сониян, дар даъвоҳои кардааш, мо бо шахсияти донишманди сатҳи оламие сару кор мегирем, ки зеҳнияти ӯ хориқулодда мебошад.

Ибни Арабӣ ёдовар мешавад, ки Худо дар оёти қурб, худашро ба инсон бисёр наздик дониста ва фармудааст: Наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабли алварид – Мо аз раги ҷон ба вай (одамӣ – муаллифон) наздиктарем (Қоф, 50:16). «Ҳол он ки Ӯ ба ту ин қадар наздик аст - ва ту низ иддаъои илм ба ин матлабро дорӣ – пас, чаро касби маърифат аз Ӯ намекунӣ ва сухан гуфтан бо Ӯро тарк менамоӣ ва аз дигарон ахз мекунӣ, вале аз Ӯ намегирӣ?» [40, Ҷ.1, С. 280].

Дар ин ҷо Ибн Арабӣ сухани маъруфи Боязидро ёдовар мешавад, ки аҳлуллоҳ (яъне сӯфиён – З.З.) илмашонро аз Ҳайи ло ямут (Зиндаи Намиранда) дарёфт мекунанд, дар ҳоле, ки дигарон аз мурдагон мегиранд: “Абӯязид дар ин мақом, дар ҳолате, ки бо уламои русум сухан мегуфт, гуфтааст: «Шумо илматонро аз мурдае ахз мекунед (мегиред), ки ӯ ҳам аз мурдаи дигар дарёфт кардааст, дар ҳоле, ки мо илмамонро аз Зиндае ахз мекунем, ки наметмирад. Амсоли мо мегӯянд, ки қалбам аз Раббам маро хабар дод, дар ҳоле, ки шумо мегӯед фалонӣ - ки мурдааст - аз баҳмон - ки мурдааст - маро хабар дод»[40, Ҷ.1, С. 280].

Ибни Арабӣ барои худ ва ин қабил орифон як навъи нубувватро қоил аст, ӯ аз як сӯ, муътақид аст, ки рисолати ташреъ ва нубуввати таклиф[31] бо Расуллоҳ (с) хотима ёфтааст, лекин аз сӯи дигар, бар тибқи ояти каримаи Инна татақу аллоҳа яҷъала лакум фурқонан – ва аз шумо гуноҳони шуморо даргузарад ва шуморо биомурзад: «Эй мӯъминон! Агар аз Худо битарсед, барои шумо ҷудокунандаеро пайдо кунад ва аз шумо гуноҳони шуморо даргузарад ва

[31] рисолати ташреъ ва нубуввати таклиф – рисолати қонунгузорӣ ва нубуввати масъулият.

шуморо биомурзад” (Анфол, 8:29), бар ин бовар аст, ки “Танзил тамом намешавад ва доиман дар дунё ва охират идома пайдо мекунад”. Инсонҳо метавонанд дар асари тақво ба ин навъ аз нубувват ноил оянд. Вай муътақид аст, ки авлиё ва анбиёи анбоӣ (набиёни хабаррасон) - ки онҳоро анбиёу-л-авлиё меномад [40, Ҷ.1, С. 150] - “фақат хабар дарёфт мекунанд, вале паёмбароне, ки расуланд ҳам хабар дарёфт мекунанд ва ҳам ҳукм ва шаръ» [40, Ҷ.2, С. 253]. Пас ин таваҳҳумро, ки вай ва амсоли вай даъвои нубувват доранд, рад мекунад: «Каломи аҳли тариқи илоҳӣ аз завқ аст, вале ҳеҷ кас завқ ва фаҳми ин ки насиби ҳар расуле аз Худо чистро надорад, зеро завқҳои расулон махсуси расулон ва завқҳои анбиё махсуси анбиё ва завқҳои авлиё махсуси авлиё аст... ниҳояти авлиё бидояти анбиё аст... аз усули мо ин аст, ки ҷуз аз рӯи завқ сухан намегӯем, лекин расул ва набии шариъат нестем» [40, Ҷ.2, С. 51].

Бар ҳамин асос, Ибни Арабӣ шеваи ғайриоддӣ дар нақли ҳадисро зикр менамояд ва он ин аст, ки шахси ориф дар мукошифа, ҳадисеро мустақиман аз паёмбар бишнавад, дар ин сурат вай дигар аз баррасии санади ҳадис фориғ хоҳад буд ва метавонад ба он ҳадис амал кунад ва ҳатто онро аз паёмбар (с) нақл намояд. Чӣ басо ҳадисҳое, ки аз назари санад заъифанд, вале ориф дар шуҳуди худ ба сиҳҳати онҳо воқиф шуда, онҳоро хамчун ҳадиси саҳеҳ нақл мекунад. Дар ин ҳолат, ӯ дар ҳақиқат ҳам монанди касе мешавад, ки дар ҳолати оддӣ онро аз лабони паёмбар (с) шунидааст. Баръакс, дар мавриди ҳадисхое, ки зоҳиран аз назари санад саҳеҳанд, мумкин аст фарди ориф дар мукошифа аз шахси паёмбар бишнавад, ки чунин чизе нафармудааст, дар ин сурат он ҳадис аз назари ин фард беэътибор мешавад [40, Ҷ.1, С. 150].

Ибни Арабӣ худ ба ин мақом расидааст ва аҳодиси зиёдеро ба ин шева ривоят мекунад. Масалан, инналлоҳа халақа одама ала сурати-р-раҳмонро чунин ривоят мекунад: «фи ривояти юсиҳаҳо алкашф ва ан лам юсбит инда асҳоби-н-нақл, дар ривояте, ки сиҳҳати он аз роҳи кашф исбот шуда ҳарчанд назди асҳоб нақли сиҳаташ исбот нашуда, ворид шудааст, ки Худо одамро бар

сурати Раҳмон халқ кард»[40, Ҷ.2, С. 490] ва ё дар ҷои дигар, ҳадиси “Ганҷи пинҳон”-ро чунин ривоят мекунад: “Дар ҳадисе, ки аз роҳи кашф сиҳҳати он собит шуда ҳарчанд нақлан исбот нагаштааст, ворид шуда ки: «Ман ганҷи ношинохтае будам, пас дӯст доштам шинохта шавам, пас махлуқотро халқ кардам...»[40, Ҷ.2, С. 399]. “Вазъият дар мавриди аҳодисе чун “ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу” ва низ “аввал мо халақаллоҳу ал-ақлу” бар ҳамин минвол аст” [383, P. 250].

Пас аз ба мақоми вилоят расидани инсон, нуқтаи қобили зикр шеваи таълими ӯст, ки аз роҳҳои комилан ғайримутаориф (ғайри маъруф, ғайри оддӣ) ҳосил мешавад, чунонки Ибни Арабӣ мегӯяд: «Бидон, ки агар ин абд битавонад латифаеро, ки аз ҷониби Худо - бидуни ин ки худаш бидонад - барояш ҳосил мешавад бо ҳиммат ба шогирдаш ва ё ҳар кас аз бандагони Худо, ки бихоҳад интиқол диҳад - бидуни он ки шахси дуввум аз қасди устод муталлеъ (бохабар) бошад - дар ин сурат ба ин устод, соҳиби латифа мегӯяд; ин амр ҷуз дар бораи касе, ки ба исми илоҳии латиф мутахаллиқ шуда бошад, муҳаққақ (амалӣ намегардад) намешавад»[40, Ҷ.2, С. 503].

Аммо маълумоте, ки Ибни Арабӣ дар бораи таълифи асарҳояш овардааст, дар воқеъ ҳам ӯро ҳамчун шахсияти ғайриоддие ҷилвагар менамояд, ки на ҳар кас ба ӯ бовар карда метавонад.

Ба андешаи Кокоӣ, «Ибни Арабӣ ба маънои воқеӣ суфӣ ва ориф аст, лекин орифест, ки аз тариқи таълиф мехоҳад, ки таҷрибаи ирфонии хешро ҳаматарафа пешниҳод намояд. Дар ҳамин ҷо мумкин аст шабоҳате бо файласуфон пайдо кунад, зеро ҳар касе, бихоҳад ҷаҳонбинии тавҳидиро шарҳ диҳад, маҷбур аст, ки ба шарҳу баёни робитаи Худо ва ҷаҳон, ё ба таъбири худи Ибни Арабӣ, Ҳақ ва Холиқ оғоз кунад. Барои ҳамин аст, ки “ҳам фалосифа ва ҳам Ибни Арабӣ мекӯшад, то робитаи байни касрат ва воҳид, халқ ва холиқ, мавҷуд ва вуҷуд, мумкинот ва воҷибу-л-вуҷудро тавзеҳ диҳад» [383, P. 81.]

Аммо бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ба андешаи Кокоӣ, дар ин ҷо бо нависандаи маъмулӣ ва ё файласуфи бузург рӯ ба рӯ нестем, балки бо як валии Худо мувоҷеҳем, ки таълифоташ аз ҷиҳати шумора ва чигунагӣ бо ҳама нависандагон ва файласуфон фарқ мекунад. Беш аз 850 китоб ва рисола бад-ӯ мансуб аст, ки муаллифии 700 адади онҳо қатъиян собит дониста шудааст. Танҳо як китобаш, яъне “Футуҳот”, чандин китобҳои маъмулиро дар бар мегирад ба наҳве, ки ҳама умри як нависандаи оддӣ низ барои навиштани онҳо кофӣ нест [383, P. 52.]. Дар таърихи башар, камтар донишмандеро ба мисли ӯ пайдо кардан мумкин аст.

Аз сӯи дигар, худаш даъво дорад, ки ҳама он чиро навиштааст, на бо майлу хоҳиши худ, балки ба фармони илоҳӣ, ба имлои Худованд анҷом додааст. Ӯ дар муқаддимаи “Футуҳот” ибтидои тариқи илмомӯзии худро аз Худованд дар шеъре чунин баён кардааст:

«Ҳангоме, ки бар кӯбидани дари Худованд мултазим шудам,

Дар ҳолати муроқиба будам, на дар ҳолати саҳв,

То ин ки ҷалоли ваҷҳи Ӯ дар чашмам зоҳир шуд,

Ва нидои маро фаро хонд ва дигар ҳеҷ,

Ва ман илман бар вуҷуд муҳит (вуҷудро фаро гирифтам) шудам,

Пас ғайри Худо илми дигаре дар қалби ман нест» [40, Ҷ.1, С. 10].

Дар “Футуҳот”, пас аз ишора ба ин шеър, ки далолат бар боз шудан ва кушоиши дарҳо бар рӯи ӯ дорад, гуфтааст: «Ва баъд аз ин ҳар чӣ дар каломи ман меояд” тафсили ҳамон амри куллӣ ва ҷомеъе аст, ки мушоҳидаи он айни воҳид дар бар дошт»[40, Ҷ.1, С. 10]. Яъне, дар ин ҷо даъвои он мекунад, ки тамоми навиштаҳояш тафсили ҳамон амри воҳиде аст, ки ба таври иҷмол дар оғози роҳ ба ӯ дода шудааст, лекин ҷои дигар, ҳатто ҳамин тафсилро низ аз худаш надониста, онро аз Худо медонад: «Навиштаҳоямро ҳаргиз монанди соири (дигар) нависандагон бар асоси ҳадафи аз пеш таъйин шудае нанавиштам, балки баръакс, анвори таҷаллии илоҳӣ бар ман резиш кард ва маро то имрӯз истиғроқ пеш бурд ва тақрибан маро сӯзонид... сирфан метавонистам он чиро

онҳо ба ман илҳом мекарданд, бар рӯи коғаз биоварам. Агар дар осорам ҳар ду навъи суратбандӣ зоҳир бошад, ғайриихтиёрӣ аст. Бисёре аз осореро, ки таълиф кардам, ба амри Худо навиштам, ки дар хоб ё аз тариқи мукошифаи ирфонӣ бар ман илқо шудааст» [383, P. 13]. (қайди мо – З.З.).

Дар ҷои дигари “Футуҳот” боз ҳам бар тафоввути методи таълифоти хеш бо соири нависандагон чунин ишора кардааст: «Таълифоти мо аъам аз ин китоб ва соири китобҳоямон, аз шеваи таълифоти мутаориф (равишу усули муқаррарӣ) табъият (пайравӣ) намекунад ва худ низ монанди навъи муаллифон нестем. Зеро ҳар муаллифе таҳти ихтиёри худаш аст... ҳар чиро бихоҳад илқо мекунад ва ҳар чиро бихоҳад баён намедорад... мо дар таълифотамон чунин нестем... (ибтидо) қалбамро бар боби ҳазрати илоҳӣ муътакиф ва муроқиби гушоиши он дар аст. (Дар ин ҳолат) қалбам фақир ва холӣ аз илм аст... ҳангоме ки аз варои он парда амре ба қалбам зуҳур мекунад ба имтисоли он мубодират варзида, мутобиқи ҳадде, ки муқаррар шуда ба таълифи он мепардозам»[40, Ҷ.1, С. 51].

Ду таълифи муҳим ва аслии Ибни Арабӣ яке китоби “Фусусу-л-ҳикам” ва дигаре “Ал-Футуҳот ал-Маккия” ҳастанд, ӯ даъво кардааст, ки ҳар ду китобро айнан аз олами боло дарёфт намуда, ба таълифи онҳо шуруъ кардааст. Масалан, дар мавриди китоби “Фусус ал-ҳикам” ва сабаби таълифи он чунин навиштааст: “Дар даҳаи охири муҳаррами соли 627 дар шаҳри Димишқ Расулу-л-лоҳро дар рӯъёи содиқае (хоби рост) дидам, ки дар дасташ китобе буд ва ба ман фармуд: « “Ин китоби “Фусус ал-ҳикам” аст, онро бигир ва ба сӯи мардум бирав, то он ки бад-он мунтафеъ (баҳравар) шаванд”. Арз кардам: “Шунидам ва итоат аз Худо ва Расул ва Улу амри мост он чунон ки амр шудаем”. Пас оромиши хотирро фароҳам оварда ниятамро холис ва қасд ва ҳиммататамро мунҳасир (маҳдуд) ба зоҳир сохтани (таълиф намудани) ин китоб кардам, чунонки Расуллуллоҳ фармуда буд; бидуни ҳеҷ зиёдӣ ва камӣ»[40, Ҷ.1, С. 47].

Дар “Футуҳот” низ вазъ ҳамин тавр аст. Вай зимни баёни маънои ҳикмат бо истифода аз ояти "ва ман юъти ал-ҳикма фақад ути хайран касиран" – ва ба ҳар кас, ки дониш дода шудааст, пас, ҳамоно некӯии бисёр дода шудааст (Бақара, 2:269) навиштааст: «Илми илоҳӣ ҳамон илме аст, ки Худованд бо илҳом ва бо инзоли Рӯҳу-л-амин бар қалб илқо мекунад ва ин китоб аз ин даст аст. Қасам ба Худо, ки ҳарфе аз ин китобро нанавиштам, магар бо имлои Худованд ва илқои раббонӣ ё дамидани рӯҳонӣ... бо ин ки мо Расули мушарреъ ва набии мукаллафе нестем. Рисолати ташреъ ва нубувати таклиф бо Расуллуллоҳ Муҳаммад (с) инқитоъ (қатъ гардидааст) ва хотима ёфтааст... ин сирфан илм ва ҳикмат ва фаҳме аст аз сӯи Худованд дар боби он чи бар забони Расул ва анбиё нозил карда ва ё дар лавҳи мавҷуд бо ҳуруфи олим ва калимоти ҳақ нигоштааст... инро бад-он хотир гуфтам, ки касе таваҳҳум (хаёл) накунад, ки ман ё амсоли ман иддаъои нубувват (даъвои пайёмбарӣ) дорем на, ба Худо қасам ин чизе ғайр аз мероси Муҳаммад (с) ва сулук бар дараҷоти ӯ нест. Ин мероси нубувват барои мардум ба таври омм ва барои ман ва амсоли ман ба таври хос, вуҷуд дорад»[40, Ҷ.3, С. 456].

Ахиран Кокоӣ ба ин натиҷа расидааст: Бинобар ин, дар баҳси ваҳдати вуҷуд ҳадди ақал дар мақоми кашф, набояд Ибни Арабиро файласуф ва ҷаҳонбиниашро ҷаҳонбинии фалсафӣ ба ҳисоб оварем, балки ҷаҳонбинии ӯ ҷаҳонбинии инсони комил аст. Ба қавли Изутсу: «Фалсафаи Ибни Арабӣ ба таври хулоса, тавсифи назарии кулли олами вуҷуд аст, ончунон ки дар чашми инсони комил мунъакис шудааст. Дар воқеъ, ин фалсафа як ҷаҳонбинии ғайримутаориф (ғайриоддӣ) аст, зеро маҳсули таҷрибае аст ғайримутаориф (ғайриоддӣ) аз инсони ғайримутаориф (инсони ғайриоддӣ)» [145, С. 19].

Ҳоло фурсати муносиби он фаро расидааст, ки сухане чанд дар бораи муносибати Ибни Арабӣ ба тасаввуф, илмҳои анъанавӣ, фалсафа ва тақлид гуфта бошем, то паҳлуҳои гуногуни шахсияти ӯ бароямон бештар ошкору равшан гардад.

Акнун баъди пайдо кардани ошноӣ бо машраб, яъне усули мактаб ва вижагиҳои таълимоти Ибни Арабӣ, баррасии нуктаҳои муносибати ӯ дар маҷмуъ ба тасаввуф, яъне равшан гардонидани мавқеи ин донишманд дар нисбати тасаввуф ва аҳли тасаввуф одилона ва мантиқӣ мебуд.

3.2. Ибни Арабӣ ва тасаввуф

Тасаввуф анъанаи ирфонии ислом мебошад ва ин анъанаи васеъ, шояд низомҳои гуногун ва ҳатто бо якдигар мухолифи мактабҳо ва намояндагонро дар бар гирифта бошад. Решаҳои ин анъанаро метавон то замони пайёмбар Муҳаммад ва наслҳои аввали садри ислом низ мушоҳида намуд. Дар марҳалаҳои нахустин вай танҳо тақводорӣ, худтарбиякунӣ ва шаклҳои муътадили зуҳдро ифода мекард. Одамонеро, ки онҳоро метавон аҷдодони тасаввуф ҳисобид аз саҳобаҳои пайёмбар ва ё уламои нисбатан мутааххири исломӣ фарқе надоштанд ва онҳо ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва ё фирқаи алоҳидае худ ба худ вуҷуд надоштанд. Инҳо одамоне буданд, ки бо тақводорӣ ё диндории худашон таваҷҷӯҳи дигар табақаҳои аҳолиро ба худ ҷалб мекарданд.

Бо мурури замон тасаввуф рушд меёфт ва замоне, ки вай ба кори инфиродӣ табдил ёфт, баъд аз чандин асрҳо шакли нисбатан муназзамтар ва муташкилтарро ба худ қабул кард [310, С. 84-90.]. Ҳамин тавр, тахминан баъди дусад соли марги пайёмбар китобҳои зиёде дар бораи тасаввуф ба вуҷуд омаданд, ки одамонро ба худтарбия ва тақводорӣ ҳидоят менамуданд. Ин ҳолат ба он ишора мекунад, ки тасаввуф акнун хислати муназзамтарро ба худ мегирад. Баъди чандин асрҳо (наздики 1100 м/ 500 ҳичрӣ) мо мактабҳои муназзамгардидаи сӯфиёна ва тариқатҳоро мебинем, ки ҳар кадомашон дорои роҳҳои хусусӣ, педагогика ва методикаи тарбияи шогирдони худро барои даст ёфтан ба тақводорӣ ва ишроқ пайдо кардаанд. Ҳар як мактаб ва ё тариқат ниёзманди муассис ва ё сарвари худ буд, ки ӯ ин ва ё он равиши нави тасаввуфро ихтироъ мекард. Бо ҳамин, тасаввуф ба мавзӯи алоҳида ва мустақил табдил ёфта, бо дигар соҳаҳои улуми исломӣ ва махсусан фиқҳи исломӣ

мухолифат мекард.

Баъди даҳсолаҳо дар тасаввуф ҷараёни наве ташаккул ёфт, ки як қатор муҳаққиқони муосири аҷнабӣ онро ҳамчун як шакли теософия[32] мавриди назар қарор додаанд ба мисли Ландау [398], Корбен [164; 165; 166; 167; 326], Арберри [88].

Ин анъана шакли пухтаи худро дар эҷодиёти Ибни Арабӣ пайдо намуд ва чунин ба назар мерасад, ки нишонаи фарққунандаи ин анъана ворид кунонидани тезис дар бораи ваҳдату-л-вуҷуд буд, ки ҳомӣ ва пуштибони асосии он Ибни Арабӣ ба ҳисоб мерафт. Дар миёни дигар шахсиятҳои мифтоҳӣ, ки ин анъанаро ба онҳо нисбат медиҳанд - Ибн ал-Фориз (1181-1235) [133], Ибн Сабъин (1217-1269) ал-Афиф ат-Талимсонӣ (1213-1291) ва диг. мебошанд. Аммо мо бар он андешаем, ки дар тафоввут аз уламои асосӣ ҳарчанд ба андешаи ҷонибдорони таълимоти "ваҳдати вуҷуд" мувофиқ бошанд, вуҷуд ягона мебошад, онҳо бо шарҳу тавзеҳ додани маҳз ҳамин андеша аз якдигар фарқ мекунанд. Баъзеҳо пантеизм[33], баъзеҳои дигар мавқеъҳои дигар, аз ҷумла

[32] Теософия – дар маънои васеъ маърифати ирфонӣ, аммо баъдан дар тафоввут аз илоҳиёт, таълимот дар бораи худост, ки аз таҷрибаи ирфонии субъективӣ бар меояд, ки ҳамин таҷрибаро дар шакли низоми алоқаманд шарҳу баён менамуд. Баъзе муҳаққиқон таълимотеро аз қабили гноститсизм, нафафлотуния, каббалаи яҳудӣ ва ғ. ба теософия мансуб медонистанд. Аз асрҳои XVI-XVIII таълимоти ирфоние, ки дар заминаи анъанаи масеҳӣ ба вуҷуд омада буданд (мас., Бём, Сен Мартин ва ғ.) бо ҳамин истилоҳ ифода мекарданд. Шеллинг теософияро барои ифодаи синтези маърифати худо ва фалсафаи ратсионалӣ истифода мебурд. Теософия – таълимот динӣ-ирфонии нависандаи рус Блаватская Е.П. ва пайравони ӯро низ меномиданд, ки зери таъсири таълимоти браҳмания, буддоия ва гностисизм ташаккул ёфтааст. Ин таълимот талош дошт, ки динҳои гуногунро тавассути кашфи асрори барои ҳама динҳо умумӣ бо ҳам муттаҳид намуда, дар заминаи он "дини умумие"-ро ба вуҷуд оварад, ки бо ягон таълимоти муайяну мушаххас алоқаманд набошад.

[33] Пантеизм – (юн. Пан- ҳама ва теос- худо), таълимоти фалсафиест, ки олам ва худоро бо ҳам айният медиҳад. Дар таълимоти пантеистӣ тамоюлоти натуралистонае пинҳон мешуданд, ки Худоро дар табиат ва табиатро дар Худо маҳлул карда, дар муқобили ҷаҳонбинии теистонаи динӣ қарор мегирифтанд. Баъзе тамоюлоти пантеистӣ дар афкори фалсафии Ҳинди қадим (махсусан дар браҳмания, ҳиндуия ва дар Веданта), дар афкори Чини қадим (даосизм) ва Юнони қадим (Фалес, Анаксимандер, Гераклит ва диг.) низ ба чашм мерасанд. Аммо аз сабаби он ки дар он замон бисёрхудоӣ (политеизм) ҳукмрон буд, ҳанӯз мафҳуми Худо ҳамчун руҳи ягонаи ҷаҳонӣ вуҷуд надошт, чунини андешаҳо ҳамчун яке аз шаклҳои **гилозоизм** – ҷон доштани тамоми ҷаҳон, ба ҳисоб мерафтанд. Дар асрҳои миёна, дар тафовут аз яҳудия, масеҳият ва ислом, ки Худоро дар фаҳмиши теистонаи Худо ҳамчун шахсияте, ки дар болои табиат ва одамон қарор дошт, пантеизм (одатан аз навафлотуния сарчашма мегирифт) таълимот дар бораи руҳи бешахсияти оламиро инкишоф медод, ки дар худи табиат пинҳон гашта буд. Пантеистони аврупоӣ ва асрҳои миёнаи шарқӣ ба таълимоти навафлотуния дар бораи эманатсия (назарияи судур) такя менамуданд. Дар муқобили тасаввуроти теистонаи аз ҳеҷ офаридани ҷаҳон, пантеистон таълимотро дар бораи пайдошавии абадии табиат аз Худои бешахс инкишоф медоданд. Пантеизми динӣ дар низоми Иоанн Скот Эриуген ошкору возеҳ баён ёфтааст. Яке аз аввалин формулировкаи натуралистонаи пантеизмро Давид

акосмизм[34] ва панентеизмро[35] тасдиқ мекунанд.

Аммо возеҳу равшан нест, ки оё метавон ҷараёни теософи (ҷараёни ваҳдати вуҷуд)-ро ҳамчун як қисми тасаввуф ба ҳисоб овард. Агар қисми зиёди намояндагони тасаввуф, чунин ба назар мерасад, ки асосан бо теизми анъанавӣ нисбати вуҷуди метафикӣ ва муносибати ӯ ба Худо розӣ мебошанд, вале теософҳо хеле барвақттар бо теистони расмӣ оиди тафсилоти онҳо ба баҳсу мунозираҳо оғоз намудаанд. Масалан, ин дар ҳолате аст, ки сӯфиён санавияти ҳақиқати Худоро, аз як ҷониб, бо олам тасдиқ мекарданд, аз тарафи дигар, теософҳо андешаи ваҳдати вуҷудро ҷонибдорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, теософҳо аз ҳама ҷониб мавриди танқиди рӯҳониён ва донишмандони фиқҳ қарор гирифтаанд. Аммо, сарфи назар аз тафоввутҳои фалсафии байни ҷараёнҳои ваҳдати вуҷуд ва аксарияти тариқатҳои сӯфиёна, онҳо дар амалия шабоҳат доранд.

Ҳар ду ба ҳамон як анъанаҳои маънавие аз қабили узлат, намоз ва зикр такя карда, аз онҳо вобаста буданд. Дар партави ин андеша мо тасдиқ мекунем, ки агар мо тафсирҳои аксарияти мактабҳо ва тариқатҳои сӯфиёнаро ба назар гирем, Ибни Арабиро дар маъние набояд сӯфӣ эътироф кард.

Махсусан, Ибни Арабӣ аз бисёр илоҳиётшиносони сӯфӣ ва фақеҳон, ки ба Ғазолӣ пайравӣ мекарданд (1058-1111), фарқ мекунад. Ғазолӣ дар адабиёти исломӣ ҳамчун “сӯфии суннӣ” машҳур буда, тарафдори возеҳи он шакли

Динанский – ӯ тасдиқ мекард, ки материя, ақл ва Худо як чиз мебошанд - пешниҳод кардааст. Ирфони мутамоил ба пантеизм дар ҷаҳонбинии Экхарт баён гардидааст.

Анъанаи натуралистонаи пантеизм дар давраи Эҳё зоҳир гаштааст. Николай Кузанский яке аз аввалинҳоест, ки ба пантеизм наздик шудааст. Ӯ Худоро ҳамчун максимуми беохир баррасӣ намуда, ғояи беохир будани оламро пешниҳод намудааст. Давраи шукуфоии пантеизм дар Аврупои Ғарбӣ ба асрҳои 16- ибтидои асри 17, замоне ки он асоси таълимотҳои нутурфалсафиро ташкил медод, рост меояд, ки дар муқобили таълимоти динҳои монотеистӣ (махсусан дар андешаҳои файласуфони итолиявӣ Дж. Кардано, Ф. Патритсия, Т..Кампанелла, Дж. Бруно) қарор дошт. Дар ин таълимотҳо Худо ҳамчун мутлақи диданашавандаи беохир боқӣ монда, бо табиат як чиз дониста мешуд. Спиноза ба пантеизм такя карда, низоми фалсафи материалистиеро коркард намуд, ки дар он мафҳуми “Худо” бо мафҳуми “табиат” айният дода мешуд.

[34] Акосмизм - таълимоти фалсафиест, ки мавҷудияти мустақили оламро инкор ё нисбӣ мешуморад ва танҳо Худоро воқеияти ҳақиқӣ медонад.

[35] Панентеизм - таълимоти фалсафию динӣ аст, ки тибқи он Худо дар тамоми олам ҳузур дорад, вале аз олам фаротар буда, олам танҳо як ҷузъи ҳастии Ӯ мебошад.

тасаввуф буд, ки саъй дошт бо муқаррароти исломӣ комилан мутобиқат дошта бошад. Ибни Арабиро бошад, дар маънои озодаш метавон танҳо як қисми тасаввуф ҳисобид, ки онро метавон дар кул тасаввуфи исломӣ номид.

Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Арабӣ таълимоти худро як қисми тасаввуф намеҳисобид [40, Ҷ. 4, С. 51, 53]. Барои ӯ ирфони исломӣ – ин анъанаи нисбатан васеътари анъана мебошад, аммо тасаввуф бошад, танҳо яке аз табақабандиҳои он мебошад (дар асл бошад, аз он поинтар аст). Ибни Арабӣ умуман ба ирфони исломӣ ишора намуда, кӯшиш дошт, ки чунин ибораҳоеро аз қабили вилоят ва ирфон истифода намуда, пайравони онро авлиё ва ё аҳлуллоҳ биномад. Ба маврид аст таъкид намоем, ки Аттор ҳама сӯфиёнро дар китобаш “Тазкирату-л-авлиё” – авлиё номидааст[19]. Ба андешаи Ибни Арабӣ: «танҳо ба як қисми ками сӯфиён муяссар мешавад, ки ба сатҳи олитарини ирфони исломӣ бирасанд»[40, Ҷ.1, С. 395]. Албатта ӯ, эҳтимолан чунин меҳисобид, ки ҷараёни ваҳдати вуҷуди ӯ ҳамон аст, ки ба ин сатҳи олӣ расидааст. Ба ғайр аз ин, Ибни Арабӣ, шояд чунин меандешид, ки натиҷаи ниҳонии ҳама динҳо ирфон ва вилоят дорои анъанаҳои ягона мебошанд, ки ҳанӯз аз аввалин пайёмбар - Одам оғоз ёфтааст. Ба андешаи Ибни Арабӣ, анъанаҳои ирфонии зиёде вобаста аз пайёмбарон (ё пайёмбарони мифтоҳӣ) вуҷуд доранд. Орифони тамоми динҳо дар тӯли таърих ба анъанаҳои ирфонӣ (ва ё анъана)-и пайёмбарон тақсим мешаванд. Ҳамин тавр, ӯ ба он моил буд, ки дар бораи онҳое сухан гӯяд, ки ба анъанаи ирфонии Мӯсо, анъанаи ирфонии Исо ва дигарон (дар маҷмуъ 27 нафар тибқи “Фусус ал-ҳикам”) пайравӣ мекунанд. Дини ҳар як пайёмбар бо анъанаи ирфонии хеш фарқ мекунад. Мансубият ба анъанаи динии муайян... мо итминон надорем, ки таълимоти Ибни Арабиро “як қисми “ҷараёни теософӣ” ҳисобидан аниқ бошад, зеро ки вай дорои асоси нодири метафизикӣ ва эпистомологие мебошад, ки вайро на ба қисми теософия, балки худ ба худ ба як таълимоти махсус табдил медиҳад.

Ин барои пайравӣ кардан аз анъанаи ирфонии пайёмбарони дигар

анъанаҳои ирфонӣ монеъ намешавад. Орифи мусулмон, масалан, метавонад ба анъанаи ирфонии ҳар як пайёмбари пеш аз Муҳаммад пайравӣ намояд. Аммо Ибни Арабӣ анъанаи ирфонии пайёмбар Муҳаммад (яъне анъанаи муҳаммади исломӣ)-ро аз ҳама дигар пайёмбарон болотар мегузорад.

Қуръон тасдиқ мекунад, ки пайёмбар Муҳаммад хотам-ул-анбиё мебошад (33:40) ва дар тӯли таърихи ислом ин ҳамчун ишора ба он маъно фаҳмида мешуд, ки ӯ пайёмбари охирине мебошад, ки Худо ӯро бо дини нав фиристодааст. Барои Ибни Арабӣ, он ки ӯ хотаму-л-анбиё мебошад, ба баркамол будан ва ҷомеъи тамоми пайёмбарон будани ӯ ишора мекунад. Хатмро дар фаҳмиши Ибни Арабӣ, метавон бо меваи дарахт шабоҳат дод; ва маҳсули охирин, ҳадафи ниҳоӣ ва натиҷаи тамоми марҳалаҳои пешин мебошад.

Барои Ибни Арабӣ ҳам дин ва ҳам нубуввати Муҳаммад натиҷа ва интиҳои тамоми динҳо мебошад, зеро анъанаи ирфонии муҳаммадӣ (ал-вилойя ал-муҳаммадия) [396, P. 480-481] хотимаи тамоми анъанаҳои ирфонӣ ва тамоми пайёмбарон мебошад. Илова бар ин, аз афташ, ӯ худро “хотами анъанаи ирфони муҳаммадӣ” меҳисобид. Ҳамин тариқ, аз сабаби он ки анъанаи муҳаммадии ирфонӣ ҷамъбасти тамоми анъанаҳои ирфонӣ буда, худаш хотимабахши ирфони муҳаммадӣ мебошад, метавонад чунин тасаввур кунад, ки ӯ хотимабахши тамоми анъанаҳои ирфонии тамоми пайёмбарон аст [396, P. 317]. Шояд маҳз барои ҳамин ӯ худро баъзан “хотами ирфон” меномад ва онро бо ибораи “ал-вилоя ал-муҳаммадия” маҳдуд мегардонад [396, P. 370]. Ҳамчун анъанаи ирфонии муҳаммадӣ, тамоми орифоне, ки баъди ӯ хоҳанд омад, метавонанд ба анъанаи ирфонии пайёмбарони дигар мансуб дошта бошанд, мегӯяд ӯ [396, P. 15]. Аҷибаш он аст, ки ӯ на ҳамеша мустақиман тасдиқ мекунад, ки ӯ хотами вилояти ал-муҳаммадия мебошад. Дар чандин ҷойҳо ӯ дар бораи хотам аз номи шахси саввум сухан мегӯяд; ӯ онро ҳамчун инсоне тавсиф мекунад, ки асли баромадаш қабилаи бузурги арабӣ мебошад, ва ӯ дар замоне зиндагӣ мекунад, ки Ибни Арабӣ зиндагӣ мекард. Баъзе лаҳзаҳо ӯ ҳатто тасдиқ

мекунад, ки бо хотам вохӯрдааст [396, P. 63-75]. Ана ҳамин тавр, Ибни Арабӣ робитаашро бо тасаввуф аз макони ирфонии худро дида, тафсир мекард.

Аммо дар масъалаи муносибати Ибни Арабӣ ба илмҳои анъанавии замони худаш ҳам чанд мулоҳизаеро бояд ҷиҳати равшантар шудани чеҳраи шахсияташ пешкаш намоем ва нишон диҳем, ки ӯ дар аксари илмҳои он давру замон огоҳии комил дошта, маълумоти кофию басанда будааст.

3.3. Ибни Арабӣ ва илмҳои анъанавӣ, шариат ва фалсафа

Дар осори Ибни Арабӣ робитаи мустақими ӯ бо улуми анъанавии замонаш ба назар мерасад. Ӯ дар соҳаи Қуръон, ҳадисҳо, фиқҳ, илоҳиёт, фалсафа ва дигар илмҳо донишҳои ҳаматарафа дошт, ҳарчанд ки ӯ ҳамеша ва ба таври истисноӣ ҳамчун ориф тасаввур мекард, осори ӯ ҳамчунон ки Читтик қайд мекунад: «доираи васеи масоилро дар бар мегирад, ки қариб бо ирфон робитае надоранд»[347, C. 32]. Илова бар ин, ӯ бо маҳорати бузурге ин мавзӯъҳоро истифода мебарад, ки дар осораш саҳми шахсӣ ва эҷодии ӯро инъикос менамояд.

Ӯ методҳои нодири тафсири оёти қуръониро коркард намудааст ва чунин ба назар мерасад, ки аз қоидаҳои стандартии тафсир (яъне илми тафсири Қуръон)-ро таҳриф мекунанд, ки таҳқиқи он аз доираи ҳадафҳои рисолаи мо берун мебошад. Аммо ин ҷо, танҳо ба баъзе мулоҳизоте ишора мекунем, ки тасаввуроти моро оид ба андешаҳои Ибни Арабӣ равшантар мегардонад.

Каме пештар ишораҳо кардем, ки Ибни Арабӣ дар таълимоти ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии хеш асосан ба донишҳои “ваҳбӣ” (ё Худодод) ё бо истилоҳи аврупоӣ - интуитивӣ такя мекунад, ки дар осораш бо номҳои гуногун ба чашм мерасанд: кашфӣ, шуҳудӣ, ваҳбӣ, завқӣ ва ғ., яъне донишҳои на аз рӯи “касб” (таълимгирӣ) ба даст овардашуда, мебошанд. Аммо дар ин ҷо сухан аз «муҳкамот» ва “муташобеҳот” меравад, ки дар Қуръон аз онҳо сухан рафтааст (Оли Имрон, 7/2). Ба қавли дигар, сухан дар бораи оятҳое меравад, ки мафҳумҳои онҳо равшану возеҳ баён нашудаанд ва онҳоро метавон

дар шаклҳои мухталиф шарҳу баён кард. Калимаи “таъвил” ба маънои баргашт ба асли аввал фаҳмида мешавад, ки дар Қуръон понздаҳ (15) бор омада, ба маъноҳои мухталиф, оқибат, фарҷоми кор, таҳаққуқи амре, фаро расидани мавъиде, таъбири рӯъёро дар зеҳни инсон ба вуҷуд меоварад. Таъвил ба он маъно фаҳмида мешавад, ки он чизе ки аз роҳи илм наметавон онро баён кард, онро наметавон на исбот кард ва на инкор.

Ибни Арабӣ ҳамчунин назари ҷадиде дар мавзӯи ҳадисҳо дорад. Масалан, ҳангоми баҳодиҳӣ ба асл ва эътимоднокии саҳеҳияти ҳадисҳои мансуб ба пайёмбар, муҳаддисон одатан ба чаҳор меъёри муҳокимаронӣ: саҳеҳ, ҳасан, заъиф ва мавзӯъ муроҷиат менамоянд [132].

Ҳадиси саҳеҳ - ҳадиси боэътимод ва саҳеҳ мебошад. Ҳасан нисбат ба саҳеҳ камтар боэътимод аст, ҳарчанд, ки ин навъи ҳадисҳо ҳам қобили эътимоду яқин ва шояд боэътимод бошанд. Маънои заъиф суст аст ва ба он ишора мекунад, ки ин сухан мавриди шак қарор дорад ва онро наметавон тасдиқ кард.

Ахиран маънои ҳадиси мавзӯъ он аст, ки вай сохта аст ва ба он ишора мекунад, ки ҳадиси аслӣ намебошад. Дигар шаклҳои тасниф, қоидаҳо ва меъёрҳои ҳар кадоми онҳо низ вуҷуд доранд, дорои мавзӯи алоҳидаи баҳс мебошанд, ки онҳоро мусталаҳ ал-ҳадис меноманд.

Аммо Ибни Арабӣ як қатор меъёрҳои навро барои баҳо додан ба саҳеҳияти ҳадисҳои мансуб ба пайёмбар ворид намудааст. Масалан, ӯ тасдиқ мекунад, ки: «ҳадис дар ҳолате тибқи меъёрҳои мусталаҳу-л-ҳадис заъиф ҳисобида мешавад, ориф метавонад аслият ва боэътимодии онро тасдиқ карда, ба баъзе шаклҳои таҷрибаи динӣ такя кунад»[40, Ҷ. 1, С. 164]; мувофиқан, ин ҳадис бояд ҳамчун ҳадиси саҳеҳ баҳо дода шавад.

Илова бар он, дар соҳаи фиқҳ, аз афташ Ибни Арабӣ, ҳеҷ кадом мактабҳои фиқҳиро, ки аксарияти уламои исломӣ (ҳанафӣ, моликӣ, шофеӣ ва ҳанбалӣ) онҳоро ба назар мегиранд, риоя намекунад, ӯ ба ҷои онҳо мактаби хусусии худро пешниҳод мекунад. Садҳо сафҳаҳои китобҳои муҳимтарини ӯ “Ал-

Футуҳот ал-Маккия” ба масоили фиқҳӣ бахшида шудаанд.

Аксари уламои исломии чаҳон манбаи фиқҳи исломӣ: «Қуръон, ҳадисҳо, иҷмоъ (мувофиқати умумии уламои исломӣ) ва қиёсро ҷонибдорӣ менамоянд; истилоҳи “қиёс” ба амалияи фиқҳии муайян кардани арзишҳои ҳуқуқӣ мансуб мебошад, масалан – “ҳаром”, “мубоҳ” ва ғ. ҳолатҳои мазкур, ки дар Қуръон баррасӣ намешаванд, тавассути қиёси он бо ҳамин вазъият, баррасӣ шудаанд. Дар тафоввут аз аксари уламои исломӣ, Ибни Арабӣ қиёсро ҳамчун манбаъи фиқҳ инкор мекунад» [40, ҷ. 3, С. 243-247].

Акнун сухани чанде низ бояд дар масъалаи муносибати Ибни Арабӣ бо фалсафа ва файласуфон гуфт то бароямон равшан гардад, ки оё файласуф хондани ӯ ба маънои классикии ин вожа мувофиқат дорад ё не.

Ибни Арабӣ ва шариат . Аммо муносибати Ибни Арабӣ ва шариат соҳаи тамоман дигар аст, сарфи назар аз мавқеи танқидии устувораш ӯ муътақид аст, ки инсон ҳамвора гирифтори маҳдудият аст ва илмаш тобеъи истеъдоди маҳдуди худаш мебошад. Пас, аз назари ӯ, инсон ҳамвора бояд ба ҳодӣ (ҳидояткунанда) ва паёмбар паноҳ барад. Барои ҳамин, ӯ бар Қуръон ва Суннати Расулуллоҳ (с) беш аз шуҳуди хеш такя дорад ва шариатро мизони шуҳуд меҳисобид. Дар натиҷа метавонем бигӯем, ки тафаккури вай болои Қуръон; Шуҳуд; ва Тафаккури ақлонӣ бунёд ёфтааст.

Ҳамин тартиб дар муқаддам доштани ҳар яке бар дигаре комилан риоя мешавад. Ҳатто дар тафсири Қуръон низ ба тартиби тобеъ: 1) нақл; 2) шуҳуд; 3) ақл аст.

Ба иллати он ки Ибни Арабӣ аз олами варои уқул (олами болотар аз ақлҳо-З.З.) сухан мегӯяд ва аз умқи маънавии хориқулодае бархурдор аст, фаҳми андешаҳояш бисёр мушкил аст, ҳатто баъзан пайравонаш афкорашро мутаноқиз (бо ҳам зид, истиснокунанда) шумурдаанд. Аз ин рӯ, андешаҳо ва китобҳояш ниёз ба шарҳ ва тафсир пайдо кардаанд, лекин шореҳони ӯ ба хусус шореҳони “Фусус” аксаран ба ҷанбаҳои фалсафии баҳсҳои ӯ аҳамияти бештаре

додаанд. Ин амр аз писархондаш Садриддини Қунавӣ оғоз шуд, ки аксари сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони муосир ӯро шогирди воқеъӣ ва мустақими Ибни Арабӣ ҳисобидаанд. Ҳамчунон ки Ҷомӣ овардааст: «Вай наққоди каломи шайх аст. Мақсуди шайх дар масъалаи ваҳдати вуҷуд бар ваҷҳе, ки мутобиқи ақл ва шариат бошад, ҷуз ба табъи тадқиқоти вай (Қунавӣ) ва фаҳми он - камо янбағи - муаяссар намешавад» [64, С. 555].

Акнун сухане чанд дар бораи равишҳои таҳқиқи таълимоти Ибни Арабӣ бояд гуфт, зеро ӯ яке аз шахсиятҳои пурзиддияти олами исломист, ки имрӯз ҳам андешаҳои ӯ дар байни илоҳиётшиносон ва муҳаққиқон ихтилофи андешаҳоро ба вуҷуд овардааст.

Ибн Арабӣ ва фалсафа. Андешае интишор ёфтааст, ки фалсафа хоҳ-нохоҳ бо ирфон муқобил мебарояд. Агар аввалӣ то андозаи муайяне аз баррасиҳо ва муҳокимаҳои мантиқӣ вобаста бошад, пас дуввумаш, ҳамчунон ки тасаввур мешавад, ин равишҳоро ба манфиати маълумоти субъективӣ ва таҷрибавӣ инкор мекунад. Ба андешаи муҳаққиқони зиёд, Ибни Арабӣ дар ин муносибат истисно шуда наметавонад; масалан, Қосим Кокоӣ ва В. Читтик тасдиқ мекунад, ки “фалсафа аз машғулиятҳои Ибни Арабӣ нест” [347, С. 3].

Аммо мо чунин меҳисобем, ки ҳузури фалсафа дар осори Ибни Арабӣ дорои ду шакл мебошанд, ва ӯ аз афташ, андешаҳои гуногунро ҷонибдорӣ карда, ба ҳар кадоми онҳо майл дорад. Аввалинаш он чизест, ки бо номи фалсафаи исломӣ (ва юнонӣ) машҳур мебошад.

Фалсафаи исломӣ – ин истилоҳи чатриест, ки баъзе намояндагони онро бо ҳам ҷамъ овардааст, аз ҷумла, Ал-Форобӣ (872-950), Ибни Сино (980-1037), Ибни Рушд (1126-1198) ва дигарон. Метавон гуфт, ки ин файласуфон дорои метафизикаи умумӣ ва эпистомология умумӣ буданд, ки истилоҳот ва методология доштанд [249, С. 42-81]. Ибни Арабӣ маҳз ҳамин анъанаро ҳангоми дар осораш навиштани истилоҳоти “файласуф” ва “фалсафа” дар назар дошт, ки дар воқеъ ҳам нишон медиҳад, ки бо фалсафа, истилоҳот ва

методологияи онҳо хуб ошноӣ доштааст.

Бар қасди интизориҳои баъзеҳо, Ибни Арабӣ мақоми фалсафа ва файласуфонро боло гузошта, тааҷҷуби худро аз “умқи” андешаи файласуфон изҳор менамояд [40, Ҷ. 4, С. 54]. Ӯ ҳамчунин файласуфонро аз мутакаллимон болотар гузоштааст, зеро файласуфон, ба андешаи ӯ, дар маърифати Худо ба ҳақиқат наздиктар мебошанд [40, ҷ. 1, С. 364]. Аммо файласуфон, ба андешаи ӯ, дар шинохти Худо поинтар аз орифон қарор доранд.

Вале сарфи назар аз ин, Ибни Арабӣ баъзе “мулоҳизот”-ро нисбати фалсафаи исломӣ баён кардааст, ки аксари онҳо бо самтҳои эпиместологии ин илм робита доранд. Ҳарчанд, ки одатан муҳокимаронӣ, мантиқ ва тадқиқи илмиро ҳамчун методи қонунии ба дастовардани донишҳо ҷонибдорӣ мекунад, ӯ майли файласуфонро, ки саъй мекарданд ба таври истисноӣ танҳо ба омили ақлӣ такя намоянд, мавриди танқид қарор медод ва майли анъанаи онҳоро, ки танҳо ақл нисбати ривоятҳои исломӣ афзалият қоил мешуданд. Аммо дар фаҳмиши он ки мантиқ ва қобилияти ақлӣ ба якдигар шабоҳат доранд, баъзе нофаҳмоиҳо вуҷуд доранд. Масалан, агар ӯ дар бораи он сухан мегӯяд, ки ривоётро набояд ба таври образнок тафсир кард, ҳатто агар тафсири ҳарфии он дар ақл мустаҳил аст (мустаҳил ақлан). Вақте ки Ибни Арабӣ чизеро ақлӣ ва ақлан мустаҳил меномад, шарт нест, ки аз ӯ бояд интизор шуд, ончиро дар назар дорад, ки қонунҳои мантиқро вайрон мекунад; ба ҷои он ӯ метавонад ин тавсифро ба чизе ҳавола кунад, ки мутакаллимон ва файласуфон бо сабабҳои фалсафӣ ба онҳо муқовимат хоҳанд кард. Масалан, қавли пайёмбарро дар бораи он ки “марг” ба он дунё дар шакли гӯсфанд хоҳад омад ва забҳ карда хоҳад шуд, Ибни Арабӣ эълон менамояд, ки қавли пайёмбарро бояд тасдиқ кард, ҳатто агар вай “мантиқан” (ё ақлан) номумкин бошад ҳам [397]. Равшан нест, ки муҳтавои қавли пайёмбар дар ҳақиқат ҳам мантиқан худ ба худ ғайриимкон аст. Аз афташ, ӯ онро дар назар дорад, ки мутакаллимон ва файласуфон метавонанд интихоб намоянд.

Дуввум, ҳамчунон ки болотар ёдовар шудем, дар осори Ибни Арабӣ истилоҳи “фалсафа” танҳо барои ифода намудани фалсафаи исломӣ ё юнонӣ истифода шудааст. Аммо фалсафа танҳо бо ин ду анъанаи мушаххас маҳдуд намегардад. Агар истилоҳи “фалсафа” ба он маъное, ки имрӯз барои ифода кардани доираи васеъи предметҳо – метафизика, эпистемология, фалсафаи дин ва ғ. истифода мешавад, истифода намоем, пас метавон тасдиқ кард, ки фалсафа дар таълимоти Ибни Арабӣ мақоми махсус дорад. Осори илмии ӯ саҳми нодир ва наве дар як қатор мавзӯҳои фалсафӣ гузоштаанд.

Иштироки Ибни Арабӣ дар фалсафа дар ин маънои васеъ бо чаҳор хусусияташ фарқ мекунад. Аввалан, ӯ ҳеҷ гуна тезисҳои систематикиро нисбат ба ягон масъалаи фалсафӣ пешниҳод намекунад, баръакс назарҳо ва андешаҳои гуногун ва ҳатто баъзан номувофиқеро пешниҳод мекунад, ки дар осораш ба таври парешон ҷой доранд; шояд ӯ на ҳамеша робитаи амиқи онҳоро дарк мекард. Сарфи назар аз ин, метавон таҳқиқ кард, таҳлил ва ин андешаҳоро бо ҳам омехта кард, то ки аз номи ӯ тезисҳои нав ва фалсафии муттасил (пай дар пайро) дар бораи ҳама мавзӯъҳое, ки даст мерасонад, бунёд кард.

Ибни Арабӣ саҳм ва ҳузури худро дар фалсафа дарк намекард, зеро истилоҳи “фалсафа” дар ин давра синонимӣ фалсафаи исломӣ ва юнонӣ буд (ҳамчунон ки қаблан зикр шуд – З.З.). Ин бе ихтиёр барои нодир шудани Ибни Арабӣ сабаб гардид. Ӯ андешаҳо ва консепсияҳои худро бунёд намуда, аз доираҳои маҳдудкардаи метафизикӣ, эпистемологӣ ва методологии фалсафаи исломӣ ва юнонӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо онҳоро аз ҳад зиёд маҳдуд менамуданд, истифода набурдааст. Дар натиҷа, ӯ бароямон асарҳои нав ба нав ва нодири худро пешниҳод намудааст. Шояд Ибни Арабӣ дар фаҳмиши нодурусти ибораи “мустаҳил ақлан” танҳо набуд, зеро ин ибора дар адабиёти исломии анъанавӣ баъзан барои тавсиф додани ашёе истифода мешуд, ки консепсияҳои возеҳи фалсафӣ набуданд, зеро андешаҳо ва консепсияҳои дар соҳаи метафизика, эпистемология ва фалсафаи дин якхела намебошанд.

Саввум, аз сабаби он ки ӯ саҳми худро дар фалсафа намедонист, Ибни Арабӣ барои коркарди далелҳои худ барои асоснок кардани андешаҳои худ, он қадар андеша намекард, аммо дар соҳае, ки ӯ мехост онҳоро коркард намояд, он қадар натиҷаи хуб ба бор намеовард.

Чаҳорум, ӯ тасдиқот ва андешаҳои худро оид ба ҳар гуна масъалаҳо муҳокима карда, кӯшиш дошт, ки доимо онҳоро бо ирфон ҳатто дар ҳолате, ки ин робита возеҳ ҳам набошад, алоқаманд намояд. Ӯ ҳамеша мекӯшид, ки тағйиротҳо ва ё ирфонро амалан дар ҳар як консепсия оид ба ҳама масоил илова намояд. Масалан, ҳамчунон ки қаблан низ ёдовар шудем, ӯ кушишҳои боғайратонаеро оид ба фиқҳи исломӣ анҷом дода буд. Аммо ӯ ба ин муҳокимаҳо чизеро ворид намуд, ки дар адабиёти анъанавӣ вуҷуд надошт.

Баъд аз баррасӣ намудани ин ва ё он масъалаи ҳуқуқӣ Ибни Арабӣ одатан тавзеҳоти махсусеро илова менамуд, ки ҳатман ба ҷанбаи ирфонии ин масъала бо номи “тафаккур” алоқаманд буданд.

Баъзан тавзеҳот иборат аз шарҳу баёни ирфонӣ аст, ки барои аз байн бурдани ихтилофҳо миёни фақеҳон равона шуда буд. Аммо дар дигар ҳолатҳо робитаи байни тавзеҳоти ирфонӣ ва фиқҳ норавшан аст [40].

Худи ҳамин чизро метавон дар нисбати баъзе консепсияҳои ӯ, ки дорои мавзӯи фалсафӣ мебошанд, мушоҳида кард. Масалан, ҳангоме ки ӯ консепсияи метафизикии худ (ал-аъён ал-собита)-ро муҳокима менамуд, чунин равишро истифода бурдааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки аъёни собитаро бо асмои илоҳӣ (ал-асмо ал-илоҳия), алоқаманд намояд, баъзан ба он ишора мекунад, ки асмои илоҳӣ аъёни собитаро ба миён меоваранд ва ё тавлид менамоянд [40, Ҷ. 3, С. 165]. Замони дигар, чунин ба назар мерасад, ки ӯ мехоҳад “омодагии” аъёни собитаро нишон диҳад. Масалан, (ал-аъён ал-собита) сабаби ба вуҷуд омадани асмои илоҳӣ мебошанд [40, Ҷ. 1, С. 333; Ҷ. 4, С. 217].

Сарфи назар аз номуайянӣ, нопайдарпайии гуфтаҳои Ибни Арабӣ дар ин бора, ошкор аст, ки ӯ робитаи байни асмои илоҳӣ ва аъёни собитаро танзим

мекунад. Ин робита ҳамчунон ки мо тахмин мекунем, робитаи метафизикӣ мебошад. Ин саъю талоши Ибни Арабӣ дар самти ба баъзе паҳлӯҳои метафизикаи худ додани меъёрҳои динӣ мебошад; вай барои нишон додани он равона гардидааст, ки ҳар як имкони аъёни собита илоҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, ӯ чунин ибораҳоеро аз қабили "изи асмои илоҳӣ дар аъёни собита (аль-аъён аль-собита)", истифода мебарад, то ки робитаи байни онҳоро нишон диҳад [40, Ҷ. 4, С. 149].

Мо чунин меҳисобем, ки мавзӯъҳои бисёре, ки Ибни Арабӣ дар осораш ба онҳо муроҷиат намудааст, мавзӯъҳои махсуси фалсафӣ мебошанд ва онҳо сарфи назар аз тағйирёбиҳои ирфониашон бояд фаҳмо бошанд. Дар воқеъ ҳам, дур намудани ирфон аз консепсияҳо ва андешаҳои ӯ шояд баъзан судманд бошад, то ки онҳоро возеҳтар ва муттасил намоем, вале зимни он ҳеҷ як моҳиятҳои фалсафии пешниҳодкардаи онро гум накунем.

Ҳоло фурсати муносиб расида, ки ба андешаҳои муҳаққиқи муосири эронӣ Қосим Кокоӣ оид ба Ибни Арабӣ ва тақлид таваҷҷуҳ намоем ва ногуфта намонад, ки муҳаққиқ асари дар ҳақиқат ҳам илмие иншо кардааст, ки дар он андешаҳои ирфонии Шарқ ва Ғарбро мавриди таҳқиқ қарор додааст [168, С. 674].

Яке аз масоиле, ки аксари муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, аз кавли файласуфон истифода набурдан ва ё ба онхо таклид накардани Ибни Арабӣ мебошад. Ӯ борҳо ишора карда навиштааст, ки аз файласуфон ва равиши онон парҳез карда, ба қавли худаш, ба ҳеҷ вақҳ дар ҳеҷ қавле, аз ҳеҷ қавле, аз ҳеҷ кас, ҷуз Худо тақлид накардааст: «Мо аз касоне нестем, ки ақволи фалосифа ва ғайри фалосифаро дар умури мухталиф ҳикоят кунем. Дар китоби “Футуҳот”, балки дар ҳама китобҳоямон он чиро кашф ато ва ҳақ имло намудааст, меоварем ва ин тариқаи қавми сӯфия аст» [40, Ҷ. 2, С. 432].

Ҳамчунон ки қаблан ишора кардем, Ибни Арабӣ номи файласуфон ё номи асарҳо ва китобҳои онҳоро дар китобҳояш наоварда, дар саросари “Фусус” ва

“Футуҳот” номи ҳеҷ файласуфи ғайримусулмон ҷуз Афлотун ёфт намешавад, зеро ӯро ҳаким медонад, на файласуф. Аз файласуфони исломӣ танҳо Ибни Рушдро он ҳам бо таҳқир ном бурдааст. Ҳатто аз Ибни Сино бузургтарин файласуфи ҷаҳони ислом низ як бор ҳам ёд намекунад. Ӯ Ғазолиро на файласуф, балки аз аҳли сӯфия ҳисобида, дар мавридҳои зиёде ҷанбаи ақлонии ӯро зери танқид қарор додааст. Ҳатто ин кор то ҷое расидааст, ки баъзе шарқшиносон аз ҷониби ӯ мутолеа кардани асарҳои файласуфонро зери шубҳа гузоштаанд [383 P. 469]. Иллати ин ҳолатро низ муҳаққиқон дар он дидаанд, ки ӯ аввалан, ақлро аз идроки амри илоҳӣ оҷиз медонад ва сониян, файласуфонро тақлидкунандаи ин ақли оҷиз мебинад, дар ҳоле, ки китобҳои вай маҳалли баёни кашф ва шуҳуд ва боз намудани ҳақоиқе аст, ки дар шариат баён ёфтаанд: «Ин китоб маҳалли баёни далелҳои ақлӣ нест, зеро ки бар мабнои шаръ ва аътои кашф ва шуҳуд бино шудааст. Аммо уқул (ақлҳо) аз идроки амр, ончунон ки шаръ шаҳодат медиҳад, қосиранд (кутоҳдаст мебошанд)» [40, Ҷ. 4, С. 19.].

Дар ҷои дигар, Ибни Арабӣ даъво мекунад, ки ирфон бар ҷанбаи ғайриақлонии дин такя дошта, аз пушти ақли файласуфон қарор дорад: «Ин китоб (Ал-Футуҳот – З.З.) маҳалли баёни он чи аз роҳи далели фикрӣ ба даст меояд нест, балки барои баёни чизе аст, ки кашфи илоҳӣ ато мекунад. Самъиёт – шунавоӣ, ҳамон илм аст, ки дар ҳукми зоҳир бар он такя мекунем ва дар амал ба тақво, кашфи илоҳӣ бар имон ҳосил мегардад ва Худованд худ ба воситаи таҷаллӣ мутакафили таълими мо мешавад ва ончиро уқул аз роҳи фикр дарк накардаанд, шуҳуд мекунем, яъне ҳамон чизҳое, ки аз роҳи ақл ворид шуда, вале ақл онҳоро маҳол мешумурд» [40, Ҷ. 2, С. 389].

Тамоман табиист, ки муносибати Ибни Арабӣ бо сӯфия наздиктар мебошад ва метавон даъво кард, ки муносибати ӯ нисбат ба сӯфия тамоман баръакси он чизе аст, ки нисбат ба файласуфон гуфтем. Вай дар осораш ниҳоят зиёд аз сӯфия ёд карда, аз онҳо ва китобҳояшон нақли зиёде овардааст. Дар таърихи ваҳдати вуҷуд дидгоҳҳои боэҳтиромонаи ӯро нисбат ба урафои бузурге

чун Робиъа, Маъруфи Кархӣ, Зуннуни Мисрӣ, Боязиди Бистомӣ, Саҳл Тустарӣ, Абӯязиди Харроз, Ҷунайд, Ҳаллоҷ, Шиблӣ, Абӯтолиби Маккӣ, Абулқосим Қушайрӣ ва Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мушоҳида метавон кард. Ҳамчунин дар “Футуҳот” аз орифони гумном ва ғайримашҳури дигаре, ки теъдоди зиёдро ташкил медиҳанд, ёд карда, навиштааст, ки «теъдоди зиёди сӯфиёнро дар Андалус зиёрат карда, бо онҳо робитаҳои илмӣ ва дӯстона доштааст» [238. С. 56].

Ӯ бисёре аз китобҳои машҳур ва ғайримашҳури сӯфияро ба тамомӣ хондааст ва дар саросари “Футуҳот” ва “Фусус” аз ин китобҳо нақл мекунад. Ба эътиқоди ӯ, сӯфиён авлиёи илоҳӣ ҳастанд ва аз тариқи кашф ва шуҳуд сухан мегӯянд, на аз муҳокимаҳои ақл. Масалан, ба андешаи Қосим Кокӣ, қурби навофил, мақоми зиллат ва ифтиқорро аз Боязид, назарияи “ҳаққи махлуқ беҳ”-ро аз Саҳли Тустарӣ, имкони ҷамъи зиддайн дар Худовандро аз Абӯсаъиди Харроз, андешаи онро, ки Ҳақ ба андозаи вусъати зеҳни халқ зоҳир менамояд аз Ҷунайд, мақоми бемақомиро аз нафаре аз каси дигар, қоидаи “ло такрор фи-т-тачалли”-ро аз Абӯтолиби Маккӣ ва ин андешаро, ки тавҳиди ҳақ аз ҷониби банда айни инкори он аст, аз Хоҷа Абдуллоҳ гирифта, ба сурати қоида даровардааст [168].

Агар он чӣ дар сатҳҳои болоӣ зикр кардем, мавриди тааммул қарор диҳем, бароямон ду нуктаи бисёр муҳими андешаҳои ошкор хоҳад шуд:

1. Ибни Арабӣ бо осор ва ақоиди аксари сӯфиён ва орифони исломӣ шинос буда, баъзе мавридҳо аз андешаҳои онҳо зиёд истифода бурдааст;

2. Дилбастагии ӯ бо сӯфиён, назар ба файласуфон возеҳу равшантар мегардид, ки баррасии ин масъала низ фурсати муносибро тақозо мекунад. Аммо суоли Ибни Арабӣ ориф аст ё файласуф ҳанӯз ҳам норавшан боқӣ мемонад. Чӣ далелҳоро метавон ном бурд, ки яке аз онҳоро посухи равшану возеҳ дода бошем.

Ба андешаи Қосим Кокӣ: «Пас шакке вуҷуд надорад, ки ӯро бояд дар

силсилаи сӯфия ҷой дод, на дар ҳеҷ гурӯҳи дигаре» [168].Тазаккури ин нукта низ лозим аст, ки Ибни Арабӣ дар мавридҳои зиёде худро саромади силсилаи сӯфия ва низ хотами вилояти мутлақа ва ё муқайида мешумурд ва даъво дошт, ки ба дараҷае аз фаҳм расидааст, ки аксари сӯфиён натавонистаанд ба он бирасанд: «Ин амр мазҳаби аҳлуллоҳ аст. Худо илова бар мушорикат додани мо ва онҳо дар мазҳабашон, бар мо миннат гузошт ва илми афзунтар аз онон бар мо кашф кард» [40, Ҷ.3, С. 567].

Ба хотири возеҳтар гардонидани муносибати Ибни Арабӣ ба фиқҳ ва шариат андешаҳои ҷавҳарии ӯ оид ба масъала бояд иброз кард, то бароямон паҳлуҳои гуногуни ин масъала (нубувват, ҳидояти пайёмбарон, зарурати он барои одамон, тафсири Қуръон) низ ошкор гашта, симои шахсияти ӯ мушаххастар бошад.

3.4. Равишҳои таҳқиқи таълимоти Ибни Арабӣ

Ибни Арабӣ яке аз шахсиятҳои пурзиддияти олами исломист, ки имрӯз ҳам андешаҳои ӯ дар байни илоҳиётшиносон ва муҳаққиқон ихтилофи андешаҳоро ба вуҷуд меоваранд. Баъзеҳо ӯро орифи бузург ва дӯсти Худо, дигарон бехудою кофир мехонанд.

Осори ӯ андешаҳои ортодокасалии уламои исломиро (бо дар бар гирифтани баъзе ҳуқуқшиносон ва илоҳиётшиносон), ки дар аксари ҳолатҳо дар муносибати худ ба орифон муттаҳид мебошанд, ҷонибдорӣ кардаанд. Дар воқеъ, атрофи таълимоти Ибни Арабӣ, дар ҳалқаҳои илмӣ баҳсу мунозираҳои шадид сурат гирифтаанд, ки номгӯи он китобҳо аз ин шаҳодат медиҳад: “Барҳазар доштани аҳмақон оид ба кофир будани Ибни Арабӣ ва посух ба он” ва “Барҳазар доштани аҳмақон оид ба бегуноҳ будани Ибни Арабӣ” мебошанд, ки аввалинаш китоби Бурҳониддин ал-Буқоӣ (1406-1480) ва дуввумаш асари Ҷалолиддин Суютӣ (1445-1505) мебошанд, ки ҳар ду уламои мифтоҳии исломӣ мебошанд.

Илова бар ин ҷараёнҳои илоҳиётшиносӣ-танқидӣ, аксари осори анъанавии

оид ба таълимоти Ибни Арабӣ шарҳҳое мебошанд, ки дар бораи ӯ таълиф ёфтаанд. Аксари онҳо атрофи “Фусус ал-ҳикам” бо мақсади шарҳу баён додани андешаҳо ва консепсияи ӯ тибқи таълимоти сӯфиёна ва баъзаашон баъди вафоти ӯ, таълиф ёфтаанд.

Ибни Арабӣ яке аз нависандаҳои фаъолу сермаҳсули исломӣ аст, ки аз ҳама бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқони аврупоӣ ва аз ҷумла русро ба худ ҷалб кардааст. Мувофиқан, дар сад соли охир асарҳои зиёде таълиф ёфтааст, ки мустақиман ба осор ва андешаҳои ӯ бахшида шудаанд.

Дар заминаи тадқиқоти бо забони англисӣ, русӣ, арабӣ, туркӣ, форсии анҷомёфта мо имкони онро дорем, ки асарҳои онҳоро ба чаҳор равиш тақсим намоем:

1.Тарҷумаҳо: баъзе тадқиқотҳои бо забони англисӣ анҷомгирифта аз тарҷумаи асарҳои ӯ иборат мебошанд. Ҳамчун мисол метавон кори мифтоҳии Ибни Арабӣ тарҷумаи “Фусус ал-ҳикам”-и Р. У. Дж. Остин (1980) ва “Тарҷумону-л-ашвоқ”- и Р. Николсон (1911)-ро ном бурд. Илова бар ин тадқиқотҳои Уилям К. Читтик дар бораи Ибни Арабӣ, “Тариқати маърифати сӯфиёна” (1989) ва “Таҷаллии Худо” (1998) асосан аз тарҷумаи фақараҳои китоби Ибни Арабӣ “Ал-Футуҳот ал-Маккия” иборат мебошанд.

Ҳамчунин муҳаққиқони муосири русро низ бояд ёдовар шуд, ки дар таҳқиқоти худ оид ба тарҷума ва шарҳу баёни андешаҳои фалсафӣ-сӯфиёнаи Ибни Арабӣ саҳми бузург гузоштаанд, ки дар автореферати мо дар бораи корҳои анҷом додаи онҳо маълумоти муфассал дода шудааст: Смирнов А., Кныш А ва Р. Насыров.

2. Мавқеи тавзеҳотӣ. Баъзе тадқиқоти ғарбӣ оид ба Ибни Арабӣ аз пешниҳод ва шарҳу тавзеҳоти таълимоти Ибни Арабӣ барои хонандагони ғарбӣ иборатанд. Баъзеи ин тадқиқот саъй бар он доранд, ки Ибни Арабиро аз роҳи тарҷумаи асарҳояш ва тавассути фаҳмидани анъанаи пайравони акбарӣ бифаҳманд (ин асарҳои сӯфиёна) мебошанд. Ба ин ҷо ҳамон тадқиқоте дохил

мешаванд аз оғоз бо забони англисӣ навишта шудаанд, ҳамчунин асарҳое, ки аз дигар забонҳои аврупоӣ ба англисӣ баргардонда шуда иборатанд.

3.Тарҷумаҳои ҳол. Баъзе асарҳои мифтоҳии муҳаққиқони аврупоиро тарҷумаҳои ҳоли Ибни Арабӣ ташкил медиҳанд. Масалан, “Ҷустуҷуи кибрити сурх”-и Клод Аддос (1993), ки эҳтимолан яке аз тарҷумаҳои ҳоли пурраи Ибни Арабӣ мебошад

4. Равиши фалсафӣ. Баъзе таҳқиқоти муҳаққиқони аврупоӣ саъй доранд, ки Ибни Арабиро бо истифодаи истилоҳот ва методҳои фалсафаи исломӣ, масалан китоби Салман Х. Башир “Барзахи Ибн Ал-Арабӣ” (2004) фаҳмида гиранд.

Мисоли дигар амали навгонии А.Э. Афифӣ [70] мебошад, ки дар он таълимоти Ибни Арабӣ ҳам аз назари фалсафаи исломӣ ва ҳам фалсафаи ғарбӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки ин асари Афифӣ таълимоти Ибни Арабиро бо дигар мактабҳои фалсафӣ ва илоҳиётӣ муқоиса кардан аст, ба ҷои он ки саҳми нодири фалсафаи худи Ибни Арабиро тадқиқ намоянд. Ба таълимоти Ибни Арабӣ аз назаргоҳи фалсафаи континенталӣ низ наздик шудаанд, ки китоби Ян Алмонда “Тасаввуф ва деконструкҷия Деконструкция: A Comparative Study of Derrida and Ibn 'Arabi" [379] ва "The Meaning of Infinity in Sufi and Deconstructive Hermeneutics: “Замоне ки матни холӣ беинтиҳо мегардад” [380].[36]

Дар ин ҷо муҳаққиқони туркӣ ва эронии Ибни Арабиро низ бояд ёдовар шуд, ки қариб аксари осори ӯро тарҷума карда, ба ҳаводорони фалсафа ва ирфон пешниҳод кардаанд. Танҳо ба хотири камсуханӣ ва дур нарафтан аз мавзӯи мавриди баҳс, мо ба он тадқиқоти муҳаққиқони машҳури эронӣ ишора

[36] Деконструксия – ин яке аз мафҳумҳои мифтоҳии файласуф-поструктуралист Жак Деррид мебошад, ки шакли махскси қироати матн ва таҳлили матнҳо мебошад, ки барои ошкор кардани зиддиятҳои ботинӣ, маъноҳои пӯшида ва муқаддимаҳои зоҳирнашуда равона шудааст. ин истилоҳ мафҳумҳои олмонии Мартин Хайдеггер мебошад, ки деструксия -ҳамчун ба андеша рафтан ва ҳаллу фасли метафизикаи анъанавӣ мебошад. деконструксия ба забони тоҷикӣ “бозсозӣ” ва ё “сохторшиканӣ”(аз шикастан, вайрон кардани сохтор.

мекунем, ки дар воқеъ ҳам масъулияти тарҷума ва нашри осори Ибни Арабиро бо сарбаландӣ бар души хеш гирифтаанд.

Дар ин фасл, ки онро метавон дидгоҳи умумии Ибни Арабӣ тавсиф кард, асосан шомили чаҳор масъалаи муҳим мебошад, муносибати Ибни Арабиро ба тасаввуф, илмҳои анъанавӣ, фалсафа ва равиши таҳқиқоти ӯро дар шакли мухтасар шарҳ додаем. Шарҳи ҳар кадоми онҳо мебоист, ки муносибати мутафаккирро бароямон равшану возеҳ мегардонид. Баррасии ин масоил бароямон нишон дод, ки муносибати Ибни Арабӣ ба тасаввуф гармтар буда, ҳарчанд, ки худро сӯфӣ намеҳисобад, вале аз афкору андешаҳои сӯфиёни маъруфи исломӣ иқтибосҳои зиёд оварда, барои тасдиқ ва ё инкори ин ё он масъала кӯмак ҷустааст. Дар баробари ин барои мо равшан гардид, ки муносибати ӯ ба фалсафа ва файласуфон аз мавқеи интиқодӣ шарҳу баён меёбад ва ӯ асосан такягоҳи онҳоро, ки мустақиман аз роҳи маърифати ақлӣ иборат медонад, асосан напазируфта, равиши тадқиқии онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Илова бар ин, ҳамин мавқеи интиқодии ӯ нисбат ба фалсафа ва файласуфон сабаби он гардидааст, ки дар тамоми “Ал-Футуҳот ал-маккия” танҳо номи ду нафарро ёдовар шудааст, ки аввалӣ Афлотун ва дуввумӣ Ибни Рушд мебошад. Андешаҳои Ибни Арабӣ дар бораи ҳадисшиносӣ, қуръоншиносӣ ва дигар илмҳои анъанавӣ низ сазовор аст, ки мавриди тадқиқ ва таҳлил қарор бигирад, вале аз доираи ҳавсалаи мақсаду ҳадафҳои рисолаи мо берун аст.

Равишҳои тадқиқоти таълимоти Ибни Арабӣ, бошад аз мушкилоти дигари ӯ мебошад, ки боиси ин қадар нофаҳмоиҳо ва иштибоҳҳоти муҳаққиқон гардидааст, ки мо дар фасли якуми диссертатсияи худ ба аксари онҳо тавзеҳоти лозимаро пешниҳод кардаем. Ҳоло фурсати он расидааст, ки мустақиман ба масъалаи ҷавҳарии таълими Ибни Арабӣ, яъне ваҳдати вуҷуд ва масоили ба он алоқаманд, аз наздик шинос шавем.

Ҳоло баъди шиносоӣ ба ҷанбаҳои вижаи муносибати Ибни Арабӣ фурсати

муносибе фароҳам омада, ки фаҳму дарки таълимоти ваҳдати вуҷудро, ки аслу ҷавҳари фалсафаи ӯро бунёдгузорӣ ва тарҳрезӣ намудааст, таълимоти ирфонии ӯро маҳз аз ҳамин мавқеъ бояд мавридӣ таҳқиқ намуд, зеро арзиш ва таъсири он дар доираи ҳамин масъала равшан намудан имкон дорад. Ба қавли дигари фаҳмотару осонтар, ҷаҳонбинии ирфонии Ибни Арабӣ берун аз таълимоти ваҳдати вуҷуд маънӣ ва моҳияти худро гум мекунад.

БОБИ 4. ИБНИ АРАБӢ ВА ВАҲДАТИ ВУҶУД

Аз чоряки аввали асри ХХ таълимоти Ибни Арабӣ таваҷҷӯҳи як қатор шарқшиносони аврупоиро ҷалб намудааст, ки дар фасли дуввуми таҳқиқоти худ маҷмуан ба онҳо ишора кардаем. Баъзеи онҳо кӯшиш намудаанд, ки таълимоти орифи исломиро аз сарчашмаҳои ғайриисломӣ, аз суннати маънавии массеҳит берун бароранд. Масалан, шарқшиноси испонӣ М. Асин Паласиос таълимоти Ибни Арабиро ҳамчун “исломи масеҳигардонидашуда” тавсиф намудааст. Ибни Арабиро ҳамчун ифодагари таълимоти навафлотуния ва герметизм дар суннати исломӣ (Масалан, Х. Нюберг, А. Афифӣ) мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ӯро ҳамчун файласуф қабул карда, тасаввуроти теософӣ ва илоҳиётшиносиашро, ки ҷабҳаи муҳимтарини ҷаҳонбинии ӯро ташкил медиҳанд, як тараф гузоштаанд. Солҳои 50-60-уми асри ХХ муҳаққиқ А. Корбэн ва муҳаққиқи японӣ Т. Изотсу роҳҳои нави омӯзиши осори Ибни Арабиро пешниҳод кардаанд, аммо аз сабаби он ки онҳо тарафдори ҳаллу фасли феноменологии масоили таърих буданд, онҳо ҷанбаи абстрактӣ-метафизикии Ибни Арабиро бар зарари ҷанбаҳои суннатӣ-илоҳиётшиносӣ ва ирфонӣ-амалии он таъкид намудаанд. Пайравони мактаби суннатӣ (Р. Ренон – номи мусулмониаш Абдулвоҳид Яҳё), Ф. Шуон (номи мусулмониаш Исо Нуриддин), баъдтар Т. Букхарт (номи мусулмониаш Иброҳим Иззуддин) ва М. Лингз) ба арзиши фавқулмазҳабии тақрибаи рӯҳонии Ибни Арабӣ таваҷҷӯҳи хоса додаанд. Фаъолии яке аз асосгузорони мавқеи “фавқулмазҳабӣ” Булент Рауф ба солҳои “исёни ҷавонон” (охири солҳои 60-70-уми асри ХХ) рост меояд. Баромади Булент Рауф аз хонадони маъруфи турк буда, дар гирди худ ҷавонони англисро, ки дар арзишҳои фарҳанги аврупои ғарбӣ дилхунук гашта, ба фарҳанги шарқӣ рӯ оварда буданд, ҷамъ оварда буд. Онҳо дар Британияи Кабир Мактаби таълимоти олии эзотерикӣ, трести “Бешара” ва дар охири солҳои 70-ум “Ҷамъияти Ибни Арабӣ”-ро дар Оскфорд ифтитоҳ додаанд. Дар замони муосир шуъбаҳои он дар Туркия, ШМА ва Австралия кушода шудаанд. Дар натиҷа ба ҷонибдорони аврупои ғарбӣ ва

амрикоӣ, ки аслан мусулмонанд, пайравони зиёде илова гардидаанд, ки мансубияти динии худро ҳифз карда, як навъи синкретизми номуайяни диниро пайравӣ мекунанд.

4.1. Ваҳдати вуҷуд ва собиқаи он дар ирфони то замони Ибни Арабӣ

Бешакку шубҳа муҳимтарин баҳси ирфони Ибни Арабӣ баҳси ваҳдати вуҷуд мебошад, ки дар тӯли асрҳо дар байни орифони исломӣ интишор ва тавсеа ёфтааст. Дар тасаввуф ва ирфони исломӣ Ибни Арабӣ ҳамчун асосгузори ваҳдати вуҷуд ҳисобида мешавад. Бисёре аз баҳсҳои ирфонии Ибни Арабӣ бо тавуҷҷуҳ бо ҳамин ақида қобили шарҳ ва тавзеҳ мебошанд. Барои ин ки аз умқи маънои ваҳдати вуҷуд огоҳ шавем, бояд ки қабл аз ҳама ба собиқаи ин ақида дар мазҳабҳо ва мактабҳои ғайриисломӣ рӯ оварда, баъдан андешаҳои Ибни Арабиро баррасӣ намоем.

Аҳли тасаввуф чунин андеша доранд, ки вуҷуд ва мавҷуд яке беш набуда, он Худо аст ва ҳар чизе, ки ғайри Худо аст (мосивои Аллоҳ)[37] таъоло ҳеҷ мавҷуде нест ва тамоми падидаҳо мазоҳири ҳамон мавҷуди воҳид ва ягона мебошанд. Онҳо мегӯянд, ки замин, осмон, ситора, инсон ва ҳайвон ҳам низ зуҳури он мавҷуди воҳид ва ягона, яъне Худо мебошанд. Пас, ин зот Худо аст, ки ба шаклҳо ва суратҳои гуногун мисли замин, кӯҳ, ситора, инсон ва ғайра даромадааст. Ба андешаи онҳо, аҳли зоҳир падидаҳоро аз зоти Худо ҷудо медонанд дар сурате, ки ҳақиқати ҳол ин аст, ки тамоми мавҷудот як ҳақиқатанд. Аҳли тасаввуф ин ҳолро мисоли мавҷ ва дарё дониста, мегӯянд, ки дарё дорои мавҷ аст ва мавҷ айни дарёст. Мисоли мо ва тамоми мавҷудот бо Худо ҳамон мавҷ ва дарёст, ин чунин маъно дорад, ки тамоми падидаҳо айни зоти Худо ҳастанд ва онҳо аз Худо ҷудо набуда, балки ҷилвае аз ҷилваҳои Худо мебошанд.

Ба қавли дигар, зоти Худованд, ки вуҷуди сирф аст бо таъйин, шаклпазирӣ

[37] Мо сивои-л-лоҳ – истилоҳест, ки дар дар ирфони исломӣ барои ҳама ашёе, ки берун аз Аллоҳ ҳамчун мавҷуд пиндошта мешаванд, истифода мешавад, зеро пайравони ин таълимот танҳо Худоро ба маънои томи “вуҷуд” ном мебаранд.

ва хуруҷ аз ҳолати итлоқ ба сурати махлуқот даромадааст. Дар натиҷа мавҷудот чизи дигаре нестанд, магар ҳамон зоти Худо ва зуҳури Ӯ ба ин суратҳо ва тафоввут байни холиқ ва махлуқ вуҷуд надорад, магар ба итлоқ (мутлақият) ва тақйид (маҳдуд ва номаҳдуд), яъне зоти Худо айни вуҷуд ва номаҳдуд мебошад, дар ҳоле, ки ҳамин вуҷуд дар ашё ба сурати муқайяд ва маҳдуд мебошад. Бо ин таъриф хоҳ-нохоҳ ҳар сифат ва хусусияте, ки бар зоти Худо, яъне вуҷуди мутлақ устувор аст, айнан дар ашё ёфт мешавад, вале ба сурати ноқис ва дар натиҷа ҳеҷ сифат ё хусусияте наметавонад дар Худо вуҷуд дошта бошад, ки ашёро аз он баҳра ва хабаре набошад.

Доктор Саийд Яҳё Ясрибӣ дар таърифи ваҳдати вуҷуд аз дидгоҳи аҳли тасаввуф навиштааст: «Ҳастӣ ҳақиқати воҳиде аст, ки дар ботин бо ваҳдати комили хеш аз ҳар гуна таффаруқа ва касрат муназзаҳ (пок) аст ва зоҳире дорад, ки маншаи намоиши касрат аст ва ин касратҳо зоҳирӣ ва хаёлӣ хастанд, на воқеъӣ ва ҳақиқӣ», ки:

«Ҷаноби ҳазрати ҳақро дуӣ нест,

Дар он ҳазрат ману мою туӣ нест.

Ману мову туву ӯ ҳаст як чиз,

Ки дар ваҳдат набошад ҳеҷ тамийиз»[243.С. 56].

Ҳақиқат ба манзалаи оби дарё, падидаҳо ва ҳодисаҳо ҳамчун мавҷҳо ва ҳубоб мебошанд, ки дар нигариши сатҳӣ ҳубоб ва мавҷҳо ҳақоиқи ҷудогона ба назар мерасад. Аммо ба як назари амиқ равшан мешавад, ки дар он ҷо ҳарчи ҳаст об аст ва ҷилваҳои дигар ва мазоҳири он об буда, дорои таҳаққуқ, зоти ҷудогона ва мустақиле нестанд, дар ҳақиқат, ба қавли Мавлоно, “нестиҳои (адамҳои) ҳастинамо” мебошанд:

«Мавҷҳое, ки баҳри ҳастирост,

Ҷумла мар обро ҳубоб бувад.

Гарчи обу ҳубоб бувад дур,

Дар ҳақиқат ҳубоб об бувад.

Пас аз ин рӯй ҳастии ашё,

Рост чун ҳастии сароб бувад» [243, С. 38-39].

Аммо дар бораи решаҳои таърихии ваҳдати вуҷуд ҳамин нуктаро бояд зикр кард, ки ин фикр дар андешаҳои хориҷ аз кишварҳои исломӣ низ вуҷуд доранд ва мо ба хотири дарки амиқи масъала, баъзеи онҳоро мухтасар ёдовар мешавем. Дар аксари мактабҳое, ки аз ҳиндуия оғоз мешаванд, тавассути рӯҳониёни ҳиндӣ дар асри «Ведҳо» ва баъдан дар асри «Браҳманиҳо» ин андеша ҷилвагар мебошад. Ин андешаи сӯфиёна бар он бунёд ёфтааст, ки «Худо рӯҳи ҷаҳон аст ва ҷаҳон пайкари Худо аст», яъне Худо ҳама чиз аст» ё ки «ҳар чӣ дар ҷаҳон аст, ҳақиқате ҷуз вуҷуди Худо надорад. Бо пайдо шудани фикри асолати ваҳдат дар кулли ашё, дар андешаи браҳманон ақида бар ваҳдати вуҷуд ва фано шудан дар он воҳиди ҳақиқӣ, яъне браҳмо мақсади ниҳоии ин андешаҳо гардид[38].

Браҳман дар ҷаҳонбинии қадимаи дини ҳиндуия ва таълимоти фалсафии аз он маншаъ гирифта ҳақиқати олии объективӣ, мабдаи маънавии бешахсест, ки аз вай олам ва тамоми он чизе, ки дар он аст, бармеояд. Дар баробари ин ҳама чизе, ки дар олам вуҷуд дорад аз байн рафта (фано меёбад), дар Браҳман маҳлул мешавад. Аммо браҳман берун аз замону макон, муносибатҳои сабабу натиҷавӣ, аз сифатҳо ва фаъолият мебошад, нисбати олами феномалӣ бегона буда, дар истилоҳот ва доираи қонунҳои мантиқӣ намеғунҷад. Барои ҳамин дар аксари ҳолатҳо бо сифатҳои манфие аз қабили андешанашаванда, диданашаванда, шуниданашаванда, шинохтанашаванда, тағйирнаёбанда, зоҳирнагашта, таваллуднашаванда, суратнадошта, беибтидо, беинтиҳо ва ғ. муайян карда мешавад. Браҳманро наметавон тавассути ақли оддӣ ва сохторҳои ақлӣ-хирадӣ шинохт, ягона восита ва роҳи шинохти вай кашф ва шуҳуди динӣ мебошад, ки асоси таҷрибаро ташкил медиҳад. Дар матнҳои қадимтарини Ведҳо

[38] Брахман – дар ҷаҳонбинии қадимаи динӣ-фалсафии Ҳинд воқеияти объективӣ, мабдаи бешахс рӯҳониест, ки олам ва ҳама чизи дар он вуҷуд дошта аз он оғози ҳастӣ мегирад.

калимаи Браҳман ба соҳаи мафҳумҳои маросимӣ дохил буда, ба сифати истилоҳ бори нахуст дар Упанишадҳо истифода шудааст. Браҳман ба воқеияти ягонаи мутлақе табдил меёбад, ки саршори маънии олӣ буда, худои трансендентии (муназзаҳ, танзеҳӣ) марҳалаи ибтидоӣ ба ҷои Браҳма баромада, нисбаташ имманентӣ мешавад. Берун аз Браҳма чизе вуҷуд надорад, аммо ҳама он чизе, ки дар ҳастӣ ва дар ҳаёт вуҷуд дорад, дар Браҳман дар шакли ҷаниние вуҷуд дорад, ки минбаъд тамоми олами дидашаванда аз он маншаъ мегирад. Умумияти ҳақиқии Браҳман тавассути худшиносии ӯ – таълимоти айнияти Браҳман ва атман, субъект ва объект, олам ва нафси инсон, ба даст меояд, ки дар формулаҳои “ин атман браҳман аст”, “ин браҳман атман аст”, “ман Браҳман мебошам” ва ғ. ифода ёфта, ахиран ҳамчун натиҷа ва хулосаи нисбатан абстрактӣ дар ғояи айният: “ин туӣ” зоҳир мегардад. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки айнияти атман ба Браҳман нисбӣ буда, на ҳамеша бо Браҳман айният дорад. Воқеияти Браҳман дар дарки беинтиҳои (ҷняна) нафси худ ва лаззати олитарин (ананда) зоҳир мегардад [82, С. 88].

Таълимот дар бораи Браҳман дар адванта-веданта бо суръат идома меёбад, ба андешаи Шанкара, Браҳман – вуҷуди сирфест, ки бо шуури сирф мувофиқат менамояд, вай як чиз аст ва тамоми чизҳоро дар бар мегирад. Браҳман дар нисбати олами эмпирикии касрат ба сифати холиқ, асосгузор ва харобкор, дар сагуна-Браҳман (яъне Браҳмани дорои сифатҳои зиёд) баромад мекунад. Аз назари трансендентӣ шахсе, ки ваҳм будани ин оламро дарк мекунад, Браҳманро дар шакли ҳастии мутлақ, ки аз тамоми сифатҳо маҳрум аст, яъне Браҳмани аз тамоми сифатҳо маҳрумро, дарк мекунад. Таълимоти Шанкара дар бораи Браҳман нуқтаи олитарини инкишофи ин мафҳум сурати ваҳдати мутлақро ташкил медиҳад [321, С. 67-68.].

Баъдан ин андеша дар Упонишадҳо, ки яке аз бузургтарин даврaҳои тафаккур ва андеша дар таърихи фикри башарӣ ба ҳисоб меравад, дар Ҳиндустон ба зуҳур расид. Тибқи Упонишадҳо тамоми ашё хоҳ моддӣ ва хоҳ

маънавӣ, ҳама дар дарёи ҳақиқат ғарқ ҳастанд, ки онро «браҳмо» номидаанд. Дар фалсафаи Упонишадҳо, марди ориф дар сайру сулуки худ ба марҳалае мерасад, ки ҳамаро дорои як вуҷуд мебинаду бас.

Ваҳдати вуҷуд дар фалсафаи равоқиён низ возеҳу равшан ифода ёфтааст: «аммо ваҳдати вуҷуди онҳо на руҳонӣ, балки ҷисмонӣ мебошад, зеро ба андешаи онҳо, ба ғайр аз ҷисм чизи дигаре вуҷуд надорад. Онҳо муътақиданд, ки он ё “фоъил” ё “мунфаъил» аст. Смирнов А. В чунин пешниҳод меунад, ки «Фоъил», яъне он қувва аст, ки дар инсон рӯҳ ё нафс ва дар тамоми олам Худо хонда мешавад ва «мунфаъил» он аст, ки дар инсон онро бадан ва дар олам модда меноманд ва ин ду чиз, яъне қувва ва модда, ё рӯҳ ва бадан ва ё Худо ва мо сиво, ки ҳақиқати онҳо воҳид аст ва бо якдигар омезиши куллӣ доранд, чунонки вуҷуди яке дар вуҷуди дигаре орӣ аст ва инсон Олами сағир ва ҷаҳон Олами кабир мебошад»[377, С.123].

Олам (космос) дар таълимоти равоқиён ҳамчун ҷисми зинда ва боақлест, ки дар халоъ ҷойгир буда, тамоми аҷзои худро дар кул ба танзим медароварад. Ба андешаи онҳо, танҳо ҷисмҳо ба таври воқеӣ вуҷуд доранд (танҳо маъноҳои калимаҳо, ҷумлаҳо, халоъ, замон ва макон аз ҷисм маҳрум мебошанд). Дар оламе, ки худ ба худ воҳид ва ягона мебошад, ду мабдаъро аз якдигар фарқ менамоянд: актив (фоъил) ва пассив (ғайри фоъил, мунфаъил); “ашёи бесифат” ва ё “ҷавҳар” ва логоси ҳамафарогир ё ки Худо. Худоёни анъанавӣ дар шакли рамзии зуҳуроти худои ягона – Зевс – логос фаҳмида мешуданд. Худинкишофёбии олам аз рӯи даврaҳои муайян (сикл) амалӣ мегардад; ҳар як давра бо табдилёбии ҳама ашё ба оташ интиҳо меёбад. Дар ибтидои давраи нав “оташи эҷодкор” (= худо-логос) аз худ чаҳор нахустунсур: оташ, об, хаво ва хок ва аз онҳо бошад тамоми ҷисмҳо ба вуҷуд меоянд. Ин раванди эҷодӣ ҳамчун файзи логоси оламӣ тавсиф мешавад, ки табиати ҷисмҳои алоҳидаро муайян мекунад. Логосеро, ки дар тамоми олам вуҷуд дорад, табиат меноманд ва он тамоми ҷисмҳо-оламро дар бар гирифта, дорои нерӯи имманентӣ ва қонуни

табиӣ буда, инкишофи оламро идора мекунад.

Нафси инсон, як қисми нафси оқилаи оламӣ, нафс ҷисмӣ буда, дар тамоми бадан ҷойгир аст, баробари марг аз ҷисм ҷудо шуда, дигар ҳомили сифатҳои шахсии инсон нест. “Қисмати идоракунандаи” нафс дар қалб ҷойгир буда, тамоми равандҳои психологӣ маҳз дар он оғозу анҷом меёбанд. Маърифат дар заминаи эҳсосот ва тасаввурот пайдо мешавад. Ҳадафи ниҳоии инсон саодат мебошад, ки ҳамчун зиндагӣ тибқи табиати логос муайян мегардад.

Ба қавли Гераклит: «асли вуҷудро оташ ташкил медиҳад, ки ба ҳаво, об ва хок табдил меёбад ва дами илоҳӣ дар он дамида шудааст. Аз ин рӯ, ҳар фарде аз мавҷудоти олам аз дами илоҳӣ баҳравар мебошанд. Хулоса, дар ҷаҳоншиносии равоқиён ҳама чиз аҷзои як кули шигифтангез аст, ки ҷисмаш табиат ва рӯҳаш Худо аст» [272, Ҷ.1, С. 225].

Дар фалсафаи навафлотуния Плотин ваҳдати вуҷудӣ аст [81, С. 86], яъне ӯ ҳақиқатро “воҳид” дониста, онро асл ва маншаъи тамоми вуҷуд мешуморид. Ӯ тамоми мавҷудотро таровиш ва файзҳои мабдаи нахустин ва масдари кулли он дониста, ҳадафи ниҳоии вуҷудро ҳам иборат аз бозгашт ба сӯи ҳамон мабдаъ меҳисобад, ки дар қавси нузул оламҳои рӯҳонӣ ва ҷисмониро дарк карда, дар қавси суъуд[39] [Қавси сууд ва нузул -] ба ҳис ва тааққул, ишроқ ва кашфу шуҳуд ноил мешавад. Плотин баъзан ин мабдаъ ва масдари кулро бо вожаи «воҳид» таъбир намуда, онро маншаи вуҷуд меҳисобад, ки барои вусул бар он бояд ҳис ва ақлро тарк карда, ба сайри маънавӣ, кашф ва шуҳуд бирасад.

Хулоса, ин олам нур ва сафо аст ва маъқулот бо вуҷуд касрати воҳид

[39] Қавси нузул ва қавси сууд - ду нимдоираҳое, ки якҷо доираи комилро ташкил медиҳанд,.ки қавси снузул – зимни он аз мабдаъсилсилаи маротиби вуҷуд пайдо мешаванд.. қавси нузул ҷараёни офариниш ё худ масъалаи ҳастиро ифода карда, моҳиятан аз мабдаъ ба вуҷуд омадани тамоми мавҷудоти муҷарраду моддиро дар бар мегирад. Қавси сууд, ки зимни сайри истиқлолии вуҷуд аз ҳаюло то мабдаъ ба вуҷуд меояд. қавси сууд моҳиятан ҷараёни худшиносии нафси инсониро ифода карда, уруҷи он ба олами ба олами малакут ё худ олами моваруттабиъатро, ки зимни қавсм нузул ба вуҷуд омада буд, мефаҳмонад. Он дар олами моддӣ аз ҳаракат шуруъ шуда, ба вуҷуд омадани маводи сегона ва нафси нотиқаро йаррасӣ менамояд ва месонро ҳамчун ҳалқаи марказии занҷири вуҷуд ба камолоти ҷисмонию маънавӣ ҳидоят мекунад, то мабдаъи худро дарк намояд. Дар ин сурат интиҳои қавси сууд бо ибтидои қавси нузул як мешавад. Аз ин рӯ, бозгашти олами касрат ба ваҳдат ва интиҳои силсилаи маротиби вуҷуд инсон комил аст, ки тамоми шууни ҳастӣ дар ӯ ҷамъ шудаанд. Дар қавси сууд инсон робитаи байни олами ҷамоду набот ва ҳайвон ба шуморр меравад.

мебошанд ва ҳар яке ҳама ва ҳама яке ҳастанд ва ақл онҳоро бевосита, яъне бо ишроқ ва шуҳуд дарк мекунад. Ба ибораи дигар, ақл нахустин оинаи аҳадият аст ва маъқулот мазҳари ӯ мебошанд [201, Ҷ.1, С. 68].

Таъсири афкори Плотин дар тасаввуф ва ирфони исломӣ ниҳоят зиёд эҳсосшаванда аст. Қосим Ғанӣ дар ин бора навиштааст: «Интишори орои Флутин ва пайдо шудани фалсафаи навафлотунӣ дар байни муслимин беш аз ҳар чизе дар тасаввуф ва ирфон муассир (таъсиргузор) будааст. Ба ин маънӣ, ки тасаввуф, ки то он вақт зуҳди амалӣ буд, асоси назарӣ ёфт ва чун дар орои навафлотунӣ диққат кунем, мебинем, ки барои сӯфӣ-зоҳиде, ки аз дунё ва ҳар чи дар ӯст ба ҳукми он ки фонӣ аст, дилканда ва бо он чӣ боқӣ аст, дил супурда фалсафаи Флутин бисёр хушоянд аст, балки мунтаҳои орзӯи худро дар орои (андешаҳои) ӯ меёбад.

Мавзӯи ваҳдати вуҷуд дар фалсафаи навафлотунӣ беш аз ҳар чиз назари сӯфияро ҷалб кардааст, зеро ваҳдати вуҷуд ҳама дунёро оинаи қудрати ҳақ мебинад» [201, Ҷ.1, С. 68].

Ҳар мавҷуде дар ҳукми оина аст, ки Худо дар ӯ ҷилвгар шуда, вале ин чизҳои дидашаванда, ҳама танҳо зоҳир ва намуд буда, ҳастии мутлақ ва вуҷуди ҳақиқӣ танҳо Худо аст. Инсон бояд кӯшиш намояд, ки пардаҳоро дарида, худро мавриди ҷилваи камоли ҷамоли ҳақ қарор дода, аз ин роҳ ба саодати абадӣ бирасад.

Солик бояд бо пару боли шавқ ва ишқ ба тарафи Худо ба парвоз дарояд ва худро аз қайди ҳастии худ, ки намуде беш нест, озод кунад ва дар Худо, ки вуҷуди ҳақиқӣ аст, маҳв ва фонӣ созад [175, Ҷ.2. С. 110-111]. Қосим Ғанӣ, андешаашро идома бахшида, менависад: «Сӯфӣ мехоҳад бо пари ишқ, ба Худо бирасад. Бинобар ин матмаъи назари тасаввуф аз фалсафа болотар ва бартар аст, зеро ғояти қисвои (ҳадафи олитарини) фалсафа ва камоли матлуби ҳикмат он бувад, ки инсони шабеҳ ба Худо, ки мисоли Хайр ва Камол ва Ҷамол аст, бишавад, дар сурате ки тасаввуф мехоҳад, ки инсон дар зоти илоҳӣ маҳв ва

фонӣ шавад ва бо ин фано Худо шавад» (қайди мо – З.З.). Ӯ ҳамчунин ишора кардааст, ки «Пайдо шудани ин гуна афкор дар тасаввуф, ки баъзе аз онҳо ошкоро мухолиф бо ақидаи тавҳиди исломӣ аст, сӯфияро мавриди такфир ва музоҳиммати фуқаҳо ва муташариъин (аҳли шариат) қарор дод ва зиндагиро бар онҳо душвор кард, сӯфия намехостанд, ки аз ислом хориҷ бошанд ё хориҷ шумурда шаванд, аз як тараф, даст ба таъвил ва тафсири орифонаи Қуръон зада, тасаввуфро бо ислом тавфиқ доданд ба тавре, ки дар мабҳаси кутуб ва нависандагони сӯфия хоҳем гуфт. Махсусан, дар қарни чаҳорум ва панҷум роиҷ шуд ва аз тарафи дигар, мутавасил ба рамз ва сир шуда ва худро дар баёни ҳақоиқи ирфонӣ ба таъбироти махсус муқайяд (маҳдуд) сохтанд, ба ин маънӣ, ки дар парда ҳарф мезаданд ва калимотро дар маъонии маҷозӣ ва гоҳе маҷози бисёр дур ба кор мебаранд ва пайравони тасаввуфро ба китмони сир (пинҳон кардани асрор) ва лаб фурӯ баста…

Ҳар киро асрори ҳақ омӯхтанд,

Муҳр карданду лабонаш дӯхтанд”-ро таълим медоданд» [175, Ҷ.2. С. 130-133]. Акнун, ки дар бораи мавҷудияти андешаҳои халқҳои гуногуни ваҳдати вуҷуд каме маълумот пешниҳод намудем, фурсати муносибе фаро расидааст, ки решаҳои ин андешаро дар ақоиди Ибни Арабӣ мавриди назар қарор диҳем.

Доктор Абуало Афифӣ дар таълиқоти худ бар “Фусус ал-хикам”-и Ибни Арабӣ, чандин бор аз таъсирпазирии Ибни Арабӣ аз фалсафаи Юнон ба хусус Афлотун ва ҳамчунин Филон ва то ҳудуди ҳикмати навафлотунӣ ба хусус Флутин, ном мебарад. Ӯ аз ҷумла, дар қисмате аз таълиқоти худ роҷеъ ба тафсири Муҳийуддин бар оёт ва аҳодис ва тибқи тавҷеҳи онҳо бо мазҳаби ваҳдати вуҷуд навиштааст: «Ва ҳаказо иқтаза мазҳаб ваҳдат ал-вуҷудон юғайир Ибни Арабӣ мафоҳим ал-истилоҳот ад-диния ва юстабдил биҳо мафоҳим ухро фалсафияти сӯфияти татафиқ ва руҳи мазҳабиҳи» [20, С. 42]. (Ҳамин тавр, мазҳаби Ибни Арабӣ тақозо кард, ки мафҳумҳои истилоҳоти диниро тағйир бидиҳад ва мафҳумҳои дигари фалсафиро табдил дода, ба рӯҳи мазҳаби худ

мувофиқ гардонад).

Абуало Афифӣ аз қавли шарқшиноси маъруф - Николсон чунин нақл мекунад: «Аллома Николсон дар тавсифи равиши Ибни Арабӣ дар “Фусус” гуфтааст: ӯ ҳамвора, насси (матни) оёт ва ҳадисҳоро гирифта, онҳоро бо равише, ки дар навиштаҳои Филони Яҳудӣ ва Оригени Искандарӣ шинохтаем, таъвил мекунад… ва ҳар фассе аз фусуси бистуҳафтгонаро ба теъдоде аз оёти Қуръон ва ҳадисҳо асоснок мекунад (ба ин тартиб, ки) дар ибтидои ҳар фас, оёт ва аҳодисро ба калимаи хосе, ки муносиби ҳикмати он фасс мебошад, иртибот медиҳад… Ҳадафи Ибни Арабӣ дар ҳама ин мавридҳо ин аст, ки бар асоси равиши хоси худ дар таъвил, маонӣ ва мафҳумҳое аз оёт ва ҳадисҳо, ки мавриди назараш қарор доштааст, баён мекунад. Пас, агар зоҳири оя равиши фикрии ӯро – яъне андешаи ташбеҳ ва таҷсими (Худовандро) - таъйид кунад. Ӯ ҳамон маънои зоҳирии ояро гирифта, дар ғайри ин сурат ин оятро дар маънои ғайри зоҳири худ тағйир медиҳад (то ин ки мегӯяд) равиши таъвили ӯ дар оятҳо бо такя бо бардоштҳои маънои ботинӣ ва хориҷ шудан аз ҳудуди зоҳирӣ буда… шолудаи равиши Ибни Арабӣ дар ҳама ин маворид баёни масоил ба забони аҳли ботин мебошад ва дар ҳақиқат, забони мазоҳиб ва равиши ӯ ҳамин забон будааст ва маъонии зоҳирӣ, ки мардуми оммӣ бо он сухан мегӯянд, канор мегузорад» [20, С. 10].

Муҳаққиқон дар бораи масъалаи Ваҳдати вуҷуд ба ривояти Ибни Арабӣ низ андешаҳои гуногун изҳор намудаанд, чанд намунаеро дар ин ҷо овардан ба манфиати кор аст. Қабл аз гузариш ба шарҳу баёни андешаҳои “ваҳдати вуҷуди”-и Ибни Арабӣ мо андешаҳои муҳаққиқон ва мутарҷимони муосири эрониро дар бораи собиқаи ин андеша то замони мутафаккир дар байни сӯфиёни форсзабон ёдовар мешавем, ки дарки афкори ӯро бароямон осонтар мегардонад. Шурӯъ мекунем аз Аттори Нишопурӣ, ки фармудааст:

Рӯҳ гуфт, эй солики шӯрида ҷон,
Гарчи гардидӣ басе гирди ҷаҳон.

Сад ҷаҳон гаштӣ ту дар савдои ман,
То расидӣ бар лаби дарёи ман.
Он чи ту гум кардаӣ, гар кардаӣ,
Ҳаст он дар ту, ту худро пардаӣ.
Солик, ал-қисса чу дар дарёи ҷон,
Ғутта хӯрду гашт нопарвои ҷон.
Ҷонаш чандон, к-аз пасу аз пеш дид,
Ҳар ду олам залли зоти хеш дид.

Баёни Аттор дар “Мусибатнома”, ба андешаи Мухаммад Али Муваҳҳид чошнии ишқ ва сӯз дорад, аммо Ибни Арабӣ чунон нест. Тасбеҳи ҷанҷол барангези ӯ дар “Футуҳот” инсофан бемазза ва хушк ва сард аст: «Субҳони ман азҳара ал-ашёа ва ҳува айнаҳо” (Поко касе, ки ҳама чизро падид оварда ва худ айни онҳо бувад). Баёни ҷомеътар ва муфассалтари иртиботи ҳақ ва халқ ҳам ки дар фасси аввали Фусус (Фасси Одам) омадааст, фоқиди ҳар гуна гармо дард аст; назарияи шибҳ фалсафӣ ва ҳастишиносона аст» [36, С. 69-70].

Муҳаммад Алии Муваҳҳид андешаҳои Ибни Арабиро, ки дар “Ал-Футуҳот ал-маккия”, “Фусус ал-ҳикам” ва “Иншоа-д-давоир” зиёд ба чашм мерасанд фишурдаи таълимоти ӯро дар чунин шакл пешниҳод кардааст: “Ибни Арабӣ муҷмалан мегӯяд мо як вуҷуди мутлақ дорем, ки тақйид (маҳдудият) намепазирад ва он воҷибу-л-вуҷуд аст ва як адами мутлақ дорем. Вуҷуди мутлақ ва адами мутлақ ҳар ду ло язоланд. Вуҷуди мутлақ пазирои адам нест ва адами мутлақ ҳам пазирои вуҷуд (вуҷудро қабул намекунад - З.З.) нест, аммо дар фосилаи миёни вуҷуди маҳз ва адами маҳз чизе дорем ба номи имкон, ки ҳам пазирои адам аст ва ҳам пазирои вуҷуд, имкон барзахе аст миёни вуҷуд ва адам, ки мо онро ”олам” меномем. Олам ба як эътибор аслан амри мавҳум аст ва метавон онро нодида гирифт, аммо ба эътибори дигар вуҷуд дорад, ҳатто воҷибу-л-вуҷуд аст, яъне наметавонад, ки набошад, чи олам сояи вуҷуди маҳз аст ва соя аз соҳиби соя пайравӣ мекунад, агар соҳиби соя азалӣ ва абадӣ аст,

соя низ чунон аст, аммо вуҷуди маҳз ҳамчунон ки пазирои адам нест, пазирои тааддуд (зиёдшавӣ, касрат) ҳам нест. Пас тааддуд ва такассуре (сершуморӣ ва рангорангие), ки дар олами мумкинот мебинем аз куҷост? Ибни Арабӣ мегӯяд: «тааддуд ва такассур амре эътиборӣ (нисбӣ) аст, ки дар мақом нисбат ба изофа пайдо мешавад. Фарз кунем, ки Ҳасан нисбат ба зани худ шавҳар ва нисбат ба фарзанди худ падар ва нисбат ба волидайни худ писар хонда мешавад. Ҳасан яке беш нест ва нисбатҳое, ки ӯро мутааддид менамояд, амри эътиборӣ аст. Он вуҷуди ло язолӣ ҳам, ки мо ҳаққаш меномем, ба лиҳози зот яке беш нест ва ба эътибори нисбатҳо ва изофаҳо асмои мухталиф ва мутакассир пайдо мекунад. Ҳамон ҳақи воҳидро гоҳе ба исми Раҳим ва гоҳе ба исми Қаҳҳор ё Розиқ ё Холиқ ва ғайра мехонем ва аъёни мумкинот мазоҳир ва маҷолии асмо ва сифоти ҳаққанд»[36, С. 70].

Ибни Арабӣ мегӯяд: «ҳамон гуна, ки таваллуд ва таносул дар миёни инсонҳо аз ҷуфтгирӣ (никоҳ) миёни онҳо ҳосил мешавад, асмо ва сифоти илоҳӣ низ бо ҳам ҷуфтгирӣ мекунанд ва дар натиҷа тадохул (дохили якдигар шудан) ва танокуҳи (никоҳи якҷояи) онҳост, ки олам ба зуҳур меояд. Ва ин никоҳи маънавӣ дар олами болоро мифтоҳи (калиди) боби офариниш медонад ва онро ба никоҳи ақдас ва никоҳи қудсӣ тақсим мекунад»[69, С. 133-138], ки мо ҳоло аз тафсили муфассалаш ба хотири дур нашудан аз он худдорӣ мекунем.

Ҳамчунон ки ошкор шуд, дар фишурдаи таълимоти Ибни Арабӣ қариб аксари истилоҳоти зарурӣ ва андешаҳои ҷавҳарии мутафаккирро бо ин суҳулат ва осонӣ зикр намудааст, ки қариб дар масъалаи дарки ваҳдати вуҷуд ягон мушкилие вуҷуд надошта бошад.

Ҷиллӣ соҳиби китоби “ал-Инсон ал-комил”, ки аз номдортарин ва пурмоятарин шореҳон ва баромадагони мактаби Ибни Арабӣ аст, оғози офаринишро ин гуна табйин (муайян) мекунад: «Чун Худо хост, ки аз зоти худ, ба муқтазои зоти худ, барои зоти худ зоҳир шавад, худро бар ду бахш кард, аммо ин дугонагӣ сабаби тааддуд (касрат) дар айни Ӯ нагардид. Бахшеро воҷиб

ва қадим ва раб ва фоъил ном ниҳод ва бахши дигарро мумкин ва ҳодис ва абди мунфаъил номид ва аввал чизе, ки аз ин бахши дуввум падид овард исм ё ҳаюлост, ки аҳли таҳқиқ ҳамонро ақли аввал ва рӯҳи муҳаммадӣ ва қалами аъло номидаанд»[69, С. 127-123, 38, 39, С.71.].

Ривояти Насафӣ ваҳдати вуҷудро боз хам равшантар тавзеҳ дода навиштааст: «Аҳли ваҳдат мегӯянд, ки вуҷуд яке беш нест ва он вуҷуд Худои таъоло ва тақаддаса аст ва ба ғайри вуҷуди Худо вуҷуди дигаре нест ва имкон надорад, ки бошад. Ва ин як вуҷуд зоҳире дорад ва ботине ҳам дорад. Ботини ин вуҷуд як нур аст ва ин нур аст, ки ҷони олам аст ва олам моломоли ин нур аст. Нуре аст номаҳдуд ва номутаноҳӣ ва баҳре аст бепоён ва бекарон. Ҳаёт ва илм ва ирода ва қудрати ашё аз ин нур аст. Табиат ва хосият ва феъли ашё аз ин нур аст... афроди мавҷудот ҷумла ба як бор аз ин нур зоҳир шуданд ва ҳар як даричаенд аз зуҳури ин нур, ва сифоти ин нур аз ин ҷумла даричаҳо тофта ва ин нур аввалу охир надорад ва фано ва адамро бар вай роҳ нест, даричаҳо нав мешаванд ва куҳна мегарданд ва ба хок мераванд ва аз хок боз меоянд ва мебошанд ва мерӯянд ва мезоянд... афроди мавҷудот ба ин вуҷуд ҳеҷ бар якдигар муқаддам ва аз якдигар муаххар нестанд аз ҷиҳати он ки нисбати ҳар фарде аз афроди мавҷудот ба ин вуҷуд ҳамчунон аст, ки нисбати ҳар ҳарфе аз ҳуруфи китобат ва мидод (сиёҳӣ, ранг). Аз ин чо гуфтаанд аз ту то Худо роҳ нест на ба тӯл на ба арз. Афроди мавҷудот нисбат ба якдигар баъзе мутақаддам ва баъзе мутааххир ва баъзе мозӣ (гузашта) ва баъзе мустақбаланд (оянда). Эй дарвеш вуҷуд яке беш нест. Ва ин нур аст, ки сар аз дарича берун кардааст, худ мегӯяд ва худ мешунавад, худ медиҳад ва худ мегирад, худ иқрор мекунад ва худ инкор мекунад» [289, С. 214-216].

Баҳси Ибни Арабӣ дар бораи асмо ва сифот, сарфи назар аз муҳим буданаш дар таълимоти ӯ мавзӯест, ки шарҳи он берун аз ҳадафҳои рисолаи мо мебошад [31]. Дар ин ҷо ҳаминро таъкид менамоем, ки вай баҳси ҳакимон ва файласуфонро оид ба масъалаи хилқат ва иртиботи халқ ва холиқро ба хотир

меоварад, ки танҳо як монандии зоҳирӣ мебошад. Зеро халқ, аз назари ваҳдати вуҷуд, куллан амри мавҳум аст, ориф ба ин масъала ба таври дигар муносибат менамояд ва масъалае ба мисли қоидаи “ал-воҳиду ло ясдуру анҳу илло ал-воҳиду” маънис надорад. Ва бинобар ин ҳама баҳси ӯ ба сухан дар бораи ваҳдати шахсияти вуҷуд, мазоҳир ва тачаллиёти он ҳаллу фасл мегардад.

Нахустин андешаи ваҳдати вуҷудро дар “Ламаъот”-и Ирокӣ, ки ӯ онро дар Қуния аз Садриддини Қунавӣ ваҳдати вуҷудро омӯхта, дилбохтаи он гашта буд, ба чашм мерасад. Пас аз “Ламмаъот” Шабистарӣ ҳам ин андешаро дар “Гулшани роз” густариш додааст, ки баррасии муфассал ва алоҳидаи он аз ҳадафҳои рисолаи мо берун аст. Ҳоло ба шарҳу тафсили масъалаи истилоҳҳои марказии гносеологияи ирфон дар шарҳи Ибни Арабӣ мегузарем.

Ҳамин тавр, дар ирфони Ибни Арабӣ далеҳои зиёде оид ба ваҳдати вуҷуд ҷой доранд, ки овардан ва таҳлилу тавзеҳ додани ҳама онҳо аз доираи ҳадафҳои аслии ин рисола берун мебошанд, аммо барои намуна чанде онҳоро дар ин ҷо ёдовар мешавем.

1. Ва лайса вуҷуд илло вуҷуди-л-ҳақ, бисуввари аҳвол камо ҳия алайҳи ал-мумкинот фи анфусиҳо ва аъёниҳо (Тарҷума: дар олам ҷуз вуҷуди Худо (Ҳаққи мутаъол) вуҷуде нест, ва Ӯ аст, ки ба суратҳо ва аҳволи гуногун - мумкинот (имкондор) ва махлуқот зуҳур ёфтааст).

Яъне тамоми мавҷудот, чизе ҷуз таъйинот ва шуъуноти (корҳои) зоти Худо намебошанд, пас ин Худо аст, ки бо шуъуноти гуногун ба сурати махлуқот ҷилвагар шудааст [38, С. 96.]. Ин ҷо ҳамин андешаро бояд ёдовар шуд, ки ин андеша бо асосҳои динӣ ва ақидатӣ мувофиқат намекунад, зеро лозим мешавад, бо қабул кардани ин ақида ба айнияти Худо бо падидаҳояш (як чиз будани Худо ва олам) қоил шавем, ки тибқи андешаи динӣ, Худо аз офаридаҳои худ фарқ мекунад. Орифони зиёде дар ин бора андешаҳои худро бо сабку услуби махсуси худ ниҳоят зиёд баён кардаанд, масалан, ҳамон ғазали Мавлоно:

Онҳо ки талабгори Худоед, Худоед,

Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед.

Чизе накардед гум аз баҳри чи ҷӯед,

В-андар талаби гумнашуда баҳри чароед.

Дар Қуръон оятҳои зиёде ҳастанд, ки: 1) парастиши ғайри Худоро қатъиян манъ карда, падидаҳои Худо ғайри зоти Ӯ ҳастанд (чизи дигаранд), зеро агар махлуқот айни зоти илоҳӣ ва мазҳари вай мебуданд, қатъан парастиши онҳо бар парастиши Худо интиҳо меёфт ва дигар далеле барои наҳйи илоҳӣ аз парастиши мавҷудот вуҷуд намедошт.

Чунин андешаҳо дар сураҳо ва оятҳои гуногун, масалан, Анбиё, 98; Моида, 76; Юнус, 102, Анбиё, 67 ва ғ. равшану возеҳ зикр шудаанд. Ҳамчунин дар Қуръон оятҳое, ки Худованд дар онҳо худро Мабдаъ, Холиқ, Борӣ, Ҷоъил ва ғ. ном мебарад, зиёд буда, тибқи ин таъбирҳо Худо холиқи ҳама мавҷудот аст. Тибқи ҳукми ақл махлуқот, ки сараввал дар ҳукми адам ва нестӣ қарор доштанд (яъне вуҷуд надоштаанд, ҳаст набудаанд), ки баъдан халқ шуда, ғайрихолиқ ва Худо ҳастанд (Аз Худо фарқ мекунанд – З.И.) (масалан: Анкабут, 19-20; Бақара, 118; Анъом, 1 ва ғ.). Ин оятҳо баёнгари ин нукта мебошанд, ки Худо ҳаргиз худро аз ҷинси махлуқот ва махлуқоти худ нашумурдааст.

2. Ибни Арабӣ гуфтааст:

«Ё холиқу-л-ашё фи нафсиҳи,

Инта ламмо тухлиқуҳу ҷомеъ,

Тахлиқ мо ло интаҳи кавниҳи,

Фик фаанта аз-заиқ ал-восеъ» [38, С. 88].

(Эй Офаридгоре, ки ашёро дар нафсашон халқ мекунӣ, Ту замони офариниш ҷомеъ (дар баргирандаи) мебошӣ, Ту то замоне, ки кавни (пайдошавӣ, офариниш, мавҷудияти) он интиҳо наёбад, ба офариниш машғул ҳастӣ, Ту он заиқ (маҳдуде) ҳастӣ, ки васеъ мебошӣ - “аз-зоиқ ал-восеъ”).

Аммо муҳаққиқони эронӣ байтҳои болоро чунин шарҳ додаанд: «Ва ҳар кас бидонад он чиро дар бораи аъдод тақрир кардем ва ин ки нафи адад айни

исботи он аст, медонад, ки ҳаққи муназзаҳ ҳамон халқи мушаббаҳ аст, агарчи халқ аз холиқ мумтоз аст. Пас он чи холиқ аст (ҳамон) махлуқ аст ва он чӣ махлуқ аст (ҳамон) холиқ аст. Ва ҳама аз як айнанд (чизанд), балки айни воҳид аст ва ҳам ӯ уюни мутакассира аст» [39, С. 300].

Дар абёти болоӣ он маъно таъкид мешавад, ки ҳар чизе, ки зуҳур ёфта, пайдо мегардад, аз тачаллии Худо аст. Пас ҳама ашё дар Ӯст, яъне дар илми Ӯ, ки айни зоти Ӯст, дар зоти Худ "ҷомеъи (фароҳамоварандаи) ҷамиъи махлуқоти беинтиҳо" аст ва ҳамаи онҳоро дар бар мегирад. Махлуқот дар зоти Худо монанди мавҷҳое ҳастанд, ки дар рӯи дарё дида мешаванд. Пас, дар ҳоле, ки зоти Худо ба эътибори аҳадияти зоташ заиқ (танг, маҳдуд) аст, ки дар он мартаба ҳаргиз маҷоли дуализм (санавият) ва тааддуд (зиёдшавӣ) намебошад, ба эътибори тачаллии асмоӣ, ба вижа тачалли ӯ ба исми «ал-восеъ» (васеъ) мутачаллӣ дар кул ва муҳит ва восеъ бар кул аст ва дар ҳар ҷое ва ҳар чизе мавҷуд аст. Яъне, Ӯ ҳувайдо ва зоҳир аст [284, С. 267].

3. «Фа мо фи-л-вуҷуд мислу. Фа мо фи-л-вуҷуд зидда фаинна ал-вуҷуд ҳақиқату воҳида ва ал-шай ло юзоду нафсуҳу» [38, С. 93] (Тарҷумааш: дар вуҷуд чизе мисли Ӯ нест. Дар вуҷуд зид ҳам нест, зеро вуҷуди ҳақиқӣ ягона аст ва чизе наметавонад бар зидди худи Ӯ бошад) [39, С. 401].

Вуҷуд ҳақиқати воҳид аст, онро на мисле аст ва на зидде, пас дар шуҳуди ориф, ин кавн имкони мабдаи бенавбат ва маншаи касрат аст нопадид мегардад ва ҷуз зоти Худо, ки айни ваҳдат аст, чизе намемонад. Бинобар ин он ҷо дигар на восиле (расандае) бошад ва на мавсуле (расидае), на фарқкунанда ва на муфориқе, ки ҳама дар айни ваҳдати ҳақиқии Худо мустаҳлак (маҳв, нест) гардад ва ориф, ки ба ду айни басар (бо ду чашм) ва басират менигарад, ҷуз айни Худо чизеро намебинад [38, С. 93].

4. «Ва би-л-ахбори саҳеҳ иннаҳу айну-л-ашё ва ал-ашё маҳдуда ва ин ихталафат ҳудудуҳо. Фаҳува маҳдуд би ҳад кулли маҳдуд фамо биҳад шайъ илло ва ҳува ҳад ли-л-ҳақ фаҳува ас-сори фи мусаммо ал-махлуқот ва-л-

мубдаъот ва лам якун ал-амр казолика мо саҳҳа ал-вуҷуд фаҳува айн ал-вуҷуд фа ҳува ала кулли шайъ муҳит» [284, С. 267].

(Тарҷумааш: Дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, ки Ӯ айни ашё мебошад, аммо ашё маҳдуд мебошанд ва ҳудудҳо бо ҳам фарқ мекунанд. Вақте ки ориф бо ду чашми худ ва басирати (биниши ботинии) худ нигоҳ мекунад, ба ғайр аз Худо чизеро намебинад) [38, С. 111]. Яъне, Худованд айни ашё аст ва ашё маҳдуд аст бо ҳудуди мухталиф, пас Ӯ бо ҳадди ҳар маҳдуде маҳдуд, яъне ки мутаъйин аст, чаро ки Ӯ айни ҳар маҳдуде аст. Бинобар ин дар ҳар ду маҳдудии ҳад мутаъйин ҳақ аст ва Ӯ ба сурати он маҳдуди мутаҷаллӣ. Пас Ӯ дар суввар ва ҳақоиқи ҷамеъи мавҷудот сорӣ ва зоҳир аст. Ва агар ҳақ дар мавҷудот сараён ва зуҳур намеёфт, ҳаргиз мавҷуде вуҷуд намеёфт, ки вуҷуди ҳар мавҷуде аз ноҳияи ӯст. Бинобар ин танҳо ҳақ таъоло аст, ки айни вуҷуди маҳз аст ва ба зоти худ муҳит ба ашё (ашёро иҳота кардааст) ва ҳофизи онҳост [61, с. 280].

Чунин андешаҳо дар сарто сари осори Ибни Арабӣ ба чашм мерасанд ва ҳамаи онҳоро дар дар ин ҷо шарҳ додан ғайри имкон аст, барои маълумоти иловагӣ ба китобҳои муҳаққиқон ва осори ба руссӣ ва форсӣ тарҷумашудаи ӯ мурочиат кардан мумкин аст. Аммо зимни таҳқиқмо гаштаву баргашта бо онҳо дучор хоҳем омад.

Албатта он чи дар боло зикр шуд, ҳаргиз наметавонад таваҷҷуҳи рӯҳониён ва диндоронро ҷалб накунад ва ё онҳо ин андешаҳои Ибни Арабиро нодида гузаранд. Барои мушаххастар ва фаҳмотар шудани ҳадафҳои Ибни Арабӣ ва мунаққидони ӯ, ҳоло чанд намунаеро зикр хоҳем кард. Масалан, агар доктор Муҳсин Ҷаҳонгирӣ аз андешаҳои Ибни Арабӣ ҳимоя карданӣ бошад, муҳаққиқони дигар ба андешаҳои ӯ муқобил баромада, ӯро на танҳо мавриди танқид, балки мазаммат ва ҳатто ба куфр муттаҳам намудаанд. Ҳоло барои намуна ба яке аз баҳсҳои онҳо таваҷҷуҳ мекунем.

Доктор Муҳсин Ҷаҳонгирӣ дар ин маврид навиштааст, ки: «Чунон ки мушоҳида шуд, иборoти мазкур ҳам сароҳат (баёни равшану ошкоро) дар

ваҳдати вуҷуд дорад ва ҳам ҳикоят аз касрати (зиёдии он, гуногунии) он мекунад. Гоҳе ҳақ ва халқро айни ҳам (як чиз) мешиносонад, гоҳе ғайри ҳам, гоҳе тааллуқи ҳақро аз халқ талқин мекунад, гоҳе ба танзили ӯ (фаровардани Ӯ) ба мартабаи халқ ишора менамояд. Хулоса, аз ин иборот ва назоири онҳо, ки кутуби Ибни Арабӣ пур аз онҳост, чунин бармеояд, ки ӯ ҳам бо асли ваҳдат мувоҷҷеҳ аст ва ҳам бо мушкилии касрат, ваҳдате, ки завқи сӯфӣ онро дармеёбад ва дар кашф ва шуҳуд бо он рӯёрӯй мегардад, касрате, ки ҳавос (аъзоёни ҳис) бар он шаҳодат медиҳанд ва ақл ба он иқрор менамояд, лизо (барои ҳамин) чунон ки дидем ва гуфтем, ӯ (Ибни Арабӣ –З.З.) ҳам аз ваҳдат дам мезанад ва ҳам аз касрат сухан мегӯяд. Дар натиҷа суханонаш, ва лав ба зоҳир (ҳарчанд ки зоҳиран), мутаззод (зидди якдигар) менамоянд, мушкилоте ба бор меоваранд ва халқеро ба ҳайрат ва шак ва тардид ва бадгумонӣ во медорад, ба тавре ки онон низ дар бораш ақоиди мутаззод (зидди якдигар) изҳор медоранд. Баъзе монанди Абдулваҳҳоби Шаъронӣ ақида бар ваҳдати вуҷудро аз вай нафӣ (инкор) мекунад ва ё иддае аз аъломи илм ва ҳикмат ва саршиносони фарҳанги исломӣ, вайро муттаҳам медоранд, ки мункири адён (динҳо) ва шароеъ (қонунҳои шариат) аст ва ҳақ ва халқро яке медонад ва лизо ба куфр ва илҳодаш (бе дин будани ӯ) фатво медиҳанд. Ва билохира гурӯҳе ҳам дар бораи вай дучори баҳт (оддӣ, соф, холис) ва ҳайрат мегарданд ва дар бораи вай аз изҳори ақида худдорӣ менамоянд, ва ба истилоҳ таваққуф мекунанд. Ба назар меояд тавҷеҳ ва тавфиқи ибороти мутаззоди (суханҳои ба ҳам зидди) вай ва дар натиҷаи рафъи ин мушкилот ба ин сурат имкон меёбад, ки ин нукта ҳамвора мавриди назар ва таваҷҷуҳ бошад, ки дар ирфони вай ҳақ ба ду маънӣ ба кор рафтааст:

1. «Ҳақ фи зотиҳи», ки вуҷуди мутлақ, мутлақу-л-вуҷуди сирф, холис ва баҳт (оддӣ, соф, холис) аст, ки мутлақ (озод) аз ҷамиъи қуюд (аз ҳама алоқаҳо) ва ло бишарт аз ҷамиъи шурут (аз тамоми шартҳо озод) ҳатто аз қайд ва шурути итлоқ, ва муназзаҳ аз ҳама эътиборот ва изофот ҳатто аз эътибор ва нисбати

иллият ва мутаъолӣ (болотар) аз олам, яъне ҷамъи махлуқот аст, ва аз он ҷо ки барӣ ва бар канор аз ҳама эътиборот ва изофот – аъам аз зеҳнӣ ва хориҷӣ (сарфи назар аз зеҳнӣ ё хориҷӣ буданашон) - аст. Лизо бартар (болотар) аз хаёл ва қиёс ва ваҳм ва андешаи мост ва дар натиҷа маърифаташ номумкин аст ва Ӯро бо олам мушобиҳате ва муносибате мавҷуд нест, ва дар воқеъ исботи қадри муштарак ва дар ҷомеъ миёни Ӯ ва олам маҳол аст. Ӯ - ўст ва ашё - ашёанд. Чунон ки тасреҳ ва таъкид мекунад, ки «фаҳува айну кулла шайъ фил зуҳур, ва мо ҳува айну-л-ашё фи завотиҳо бал ҳува ҳува ва-л-ашё ашё» (Ӯ айни тамоми чизҳост дар зуҳурашон ва Ӯ айни ашё дар зоташон нест, балки Ӯ - Ӯ ҳасту ашё ашё мебошанд) ва «фа-л-ҳақу ҳақ ва-л-инсону инсон ва-л-олам олам» ва «фарраби раб ва ал-абд абд» (Ҳақ ҳақ ҳасту инсон инсон ва олам олам аст ва Худо Худо ҳасту банда банда)» [284, С. 273-276].

Доктор Ҷаҳонгирӣ бо чунин бардоште аз ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ вайро аз тамоми иттиҳомот (тӯҳматҳо) дар ин замина ҳимоя намуда, чунин гуфтааст: «Чунон ки ишора шуд, аксари интиқодот (танқидҳо) ва эътирозот мутаваҷҷеҳи ин асл бувад (бар он равона ҳаст), ки асси асос ва бунёну бунёд ва ба иборати расотар, асли усули тасаввуфи Ибн Арабӣ аст, ки агар мақсудаш аз он чунон ки ин ақида фаҳмидаанд, ваҳдати мутлақ бошад, яъне ки ў ба наҳве аз анҳо (ягон навъе) ва ба тавре аз атвор миёни ҳақ ва халқ, мутлақ ва муфид ва зоҳир ва мазоҳир, фарқе нагузорад ва таъолии ҳақи мутаъолро инкор намояд ва чунин пиндорад, ки ҳақ ба мартабаи халқ таданнӣ ва танзил карда ва аз ҷамиъи ҷиҳот айни халқ гаштааст (аз ҳама ҷиҳат ба халқ шабеҳ шудааст), дар ин сурат, ин асли муғойир бо тавҳиди анбиё ва мухолиф бо таълими авлиё ва мунофи (инкоркунандаи) усули дин ва шароеи осмонӣ хоҳад буд ва дар натиҷа муъминон ва муътақидон бо ин усул ҳақ хоҳанд дошт, ки муътақид ва қоил ба онро мустаҳаққи (сазовори) ҳар навъи такфир ва талъин (лаънат кардан) бидонанд; вале чунон ки ашшади (ашадитарин) мухолифинаш Ибни Таймия ишора кард, ў аз ин асли ваҳдат, ваҳдати мутлақро ирода накардааст, ки миёни

зоҳир ва мазоҳир, мутлақ ва муқайяд ва ҳақ ва халқ фарқ ниҳода ва таъоло ва танзеҳи (трансендентӣ будани) зоти ҳақро инкор накарда ва ба таданӣ ва танзили [238, С. 80] он зоти мутаъол ба мартабаи халқ қоил нашудааст, ки худ тасреҳ кардааст: «Мо ҳува айну ал-ашё фи завотиҳо ба-л-ҳува ҳува ва ал-ашё ашё» (Ӯ айни ашё дар зоташон набуда, балки Вай Вай ҳасту ашё ашё). Хулоса, барои равшан шудани мақсудаш аз ваҳдати ҳақ ва халқ дар гузашта таваҷҷуҳ додем, ки ҳақ дар истилоҳи вай ба ду маънӣ ба кор рафтааст: ҳақ фи зотиҳи, ки чунонки иборати фавқ сароҳат дошт (нишон медод) ғайри ашё ва мутаъолӣ (ғайри ашё ва болотар) аз ашёст ва ҳақ мутаҷҷалли ва махлуқ биҳи, ки манъават ва наъвати ашё ва айни онҳост ва дар иборати маъруфаш «субҳона ман азҳара ал-ашёа ва ҳува айнаҳо» (пок ва мунназзаҳ аст Худое, ки ашёро зоҳир сохт ва худ айни он ашё мебошад), ки ҳарбаи қатъии мунақидонаш гашта (мавриди таънаи мунаққидон гашт), муродаш ҳақ таъоло ба маънои ахир аст. Бинобар ин мебинем, ки интиқод қобили дафъ ва эътирозот қобили ҷавоб аст» [284, С. 528, С.163].

Доктор Зарринкуб дар бораи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ гуфтааст: «Аз дидгоҳи Ибни Арабӣ вуҷуд дар зоти худ «воҳид» аст ва дар мазоҳир ва сифот ва асмоъ «касир» ва ҳақиқати вуҷуди азалӣ, абадӣ ва орӣ аз тағйир ва таҳаввул аст, агарчи суратҳо ва мазоҳири он дар ҳоли тағйир ва таҳаввул бошанд. Ҳол чун ба ин вуҷуд аз ноҳияи зот бингаранд, онро «ҳақ» ва чун аз ноҳияи сифот ва асмо, яъне зуҳуроти он дар аъёни мумкинот бингаранд, онро «халқ»-и олам хонанд ва тафоввут миёни холиқ ва халқ эътиборӣ (нисбӣ) аст ва ин ҷо ки ҳақиқати мазҳаби ваҳдат вуҷуди вай аст. Вай аслан барои мо сиво (ҳар чи ғайри Худо) «буде» (вуҷуде, ҳастие) қоил намешавад, балки онро сирфан «намуд» ва «ваҳму хаёл» медонад» [31, С. 119].

Аз дидгоҳи Ибни Арабӣ, олам бо тамоми гуногуншаклӣ ва суратҳои коинот, чизе ҷуз мазоҳири гуногуни он ҳақиқати азалӣ нест. Аз ин рӯ, наметавон ба ду вуҷуди ҷудогона ва ба номи ҳақ ва халқ қоил шавам, балки ба

вуҷуди воҳиде қоил мешавем, ки аз як ҷониб бингарем ҳақ аст ва аз ҷониби дигар, халқ мебошад. Дар байни ин ду ҷониби фарқкунанда ва тағйирёбанда зоте вуҷуд надорад, зеро халқ соя ва сурати ҳақ аст.

Довуд Илҳомӣ дар бораи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ навиштааст: «Асоси таълими ирфонии Ибни Арабӣ бар ин фикр аст, ки вуҷуд ҳақиқатест воҳид ва азалӣ. Ин вуҷуди воҳид ва азалӣ ҳам, албатта Худост ва бад-ин гуна олам худ вуҷуди мустақили ҳақиқӣ надорад. Балки ваҳм ва хаёли сирф аст ва вуҷуди ҳақиқӣ як чиз беш нест, илло мазоҳири гуногуни ҳақиқати воҳид, ки ҳамон вуҷуди илоҳист. Бинобар ин наметавон қоил буд ба ду вуҷуди ҷудогона, ки яке Холиқ бошад ва дигаре Махлуқ (қайди мо – З.З.). Балки фақат бояд қоил ба вуҷуди воҳиде буд ба наҳве аз анҳо ва ба тавре аз атвор, миёни ҳақ ва халқ, мутлақ ва муқайяд ва зоҳир ва мазоҳир фарқе нест, ки ҳақ ба мартабаи халқ таданӣ (поён рафта) ва таназзул карда ва аз ҷамиъи ҷиҳот айни халқ гаштааст. Ба ин маънӣ, ҳама чизро Худо донистан ва ҳастиро фақат ба ӯ мунҳасир (маҳдуд кардан) сохтан аст. Мусаламан ваҳдати вуҷуд ба ин маънӣ муғоийир (фарқ мекунад) бо тавҳиди анбиё ва мунофӣ бо усули адён ва шароеи осмонӣ аст ва дар натиҷа муъминон ва муътақидон ба ин усул ҳақ доранд, ки муътақид ва қоил ба онро мустаҳаққи такфир ва талъин (сазовори кофир шумурдан ва лаънат хондан) бидонанд. Ҳазрати расул аз рӯзи нахуст нидо дар дод: «қулу ло илоҳа илло-л-лоҳ илло аллоҳу тафлиҳу» (бигӯед худое ғайри Аллоҳ вуҷуд надорад ва танҳо Аллоҳ наҷот хоҳад дод) тамоми таъолими Қуръонро бар асоси яктопарастӣ ва нафии ҳар гуна ширк аст. Мусулмонон бар ин ақида муттафиқ (мувофиқ) буда ва тавҳидро асоси имон ва бунёни ислом шинохтаанд» [49, С. 118].

Муҳаққиқи дигари Ибни Арабӣ, доктор Яҳё Ясрибӣ дар китоби «Фалсафаи ирфон» дар ҳамин мавзўъ навиштааст: «Чунонки пайдост тавҳид дар назари уламои дин, яъне нафи (инкори) Худоён ва маъбудҳои мухталиф ва мутааддид (сершумор) ва қабули худо, яъне ло илоҳа ило-л-лоҳ ва ин матлабе

аст равшан ва ошкор, ки ниёзе ба ҳеҷ гуна тафсир ва тавзеҳ ва диққат ва тааммули фавқулодда надорад. Аммо тавҳиди ирфон ба маънии ваҳдати вуҷуд ва мавҷуд мақулаи дигаре аст, ки бар асоси он танҳо як ҳақиқат вуҷуди воқеъӣ дорад ва падидаҳои дигар ҳама мазоҳир ва таъйиноти он ҳақиқатанд ва бо ин ҳисоб бояд ҳама чиз Худо ва Худо ҳама чиз буда бошад. Ва ин ҳам чизе аст, ки на бо мутуни (матнҳои) шаръӣ қобили татбиқ аст ва на бо мабонии (асосҳои) ақоиди динӣ созгор ва мо аз яке аз осори марбут ба радди ирфон ва тасаввуф …» [350.с.45].

Баъдан Ясрибӣ суханҳои донишмандони зиёдеро дар рад ва инкори ваҳдати вуҷуд овардааст [350]. Муаллифи китоби “Ибни Арабӣ аз нигоҳи дигар» аз иқтибосҳои Ясрибӣ ба хулоса омада, қайд кардааст, ки «ҳамон гуна, ки ба вузуҳ мушаххас шуд (ошкору равшан шуд) дар ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ тамоми мавҷудот зуҳури Худованд мебошанд, яъне ин Худованд аст, ки дар мартабаи танзил аз мақоми аҳадият ба сурати тамоми ашё мутаҷаллӣ ва зуҳур ёфтааст. Ва ин ақидае аст, ки на виҷдони бедор онро мепазирад (қабул дорад) ва на ақли салим ва на ақоиди динӣ. Виҷдони инсон ба суҳулат иқрор дорад, ки мо аз ҳар ҷиҳат ғайри Худоем. Ашё аз ҳар ҷиҳат муғоир бо Худованданд (яъне аз Худо фарқ мекунанд - З.З.), зеро мо набудем ва буд шудем, пас ғайри Ӯ ҳастем, ки ҳамеша буда, ва хоҳад буд» [67, с. 179]. (Дар худи матни Қуръон масалан, сураҳои Анкабут, 19-20; Бақара, 117; Анъом 1, Анкабут, 44 ва ғ. чунин оятҳо ба чашм мерасанд).

Дар назари Ибни Арабӣ ҳама динҳо ва мазҳабҳо баробаранд ва барои ҳеҷ кадоми онҳо афзалияте қоил нест. Доктор Аҳмад Тоҷбахш дар ин бора гуфтааст: «Тасаввуф дорои озодманишии хосе будааст ва ҳамин озодманишӣ аст, ки дар назари аҳли тасаввуф габр, тарсо, яҳуд, мусулмон ва бутпараст яксонанд… назди ишон қоидаи ат-туруқу ила-л-лоҳ би адади анфуси ал-халоиқ» (роҳҳое, ки ба сӯи Худо мебаранд, аз шумораи нуфус вобаста мебошанд) асли маҳкам буда

аст, зеро ҳақиқати воҳид яктост ва муътақиданд, ки аз ҳар диле ба сӯи Худованд даре аст» [70, С. 202].

Мирмуҳаммад Шариф дар бораи ваҳдати адён навиштааст: «…Худои ӯ (Ибни Арабӣ – З.З.) ба маънои дақиқи динӣ, ба ислом ё оини дигаре маҳдуд намешавад, худои ӯ худои шахсӣ ва ахлоқии адён нест, балки зоти маъбуд ва маъшуқи ҳама адён аст» ва "қаза раббака илло таъбуду ило иёҳу» (Худои ту амр дод, ки танҳо ба Ӯ ибодат кунем). Ибни Арабӣ ояти фавқро бад-ин гуна тафсир мекунад, ки қазои илоҳӣ бар он рафта, ки муҳаққақан (дар ҳақиқат ҳам) ҳеҷ маъбуде ҷуз Вай набошад. Ин амр, навъи изъон (эътироф кардан) ва иқрори сареҳ ба ҳама анвоъи (навъҳои) ибодат аст, модоме, ки парастандагон дар варои мазоҳир ва суввари худои хеш, маъбуди ҳақиқӣ, яъне Худовандро тасдиқ кунанд… бинобар ин мо на бояд Худованд ё маъбуди ҳақиқиро дар шакли ақидаи хосе, ки монеъи ишколи дигар бошад, маҳдуд кунем, балки бояд дар ҳама суратҳо (мисли бут ва соири мавҷудот) ӯро бишносем ва ба ӯ изъон (эътироф) кунем, маҳдуд кардани ӯ дар як сурат – чунонки масеҳиён кардаанд - куфр аст. Ва иқрор ва изъони ӯ дар ҳама суратҳо лубби лубоби (асоси асоси) дин аст» [292, Ҷ.1, С. 580-581].

Ибни Арабӣ ақида дорад, ки ҳама роҳҳо, сироти мустақиме ҳастанд, ки ба Худованд анҷом меёбанд, ҳатто бутпарастон ҳам, ба андешаи ӯ, дар ин сиротанд. Ибни Арабиро ҳамчунон барои тарафдори ҷабри мутлақ будан низ мавриди танқид қарор медиҳанд, ки бисёр орифон ва сӯфиён ақида бар ҷабр доранд ва инсонро мавҷуди озод намедонанд. Ибни Арабӣ дар боби ҷабр ва ихтиёр гироиш ба ҷабри мутлақ дорад. Муҳсин Ҷаҳонгирӣ дар ин бора навиштааст: «Ҷабр дар ирфони Ибни Арабӣ ду маъно дорад: маънои аввал, ки дар китоби "Футуҳот"-аш ба он тавоҷҷӯҳ дорад, иборат аст аз водор сохтани мавҷуди мумкин ба феъл ба шарти имтиноъ (дур шудан) аз он» [40, Ҷ.1, С. 42]. Маънои дуввум, ки дар китоби "Фусус"-аш ба он назар дорад он ҷо ки менависад: «фамо машу бинуфусиҳим ва иннамо машу би ҳукми ҷабр» (онҳо

худашон ба ин роҳ нарафтаанд, балки онҳоро ҷабр ба ин роҳ даровардааст) [38] ва шореҳонаш назарашро шарҳ медиҳанд, иборат аст аз истеъдод ва иқтизои (тақозои) зотӣ ва лоятағайир аъён (аъён тағйирнопазиранд)» [293, С. 248].

Ибни Арабӣ ҳама афъолро аз Худо медонад, зеро вуҷуди мутлақро зоти Худо медонад ва мо сивои зоти Худоро адам мепиндорад. Фикр дорем, ки байтҳои Муҳмуди Шабистарӣ дар ин ҷо айни муддаъо буда, ҳамин андешаро ҷонибдорӣ мекунанд:

Кадомин ихтиёр, эй марди ҷоҳил,
Касе, к-ўро бувад би-з-зот ботил.
Касе, к-ўро вуҷуд аз худ набошад,
Ба зоти хеш нек ва бад набошад.
Асар аз ҳақ шинос андар ҳама ҷой,
Зи ҳадди хештан берун манеҳ пой [179, С. 65].

Танқиди Ибни Арабӣ танҳо бо ҳамин анҷом наёфта, қариб тамоми самтҳои таълимоти ӯро мавриди танқид қарор додаанд ва мо дар навбати худ кӯшиш хоҳем кард, ки зимни баррасии мушкилоти ваҳдати вуҷуд бо тадриҷ бо онҳо ошно шавем, ки муҳимтарини онҳо масъалаи аъёни собита ва мақомоти Худо дар тасаввуфи ӯ мебошанд.

Мутахассисони соҳаи таърихи тасаввуф оганд, ки масъалаи аъёни собта (ал-аъён ас-собита, мақомоти зоти илоҳӣ) аз мушкилтарин проблемаҳои таълимоти Ибни Арабӣ ба ҳисоб меравад, аз ин ру, ҷанбаҳои гуногуни гузориши ин масъаларо ҳатман бояд мавриди андеша қарор дод, зеро ҳар ду ин масъалаҳо бо ҳам рабти мантиқӣ дошта аз ҳам ногусаста мебошанд.

4.2. Табиати метафизикии олам аз нигоҳи Ибни Арабӣ: ал-мумкинот, ал-аъён ас-собита ва ал-олам

Самти дуввуми тезиси Ибни Арабӣ оид ба ваҳдати вуҷуд ба табиати метафизикии олам дахл дорад. Ба рағми андешаи бисёри муҳаққиқон ва мунаққидони ӯ, чунин ба назар мерасад, ки дар тезиси худ оид ба ваҳдати вуҷуд

Ибни Арабӣ дар навбати аввал андешаҳои навро нисбати табиати метафизикии Худо пешниҳод накардааст. Аниқтараш, ӯ тезиси навро дар бораи табиати метафизикии олам ва робитаи онро ба воқеияти ниҳоӣ ба сифати вуҷуд пешниҳод менамояд. Ибни Арабӣ тасдиқ менамояд, ки вуҷуд ягона буда, ба воқеияти ниҳоӣ шабоҳат дорад, зеро ӯ оламро мебинад, на Худоро.

Асарҳои Ибни Арабиро оид ба ҳастишиносӣ омӯхта, мо бо се консепсияи метафизикӣ, ки бо космологияи ӯ алоқаманд мебошанд, рӯ ба рӯ меоем: ал-мумкинот; ал-аъён ас-собита; ва ал-олам. Таваҷҷуҳи мо дар ин ҷо ба самтҳои метафизикии ин мафҳумҳо, ки ҳамчунон ки мо тахмин мекунем, метавонанд новобаста аз самтҳои ирфонӣ ва динӣ фаҳмо бошанд, равона шудааст, ки Ибни Арабӣ майл дорад мансуб ба онҳо гардонад.

Аввалан: консепсияи ал-мумкинот (шакли ҷамъи арабияш ал-мумкинот, шакли танҳояш: ал-мумкин) ё ал-аъён ... метавон ҳамчун "объектҳои шартан имкондор" ё ки "зотҳои шартан имкондор" тарҷума намуд. Як қатор донишмандон ал-мумкинро ҳамчун "он чизе, ки шартӣ мебошад" шарҳ додаанд. Ал-мумкинот шомили ҳам объекти ҳақиқӣ ва ҳам объекти имкондор аст, ки ба объектҳои зарурӣ ва номумкин муқобил гузошта мешаванд. Ин истилоҳ дар миёни файласуфон ва илоҳиётшиносони исломӣ зиёд истифода шуда, Ибни Арабӣ низ онро ба мисли онҳо зиёд истифода мебарад.

Дуввумаш, мафҳуми ал-аъён ас собтита (ал-аъён – истилоҳи шакли ҷамъ, шакли танҳояш – ал-айн мебошад). Ибни Арабӣ қайд кардааст, ки ӯ ин мафҳумро аз мактаби илоҳиётшиносии муътазилия гирифтааст [396, P. 350]. Аммо ӯ аз афташ, маънои нодири ин истилоҳро ворид намуда, шабоҳати вай бо истилоҳи техникии мутазилиён, эҳтимолан, бештар вз ҷиҳати фонетикӣ мебошад. Сарфи назар аз ин, ба фазли Ибни Арабӣ ин мафҳум дар анъанаи сӯфиён мавриди истифодаи умум қарор гирифтааст. Аммо дар нисбати он ки ин мафҳум чӣ чизеро, махсусан дар самти метафизикӣ, ифода мекунад, возеҳияте вуҷуд надорад. Барои ҳамин, аҷиб нест, ки дар миёни муҳаққиқони муосири

Ибни Арабӣ дар ҷустуҷӯи беҳтари тарҷумаи ин истилоҳ ихтилофҳо ба вуҷуд омадаанд. Баъзе тарҷумаҳо “архетипҳои доимӣ” Т. Изутсу [146], “прототипҳои ба қайд гирифташуда”, “воқеиятҳои пинҳоншуда” А. Афифӣ [378], Қ. Кокоӣ [168], "зотҳои тағйирнаёбанда" R. McGregor [400] ва "зотҳои тағйирнаёфта" W. Chittick [383]-ро дар бар мегиранд.

Сарфи назар аз ин ихтилофҳо дар тарҷумаи он, дар миёни муҳаққиқони Ибни Арабӣ консесуси онҳо нисбати “ал-аъён ас-собита” то айни замон вуҷуд надорад: байни ал-аъён ас-собита ва зотҳои дар олам мавҷуд буда, робитаи метафизикӣ вуҷуд дорад. Аммо танҳо як қисми ками муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, ки ин робитаро шарҳ диҳанд. Масалан, Изутсу, тасдиқ менамояд, ки ал-аъён ас-собита дар онтологияи Ибни Арабӣ ба он шабоҳат доранд, ки метафизикҳои муосир онро “универсалияҳо” меноманд. Ӯ тасдиқ мекунад, ки: «Ал-аъён ас-собита универсалияҳое мебошанд, ки ба ҷузъиёт муқобил мебошанд. Ва робитаи архетипҳо (яъне, аъёни собита) ба олам – маҳз робитаи универсалияҳо ба ҷузъиёт мебошанд» [147, С. 163]. Пас, робитаи аъёни собита ба объектҳои реалӣ, ба андешаи Изутсу, ба робитаи байни объектҳои ранги зард ва объектҳои зард мебошанд.

Шарҳи Изутсу, ҳамчунон ки мо тасдиқ хоҳем кард, нодуруст мебошад. Ибни Арабӣ ҳеҷ гоҳ аъёни собитаро универсалияҳо ва ё чизи ба онҳо монанд наномидааст. Универсалия одатан ҳамчун чизе, ки метавон ҳамчун мисол оварда тавсиф карда мешаванд, чун қоида, аз як мисоли конкретӣ бештар оварда мешаванд. Дар нисбати аъёни собита ҳаргиз ин тавр нест; кам касоне пайдо мешаванд, ки баҳс кунанд, ки аъёни собита метавонанд мисол бошанд, масалан, мисли он ки ранги зард, метавонад мисоли предметҳои зард бошад. Дар ҳақиқат, сарфи назар аз он ки онҳо бо объектҳои воқеӣ алоқаманд мебошанд, пайдо кардани маънои сухани Ибни Арабӣ душвор аст, ки дар он дар бораи монандии аъёни собита бо универсалияҳо зикр шуда бошад.

Дар асари нисбатан мутақаддами Ибни Арабӣ “Иншо ад-давоир”, ки соли 1204 таълиф ёфтааст, Ибни Арабӣ дар бораи мафҳуме сухан мегӯяд, ки ӯ онро “чизи саввум”- (ал-шай ал-солис) меномад. Як қисми гуфтаҳои ӯ дар бораи “чизи саввум” бешубҳа ба шабоҳат додани он ба универсалияҳо ва ғояҳои Платон бисёр шабоҳат доранд. “Чизи саввум метавонад версияи пешакии консепсияи аъёни собитаи Ибни Арабӣ бошад”, аммо агар тахмин карда шавад, ки ин ду консепсия бо якдигар робита доранд ва агар ба назар гирифта шавад, ки муҳокимаҳо дар бораи чизи саввум тахминан ба консепсияи дигар – консепсияи ал-аъён ас-собита гузаштаанд, мо тасдиқ мекунем, ки андешаҳои ӯро дар бораи чизи саввум (ал-шай ас-солис)-ро бояд ҳазф кард.

Замоне, ки ин андешаҳо бо тасаввуроти ӯ оид ба аъёни собита мувофиқат намекунанд, тамоман дуруст аст, агар ба ҳисоб гирем, ки ахирӣ консепсияи нисбатан пухта ва ниҳоӣ мебошад.

Ба рағми фаҳмиши Изутсу, аъёни собита дар ҳақиқат ҳам “ҷузъиёт” мебошанд. Вожаи арабии “аъён” ҳарфан маънои “зот”-ҳоро доранд. Тафовути ягонаи аъёни собита аз он иборат аст, ки онҳо зоҳиран, ба навъи махсуси зотҳо ва ё ҷузъиёт мансуб мебошанд. Мо тахмин мекунем, ки аъёни собита дар онтологияи Ибни Арабӣ бо он чизе шабоҳат дорад, ки метафизикҳо онро “зотҳои имкондори оддӣ” – зотҳои шартӣ меноманд, ки метавонанд ба феъл дароварда шаванд, аммо би-л-феъл нестанд.

Таърифи метафизикии консепсияи Ибни Арабӣ дар бисёр самтҳои худ ба чизе шабоҳат дорад, ки имрӯз метафизикҳо объектҳои имкондори оддиро тасаввур менамоянд. Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад, ки дар олам ду навъи объектҳо вуҷуд доранд. Навъи аввалро аъёни собита ва навъи дуввумро ал-олам - маҷмӯи объектҳои реалиро меноманд. Ӯ шарҳ медиҳад, ки дар байни ин ду навъи объектҳо робитаи муҳим вуҷуд дорад. Тамоми объектҳои реалӣ қабл аз он ки реалӣ мешаванд, ҷузъи аъёни собита мебошанд. Илова бар ин, ӯ сарфи назар аз он ки тасдиқ мекунад, ӯ мегӯяд, ки объектҳои реалӣ ниҳоӣ ва

муваққатӣ мебошанд, ӯ эълон мекунад, ки аъёни собита дар ҳақиқат ҳам беохир ва абадӣ мебошанд [395, P. 53] Илова бар ин, Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад, ки аъёни собита як ҷузъи ал-мумкинот (зотҳои имкондор) мебошанд [395, P. 204]. Чунин меҳисобанд, ки сфераи реалӣ – олам (ал-олам) яке аз ду навъи ал-мумкинот мебошад, аммо ал-аъён ас-собита навъи дигари он мебошад, ки онро Ибни Арабӣ тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки бешубҳа аъёни собита бо зотҳои мумкин, ки ҳамчунон ки маълум аст, ки яке аз ду навъи ал-мумкинот мебошанд, мувофиқат менамоянд.

Самти метафизикии консепсияи Ини Арабӣ “ал-аъён ас-собита”-ро бисёр муҳаққиқони Ибни Арабӣ сарфи назар менамуданд, шояд барои он ки ӯ аз аввалинҳо шуда, консепсияи зотҳои имкондори оддиро ба фалсафаи исломӣ ворид намудааст. Одатан файласуфон ва уламои исломӣ истилоҳи ал-мумкинот (зотҳои имкондор)-ро барои ифода кардани объектҳои реалӣ, ҳам объектҳои имкондори оддӣ истифода бурда, байни онҳо тафовути возеҳро нагузоштаанд.

Ба ғайр аз аниқияти экзегетикӣ, андешаҳои Ибни Арабӣ нисбати мафҳуми ал-аъён ас-собита нисбатан равшантар ва мутассил хоҳанд шуд, агар ин истилоҳро ҳамчун ифодакунандаи зотҳои оддии имкондор фаҳмида бошем. Аҷиб аст, ки баъзе муҳаққиқони муосир ба муайян кардани ал-аъён ас-собита ҳамчун зотҳои имкондор наздик мебошанд. У. Читтик мегӯяд, ки: «дар ин матн зотҳо “ашёи имкондор” (мумкинот) номида мешаванд, зеро ки онҳо метавонанд дар кайҳон ё вуҷуд дошта бошанд ва ё вуҷуд надошта бошанд. Аммо он чи ба имкониятҳои худи онҳо, ки тавсифи муайяни онҳо мебошад, дахл дорад робитаи онҳо ба вуҷуд ва адам якхела мебошад. Зоти тағйирнаёбанда (Ал-аъён ас-собита) ин чизи вуҷуднадоштаи имкондор мебошад. Агар Худо ба ҷониби вуҷуд бар адам афзалият диҳад, пас ин зоти мавҷуд, чизи имкондори вуҷуд мешавад. Ба мисли “зот” ва “ашё” ва дар тафоввут аз “вуҷуд”, мақоми онтологии шайъи имкондор бояд муайян карда шавад» [285, С. 12].

Аъёни собитаро адам (нестӣ) номида, Читтик суханҳои аниқи Ибни Арабиро иқтибос меоварад. Аммо он чизе ки Ибни Арабӣ дар ин матнҳо зери мафҳуми “вуҷуд” дар назар дорад, ин би-л-феъл мебошад; ал-аъён ас-собита дар ин маъно, ки онҳо би-л-феъл мебошанд, адам мебошанд.

Саввум, консепсияи ал-олам. Олам (ал-олам) дар онтологияи Ибни Арабӣ ба мафҳуми “олам” дахл дорад. Арабӣ ба шоҳигарии реалӣ ва ё маҷмӯи зотҳои воқеӣ муносибат менамояд. Ҳарчанд ки баъзан вожаи “вуҷуд” барои ифода кардани воқеият истифода мешавад, ӯ ҳамчунин вожаи “субут”- беҳаракатиро барои ифода кардани имкони оддӣ истифода мебарад ва табиист, ки ӯ майл дорад, ки ин ду мафҳумро ба ҳам муқобил гузорад.

Ҳамчунон ки болотар қайд кардем, робитаи байни аъёни собита ва олам бо робитаи байни объектҳои шартӣ ва объектҳои имкондори оддӣ муқоисашаванда мебошанд. Тибқи андешаи Ибни Арабӣ, олам (ал-олам) пеш аз он ки ба феъл табдил ёбад, дар миёни зотҳои имкондори оддӣ қарор дошт, ки ӯ онҳоро аъёни собита меномид. Аз афташ, муҳаққиқони Ибни Арабӣ дар ин масъала бо ҳам мувофиқанд.

Доктор Ҷаҳонгирӣ дар ин маврид навиштааст: «Гӯё Ибни Арабӣ, нахустин андешаманди исломӣ аст, ки истилоҳи аъёни собитаро вазъ (пешкаш) карда, ва дар тафаккури фалсафӣ ва тасаввуфаш баҳс дар он, боби васеъ гушодааст. Пас аз вай, тобеъон ва шореҳони афкораш дунболаи корашро дар ин баҳс монанди соири абҳос (тамоми баҳсҳо) гирифта, ба шарҳ ва басти бештаре пардохтаанд» [284, С. 357].

Инчунин Доктор Ҷаҳонгирӣ қайд мекунад, ки «Аъёни собита, дар ирфони Ибни Арабӣ ва пайравонаш ҳақоиқ ва завот (зотҳо) ва моҳиёти ашёст дар илми ҳақ. Ва ба баёни дигар, сурати илмии ашёст, ки аз азалу озол дар илми ҳақ собит буда ва то абадулобод низ ҳамчунон собит хоҳад монд» [284, С. 371].

Ҷаҳонгирӣ андешаашро идома дода, менависад: «Ирфони Ибни Арабӣ ирфони таҷаллӣ, ва ҷаҳонбинии вай ҷаҳонбинии таҷаллии илоҳӣ аст, ки дар

назари вай агар Ҳақ таъоло дар итлоқ (сатҳи мутлақ) ва ихтифояш (ошкор набуданаш, пинҳон буданаш) мемонд ва тақаллӣ намешуд, аъёни собита зуҳур ва вуҷуд намеёфтанд ва олам ба вуҷуд намеомад. Хулоса, тақаллии Ҳақ боиси зуҳури аъён дар илм ва вуҷуди аҳкоми онҳо дар хориҷ аст. Бинобар ин дар сурати адам тақаллии Ҳақ ва адами зуҳур ва сараёни ӯ ба ашё, яъне дар сурати ғайби ӯ, ҷаҳон тамоми маънои худро аз даст медод»[284, С. 372].

Қайсарӣ дар “Шарҳи Фусус ал-ҳикам”-и худ “аъёни собита”-ро чунин шарҳ додааст: «Суратҳои ақлӣ... дар истилоҳи орифон аъёни собита номида мешаванд, хоҳ куллӣ бошанд ва хоҳ ҷузъӣ» [293].

Ҷаҳонгирӣ маънои тақаллиро шарҳ дода менависад, ки: «Тақаллии ҳақ ду гуна аст: аввал тақалии илми ғайбӣ (- З.З.), ки тақаллии зотӣ ҳабӣ низ хонда шуда ва ба файзи ақдас таъбир гаштааст. Он иборат аст аз зуҳури ҳақ дар суратҳои аъёни собита дар ҳазрати илм. Дуввум тақаллии шуҳудӣ вуҷуде, ки файзи муқаддас номида шуда ва дар ин тақаллӣ, ҳақ ба аҳком ва осори аъёни собита зоҳир мешавад ва дар натиҷа, ин олами хориҷ вуҷуд меёбад. Тақаллии сонӣ мутараттаб бар тақаллии аввал ва мазҳари камолоте аст, ки бо тақаллии аввал дар қобилиёт ва истеъдодоти аъёни собита мундариҷ шудааст. Ба баёни дигар, ин ки Ҳақ таъоло нахуст ба тақаллии зотӣ ва ба ҳасби файзи ақдас ба сурати истеъдодот ва қобилиёт тақаллӣ ёфт ва худро дар мартабаи илм ба ранги аъён намоён сохт ва ба ин тартиб аз ҳазрати Аҳадият ба ҳазрати Воҳидият нузул фармуд, пас аз он ба ҳасби файзи муқаддас, ба аҳком ва осори аъён баробари истеъдодот ва қобилиёти онҳо ҳастӣ бахшид ва ин оламро падид оварад. Пас ҳам қобил аз файзи ӯст: файзи ақдас ва ҳам мақбул аз файзи ӯст: файзи муқаддас. Бинобар ин, файзи ақдас тақаллии зоти ҳақ аст, ки боиси зуҳури аъён аст ва файзи муқаддас тақаллии вуҷудии ӯ аст, ки боиси вуҷуди аҳком ва осори аъён аст. Хулоса вуҷуди олам, асари тақалли ҳақ ва аз баракати файзи ӯст» [284, С. 373-374].

Қабл аз идома додани андешаҳо ба таври хеле муҷаз бори дигар ба суханҳои Ҷаҳонгирӣ рӯй меоварем, то ки бароямон нуктаҳои марказии суханҳои ӯ равшантар шаванд. Ӯ таъкид дорад, ки таҷаллӣ ду хел мешавад: аввал таҷалии илми ғайбӣ, ки онро файзи ақдас меноманд (он иборат аст аз зуҳури ҳақ дар суратҳои аъёни собита дар ҳазрати илм) ва дуввум таҷаллии шуҳудӣ вуҷуде, ки файзи муқаддас номида шуда ва дар ин таҷаллӣ, ҳақ ба аҳком ва осори аъёни собита зоҳир мешавад ва дар натиҷа, ин олами хориҷ, яъне оламе, ки мо дар онем, вуҷуд меёбад. Пеш аз ҳама дар хотир дошта бошем, ки аввалиро илми ғайбӣ (файзи ақдас) ва дуввумиро таҷаллии шуҳудӣ (файзи муқаддас) меноманд. Аввалӣ боиси пайдошавии зуҳури ҳақ дар суратҳои аъёни собита дар ҳазрати илм ва дуввумӣ, Худо дар аъёни собита (ашёи конкретии олам) зоҳир мегардад. Ба қавли дигар, аввалӣ танҳо дар илми Худо вуҷуд дошта, онро наметавон дид, аммо дуввумӣ дар шакли аъёни собита вуҷуд дорад, ки онро метавон бо воситаи чашм дид.

Дуввумӣ ҳам дар илми Худо вуҷуд дошта, баъдан зоҳир гардидааст, яъне ин ҳамон қобилиятҳо ва истеъдодҳои аъёни собита мебошанд, ки дар илми Худо вуҷуд доштанд. Маънои ин гуфтаҳо он аст, ки Худо сараввал худро дар таҷаллии зотии худ дар мартабаи илм намоиш дод, ки сӯфиён онро нозилшавии “ҳазрати аҳадият” ба “ҳазрати воҳидият” таъбир кардаанд, яъне “файзи ақдас” дар сурати истеъдодҳо ва қобилиятҳо, дар аъёни собита таҷаллӣ карда, баъдан (метавон онро марҳалаи дуввуми таҷаллии Худо номид – З.И.) ин қобилиятҳо ва истеъдодҳоро ҳастӣ бахшида, натиҷаи он пайдо шудани ин олам гардидааст. Аз ин суханҳо ба хулоса расидан мумкин аст, ки “файзи ақдас” ва “файзи муқаддас” ҳар ду ба фазли Худо вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, файзи ақдас таҷаллии зоти Ҳақ аст, ки боиси зуҳури аъён аст ва файзи муқаддас таҷаллии вуҷудии Ӯ аст, ки боиси вуҷуди аҳком ва осори аъён аст. Хулоса, вуҷуди олам, асари таҷаллии ҳақ ва аз баракати файзи Ӯ вобаста мебошад.

Ҷаҳонгирӣ дар идомаи суханонаш илова мекунад, ки: «Аъёни собита дар калимоти Ибни Арабӣ ва тобеъони вай ба маънои ҳақоиқи мумкинот (ҳақиқати чизҳои дорои имкон барои пайдо кардани вуҷуд – З.З.) аст дар илми ҳақ таъоло ва ба иборати дигар суввари мумкинот, яъне аъёни собита, субуташон дар илми илоҳӣ аст, на дар хориҷ, зеро ки вуҷудашон мустақил аз вуҷуди илоҳӣ нест. Балки маҷоли зоти ҳақ аст, ки зот дар онҳо зоҳир мешавад, ҳамон тавр, ки суввари маръӣ (бо чашм дидашаванда) дар оина зоҳир мешавад» [284.С. 67].

Дар иқтибоси болоӣ, Ҷаҳонгирӣ ба шарҳи аъёни собита гузашта, таъкид намудааст, ки онро ба маънои "ҳақоиқи мумкинот дар илми ҳақ таъоло" мефаҳманд, ки иборат аз суввари мумкинот дар илми илоҳӣ мебошанд, на дар хориҷ, аммо инро набояд ба маънои мавҷудияти куллан мустақил аз вуҷуди илоҳӣ фаҳмид, зеро танҳо баъди дар онҳо зоҳир шудани зот, ба суввари бо чашм дидашаванда табдил меёбанд. Яъне дар ин ҷо зоти Худо ба оинае монанд карда мешавад, ки дар оина зоҳир мешавад.

Барои аъёни собита ду эътибор аст: аввал он ки оинаҳои вуҷуди ҳақ ва сифоти ҳақ ва асмои ҳақ бошанд, дуввум он ки вуҷуди ҳақ оинаи (миръоти) онҳо бошад. Пас, ба эътибори аввал зоҳир намешавад дар хориҷ, магар ба вуҷуде, ки мутаъйин аст дар мароёи аъён ва мутааддид аст ба таъаддуди он, пас ба муқтазои ин эътибор ғайр аз вуҷуди ҳақ дар хориҷ ҳеҷ нест… ва ба эътибори дуввум дар вуҷуд, ғайри аъён ҳеҷ нест ва вуҷуди ҳақ, ки миръоти аъён аст дар ғайб аст ва мутаҷаллӣ ва зоҳир нест, магар аз варои татақи (парда) ғайб ва сародиқоти ҷамол ва ҷалол.

Дар боби кайфияти зуҳури ҳақ ва нисбати он бо аъёни собита ва чигунагии зуҳури аҳкоми аъёни собита дар хориҷ ва наҳваи такассури мавҷудот ва ин ки ниҳоятан ҳама мавҷудот зуҳурот ва таҷаллиёти ҳақ ҳастанд ва ҷуз Ӯ-е нест. Ибни Арабӣ ва аксари пайравон ва шореҳони вай барои наздик овардани ин маъно ба зеҳн, мутавасил ба амсол ва ташбеҳот кардаанд (мисолҳо ва ташбеҳ

рӯ овардаанд), ки дар “Фусус ал-ҳикам” ва тамоми осори ирфонӣ мушоҳида мешавад, аз ҷумла:

1. Мисоли тобиши нур бар оинаҳо, ки дар ин амсоли аъён ҳамчун оинаҳое ҳаст, ки бо рангҳо ва мақодир ва авзои мухталиф дар баробари офтоби вуҷуди ҳақ қарор мегирад ва нури воҳид маншаъи зуҳури тамоми он алвон (рангҳо) ва мақодир (теъдод) ва авзоъ (вазъият) мегардад ва дар ҳар шиша бинобар авзоъи хоси хеш, хуршед дар он ба ҳамон шакл менамояд [62].

2. Мисоли шароб ва ҷом, ки аз камоли шафофият ва латофати ҷом ва сафои май, ранги ҷом ва май як мешавад ва дигар наметавон фаҳмид кадом ҷом аст ва кадом май [180, С. 371].

3. Мисоли зуҳури чеҳра дар оинаҳо, ки маъшуқа яке аст ва дар муқобили хеш оинаҳои гуногун аъёни собитаро қарор дода ва дар ҳар як аз он оинаҳо сурати хешро намудааст [329, С. 41.].

4. Мисоли зуҳури дарё ба сурати амвоҷ, ки мавҷҳои дарёи ҳастӣ ва ба иборати дигар, аҳком ва осори аъёни собита, ҷумлагӣ монанди ҳубобе (кафкҳо) барои дарёст ва ҳамон ҳақ аст, ки ба сурати аъён даромадааст [61, С. 67].

Доктор Сайд Яҳё Ясрибӣ дар ин бора навиштааст: «Дар ироаи як ҷаҳонбинии ирфонӣ ва таъсиси биниши ба ном ирфони назарӣ, Ибни Арабӣ барои нахустин бор ин истилоҳ (аъёни собита)-ро ба кор бурда, пас аз ӯ низ аз тарафи пайравон ва шореҳони мактаби вай, куллан ба унвони як асли асосӣ дар табийни (фарқ кунонидани) ирфони ҷаҳон пазируфта шудааст. Дар баёни ҳақиқати аъёни собита мегӯянд, ки аъён, иборатанд аз ҳақоиқи мумкинот дар илми ҳақ ва сувари илмии ашё, ки ҳақоиқи олами имкон мутобиқи он аъён ба вуҷуд омадаанд.

Аммо худи ин касрати илмӣ ва суратҳои мухталифи илмӣ чи гуна ба вуҷуд омадаанд? Урафо дар тавҷеҳи пайдоиши аъён мегӯянд, ки “аъён лозимаи асмо ва сифоти ҳақанд, дар мақоми воҳидият, бар асоси таҷаллии ҳақ дар кисвати асмо ва сифот, навъе касрат падид меояд, ки ҳамон касрат ношӣ аз асмо

ва сифот аст ва лозимаи ҳар исме мафҳум ва моҳияти муносибе ба он исм аст ҳамин мафоҳим, ки лозимаи асмо ва сифатанд, ва ба таъбири дигар, суввари асмои илоҳианд дар илми ҳақ. Дар истилоҳи урафо ба номи аъёни собита номида мешаванд» [243, С. 326].

4.3. Мақомоти Худо аз дидгоҳи сӯфиён ва Ибни Арабӣ

Дар ин зербоб ба тафсилоти масъалаи Худо – ваҳдат ва ягонагӣ, холиқи оламу одам, номҳо ва сифатҳо, робитаи Худо бо инсон ва ғ. дода нашуда, танҳо ёдовар мешавем, ки дар Қуръон дар бораи зуҳуроти мушаххаси ваҳдоният, аҳадият ва азамати Аллоҳ зиёд сухан рафтааст. Аллоҳ худро дар махлуқони хеш барои мардум зоҳир намудааст. Ҳама чизе дар олам вуҷуд дорад, эътҷозест, ки онро Аллоҳ дар оятҳои худ халқ кардааст. Таълимот оид ба ягонагии Аллоҳ асоси дин ва илоҳиёти ислом ва таълимот роҷеъ ба воҳид ва ягона будани Худо, ат-тавҳид меҳвари таълимоти марказии ислом мебошад, ки ҳар як муъмин бояд ҳаёти хешро тибқи он танзиму ташкил намояд. Дар ислом Аллоҳ худои воҳид ва ягонаест, ки холиқи олам ва қозии рӯзи ҷазо буда, Муҳаммадро ҳамчун расули худ баргузидааст, ки асоси калимаи шаҳодатро ташкил медиҳад. Қуръон каломи Аллоҳ аст, ки мустақиман ё тавассути Ҷабраил ба пайёмбар нозил гардидааст. Аллоҳ меҳварест, ки тамоми Қуръон бар он асос ёфтааст, ки ягонагии Аллоҳ мавзӯи марказии он буда, дар сураи Ихлос (Қуръон, 112) муфассал дарҷ ёфтааст. Аллоҳ холиқи ягонаи олам ва аз ҷумла, тамоми мавҷудот ва инсон буда, тамоми олам тобеъи Ӯ ва ҳеҷ чизе бе ирода ва илми Ӯ анҷом намеёбад. Аллоҳ тамоми оламро бо амри худ халқ намуда, молик ва ҳокими ягонаи инсон аст. Таълимот оид ба Аллоҳ асоси дин ва илоҳиёти исломӣ буда, тамоми зиндагии инсони мусулмон бояд мутобиқи таълимоти “тавҳид” оғозу анҷом бигирад.

Дар хадисҳо, тафсирҳо, китобҳои аҳли калом, файласуфон, тасаввуф ва исмоилиён паҳлуҳои гуногуни табиати Аллоҳ мавриди баҳсу мунозира қарор доштаанд, ки дар миёни онҳо ду масъалаи мавриди баҳс - моҳияти табиати

Аллоҳ (вуҷуди Аллоҳ, ат-тавҳид) ва табиати афъоли Аллоҳ (афъол таъоло, ал-адл) аз масоили асосӣ ба ҳисоб мерафт. Сарфи назар аз он ки мутафаккирони исломӣ дар оғоз ба нақши ақл дар шинохти Худо таваҷҷуҳи махсус дода бошад ҳам, дар асрҳои VIII-XII масъалаи сифатҳои Аллоҳ ва таносуби онҳо бо моҳияти ӯ мавриди баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ қарор дошт. Аҳли суннат ва анъана талаб мекарданд, ки ҳама он чӣ дар Қуръон дар бораи сифоти Аллоҳ зикр ёфтааст, бидуни муҳокима – било кайфа (ал-ҳашвия[40], ат-ташбеҳ[41]) қабул карда шаванд. Ҷараёнҳои дигари асрҳои VIII-IX талош доштанд, ки исломро аз унсурҳое, ки тавҳиди сирфро таҳриф мекарданд, пок намоянд ва мавҷудияти сифатҳои Аллоҳро ё инкор мекарданд ё онҳоро ба тариқи рамзӣ тафсир мекарданд (ҷахмия[42], муътазила). Аз асрҳои IX-X тасаввуроте роҷеъ ба сифатҳои воқеии Аллоҳ, ривоҷ ёфт, ки бо моҳияти ӯ марбут буданд. Баъзан онҳоро ҳамчун «ҳол», яъне ҳолатҳои гуногуни ин моҳият ва баъзан ҳамчун сифатҳои мавҷуд ва ғайримавҷуд мефаҳмиданд (аҳли калом, ҳол, Ашъарӣ, Мотуридӣ). Вобаста ба масъалаи сифоти Аллоҳ - масъалаи «асмои ҳусно» дорои мазмуни хос гашт, ки ин сифатҳоро ба категорияҳо ҷудо менамуд. Мавзӯи баҳс сифатҳое аз қабили «мушоҳида» ё «дидан»-и Худо расидани одамон ва солеҳон дар рӯзи қиёмат ва дар биҳишт, «нутқ»-и Худо, қадим ва ҳодис будани нутқи Худо ва Қуръон ва ғ. мавриди ихтилофи донишмандони асрҳои VIII-X қарор гирифт.

Дигар масъалаи баҳс сифатҳои Аллоҳ шарху тафсири ибораҳои мушобаҳаи (антропоморфии) Қуръон мебошад, ки мутафаккирон дар ҳалли ин масоил мавқеъҳои гуногунро ишғол менамуданд.

Дар тасаввуф масъалаи табиати Аллоҳ хамчун масъалаи роҳҳои шинохт ва маърифати Худо, на тавассути ақл, балки интуиция (кашф, шуҳуд, завқ)

[40] Ҳашавия – номи анъанавиёни мусулмон аст, ки тасаввуроти ба инсон шабоҳат доштани Худоро ҷонибдорӣ мекарданд.

[41] Ташбеҳ – антропоморфизм, тасаввур кардани Аллоҳ дар шакли инсон, баробар кардани Аллоҳ бо ҳар чиз, ба Ғ додани сифатҳои инсонӣ.

[42] Ҷаҳмия – пайравони Ҷаҳм ибни Сафвон. Лақаби ҷараёни мурҷиия ва ё мурҷияро бо чунин унвон ном мебурданд.

шинохтани моҳияти ӯ, тавассути таҳқиқи ботинии тавҳид дар қалби инсон, тавассути муҳаббат, таваккул ва зуҳд мавриди баррасӣ ва баҳс қарор гирифт. Ду таълимоти робитаи инсон бо Худо нозил шудани Худоро дар қалби ориф (ваҳдати шуҳуд) ва маҳлул гаштани инсон дар зоти илоҳӣ (ваҳдати вуҷуд) пешниҳод гардид, ки тӯли асрҳо мавриди баҳсу мунозираи донишмандон ва махсусан сӯфиёну орифон қарор гирифт.

Барои файласуфон Аллоҳ дар ҳадафҳои ғайриилоҳиётӣ мавриди муҳокима қарор дошт. Таваҷҷуҳи онҳо барои бо ақл, бо далеҳои ақлӣ исбот намудани вуҷуди Худо ва шинохтани Худо равона буд. Барои онҳо Худо камоли олӣ ва зарурӣ, ақли олӣ ва муҳаббати олӣ ба ҳисоб мерафт. Аллоҳ оламро халқ намуда, тавассути табақабандии файз-судур дар мавҷудот таҷассум меёфт [116].

Дар баробари масоили зикршуда, сӯфиён барои Худо маротиб ва мақомоте қоил шудаанд. Мақоми олитарини Худо «ҳувияти ғайбия» ва «канзи макнун»-и Худо аст, ки дар ин мақом Ӯ на исм дорад, на расм ва на сифат, на феъл ва на ҳеҷ нишони дигар. Дар ин ҷо онҳо дар мақоми аъёни собита дар зоти Худованд карор доранд. Ин мақом, мақоми «ҳувияти ғайбияи Худост» ва акли инсонӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ба он роҳ надорад ва дар ин маком ба ҳеҷ исме ҳам наметавон онро номид ба ҷуз «ҳува», ки худ гунг ва мубҳам (ғомизу норавшан) аст. Масалан, гоҳе шайхеро бо сифот ва нишонаҳое аз қабили донишманд, сахӣ, қавӣ ва … муаррифӣ мекунем ва гоҳе мегӯем «ӯ» ҳеҷ ҷилваеро нишон намедиҳад ва худаш номуайян буда, ба кавли сӯфиён, фақат ишорае аст, ба мақоми «ло таъйинӣ», «ло исмӣ» ва «ло расмӣ». Баъзе орифон ин мақомро “мақоми аҳадияти Худо” меноманд, ки дар бораш ҳеҷ кас чизе гуфтан наметавонад.

Мақоми дигари Худо «мақоми аҳадият» аст, ки таҷаллӣ, зуҳури асмо ва сифоти зоти ҳақ барои худи зот аст, ки аъёни собита дар ин мақом дар илми Худованд мавҷуд мешаванд.

Мақоми дигари Худо, ки поинтар аз мақоми олитарини Худо аст ва ақл

каме ба он роҳ дорад ва аз ибҳом то ба ҳудуде дар меояд, «мақоми улуҳият»-и Худо аст. Дар ин мақом таҷаллӣ - нури Худост ва дар аъёни мумкинот, аъёни собита ба вуҷуди кавнии Худо мавҷуд мешаванд. Дар ҳақиқат аъёни собита мазоҳири асмо ва сифоти Худованд ҳастанд, ки Худованд бо таҷаллӣ дар аъёни собита, ки дар мақоми "воҳидияти Худованд" қарор доранд, сабаби зуҳури мавҷудот мешаванд. Тамоми чизҳое, ки дар ин дунё мебинем, ҷилваҳои мухталиф ва атвори мухталифи Худост.

Ҳамчунон ки қаблан ҳам таъкид карда будем, Ибни Арабӣ дар «Футуҳот» гуфтааст: «Субҳона ал-лази азҳара ал-ашё ва ҳува айнаҳо»: "Пок ва мунназзаҳ аст Худое, ки ашёро зоҳир сохт ва худ айни он ашё мебошад".

Бинобар ин метавон мақомоти Худоро дар ирфон ба шакли зер баён намуд: мақоми аҳадият, мақоми воҳидият ва мақоми улуҳият, ки таҳқиқи муфассали онҳо ҳам берун аз ҳадафҳои рисолаи мо мебошад.

Аммо дар масъалаи фаҳму дарки таълимоти ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ масъалаи ташбеҳ ва танзеҳ, яъне трансендентӣ будани Худо, аз зумраи мушкилтарин муаммоҳои фалсафаи ирфонии ӯ ба ҳисоб меравад, ки сари он бояд тааммуқ ва андешаронӣ кард.

Масъалаи ташбеҳ ва танзеҳи Худо дар ирфони Ибни Арабӣ аз масоили мураккабтарини таълимоти ваҳдати вуҷуд мебошад.

Антропоморфизм (аз юн. Антропос – инсон ва морфи – шакл, навъ) предметҳо ва зуҳуроти ғайризиндаи табиат, аҷроми осмонӣ, ҳайвонот ва набототро ба инсон шабоҳат додан; ба худо ва ё худоён мансуб донистани чеҳраи инсонӣ. Антропоморфизм ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ пайдо шуда, хоси асотир ва ҷомеаи ибтидоӣ мебошад. Антропоморфизми соддалавҳона, ки барои динҳои қадима хос буд, ҳанӯз аз ҷониби Ксенофан мавриди танқид қарор гирифта буд: "Ҳабашиҳо мегуфтанд, ки худоёни онҳо бинипачақ ва сиёҳпӯстанд; фракиҳо бошанд, худоёни худро кабудчашм ва сафедпӯст тасаввур мекарданд". Дар матнҳои Аҳди қадим ва Қуръон дар бораи чеҳраи Худо, чашм,

дастон, нишасти ӯ дар болои курсӣ ва ғ. сухан меравад. Дар таълимоти теистӣ роҷеъ ба руҳонияти маҳзи худо тамоми ин ибораҳо ҳамчун истиора ва рамзу киноя шарҳ ёфтаанд. Кушиши фаҳмиши ҳарфии онҳо дар давраи патристика[43] маҳкум шудаанд, ки дар робита бо он истилоҳи антропоморфизм пайдо шудааст; дар анъанаи исломӣ ин истилоҳ - ташбеҳ номида мешавад, ки дар маънои ба инсон ташбеҳ додани Худо фаҳмида мешавад.

Истилоҳи танзеҳ[44] бошад дар муқобили ташбеҳ қарор дошта, ба маънои пок кардани Худо аз сифоти махлуқон мебошад.

Назарияи ташбеҳ ва танзеҳи Худо бо назарияи ваҳдати вуҷуд робитаи мустаҳкам дорад. Чунин андешае ҳукмрон аст, ки ҳар касе Худоро муназзаҳ аз ашё кунад, яъне бигӯяд, ки Ӯ ғайри ашё аст, зоти Худоро муқайяд (ба чизе алоқаманд кардан) ва маҳсур – маҳдуд, ҷудо кардааст ва ҳар касе забон ба ташбеҳи Худо боз кунад, яъне бигӯяд, ки як шай ё ду шай Худо аст ва Худоро шабеҳи комили махлуқот бидонад, Ӯро маҳдуд кардааст ва ҳар кас ҳар дуро бигӯяд, яъне танзеҳ дар айни ташбеҳ ва ташбеҳ дар айни танзеҳ, ӯ муваҳҳид аст.

Танзеҳи сирфи Худо аз олами вуҷуд, ҷудо кардан ва маъзул намудан аст, ки айни тақйид (тақаюд) – рабт, алоқа аст ва лозимааш таътил аст, яъне агар касе бигӯяд Худо ҳеҷ гуна шабоҳате бо ашё надорад, иртиботи вайро аз махлуқоти хеш қатъ кардааст, ташбеҳ низ марҷааш ба таҳдид (маҳдуд) ва муқайяд (вобаста) сохтани Ӯст дар он маврид, ки ташбеҳ ба он шудааст…

[43] Патристика – аз (патер-падар) илоҳиётшиносии масеҳӣ дар асрҳои 1-8, тарафдорони ибтидоии дини масеҳӣ дар муқобили динҳои аҷдодӣ. Падарони серков кушиш намудаанд, ки фалсафаи эллинизмро (навафлотуния)-ро бо таълимоти масеҳият мувофиқ гардонанд.

[44] Танзеҳ дар луғат худро дур гирифтан аз зиштӣ ва бадӣ ва парҳез кардан омадааст, аммо дар истилоҳ дур будани Худо аз авсофи башарӣ. Аҳли танзеҳ ба хилофи мушаббаҳа ва муҷассама ки ба ташбеҳ ва таҷсим муътақид буданд, мегуфтанд худованд дар ҳеҷ як аз авсофи худ ба бандагон шабоҳат надорад ва ҳар сифате ки дар Худо мавҷуд аст дар ҳамон сифот, бо инсон мухолиф аст. Масалан илм, қудрати илоҳӣ ба куллӣ бо илми ва қудрати ва иродаи башарӣ, тафовут дорад. Ибни Арабӣ гуфтааст: танзеҳ дар назди аҳли ҳақоиқ дар ҳазрати илоҳӣ айни таҳдид ва тақйид аст, зеро мунназаҳ ё ҷоҳил аст ё беадаб ва аз ҷиҳате мунназаҳ ё ҷоҳил аст ба ин ки ҳама олам мазҳари Ӯ аст ё олим мебошад. Дар сурати аввал ки аз рӯи ҷаҳл, ҳақро дар баъзе аз маротибаш муқайяд карда ҳам нодон аст ва ҳам беадаб. Дар сурати дуввум, ки олим аст ва бо илм ба ин ки ҳама олам мазҳари ӯст, зуҳури Ӯро дар баъзе маротиб маҳдуд кардааст, нисбат ба Худованд ва фиристодагонаш исоаи адаб намудааст. Саранҷои Ибни Арабӣ танзеши маҳзро ба таҳдиди муназзаҳ ва ташбеҳи маҳзро ба ташбеҳи мушаббаҳ, бармегардонад ва камолро дар ҷамъ байни мартабатайн медонад

танзеҳи сирф ширк аст, таътил ва ташбеҳ ширк ва таҳдид мебошад.

Доктор Ҷаҳонгирӣ дар ин бора навиштааст: «Ибни Арабӣ ва пайравони вай на монанди мушаббаҳа (антропоморфистҳо), мушаббеҳи маҳзанд ва на монанди ҷумҳур (ҷамеи уламои исломӣ) муназзаҳи маҳз, балки миёни ташбеҳ ва танзеҳ ҷамъ мекунанд ва тавҳиди ростинро иборат аз ин ҷамъ медонанд… Ба ақидаи вай, ҳам ташбеҳи маҳз таҳдид (маҳдуд кардан) ва тақйиди (вобаста кардани) ҳақ аст ва ҳам танзеҳи сирф, ҳам муназзаҳ, ки бо танзеҳи ақлӣ ба танзеҳи ҳақ мепардозад «ноқису-л-маърифа» (маърифаташ нуқсондор аст) аст ва ҳам мушаббеҳ, зеро мушаббаҳ, ки ҳақ таъолоро, масалан, ба ҷисм ҳаммонанд менамояд, дар ҷисм маҳсур ва маҳдудаш мекунад, мунназзеҳ ҳам, ки ӯро аз ҷисмият танзеҳ мекунад боз ба тақайюдаш мепардозад» [284, С.281- 283].

Довуд Илҳомӣ низ дар ин масоил навиштааст: «Назарияи ваҳдати вуҷуд бо мавзӯи танзеҳ ва ташбеҳ иртибот дорад. Пайравони ваҳдати вуҷуд як равиши фароақлиро матраҳ месозанд, ки ҳадафи он гунҷондани умури мутаззод дар чаҳорчӯби ваҳдат аст,.. аз ин ҷост, ки эътиқод ба имконпазирии ҷамъи зиддайнро онон нисбат медиҳанд, магар ин ки на ҳамаи чиз саранҷом ба вуҷуди мутлақ, боз мегардад? Пас, бар иҷтимо ҳама ҳақоиқи носозгор ва созгор дар чаҳорчӯби вуҷуди мутлақ (ло бишарт) эроде наметавон гирифт. Пайравони ваҳдати вуҷуд иддаъо мекунанд: ин мантиқ шомили Худованд низ мешавад, зеро ӯ агарҷи, аз як сӯ, аз ҳар нуқсе мубарро (пок) аст, аммо аз сӯи дигар, чун кулли ашё аст, пас ҳама чиз ба ӯ шабеҳ аст» [49, С. 106].

Довуд Илҳомӣ фикрашро дар ин масъала тавсеъа дода навиштааст: «Ибни Арабӣ дар бораи ташбеҳ (имманентӣ будан) ва танзеҳ (трансендентӣ будан), ки чӣ гуна дар Худо ваҳдат меёбанд (бо ҳам созиш мекунанд)? Ва тафсири «лайса камислаҳу шайъ»- “ҳеҷ чизе мисли Ӯ нест” чист? мегӯяд: «Ҳаққи муназзаҳ ҳамон халқи мушаббаҳ мебошад» ва сипас мегӯяд: «яъне дар вуҷуд чизе нест, ки ҳаммонанди ҳақ ё монанди ҳақ бошад, зеро вуҷуд чизе ҷуз ҳақ нест, зеро дар вуҷуд чизе ҷуз Ӯ нест, то монанд ё хилофи вай бошад. Чунин чизе ба тасаввур

дарнамеояд агар бигӯӣ. Пас, ин касрати ошкор чист? Мегӯем: инҳо нисбатҳо ва аҳкоми истеъдодҳои мумкинот дар айни вуҷуди ҳақ аст. Пас, агар дар вуҷуд чизе ҷуз Ӯ набошад, он гоҳ чизе монанди Ӯ нест, зеро Ӯ чизе аст, ки монанд надорад, бинобар ин он чиро, ки бад-он ишора кардем, дарёб ва нисбат ба он яқин кун, зеро аъмоли мумкинот ҷуз вуҷуд касб намекунанд. Вуҷуд чизе ҷуз айни ҳақ нест» [40, Ҷ.2 С. 516, 48, С. 206].

«Ҳамон гуна, ки мебинем замини ин далел ҳамоно халти (омехта кардани) мақоми холиқ бо мақоми махлуқ аст, ки ислом онро ба шиддат нафӣ (инкор) кардааст ва ҳадаф аз тасбеҳ (бузург донистан) ва такбир (“Аллоҳ бузург аст” гуфтан) ва тақдис (муқаддас донистан), ки дар Қуръони маҷид садҳо намуна аз онҳо ҳаст, ба равшанӣ боз мегӯяд, ки Худо ғайр аз офаридагонаш мебошад ва миёни Ӯ ва махлуқот ҳамонандӣ нест. Оёт ба сароҳат равшан месозанд, ки чизе шабеҳи Ӯ нест ва аз васфи гӯяндагон бартар (болотар) аст. Ва чашмҳо ӯро дарнамеёбанд ва ҳамтое надорад ва зинда аст ва бе анбоз (мислу монанд) ва Худое ҷуз Ӯ нест» [40, Ҷ.2 С. 516, 48, С. 37].

Оятҳое, ки зоти Худоро куллан муназзаҳ аз падидаҳо муаррифӣ мекунад, зиёданд: Исро, 43-44; Ёсин, 83; Анбиё 22; Нур, 41; Ҷумъа, 1; Зумар, 75; Софот, 18; Наҳл, 1; Анбиё, 87 ва ғ.

Ҳоло ба таҳқиқоти Қосим Кокоӣ рӯй меоварем, ки дар он баҳси “ваҳдати вуҷуд” тамоман баръакси шарҳҳои болоӣ шарҳу баён шуда, барои дарки моҳияти ин таълимоти Ибни Арабӣ осонтар мебошад. Ҳамин тариқ, оғоз мекунем аз баҳси ӯ дар масъалаи Ваҳдати вуҷуд байни орифони мусулмон, ки муҳаққиқ онро хеле содаву фаҳмо пешкаш намудааст.

Ҳамчунон ки мулоҳиза намудем, истилоҳи ваҳдати вуҷуд аз ду вожа “ваҳдат” ва “вуҷуд” таркиб ёфта, ки ҳар ду дар андешаи исломӣ ҷойгоҳи хос доранд. Асоси ислом бар “ло илоҳа илло-л-лоҳ” аст, ки онро “калимаи тавҳид” мехонанд. Орифони мусулмон таҷрибаи ирфонии худро аз ваҳдат бо ҳамин калимаи тавҳид алоқаманд медонанд.

Лекин, ба андешаи Кокоӣ, баҳси “вуҷуд” аз баҳси “ваҳдат” мутааххир аст ва бештар дар калимоти файласуфон ёфт шуда, дар матнҳои динӣ камтар ба кор рафтааст. Урафо бо гирифтан ва таркиб додани ин ду вожа, таъбири “ваҳдати вуҷуд”-ро ба вуҷуд овардаанд. Албатта ин истилоҳро қабл аз шогирдони Ибни Арабӣ, дар осори урафо ва ҳатто дар худи Ибни Арабӣ, намебинем, вале ба ҳар ҳол маънои он ки иборат аз маҳдуд гардонидани вуҷуд дар Худованд буда, дар осори сӯфиён дар шаклҳои гуногун ва зиёд зоҳир мешавад.

Ҳамон тавре қаблан таъкид кардем, Қуръон ва Суннат манбаи илҳомбахши муҳиме барои бисёре аз таъбирҳои ирфонии орифон дар мавриди ваҳдат мебошад [130]. Масоиле, ки баъдан дар калом пайдо шуданд, дар навбати худ, барои таъбирҳои ирфонӣ заминаи мусоиде фароҳамтар сохтаанд. Чигунагии хароб шудани олам дар қиёмат, берун афтодани рози дарун дар охират, баҳс аз олами зер ва масъала миёни масъалаи қазо ва қадар дар Қуръон, ҳамчунин чигунагии ҷамъ байни иродаи башар ва қудрати мутлақаи Худованд, тавҳиди афъолӣ, тавҳиди зот ва касрати сифатҳо, чигунагии пайдоиши касрати сифатҳо дар зоте, ки дар ҳар ҷиҳат содда (басит) аст ва масоили каломии дигар, боиси пайдошавии баҳсу мунозираҳои гуногуне дар заминаи тавҳид, Худо ва сифоти Ӯ гардидаанд.

Ба андешаи баъзе тасаввуфшиноси эронӣ баҳси ташбеҳ[45] ва танзеҳ[46] ва чигунагии ҷамъи байни он ду, чанд масоилеро ба вуҷуд оварда, боиси зуҳури

[45] Ташбеҳ – (аз феъли шабаҳа – шабоҳат доштан, монанд будан) дар маънои тангаш тасаввуротро дар бораи ба инсон монанд ҳисобидани Худоро гӯянд. Антропоморфизм, дар шакли мушобеҳ ба инсон тасаввур кардани Аллоҳ, муқоиса намудани Аллоҳ бо ягон чизе, барои Худо қоил шудани сифатҳое, ки хоси инсонанд: ҳаракат, бузургӣ, ранг, биной, шунавой ва ғ. Дар байни мутакаллимон ба Худо мансуб донистани дастҳо, пойҳо, сухан гуфтан ва ғ. сифатҳои хоси инсон баҳсу мунозираҳои чиддиро ба миён оварда буд.

[46] Танзеҳ – (пок кардан, аз ҳама чизҳои разилона ва носазовор пок намудан) – истилоҳи илоҳиёти исломӣ аст, ки инкор намудани истифодаи ҳар гуна авсоф ва ҳудудро барои Худо ифода мекунад, зеро дар миёни махлуқони офаридашуда чизе ба Ӯ монанд вуҷуд надорад (ниг. 42: 9-11). Муътазилиён ба мафҳуми танзеҳ инкор намудани ас-сифат, ки аз зоти Ӯ фарқ дошта бошанд (ниг. Сифотия, Ислам энциклопедический словарь, ,М.1991, с.210,) ва файласуфон сифатҳои мусбиро илова намудаанд. Антиноми танзеҳ истилоҳи ташбеҳ қарор дошт. Сифатиҳо ва ал-мушобеҳа танзеҳро ҳамчун ат-таътил шарҳ медоданд. Дар тасаввуф танзеҳ трансендентӣ будани Худо ҳамчун вуҷуди ягона ва ат-ташбеҳ имманентӣ будани Худоро ба олами халқшуда, ки тамоми ашёро аз теофания, таҷаллиёти Худо иборат медонист, истифода мешуд. Муродифҳои танзеҳ истилоҳоти **тақдис** ва **тасбеҳ** ба ҳисоб мерафтанд, ки истилоҳи ахирӣ, баъзан дар маънои мушаххастар – ҳамчун инкор кардани ягон мушобеҳ (шарик) ва ё ягон сифати ношоистаро ифода мекард.

андешаҳои мухталиф гашт. Файласуфон ва аҳли муътазила бо риояти ҷониби танзеҳи қобил ба ”таътил”[47] шуда, бисёре аз таъбирҳои қуръониро таъвил карданд. Мутакаллимони дигаре ба тақсим[48] гароида, ба сифатҳои инсон монанд будани сифатҳои Худо қоил шуданд.

Дар заминаи касрати сифатҳо, муътазила ба нафи (инкор кардани) сифатҳо муътақид шуда, ниёбати зот аз сифотро матраҳ сохтанд. Ашъариён ба қудамои самония (ҳашт нафар донишманди қадим – З.З.) қоил шуданд ва файласуфоне чун Форобӣ ва Ибни Рушд бардошти навафлотунӣ ва Арастуӣ аз тавҳид ироа доданд [168, С. 82-83].

Дар мавриди феъли Худованд ва ҷамъи он бо қудрат ва иродаи инсон, дидгоҳҳои мухталифе падид омад, ки аз ҷабри мутлақ то тафвизи (таваккули)[49] мутлақ якхела буд. Ашъариён масъалаи одатуллоҳ ва касбро матраҳ сохтанд. Аҳли муътазила ҷонибдорони назарияи тафвиз (таваккул) гашта, файласуфон низоми иллиятро ба асоси суннатуллоҳ баргузиданд.

Ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки ҷараёни мушоббеҳа – ба инсон шабоҳат додани Худо - номи умумии пайравони мактабҳоест, ки Худоро дар ин ва ё он шакл ба инсон монанд меҳисобиданд. Шояд барои наслҳои аввали мусулмонҳо, ки бо низомҳои мураккаби динӣ-фалсафӣ ошноӣ надоштанд, тасаввуроти ба инсон монанд будани Худо як чизи оддӣ ба ҳисоб мерафт. Сарфи назар аз он ки дар Қуръон мустақиман ба шабоҳат доштани Худо ба инсон зикр нашудааст, вале бо вуҷуди ин дар он ишораҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки барои чунин тасаввурот замина омода кардаанд. Масалан, дар бораи шунавоӣ ва дидани Худо, дар арш “нишастан”-и Худо (20:5/4), дорои “чеҳра” (55:27), “чашм” (54:14), “даст” (38: 75) будани Худо рафта бошад хам,

[47] Таътил – “маҳрум кардан” истилоҳест, ки илоҳиётшиносони исломӣ барои тавсифи таълимоте истифода мебаранд, ки: 1) оламро аз Холиқи он маҳрум мегардонанд, масалан, даҳрия; 2) Холиқро аз офариниш (сунъ), сифатҳо ва асмоъ ва ғ. маҳрум мегардонанд.

[48] Тақсим – аз феъли арабии қассама – тақассум, тасаввури Худо дар шакли қисми муайян, аксаран муродифи ат-ташбеҳ истифода мешавад. Пайравони тақсимро ал-муқассима меномиданд.

[49] Тафвиз – таваккул кардан ба Худо

ягонагии Худо ва монанд набудану монандӣ надоштани Худо таъкидҳои фаровоне вуҷуд доранд, ки ин боиси пайдо шудани андешаҳои гуногуни илоҳиётшиносон гаштааст. Таълимот оид ба тавҳид – тасаввурот оид ба моҳият ва сифоти Худо ҳамчун муҳимтарини унсури баҳсу мунозираҳои мусулмонон гардидааст. Барои аввалин пайравони садри ислом (қабл аз ҳама - зоҳириён), ки ба фаҳмиши ҳарфии ифодаҳои антропоморфии Қуръон даъват менамуданд, муътазилиён ва муъаттилон баромад намуда, мавҷудияти чунин сифатҳоро дар Худо натиҷаи тасаввуроти зеҳни инсонӣ ҳисобида, тафсири рамзии онҳоро ҷонибдорӣ мекарданд. Дар ҳалли ин масъала моликиҳо мавқеи мобайниро ишгол намуда, бовар кардан ба онҳоро таълим медоданд, вале онро бидуни кайфа – бе суол додани “чаро” кабул кардани онҳоро талаб мекарданд.

Табиист, ки фаҳмиши ҳарфии ибораҳои мушоббаҳаи Қуръон барои пайдошавии андешаи ба инсон шабеҳ будани (дар истилоҳи эрониён – инсонгуна будани) Худо оварда, шиъиёни ифротие аз қабили муғирихо, мансуриҳо, хаттобиҳо [75, С. 158-177] ва ғ., ки имомҳои худро ба дараҷаи худоӣ мебардоштанд, ба майдони баҳс ворид шуданд. Баъзеҳо Худоро дар шакли инсони нуронӣ (баёниҳо) ва бо мӯйи сиёҳ, вале бечисм (ҷаволикҳо) ва гурӯҳи саввум (Муқотил ибни Сулаймон, ваф. Басра, 767, Довуд ал-Ҷаворибӣ ва диг.) ба Худо сифатҳои инсониро мансуб медонистанд (Аллоҳ ба мисли инсон дорои ҷисм, гӯшт ва хун мебошад), вале чунин меҳисобиданд, ки Ӯ ба чизе ва чизе ба Ӯ монанд нест.

Мусулмонон ҳама онҳоеро, ки сифатҳои илоҳиро дар руҳияи муташаббеҳа шарҳ дода, қадим будани онҳоро инкор мекарданд ва ё рамзомез шарҳ медоданд, аз аҳли мушаббеҳа меҳисобиданд. Чунин мавқеъро ҷонибдорони сифатҳои илоҳӣ (илм, ирода, нутқ ва ғ.) ишғол намуда, Худоро субстрати гузаранда меҳисобиданд (каррамиҳо, шиаъҳо- зурориён [75, С. 158 177] ва диг.). Ҳамчунин даҳҳо тасаввуроти дигар дар бораи макони чойгиршавӣ, курсӣ, аъзоҳои ҷисм, номҳо ва ғ. вуҷуд доштанд. Ҳанбалиҳо қатъиян ба муқобили

андешаи ташоббуҳи Худо ба инсон (мушоббиҳа) ва маҳрум гардонидани сифатҳои Худо (таътилиҳо) баромад намудаанд.

Дар чунин фазои фархангӣ, сӯфия дугонагии байни ташбеҳ ва танзеҳ, таҷсим ва таътил, иродаи башар ва қудрати Худоро бардошта ва ҳамаро ба ваҳдат табдил карданд [85, С. 73] ва маншаи ин ваҳдатро ҳамон тавҳиди ҳақиқӣ хисобидаанд. Дар каломи Қуръон, Худованд танҳо омил ва фоъили воқеӣ, ҳам дар низоми хилқат ва ҳам дар абнои башар ва таъйини муқаддароти ишон, муаррифӣ шудааст. Ягона шахсияти мутлақ (ҳува), он гуна ки сӯфиён баён мекунанд: “Танҳо Ӯст, ки ҳақ дорад бигӯяд ман; Ӯст ягона ҳақиқати олам. “ал-Ҳақ” вожае аст, ки аксари сӯфиён ва урафои мутааххир, барои ишора ба Худованд, ба кор мебаранд”.

Анна Мари Шиммел ирфони исломиро чунин тавсиф кардааст: «Ирфони исломӣ саъй дар ҷиҳати касби наҷоти фардӣ аз тариқи дастёбӣ ба тавҳиди ҳақиқӣ аст. Дар ҳақиқат, ҷавҳари таърихи тӯлонии тасаввуф баёни ҷадид ва мукаррар (такроршаванда) ва дар формулаҳои гуногуни ин ҳақиқати ҷомеъ ва фарогир аст, ки ло илоҳа иллоллоҳ... ва низ ин таърихи тӯлонӣ баъзе аз роҳҳои мухталиферо, ки сӯфиён ва орифон бо паймудани онҳо қасди расидан ба ин ҳақиқати мутаъолиро доштанд, нишон медиҳад, роҳҳои фардӣ ё ҷамъӣ аз тариқи маърифат ё муҳаббат, василаи зуҳд ва риёзатманишӣ, ва ё аз ноҳияи одоб ва русуми сӯфиёнае, ки ба ваҷд[50] ва халсаи[51] орифона меанҷомад» [85, С. 69-70].

Орифон ин навъи бардошти ваҳдати вуҷудӣ аз тавҳидро “тавҳиди хос” ва ё “тавҳиди хосу-л-хос” номиданд ва дар баробари он, тавҳидеро, ки лозимаи мусулмонӣ ва духул дар уммати ислом аст “тавҳиди оммӣ” ва ё “тавҳиди ом” хондаанд. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин маврид чунин фармудааст: «Тавҳиди ом, яъне чизе мисли Ӯ нест, аммо тавҳиди хос он аст, ки касе ғайри Ӯ нест...

[50] Ваҷд – восторг, хушнудӣ, ҳаяҷон

[51] Халса – экстаз, самосозерцание, самоуглубление (дар олами хадса фуру рафтан-впадать в глубокую задумчивость, находится в состоянии самосозерцании, впадать в экстаз)

тавҳиди маҳин он аст, ки ҷуз як набуд, маъруф буд, ориф набуд мақсуд буд, қосид набуд. Муваҳҳиди онед, ки Ӯро ҷуз Ӯ набувад, то он гоҳ, ки ин худ набуд ҳама Ӯ буд» [16, С. 208]. Илми тавҳид чӣ буд? Худо ва бас. Дигар ҳама ҳавас. Ғайри Ӯ ҳама чиз нокас [16, С. 208]. тавҳиди сӯфиён он аст: ҷуз як набинад, дил ҷуз як надонад, ҷуз як дар илм наояд [16, С. 208].

Ғазолӣ дар боби таваккул тавҳидро уқёнуси бесоҳил медонад, ки ба умқи он расидан номумкин аст. Лекин то он ҷо қудрати башар аст метавон гуфт, ки тавҳид чаҳор дараҷа дорад, ки ҳар гурӯҳ аз муъминон, соҳиби яке аз дараҷаи он шудан метавонанд: 1. Қишри қишр. 2. Қишр. 3. Лубб (мағз) ва 4. Лубби лубб. Дуруст монанди як гарду[52], ки ба тартиб дорои: 1. Пӯсти сабз. 2. Пӯст. 3. Мағз ва 4. Равған аст. Бинобар ин, дараҷоти тавҳид барои мусалмонон ба тартиби зер аст:

1. Ба забон бигӯяд “ло илоҳа иллоллоҳ” ҳар чанд қалб ғофил ва ё мункир бошад.
2. Қалбаш ин амрро тасдиқ кунад, ки ин эътиқоди аввом аст.
3. Ин маъноро ба тариқи кашф ва ба воситаи нури Ҳақ мушоҳида кунад ва ашёро касир (бисёр), вале дар айни ҳол аз як воҳиди қаҳҳор содиршуда бибинад, ки ин мақоми муқаррибин аст.
4. Дар вуҷуд ғайр аз як воҳид набинад, ки ин мушоҳидаи саддиқин аст.

Дар ҳамин марҳалаи ахир аст, ки баҳси фано (дар фасли чаҳоруми диссертатсия муфассалан таҳқиқ хоҳад шуд) дар тавҳид матраҳ мешавад, зеро вақте ориф ғайр аз якеро надид, худашро низ намебинад ва ҳангоме ки ба воситаи истиғроқ дар тавҳид, худро надид, фонӣ мегардад, яъне дигар худаш ва халқро намебинад, болотарин дараҷаи тавҳид ҳамин аст [26, С. 245-247].

Таҳлили Қуръон ва ҳадисҳо нишон медиҳад, ки чунин бардоште аз тавҳид, аз матни ислом бархостааст, на аз хориҷи ислом. Ҳамчунин ин муроҷиа нақши мактаби ташшаюъро дар рушди ин дидгоҳ нишон медиҳад. Дар ин миён

[52] Гарду - чормағз.

нақши Имом Содиқ низ бисёр муҳим аст. Ба гуфтаи Анна Мари Шиллер: «Аз иктишофоте, ки дар мавриди қадимтарин сӯфиён ба даст омада, чунин бардошт мешавад, ки порае аз таъорифе (таърифҳое), ки ба ирфони қарни нуҳуми мелодӣ (савуми ҳичрӣ) истинод дода мешавад, метавонад эҳтимолан марбут ба тоъриххое бисёр ҷилувтар аз он замон буда бошад. Онҳо ҳамчунин нишон медиҳанд, ки чи гуна дар он айём нахустин афкор ва андешаҳои шиъӣ ва сӯфиёна ба ҳам вобастагии комил доштанд» [85, С. 97].

Ҳоло замони он ҳам расида, ба масъалаи мақоми Ибни Арабӣ дар ирфони назарӣ таваҷҷуҳ намоем, зеро ин масъала низ тасаввуроти моро оид ба ин шахсият комилтар мегардонад.

Масъалаи мақоми Ибни Арабӣ дар ирфони назарӣ низ аз масъалаҳои мавриди баҳс қарор дорад. Аксари муҳаққиқон, Ибни Арабиро падари ирфони назарӣ меҳисобанд: «Ӯ дар ирфони назарӣ дар таърихи ислом, - навиштааст, муҳаққиқи эронӣ Кокоӣ, балки дар таърихи ҷаҳон беназир аст, вай дар воқеъ пайванддиҳандаи ирфон байни ду мақтаи таърихи қабл ва баъд аз ҳамлаи муғул, ва ду қитъаи ҷуғрофияи Шарқ ва Ғарби ҷаҳони ислом аст» [168, С. 205].

Ирфон дар мактаби ӯ, дар шакли як ҷараёни фикрӣ, балки як илм, ҷойгоҳи хоси хешро пайдо кардааст. Ба қавли баъзе муҳаққиқон: «Модом, ки сӯфия андешаҳои худро аз тариқи ишороти шоирона ва ирфонӣ баён мекарданд, касе аз ҳалқаи онон ишонро чандон ”ҷиддӣ намегирифт ва танҳо бо касоне қодир ба гуфтугӯ ва иртибот буданд, ки завқи ташхис ва идроки баёни онро дошта бошанд; вале Ибни Арабӣ тасаввуфро ба шоҳроҳи тааммулоти амиқи назарӣ кашонид ва дар ин роҳ табиатан маҷбур буд, ҳама абзорҳои мутакалимон, файласуфон, удабо (адибон) ва соири мутахассисонро ба хидмат бигирад» [285, С. 393].

Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ он аст, ки дар бисёр мавридҳо, шайх истилоҳотро аз илмҳои дигар иқтибос мекунад, вале дар низоми ирфонии хеш ба онҳо маънои нав бахшида, баъдан аз онҳо истифода менамояд. Ба қавли баъзе

муҳаққиқон: « Вай истилоҳоти машҳури дигар ҳавзаҳои фикриро мегирад ва онро бо дидгоҳи худ дар бораи ҷаҳонбинии Қуръон ҳамоҳанг месозад» [285, С. 393]. Яке аз ин истилоҳот истилоҳи “вуҷуд” аст, ки дар Қуръон ба кор нарафтааст. “Яксонии вуҷуд ё “Худо” ё “воҷибу-л-вуҷуд” низ зоҳиран аз мутуни (матнҳои) фалсафӣ нашъат гирифтааст, на аз манобеъи суннат ва ё осори мутакаллимон ва ё сӯфия. Ибни Арабӣ ба ҳамин шева тақрибан ҳама истилоҳотеро, ки марбут ба баҳси вуҷуд мешавад аз фалосифаи мусулмон вом (ба қарз) мегирад” [285, С. 80].

Ибни Арабӣ ғолибан аз калимаи қуръонии “ҳақ” барои ишора ба Худованд ва аз вожаи “халқ” барои ишора ба ғайри Худо истифода мекунад. Лекин барои ишора ба махлуқот истилоҳоти дигарере низ аз Қуръон, суннат, фалсафа ва илми калом қарз мегирад, вале: «ҳеҷ кӯшиши ҷудосозии ин маҷмӯъаи истилоҳот намекунад, балки бидуни таваҷҷӯҳ ба замина ва матне, ки ин истилоҳот аз онҳо истихроҷ шудаанд, ҳар ҷо муносиб бубинад, онҳоро чун истилоҳоти хеш талақӣ карда, ба кор мебарад»[285, С. 81]. Масалан, барои баёни робитаи “фақр” ва “ғано”, ки яке сифати халқ ва дигари Ҳақ аст, ба ҷои ин ду вожае, ки назди сӯфия истифода мешудаанд, дар мавридҳое, истилоҳи “имкон” ва “вуҷуб”-ро муносиб дида, ба таҳлили робитаи “мумкину-л-вуҷуд” ва “воҷибу-л-вуҷуд” мепардозад [40, Ҷ.2, С. 284-624].

Ибни Арабӣ дар назм додани масоили ирфонӣ он қадар таваҷҷӯҳи зиёд додааст, ки аз асри шашум ба баъд ҳатто орифон ва сӯфиёне, ки назариёти ӯро надоштанд ба истилоҳоти вай маҳдуд буда, аксаран аз онҳо истифода кардаанд [85, С. 455].

Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Арабӣ аз ин кор бохабар буда, онҳоро ҳушдор медиҳад: «Эй касе, ки дар ин илме, ки илми набавӣ аст ва аз анбиё ба ирс расида аст (бо равиши ақлӣ) назар мекунӣ! Агар масъалае аз масоили урафо дидед, ки файласуф ё мутакаллим ва ё ҳар соҳибназари дигаре - дар ҳар илме, ки бошад - низ онро зикр кардааст. Мабодо сӯфии муҳаққиқеро, ки он масъаларо

гуфтааст, ба далели ташобуҳи қавлаш бо қавли файласуф, бо файласуф будан ё иқтибос аз фалосифа муттаҳам кунӣ ва ё ба далели ин ки қавлаш бо қавли файласуф яксон аст - ва файласуф низ бедин аст - вайро ба бединӣ муттаҳам намоӣ. Чунин изҳори назарҳо аз таҳқиқ ба дур аст» [40, Ҷ.1, С. 132].

Ба қавли муҳаққиқи муосири эронӣ, ки борҳо аз ӯ ном бурдаем, – Қосим Кокоӣ, Ибни Арабӣ дар асарҳои худ ба масоили маърифати ҳастӣ ва вуҷуд машғул шуда, онҳоро дорои амри қудсӣ ва илоҳӣ меҳисобад, ки сабаби дар ориф пайдо шудани “ҳайбат” мегардад. Ҳамин нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки дар ваҳдати вуҷуд, ваҳдат ва улуҳият аз ҳам ҷудо нестанд, яъне ваҳдати мадди назари Ибни Арабӣ, аз ваҳдати файласуфон дорои маънои фаротар аз вуҷуд мебошад. Ибни Арабӣ аз касрат убур карда, дар паси ҳама онҳо ваҳдатеро ёфта, даъвои он мекунад, ки дар тамоми ҳастӣ танҳо як вуҷуд, балки як мавҷуд дорои воқеъият аст, ки аз он чунон ваҳдате бархурдор аст, ки ҳама касароти машҳуди оламро зери пӯшиши худ қарор медиҳад. Дар назарияи ваҳдати вуҷуд “воҳид” ва “аҳад”, ки ҳама касрот ба ӯ бармегарданд, амри қудсӣ, муқаддас, мутааллиқи тачрибаи динӣ ва сазовори парастиш ва ситоиш аст [20, С. 5-34.]. Ва ҳамон аст, ки ба таъбири Ибни Арабӣ “ҳар қавме ӯро ба исме мехонанд. Араб ӯро Аллоҳ меномад, форсӣ - Худо, румӣ - Ишо, арманӣ - Асфоҷ, туркӣ - Танкарӣ, фарангӣ - Критур ва ҳабашӣ - Воқ” [40, Ҷ.2, С. 340]. Яъне оламеро, ки ваҳдати вуҷудӣ мебинад, дорои ҳаёт аст ва вуҷуди воҳиде дар он машҳуд аст, ки ҷони ҷаҳон аст [168, С. 212.].

Назарияи ваҳдати офоқии вуҷудро метавон дар ин байти Мавлоно хулоса кард:

Мо адамҳоем ҳастинамо,

Ту вуҷуди мутлақи ҳастии мо.

Яъне, ин чунин маъно дорад, ки назария аз чаҳор ҷузъ таркиб ёфта ё дар воқеъ маҳсули чаҳор марҳала мебошад, ки ҳар яке бар дигаре алоқаманд мебошад:

1. Худо ягона ҳастӣ ё ҳастии мутлақ мебошад, яъне ҳастӣ танҳо дар Ӯ маҳдуд мебошад.

2. Ғайр аз Худо, чизи дигаре вуҷуд надорад, яъне олам ва одам маъдуманд (вуҷуд надоранд).

3. Вуҷуди ҳама мавҷудот ва ҳастии тамоми онҳо ҳастии Худост “Ҳама Ӯст”.

4. Олам дорои ҳастӣ нест, балки ҳастинамо ва ё ба иборати дигар тачаллии Худост (далелаш байти болоӣ).

Аз сабаби он ки дарки ин чаҳор нукта барои муайян кардани ҷаҳонбинии сӯфиёнаи Ибни Арабӣ, қариб ки аз нуктаҳои марказии таълимоти ваҳдати вуҷуд ба ҳисоб мераванд, мо маҷбурем, ки ҳар кадоми онро шарҳу баён намоем.

1) Худо ягона ҳастӣ ё ҳастии мутлақ аст, яъне ҳастӣ фақат бо Худо маҳдуд аст. Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ: «Ҳадафи маърифати Ибни Арабӣ касби ҳайрат ва ҳайбат аст” [168, С. 213], ба таъбири Ибни Арабӣ “Ҳайбатро касе дармеёбад, ки бифаҳмад, ки ... вуҷуд ҳамон Ҳақ (Худо) аст» [40, Ҷ.2, С. 540]. Бинобар ин вуҷуд, аз назари Ибни Арабӣ, ҳамон Худост, зеро вақте Худо бо ҷамолу ҷалоли хеш барои ориф зуҳур кунад, вай дар асари ҷазаба ва ё ҳайбат чизи дигареро намебинад, яъне Худо барои чизи дигаре ҷой намегузорад. Бинобар ин беҳтарин таъбир барои ӯ ҳамон вуҷуд аст ва ориф дар мақоми таъбир аз он тачрибаи ирфонии худ вожаи муносибтар аз вуҷуд намеёбад.

Пайравони Ибни Арабӣ низ ҳамин дидгоҳро тарафдорӣ мекунанд. Ба ривояти Насафӣ: «Аз Шайху-л-машоих Саъдуддини Ҳамавӣ суол карданд, ки Худо чист? Гуфт: мавҷуд Худост (ал-мавҷуду ҳувва-л-лоҳ). Сипас аз ӯ суол карданд, ки ҷаҳон чист? Посух дод: ғайр аз Худо мавҷуде нест (ло мавҷуда сививо аллоҳ)» [206, С. 153].

Насафӣ ва Ҳамавӣ ҳар ду аз мактаби Ибни Арабӣ мебошанд, ки ахирӣ гуфтааст: «Худо мавсуф ба вуҷуд аст ва чизе аз мумкинот бо ӯ мавсуф ба вуҷуд нест, балки ман мегӯям, ки Худо айни вуҷуд аст. Ин ҳамон қавли Расуллоҳ (с)

аст, ки фармуд “кона-л-лоҳу ва лам якун маъаҳу шайъ” (Худо ҳаст ва чизе ҷузъ Ӯ нест). Яъне Худо мавҷуд аст ва чизе аз олам мавҷуд нест» [40, Ҷ.3, С. 429].

Ибни Арабӣ дар ҷои дигаре ишора мекунад, ки – вожаи “кона” дар ин ҷо феъли вуҷудӣ аст, ки замон дар он ахз (гирифта) нашудааст, монанди “кона-л-лоҳу ғафуран раҳиман” – ва Худо Омурзандаи Меҳрубон аст (Нисо, 4:152). Бинобар ин, маънои “кона-л-лоҳу” ин аст, ки “Худо ҳаст” ва маънои “лам якун маъаҳу шай” ин аст, ки “мавҷуде ғайр аз Ӯ нест”. Дар ҳамин ҷо Ибни Арабӣ аз мисоли Ҷунайд, ки барои таъмини мақсуд ва муроди хеш аз ваҳдати вуҷуд ба ин ҳадис ин ҷумларо изофа кардааст, ки “ва алъон камо кона” (ҳам акнун низ чунин аст) интиқод мекунад, ки ин матлаб дар ҳамон қисмати аввал нуҳуфта аст ва ин сӯъи адаб ба соҳати Расулуллоҳ (с) аст, ки бипиндорем чизеро фармудаанд, ки эҳтиёҷ ба такмил дорад [40, Ҷ.2, С. 54].

Ҳосил он ки Ибни Арабӣ низ муътақид аст, ки “вуҷуд фақат Худост” [40, Ҷ.2, С. 49]., “дар ҳастӣ ғайр аз Худо нест” - мо фи-л-вуҷуди илло-л-лоҳ [40, Ҷ.2, С. 114].. - ... вуҷуд ғайр аз айни ҳақ нест ва дар ҳастӣ сивои Ӯ нест [40, Ҷ.2, С. 514]..... мавҷуде ғайр аз Худо нест - мо сумма мавҷуд илло-л-лоҳ - [40, Ҷ.2, С. 216]..... мавҷуде ғайр аз Ӯ нест - мо сумма мавҷуд илло ҳува - [40, Ҷ.2, С. 563].

Мо ҳоло ба масъалае наздик мешавем, ки аз назари мо, барои фаҳмидани масъалаи тавҳид ниҳоят зарур аст. Ибни Арабӣ маънои тавҳид ва “ло илоҳа илло-л-лоҳ”-ро низ ҳамин медонад: “Бузургони (аҳли ирфон) эътиқодашон ба “ло илоҳа илло-л-лоҳ” ғайр аз он тавре аст, ки дидгоҳи ақлӣ мегӯяд: ба эътиқоди онҳо вуҷуд Худост (ва ҷуз Ӯ мавҷуде нест) [40, Ҷ.4, С. 89]. Ибни Сино дар “Илоҳиёт” Худоро ба унвони Воҷибу-л-вуҷуд ёд мекунад: истилоҳе, ки Ибни Арабӣ аз ба кор бурдани он ибо надошта, балки аз он низ истиқбол мекард: “Худованд воҷибу-л-вуҷуд би-з-зот аст” [40, Ҷ.1, С. 415]...вуҷуди мутлақе, ки муқайяд (побанд, вобаста) нест вуҷуди Худованд аст, ки воҷибу-л-вуҷуд би-з-зот аст [40, Ҷ.3, С. 46]...қасам ба касе, ки иззат ва ҷалол ва кибриё аз они Ӯст ғайр аз Худованди воҷибу-л-вуҷуд чизи дигаре вуҷуд надорад [40, Ҷ.1, С. 703].

Ибни Сино даъво мекунад, ки: «Худо моҳияте ғайр аз вуҷуд надорад» - “инна-л-аввал моҳиятун лаҳу ғайру-л-ония” [345] ва низ гуфтааст: «воҷибу-л-вуҷуд моҳияте ғайр аз воҷибу-л-вуҷуд будан надорад, ки ҳамон аният аст» [116, С. 521-540.]. Ҳамчунон ки мулоҳиза мешавад, ин таъбирот мақбули табъи Ибни Арабӣ афтодааст. Ибни Арабӣ дидгоҳи Ибни Синоро дар ягонагии чистӣ ва ҳастии Худованд ва ин ки Худо айни ҳастӣ аст, мепазирад: «Худо вуҷудаш ғайримутаноҳӣ ва вуҷудаш айни моҳияташ аст» [40, Ҷ.3, С. 535]... “Зоти Худованд айни вуҷудаш аст” [40, Ҷ.1, С. 46]. Ҳатто далелаш бар адами зиёдати вуҷуди Худованд бар моҳияташ ва ё ба иборати дигар, айнияти вуҷуд ва моҳият дар мавриди Худованд, айнан ҳамон далели Ибни Сино ва фалосифаи машшоӣ аст: «Далели возеҳ бар вуҷуди Худованд ва ин ки вуҷудаш айни зоташ аст ва на иллати зот, ин аст, ки дар сурати ахир, зоташ дар вуҷуд доштан муҳтоҷи ғайр мешавад ва ҳол он ки Ӯ аз ҳар ҷиҳат комил аст, пас Ӯ мавҷуд аст ва вуҷудаш айни зоташ аст ва ғайри он нест» [40, Ҷ.1, С. 45].

Ибни Сино дар “Илоҳиёт” (Шифо) гуфтааст: «он чи матлуби ҳар мавҷуд мебошад, вуҷуд ва камоли вуҷуд аст» [168, С. 220]. Сино дар охирин фасли “Илоҳиёт” (Шифо) қисмати ҳаштум мегӯяд: “Аввалин сифати Худо ҳастӣ ё аннияти Ӯст, ки ҳамон вуҷуд аст. Дар мавриди соири сифот, бархе иборатанд аз вуҷуд бо як навъи изофа ва нисбат ва бархе вуҷуд бо як навъи нафӣ”. Далели он ин аст, ки ба қавли ӯ: «ҳеҷ як аз ин ду даста сифот, ҳеҷ навъи касрат ё муғоиратеро дар зоти Худо ба вуҷуд намеоваранд. Масалан, вақте ки ба Худо ҷавҳар гуфта мешавад, вуҷуди маҳал аз Ӯ нафӣ мешавад, ва ё вақте аввал хонда мешавад, нисбати ӯ бо вуҷуди кулл санҷида мешавад» [168, С. 211-219].

Дар мавриди зиёд, дар тафсири ояи “Ҳастам он ки ҳастам”, аз дидгоҳи Ибни Сино дар ягонагии моҳият ва вуҷуди Худо чунин истифода мекунад: “Вақте Худо мегӯяд ман ҳастам” - “ҳастам” дар ин ҷо маҳмул ва ҷузъи дуввуми ҷумла аст, пас мубайини вуҷуди маҳз ва сирф дар мавзӯъ бимо ҳува мавзӯъ (ва ба ибораи дигар моҳияти мавзӯъ) аст ва дар натиҷа баёнгари ваҳдати моҳият ва

вуҷуд аст ки фақат махсуси Худост, ки моҳияташ аниятӣ Ӯст; чунон ки Ибни Сино гуфтааст: «Ал-Аввал ло моҳияту лаҳу ғайру ал-ания» (тарҷумааш: Худо танҳо касе аст, ки моҳияташ ҷуз аният надорад, ки ҳамон вуҷуд аст) [168, С. 221-222], яъне вуҷуди Худо ҳамон моҳияташ аст – вуҷуд Худо аст, ва маънои моҳияти аният ин аст, ки моҳият надорад (яъне ҳад надорад ва вуҷудаш номаҳдуд ва бениҳоят аст. Ба қавли дигар, вуҷуд танҳо Худо аст ва ҳар чизе ғайри Ӯ аст адам аст). Ибни Арабӣ таъкид дорад, ки: «Худо вуҷудаш ғайримутаноҳӣ ва вуҷудаш айни моҳияташ аст» [40, Ҷ.3, С. 545] ҷои дигаре низ ҳамин маъно таъкид шудааст: “инна ал-ҳаққа айнул-вуҷуд ло амр охар” - “вуҷуд айни ҳақ аст ва ғайри ӯ нест” [40, Ҷ.1, С. 327] ва “ал-вуҷуд айну-л-ҳақ лайса ғайраҳу”- вуҷуд айниҳақ аст ва ғайри ӯ нест [40, Ҷ.3, С. 566].

Ибни Арабӣ низ гуфтааст: «Худо айни вуҷуд аст ва чизи дигар нест»- “инна-л-ҳақу айну-л-вуҷуди ло амр охир” [40, Ҷ.1, С. 328], ки ин мумкин аст бо “ал-ҳаққу моҳиятаҳу анниятаҳу” созгор бошад. Лекин дар мавридҳои дигар возеҳан эълом мекунад, ки “вуҷуд айни ҳақ аст ва ғайри Ӯ нест” - “ал-вуҷуд айну-л-ҳақи лайса ғайраҳу” [40, Ҷ.3, С. 566].

Ибни Арабӣ муътақид аст, ки агар Худо вуҷуд бошад лозимаи он ин аст, ки вуҷуд Худо бошад, зеро ки маънои “моҳиятаҳу аниятаҳу” ин аст, ки “моҳият надорад”, яъне ҳад надорад ва дар натиҷа вуҷудаш номаҳдуд ва бениҳоят аст ва лозимаи он ин мешавад, ки таҳаққуқи вуҷуди дигаре дар канори ӯ маҳол бошад. Яъне Ӯ “танҳо вуҷуд” аст ва ғайри ӯ адам аст. Пас метавонем бигӯем “вуҷуд фақат Худо аст”. Шоҳид он ки Ибни Арабӣ дар мавридҳои мутааддид, ғайримутаноҳӣ буданро лозимаи айнияти вуҷуд ва моҳият дар Худованд медонад: «Худо вуҷудаш ғайри мутаноҳӣ ва вуҷудаш айни моҳияташ аст» [40, Ҷ.3, С. 545].

Наздикии андешаҳои Ибни Арабӣ бо Ибни Сино на танҳо ошкоро маълум аст, балки далели он низ шуда метавонад, ки аввалӣ аз андешаҳои дуввумӣ хеле моҳирона истифода бурдааст, ҳарчанд ки ягон бор ба ном ва асари ӯ номе

набурдааст.

Аммо дар бораи нуктаи дуввуми 2) “ғайр аз Худо”, яъне олам ва одам маъдум ва нестанд ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки мо дар ин ҷо ба марҳалаи дуввуми баҳс дохил мешавем ва он ки аз назари Ибни Арабӣ “ғайри Худо маъдум аст (яъне вуҷуд надорад – З.З.)”, чунон ки маълум аст идомаи марҳалаи қабл аст, ки “вуҷуд Худо аст”, зеро агар бигӯем олам чизе ғайр аз Худо аст ва барои худ вуҷуде дорад ба маънои он аст, ки чизе ғайр аз вуҷуд аст ва вуҷуди ғайр аз вуҷуд дорад, ки ин маҳол аст. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Олам дар ҷанби Худо вуҷуде мутаваҳҳим (хаёлӣ) аст ва мавҷуд нест. Вуҷуд ва мавҷуд ғайр аз айни ҳақ нест» [40, Ҷ.4, С. 40] вай дар ин маврид ба табъи ояи шарифаи “факона қоба қавсайни ав адно”- “Пас, ба масофаи ду камон ё наздиктар аз он расид” (Наҷм, 9), тамсиле аз ваҳдати вуҷуд зикр мекунад ва он ин ки вуҷуд монанди доирае аст, ки хате мутаваҳҳим онро ба ду қавс тақсим кардааст. Олам ҳамин хат аст ва болотарин дараҷаи ирфон ин аст, ки ориф ин хатро мутаваҳҳим бидонад, яъне онро набинад: «ва ин қавли Худои таъоло аст, ки “кона қоба қавсайни ав адно”; адно рафъи ҳамин мутаваҳим аст. Ҳангоме ки рафъ шуд ғайр аз доира наемонад...ва ин фонӣ шудан ва аз байн рафтани олам дар вуҷуди Ҳақ аст» [40, Ҷ.4, С. 40].

Дар ҷои дигар Ибни Арабӣ чунин овардааст: «Ҳақ (Худо) ҳамон вуҷуд аст ва халқ ҳамон адам аст. Лабид гуфтааст: «Ҳон ки ҳар чизи ғайри Худо ботил аст” (илло кулли шайъин мо хала ллоҳа ботил)... Расулуллоҳ (с) дар бораи ин шеър фармуда ки “Ин росттарин байте аст, ки араб гуфтааст”. Ҳол шакке нест, ки ботил иборат аз адам» [40, Ҷ.1, С. 406].

Ба андешаи Кокоӣ: «Дар ин ҷо боз ҳам таҳлилҳои фалсафии Ибни Сино дар зиёдати вуҷуд бар моҳият ва исолати вуҷуд ва эътибороти моҳият тавҷеҳе барои назарияи фавқ ба дасти Ибни Арабӣ медиҳад. Ба хусус тамоюзи Ибни Сино байни “ийс” ки мутааллиқ ба вуҷуд аст - ва “лайса” - ки мутааллиқ ба моҳият аст - барои ӯ қобили истифода ва баҳрадорӣ аст. Ибни Сино мегӯяд:

“Маълул дар зоти худ ҷуз нестӣ (лайса) чизе надорад ва аз ноҳияи иллат дорои айс (вуҷуд) аст” [116, С. 267]. Дар натиҷа “Ҳар шайъи ғайр аз он воҳиде, ки фи нафсиҳи воҳид ва он мавҷуде, ки фи нафсиҳи мавҷуд мебошад, ва вуҷудаш мустафод аз ғайр мебошад ва ба воситаи ғайр, айс ва фи нафсиҳи лайс аст» [116, С. 364.].

Қисмати ахири сухани Ибни Сино, ки мумкин ва маълул фи нафсиҳи лайса аст, таваҷҷӯҳи Ибни Арабиро бештар ба худ ҷалб кардааст. Ибни Арабӣ дар ин бора чунин мегӯяд: «Аз он ҷо ки тақаддуми адам васфи зотии мумкинот аст ва васфи зотии як мавсуфро наметавон рафъ кард - ва илло мавсуф бо он муртафеъ мешавад - пас маҳол аст, ки мумкин мавҷуд шавад, лизо азалию-л-адам ва доиман маъдум аст» [40, Ҷ.3, С. 255]. Назди муҳаққиқон собит аст, ки дар олами ҳастӣ, ҷуз Худо вуҷуд надорад ва мо ҳарчанд мавҷудем, лекин вуҷудамон ба Ӯст ва касе, ки вуҷудаш ба ғайр бошад, дар ҳукми адам аст» [40, Ҷ.3, С. 255].

Дар мавридҳои зиёди дигаре, мумкинро чи дар ҳоли адам ва чи дар ҳоли вуҷуд аз назари маъдум будан (вуҷуд надоштан) яксон мебинад: «Мумкинот агар ҳам пайдо шаванд боз дар ҳукми адаманд” [40, Ҷ.3, С. 47]..... пас айни мумкин азалан ва абадан боқӣ дар ҳоли адам аст [40, Ҷ.2, С. 55]..... адам, зоти мумкин аст, яъне лозимаи ҳақиқати зоти он ин аст, ки маъдум бошад (яъне умуман ба вуҷуд наояд) ва чизеро ки лозимаи зот бошад, наметавон бардошт, пас маҳол аст, ки ҳукми адам аз айни мумкин бардошта шавад. Ба вуҷуд муттасиф бишавад ва ё нашавад, дар ҳама ҳол бар асли адами хеш боқӣ аст» [40, Ҷ.2, С. 99].

Чунон ки мулоҳиза мекунем, истилоҳот ва истидлоли Ибни Сино аз ин калимот комилан ошкор аст, лекин Ибни Арабӣ ба далелҳои хеш ягон бор ҳам аз вай ном набурдааст. Ба андешаи Кокоӣ, “танҳо дар як мавзеъ ба сурати накира ишорае ба ӯ дорад: «Мумкин он аст, ки фи нафсиҳи истеҳқоқи адам дорад чунон ки баъзе аз мардум чунин мегӯянд» [40, Ҷ.2, С. 99].

Ба андешаи ин муҳаққиқ [168, С. 226-228], “Вақте ки Ибни Арабӣ мегӯяд, ки ҳама махлуқот адами сирфанд (вуҷуд надоранд) вуҷуди ҷаҳонро инкор намекунанд, балки манзураш ин аст, ки дар муқоиса бо Худо ҳеҷанд [170, С. 228], ки ин ба гуфтаи Саъдӣ бисёр наздик аст:

Ҳама ҳар чи ҳастанд аз он камтаранд,

Ки бо ҳастиаш номи ҳастӣ баранд [25].

Дар бораи нуктаи саввум - 3) вуҷуди ҳама мавҷудот ва ҳастии тамоми онҳо ҳамон ҳастии Худост (Ҳама Ӯст), - ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки он чи қаблан гуфта шуд, гирехи сахте дар муайян кардани ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ ба вуҷуд меоварад. Ва суоли марказӣ ин аст, ки оё Ибни Арабӣ дар ҳақиқат ҳам ҳеҷ вуҷуде барои олам қоил нест? Агар қоил набошад, пас, ӯ ақлро комилан мункир шуда, ба домони суфастогароӣ меафтад ва агар барои олам вуҷуде қоил бошад, ин амр бо он сухан, ки вуҷуд фақат Худост чӣ гуна қобили ҷамъ аст?

Ба андешаи Кокоӣ, маҳз «Дар ин ҷост, ки роҳи Ибни Арабӣ комилан аз амсоли Ибни Сино ҷудо мешавад ва вориди марҳалаи он ду мешавем, ки водии асрор ва асрор аст ва он ин ки: «вуҷуди воҳиде ҳам ба Ҳақ нисбат дода мешавад ва ҳам ба халқ. Дар воқеъ, дар ин ҷо сухан аз ваҳдати Ҳақ ва халқ ва сараёни (ҳузури) Ҳақ дар кулли ҳастӣ аст. Агар Ибни Арабӣ дар ду қисмати қаблӣ камтар сухан мегуфт бад-он иллат буд, ки аз назари вай “ҳаст будани Ҳақ” ва “нест будани халқ” амре аст, ки ба осонӣ метавон бар он истидлол кард, вале ин ки чӣ гуна халқ либоси Ҳақро мепӯшад ва ё Ҳақ ба сурати халқ мутаҷаллӣ мешавад, аз асрори ирфон аст, ки амсоли Ибни Сино ба он роҳ надорад. Дар ин қисмати саввум аст, ки Ибни Арабӣ ба унвони яке аз авлиёи бузурги илоҳӣ сухани гуфтании бисёр дорад» [168.С. 67].

Аз хулосаи таҳлили тезисҳои қаблӣ метавон ба чунин натиҷа расид, ки 1) ҷуз Худо, ки айни вуҷуд ва вуҷуди бениҳоят аст ва вуҷуди дигаре даркор нест. Пас, дар олами ҳастӣ танҳо як вуҷуд аст. 2) Махлуқот аз худ вуҷуде надошта адами сирфанд, вале дар айни ҳол, ҳар кас вуҷуди оламро ба куллӣ инкор кунад,

аз доираи ақл хориҷ шудааст. Пас, мо метавонем вуҷудро ба олам низ мансуб бидонем. Ибни Арабӣ монанди ҳар инсони оқили дигаре вуҷудро ба олам низ нисбат медиҳад ва аз “вуҷуду-л-олам” сухан мегӯяд [40, Ҷ.3, С. 537] ва ё аз касрати мавҷудот ва низ ҳама мавҷудот бо “ал-мавҷудот куллаҳо” ёд мекунад [40, Ҷ.3, С. 384]. “Далели ӯ, менависад, «Кокоӣ, - он мебошад, ки мо ба ҷаҳон илм дорем ва ҳар чиз, ки маълум бошад, ҳатман муттасиф ба вуҷуд аст. Чунонки мегӯяд: «Маълуме нест магар он ки мутассиф ба вуҷуд шавад»[40, Ҷ.2, С. 309].

Ба қавли Ибни Арабӣ: «Олам фи нафсиҳи маъқул ва ба Худои таъоло мавҷуд аст» [40, Ҷ.3, С. 398]. Барои ҳамин он чизе, ки барои ориф маълум аст, **ҷуз** вуҷуди Худо нест. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Агар аҳли хирад бошӣ, ҳеҷ чиз бо ваҳм ё ақл ё ҳис ҷуз вуҷуди Худо, ки бад ӯ мустанадем, дарк намешавад» [40, Ҷ.3, С. 547].

Аз он шарҳу баёнҳои болоӣ наметавон натиҷа гирифт, ки вуҷуди олам ҳамон вуҷуди Ҳақ аст ва ба таъбири Ибни Арабӣ: «Айни вуҷуди халқ айни вуҷуди Ҳақ аст» - “айну вуҷуди-л-халқ айну вуҷуди-л-ҳақ” [40, Ҷ.2, С. 519]... Худо ҳар чизиеро дар бар мегирад, зеро айни ҳар чизе ҳаст [40, Ҷ.3, С. 388], орифон онро айни ҳар шайъ мебинанд [40, Ҷ.3, С. 410] касе, ки Худоро дар баробараш гушуда бошад, Ӯро дар ҳар шайъ мебинад [40, Ҷ.1, С. 592].

Вай тафоввути тавҳиди омиро, ки маҳсули ақл мебошад, бо тавҳиди хосе, ки аътои кашф аст, чунин баён мекунад, ки: соҳиби ақл ваҳдатро дар маншаъ ва мабдаи ашё медонад ва мегӯяд: «Дар ҳар чиз нишонае аст, ки бар ягонагии Худо далолат дорад”, аммо соҳиби таҷаллӣ бо Муҳийуддин нағма сар медиҳад, ки: “Дар ҳар чиз нишонае аст, ки далолат дорад бар ин ки Худо айни Ӯст”» [40, Ҷ.2, С. 272]. Хулоса он ки: «дар боби маърифат ба Худо марбуттарин амр ва ҳадди аълои аҳадият ин аст, ки вуҷуди олам, айни вуҷуди Ҳақ аст, на ғайри он ва агар ҳудуд набувад, тафоввут ва тамйиз дар кор набувад» [40, Ҷ.1, С. 547].

Пас, дар маҷмӯъ бояд гуфт, ки махлуқот дар айни ин ки вуҷуд надоранд (маъдуманд), лекин вуҷуд (Худо) дар онҳо таҷаллӣ кардааст. Ин сирри ниҳоят

бузургест, ки асоси ирфонро ташкил медиҳад ва орифро, ки аз ин сир бохабар аст аз дигарон ҷудо мекунад. Ибни Арабӣ инчунин дар порчаи шеърие гуфтааст:

Олам хаёл аст Ва дар ҳақиқат, Ҳақ аст

Касе, ки инро бифаҳмад Асрори тариқатро ёфтааст [40, Ҷ.1, С. 159].

Иннамо ал-кавну хаёлу, Ва ҳува ҳақ фи-л-ҳақиқа.

Ва-л-лази юфҳам ҳазо, Ҳоза асрору-т-тариқа.

Чӣ сирре болотар аз ин ки вуҷуд, аз як тараф, омили ҳадди аксари тамоюз (фарқияти) байни Ҳақ ва халқ мешавад ба наҳве, ки бо таваҷҷӯҳ ба он бояд гуфт, ки Ҳақ дорои вуҷуд ва халқ маъдум аст. Вале ҳамин вуҷуд, аз тарафи дигар, омили ваҳдати Ҳақ ва халқ мегардад ба мисли он ки вуҷуди халқ ҳамон вуҷуди Ҳақ мешавад. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Сирре, ки фавқи ин масъала қарор дорад ин аст, ки мумкинот дар асли маъдум будани хеш боқианд ва вуҷуде ҷуз вуҷуди Ҳақ, ки сурати аҳволи мумкинот зоҳир шудааст, дар кор нест» [40, Ҷ.1, С. 96].

Ибни Арабӣ муътақид аст, ки Худо вуҷуди ҳама махлуқот аст... [168, С. 232]. Худо Аҳад аст, яъне Ӯ воҷиди (ёбандаи) вуҷуд аст, ки ба маънои ин аст, ки моҳияташ айни вуҷуд ва вуҷудаш маҳз аст ва Ӯ вуҷуди ҳама ашё аст. Ба таъбири дигар, Худо номаҳдуд аст ва номаҳдуд барои чизи дигаре ҷой намегузорад. Аз тарафе, мо ба вуҷуди ҷаҳон низ муътақидем, пас дар натиҷа бояд гуфт, ки Ӯ вуҷуди ҳама махлуқот аст.

Яъне чун Худо бениҳоят аст, ҳама ҷо ҳаст ва чун вуҷудаш басит аст ва тачзиябардор нест, ҳама ҷо худаш ба таври комил ҳузур дорад. Дар тафсири Худо якест муътақид аст, ки ин яке будан бад он мафҳум нест, ки масалан гуфта мешавад “хуршед яке аст”, яъне ваҳдати ӯ ваҳдати ададӣ набуда, балки ваҳдати ҳақаи ҳақиқия аст. Қавл бар ин ки Худо яке аст мутародиф бо ин қавл аст, ки Худо аз ҳеҷ чизе тамоюз надорад... ин амр вақти бештарини вузуҳро меёбад ба ҷои калимаи Худо калимаи вуҷудро ба кор барем... возеҳ аст, ки вуҷуд аз ҳеҷ мавҷуде мутамоиз нест ва ҳеҷ чизи мустақил аз вуҷуд, вуҷуд надошт ва

наметавонад вуҷуд дошта бошад [168, С. 233]

Ҳамчунон ки мулоҳиза кардем, категорияи фалсафии ҳастӣ, ки категорияи ниҳоят ва бениҳоятӣ ҳамчун инъикос кунандаи гуногуншаклии олами моддӣ дар фалсафаи моддигароӣ, ки олами моддиро азаллӣ ва бениҳоят медонад, бо фаҳмиши Ибни Арабӣ умуман робитае надошта, баръакс дар муқобили он қарор дорад. Дар ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ Худо меҳвари асосиест, ки танҳо онро метавон вуҷуд ё ҳастӣ номид ва боқимонда ҳама чизе, ки ғайр аз Худо (мо сивоуллоҳ) мебошад, аслан аз ҳастӣ ё вуҷуд маҳрум мебошад, яъне адам (нестӣ) аст. Ҳастӣ ва мафҳумҳои интиҳоӣ ва беинтиҳоӣ дар ислом куллан аз вуҷуди Худо, иродаи Ӯ вобаста мебошад. Худо категорияи вуҷудро иваз карда метавонад, зеро сифати асосии Ӯ вуҷуд ва ҳастӣ мебошад.

Ниҳоятан расидем сари масъалаи чаҳорум, - 4) Олам ҳастинамо ва зуҳуру таҷаллии Худост.

Ҳамон тавр ки мулоҳиза кардем, дар марҳалаи дуввум, Ибни Арабӣ даъво дошт, ки олам вуҷуд надорад ва маъдум (нест) аст, дар марҳалаи саввум бошад, бар ин бовар буд, ки вуҷуди олам вуҷуди Худо аст. Яъне олам ба як маънӣ: мавҷуд аст ва ба як маънӣ, мавҷуд нест. Ҳам мавҷуд аст ва ҳам мавҷуд нест ва ин яке аз асрори муҳими ирфон аст.

Аз назари Ибни Арабӣ, яке аз улуми хоси мақомоти ирфон «илми зуҳури маъдум дар сурати мавҷуд ва тамоюзи вуҷуди он аз вуҷуди ҳақиқӣ аст» [40, Ҷ.3, С. 307]. Ин ҳамон илми таҷаллӣ ва зуҳур аст, ки Ибни Арабӣ дар мавридҳои зиёд илми онро камёб ва азиз дониста [40, Ҷ.4, С. 81]. муътақид аст, ки «Ин фан аз бузургтарин асрори илми илоҳӣ дар мавриди ашё аст» [40, Ҷ.3, С. 307]... ва аз печидатарин чизҳое аст, ки илми донишмандон ба он тааллуқ мегирад. Кашфи он ба сухане ҳосил мешавад ва замони он андак аст [40, Ҷ.2, С. 70]... тачрибаи ин масъала ҷиддан мушкил мебошад, зеро ки ибораҳо аз баёни он дасткутоҳ мебошанд ва ба хотири суръати дигаргунӣ ва танокузи аҳкомаш, тасаввур наметавонад онро забт кунад [40, Ҷ.2, С. 216].

Кокоӣ таъкид мекунад, ки «Албатта фаҳми ин умур барои бисёре аз афрод мушкил аст ва ҷуз дар сояи иноятиилоҳӣ касе бад-он восил намешавад». Ба қавли Ибни Арабӣ: «Агар руъяти Ҳақ дар халқ барои баъзе аз аҳлуллоҳ сангин аст ба хотири баъид будани таносуби воҷиб би-з-зот ва воҷиб би-л-ғайр аст. Пас, агар завқи ин абд (банда) ба ин марҳала аз шуҳуд бирасад, Худо айни он чиро барояш сангин бувад, бад-ӯ менамояд... ғайр аз Худованди танҳо чизи дигаре дар кор нест; (Ҳамон Ҳақе), ки ба воситаи ҳукми мумкин дар ин айн, халқ номида мешавад» [40, Ҷ.3, С. 203-204].

Дар натиҷа, илми таҷаллӣ сирфан аз роҳи кашф ҳосил мегардад ва ба иборати худи Ибни Арабӣ зербинотарин усули кашфӣ маҳсуб мешавад: «Асли усули кашфӣ ҳамоно вуҷуди раб (Худо) дар айни абд (банда) аст» [40, Ҷ.1, С. 633]. Фалсафа дар ин соҳат роҳ надорад. Ибни Арабӣ дар мавзеъе аз “Футуҳот” пас аз он ки ба таври муфассал дидгоҳҳои файласуфонро дар тақсими вуҷуд ва мавҷуд ба зеҳнӣ ва айнӣ, ҷавҳар ва араз, мутаҳайиз ва ғайримутаҳайиз, кам ва кайф ва ... зикр мекунад, ҷустуҷӯи ваҳдатро кори файласуфон надониста гуфтааст: «Назар кардан дар ин умур, бидуни тариқи кашфи илоҳӣ, моро ба ҳақиқати амр намерасонад ва ба ҳамин хотир, (файласуфон ва мутафаккирон) дар мавриди он ихтилоф доранд. Ба ҳамин иллат тоифаи саодатманде, ки муайяд ба Руҳу-л-қудс ҳастанд (рӯҳи муқаддас онҳоро дастгир аст) ба таҷарруд аз афкор (ҷудо шудан аз андеша) ва тахаллус аз қайди қуввои муфаккира (озод шудан аз қувваҳои фикркунанда) тавассул ҷуста ва ба нури аъзам муттасил шуда, ҳақиқати амрро он чунон ки ҳаст, мулоҳиза кардаанд» [40, Ҷ.2, С. 454].

Аммо бо ин ҳол, навиштааст Кокоӣ, мулоҳиза мекунем, ки Ибни Арабӣ дар ин маврид низ гӯшаи чашме ба истидлол дорад ва боби гуфтугӯ бо файласуфонро боз мекунад ва аз сирре, ки нагуфтанӣ аст, фаровон сухан мегӯяд. Ба ду далел: яке он ки мухотабини худашро, ки бештар аз аҳлуллоҳ ҳастанд аз ҳайрат дароварад ва барои таҷоруби (таҷрибаҳои) ирфонияшон таъбире муносиб биёбад, чаро ки ориф ҳамвора дар ҳоли шуҳуд нест, ба

таъбири Ибни Арабӣ: «Шуҳуди ин амр бисёр дерёб ва бисёр сариъу-л-завол (зуд нестшаванда) аст. Ориф пас аз он ки аз он ҳолати ҷазаба ва шуҳуд хориҷ гашт, ба унвони як инсони оқил, дар паи ин аст, ки ҳадди ақал барои худ таъбир кунад ки чӣ дидааст. Ҳадафи Ибни Арабӣ он аст, ки чунин таъбиреро ба дасти ишон диҳад: Пас, эй дӯсти ман! Дар ин мавтин, ки ҷиддан мавтини пинҳоне аст, тааммул кун. Агар лисони шаръ (забони шаръӣ), ки бад-он ишора карда ва бад-он огоҳонида набувад, ман ҳам онро барои аҳли тариқи худамон ба таври ошкор баён намекардам. Бисёре аз аҳли тариқи илоҳӣ ҳар чанд таҷаллии Ҳақро шуҳуд кардаанд, лекин ба ин матлаб ва ба он чӣ дидаанд ва ба воқеъи амр маърифат надоранд» [40, Ҷ.3, С. 516].

Ба андешаи Кокоӣ: «Дуввумин далели пардохтани Ибни Арабӣ ба истилоҳот ва истидлолҳои фалсафӣ ин аст, ки файласуфонро ба норасоӣ ва ноқис будани истидлолҳои ақлиашон мабнӣ бар касрати вуҷуд, ва низ ба аҷзи (оҷиз будани) ақл дар соҳати баланди ваҳдати вуҷуд, воқиф гардонад» [168].

Муҳаққиқ андешаашро идома дода менависад: «Ибни Сино дар “Илоҳиёт”-и Шифо вуҷудро зоид бар моҳият ва ориз бар он донистааст ва ҳар мумкинеро завҷи таркибӣ медонад, ки дорои моҳият ва вуҷуд аст. Чун мумкини вуҷудаш зоид бар моҳият аст, пас дар зоти худ дорои вуҷуд набуда “лайса” аст ва вуҷудашро аз ноҳияи ғайр, яъне иллат, дарёфт кардааст. Яъне, ҷаъл ба вуҷуд тааллуқ мегирад ва иллат ба маълул вуҷуд медиҳад» [168.С. 45].

Ба таъбири худи Ибни Сино: «Ҳар чизе ғайр аз Худо - ки мавҷуд фи нафсиҳи ва воҳид фи нафсиҳӣ аст - аз ноҳияи ғайр истифодаи вуҷуд мекунад (ҳува) мустафиду-л-вуҷуд ан ғайриҳӣ) ва бо он, айс ва фи нафсиҳи лайса аст» [104.С. 67].

Яъне ба эътиқоди Ибни Сино: «вуҷуд ҳабба (бахшиш) ва атои илоҳӣ аст, ки ба махлуқот бахшида шудааст ва махлуқот воқеан аз ҷониби Худо дорои вуҷуд шудаанд. Бисёре аз файласуфон низ ба ҳамин амр муътақиданд ва ҳадди аксар монанди Фомаи Аквинӣ, мавҷудотро ба як андоза мавҷуд надониста ва ба

як навъи ташкик (шубҳа) дар вуҷуд қоиланд, ки мутобиқи он, ҳар мавҷуде ба андозаи истеъдоди худ, дарёфти вуҷуд мекунад. Ибни Сино сари масъалаи “вуҷуд” ба андеша рафта, онро атои илоҳӣ (худодод) медонад, зеро вуҷуди махлуқ маҳз ба фазли ҳамин бахшоиш доро ва ё соҳиби вуҷуд мегардад, зеро “вуҷуди ҳақиқӣ” танҳо хоси илоҳӣ аст ва “вуҷуд”-ҳои ғайри Ӯ дар ҳақиқат ҳам “вуҷуди дуввумдараҷа” ва ё “вуҷуди маҷозӣ” (ба қавли Мавлоно “адамҳои ҳастинамо”) мебошанд, ки танҳо дар ваҳму хаёл (таваҳҳум) гумон мекунанд, ки “вуҷуд доранд”. Аммо дар назди вуҷуди илоҳӣ, ки сӯфиён танҳо Ӯро вуҷуди ҳақиқӣ мепиндоранд, ин вуҷуд “сояи вуҷуди Ӯ” ба назар мерасад.

Ибни Арабӣ ба ғумуз ва печидагии (норавшании) ин масъала ишора мекунад, ҳамон тавр, ки дидем, Ибни Сино муътақид буд, ки маълул аз иллат истифодаи вуҷуд мекунад ва мустафиду-л-вуҷуд аз ғайр аст. Ибни Арабӣ бо дар зеҳн доштани ин ибораҳо мегӯяд: «Мумкинот бинобар мактаби ҷамоати фалосифа, ғайр аз вуҷуд аз Худо чизе дарёфт накардаанд (мо истифодат мина-л-ҳақ илло ал-вуҷуд). Ҳеҷ кас маънои ин қавлро, ки ғайр аз вуҷуд чизе истифода накардаанд, намефаҳмад магар касе, ки Худо аз рӯи чашмаш парда бардорад. (Ҳатто) худи касоне, ки ин истилоҳро ба кор бурдаанд, маъноашро он чунон ки ҳаст намефаҳманд» [40, Ҷ.2, С. 216].

Ошкор аст, ки иқтибоси Ибни Арабӣ, аз ҷонибе, мавқеъи интиқодии ӯро дар муқобили ҳама ҷараёнҳои фикрии замонаш устувор нишон диҳад, аз ҷониби дигар, умуман қабул кардани андешаи машшоиёнро баръало ошкор месозад: фарқи миёни аҳлуллоҳ ва файласуфон бояд дар интихоби равиши таҳқиқи онҳост, яке такя ба кашфу шуҳуд мекунад ва дуввумӣ бар натоиҷи далелҳои ақлӣ. Ин нуктаро ҳам бояд таъкид кард, ки Ибни Арабӣ ҳаргиз наметавонист андешаи Ибни Синоро қабул кунад, зеро низоми андеша ва тафаккури хешро бояд тағйир медод, ки аз Ибни Арабӣ ва мактаби таъсисдодаи ӯ “ваҳдати вуҷуд” маъноашро гум мекард.

Сипас масъаларо бештар кушода навиштааст: «Дар ин ҷо мавҷуде ҷуз

Худо нест ва мумкинот дар ҳоли адаманд. Ин вуҷуд мустафод ё чизе аст ғайр аз Худо (ки ин бо инҳисори вуҷуд дар Худо намесозад) ва ё иборат аз вуҷуди Ҳақ аст (ки ин ҳамон муддаъии мост)... пас аъёни олам бо ҳақоиқашон вуҷуди Ҳақро пазируфтаанд» [40, Ҷ., С. 216].

Яъне Ибни Сино ва пайравони ӯ, ҳарчанд мумкинотро аз ҳайси зот “лайса” (нест) медонанд (мумкинот аслан вуҷуд надоранд –З.З), вале барои онҳо ба воситаи вуҷуд, “айс” қоиланд. Лекин Ибни Арабӣ муътақид аст, ки; «Маҳол аст, ки мумкин мавҷуд шавад, зеро нестӣ васфи зотии он аст ва васфи зотӣ ҳеҷ гоҳ муртафеъ (бардошта) намешавад» [40, Ҷ.3, С. 255], аз ин рӯ, мумкин дар ҳама ҳол, муттасиф ба адам аст (бо нестӣ васф шудааст): «абде, ки махлуқ аст дар мозӣ муттасиф ба адам (лайса) аст, дар мустақбал низ муттасиф ба адам ва дар ҳоли иттисофаш (тавсиф карданаш) ба вуҷуд низ аз ноҳияи зоташ муттасиф ба адам аст» [40, Ҷ.1, С. 435].

Ба андешаи мо, иқтибоси Ибни Арабӣ тамоман равшану ошкор аст ва эҳтиёҷи чизе илова карданро ҳам истисно мекунад, вале агар мавқеи Ибни Синоро ба қавли дигар гуфтанӣ бошем, бояд бигӯем, ки ӯ “мумкинот”-ро аз ҳайси зот “лайса” (вуҷуд надошта, нест, маъдум) меҳисобад, ки тавассути вуҷуд мушаррафи “айс” (пайдо, мавҷуд) гаштааст. Аммо далели Ибни Арабӣ он аст, ки “мавҷуд” шудани “мумкинот” аслан номумкин аст, зеро “нести”-и онҳо тавсифи доимии онҳо мебошад, ки ин тавсифи зотии онҳост, ки дар ягон сурат дорои сифати “мавҷуд” шудан наметавонанд.

Яъне, Ибни Арабӣ даъвои он мекунад, ки дар ҳоле ки агар мумкин ҳеҷ гоҳ муттасиф ба вуҷуд нашавад ва дар айни ҳол бо мумтанеъ-ул-вуҷуд мутафоввит бошад, пас нисбаташро бо вуҷуд чӣ гуна бояд тавҷеҳ кард? Мушкилии дарки андешаи мушаххаси Ибни Арабӣ ҳам маҳз дар ҳамин ҷост, ки баҳси “вуҷуд” дар мавриди олам ба “зуҳур” ва “эҷод” ба “таҷаллӣ” табдил дода мешавад. Яъне олам “мавҷуд” нест, балки “мазҳар” аст, ки Ҳақ дар он зоҳир шудааст. Ибни Арабӣ, пас аз баёни дидгоҳи файласуфон дар бораи қабули вуҷуд аз сӯи

мумкинот гуфтааст: «Ин он чизе аст, ки назари ақлӣ (дидгоҳи файласуфон –З.З.) иқтизо дорад, аммо тибқи мазҳаби мо айни мумкин сирфан имкони мазҳар буданро дорад, на имкони қабули иттисоф (тавсиф, васф шудан) ба вуҷудро ба наҳве, ки вуҷуд айни он бошад. Пас, вуҷуд дар мумкин айни мавҷуд нест, балки ҳол аст барои айни мумкин, ки ба воситаи он, мумкин маҷозан - на ҳақиқатан - мавҷуд номида мешавад" [40, Ҷ.2, С. 99]... ин ки махлуқ қабули пайдоиш (таквин) мекунад, назди мо маънояш ин аст, ки мазҳари ҳақ мешавад... на ин ки истифодаи вуҷуд кунад, балки сирфан ҳукми мазҳариятро истифода мекунад... ва туро бар амри азиме огоҳонидам - агар огоҳ шавӣ ва тааққул кунӣ - Ӯ айни ҳар шайъ аст дар зуҳур; аммо айни ашё дар заваташон (зотҳояшон) нест, Муназзаҳ ва Баландмартаба аст. Балки Ӯ - Ӯ аст ва ашё ашёанд. Баъзе аз мазоҳир ҳангоме ки ҳукми худро дар зоҳир диданд, хаёл карданд, ки аъёнашон муттасиф ба вуҷуди мустафод аст» [40, Ҷ.2, С. 484].

Мусалламан яке аз ин мазоҳир Ибни Синост, ки хаёл мекунад ба унвони маълул, мустафиду-л-вуҷуд аз Худост, лекин амсоли ӯ бояд бидонанд, ки: «Ҳангоме ки Худо хост ба мумкинот ҳолати вуҷуд бидиҳад - дар ҳоле ки вуҷуд ғайр аз Худо нест ва Ӯ танҳо мавҷуд аст - барои онҳо ба қадри истеъдодашон зоҳир шуд ва онҳо худашонро дар вуҷуди Худо диданд, дар ҳоле, ки худ дар ҳоли адаманд" [40, Ҷ.3, С. 255]... дар вуҷуд, чизе ғайр аз Ҳақ зоҳир нашудааст [40, Ҷ.2, С. 517]... Худо ғайр аз ҳувият худро ба махлуқот напӯшонидааст. Ӯ вуҷуде аст, ки ба сурати мумкинот зоҳир шудааст» [40, Ҷ.4, С. 92].

Ба андешаи Ибни Арабӣ: «ҳама аз Ӯ истифодаи вуҷуд мекунанд, дар ҳоле, ки вуҷуд чизе ғайри Ҳақ ё хориҷи Ӯ нест, ки Ҳақ онро ба ғайри худ бидиҳад" [40, Ҷ.4 С. 406]... ва "бингар ки амри вуҷуд чӣ қадар аҷиб аст, ки ҳамон ки вуҷудро мепазирад ҳамоне аст, ки ифодаи вуҷуд мекунад" [40, Ҷ.1 С. 702]... дар улуми илоҳӣ масъалае ғомизтар (ториктар) аз ин масъала вуҷуд надорад... (яъне) дар ҳастӣ ҷуз Худо мавҷуд нест. Ӯ ҳам ҳукмфармо (ҳоким) аст ва ҳам қабулкунанда (қобил)» [40, Ҷ.2, С. 216].

Кокоӣ аз баҳси “вуҷуд” ба хулоса расидааст, ки: «Ин масъала бо ҳама печидагӣ ва дур аз ақл буданаш асоси дидгоҳҳои Ибни Арабиро ташкил медиҳад» [168.С. 45].

Ба қавли муҳаққиқи андешаҳои шарқшиноси ҷопонӣ - Изотсу бошад: «Таҷаллӣ меҳваритарин мавзӯи андешаи Ибни Арабӣ аст. Дар воқеъ мафҳуми таҷаллӣ асоси ҷаҳонбинии ӯст. Ҳама андешаҳои ӯ дар бораи сохтори вуҷудии ҷаҳон бар ин меҳвар давр мезанад...кулли фалсафаи ӯ назарияи таҷаллӣ аст» [146, С. 147]. Ин аст, ки ҷаҳонеро, ки Ибни Арабӣ мешиносад оинаи Худонамост, ки Худо дар саросари он аз авҷ то ҳазиз (аз боло то поён), зуҳур ва ҳузур дорад. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Ӯ дар ҳама он чи махлуқот (офаридаҳо) ё мубтадиъот (навовар) номида мешаванд, сараён дорад (ҷорӣ аст)... Ӯ дар ҳар шоҳиде шоҳид, ва дар ҳар машҳуде машҳуд аст, пас, Ӯ ҳама ҳастӣ аст» [40, Ҷ.1, С. 111]... Ӯ ҳамон вуҷуд ва мавҷуд аст. Дар ҳар маъбуде Ӯ парастида мешавад ва дар ҳар мақсуде Ӯ мавриди қасд қарор мегирад. Ӯ вуҷуди ҳар чизе аст ва ҳар чизе тарҷума ва баёни Ӯст. Ҳангоми зуҳури ҳар чизе Ӯ зоҳир аст ва дар ҳангоми фиқдони ҳар чизе Ӯ ботин аст. Ӯ аввал (муқаддам бар) ҳар чизе ва охир (муаххар аз) ҳар чизе аст [40, Ҷ.1, С. 475]... обид ва маъбуд [40, Ҷ.4, С. 102]... зокир ва мазкур [40, Ҷ.4, С. 92]... ҳоким ва қобил [40, Ҷ.2, С. 216]... таклифкунанда ва таклифшаванда [40, Ҷ.4, С. 100]... Ӯст ... пас, муназзаҳ (пок) аст касе, ки ашёро зоҳир карда ва худ айни онҳост [40, Ҷ.3, С. 459]... Худоро ҷуз Худо касе зикр намекунад ва ҷуз Худо касе Худоро намебинад [40, Ҷ.4, С. 92].

Ба қавли дигар, яъне Худо дар ҳама чиз сорӣ (дар ҷараён) аст ва дар умқи зоти ашё ҳузур дорад... Худо дар дарунтарин ҷузъи ҳар чиз ва дар тамоми ашё вуҷуд дорад... агар Худо набувад табиат аз фаъолият боз меистад ва дигар хоҳиш ва таманное дар кор набувад... Худо дар даруни ҳар чиз ва дар ҳар шайъи мутафариде (алоҳидае) танзил мекунад ва ҳамчунон аҳад боқӣ мемонад... Худо он чунон ки бехабарон хаёл мекунанд, ашёро хориҷ аз худ халқ накардааст. Ҳар чи халқ кардааст ва ё анҷом медиҳад дар худ халқ карда ва анҷом медиҳад. Ӯ

хорич аз хеш ҳеҷ чиз анҷом намедиҳад ва чизи дигареро ҷуз худ намебинад ва ба чизе ғайр аз худ ишқ намеварзад» [168, С. 241].

Муҳаққиқ Изотсу таҷаллиро чунин таъриф додааст: «таҷаллӣ иборат аз раванде аст, ки тайи он Ҳақ, ки комилан ва фи зотиҳи ношинохта аст, худро ҳатто дар моддитарин ашкол зоҳир месозад. Аммо ин зуҳур таҳаққуқ намеёбад, магар дар қолаби суввари мутаъйини хос, пас таҷаллӣ чизе ҷуз таъйин ё тақйиди Ҳақ - ки фи зотиҳи номутаъайин аст - намебошад» [147, С. 147].

Ибни Арабӣ дар ин бора чунин гуфтааст: «Худо айни ашё аст ва ашё маҳдуданд, пас Ӯ маҳдуд ба ҳадди ҳар маҳдуде аст. Пас ҳеҷ шайъе қабули ҳад намекунад, магар он ки он ҳад, ҳадди ҳақ аст» [40, Ҷ.1, С. 111].

Поинтар мо бо андешаи Ибни Арабӣ наздиктар мешавем, ки андешаҳояш ин баҳси “вуҷуд”-ро боз равшантару возеҳтар мегардонанд. Дар ҷои дигар, Ибни Арабӣ, Ҳақ ва халқро ду рӯи як сикка дониста, зимни он ки вуҷудро воҳид мебинад, онро дорои ду нисбат ва ду эътибор медонад. Ин вуҷуд як эътибори Ҳақ аст ва ба эътибори дигар халқ. Нисбати дуввум ҳамон таъйин ёфтани Ҳақ аст: «Худои таъоло ду нисбат дар вуҷуд дорад; нисбати вуҷуди нафси воҷиб ва нисбати вуҷуди суввари. Дар ҳамин нисбати дуввум аст, ки барои халқаш таҷаллӣ мекунад, зеро таҷаллии Ӯ дар вуҷуди нафсӣ воҷиби маҳол аст. Пас, Ӯ дар вуҷуди суввари, ки таҳаввул ва табаддул мепазирад, таҷаллӣ менамояд» [40, Ҷ.3, С. 516].

Бинобар ин, махлуқот таъйинот ва ҳудуде ҳастанд, ки ҳаққи номутаъйин ва номаҳдуд ба онҳо таъйин ёфтааст. Ба қавли дигар, махлуқот ҳамвора ҳиҷоби Ҳақанд ва Ҳақ дар паси ин ҳиҷоб боқӣ мемонад, магар барои орифе, ки аз роҳи мукошифа, кашфи ҳиҷоб барояш ҳосил шавад: «Вақте, ки Худо ашёро халқ кард... асбобро вазъ намуд (сабабҳоро матраҳ кард) ва онҳоро барои худ ҳиҷоб қарор дод. Ин асбоб (сабабҳо) ҳар киро, ки онҳоро ҳиҷоб бидонад ба Худо мерасонад ва ҳар киро, ки онҳоро арбоб бигирад аз Худо боз медоранд» [40, Ҷ.3, С. 416]... «ғояти орифон он аст, ки ҳудуди кавн ва ҳастиро ба таври куллӣ, ҳадди

зотии воҷибу-л-вуҷуд қарор диҳанд» [40, Ҷ.3, С. 277].

Мо дар ин ҷо баҳси “вуҷуд”-ро идома дода, ба мушкилии (проблемаи) дигаре рӯ ба рӯ мегардем, ки дар муайян кардани ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ ниҳоят муҳим ва зарурӣ мебошад. Аниқтараш мо ба баҳси дигаре, ки пештар бо номи “ваҳдати шуҳуд” матраҳ намуда будем, бар мегардем ва вазифаи мо дар ин баҳс пайдо намудани ҷиҳатҳои умумӣ, шабоҳатҳо ва тафоввутҳои байни “ваҳдати вуҷуд” ва “ваҳдати шуҳуд” буда, саъй хоҳем кард, ки мавқеи Ибни Арабиро дар ҳалли онҳо мушаххастар равшан намоем.

Ҳоло бароямон зарур аст ёдовар шавем, ки на ҳама донишмандони асримиёнагӣ бо таълимоти ваҳдати вуҷуд мувофиқат доштанд ва илова бар он ки қисмати зиёди онҳо муассиси таълимотро ба куфру беимонӣ, исломӣ набудан, ғайриисломӣ ҳисобидан он, дар муқобили он таълимоти ваҳдати шуҳудро ҳамчун алтернатива пешниҳод намуданд, ки тибқи нақшаву тасмимҳои кашидаи муаллифони он, мебоист таълимоти ваҳдати вуҷуди Ибни Арабиро ишғол намуда, онро решакан менамуд. Ҳамин гуна даъворо асосгузорони таълимоти ваҳдати шуҳуд пешниҳод намуданд, ки ба андешаи онҳо бо таълимоти ислом комилан созгор ва мутобиқат менамуд.

Дар шарҳу баёни таълимот оид Ваҳдат вуҷуд ё ваҳдати шуҳуд аслан бо масъалаи психологие сару кор мегирем, ки куллан бо масъалаи тавсифи зеҳнии ориф марбут мебошанд: ӯ кадоме аз мавқеъҳоро ишғол мекунад ваҳдати вуҷуд ё ваҳдати шуҳудро. Ин интихоби ориф ва сӯфӣ ба чи чизе алоқаманд аст? Ваҳдати вуҷуд ва шуҳуд то кадом андоза самти андешаи орифро тағйир дода метавонанд? Чӣ чизе дар равони ӯ равшантару мушаххастар мегардад, ки ориф ба ҳар чизе назар кунад, танҳо Худоро мебинад?

Дар тӯли шарҳу баёни моҳияти таълимоти ваҳдати вуҷуд, мо алакай ба натиҷае расидем, ки Ибни Арабӣ саъйю талош дошт исбот намояд, ки танҳо як вуҷуде ҳаст, ки он ҳам Худо мебошад ва ғайри Ӯ дигар вуҷуд нест, набуд ва нахоҳад буд. Тамоми мавҷудот зуҳуроти Ӯ буда, аз мавҷудияти Ӯ вобаста

мебошанд, яъне мавҷудоти олами моддӣ дар чунин муносибате бо Худо вуҷуд дошта метавонанд, ки вуҷуди объект ва сояи онро ба хотир меоварад, ки агар объект вуҷуд надошта бошад, табиист, ки сояи он низ аз байн меравад. Тибқи ин таълимот мавҷудияти ягон объект бидуни дарки мавҷудияти зуҳури илоҳӣ қобили тасаввур нест ва ҳар як солики тариқат, боварӣ дорад, ки ба ғайр аз ҳақ ҳеҷ чизи дигаре дорои вуҷуди ҳақиқӣ намебошад. Шинохту маърифати он танҳо ба роҳи истисноӣ бо роҳи ғайриақлӣ ва берун аз таҷриба тавассути ба камол расонидани ҳаёти зоҳидона ва ибодату зикри пайваста номумкин аст. Амалияи маънавӣ ва эҳсоси муҳаббати беинтиҳо ба Худо соликро ба дарки вуҷуди ягона оварда мерасонад, ки зуҳури он тамоми олам ва аз ҷумла худи ӯро фаро мегирад. Дар ин ҳолати ишроқ ё мунавваршавӣ ӯ метавонад бигӯяд, ки “Ман Худоям” (Ана-л-ҳақ). Маҳз дар чунин ҳолат солик дарк мекунад, ки тамоми суханҳо, амалҳо ва рафтори ӯро худи Худо анҷом додааст. Ҳолати самоъ, ҷамъ барояш ҳиҷоби ин асрорро кушода медиҳад. Ин ҳолат дар вазъи сукр - аз мастии муҳаббат солик ба Худо ва вақди динӣ амалӣ мегардад. Сӯфиён дар чунин ҳолат улуҳияти худро собит месозанд.

Ин амалия куллан бар хилофи Шариат ва ҷаҳонбинии исломӣ буда, ки сӯфиёни ваҳдати вуҷудӣ онро зуҳуроти зоҳирӣ ва дидашавандаи имон меноманд. Аз ин рӯ, онҳо таҳти фишори намояндагони расмии ислом қарор гирифта, онҳоро ба куфру илҳод, зиндиқӣ муттаҳам менамоянд. Маҳз барои чунин даъвоҳо Мансури Ҳаллоҷ ба қатл расида буд, ки даъвои худоӣ - “Ана-л-ҳақ” карда буд. Ибни Арабӣ чунин меҳисобид, ки тамоми мавҷудот ва объектҳо дар илми Худо вуҷуд дошта, дар асл онҳо вуҷуд набуда, адам ва аъёни собита мебошанд. Баъдан ӯ ҳолатҳои тамоми мавҷудотро ба се марҳала ҷудо намуд, ки раванди офариниши Худо аз онҳо иборат аст:

а) **Таайюн ал-аввал.** Тамоми ашё дар маҷмӯъ дар илми илоҳӣ қарор дошта аз якдигар фарқ намекунанд;

б) **Таайюн ас-сони**. Ашё дар ҳоли “аъёни собита” дар илми Худо вуҷуд

доранд. Зимни ин онҳо аз ҳам ҷудо карда шуда, ҳар кадоме алоҳида мебошанд.

в) **Таайюн ал-хориҷӣ.** Ашё зуҳур намуда, дар олами хориҷӣ зоҳир мешаванд. Аммо онҳо зуҳури Худо буда, вуҷуди мустақилона надоранд. Барои ҳамин худи Худо дар ҳама объектҳои олами моддӣ ҳузур дорад.

Вуҷуди ягонаи ҳақиқӣ дар фалсафаи Ибни Арабӣ дар сатҳҳо ё дараҷаҳои гуногун зоҳир мегардад. Сатҳи аввал олами лоҳут мебошад, ки дар ин ҷо мафҳумҳои вуҷудӣ ва шахсӣ вуҷуд надошта, танҳо зоти мутлақ- Аллоҳ қарор дорад. Дараҷаи поинтар олами ҷабарут мебошад, ки он танҳо вуҷуди Аҳад аст ва ҳанӯз ба объектҳо ва субъектҳои алоҳида ҷудо нашудааст. Баъдан ҷудошавии вуҷуди ягона (Аҳад) ба объектҳо рух дода, олами махлуқон ва малоик зоҳир мегардад. Тамоми ин дараҷаҳо ё сатҳҳо танҳо ба зоти Аллоҳ мансуб мебошанд.

Сатҳи охирин зоҳиршавӣ “инсони комил” мебошад, ки интиҳои ҳамаи ин дараҷаҳо мебошад. Тамоми сифатҳои махлуқони собиқ дар инсон ҷамъ омадаанд ва ӯ ҳомили сифоти илоҳӣ мебошад. Ба андешаи Ибни Арабӣ, маҳз ба хотири ҳамин пайғамбар гуфтааст, ки Аллоҳ Одамро бар сурати хеш халқ кардааст [77]. Метавон тахмин кард, ки маҳз бо ҳамин сабаб инсон сазовори хилофати илоҳӣ шудаас

4.4. Таносуби ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд

Баъд аз даргузашти Ибни Арабӣ таълимоти ваҳдати вуҷуд дар аксари кишварҳои исломӣ интишор ёфтааст: мубаллиғи он дар Туркия Садриддини Қунавӣ (ваф.623/1234), дар Фаластин ва Миср Ибни Фориз (ваф.632/1234) ва Мавлоно Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва садҳо нафарони дигар буданд.

Вахдат аш-шухуд, коркарди шакли ниҳоӣ ва муназзамшудаи худро дар таълимоти шайхи тариқати нақшбандия Аҳмад ал-Форуқи Сарҳиндӣ (ваф. 1024/1615) гирифтааст, ки бо номи Имом Раббонӣ ва “Муҷаддиди дин” низ машҳур мебошад. Сарфи назар аз он ки пайравони нақшбандӣ таълимоти ваҳдати вуҷудро пазируфта буданд, Аҳмад Форуқӣ онро зери танқид қарор додааст. Сабаби чунин вокуниш саъю талошҳои Акбаршоҳ буд, ки мехост дар

Ҳинд дини синкретиеро ба вуҷуд оварад, ки тобеъонаш –мусулмонҳо, масеҳиён ва пайравони ҷараёнҳои ҳиндуиро бо ҳам ҷамъ оварад. Ғояи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ мебоист дар он нақши асосиро анҷом медод. Аҳмади Форуқ таълимоти ваҳдати шуҳудро, ки ҳанӯз аз замони Алоуддавла Симнонӣ (ваф.736/1336), ки дар муқобили ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ таъсис дода буд, тавсеа бахшидааст. Симнонӣ ғояро дар бораи он ки дар ҳар як мавҷуде таҷаллӣ ё зоҳиршавии илоҳӣ зуҳур дошта, ҳам Худо ва ҳам офаридаҳои моддии Ӯ дорои вуҷуди воқеӣ ва мустақил мебошанд, инкор кардааст. Ба андешаи Симнонӣ, инсоне, ки бо амалияи маънавӣ сару кор мегирад, саъй мекунад, ки ба дидори Худо бирасад, на ба Ӯ наздик, маҳлул, муттаҳид ва ё восил гардад. Ӯ риояи қатъии шариатро талаб карда, даъво дошт, ки танҳо риояи илҳомбахши фароизи динӣ соликро ба камолоти маънавӣ оварда мерасонад. Амалияи рӯҳонӣ набояд дар мухолифат бо нуктаҳо ва ҷаҳонбинии динӣ қарор дошта бошад.

Аҳмади Сарҳиндӣ маҳз ҳамин ғояҳои Аҳмади Форуқро идома ва тавсеа бахшидааст. Дар таълимоти ӯ, рӯҳоният метавонад дар ҳолатҳои гуногуни дар тасаввуф (ҳол ва аҳвол) машҳур ифода ёбад, аммо зимни риояи он ва пазируфтани сифатҳои Илоҳӣ инсон дар Худо ҳулул нашуда, танҳо ҳузури Ӯро эҳсос менамояд, танҳо Ӯро мебинад ва ваҳдати онро шаҳодат медиҳад. Форуқӣ ин ҳолатро бо нурафканидани офтобе монанд мекунад, ки нурҳои аз ситораҳо барояндаро пахш менамоянд ва онҳо эҳсос намешаванд, аммо онҳо гум нашуда, ҳамчунон нурафкании хешро шабу рӯз идома медиҳанд. Мавҷудияти нури тавоно нурҳои нисбатан заъифтарро фурӯ мебаранд, аммо ин маънои онро надорад, ки ситораҳо ва нурҳои афкандаи онҳо нест ва дар онҳо маҳлул мешаванд. Инсоне, ки дар чунин ҳолат афтода қаробати худро бо Худо эҳсос мекунад ва ин эҳсос ӯро аз вуҷуд доштани дигар мавҷудот раҳо мекунад. Вале ин ҳолат ҳаргиз маънои онро надорад, ки олам мавҷудияти худро қатъ гардонида, моҳиятан ба адам ва нестӣ табдил меёбад. Агар дар ҳолати ваҷд барои солик чунин ба назар расад, ки ӯ сифатҳои илоҳиро қабул намуда, худаш

таҷассуми Худо гаштааст, аз назари Форуқӣ ба куфр ва ширк роҳ медиҳад. Аз ҷониби дигар, Аҳмади Форуқ асли “Ҳама Ӯст”-ро низ қатъиян инкор мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки асмо ва сифоти Худо ба маънои таҷаллии ҳарфии Худо дар мавҷудот намебошад. Ӯ ба ҷои асли “Ҳама Ӯст” асли “Ҳама аз Ӯст”-ро ворид карда, ба далелу бурҳонҳои ақлӣ таваҷҷуҳи хоса дода, аз ақлонияти хушку беруҳи файласуфон-ҳакимон худро канора гирифтааст. Ӯ ҳамчунин ба амалияи ваҷди сӯфиёна, ки барои аксари мазҳабҳои сӯфиёна хос будаанд, муқобил баромадаст.

Ҷаҳонбинии Имом Раббонӣ ва таълимоти ӯ “ваҳдати шуҳуд” ба таълимоти расмии дин мухолифат надошта, баръакс ба тамоми нуктаҳои ҳуқуқии он рӯҳонияту маънавиёти бештар бахшидааст. Маҳз барои ҳамин ин таълимот ба муқобилат ва эътирозҳои рӯҳониён рӯ ба рӯ нашуда, бо талаботи аслиёти тасаввуфи исломӣ дар заминаи тасаввуфи аҳли суннат созгор буд.

Каме пештар мо ба ин натиҷа расида будем, ки аз назари Ибни Арабӣ, олам ҳама таҷаллии Худо мебошад ва Худо дар ҳама олам зуҳур дорад. Ориф ба ин ҳақиқат пай бурда, на танҳо дар кӯҳу дашт ва дарёву саҳро ҳама ҷо нишони Ӯро мушоҳида мекунад, балки болотар аз ин барояш муяссар мешавад, ки Ӯ-ро бинад. Ҳоло назди мо ин суол пайдо мешавад, ки оё ваҳдате, ки ориф аз он сухан мегӯяд, офоқӣ ва айнӣ - объективӣ аст ва ё анфусӣ ва зеҳнӣ - субъективӣ. Ба ибораи дигар, оё назарияи ваҳдати вуҷуд баҳси вуҷудшинохтӣ-онтологӣ аст ё маърифатшинохтӣ (эпистемологӣ) ва ё категорияе равоншинохтӣ (психологӣ) буда, марбут ба ҳолати равонии ориф мешавад, на олами воқеъӣ? Низоъи маъруфи ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд бо ҳамин баҳс иртибот дорад.

Бори дигар таъкид менамоем, ки каме болотар мо дар бораи он сухан гуфтем, ки Ибни Арабӣ аз маҳдудияти вуҷуд дар вуҷуди Худованд сухан гуфтааст ва ин олами ғайри Худо воқеъан ҳеҷ аст. Дар ин ҳолат мо онро танҳо ваҳдати вуҷуд номидан метавонем, ҳарчанд ки худи Ибни Арабӣ ин ибораро истифода набурда бошад ҳам, шогирдонаш маҳз аз ҳамин истилоҳ пайравӣ

кардаанд, онро ба истилоҳи марказии таълимоти ваҳдати вуҷуд табдил додаанд.

Аммо мушкилии мо ғайриорифон дар фаҳми урфӣ ва рӯзмарраи худ дарк мекунем, носозгор аст ва аз сӯи дигар, бо эътиқоди диндорон ба тақдиси (муқаддас донистани) Худо ва танзеҳи Ӯ аз сифоти халқ дар мухолифату таззод мебошад. Ин аст, ки аз як сӯ, мухолифони ирфон монанди Ибни Таймия ин назарияро рад карда, онро василае барои ҳамла ва танқиди орифон қарор додаанд ва аз сӯи дигар, шавқмандони ирфон кӯшиш намудаанд, ки онро мақбули табъи ноорифон гардонанд. Масалан, Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар шарҳи ибораи маъруфи Ибни Арабӣ "Субҳона ман азҳара ал-ашё ва ҳува айнаҳо" – Пок аст он касе, ки ашёро халқ намуда, худаш айни онҳо мебошад, овардааст: «Марҷаи замири "ҳува" (маншаъи ҷонишини шахси саввуми танҳо "вай", "ӯ" – З.З.) дар ҷумлаи "ҳува айнаҳо" (Худаш айни онҳост), зоти илоҳӣ нест, балки марҷаи он зуҳуре аст, ки аз феъли "азҳара" (зоҳир гардонид) гирифта шудааст ва маънои ҷумла бо ин фарз чунин аст: «тақаддус ва покӣ Худовандеро сазад, ки коинотро ба мансаи зуҳур расонид ва ин зуҳур айни ашё аст» [266, С. 183-184].

Мушоҳида намудан душвор нест, ки сарфи назар аз он ки бо зоҳири ибора низ созгор нест, ин таъвил чӣ қадар бо афкори Ибни Арабӣ бар ваҳдати Ҳақ ва халқ фосила дорад.

Яке аз роҳҳои тавҷеҳи назарияи ваҳдати вуҷуд таъвили он ба ваҳдати шуҳуд аст. Ин истилоҳ аз замони шайх Аҳмади Сарҳиндӣ (ваф. 1624) ба вуҷуд омада, ҳадафи аслии он гурез аз ҳамлаҳои Ибни Таймия бар мактаби ваҳдати вуҷуд будааст [266, С. 94]. Қабл аз ӯ низ ҳарчанд ин истилоҳ роиҷ набуд, вале маънои он мавриди таваҷҷӯҳ будааст. Назарияи ваҳдати шуҳуд баҳси ваҳдатро аз ҷанбаи объективӣ (айнӣ) ба ҷанбаи субъективӣ (зеҳнӣ) бурда, даъво дорад, ки ин масъала ба ҳолати равонӣ марбут аст, ки ориф ҳангоми тачрибаи ирфонӣ, хештанро рӯ ба рӯ меёбад, ба ин маънӣ, ки вай ҳама чизро яке мебинад, вале ҳангоми таъбири он дучори сӯиътаъбир шуда, тавре аз он тачриба ёд кунад, ки

мавҳуми ваҳдати вуҷуд бошад ва ҳол он ки он таҷриба чизе беш аз ваҳдати шуҳуд набудааст. Бештари танқидҳои Шайх Алоуддавла Симнонӣ бар Ибни Арабӣ низ аз ҳамин ҷиҳат аст [168, С. 96].

Шарқшиноси маъруф - Мосинён низ ба ҳамин тафоввут ва фарқияти ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳудро шарҳу баён намудаанд. Масалан: «даъво кардаанд, ки ваҳдати вуҷуд ҳолате аст "орому сокин" ва ваҳдати шуҳуд ҳолати "ҳаракат, пӯёӣ" дорад, ваҳдати вуҷуд бо маърифат ва ваҳдати шуҳуд бо муҳаббат сару кор дорад ва дар ҳар ҳол, ваҳдати шуҳуд ба шаръ ва дин наздиктар аст» [347, С. 90].

Дар заминаи чунин андешаҳо, онҳо Ҳаллоҷро ба гурӯҳи ҷонибдорони ваҳдати шуҳуд ва Ибни Арабиро ба унвони намояндаи ваҳдати вуҷуд дар зеҳн доштаанд. Николсон ва шогирдонаш низ бар ҳамин равиш пеш рафтаанд, чунон ки яке аз онон мегӯяд: «Ибни Арабӣ муассиси ваҳдати вуҷуд аст... зеро ақволе, ки аз амсоли Боязид ва Ҳаллоҷ ва ҳатто Ибни Фориз, ки муосири Ибни Арабист нақл шуда, дар назари ман, далел бар ваҳдати вуҷуд нест, балки онон ба воситаи ҳуббашон (муҳаббаташон) ба Худо, аз хештан ва он чи мосивоуллоҳ аст, фонӣ шуданд ва дар вуҷуд ғайри Ӯро надиданд ва ин ваҳдати шуҳуд аст, на ваҳдати вуҷуд. Фарқ аст байни ҷӯшиши отифа ва шатҳиёти ҷазба, аз як сӯ, ва назарияи фалсафӣ дар илоҳиёт, аз сӯи дигар» [20, Ҷ.1, С. 25].

Онҳо ба ин тартиб ҳатто мақоми ирфонии Ибни Арабиро мункир шуда, ӯро баёнгари ваҳдати вуҷуде донистаанд, ки дар заминаи андешаҳои фалсафӣ бунёд ёфтааст, на ваҳдати шуҳудӣ, ки аз ҷазаботи илоҳӣ ҳосил шуда бошад. Вале аз сӯи дигар, Абдулваҳҳоби Шаъронӣ, мақоми Ибни Арабиро аз андешаи ваҳдати вуҷуд мубарро дониста, ӯро [40, Ҷ.3, С. 255]. ровии ҳолоти ирфонии хеш, ки аз ҷазаба ва ваҳдати шуҳуд пайдо шудааст, шарҳ додааст. Шаъронӣ дар посух ба ин интиқод, ки чаро Ибни Арабӣ дар осораш гуфтааст: мавҷуде ҷуз Худо нест (ло мавҷуд илло-л-лоҳ) посух додааст, ки: «Агар воқеан Шайх чунин гуфта бошад, ки мавҷуде чуз Худо нест, чунин чизеро ҳангоме бар забон оварда,

ки коинот дар ҳини шуҳуди Ҳақ дар назараш муталошӣ шудаанд. Чунонки Абулқосим Ҷунайд гуфта аст, ки ҳар ки Ҳақро бубинад халқро нахоҳад дид» [1, Ҷ.1, С. 13].

Ба андешаи Қосими Кокӣ:

1) Ваҳдат ба маънои ягонагии зотҳо бо зоти Худо нест;

2) Ин ваҳдат огоҳии орифро ба ғайри Худо аз миён мебарад, на воқеъияти тамоюзи (фарқи) вуҷудии Худо ва халқро;

3) Нафс танҳо аз роҳи лутф бо Худо муттаҳид мешавад, на аз роҳи сиришт [168, С. 246].

Чунон ки мулоҳиза мешавад, дар асли дуввум, нестии ғайри Худоро барои ориф на ба маънои набудан, балки ба маънои надидан тафсир кардааст ва шабеҳи ҳамон сухани Ҷунайд аст, ки аз қавли Шаъронӣ нақл шуда буд: «Ҳар, ки Ҳақро бубинад халқро намебинад».

Кокӣ менависад, ки: «Навиштаҳое, ки Ибни Арабӣ аз таҷрибаи ирфонии худ овардааст, аз он ҳикоят дорад, ки вай дар ҳолати ҷазаба ва истиғроқ дар Ҳақ аз ҳар чи ғайри Худост маҳв шуда ва ғайри Ӯро намебинад, масалан, дар баҳси намози мадҳӯш ва мағма (ғам, андуҳ) алайҳи мегӯяд: «Мадҳӯш соҳии (ғофил аз) ҳолате аст, ки ҷалоли Худованд ӯро ба фано расонда ва бо ҷамоли Ҳақ вайро рабуда ва дар ҳар ҳол аз тури (доираи) ақл хориҷ шуда бошад... ман худ муддате дар ин ҳол муқим будам... ва (дар намоз) ба ҳеҷ чизи дигаре (ғайр аз Худо) илм надоштам» [40, Ҷ.1, С. 479].

Дар ҳолати дигар, ҳолати ҷазаба ва фано аз хешро ҳолате медонад, ки боис мешавад шоҳид ба наҳве дар машҳуд мустағрақ (ғарқ) гардад, ки ҳеҷ чизи дигаре - ғайр аз машҳуд - дар вай таъсир накунад [40, Ҷ.2, С. 514]. Ин машҳуд мумкин аст ҳатто чизе ғайр аз Ҳақ таъоло бошад. Дар ин маврид Ибни Арабӣ аз яке аз устодони наҳв ёд мекунад, ки бо вай омаду рафт дошт, лекин имкони ҳолати фаноро инкор мекардааст, вале рӯзе воқеае барои ин шахс рух дода, ки зимни он маънои фаноро чашида аст. Вай ин воқеаро барои Ибни Арабӣ чунин

таъриф мекунад, ки ҳангоме ки сипоҳиёни ислом аз Андалус ба шаҳри Фос ворид мешуданд, ҳамроҳ бо мардум ба истиқболи онҳо рафта, вале ҳайбат ва азамати амири лашкар (амиру-л-муъминин) чунон вайро гирифтааст, ки мегӯяд: «Аз нафси хеш ва аз ҳама сипоҳ ва ҳар чи инсон ҳис мекунад фонӣ шудам ба тавре, ки садои кубидани таблҳо ва дуҳулҳо ва шайбурҳои ҷангиро - бо вуҷуди касраташон - ва низ сару садои ҷамъиятро намешунидам ва бо чашмам ҳеҷ кас аз оламро ғайр аз шахси амири лашкар (амиру-л-муъминин) намедидам... ҳатто ба нафси худ низ огоҳӣ надоштам ва намедонистам, ки дорам ба амири лашкар менигарам ва ба воситаи назарам ба ӯ, аз худам ва аз ҳама ҳозирон фонӣ шудам» [40, Ҷ.3, С. 479].

Ибни Арабӣ ин ҳолатро барои он шахс чунин тавзеҳ медиҳад: «Пас мушаххас шуд, ки фано ҳақ аст ва ҳоле аст, ки шахси фониро аз ин ки чизи дигаре (ғайр аз машҳуд) дар ӯ таъсир кунад, ҳифз мекунад. Эй бародар! Ин фано дар махлуқ аст (ки чунин таъсире дорад), аммо дар бораи фано дар холиқ чӣ метавон гуфт?» [40, Ҷ.1, С. 479].

Ибни Арабӣ дар ҷои дигар, тамсили мушобеҳеро аз ҳолати фано меоварад, ки ҷонибдори ваҳдати шуҳуд аст: «Монанди мутафаккире, ки дар фикри амре аз умури дунё ва ё масъалае мустағриқ шуда аст, бо - сухан мегӯй, намешавад. Муқобилаш ҳастӣ, туро намебинад, дар ин ҳолат навъи ҷумуд (карахтӣ, наҷунбандагӣ) дар чашмаш мебинӣ, чун ба матлубаш даст ёфт ва ё иттифоқе рух дод. Ба эҳсоси худ боз гашта туро мебинад ва каломатро мешунавад. Ин поинтарин дараҷоти фано дар олам аст» [40, Ҷ.2, С. 515].

Баъзе аз тамсилоте, ки Ибни Арабӣ барои баёни кайфияти идроки ваҳдат ба кор мебарад, мавҳуми ваҳдати шуҳуд - на ваҳдати вуҷуд - аст. Масалан, Ибни Арабӣ дар баёни ҳадисе, ки мефармояд: «Байни Ҳақ ва халқ ҳиҷобе дар кор аст, ки агар рафъ шаванд, ҷалоли ваҷҳи Худо он чиро аз халқ ба чашм меояд, месӯзонад» [75] мегӯяд: «Ин сӯзонидан иборат аст аз индироҷи (дохил кунонидан, ҷо додан, гузоштан) нури поинтар - ки халқ дар он ва ё айни онанд -

дар нури болотар, монанди индироҷи нури ситорагон дар нури хуршед, чунонки дар мавриди ситорае, ки таҳти шуъои нури хуршед қарор мегирад ё ин ки нур дар зоти ситора вуҷуд дорад мегӯянд сӯхта ва муҳтариқ (оташ гирифт, сӯхт) шудааст; манзур, маъдум шудан нест, балки табдили ҳол аст» [40, Ҷ.4, С. 92].

Яъне ҳамчунон ки дидани нури ситорагон дар баробари зуҳури хуршед номумкин аст, ҳангоми таҷаллии Ҳақ низ, халқ дида намешавад. Дар ин ҷо шуҳуде (мушоҳидае) барои ориф даст медиҳад, ки ба таъбири Ибни Арабӣ дар он шуҳуд: «Осор ва аъёни қобила аз соҳиби ин шуҳуд (мушоҳидачӣ) нафӣ мешаванд дар ҳоле, ки фи нафсиҳи мавҷуданд (худ ба худ) ва фонӣ нашудаанд ва ҳамоне ҳастанд, ки буданд, аммо дар ҳаққи соҳиби ин шуҳуд, маҳв шудаанд. Пас машҳуде ғайр аз Худои таъоло намемонад. Мавҷудот аз дидгоҳи соҳиби ин мақом ғоиб шуда, дар вуҷуди Ҳақ мундариҷ (ворид) мешаванд, монанди вақте, ки ситорагон ба воситаи тулуъи нури аъзам. Хуршед аз дидгоҳи шахс ғоиб мешаванд ва вай қобил ба фанои онҳо аз вуҷуд мешавад, дар ҳоле, ки дар нафси-л-амр нури онҳо фонӣ нашудааст» [40, Ҷ.3, С. 396].

Хуршед шабона ҳам метобад, вале пӯшида аст, вале ҳангоми рӯз хуршед метобад ва ҳама нурҳои дигарро таҳти шуъо қарор дода мепӯшонад. Коре, ки нури илоҳӣ анҷом медиҳад ҳамин аст, ки бар ҳама нурҳои дигар ғолиб омада, онҳоро мепӯшонад.

Дар ин ҳол дар ҳар чизе, ки мебинад ва ё мешунавад (ҳар чи бошад) Худоро мебинад. Дар ин ҳол дар ҳама ашё ҳеҷ чиз ҷуз таҷаллии Ӯро наметавон дарк кард. Ҳар чизе барои роиҳаи (бӯи) илоҳӣ дорад, зеро танҳо Худо дар чашми нафсат нишастааст. Масалан, агар замоне дуру дароз ба хуршед нигоҳ кунем, пас аз он ба ҳар чизи дигаре ғайр аз хуршед бингарем, тасвири хуршедро дар он хоҳем дид. Ҳамин хел низ ҳама чиз барои орифон Худои сирф хоҳад шуд, зеро дар ҳар чизе танҳо Ӯро мебинад [168, С. 250].

Яке аз вижагиҳои таълимоти Ибни Арабӣ дар маъноҳои гуногун, рамзӣ истифода бурдани вожаҳо мебошад, ки мафҳумҳои Вуҷуд ва вичдон яке аз

намунаҳои он мебошад.

Ҳама чизе, ки гуфтем, агар ваҳдати шуҳудро он чунон таъриф кунем, ки дар муқобили ваҳдати вуҷуд карор дошта бошад, навиштааст Кокоӣ, дар ин сурат ҳақ он аст, ки назарияи Ибни Арабӣ на ваҳдати вуҷуд аст ва на ваҳдати шуҳуд. Аммо ба он чизе, ки аз ваҳдати шуҳуд хоҳем дид, дар мавриди он ориф бояд гуфт, ки "ваҳдати вуҷуд"-и онон ҳамон "ваҳдати шуҳуд" аст.

Ин суол, ки оё шуҳуди ориф ҷанбаи объективӣ - айнӣ дорад ва ё субъективӣ - зеҳнӣ, дар назди худи Ибни Арабӣ низ матраҳ будааст, чунон ки дар гуногунии суратҳо ва касрат (гуногуншакл) таҷаллиёте, ки ориф худро бо он мувоҷҷеҳ мебинад, ин суолҳо барои Ибни Арабӣ пеш меояд, ки: «Айни олам бозгашташ ба чист? Ҳангоме ки Худо бар ту таҷаллӣ мекунад, чӣ чизе аз Ӯ машҳуд аст? Ихтилоф ва тағойири (тағйирёбиҳои) таҷаллӣ ба чӣ чизе боз мегардад? Оё боз гаштанаш ба тағоийри идроки туст, бад-ин маънӣ, ки рӯъяти (дидани) ту дигаргунӣ мепазирад ҳарчанд худи таҷаллӣ фи нафсиҳи мухталиф нест? Ва ё баръакси ин ихтилофот (ба навъи таҷаллӣ ва ба нисбат бар мегардад, на ба ту ва на ба Ӯ)» [40, Ҷ.3, С. 404].

Истис дар мавриди таҷрибаи ирфонии орифон навиштааст: «Ҳамаи мо, аъам аз ориф ва нооориф, тафоввути байни зеҳнӣ ва айниро чандон мутлақ ангохтаем (тасаввур кардаем), ки имкони шаққи солисро нодида гирифтаем». Вай дар қисмати дигаре мегӯяд: «Мондукияи Упонишад пас аз зикри се ҳолати оддии нафс, яъне ҳолати бедорӣ, ҳолати рӯъё ва ҳолати хоб бидуни рӯъё, қоил ба ҳолати чаҳоруме ҳам мешавад, яъне ҳолати ирфонӣ, аз ин қарор фарзонагон гуфтаанд, ки ҳолати чаҳорум на айнӣ аст ва на зеҳнӣ, на ҳатто баёни онҳост... балки огоҳӣ ва Худои маҳз аст... пас, ҳолати бедорӣ ҳолати шиносоии аъёни хориҷӣ аст... ҳолати хоб ҳолати шиносоии аҳлом (хобҳо) ва аҳволи дарунӣ аст... ҳолати чаҳорум шиносоии чизе аст, ки на берунӣ аст ва на дарунӣ» [153, С.150-201].

Дар шарҳу тавзеҳи ин матлаб, Ибни Арабӣ ин амрро марбут ба навъе

идрок ба номи хаёл медонад [168, С. 251]. Ӯ дар мавриди ихтилофи суввар ва дигаргунии таҷаллиёт мегӯяд: «Ҳукми хаёл ҳамвора ҳамроҳи инсон аст... ин амр хаёл номида мешавад, зеро медонем, ки ба нозир (назораткунанда) бармегардад, на ба худи шайъ фи нафсиҳи. Пас шайъ фи нафсиҳи собит ва бар ҳақиқати хеш боқӣ аст ва мутабаддил намешавад, зеро ҳақоиқ мутабаддил намегарданд ва барои нозир дар суввари мутаневвеъ (гуногуншакл, мухталиф) зоҳир мешаванд. Ин танаввуъ (гуногуншаклӣ) низ ҳақиқат аст ва аз танаввуъаш мутанавеъ нашуда, қабули субот намекунад» [40, Ҷ.3, С. 470].

Албатта ибораташ мумкин аст мавҳуми навъи идеализм бошад, вале мо дар зерфаслҳои оянда муроди ӯро аз хаёл будани олам, равшан хоҳем сохт ва хоҳем гуфт, ки аз назари ӯ, хаёлро наметавон ба маънои оддӣ объективӣ (айнӣ) донист ва на субъективӣ (зеҳнӣ). Дар ин ҷо ин нуктаро низ тазаккур медиҳем, ки ҳамон тавре ки аз ибороти Ибни Арабӣ пайдо аст, агар қарор бошад чизе ба хаёл баргардад касрат аст, на ваҳдат.

Барои равшантар шудани мавзӯъ, бори дигар ба “вуҷуд” боз мегардем. Гуфтем ки вуҷуд барои ориф маънои фаротар аз вуҷуд барои файласуфро дорад. Ваҳдат низ дар ин ҷо бо ваҳдат дар фалсафа ва мантиқ фарқ мекунад. Яке аз муҳаққиқон гуфтааст, ки: «дар ин ҷо вуҷуд барои ориф, “чизе аст, ки бо он фикр мекунад, на дар бораи он фикр мекунад... лизо ориф дар идроки хеш, худро бо мутааллиқи идрок (шахси идроккунанда) яке мебинад» [168, С. 252].

Ҳамин муҳаққиқ мисоле аз зиндагии рӯзмарра меоварад, ки бо нақли қавли Ибни Арабӣ аз он устоди наҳвӣ бешабоҳат нест: «Дар ҳангоми хоб ё ҳангоме ки маҷзуби як китоб ё намоишнома ё ғайри он мешавем, шахс аз таҷрибаи хеш ғофил аст, вай тамоми тавоҷҷӯҳ ва огоҳии хешро вақфи худи мутааллиқи идрок мекунад» [168, С. 252].

Минбаъд масъалаи таҷрибаи ирфонии орифро шарҳ дода навиштааст: «дар ваҳдати ирфонӣ, мутааллиқи таҷриба Худост. Ба назари ман, “маҷзуб шудан ва фурӯ рафтан дар идрок иборат аст аз иттиҳод бо мутаалиқи он. Ҳамон

тавре ки мумкин аст, касе худии хешро дар хоб дида ва хештанро ба сурати мутааллиқи идрок рӯъят ва шуҳуд (бубинад ва шуҳуд) кунад, ба ҳамин сон, иттиҳоди ирфонӣ тағрибаи воқеъӣ аст, ки иборат аз ягона шудан бо мутааллиқи идрок аст ва чун мутааллиқи идрок дар ин ҷо Худост, ориф дам аз ягонагӣ бо Худо мезанад» [168, С. 253].

Муҳаққиқи дигаре ин суолро матраҳ мекунад, ки дар ҳолати ирфонӣ ҳангоме, ки ориф маҷзуб шуда, ваҳдатро тағриба мекунад чӣ иттифоқе меафтад (чӣ рӯй медиҳад)? Оё масъала дар ин ҷо ҷанбаи вуҷудшинохтӣ (онтологӣ) дорад ва ё маърифатшинохтӣ (эпистемологӣ)? Аммо баҳс наметавонад ҳамон маънои маърифатшинохтии оддиро дошта бошад, зеро ки ақл наметавонад Худойро, ки фавқи ақл (аз болои ақл қарор дорад) аст, идрок намояд, пас: **“**Агар воқеъиятеро, ки ориф аз он дам мезанад (сухан мегуяд) чизе фарозеҳнӣ (аз зеҳн болотар) бидонем ба хато рафтаем. Вақте ки мудрик (идроккунанда, фаҳмкунанда) ва мудрак (дарккардашуда, идрокшуда) яке шуданд, дигар - бар хилофи идроки маъмулӣ - байни зеҳн (субъект) ва айн (объект) фосилае нест: “нафс дар ин ҷо тааммул бар вуҷуд, будан бо вуҷудро тағриба мекунад”.

Ҳамон тавр ки баъзе муҳаққиқон изҳор кардаанд, вақте ки мудрик ва мудрак ҷазб ва фонӣ шавад, аз ваҳдати мудрик ва мудрак сухан мегӯем, лекин ин ваҳдат: «бо ҳеҷ як аз ваҳдатҳое, ки мо мешиносем ва дар мантиқ бо он сару кор дорем, яке нест» [168, С. 254.].

Ба ҳар ҳол файласуф ба “вуҷуд” бо равиши фикрӣ ва ақлӣ назар мекунад ва ба дунболи илму-л-яқин аст ва ҳамвора худро аз мутаалиқи идрок (вуҷуд) ҷудо мебинад, лекин ориф дар пайи ҳақу-л-яқин ва мутаҳаққиқ шудан ба “вуҷуд” ва дар натиҷа ягона гаштан бо мутааллиқи идрок аст. Барои ориф “ёфтани вуҷуд” ва “вуҷуд ёфтан” яке аст ва ин ёфтан аз тариқи кашф ва шуҳуд аст, на аз роҳи фикр ва назар. Ба қавли Хоҷа Абдуллоҳ: «Илми ҳикмат оина аст ва илми ҳақиқат ёфти вуҷуд аст» [15, С. 16.].

Яке аз орифон гуфтааст: «Сӯфӣ ваҷдаш вуҷудаш аст» [15, С. 53.]. Ин ҷо ба

маврид аст, ки ба қавли Қушайрӣ низ дар ин замина ишора кунем. Вай аз се марҳалаи интисоб ба ваҷд ва виҷдон таҳти унвони 1) тавҳид. 2) ваҷд 3) вуҷуд ёдовар шуда, ҳар яки онҳоро чунин тавзеҳ додааст:

“Тавоҷуд ваҷд овардан бувад ба таклиф ба навъи ихтиёр; ва Худовандашро камоли ваҷд набувад ки агар камоли ваҷдаш будӣ воҷид будӣ... пас аз ин, ваҷд бувад; ва ваҷд он бувад, ки ба дили ту дарояд бе такаллуфи (заҳмати) ту... аммо вуҷуд пас аз он бувад, ки аз дараҷаи ваҷд даргузарад; вуҷуд набувад, магар пас аз он ки башарият мурда гардад, зеро ки башариятро наздики султон ҳақиқати бақо набошад... ва андар ин маънӣ гуфтаанд: “вуҷудӣ ан ағяб анил вуҷуд бимо ябду аллайи минал шуҳуд (вуҷуди ман ин аст, ки аз вуҷуд ғоиб шавам/ ба воситаи шуҳуде, ки бар ман зоҳир мешавад)”.

Тавоҷуд мубтадиёнро (оғозкунандагонро) бувад ва вуҷуд мунтаҳиёнро (комилонро); ваҷд восита бувад миёни ниҳоят ва бидоят, аз устод Абуалии Даққоқ шунидам, ки гуфт: «тавоҷуд бандаро ба вуҷуд барад, ваҷд муҷиби истиғроқи банда бувад ва вуҷуд муҷиби ҳалоки банда бувад» [55, С. 98 - 101].

Аммо аз сабаби он ки сӯфиён ғайри Худоро “нест” ва Худоро “ҳаст” медонанд, бинобар ин, аз байн рафтани ин нестӣ иборат аз идроки он ҳастӣ ва мутаҳаққиқ шудан ба ӯст. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин бора гуфтааст: «Дар таҷаллии султони маърифат ҷуз яке фародид наёяд дигар ҳама баҳона» [15, С. 21]... ба нест ҳаст ёфтан маҳол аст ва ношинохта ҷӯянда бар худ вубол аст [15, С. 21.]... он ки гуфт туро ёфтам аз худ бираст, на ба ғоиб ҳозир ҷӯянд на ба нест, ҳаст [15, С. 162].

Ба ҳамин тартиб, идроки ирфонӣ, аз назари сӯфиён, навъи идрок аст, ки дар он ҷо мудрик ва мудрак яке аст. Ибни Арабӣ низ ҳамчун вориси бузурги мероси сӯфия, ҳамин тариқро аз сар гузаронидааст. Ӯ файласуфонро аҳли назар меномад, яъне касоне, ки вуҷуд барояшон ҷанбаи объективӣ (айнӣ) ва субъективӣ (офоқӣ) дорад ва бо равиши фикрӣ ва ақлӣ ба он назар мекунад, аммо урафо (орифон) касонеро медонад, ки фосилаи вуҷуди айнӣ ва зеҳнӣ,

офоқӣ ва анфусӣ барояшон аз байн рафта ва бо дарёфти вуҷуд, ба он расидаанд ин аст, ки ононро “муҳаққиқ” мехонад. Дар мавридҳои зиёде Ибни Арабӣ ин ду тоифаро чунин ёд кардааст: «Аввом аз аҳли ислом аҳли тақлид ва аҳли назаранд... хавоси аҳлуллоҳ (баргузидагони), ки аҳли тариқи Худованданд, мутаҳаққиқон ва аҳли кашф ва вуҷуданд» [40, Ҷ.1, С. 38].

Ӯ муътақид аст, ки “асҳоби афкор” (аз аҳли назар ва далел) ба кунҳи маърифати вуҷуд пай намебаранд” [40, Ҷ.1, С. 20]. “ва ин сирре аст шариф, ки шояд дар охират агар Худо бихоҳад, бо шуҳуд (мушоҳида) бад-он воқиф шавӣ, дар ҳоле, ки муҳаққиқон дар дунё бад-он ноил омадаанд” [40, Ҷ.1, С. 38].

Ҷои дигар дар “Футуҳот” баҳс аз касрат ва ба хусус касрати иллалро марбут медонад ба: «истилоҳе, ки уқалои (оқилони) аҳли назар вазъ кардаанд, аммо назди муҳаққиқон собит аст, ки ҳастии ғайри Худо вуҷуде нест» [40, Ҷ.1, С. 279].

Ҷои дигар мусофирони тариқи илоҳиро се тоифа медонад:

1. Мусофирони роҳи дарё;

2. Мусофири роҳи хушкӣ;

3. Мусофире, ки байни дарё ва хушкӣ ҷамъ кардааст. Аммо мусофири дарёӣ “аҳли назар дар маъқулот” ва мусофирони заминӣ “аҳли зоҳир” ҳастанд, лекин «мусофире, ки байни хушкӣ ва дарё ҷамъ кардааст муҳаққиқони аҳлуллоҳ аз сӯфияанд, ки асҳоби ҷамъ ва вуҷуд ва шуҳуд (ҳум аҳлуллоҳи муҳаққиқун мина-с-суфияти асҳобу-л-ҷамъ ва-л-вуҷуд ва-ш-шуҳуд) ҳастанд» [40, Ҷ.4, С. 164].

Муҳаққиқон мулоҳиза менамоянд, ки барои Ибни Арабӣ шуҳуд ва вуҷуд яке аст. «Ёфтани вуҷуд” ҳамон “вуҷуд ёфтан” аст. Вай ба дунболи завқ ва чашидани худи вуҷуд (Худо) аст, на мафҳуми он, лизо ваҳдати вуҷуд барои ӯ, қобили табдил ба ваҳдати шуҳуд аст» [285, С. 3]. Вай ин завқ ва чашиданро ба вачд муртабит (алоқаманд) медонад: «Вачд назди тоифаи урафо иборат аз он аҳволе аст, ки дар қалб пайдо мешавад ва орифро аз шуҳуди хеш ва шуҳуди ҳар,

ки дар канори ӯ ҳозир аст, фонӣ мегардонад» [40, Ҷ.2, С. 537]... вуҷуд назди қавми сӯфия иборат аз вичдони (пайдо кардан, ёфтани) Ҳақ дар вачд аст. Мегӯянд, агар соҳиби вачд бошӣ, вале дар ин ҳол, Ҳақ машҳуди ту набошад, соҳиби вачд нестӣ, зеро Ҳакро дар он наёфтаӣ; ҳол он ки ин шуҳуди Ҳақ аст, ки туро аз шуҳуди худ ва шуҳуди дигарон фонӣ мегардонад» [40, Ҷ.2, С. 538].

Пас вуҷуд ва вичдон барои Ибн Арабӣ як маънӣ дорад. Вай ихтилофот дар вичдон ва онро низ ба тафоввути истеъдодҳо бар мегардонад [40, Ҷ.2, С. 537]. Бинобар ин идроки ориф аз ҳастӣ ба як маъно иборат аз фано ва нестии ӯ аст: агар амр ногаҳонӣ ворид шавад ва урафоро аз шуҳуди хеш ва огоҳӣ ба ин ки аҳли вачданд ва аз огоҳӣ ба ҳар маҳсуси дигаре фонӣ гардонад, ин амр назди қавм, вачд номида мешавад [40, Ҷ.2, С. 537].

Вуҷуди ҳақ айни таҳаққуқ ёфтани вачди ман аст,
Пас ман бо вуҷуд ёфтан, аз он фонӣ мешавам.
Ва ҳукми вачд ҳар чизеро аз ман фонӣ мегардонад,
Аммо ба кунҳи худи вачд пай бурда намешавад.
Вичдони вуҷуд ба ҳар вачҳ ва сурате ки бошад,

Аз ҷониби Ӯст хоҳ тавъам бо ҳол бошад ва хоҳ бидуни ҳол [40, Ҷ.2, С. 538]. (асли ин абёт чунин аст:

Вуҷуду-л-ҳақ айну вуҷуд вачдӣ,
Фонӣ би-л-вуҷуд фаният анҳу.
Ва ҳукму-л-вачд афни ал-кул аннӣ,
Ва ло юдри лаъин ал-вачд кунҳу.
Ва вичдону-л-вуҷуд би кули вачҳи,
Биҳоли ав бало ҳол фаминҳу).

Аз назари орифон таҳаққуқ ба ҳастӣ ва дарёфти ҳастӣ аз сӯи ориф, бо фанои ӯ баробар аст, ба ҳамин чиҳат дидани ҳақиқат (Худо) камоли ниҳоӣ нест, чаро ки ҳанӯз далолат бар вуҷуди ориф мекунад, зеро то вақте ки дар ҳоли нигоҳ кардан ба он ҳастем, дар он нестем. Ҳангоме ки касе шаъйеро таҳти

шуҳуд ва мулоҳиза дорад, бо он яке нест. Ҷое, ки ҳеҷ кас ҷуз аҳад даркор набошад, ҳеҷ чиз ғайри ӯ дида намешавад. Пас, ҳеҷ кас наметавонад Худоро бубинад, магар он ки кӯр бошад ва наметавонад ӯро дарк кунад, магар он ки ғофил бошад ва наметавонад ӯро бифаҳмад, магар он ки ҷоҳил бошад (яъне, ақл ва идрок ва рӯъят бояд аз байн биравад –З.З.) [168, С. 257].

Натиҷагирҳои фасли чаҳорум

Мо дар ин ҷо саъй хоҳем кард, ки ақволи болоиро бори дигар дар шакли натиҷагириҳо пешниҳод намоем. Ҳамин тавр, марҳалаи таҳаққуқ (амалигардонӣ, татбиқи амалӣ) дар тасаввуф эҳсосоте мебошад, ки дар натиҷаи сайру сулук ба даст омадаанд ва донише, ки аз ин роҳ ба даст омадаанд, он донишҳое ҳастанд, ки аз роҳи таҷрибаи шахсии ориф пайдо шудаанд. Эҳсосот ва он донишҳое, ки дар марҳалаи таҳаққуқ ба даст меоянд, асосан худодод мебошанд.

Ваҷд ва истиғроқ он ҳолати олитарини барангезиш ва илҳоми орифро ифода менамоянд, ки дар ишқи илоҳӣ аз сукри (мастии) маънавӣ ва хоҳиши дидор бо маъшуқ ва ғаму андуҳи фироқ аз ӯ пайдо мешавад. Ин ҳолат аз ҳақ ба абд нозил мегардад. Дар аксари адабиёти сӯфиёна “ваҷд” (ёфтан) бо “фақд” (гум кардан) истифода мешаванд. Агар яке аз инҳо биояд, дигарӣ бояд гум шавад. Ваҷд аз се ҳолат ва ё марҳалаи татбиқшавӣ: тавоҷуд, ваҷд ва вуҷуд иборат аст.

Тавоҷуд – омодагӣ ва ё саъю талоши банда барои пайдо кардани ҳолати ваҷд ва баъзан аз роҳи худро маҷбур кунонидан низ ба даст оварда мешавад. Тавоҷуд – ҳолати бемории нафсонӣ ва гиряву зори ё иштиёқи аз ҳад зиёдест, ки барои бартараф намудани ғаму ғуссаи дил ва ба даст овардани илҳом.

Ваҷд – натиҷаи ишқи бандаест, ки метавонад ҳазорон таҷаллии Худоро мушоҳида намуда, оромии ботиниро ба даст оварда, аз он лаззату ҳаловат мебарад, ин ҳолати баландтарини ваҷди маънавӣ мебошад. Чунин ҳолати ваҷд натиҷаи ишқи беҳудуди банда ба Худост, ки дар ҳар як ҳолат метавонад пайдо шавад (масалан, гиряи пайёмбар ҳангоми хондани Қуръон).

Вуҷуд – сатҳи болотарини ваҷд мебошад, ки баъд аз ҳолати ваҷд ба вуҷуд меояд ва маъноияш дар ин ҳолат – ёфтан, пайдо кардани Худо ва гум кардани мани “хеш” аст, зеро он ҷо ки султони Ҳақ пайдо мешавад, хусусиятҳои инсонӣ интиҳо меёбанд. Инсоне, ки вуҷудро аз сар мегузаронад, дорои ду ҳолат будан метавонад: “саҳв” ва “маҳв”. Саҳв ин пайдо кардани абадият дар Худо ва “маҳв” худро гум кардан дар Худо мебошад.

Ин се ҳолати болоро метавон ба тартиби зер ёдовар шуд: ибтидояш тавоҷуд, идамаи он - ваҷд, ва ниҳояти он – вуҷуд. Ё ба ибораи дигар, тавоҷуд ба соҳили баҳр омадан, ваҷд ба оби баҳр ворид шудан ва вуҷуд дар баҳр ғарқ шудан.

Аммо мафҳуми “истиғроқ” аз рӯи маъно ба вуҷуд наздиктар буда, шакли ба камол расидаи ваҷд мебошад. Ҳангоми мушоҳидаи маъшуқ – ба ваҷд омадани маъшуқ дар ишқи илоҳӣ, гум кардани робита бо олами моддӣ ва фаромӯш кардани он аст. Солики тариқат, ки барояш ин ҳолат ҳосил шудааст, ба санге шабоҳат дорад, ки ба баҳр партофта шуда ба қаъри баҳр фурӯ меравад. Ӯ дар баҳри ишқ ва тавҳид ғарқ шудааст.

Айнан ҳамин ҳолатест, ки “чизеро ба худ ҷазб кардан” – ҷазба дар тасаввуф барои ифода намудани ҳолате низ истифода мешавад, ки Худо бандаро бидуни саъю талоши банда ба худ ҷазб менамояд. Агар чунин ҳолат ба даст ояд, Худо ҳиҷобҳоро аз қалби бандаи дӯстдоштаи худ бар мегирад ва ӯро ба мартабаҳои болои маънавӣ мерасонад. Ба фазилати чунин ҷазба банда маншаи ҳақиқатро ба даст оварда, ҳама чиз ва ҳатто худашро ба ғайри Худо дар олам гум мекунад. Ба ғайр аз истилоҳоти болоӣ ҳамчунин истилоҳоте аз қабили “ишқ” ва “муҳаббат”, “хавф” ва “риҷо”, “қабз” ва “баст”, “ҳайбат” ва “унс”, “ғайбат” ва “ҳузур”, “маҳв” ва “исбот”, “сукр” ва “саҳв”, “фано” ва “бақо” ва ғ. , ки ба сатҳи қалб ва виҷдон мансубанд.

Албатта таҳқиқи ваҳдати вуҷуд омӯзиши муфассали ин таълимотро тақозо мекунад, вале мо ба хотири кутоҳбаёнӣ ва риояи ҳаҷму ҳудуди рисолаи илмӣ

маҷбурем, ба он ҳусни итмом бахшида, ба масоили дигаре бипардозем, ки дар ин фасли рисола камтар ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир шудаанд, ки паҳлуҳои дигари ваҳдати вуҷудро муайян мекунанд. Ин масоил низ зиёд буда, ҳар кадоми онҳо ниёзманди шарҳу тавзеҳоти муфассал мебошад.

Бо назардошти мушкилот, норавшаниҳо, маъниҳои амиқ ва духӯра, пур аз рамзу маҷозу киноя ва на ҳамеша фаҳмое, ки дар ин фасл моро ҳамроҳӣ менамуданд ва моро маҷбур мекарданд, ки тамоми нерӯҳои ҳиссиву ақлии худро истифода намуда, сабру таҳаммулро пеш гирем, фурсати муносбе фароҳам омадааст, ки дар бораи мушкилоти дарки ваҳдати вуҷуд саъй намоем.

Дар ин фасл масоили зиёди тавзеҳдиҳандаи ва ошкоркунандаи назарияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ, таърихи мухтасари ин андеша дар байни халқҳои гуногуни олам (Ҳинд, Юнон, то Ибни Арабӣ, худи ӯ ва шогирдону пайравони ӯ – Ҷиллӣ, Насафӣ, Ҷомӣ ва диг.) дар заминаи таҳқиқоти муҳаққиқони гуногуни олам таҳлилу тадқиқ шудаанд.

Дар ин фасл масъалаҳои марбут ба гносеологияи Ибни Арабӣ ирфон, кашф, шуҳуд, фано, илм, илм маъа-л-лоҳ, илм мина-л-лоҳ, илми виросат, илми ладунӣ, айну-л-яқин, ҳаққу-л-яқин, маориф, ваҳй, илҳом, фаросат, илми расмӣ, илми касабӣ, илми ваҳабӣ, завқ, зот, Аҳад, Воҳид аз назари Ибни Арабӣ ва мавқеъгириҳои муҳаққиқон дар тафсири онҳо шарҳу баён ёфта, бо порчаҳои шеърии арабӣ ва форсии орифони мусулмон музайян гардида, андешаҳои муҳаққиқони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Истилоҳи аъёни собита, ихтилофи андешаҳои гуногуни муҳаққиқони ғарбӣ ва шарқӣ, ки дар аксари ҳолатҳо боиси гумроҳӣ, баҳсу мунозираҳои баъзеи онҳо оид ба тарҷума ва фаҳмиши онҳо муфассал шарҳ дода шудаанд.

Яке аз масъалаҳои мураккаби ҷаҳонбинии ирфони ташбеҳ ва танзеҳи Худо, мавриди муҳокима ва таҳлили хосаи муаллиф қарордода шуда, мавқеи Ибни Арабӣ оид ба ҳаллу фасли масъала нишон дода шудааст. Қаробат ва умумият, ихтилофи андешаҳои ирфонии Ибни Арабӣ бо Ибни Сино дар бораи

моҳияти вуҷуд, мутаноҳӣ ва номутаноҳӣ будани он, Аллоҳ ва мосивоуллоҳ, вобаста будани мавҷудияти офариниш аз вуҷуди Ҳақ, “ҳаст будани Худо” ва “нест будани халқ”, оҷиз ва нотавон будани ақл дар шинохти Худо ва ғ. муфассалан таҳлил шудаанд.

Масъалаи ваҳдати вуҷуд, ваҳдати шуҳуд ва баҳсу мунозираҳои орифон ва махсус худи Ибни Арабӣ аз истилоҳоте мисли “Ҳама Ӯст”, “Ҳама аз Ӯст”, ҳамлаҳои ИбниТаймия, Аҳмади Сарҳиндӣ ба мутафаккир, шарҳи “вуҷуд” ва “виҷдон”, шарҳи мусофирони тариқаи илоҳӣ ва ғ. баён гардидаанд.

Дар охири ин фасл мушкилоти шарҳи пантеистонаи ваҳдати вуҷуд аз ҷониби муҳаққиқони муосир (махсусан, муҳаққиқи эронӣ Қосим Кокоӣ), шабоҳат ва ихтилоф, қаробат ва дури ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд бо пантеизм, панентеизм, фарқияти Ҳақ ва халқ, баҳси “иттиҳод”, “ҳулул”, “ваҳдат”, тавҳид, бехудоӣ ва пантеизм, созгор набудани пантеизм бо динҳои ироҳимӣ, махсусан бо асосҳои тавҳид ва шариати исломӣ, қаробати пантеизм ва атеизм муфассал баён шудаанд.

Ҳоло ба баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои асосии фалсафаи ирфон дар таълимоти Ибни Арабӣ – ҳастишиносӣ ва маърифат, ки мустақиман бо таълимоти фано ва бақо, фано ва нестӣ (адам), Худо ва олам (робитаи нафс бо Худо), хусусиятҳои нафси инсонӣ ва шинохти нафс – ҳамчун роҳи ягонаи шинохти Худо, яъне нафс, ақл ва робитаи онҳо бо таълимоти фано ва бақо, мақоми инсон ва шинохти нафс мегузарем, ки ин масоил ҳам аз мушкилтарин ва печидатарин проблемаҳои таълимоти Ибни Арабӣ ба ҳисоб мераванд.

БОБИ 5. МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ФАЛСАФАИ ИРФОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ АРАБӢ

5.1. Масъалаи офариниши ҷаҳон ё “Назарияи офариниши нав”-и Ибни Арабӣ

Қабл аз ҳама ҳамин нуктаро бояд ёдовар шуд, ки дар таълимоти ирфони фалсафӣ ва ё номи дигари он “фалсафаи тасаввуф”, ки муаллифи диссертатсия баргузида аст, Ибни Арабӣ таълимотеро тарҳрезӣ кардааст, ки мустақиман бо таълимоти ваҳдати вуҷуди ӯ робитаи мантиқӣ дошта, дар партави он масъалаи офариниши ҷаҳон – “халқи ҷадид”, - “офариниши нав”-ро пешниҳод намудааст, ки ин проблема, сарфи назар аз далелҳои қуръонии он, дар таърихи ирфони исломӣ, аз ҷониби ӯ бори аввал ба назар мерасад.

Ибни Арабиро дар боби тағйир ва табдил ёфтани аҷзои ҷаҳон, ки ҳар “он” – ҳар воҳиди ченаки вақту замон, воқеъ мешавад, ақида ва ройъи хосе аст, ки метавон аз он ба назарияи “халқи ҷадид – офариниши нав” номгузорӣ намуд. Ин назария яке аз афкори амиқи вай аст, ки худи у онро калиди ҳалли баъзе аз масоили жарф (амиқ, чуқур, пурмазмун) ва ғомизи (душворфаҳм, печида, норавшан) мобаъдалтабиа (он чизҳое ки берун аз табиатанд, ҳастӣ, вуҷуд, рӯҳ, Худо маънои зиндагӣ) ва ирфон қарор додааст. Пас аз ӯ, масъалаи “халқи ҷадид” чандон мавриди таваҷҷуҳи орифон ва арбоби завқу виҷдон қарор гирифтаст, ки дар шумори истилоҳоти муҳими тасаввуф ва ирфон даромад, чунонки Абдулраззоқ Кошонӣ дар адоди мусаталаҳот (истилоҳот) суфия онро чунин таъриф кардааст: «Халқи ҷадид иборат аст аз иттисоли (пайвастшавӣ, иртибот бо худо) имдоди (қудрат ё ёрии илоҳӣ) вуҷуд, аз нафаси раҳмонӣ ба сӯи мумкинот. Зеро ҳар мумкине билзот (хоси худ, аслии чиз) ва қатъи назар аз муҷидаш маъдум (нестӣ, нобудӣ) аст ва файзони вуҷуд аз нафаси раҳмонӣ бар мумкинот ба таври таволӣ (пайдарпай, давомнокӣ, пайвастагӣ) ва пай дар пай сурат мегирад; то он ҷо ки мумкинот пайваста ва дар ҳар “оне” дар халқи ҷадид мебошанд. Зеро нисбати вуҷуд дар ҳар оне ба сӯи онҳо ихтилоф мепазирад ва

адами зотии онҳо истимрор дорад» [48, С.100].

Таҳонавӣ низ дар бораи истилоҳи “халқи ҷадид” андешаашро иброз намуда, гуфтааст: «Халқ билфатҳ ва сукуни ал-лом (хомушӣ, оромӣ) офаридан ва офариниш ва офаридашудагон ва дар истилоҳи соликон оламе аст, ки мавҷуд ба модда ва муддат бошад, мисли афлок ва аносир ва маволиди салоса; яъне, ҷамодот ва наботот ва ҳайвонот, ки онро олами шаҳодат ва олами мулк ва олами халқ номанд. Ва халқи ҷадид дар истилоҳи суфия иборат аст, аз иттисоли имдоди вуҷуд аз нафси ҳақ дар мумкинот» [330, Ҷ.1, С. 446].

Мақсуд аз зикри иборати боло он буд, ки аз як сӯ, мафҳуми истилоҳи “халқи ҷадид” равшан шавад, аз сӯи дигар, гуфта ояд ки истилоҳнигорони мусталаҳоти суфия, онро ба ҳайси истилоҳи тасаввуф мавриди тавақҷуҳ қарор додаанд. Ба ақидаи Ибни Арабӣ, ҷаҳон пайваста дар тағйир ва ҳамеша дар таҳаввул ва ба ибораи дигар, ҳамвора дар офариниши нав аст; яъне олами зоҳир дар ҳар турфатулайн (чашм ба ҳам задан) фонӣ (нестӣ) мешавад ва дар ҳар оне ба адам мераваду дигаре мисли он, дар саҳнаи ҳастӣ зуҳур мекунад.

Дар назари Шайх Акбар: «халқ ва офариниш ва эҷоди олам аз адам ва эҳдоси он дар замон муайян нест, балки хилқат иборат аст аз тақаллии доим ва пайвастаи илоҳӣ ва зуҳури ҳақ дар ҳар оне дар суратҳои гуногун ва ло таъуд ва ло таҳсо (яъне онро ҳисобидан наметавон кард). Зуҳур ва тақаллии ҳақ бо такассур ва давоми худ абадан такрор намешавад, зеро нисбати зоти ҳақ ба ҳар сурате аз суввари (шаклҳои) вуҷуд, ғайр аз нисбати вай аст ба сурати дигар; чун ба ақидаи мактаби Ибни Арабӣ, ҳақиқат-ул-ҳақоиқ, ки зоти илоҳӣ аст, ҳақиқати ҳамаи ашё ва ҷавҳари олам аст, ки ба эътибори тақаллиёти мутакосира (бисёр, сершумор, гуногун) ва таъиноти мутаадид як бор, ба шакли ҳақоиқи ҷавҳария ва бори дигар, ба сурати ҳақоиқи аразия менамояд» [66, С. 79], (яъне, ғайри аслӣ, вобаста мебошад). Пас Холиқ ҳамон ҳақиқати азалӣ ва абадӣ аст ва махлуқи ҳамон суввар ва ишколе аст, ки пай дар пай бар он ҳақиқат собит, торӣ ва ориз мешавад. Ва офариниш иборат аст аз тағйиру табдилу фано ва тақаддуди он

шаклҳо, ки дар асари таҷаллиёти илоҳӣ ҳодис мешавад [71, С. 213]. Ба таъбири дигар, ҳақиқати олам ба манзалаи баҳр ва аҷзои олам ба мисли амвоҷе аст, ки бар сатҳи он баҳр зоҳир мегардад ва дар ду он боқӣ намемонад.

Аз нигоҳи Ибни Арабӣ , сирр ва рамзи халқи ҷадид, таҷаллиёти зоти ҳақ аст дар ашёи гуногун; яъне Ҳақ таъоло дар ҳар даме ва оне таҷаллӣ мекунад ва дар ҳар таҷаллӣ офариниши наве падид меояд ва халқе аз миён меравад. Пас, думболи ҳам рафтани офариниш (халқ) айни фано аст, ҳангоми таҷаллии вай, ва бақо ҳамон офариниши нав аст, ки таҷаллии дигар онро иваз менамояд. Ба қавли муҳаққиқи афғони Мубаллиғ «Ва метавон гуфт, ки Худовандро дар ҳар даме ду таҷаллӣ аст: яке барои рафъи вуҷуди собиқ ва дигар ба ҷиҳати ифозаи вуҷуди лоҳиқ. Ва аз маҷмуъи он, халқи ҷадид натиҷа мешавад ва таҷаллие такрор намешавад; зеро он яке муҷиби фано ва он дигаре, сабаби бақо аст. Аммо чун вуҷуди лоҳиқ аз ҷинси вуҷуди собиқ ва ҳамонанди он аст, маҳҷубон аз табаддул ва таҷаддуди вуҷуд ё халқи ҷадид бехабаранд. Ин таҷаллиёти пайвастаи илоҳӣ, аз як сӯ, муҷиби фано ва таҳаввули олам мешавад ва аз сӯе, иллати бақои он аст ва таътиле дар файз ва таҷаллии ӯ нест ва мавҷудоти олам ҳамвора аз фуюзоти (файзҳои) доимии Ӯ бархурдоранд. Бад-ин маъно, аҳли кашф ва асҳоби таҳқиқ пай бурдаанд; на аҳли назар ва касоне, ки ба ҳиҷоби ғафлат ба сар мебаранд”. Худи Ибни Арабӣ дар баёни матлаби болоӣ фармудааст: «Ва ҳаулоу ҳум фи либаси мин халқи ҷадид (доиман ло яшъуруна би залика аслан). Аммо аҳл ал-кашф, фаиннаҳум яруна (шуҳудан) инна ллоҳи таъоло ятаҷаллӣ фи кулли нафсин (би таҷаллиян аҳадуҳумо ли рафъи вуҷуд ас-собиқ ва-л-охар ли-ифозат ал-вуҷуд ал-лоҳиқ, фақад ҷоа мин маҷмуъ ал-фарз ал-мазкур). Ва ло юкарриру ат-таҷаллӣ (ли ана аҳадуҳумо юҷиб ал-фано ва-л-охар юҷиб ал-бақо) ва яруна айзан шуҳудан ин кулла таҷаллӣ юътӣ халқан ҷадидан ва юзҳабу бихалқин. Фа зиҳобуҳу ҳува айн ал-фано инда таҷалли (ал-муҷиб лил-фанои) ва-л-бақоу ламмо юътиҳи (ай ли халқ ҷадид юътиҳи) ат-таҷалли ал-охар (ал-муҷиб лил-бақо ва ламмо кона ал-вуҷуд ал-лоҳиқ мин ҷинс ал-вуҷуд ас-

собиқ, мимо салоса, лам яшъару ал-маҳҷубуна бил-халқ ал-ҷадид)» [37, С. 126 ва 66, С. 264].

Мавлоно Ҷомӣ, дар шарҳи ақидаи Шайх Акбар навиштааст: «Ва аммо арбоби кашф ва шуҳуд мебинанд, ки ҳазрати ҳаққ субҳона таъоло дар ҳар нафасе мутаҷҷалӣ аст ба таҷаллии дигар ва дар таҷаллии Ӯ аслан такрор нест; яъне дар ду он ба як таъйин ва як шаън мутаҷаллӣ намегардад, балки ҳар нафс ба таъйини дигар зоҳир мешавад ва дар ҳар оне ба шаъни дигар таҷаллӣ мекунад... ва сирр дар ин, он аст ки Ҳазрати ҳақро, субҳона ва таъола, асмои мутақобила аст; баъзе лутфия ва баъзе қаҳрия ва ҳама доиман дар коранд. Ва таътил бар ҳеҷ як ҷоиз на. Пас чун ҳақиқате аз ҳақоиқи имкония, ба воситаи ҳусули шароит ва иртифоъи мавонеъ (бардоштани монеъаҳо), мустаъиди (омодаи) вуҷуд гардад, раҳмати раҳмония ӯро дарёбад ва бар вай ифозаи вуҷуд кунад. Ва зоҳири вуҷуд ба воситаи талбис (пушидан, ба бар кардан) ба осор ва аҳкоми он ҳақиқат, мутаайян (муайян) гардад ба таъини хос ва мутаҷаллӣ шавад ба ҳасби он таъйин. Баъд аз он, ба сабаби қаҳри аҳадият ҳақиқате, ки муқтазии (лозим, талабкунанда) измеҳлоли (нопадид шудан, барҳам ёфтан, нестӣ) таъинот ва осори касрати сувварӣ аст, аз он таъйин мунсалих (ҷудошуда, хориҷшуда) гардад ва дар ҳамон он инсилох, бар муқтазои раҳмати раҳмония ба таъйини дигари хос, ки мумосили таъйини собиқ бошад, мутаайин гардад. Ва дар он, сонӣ, ба қаҳри аҳадият музмаҳил гардад ва таъйини дигар ба раҳмати раҳмония ҳосил ояд. Ва ҳакозо ила мо шоа Аллоҳ. Пас, дар ҳеҷ ду он ба як таъйин таҷаллӣ воқеъ нашавад ва дар ҳар оне оламе ба адам меравад ва дигарӣ ба мисли он дар вуҷуд меояд. Аммо маҳҷуб ба ҷиҳати таъоқиби амсол ва таносуби аҳвол мепиндорад, ки вуҷуди олам бар як ҳол аст ва дар азминаи мутаволия бар як манвол:

Субҳона аллоҳ зиҳӣ Худованди вудуд,
Мустаҷмаъи фазлу караму раҳмати ҷуд.
Дар ҳар оне барад ҷаҳоне ба адам,

Орад дигаре чу ӯ ҳамон дам ба вуҷуд» [286 С. 21].

Аз ҷумлаи мавҷудоти мумкина, яке худи инсон аст, ки ба ақидаи мактаби Ибни Арабӣ, аз қонуни халқи ҷадид истисно шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳамвора дар табаддул ва тараққӣ ва офариниши нав аст, чунончӣ Ибни Арабӣ худ мегуяд: «Ва мин аъҷаби умур иннаҳу фи тараққи доиман ва ло яшъуру бизалика лил-тофати ал-ҳиҷоб ва рақатаҳу ва ташаббаҳу ал-суввар» [37, С. 124]. Яъне: «аз умуре, ки сахт шигифтангез менамояд, он аст ки инсон пайваста, чӣ дар зоҳир ва чӣ дар ботини худ, дар ҳар оне аз сурате ба сурати дигар тараққӣ ва таҳаввул мекунад, аммо чун ҳиҷоби латиф ва рақиқ ва суввар ҳамонанди ҳам аст, бад-он тараққӣ ва таҷаддуди хеш мусташъар намешавад (онро дарк намекунад)» [66, С. 259].

Ҷои дигар гуфта аст: «...Бал инсон ло яъшуру биҳи мин нафсиҳи иннаҳу фи кулли нафсин ло якуну сумма якун» [37, С. 155]. Яъне: «Одам офариниши навро дар бораи худ намедонад, ки дар ҳар даме ва оне фонӣ мешавад ва вуҷудеро аз даст медиҳад ва сипас аз нав халқ мегардад ва вуҷуде бар вай изофа мешавад ва албатта замони завол ва вуҷуд ва урузаш (шакл, намоиш, қоида ё замина) яке аст, вуҷуди собиқ ва лоҳиқ бидуни тафоввут шабеҳи ҳаманд (монанданд)» [66, С. 331].

Дар бораи сарчашмаҳои назарияи “офариниши нав” муҳаққиқони афкори Ибни Арабӣ қариб ки бо ҳамдигар мухолифат надошта, ҳамаи онҳо Қуръон, андешаи ашъариён ва юнониро ҳамчун маншаъи ин таълимот шинохтаанд.

Агар чӣ назарияи “халқи ҷадид”-ро завқи орифона ва андешаи жарфи Ибни Арабӣ, дар ҳамон шакли дар боло зикршуда, тавсеъа бахшидааст, вале бегумон ин орифи донишманд, асоси фикри худро аз манбаъҳои дигар гирифта, сипас онро бад-ин шакли латиф дароварда бошад. Акнун ки маҷрои сухан ба ин ҷо расид, лозим аст, ки манбаъҳои назарияи “халқи ҷадид”-ро мавриди баҳс қарор диҳем.

Ба ақидаи диссертант, ба даст овардани решаҳои андешаи “офариниши

нав” чунон мушкил нест, зеро гуфтори худи Ибни Арабӣ дасти пажуҳандаро гирифта, ба сарманзили мақсуд мерасонад. Бинобар ин, нигоранда нахуст матни ибороти ӯро дар чунин шакл нақл карда, баъдан бар манбаъҳои он назария, ки аз ба таври натиҷагирӣ онро хулоса мекунад. Ибни Арабӣ дар фасси (боб, фасл) Шуайбӣ овардааст: «Ва мо аҳсана мо қола Аллоҳ таъола фи ҳаққи ал-олам ва табадулиҳи маъа ал-анфос (фи халқи ҷадид) фи айни-л-воҳида, фақола фи ҳақ тоифа ба-л-аксар ал-олам (бал ҳум фи либаси мин халқин ҷадидин). Фало яърафуна таҷдид ал-амр маъа ал-анфос. Лакин қад асарат алайҳи ал-ашоъира фи баъз ал-маҷудот ва ҳия ал-аъроз ва асарат алайҳи ал-ҳусбония фи-л-олам куллаҳу» [37, С. 125].

Мавлоно Ҷомӣ маънии асосии ибораҳои болоро дар китоби худ “Лавоеҳ” чунин овардааст: «Шайх, разиялоҳу анҳу, дар фасси (боб, фасл) Шуайбӣ мефармояд: олам иборат аст аз аърози (аразҳои) муҷтамаъа дар айни воҳид, ки ҳақиқати ҳастӣ аст, ва он мутабаддил (табдилёфта) ва мутаҷаддад (навсозӣ кардашуда) мегардад моъа-л-анфос (бо нафасҳо, ҳамроҳи нафасҳо) ва ал-онот (“он”-ҳо – воҳиди вақт). Дар ҳар оне (лаҳзаи зудгузари вақт) олам ба адам (нестӣ) меравад ва мисли он ба вуҷуд меояд. Ва аксари аҳли олам аз ин маънӣ ғофиланд, камо қола субҳона ва таъолӣ (ҳамчунон ки Аллоҳи бузург фармудааст): (бал ҳум фи лабаси мин халқин ҷадидин, яъне, онҳо дар либоси нав даромадаанд) ва аз арбоби назар касе бар ин маънӣ муталаъ (огаҳӣ наёфтааст) нашудааст, магар ашоъира (ба ҷуз пайравони ашъария) дар баъзе аҷзои олам, ки аъроз аст, (Қолу ал-аърозу ло табқи замонайн – аразҳо дар давоми ду замон боқӣ намемонанд): дигар (ва гурӯҳи дигаре, ки онҳоро ҳасбония, яъне суфастоён) ҳусбония (мебошанд), ки маъруфанд ба суфастоия дар ҳама аҷзои олам, чӣ ҷавоҳир (ҷавҳарҳо) ва чӣ аъроз (аразҳо)» [286, С. 20]

Аз таъаммул дар гуфтори собиқулзикри Ибни Арабӣ ба чунин натиҷа метавон расид, ки вай дар ибрози назарияи халқи ҷадид аз се сарчашма, яъне Қуръони Карим ва ақидаи ашоиъра (ашъариён) ва рои ҳусбония, мутаассир

шудааст. Инак мо дар пиромуни ҳар як аз он маъхази сегона, гуфтугӯ хоҳем кард, то бароямон ҳақиқати матлаб равшан шавад.

Қуръон. Ибни Арабӣ дар бораи аҳли назар ва аксари аҳли олам, ки аз фаҳм ва идроки офариниши нав ғофиланд ва намедонанд, ки ҷаҳон дар ҳар оне (фаврӣ, ҳозира, лаҳзаӣ) ба адам меравад ва мисли он ба вуҷуд меояд, ба ҷузъи ахири ин ояти шарифа ишора кардааст: «афъина би-л-ҳақ ал-аввал ба-л ҳум фи лабаси мин халқин ҷадид: яъне «бимондем ё дармондем ба офариниши нахустин, балки ишон дар гумонанд аз ин офариниши нав» [109, С. 272].

Аммо Фахруддини Розӣ дар тафсири ин ояти шарифа ду вақҳ оварда, ки хулосаи вақҳи дуввум ин аст: «эҳтимол меравад, ки мурод аз офариниши нахустин хилқати осмонҳо бошад» [177, Ҷ. 7. С. 601].

Абуалфазл Рашидуддин Майбадӣ овардааст: (Афъино билхалқи ал-аввал): яъне: Оё аз офариниши нахустин ва вомондаем, ки аз хилқати дуввум нотавон бошем? Ва ин барои мункарони тақрир аст; зеро онон ба хилқати аввал, ки иборат аст аз ибдоъ муътарифанд ва баъсро (резиш, барқарорсозӣ, фиристодан, эҳё ва зинда гардондан), ки хилқати дуввум аст, мункаранд (инкор мекунанд). Ҳусн (зебоӣ, хубӣ, некӣ) гуфта мурод аз хилқати аввал, офариниши Одам аст аз хок “бал ҳум фи лабаси” ай фи шакки “мин халқин ҷадидин” баъд-ал-мавт, яъне: “онон аз офариниши нав пас аз марг ба шаку шубҳа дуранд”. Байзовӣ ҳамин маъниро ба шакли дигар эзоҳ додааст: «Оё мо аз ибдоъ (навоварӣ) оҷизем, то он ки аз иода (бозгашт, такрор, барқарорсозӣ) нотавон бошем? Онҳо тавоноии моро бар офариниши аввал мункар нестанд (инкор накардаанд), балки дар бораи халқи ҷадид чун мухолиф бо одот ва ғайри мутаориф аст, шак доранд» [66, Ҷ.3, С. 317].

Руи ҳам рафта, он чи аз гуфтаи ғолиби муфассирон истифода мешавад он аст, ки мақсуд аз офариниши нахустин дар ояти шарифа ибдоъ, ва аз халқи ҷадид иода (бозгашт, такрор) ва баъс (эҳёгардонӣ) аст. Вале Ибни Арабӣ, бар хилофи гуфтаи онон, пораи дуввумини оятро чунонки дидем, нисбати асҳоби

назар ва касоне, ки аз назарияи “халқи ҷадид” ғофиланд, таъвил карда, изофа бар он, роъйи худро бад-он оятитасдиқ намудааст. Дар чанд ояти дигари Қуръон низ иборати “халқи ҷадид” омада аст, ки яқинан Ибни Арабӣ, ки аз муфассирони китоби осмонӣ аст [1, Ҷ.1, С. 8] ва ҳамин ҷиҳат нигоранда дар китоб Ҷомӣ ва Ибни Арабӣ, онро мансуб ба Ибни Арабӣ донистааст. Дуктур Абдулҳалим Наҷҷор, дар муқаддимаи худ бар китоби “Мазоҳиб ат-тафсир ал-исломӣ” мегуяд, ки: «Голстар дар ин китоб он ҷо ки равиши суфиёнро дар тафсири Қуръон мавриди баҳс қарор дода, бар тафсири мансуб ба Ибни Арабӣ эътимод кардааст. Ва ғолиби уламо онро мунҳаввил (ба каси дигар мансуб) медонанд ва муаллифи ҳақиқии он Қошон тилмизи Ибни Арабӣ аст. Худованд ба ҳақиқати амр доно аст”), он оёти шарифаро дар назар дошта, агарчи дар ҳангоми истишҳод ба зикри яке тайман (нишони некӣ, ёд кардан, пайравӣ) ва табаррук аст. Ин аст он оятҳо: 1.(Сураи Раъд, ояти 5) 2.(сураи Иброҳим, ояти 19). Байзовӣ дар тафсири ин оят гуфтааст: “Агар Худо бихоҳад, шуморо нобуд мекунад ва дар ивази шумо халқи дигареро меофаринад. Худованд ин маъниро офаринандаи осмонҳо ва замин аст мубтанӣ ва аз хилқати замин ва осмон бар он истидлол фармуда, зеро холиқе, ки усули офариниши онро аз қабили замин ва ончи аз замин мерӯяд биофарид, метавонад онҳоро ба халқи дигар табдил фармоед ва ба ҷойи онҳо офариниши наве падид орад» [66, Ҷ.2, С. 293] (Сураи Бани Исроил, ояти 10). 4. Сураи Бани Исроил, ояти 97 5. Сураи ас-Саҷда, ояти 10. 6. Сураи ас-Сабо, ояти 7. 8. Сураи Фотир, ояти 16.

Муҳаққиқи афғон Мубаллиғ оид ба ин масъала ибрози андеша намуда гуфтааст: «Агарчи зоҳири ағлаб ояти шарифа нозир ба масъалаи баъс (эҳё, зинда гардондан) баъд аз марг ва иодаи (такрор, дубора иҷро кардан) аҷсом аст, аммо ҷои тардид нест, ки Ибни Арабӣ дар назарияи мавриди баҳс, аз он оёти муборака истифода карда ва таъбири “халқи ҷадид”-ро аз онҳо иқтибос кардааст. Пас, ба муқтазои мактаби Ибни Арабӣ, масъалаи баъс (эҳё, зинда гардондан) низ яке аз мавориде аст, ки халқи ҷадид бар он мутобиқат менамояд.

Ҳамчунон Ибни Арабӣ ва Ҷомӣ дар исботи ақидаи халқи ҷадид, ба ояти мубораки “кул явм ҳу фи шоън” низ такя кардаанд.

Худи Ибни Арабӣ ба ақидаи ашъариён ишора намуда, таъкид кардааст, ки «ашъариён ба нав шудан ва тағйир ёфтани баъзе мавҷудот, яъне аъроз (аразҳо) пай бурдаанд. Бояд гуфт, ки масъалаи бақо ва адами бақои аразҳо дар миёни донишмандони ислом аз қадим боз мавриди баҳс ва гуфтугу қарор доштааст. Масалан имом Абулҳасан Ашъарӣ дар китоби “Мақолот ал-исломиин”-и худ, ихтилофи мукаллиминро бар сари ин масъала ба тафсил овардааст» [76, С. 46]. Аз он ҷумла, арбоби калом (мутакаллимон), Ашъарӣ бар онанд, ки аъроз (аразҳо) дар ду вақт ва замон боқӣ наемонад, балки пайваста дар инқизо (нест шудан) ва таҷаддуд (нав шудан) аст, яке ба адам (нестӣ) меравад ва дигаре билофосила монанди он муҷаддадан (аз нав) ба вуҷуд меояд.

Муҳаққиқи покистонӣ Саид Шариф дар бораи он ки “чаро ашоъира ба адами бақои аъроз қоиланд, мегуяд: «ашоъира (ашъариён) бад-ин рафтаанд, зеро эшон муътақиданд, ки сабаби ниёзмандии ашё (ҳама чизҳо, ашёҳо, молу мулк) ба муассир ва холиқи “ҳудус” онҳост ва аз ин ҷо лозим меояд, ки олам дар ҳоли бақои худ аз сонеъ бениёз бошад. Пас, ашоира (ашъариён) бад-ин гуна он эътирозро дафъ карданд, ки шарти бақои ҷавҳар араз аст. Чун араз пайваста дар ҳоли таҷаддуд (нав шудан) ва ҳудус (пайдо шудан) аст. Аз ин рӯ, ҳамвора ба муассир ниёзманд мебошад. Бинобар ин, ҷавҳар низ дар ҳоли бақои худ, ба воситаи эҳтиёҷ шарташ – араз – ба суи муассир ба вай муҳтоҷ аст ва аслан истиғноӣ дар миён нест» [155, С. 37].

Пайравони қадимтари муътазила, монанди Наззом, Абулқосими Балхӣ, маъруф ба Каъбӣ, дар масъалаи адами бақои аъроз бо ашоъира иттифоқи назар доранд [76, Ҷ.2. С.44.]. Аммо файласуфон ва муътазилиён муътақиданд, ки ҷузъ азмина, ҳаракот ва асвот, эърози дигар боқӣ мемонад [155, С. 38]. Абулҳусайни Басрӣ иддао мекунад, ки илм ба бақои аъроз аз қабили сиёҳӣ ва сафедӣ, зарурӣ ва бадиҳӣ аст. Ибни Арабӣ ашоъираро (ашъариён) дар ин ки таҷаддуд ва

табаддулро ба аъроз ихтисос додаанд, тахтиъа (хато) мекунад ва мегӯяд: «Ва аммо ал-ашоъира ва мо аъламу ан ал-олам куллиҳи маҷмуъ аъроз фаҳува ятабаддал фи кулли замонин изо ал-араз ло юбқа замонайн ва юзҳара золика фи ал-ҳудуд ли-л-ашё, фаиннаҳум изо ҳад ва ал-шайъ табаянна фи ҳаддиҳим кавнаҳу ал-аъроз ва ин ҳазиҳи ал-аъроз ал-мазкура фи ҳадд айн ҳазо ал-ҷавҳар ва ҳақиқату ал-қоим бинафсиҳи. Ва мин ҳайси ҳува араз ло якуму бинафсиҳи, ман якум бинафсиҳи ка-л-таҳйиз фи ҳад ал-ҷавҳар ал-қоим бинафсиҳи ал-зоти ва қабулиҳи лил-аъроз ҳад лаҳу зоти. Ва ло шак ин ал-қабул араз изо ло якун илло фи қобил лианнаҳу якуму бинафсиҳи ва ҳува зоти ли-л-ҷавҳар. Ва ат-таҳйиз араз ло якун илло фи мутаҳайиз фало якуму бинафсиҳи. Ва лайса ат таҳйиз ва ал-қабул биамр зоид ала айн ал-ҷавҳар ал-маҳдуд лианна ал-ҳудуд ал-зотия ҳия айн ал-маздуд ва ҳувиятаҳу, фақад сора мо ло юбқа замонайн юбқа замонайн ва азминату. Ва ода мо ло якум бинафсиҳи якум бинафсиҳи. Ва ло яшъарууна ламмо ҳум алайҳи ва ҳаулоу ҳум фи лабаси мин халқин ҷадидин» [37, С. 125-126].

Ҳамчунонки аз шарҳҳои “Фусус” ба даст меояд, чунин аст: ашоъира ба ҳақиқати олам ва инки ҷаҳон иборат аст аз маҷмуи сувваре, ки онро аъроз номидаанд, пай набурдаанд ва ҷавоҳире, ки аслан вуҷуд надорад, собит кардаанд. Ва аз айни воҳид, ки дар он суввар зоҳир аст ва ҳақиқати суввар, ки ҳувияти ҳақ аст, ғофил мондаанд ва ба табдили аъроз дар онот муътақид шудаанд; зеро вақте ки чизеро таъриф ва таҳдид мекунанд, дар ҳад ва таърифи араз будани он чиз зоҳир мешавад. Чӣ, дар таърифи инсон мегуянд: ҳайвони нотиқ аст ва маънои нотиқ он аст, ки инсон соҳиб ва дорои нутқ – ана зу нутқ - аст. Шакке нест, ки мафҳум – соҳиб - зу – нисбат аст ва нисбати араз мебошад. Ва гуё, ки ба воситаи он нисбат барои ӯ собит мешавад, аразе аст зойид бар ҳақиқати ҳайвон ва хориҷ аз он. Ҳамчунон дар таърифи ҷисм мегуянд, ҷавҳаре аст мутаҳайз ва қобили абъоди сегона. Таҳийз (омодагӣ, тайёр кардан, фароҳам овардан) ва қабул дар назди онон арази зоти ҷисм аст, бад-ин маънӣ, ки ҷавҳари

маҳдуд дар назди эшон ҷисм аст ва таҳйиз ва қабул, зоти он аст. Ва зот ҷузъ моҳият (аст). «Пас мутаҳайиз қобили ҳамон худ ҷавҳар аст, бо ин ду эътибор, ки иборатанд аз таҳйиз ва қабул. Ва ин ду, ду нисбате аст, ки дар хориҷ вуҷуд надорад, зеро айни он дуро дар хориҷ на амри зоид бар он. Ва аз ин ҷо маълум шуд зотиёте, ки дар назди онон аҷзо маҳдуд аст, ҷуз эътибороти авориз (нисбӣ будани аразҳо) чизи дигар нест. Бинобар ин, он чиро, ки ашоъира ҷавҳар медонистанд, иборат аст аз маҷмуъи аъроз ва аъроз дар ду замон боқӣ наемонад. Пас, ба ҳасби зоҳир ва ҳисс, чунонки маҳҷубон мепардозанд, маҷмуъи эърозе, ки дар ду замон пойдор нест, чунон менамояд, ки ду замон, балки замонҳо боқӣ аст. Ва ин тоифа, аз табаддулоти худ огоҳ нестанд; чӣ аъёни оно, аърозӣ аст, ки дар ҳар он табаддул ва тағйир меёбад ва Худованд эшонро дар ҳар замоне офариниш мебахшад» [295, С. 230].

Шореҳи мактаби Ибни Арабӣ, Мавлоно Ҷомӣ, мақсуди ӯро чунин бо ибороти рушан шарҳ медиҳад: «Ва аз арбоби назар касе бар ин маънӣ маталлаъ (огаҳ) нашуда аст, магар ашоъира (ашъариён) дар баъзе аҷзои олам, ки аъроз (аломатҳо, нишонаҳо, паҳлуҳо) аст. Ҳайсу қолу “аърозу ло юбқа замонайн” дигар ҳисбония... ва ҳар як аз ин фариқайн мин ваҷҳ хато кардаанд. Аммо ашоъира ба сабаби он ки исботи ҷавоҳири мутаадид кардаанд, варои ҳақиқати вуҷуд. Ва эърози мутабаддилаи мутаҷаддаро (навсозишшуда) ба онҳо қоим дониста ва надонистаанд, ки олам ба ҷамъи аҷзо нест, магар аърози мутаҷадидаи мутабаддала маъа ал-анфос ва ал-онот, ки дар айни воҳид ҷамъ шудаанд, ва дар ҳар оне аз ин айн зоил мешаванд ва амсоли онҳо ба вай муталлабас (пушонида) мегардад. Пас, нозир ба воситаи таоқиби амсол (баъди ҳам омадани мисолҳо) дар ғалат меафтад, мепиндорад, ки ин амре аст воҳиди мустамир (кори ягонаи идомаёбанда), камо яқилу ал-ашоъара фи таоқиб ал-амсол ала маҳалли ал-араз мин ғайри халу ан мин ал-араз мумасоил ли-л-шахс ал-аввал фаязунна ал-нозир онҳо амри воҳиди мустамир... далел бар онки олам маҷмуи аърози маҷтамаъа аст, дар айни воҳид, ки ҳақиқати вуҷуд аст, он аст ки

ҳар чанд ҳақоиқи мавҷудотро таҳдид мекунад, дар ҳудуди эшон ғайр аз аъроз чизе зоҳир намешавад. Масалан, вақте ки гуянд инсон ҳайвони нотиқ аст, ва ҳайвон ҷисми номӣ аст ва ҳассос мутаҳаррик би-л-ирода, ва ҷисм ҷавҳаре аст қобил мар ибъоди салосаро, ва ҷавҳар мавҷуде аст ло фӣ мавзуъ, ва мавҷуди зотӣ аст ки мар ӯро таҳқиқ ва ҳусул бошад, дар ин ҳудуд ҳар чи мазкур мешавад ҳама аз қабили аъроз (аразҳо) аст, илло он зоти мубҳам, ки дар ин мафҳумот малҳуз аст; зеро маънии нотиқ, зот лаҳу ал-нутқ аст; ва маънии номӣ; зот лаҳу алнану; ва ҳаказо фи ал-бавоқӣ. Ва ин зоти мубҳам, аъйни вуҷуди ҳақ ва ҳастии ҳақиқӣ аст ки қоим аст ба зоти худ ва муқаввам аст мар ин аърозро. Он ки арбоби назар мегуянд: амсол ин мафҳумоти фусул нестанд, балки лавозими фусуланд, ки ба он аз фусул таъбир мекунанд, ба воситаи адами қудрат бар таъбир аз ҳақоиқи фусул бар ваҷҳе ки мумтоз шаванд аз моъдои худ ба ғайр аз ин лавозим ё лавозиме ки аз инҳо ахфо бошад, муқадимае аст мамнуъ ва каломе аст номасмуъ. Ва бар тақдир таслим, ҳар чи назар бо ҷавҳари зотӣ бошад, қиёс ба он айни воҳид аразе хоҳад буд; зеро агар чи дохил аст дар ҳақиқати ҷавҳар, хориҷ аст аз он айни воҳид ва қоим аст ба ӯ. Ва даъвои он ки ин ҷо амре ҳаст ҷавҳарӣ, варои айни воҳид, дар ғояти суқут аст, ба тахсис вақте ки кашфи арбоби ҳақиқат, ки муқтабас аст аз машкути нубувват, ба хилофи он гувоҳӣ диҳад. Ва мухолифи оҷиз бошад аз иқомати далел, валлоҳу якулу ал-ҳақ ва ҳува юҳди ал-сабил» [286, С. 20-22].

Дар миёни мактаби Ибни Арабӣ ва ақидаи ашъариён, ихтилоф дар ин аст, ки онҳо оламро ба ҷавҳар ва араз тақсим мекунанд ва аразро қоим ба ҷавҳар медонанд ва мегуянд, ки аразҳои олам нопойдор ва мутаҷадад аст ва ақида доранд ки ҷавҳари олам ғайр аз вуҷуди ҳақ ва ҳастии мутлақ аст.

Ногуфта намонад, ки ақидаи Ибни Арабӣ, дар боби таҷаддуди олам, ба назарияи мутакаллими машҳури муътазилӣ Иброҳим бин Соир ҳонӣ ал-Низом (ваф 231 ҳ.) бисёр монанд аст [216, Ҷ.1, С. 54].

Ибни Арабӣ ба маншаи сеюми ғояи “халқи ҷадид” бо номи “Ройи

Ҳусбония” (суфастоён) ишора намуда намуда гуфтааст: “ва асарат алайҳи ҳусбония фи олам куллаҳу”. Яъне муроди вай аз гурӯҳи “Ҳусбония”, ки ба таҷадуд ва табаддули тамоми олам қоиланд, суфистоиён аст. Ҳусбония аз калимаи “ҳасаб”, ки ба маънои гумон ва ё ақида кардан аст, гирифта шуда ва чун суфистоиён инсонро мизони ҳама чиз медонанд, вале ҳақоиқи хориҷияро эътироф надоранд ва даъво мекунанд, ки ҳақиқат он аст ки шахс ба он эътиқод дорад, на инки би-з-зот ҳақиқат бошад, Ибни Арабӣ калимаи “ҳасбония”-ро бар онҳо итлоқ кардааст [20, С. 153].

Мутахассисони соҳаи фалсафа хуб медонанд, ки решаи ин таълимот ба файласуфи Гераклит (475-540 м.) мерасад, ки ба андешаи ӯ олам ба мисли рудхонаест, ки доим дар ҷараён аст ва ду он бар як ҳол нест ва ҳама чиз дар ҷунбиш аст. Бинобар ин, дар бораи ҳеч чиз наметавонем гуфт “ҳаст”, балки бояд гуфт, ки чиз дар ҳоли ҳаст шудан қарор дорад. Ба андешаи у, эътиқод ба “ҳастӣ” хатост ва асл, “шудан” аст. У ҳамчунин гуфтааст, ки “Мо бар як руд фуру мешавем ва фуру намешавем, мо ҳастем ва нестем”. “Наметавон бар як наҳр ду бор фуру рафт, зеро пайваста обҳои наве дар атрофи ту ҷорӣ мегардад”. Пас агар тағйир ва ҷунбиш набошад, ҳеҷ чизе “намешавад”, зеро истиқрор ва субот, марг ва адам мебошад.

Протагор низ ки аз пайравони маъруфи софистон мебошад, ки фармудааст: «инсон мизони тамоми ашёъ аст; мизони вуҷуди чизҳое аст, ки мавҷуданд ва мизон адами ашёе аст, ки маъдуманд». Афлотун ин ақидаи Протогорро ба назарияи Гераклит марбут донистааст.

Мақсуд аз инсон дар ин ҷо фард аст, на моҳияти навъия. Ва афрод дар хилқат ва шуъури худ бо якдигар ихтилоф доранд ва ашёъи мухталиф ва мутағайиранд ва эҳсосот мутаадид ва мутаъоризанд: Оё чунон нест, ки аз як ҳаво яке ба ларза меояд ва дигар ба ларза намеояд? Бар яке хафиф ва бар он дигаре сайқал менамояд? Ва ҳаво дар он вақт чӣ гуна ҳаст ва оё сард аст ё гарм? Оё метавон гуфт дар назди он касе, ки ба ларза афтодааст, сард аст ва дар назди

дигар сард нест? Аз ин рӯ, ҳеч чизеро наметавон ёфт, ки фӣ зот бар як манвол бошад ва ҳеч чизро наметавон ба таври дақиқ вазъ кард ва номгузорӣ намуд; зеро тамоми ашё доим ва пайваста дар таҳаввул аст.

Ин буд, иҷмоли ақидаи суфастоиён, лекин Ибни Арабӣ онро низ хато ҳисобида, изҳор кардааст, ки агар чӣ ҳусбония ба табдили тамоми аҷзои олам ақида доранд, аммо хатоии онҳо дар он аст, ки маърифати ҳақиқат ва ҷавҳаре, ки ба василаи ақл дарк мешавад ва он шаклҳоро дар худ мепазирад боз монданд; ва агар бад-ин нукта даст меёфтанд, ба муртабити таҳқиқ ноил мешуданд. Вай пас аз зикри ақидаи ашъариён ва ҳусбония, ба хатоии онҳо чунин хулоса баровардааст: валакин ахтоу ал-фариқон: аммо хатоу ал-ҳусбония...(ҳар ду гурӯҳ ҳам ба иштибоҳ рафтаанд, аммо пайравони ҳусбония хато намудаанд) с. 301

Ҷомӣ дар шарҳи ибороти боло гуфтааст: «Ва аммо хатоии суфистоия он аст, ки маъа қавлаҳум би-л-табаддул фи-л-олами босира мутанаббаҳ (огоҳ) нашудаанд ба он ки як ҳақиқат аст, ки мултабис мешавад ба суввар ва аърози олам. Ва мавҷудоти мутаъяна, (муаяйншуда, мушаххас), мутааддид менамояд ва зуҳур нест уро дар маротиби кавнӣ ҷуз ба ин суввар ва аъроз; чунонки вуҷуд нест инҳоро бидуни ӯ дар хориҷ:

Суфастоӣ, ки аз хирад бехабар аст,
Гуяд олам хаёле андар гузар аст.
Оре олам ҳама хаёл аст вале,
Ҷовид дар ӯ ҳақиқате ҷилвагар аст» [286, С. 20].

Пас, аз баҳси болоӣ метавон натиҷа гирифт, ки он чизи дар Қуръон зикр шуда ва ақидаҳои ашъариён ва ҳасбония дар ташаккул ёфтани назарияи “халқи ҷадид” таъсир зиёд гузоштааст. Ибни Арабӣ аз андешаҳои ашъариён ва софистон (ҳасбония) истифода намуда, дар заминаи ақидаи ваҳдати вуҷуди худ, назарияи офариниши навро ба вуҷуд оварда, онро бо оятҳои қуръонӣ асоснок намудааст.

Ибни Арабӣ ҳатто аз қиссаи қуръонии Арши Балқис (сураи Намл, ояти 40) низ истифода намудааст, ки баррасии муфассали он вақти муносибтареро тақозо мекунад

Сухане чанд низ дар бораи консепсияи халқи ҷадид пас аз Ибни Арабӣ низ бояд гуфт, ки мантиқан идомаи баҳси мо мебошад

Дар фосилаи байни замони Ибни Арабӣ ва зуҳури Мавлоно Ҷомӣ, илова бар шореҳон ва шогирдони мактаби ӯ, аз қабили Садруддин Қунавӣ ва Ҷундӣ амсоли эшон, бархе аз суфиёни дигар, ки зоҳиран самти интисоб (мансуб шудан, вобаста будан) ба мактаби ӯ надоранд, муътақид ба назарияи халқи ҷадид буданд. Ва аз он ҷумла, яке орифи бузургвор ва фарзонаи равшани замир ва соҳибдили мо, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ аст, ки дар Маснавии шариф аз анфоси (нафасҳо, лаҳзаҳо, дамҳо) қудсияи худ, ишорате роҷеъ ба офариниши нав ва таҷдиди амсол дорад, аз ин қабил:

Сурат аз бесуратӣ омад бурун,
Боз шуд к-ино илайҳи роҷеъун.
Бас туро ҳар лаҳза маргу ранҷъатест,
Мустафо фармуд дунё соатест.
Ҳар нафас нав мешавад дунёву мо,
Бехабар аз ӯ шудан андар бақо.
Умр ҳамчун ҷӯи нав нав мерасад,
Мустамире менамояд дар ҷасад.
Шохи оташро бичунбонӣ бисоз,
Дар назар оташ намояд бас дароз.
Ин дарозӣ муддате аз тезии санъ,
Менамояд суръатангезии санъ [122, С. 25].

Ғайбро абреву обе дигар аст,
Осмону офтоби дигар аст.

Нояд он илло ки бар хосон падид,
Боқиёнро фи лабас мин халқи ҷадид [122, С. 42].

Ҳар замон дилро дигар майле диҳам,
Ҳар нафас бар дил дигар доғе ниҳам.
Кулл асбоҳ лано шаъни ҷадид,
Кулли шайъ ан мирдоди ло яҷид [122, С. 163].

Дар инҷо суоле пеш меояд, ки оё ҳазрати Мавлоноро бо Ибни Арабӣ пайванди маънавӣ барқарор буда ва масъалаи халқи ҷадид аз ӯ мутаасир шуда аст? Дар посухи ин пурсиш метавон гуфт, ки Мавлоно Румӣ аз муосирирони Ибни Арабӣ (вафоташ 638) ва Мавлоно Румӣ (вафоташ 604) мебошад, яъне дар охирҳои умри Ибни Арабӣ таваллуд ёфтааст. Мавлоно Румӣ барои таҳсили улуми зоҳир ва касбу камол ба Ҳалаб ва аз он ҷо ба Димишқ рафта ва муддати чаҳор ё ҳафт сол дар он ҷо зиндагӣ намудааст. Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи ин мулоқоҳо гуногун буда, баъзе муаллифон тахмин мекунанд, ки шояд ба суҳбати Ибни Арабӣ ҳам ноил омада аст. Масалан Камолуддин Ҳусайн Хоразмӣ дар шарҳи Маснавии мавсум ба “Ҷавоҳир-ул-асрор” навиштааст: «Дигар вақте ҳазрати Худовандгор (Мавлоно Румӣ) дар маҳрусаи Димишқ буд, чанд муддат бо малик-ул-орифин муваҳҳиди муҳаққиқи комил-ул-ҳол ва алқол шайх Муҳиддин ал-Арабӣ ва малик-ул-машоих ва ал-муҳаддисин шайх Садруддин Ал-Қунавӣ суҳбат фармудаанд.

Ва ҳақоиқ ва асроре, ки шарҳи он туле дорад бо ҳамдигар баён карда; Устод Фурузонфар, пас аз нақли каломи Камолуддин, ба гуфтори худ чунин идома додааст: «Ва ин сухан, ба воқеъ наздик аст, чӣ аз Мавлоно, ки марду мутахассис ва толиб ва ҷуёи мардони Худо буд, дур менамояд, ки муддате дар Димишқ иқомат гузинад ва Муҳиддинро ба ҳама шуҳрат дидор накунад... ва аз мулоқоти Валади Чалапӣ... мустафод аст, ки Мавлоно дар мавқее, ки бо падараш ба Шом ворид гардид, Муҳиддинро зиёрат кард ва ҳангоми бозгашт,

Мавлоно Ҷалолуддин пушти сари падар мерафт, Муҳиуддин гуфт: Субҳоналлоҳ! Уқёнусе аз паси як дарёча меравад» [274, С. 46].

Муҳаққиқ андешаҳояшро идома дода, тахмин кардааст, ки: «Пас, бо қурби аҳд ва дидори Мавлоно ва Ибни Арабӣ, маҷоли шакк боқӣ наемонад ки Худовандгор дар ҳангоме ки бо китоб сару сарӣ дошта, Футуҳот ва Фусусро дида бошад. Ва ин уқёнусро бо он баҳри жарф дар маҷози афкори ирфонӣ бархурд ва мулоқоте иттифоқ афтода бошад, хоса ки Мавлоноро бо шогирд ва шореҳи бузурги ӯ Садруддин Қунавӣ, ки ба таъбири Ҷомӣ "наққоди каломи шайх" буда ва мақсуди шайх дар масъалаи ваҳдати вуҷуд бар вачҳе, ки мутобиқи ақл ва шаръ бошад, ҷузъ ба татабуъи таҳқиқоти вай, фаҳми он камо янбагӣ (ҳамон тавре ки бояд осон ва дастрас) муяссар намешавад, робитаи дустӣ барқарор буда ва бо якдигар мафавазотӣ (музокирот), доштаанд. Дар бораи мавзуи иртиботи маънавии Мавлоно бо Ибни Арабӣ ҳамин қадар, ки дар ин ҷо гуфта шуд, кофӣ аст, вагарна ин баҳс сари дароз дорад.

Аммо бояд таъкид кард, ки вақте ки аз назарияи халқи ҷадид ва сайри таърихи он гуфтугӯ ба миён меояд, наметавон аз назарияи "ҳаракат дар ҷавҳар" ва пайванди он бо ақидаи "офариниши нав" чашмпушӣ намуд. Сарфи назар аз марғуб будани ин мавзуъ таҳқиқи пурраи он ба вазифаҳои дар назди мо гузошта берун аст, барои ҳамин таҳқиқ ва баррасии онро ба муҳаққиқони дигар ҳавола мекунем.

Аммо масъалаи офариниши ҷаҳони ҳастӣ аз нигоҳи Ибни Арабӣ низ дар осори у бисёр зиёд ва дар ҷилваҳои гуногун тавзеҳ меёбад, ки мулоҳизоте чанд дар бораи онҳо ба манфиати возеҳияти ин масъала хоҳад буд. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки мавзуи ишқу муҳаббат низ дар осори мутафаккир аз мавзуҳои марказии назарияи ваҳдати вуҷуди онро ташкил медиҳад. Барои мо ин мавзуъ дар айни замон дар робитаи мустақим бо таълимоти ваҳдати вуҷуд ва офариниши нав таваҷҷуҳпазир мебошад ва табиист, ки шарҳи муфассали он таҳқиқи ҳаматарафаи онро тақозо мекунад, ки вақту замони дигар ва фурсати

муносибтарро мехоҳад».

Козим Муҳаммадӣ навиштааст: «Дар назари орифон, офариниши ҷаҳон мубтанӣ бар назарияи ишқ аст. Ҷаҳони хилқат бо ишқ офарида мешавад ва бо ишқ ҷараён пайдо мекунад ва ишқ дар ҳақиқат ба манзалаи ҷони ҷаҳон ва ба манзалаи ҷисми он маҳсуб мешавад.

Ҳадиси қудсии “кунту канзан мухфиян фааҳбабту ан аърафу фахалақту ал-халқ кулла уъарафу”. “Ман ганҷи ниҳоне будам, дуст доштам шинохта шавам, пас ҷаҳонро халқ кардам, то маро бишносанд”, сабаҳои офаринишро муайян мекунад. Худованд ба манзалаи “ганҷи ниҳонӣ”, ки майл ба шинохта шудан дорад, ҷаҳонро халқ мекунад, то мардум Ӯро бишиносанд. Пас, фалсафаи офариниш тибқи ин назария, ки Ибни Арабӣ низ онро бовар дорад ва бисёр ҳам такрор мекунад, мубтанӣ бар назарияи маърифат, он руи дигари сикка ишқ аст”.

Бадеҳӣ аст, ки офариниши ҷаҳон бо амри илоҳӣ ва он ҳам бо калимаи розомези “кун” (Бишав) сурат мегирад ва Ибни Арабӣ низ дар таъвили ин калом мегуяд: ҷаҳон чун он асвоти малфузе (аз лаб барояндае) аст, ки аз даҳони одамӣ хориҷ мегардад. Чунонки овозҳои талаффузшуда аз нафси одамӣ сарчашма мегирад, олам низ бо “нафси ар-раҳмон” эҷод шудааст, ва шакли сазовор ва муносиби худро мегирад. Аммо дар ин нафси ар-раҳмон калимоте низ вуҷуд дорад, ки ҳар як дорои рамзест, ки аз нишонаи он маҳсуб мешавад.

Ҳуруфи алифбо, ки дар ҳақиқат рамзе аз шумораи фалакҳост, бо низоми олам ва эҷоди олам ҳамоҳанг ва ҳамово аст, ки гуё бо ҳар як аз ин ҳуруф навъе аз ҳақоиқи ашё шакл гирифта, офарида мешавад. Ин аз мақулоте аст, ки Ибни Арабӣ дар китоби “Футуҳот” ба он бисёр таваҷҷуҳ кардааст.

Аз ин гузашта, монанди он ки нафси одамӣ давраи қабз (фишурдашавӣ) ва басте (васеъшавӣ) дорад, ҷаҳон низ аз чунин ду марҳалаи мутамиме мегузарад. Дар ҳар лаҳза фонӣ ва дар лаҳзае пас аз он таҷдид офариниш меёбад. Бе он ки миёни ин ду марҳала ҷудоии замон зоҳир гардад, ҳангоме ки дар марҳалаи қабз аст, ба зоти илоҳӣ боз мегардад ва дар марҳалаи басти дубора таҷаллӣ ва буруз

пайдо мекунад. Ба ин тартиб, ҷаҳон таҷаллии зоти парвардигор аст, ки ҳар лаҳза таҷдид мешавад» [291, С. 104-106, 244, С. 23].

Табиист, ки муҳаққиқони муосири таълимоти Ибни Арабӣ ин таълимоти уро мавриди танқид қарор дода, сайъ намудаанд, ки онро ноқис ва зидди таълимоти динии ислом намоиш диҳанд.

Мағзи ин дидгоҳ он аст, ки ҷаҳон ҳамон зуҳур ва таҷаллии зоти Худованд аст ва ҳамон гуна, ки дар баҳси ваҳдати вуҷуд ва мавҷуд гузашт, Ибни Арабӣ ақида дорад Худованд дар танзили зоти хеш аз марҳалаи аҳадият ба мартабаи улуҳият ва таҷаллӣ дар мумкиноти ҷаҳонро, эҷод намудааст (ин масоил дар боби чаҳорум ва панҷуми диссертатсия низ муфассалан тавзеҳ ёфтаанд). Ин дидгоҳ комилан бо таълимоти исломӣ мухолиф тавзеҳ меёбад. Дар таълимоти аҳли шиъа омадааст, ки офариниши Худованд ибдоъӣ аст ва “ло мин шайъ” (на аз ҳеҷ) аст. Яъне Худованд ҷаҳонро офарид бидуни модда ва нақшаи пешин, аммо Ибни Арабӣ ва орифон қоиланд, ки Худованд бо таҷаллии зотӣ ҷаҳонро халқ намуд, яъне ҷаҳонро аз зоти худ эҷод кард.

Ибни Арабӣ дар даҳ ҷои “Футуҳот”-и хеш ва дар “Фусус ал-ҳикам” дар фасси Мусовия ҳадиси “Кунту канзан мухфиян...” (Ганҷи ниҳоне будам...)-ро зикр мекунад ва бо далелҳо ба онҳо андешаҳои хешро матраҳ намудааст. Тибқи ин ҳадисҳо, ҷараёни офариниш бар мабнои ишқ тавҷеҳ мешавад, зеро Худованд дуст дошт, ки шинохта шавад, пас ҷаҳонро эҷод кард.

Суфиён ақида доранд, ки ҳаракати ҳуббӣ ва таҷаллии Худованд ҷаҳонро эҷод намуд, пас ҷаҳон аз зоти Худованд сарчашма гирифта ва чун бар асари ҳаракати ҳуббӣ (ошиқона) Худованд эҷод шуда, Худо ба махлуқоташ ишқ меварзад.

Аммо бар ин ҳадис аз ду ҷиҳат мавриди танқид қарор дода мешавад:

1. Ин ҳадисӣ қудсӣ, ки суфия мураттаб барои ибрози ақоиди худ бад-он истинод мекунанд, ҳеҷ гуна санаде надорад. Дар бархе аз кутуби ҳалиси шиъа ва суннӣ ин ҳадис мавҷуд аст ва ғайри қобили истинод ва эҳтимоли қариб ба

яқин аз ҷаълиёти суфия мебошад.

2. Илова бар бе санад будани ин ҳадис, мазмуни он ҳам бо матнҳо ва далелҳои ақлӣ созиш надорад. Тибқи мазмуни ин ҳадис бояд ниёзмандиро ба Худованд нисбат диҳем, зеро ҳадис мегуяд, ки Худованд дуст дошт ҷаҳонро халқ кунад то шинохта шавад; пас бояд гуфт, ки Худованд ниёз ба шинохта шудан дорад, бинобар ин махлуқотро офарид. Ин ақида ҳеҷ гуна созише бо бурҳонҳои ақл ва матнҳои шаръӣ надорад.

Ин ки Ибн Арабӣ ва урафо оламро нафаси ар-раҳмон медонанд низ бо матнҳои шаръӣ ва бурҳони ақл созгорӣ надорад. Ҳадафи Ибни Арабӣ ва ҳамаи орифон аз муаррифӣ кардани олам ба нафс-ар-раҳмон ин аст, ки бигуянд олам аз зоти Худованд маншаъ гирифта ва он айни зоти Ӯст ва дар марҳалаи танзил ҳамон гуна, ки нафси инсон ҳам аз зоти Ӯ маншаъ гирифта, марҳалае аз танзили зоти инсон аст. Аммо тибқи муҳокамоти маорифи тавҳиди исломӣ, олам махлуқи Худо аст ва Худованд онро ибдоъ карда, яъне аз чизе наёфаридааст ва байни зоти олам ва Худованд фарқ менамояд.

Натиҷаи баҳс: ҷаҳон таҷаллии зоти Худованд намебошад, балқи ибдоъи илоҳӣ аст, ки Худованд онро бидуни моддаи аввалия, нақша ва тарҳ эҷод намудааст, ки ин дидгоҳ комилан мутобиқ бо Қуръон ва тавҳид мебошад. аммо Ибни Арабӣ ва орифони суфӣ ақоидашон дар муқобули он қарор дорад.

Ва ин ки ҷаҳон доим дар ҳоли тағйир ва шудан ва эҷод аст, дуруст аст, аммо Худованд таҷаллии зотӣ на карда, ин таҷаллии доим дар нав шудан ва таҷдид қарор дорад, балки ҷаҳон таҷаллии феъл ва қудрати илоҳӣ аст, ки доим дар ҳоли шудан, таҳаввул ва дигаргунӣ аст ва ин аст дидгоҳи ҳақ ки аҳли байти исмат ва таҳорат мураввиҷи он мебошад [372, С. 291].

Консепсияи “Халқи ҷадид”-и Ибни Арабӣ аз Қуръон (35:16, 17; 17:49, 50:15) гирифта шудааст, вале дар ин ҷо танҳо ба маънои аз нав халқ кардан ва дар рӯзи қиёмат аз нав зинда кардани онҳо меравад.

Дар таълимоти Ибни Арабӣ барои краетсионизми (аз креатио – халқшуда

– «таълимотест, ки дар бораи офариниши яквақтинаи эҷодии олам, табиати ҷондор ва беҷон) теистона вуҷуд надорад. Ибни Арабӣ дар рӯҳияи пантеистона аз ҷиҳати замонӣ пештар вуҷуд доштани Худоро рад намуда, таъкид мекунад, ки "замоне вуҷуд надоштааст, ки олам вуҷуд надошта бошад» [40, С. 16]. Олам на танҳо азалӣ, балки дар замон бе бидоят (оғоз) ва беинтиҳо (интиҳонаёбанда) мебошад. Илова бар ин, файласуф офаринишро ҳамчун офариниш аз адами мутлақ қатъинан рад ва дар пайравӣ аз муътазилиён тасдиқ мекунад, ки офариниши ашё танҳо гузарише аз як ҳолат ба ҳолати онтологии дигар, аз вуҷуди интеллигибелӣ – ба феноменалӣ, аз ҳастии имкон – ба ҳастии воқеӣ мебошад. Чунин гузаришро худи табиати ашё ба миён овардааст, аз ин рӯ, ба Худо ҳеҷ гуна интихоби озоде боқӣ наменомад, яъне Ӯ амалан аз ирода – аз сифати ҳатмии Худои теистона маҳрум мегардад [40, Ҷ.1, С. 338; Ҷ.2, С. 402], дар ин бора боз поинтар дар зербоби поёнӣ, ки ба масъалаи "зотҳои ноуменалӣ" бахшида шудааст, сухан хоҳад рафт).

Баъдан, дар тафоввут аз анъанаи динӣ, ки тибқи он Худо оламро дар як дафъа, дар муҳлати як фосилаи замонии муайян (дар шаш рӯз –З.З.) офаридааст, Ибни Арабӣ ҳамеша дар бораи офариниши доимӣ ва мутассили хориҷ аз замон сухан гуфтааст. Худо ҳамеша дар офариниш (халқ) қарор дорад, ки ин ба андешаи ориф дар ояти Қуръон таъкид шудааст: «Худо ҳар рӯз дар шаънест» (корест) (55:29) [40, Ҷ.3, С. 198-199].

Дар ин матн "явм"-"рӯз"-ро бояд дар маънои атоми замон (замон фард) [40, Ҷ.1, С. 392] бояд фаҳмид. Олам динамикӣ (мутаҳаррик) аст, «дар вай умуман сукун вуҷуд надорад, зеро вай муттасил аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузарад» [40, Ҷ.3, С. 303-304]. Мутассил навшавии кайҳон натиҷаи тақаллии мутассили Худо дар шаклҳои мушаххас аст, ки дар воқеъ ҳама ин ба худтақаллӣ айният дорад" [37, С. 126].

Ба такрор таъкид мекунем, ки таълимоти сӯфиёнаи "халқи ҷадид" идомаи минбаъдаи таълимоти ашъариҳо дар бораи навшавии мутассили (офариниши)

аразҳо мебошад. Ин таълимот, ба андешаи Ибни Арабӣ, номутассил аст, зеро вай ба ҷавҳари ҷисм интишор намеёбад, ҳарчанд ки зимни барассии қарибтарин ошкор мешавад, ки дар тафсири ашъарии он, ахирӣ моҳияти маҷмӯи аразҳо мебошад. Аз ин рӯ, на танҳо "аразҳо"-и анъанавӣ, балки он чиро ки мо "ҷавҳарҳо" меномем, бояд ҳамчун аразҳои доимо навшаванда баррасӣ шаванд. Субстрати тамоми ин тағйирот як "ҷавҳар"-и ягона аст, ки бо Вуҷуди Мутлақ айният дорад [37, С.125-126].

Ҳамроҳ бо муқаррарот дар бораи навшавии мутассили аразҳо Ибни Арабӣ аз мутакаллимон таълимотро дар бораи сохтори атомии ҷисмҳо ба орият гирифта, онро дар соҳаи вақт низ интишор додааст. Дар низоми ӯ "ҷисми хурдтарин" аз ҳашт атом: ду атом хат, ду хат сатҳ ва ду сатҳ ҷисмро ташкил медиҳанд. Вақт низ атомӣ аст, "вақти хурдтарин", "вақти ягона" (замон фард) – ин вақти минималии вақтест, ки дар он навшавии олам, "халқи ҷадид"-и он амалӣ мегардад. Дар баробари ин офариниши нав ба он маъно континтуально мебошад, ки дар миёни ду акти пайдарпай ояндаи офариниш, ҳеҷ гуна фосилаи вақтӣ – "лаҳзаи фаношавии (шайъ), лаҳзаи пайдошавии ба он монанд мебошад" [37, С.126, 40, Ҷ.1., С. 292; Ҷ.3, С.275].

Барои сохтори айният, дар олами доимо навшаванда Ибни Арабӣ ба ваҳдат аз ҷониби моҳият наздик мешавад, ки онро метавон робитаи коэссенсиалӣност номид. Ин муносибат, дар навбати худ, дар ду навъи робитаҳо – "уфуқӣ (горизонталӣ)" ва "амудӣ" (вертикалӣ) зоҳир мегардад. Аввалинаш, робитаи миёни ашёи доимо навшаванда мебошад ва он чизе, ки дар назари аввал ҳамон як чиз мебошад, дар ҳақиқат худи ҳамон як чизи дар ду лаҳзаи вақти пасиҳам оянда шуда наметавонад, балки ду чизи "монанд" (шабеҳ) мебошанд. Аммо сарфи назар аз ин, чиз ваҳдати аввалияи худро аз даст намедиҳад, ҳувияти худро маҳз ба фазли он ҳифз мекунад, ки ҳама тағйироти ба якдигар монанд, ки доимо дар он пайдо мешаванд, азалан аз ҷониби худи табиаташ, "моҳияти ноуменалии" худаш дар он муқаррар гардидаанд. Ваҳдати

эссенсиалӣ низ ҳамчунин дар асоси робитаи уфуқии (вертикалии) байни ашё хобидааст. Масалан, чунин аст, айнияти худ ба худи Худо, ки дар эътиқодот ва тасаввуроти гуногуни одамон зоҳир мегардад [37, С.73-124]. Ва умуман, тамоми ашёи мушаххасан вуҷуддошта моҳиятан модусҳои беинтиҳои гуногуни ҷавҳари воҳид ва ягона, зуҳуроти гуногуни модусҳои ҳамон як зот мебошанд, ки ахиран ба Воҳид меоваранд.

Дар ҷараёни мутассили ташаккулёбӣ ду ҷараёни якдигарро пурракунанда вуҷуд доранд. Аз як тараф, маънои "халқи ҷадид" ин аст, ки Худо худро дар шакли касрати беинтиҳои ашёи "мумкин" зоҳир мегардонад. Ин "таназули" Мутлақ аз ҳолати ягона ва зарурӣ то ҳолати воҳид ва касир мебошад. Аммо дар айни замон худи раванди таназзули мутассил мебошад, ки аз мавқеи "мумкин" баррасӣ мешавад, ба ҷараёни мутассили "тараққии доимӣ" табдил меёбад [37, С. 140]. Дар ин маъно, ҳар як чиз мутассил ба Мутлақ бо ҳамон "таназзули" ахирӣ "тараққӣ" мекунад. Барои нишон додани ғояи "таназзул" ва "тараққӣ" одатан мисоли доираи курра (доирашакл) оварда мешавад, ки дар меҳвари амудии (горизонталии) худ вуҷуд дорад.

Нисбатан мушаххастар Доираи бузурги вуҷуд дар чунин шакл ба назар мерасад. Аз қутби болоӣ Воҳид, қавси нузулкунандае меояд, ки аз Ақли Аввал, Нафси ҷаҳонӣ то ба замин (аниқтараш, чаҳор унсурҳои физикӣ - хок, об, ҳаво ва оташ) – қутби муқобили он мегузарад. Аз ахирӣ қавси суъуд мекунад, ки аз маъданҳо, наботот, ҳайвонот гузашта бо инсон, ки айни Ақли аввал мебошад, интиҳо меёбад. Ҳамоҳангии вуҷуд дар қавси сууд на танҳо маънои табақабандии амудӣ ("вертикалӣ"), "онтологӣ", балки уфуқӣ ("горизонталӣ"), эволюсионизми мувақаттиро дорад. «Дар замин сараввал маъданҳо, баъдан "наботот" ва баъдтар "инсон" пайдо шудаанд. Зимни он кулминатсияи ҳар кадоми онҳо аз ин салтанати вуҷуд ибтидои (оғози) баъдина ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, кулминатсияи маъданҳо дар айни вақт трюфел аст, кулминатсияи наботот ва дар айни замон ибтидои ҳайвонот дарахти хурмо мебошад,

кулминатсияи ҳайвонот ва дар айни вақт ибтидои одамон маймун мебошад» [40, Ҷ.1. С. 125].

Аз ҷониби дигар, дар партави таълимоти “халқи ҷадид” Ибни Арабӣ мафҳуми анъанавии сӯфиёнаи “фано” ва “бақо”-ро низ шарҳу баён намудааст. Аммо дар таълимоти ӯ ин ду истилоҳ маънои аввалияи худро, ки бо иттиҳоди психологӣ-ирфонии сӯфӣ бо Худо алоқаманд аст, гум мекунанд. Фано ва бақо дар вуҷудия дорои маънои онтологӣ шуда, ба дилхоҳ чизи мушаххас, ба ҳар як шакли вуҷуди феноменологӣ, мансубият пайдо мекунанд. Онҳо аз рӯи моҳияташон, ду самти якдигарро пурракунандаи “халқи ҷадид” мебошанд. Ахирӣ, гузариши мутассили шайъ аз як шакл ба шакли дигар мебошад, аз ин рӯ, маъноях маҳв шудани шакли куҳна ва ҳифз шуданаш дар нав мебошад [37, С. 126]. Зимнан фано ва бақо ҳар лаҳзаи вақт навшавиро дар феъли “халқи ҷадид” инволютсия ва эволютсияи (васеъшавӣ - раванди тағйиротҳо дар табиат ва ҷомеъа, ки оҳиста-оҳиста боиси тағйирот ва дигаргуниҳо мегардад) ҷавҳарро ифода мекунанд.

Минбаъд фано ва бақоро метавон ҳамчун тавсифи шайъи ниҳоӣ дар ду робитаи гуногун, меъёрҳо баррасӣ намуд: аввал, дар самти мансубияташ ба олами феноменалӣ - халқ, дуввум, аз назар мансубияташ ба вуҷуди ноуменалӣ – ҳаққ. Аз ин рӯ, ягон шайъ комилан аз байн намеравад. Ояти Қуръон “Ҳама чиз ҳалокшавандааст, магар ваҷҳи Ӯ”(28: 88), ки дар он ҷойнишини “Ӯ”-ро илоҳиётшиносон одатан ба Худо мансуб медонистанд, Ибни Арабӣ ва пайравонаш онро тамоман ба таври дигар шарҳ дода, ба худи вожаи шайъ мансуб медонанд [40, Ҷ.2, С. 515; Ҷ.3. С.420; 302, С. 111]. Шайъ метавонад маҳв шавад ва танҳо дар маънои гирифтани шакли дигар, тағзияшавии он ба қисмҳои таркибӣ, атомҳо фано шавад, аммо ҷавҳари он, ки атомҳои онро ташкил медиҳад, маҳфуз мемонанд, ҳеҷ гоҳ ба фано гирифтор намешаванд. Ҳамин тавр, ашё ҳеҷ гоҳ мавҷудияти худро қатъ намегардонанд; олам ба таври беинтиҳо боқӣ хоҳад монд. Дунё ва охират, ки дар анъанаи динӣ мувофиқан ҳаёти

индунёӣ ва ондунёиро ифода мекунанд, дар фалсафаи сӯфиёна ба сифати ифодаи соддаи ду самти “халқи ҷадид” – бақо ва фано истифода мешаванд. Дар ин маъно Ибни Арабӣ навиштааст: «Интиҳои олам ба даст намеояд, охират доимо дар олам амалӣ мешавад» [40, Ҷ.1. С. 338].

Манзараи мутаҳарикии (динамикии) олам, ки онро пайравони вуҷудия расмкашӣ кардаанд бо дарки махсуси онҳо аз вақт вобаста мебошад. “Ҳозир” (аон), ки мавҷудот аз нав халқ мешавад” аналоги “евиҷес нун”-и Майстер Экхарт ва ё “нунс аетернитатис”-и Николай Кузаннский мебошад. Ин на танҳо нуқтаи вақти физикӣ, на танҳо интиҳои одии гузашта ва ибтидои оянда, балки лаҳзаи абадӣ, аон доим мебошад, ки дар он “гузаштаи беинтиҳо” (азал), “ҳозир” ва “ояндаи беинтиҳо” мебошад, дар ҳар лаҳзаи вақт ҳолати инсон (ҳол), аниқтараш сӯфӣ, ки робитаи хешро бо Кул идрок кардааст, бо ин лаҳзаи вақт ва ё аон муайян карда мешавад. Вуҷудиён айнан дар ҳамин рӯҳия ба шарҳу баёни ибораҳои “сӯфӣ ибни вақт”, “сӯфӣ би-ҳукм вақтиҳи”, “сӯфийя уббод ал-вақт” оғоз намуданд [48, С. 32].

Тасаввурот дар бораи лаҳзаи вақт, ки ба азалият айният дорад, “атомизми метафизики”-ро равшану ноошкор инъикос менамояд. Дар муқоиса бо қатори шуморавӣ, ки он аз воҳид, ё аз хатти мустақим, пайдо мешавад, Ибни Арабӣ ва пайравонаш ба сифати касрати физикиро ҳамчун тавсеашавии ваҳдати метафизикӣ, олами феноменалиро ҳамчун ким-кадом ҳолати ибтидоӣ, баррасӣ менамоянд. Дар чунин ҳолат тамоми ашё ва ҳодисаҳо – гузашта, ҳозира ва оянда гӯё дар ҳоли мастурӣ (пушида, ноошкор), “ба барномадаровардашуда” қарор доранд. Маънои “Халқи ҷадид” дар асли кор экспликатсияи ин ҳолати имплистивиро ташкил медиҳад. Чунин ҳолати имплитситӣ ва эксплитсистӣ дар адабиёти сӯфиёна [40, Ҷ.1. С. 293-294] одатан бо истилоҳи кумун (латентностӣ) ва зуҳур, ё ратқ (муттаҳид, дар тарҷумаи ҳарфиаш “дӯхташуда”) ва фатқ (аз якдигар ҷудо будан, дар маънои ҳарфиаш, “кандашуда”) ифода карда мешавад, ки танҳо дар фалсафаи ан-Наззом - намояндаи мактаби мутазилия ба чашм

мерасанд, ки дар Қуръон зимни сохтори космологии мувофиқ истифода шудааст: (23: 30). Тасаввуроти дигар дар бораи васеъшавии Мутлақи латентӣ, дар бораи гузариши “Деус имплистис ба Деус експлистиктус”-ро схемаҳои гуногуни таҷаллӣ баён ёфтаанд [33, С. 90-94].

Ҳоло ба баррасӣ ва таҳқиқи масъалае мегузарем, ки бо таълимоти халқи ҷадид робитаи ногусаста дошта, дар сар то сари таълимоти Ибни Араби ба чашм мерасад.

5.2. Масъалаҳои ҳастишиносӣ. Худо ва олам.

Сараввал ҳамин нуктаро хотирасон мекунем, ки вожаи фано - нест шудан, нобуд шудан, маҳв шудан, аз байн рафтан, аз истилоҳоти марказии таълимоти суфиён буда, аз ояти Раҳмон 55/26 (Ҳар ки бар рӯи замин аст, фонӣ мешавад) маншаъ мегирад ва маъноюш маҳв намудани сифатҳои шахсӣ ва ба ҷои онҳо касб намудани сифатҳои илоҳӣ мебошад. Фано қариб ҳамеша бо бақо - “бо Худо будан”, аниқтараш бо Худо як шудан, муттаҳид шудан, якҷоя истифода мешавад.

Аз сабаби он ки маншаи тамоми ашёи олам Аллоҳ мебошад, “нопайдо шудан дар Аллоҳ” ҳамчун об шудан, маҳлул шудани ҷузъ дар кул, афтидани “қатра” дар “баҳр” ва гум шудани он дар баҳр, тавсиф ёфтааст ва сӯфӣ низ дар Аллоҳ, хурд дар бузург, ҷузъ дар кулл маҳв шудан мехоҳад. “Фано” дар тасаввуф тибқи меъёрҳои гуногун табақабандӣ гардидааст: фанои зот, фанои сифот, фанои феъл ва ғ.

Фано аз олитарин сатҳҳои қаробат ба Худо ва “ҷамъ” сатҳи олитарини фано ба ҳисоб меравад, зеро ба ҷои бандаи ба сатҳи фано расида, фоъоили афъоли ӯ Худо мебошад, ва фано маънои “тамоман вуҷуд надоштан” ва “набудан”-ро надорад. Ҳамин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки муаррихони тасаввуф низ дар шарҳу баёни “фано” ва “бақо” мавқеъҳои гуногунро ишғол намудаанд. Масалан, Абӯсаиди Харроз “фано”-ро ҳамчун “дар қалб маҳв шудани лаззатҳои дунявӣ ва охират” ба ҷои онҳо боқӣ мондани ризояти Худо ва

“бақо”-ро дар маънои “аз қалб шустани ҳама чизи ғайри Худо” муайян кардааст.

Фано – замоне ба вуҷуд меояд, ки банда маншаъи ҳама корҳои худро аз ҷониби Худо мебинад, на дар худ. Дар чунин ҳолат, ки онро метавон надидани афъоли хеш номид, ба ҷои банда фоъили афъоли ӯ Аллоҳ мегардад: «Аллоҳ мебинад, Аллоҳ ҳис мекунад, Аллоҳ мешунавад, Аллоҳ меравад, ки дар ҳадиси қудсӣ “Агар ман банда хешро дӯст доштам, ман чашмони ӯ хоҳам шуд, ки бо онҳо мебинад, дасте ӯ хоҳам шуд, ки бо он мегирад, пойҳои ӯ хоҳам шуд, ки бо онҳо роҳ меравад» [77, С. 38].

Банда то дараҷае бо Худо машғул аст, ки худогоҳии хешро гум мекунад, ба қавли дигар ҷои “ман”-и ӯро Аллоҳ ишғол мекунад. Сатҳи баландтарини фано ҳолате ба ҳисоб меравад, ки худи огоҳӣ ё шуур гум мешавад. Ҳарчанд, ки банда дар ин ҳолати новуҷуди ё ғайбати хеш баъзе хусусиятҳои инсониро аз даст медиҳад, вале баъзеи дигари он маҳфуз мемонанд.

“Фано” ҳамчунин дар маънои “набудан, ҳеҷӣ”, характери гузаранда доштан” ва “бақо” дар маънои “доимӣ ва собит” будан низ истифода мешавад. Фано бо маънои нест кардани сифатҳои разилаи ахлоқӣ ва бақо бо доимӣ будани сифатҳои фозила алоқаманд мебошад. Барои он касе, ки аз сифатҳои бад даст кашидааст, саъю талош ва хоҳишҳои нафсонӣ “фано” ба “ҳеҷ” табдил ёфтаанд ва сидқу ихлос ва ниятҳои нек “доимӣ”, яъне “бақо” ёфтаанд. Дар дили он касе, ки робитаашро бо олам кандааст, корҳои дунявӣ ба “ҳеҷ” табдил ёфтаанд.

Бақо дар луғат ба маънои зистан ва мондан дар ҷаҳон аст, вале дар истилоҳи сӯфиён аз он иборат аст, ки баъди фаной аз худ худро боқӣ ба ҳақ дида барои даъват аз асмои мутафарриқа, ки сабаби тафарруқа ва касрат аст ба исми куллӣ, ки тақозои “ҷамъу-л-фарқ” аст, ба ҷониби халқ биёяд ва раҳнамоӣ кунад. Ба қавли дигар, Бақо иборат аст аз оғози сайр фи ли-л-лоҳ, зеро сайр илла-л-ллоҳ вақте ба интиҳо мерасад, ки вуҷуд доштанро якбора қатъ намояд, яъне бимирад. Ихтилофи ақволи орифон дар таърифи бақо ба ихтилофи аҳволи

соликон, ки ҳар кас бо фаҳми худ, ҷавобе гуфтааст, такя мекунад.

Баъзе гуфтаанд: мурод аз бақо - бақои рағбат дар охират аст ва ин маънӣ барои зуҳд лозим аст. Баъзе гуфтаанд: бақо - бақои рағбат ба ҳақ аст. Ин маънӣ барои сидқи дӯстӣ ва муҳаббати зотӣ лозим аст. Баъзе сӯфиён гуфтаанд: «бақо - бақои авсофи ҷамила аст ва ин маънӣ аз муқтазоёти тазкия ва тахлияи нафс аст. Баъзе гуфтаанд: бақо - бақои ҳузур аст бо ҳақ ва ин маънӣ натиҷаи сукр аст» [241, Ҷ 2 С. 313].

Фано - нестӣ, адам, новуҷудӣ мебошад. Ҳолатест, ки ҳамчун ҳулул кардани "Ман"-и ориф дар Худо ва ба даст овардани вуҷуди ҳақиқӣ тавсиф мешавад. Фано яке аз сатҳҳои баландтарини меъроҷи рӯҳонии солик мебошад, ки танҳо барои баргузидагон дастрас мебошад. Дар ин ҳолат шахсият гум шуда, ба ҷои он сифатҳои илоҳиро қабул мекунад. Ба ҷои "банда", "Худо" зоҳир мешавад. Бисёр сӯфиён чунин меҳисобанд, ки сарфи назар аз он ки дар ин ҳолат солик аксарияти сифатҳои худро аз даст медиҳад, ӯ ҳамчун инсон боқӣ мемонад.

Агар сӯфӣ ба ин ҳолат зимни зикри Худо ё тавассути зикр дохил шуда бошад, чунин фаноро «ал-фано фи-л-мазкур» (фано ҳангоми зикри Худо), вале агар тавассути муҳаббати олӣ онро - «ал-фано фи-л-маҳбуб» (фано шудан дар маҳбуб) меноманд, аммо сатҳи болотарини он - «фано ани-л-фано» (фано аз фано) мебошад.

Дар тасаввуф баъзе сатҳҳои фано низ аз якдигар фарқ мекунанд:

а) **Фано аз-зот** - ҳолати нобудӣ, ки вуҷуди ҳақиқӣ танҳо вуҷуди Аллоҳ тасаввур карда мешавад;

б) **Фано ас-сифот** - гум кардани сифатҳои инсон;

в) **Фано ал-феъл** - гум кардани назорат аз амалу рафторҳои худ.

Ҳамчунин дараҷаҳо ва шаклҳои гуногуни фано низ вуҷуд доранд:

1. **Фано фи-л-ихвон** - ҳолати олии эҳсосоти бародарӣ бо ҳамандешаҳои тариқати хеш, назар ба худ афзалият додан ба манфиатҳои онҳо.

2. **Фано фи-ш-шайх** - тобеияти комил ва иваз намудани иродаи худ бо иродаи “пири (ё шайхи) тариқат”.

3. **Фано фи-р-расул** - баъди дар шайх фано шудани “солик” ба даст овардани ҳамин ҳолат дар нисбати пайёмбар.

4. **Фано фи-л-лоҳ** - ба даст овардани чунин ҳолати “солик”, ки “Ман”-и ӯ дар Худо ҳулул карда, шахсияташ бо сифатҳои илоҳӣ иваз мешавад. Фанои ифротӣ эътироф нашуда, мавриди муҳокимаи рӯҳониён қарор мегиранд.

Ибни Арабӣ дар ин маврид гуфтааст: «Бақо дар назари иддае аз ин тоифа бақои тоат аст, ҳамон тавр, ки фано дар назарашон фанои маъосӣ (аз гуноҳҳо) аст. Дар назди уламои дигар, бақо бақои руъяти банда аст қиёми Худои таъолоро дар ҳама чиз. Ва баъзеи дигар бақо, бақо ба ҳақро ирода карданд ва аз фано фаной аз ҳақро дар назди мо нисбати бақо ашраф аз фано аст, чӣ фано дар манзалати поинтар қарор дорад ва бақо дар манзалати болотар қарор дорад, зеро дар бақо нисбат ба ҳақ мундариҷ аст ва нисбати банда ба ҳақ болотар аст. Дар воқеъ, бақо ва фано ду ҳолатанд, ки ба ҳам сахт марбут мебошанд. Ва касе дар ин тариқат боқӣ намемонад, магар ин ки фонӣ шавад ва касе фонӣ намешавад, магар он ки бақо ёбад. Пас, мавсуф ба фано имконпазир нест, магар дар ҳоли бақо ва билъакс. Дар нисбати бақо шуҳуди ҳақ аст ва фаноро шуҳуди халқ. Ва бақо дар тариқат нест, магар бақо бо ҳақ, ки бо шуҳуд ҳамроҳ аст ва ҳамин шуҳуд аст, ки бақоро ашраф ва олитар аз фано карда ва ҳоли бақоро болотар аз ҳоли фано қарор дода аст. Бинобар ин, фарқи ин ду дар ҳамин нисбати шараф ва манзалат аст. Бақо нисбате аст, ки завол ва таҳаввул дар он роҳ надорад ва ҳукмаш ҳаққан ва халфан собит аст ва он наъте аст илоҳӣ. Пас бақо ҳоли бандаест собит, ки дар он завол роҳ надорад» [40, Ҷ.2 С. 317].

Бунёдгузори таълимоти фано ва бақо Абӯ Саъиди Харроз (ваф. 899) шинохта шудааст, гарчанде тасаввурот дар бораи онҳо ҳанӯз то замони ӯ ҳам ба чашм мерасанд. Дар таълимоти Харроз фано ва бақо ҳамчун ҳадафи нихоии сӯфӣ эътироф шуда, сӯфӣ аз он болотар рафта наметавонад. Ӯ “фано”-ро ҳамчун

нест шудан, маҳв шудани табиати инсонӣ ва дарки онҳо мефаҳмид. Минбаъд ин таърифҳо дар адабиёти сӯфиёна васеъ истифода шуда бошанд ҳам, вале Сарроҷ ва Ҷунайди Бағдодӣ онро ҳамчун “ғафлат” шарҳ додаанд.

Ибни Арабӣ Ибни Харрозро «ваҷҳе аз вуҷуҳи ҳақ ва забоне аз алсинаи (забони) ҳақ донистааст» [40, Ҷ.1, С 77], дар натиҷа каломи ӯ каломи худи Худост он ҷо ки гуфтааст: «Худоро ба ҷамъ карданаш байни зиддайн шинохтам» [40, Ҷ.2, С. 379] ё ин ки «Худо ҷуз ба ҷамъ карданаш байни аздод (бо ҳам зидҳо) шинохта намешавад» [37, Ҷ.1, С. 77].

Харроз баҳси фано ва бақоро густариш дода бошад ҳам [40, Ҷ.3, С. 34], Бистомӣ ва махсусан Ҳаллоҷ “фано”-ро хамчун маҳв шудани вуҷуд дар зоти абадӣ, қадимӣ (ал-фано би-қидами ани-л-ҳадас) тавзеҳ доданд, ки онро метавон ҳамчун иттиҳоди ҷавҳарии мабдаи инсонӣ ва илоҳӣ (лоҳут ва носут) низ шарҳу баён кард. Аксари илоҳиётшиносони шиамазҳаб ва суннимазҳаб чунин шарҳу баёни онҳоро ба хотири таҷсими илоҳӣ бо инсонӣ инкор мекарданд. Сӯфиён барои худро аз чунин даъвоҳо наҷот додан, аксаран таълимоти фано ва бақоро ба масоили ахлоқӣ (маҳв кардани сифатҳои разила ва иваз намудани онҳо бо сифатҳои ҳамида, фанои сифатҳои разила ва бақои сифатҳои ҳамида) рупӯш мекарданд, ки дар адабиёти сӯфиёна далелҳои зиёдеро метавон пешниҳод кард. Аксари сӯфиён фано ва бақоро “ҳолот” ва қисмати зиёди сӯфиён онҳоро ба “мақомот” дохил кардаанд.

Дар маҷмӯъ “фано” ҳамчун “фано ан...” (фано аз...) олами зоҳирӣ, гум кардани худогоҳӣ, эҳсосот ва сифатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд. Дараҷаи баландтарини “фано” – “фано аз фано” эътироф мешуд, ки ҳатман натиҷааш бақо – мушоҳидаи Худо, эҳсоси қаробат ва наздикӣ бо Худо, ва худро ҳамчун ҷузъи кул шинохтан ва дарк кардан, ҳисобида мешуд. Қариб аксари муаллифони сӯфимашраб эътироф кардаанд, ки фано ва бақо таассурот ва таҷрибаи аз сар гузаронидаи орифро мефаҳмиданд, на иттиҳоди ҷавҳарии инсон бо Худоро. Т.Ибрагим қайд мекунад, ки: «дар партави таълимоти “халқи ҷадид”

таълимоти фано ва бақо маънии аввалаи худро гум мекунанд» [313, С. 94].

Орифе, ки дар “ҳол”-и фано ва бақо карор дорад, ҳаргиз рафтори мухолифи Худоро анҷом намедиҳад, зеро ӯро Худо “маҳфуз” медорад, ки тибқи ҳадис иродаи ориф бо иродаи илоҳӣ иваз мешавад. Дар тақсимбандии сӯфиёна фано ҳамеша аз бақо болотар мебошад.

Дар таълимоти Ибни Арабӣ ва пайравони мактаби ӯ, фано дар ҳама ҷо “мушоҳида кардани Худо” ва бақо бозгашти ориф ба олам ва гуногуншаклиҳои ӯ баъди дидани ваҳдати куллӣ ва донистани асрори илоҳӣ мебошад, ки онро бояд ба мардум расонид. Дар ин сифати нав фаҳмиши истилоҳоти фано ва бақо ба истилоҳи “ҷамъ” (ваҳдат) ва “тафриқа” (ҷудоӣ) ва “касрат”, васл (ба якдигар расидан) ва фасл (ҷудои)-и сӯфиёна наздик мебошад. Фано ва бақо бо заҳмати камолоти нафсӣ, зуҳд ва тақвои зоҳидона ба даст меояд.

Баробари ривоҷу инкишоф ёфтани таълимоти сӯфиёна мазмун ва муҳтавои ин истилоҳот тавсеа ёфта, мураккаб гардид. Ибни Арабӣ ҳафт марҳалаи фаноро ҷудо кардааст: 1) “фано” аз рафторҳои номақбули илоҳӣ; 2) “фано” аз рафторҳои мустақилонаи инсонӣ ва дарки маншаи илоҳии онҳо; 3) “фано” аз сифатҳои мансуб ба махлуқон ва мушоҳидаи олам бо чашмони Худ; 4) “фано” аз вуҷуди худ ва мушоҳидаи бузургии Худо; 5) “фано” аз олами гирду атроф ва мушоҳидаи Худо; 6) “фано” аз мо сивои Худо, аз ҷумла аз афъоли ӯ, мушоҳида кардани вуҷуди худкифоя, ки дар ашёи олами фарогир пинҳон гаштааст, ба қавли дигар, ӯро бо чашмони сӯфи дидан; 7) “фано” аз сифоти илоҳӣ ва берун аз робита бо олам мушоҳида намудани Худо [321, С. 251].

Ибни Таймия андешаҳои Ибни Арабиро танқид намуда, ба ғояи Худо ҳамчун вуҷуди мутлақ, ки Худо худро бо чашмони сӯфие, ки ба фано ва бақо расида мушоҳида мекунад, муқобил баромадааст. Аз назари Ибни Таймия: «маънои “фано” – инкор кардани ибодати ҳар чизи ғайри Худо мебошад, ки ӯро танҳо дар “оятҳои”- нишонаҳои Худо метавон мушоҳида намуд, зеро Худо нишонаҳои худро барои бандагонаш танҳо дар оятҳо зоҳир мегардонад.

Масъалаи робита ва пайдошавии таълимоти фано ва бақо ба таълимоти буддоии “нирвана” шабоҳати зиёд дорад, ки он ҳам ҳанӯз ҳаллу фасли ниҳонии худро пайдо накардааст. Ин нуктаро ҳам бояд тазаккур дод, ки қисми зиёди шарқшиносон ва муҳаққиқон, таълимоти фано ва бақоро идомаи мантиқии ғояи тавҳид ҳисобидаанд» [10, С. 92-103, 40, Ҷ.2, С. 220-221].

Дар боби саввуми рисола дар баёни маънои ваҳдати шуҳуд сухан ба фано ва нестӣ расида буд. Ориф дар вуҷуд ба ваҳдати вуҷуд ва ё ваҳдати шуҳуд, дигар барои худ вуҷуде қоил нест ва ё ҳадди ақал худро намебинад, то баҳси шоҳид ва машҳуд дар кор бошад. Дар ин ҷо шоҳид ва машҳуд яке шуда ва сухан аз фано матраҳ мешавад. Дар он сурат низ ин фақат Худо аст, ки метавонад бигӯяд: «Дар ҳастӣ ғайр аз Ман касе нест” ва ё “Ғайри худ касеро намебинам”. Шатҳиёти орифон низ аз ҳамин ҷо нашъат мегиранд (барои муқоиса “лайса фи ҷуббати илло-л-лоҳ”- зери пироҳани ман чизе –ғайри Худо нест).

Аз сӯи дигар, мо болотар таъкид кардаем, ки таҷаллӣ иборат аст аз “таъйин ёфтани номутаъйян” ва қабули Худо аз ҷониби Худое, ки зотан номаҳдуд аст. Дар олами таҷаллӣ ҳама мазоҳир ҳад ва таъйини хоси худро доранд ва он номаҳдудро дар вуҷуди мутаъйини худ мебинад. Нафс он уқёнуси бесоҳиле аст, ки метавонад мутаҷаллӣ ва мазҳари тамомтари он вуҷуди воҳиди номаҳдуд бошад.

Ба ҳар ҳол, фано дар ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ дорои ҷойгоҳи воло ва махсус мебошад. Агар ҳадафи ниҳонии ирфонро тақарруб (наздикшавӣ ба Худо) ва меъроҷи инсон ба сӯи Худо бидонем, фано ниҳояти қурб ва авҷи ин уруҷ аст, ки дар меъроҷи паёмбар[53] ва авлиёи илоҳӣ дар ислом ва масеҳият таҷаллӣ ёфтааст.

Аз назари Ибни Арабӣ, фано марбут ба мақоми вилояти инсони комил аст. «Ҷое, ки ориф пас аз тайи манозили мухталиф сараввал Худоро бо хаёл, сипас бо басират (мушохидаи дарунӣ) он гоҳ ҳам бо басар (чашм) ва ҳам бо басират

[53] Ояти “сумма дана фатадлло факона қоба қавсайн ав адно”, Наҷм, 9, ишора ба ҳамин матлаб дорад.

мебинад ва саранҷом ба марҳалаи ваҳдати шоҳид ва машҳуд мерасад, ки ҳамон фано ва мақоми валӣ аст [146, С. 260]. Ин марҳала, марҳалаи шуҳуди адами шуҳуд, мақоми бемақомӣ ва мавқифи бемавқифӣ аст, ки ориф аз ҳар сурате ва ҳар қайде (банду баст) озод шуда, дар он ором мегирад» [146, С. 260].

Маънои фано ва нестӣ ба унвони ҳадафи ниҳоии ориф низ асоси ҳама таълимот ва амалияи сӯфиро ташкил медиҳад, ки андешаҳои муҳаққиқон дар бораи шарҳу тафсири онҳо гуногун ва баъзан ихтилофнок ба назар мерасанд. Истилоҳоте, ки Ибни Арабӣ дар ин маврид ба кор мебарад, ҳамон истилоҳоти дар миёни сӯфиён машҳур ва ривоҷдошта мебошанд. Ӯ ҳангоме, ки аз манозил ва мароҳили уруҷи ирфонӣ сухан мегӯяд, ин баҳсро ба боби азкор, воридоти ғайбия, мароҳили кашфу шуҳуд ва дараҷоти меъроҷ бурда, чун дигар сӯфиён сухан аз фано ва бақо мегӯяд: «Агар дар ин мароҳил таваққуф накардӣ ба маҳв, сипас ғайбат, сипас фано, сипас саҳақ (майда кардан, орд кардан), сипас маҳақ (тачриба, озмоиш) мерасӣ. Он гоҳ, ки осори моҳе????? ва мулозимоташ (ғоиб, фонӣ ва ...) дар ту ба ниҳоят расид, ба субот, сипас ҳузур, сипас бақо, сипас ба ҷамъ мерасӣ» [36, С. 13].

Баъзе орифон истилоҳи “пӯст андохтан”-ро низ истифода карданд, масалан, Боязиди Бистомӣ ба ривояти Аттор чунин аст: «Гуфт: аз Боязиде берун омадам чун мор аз пӯст. Пас нигаҳ кардам, ошиқ ва маъшуқ ва ишқ яке дидам, ки дар олами тавҳид ҳама яке тавон буд ва гуфт: аз Худой ба Худой рафтам, то нидо карданд аз ман дар ман, ки эй ту ман, яъне ба мақому-л-фано фи-л-лоҳи расидам» [92, С. 161].

Аддас дар ин бора гуфтааст: «Аз нуқтаи назари вуҷудшинохтии имрӯз тақрибан ғайримумкин аст, ки бифаҳмем ин афрод чӣ гуна метавонанд ба ин тасдиқоти берӯҳ дар боби вуҷуди басит, вуҷуди маҳз, ки ғайр аз вуҷуд ҳеҷ нест, вуҷуди бешакл, ки на ин аст ва на он, тааллуқи хотир дошта бошанд. Фано аз хештан ва гум кардани хештан дар ин вуҷуди маҳз барои мо комилон бемаънӣ ва баҳс дар бораи он каслкунанда (бемадоркунанда) ва беарзиш аст» [376, p.34].

Ҳамон тавре, ки борҳо ишора кардем, фано аз худ растан, раҳоӣ ёфтан ва ба Худо пайвастан аст. Дар ин ҷо сухан аз иртибот бо Худо ва ё ҳатто қурб бо Худо намеравад, балки сухан сирфан аз худи Худо ва ягонагии ӯст. Дар ин ҷо дигар аз худи ориф ва худи солик баҳс ва хабаре нест. Бинобар ин, сухан аз шинохтани он худе аст, ки ҳамеша боқӣ буда ва он худе, ки ҳеҷ гоҳ набуда ва пайваста фонӣ будааст (яъне Худои азалию ҷовидон ва инсони фонишаванда – З.З). Имтиёзи ориф дар идрок ва завқи ин фано ва бақо аст. Ҳоло дар навбати аввал бояд мурод аз ин ду худ, равшан шавад, то маънои фано ва бақо низ бароямон зоҳиру ошкортар гардад:

Дар миёни ақвом ва забонҳои мухталиф вожаи Худо муодилҳои гуногуне дорад, ки ҳамаи онҳо баёнкунандаи навъи изофаанд, байни мавҷуди мутаъолӣ, аз як сӯ, ва олами ҳастӣ ва ё инсон, аз сӯи дигар. Аммо Ибни Арабӣ байни Худое, ки зоҳир аст ва дар иртибот бо олам фаҳмида мешавад ва Худое, ки ботин аст ва бо сарфи назар аз вуҷуди олам боз ҳам Худо аст, тафоввут мегузорад. Ибни Арабӣ аввалиро ба мақоми асмо алокаманд дониста, онро “Илаҳ” медонад ва дуввумиро ба мақоми аҳадият марбут дониста онро “зот” меномад. Чунончи гуфтааст: «Бидон, ки ҳуррият (озодӣ) мақоми зотӣ аст, на илаҳӣ... (чаро ки) Ҳақ аз он назар, ки Илаҳ аст бо маълуҳ иртибот дорад, монанди иртиботи оқо ва абд, молик ва мулк ва подшоҳ ва мулк... пас, ҳақиқати изофа ақлан ва вуҷудан мусталзими тарафайни изофа аст. Дар ҳоле, ки дар ҳуррият, изофа ва рабубият нест; ва чун байни Ҳақ ва халқ ҳеҷ муносибат ва изофае нест, балки ӯ ғанӣ аз оламайн (аз ду олам) аст, пас мақоми ҳуррият барои ҳеҷ мавҷуде нест, магар барои зоти Ҳақ» [40, Ҷ.2, С. 226], яъне танҳо зоти Ҳақ дорои мақоми озодӣ мебошад.

Ибни Арабӣ низ аз ин мақом ба зот, ғайби ҳувият, аҳадият ва ё воҳидият ёд мекунад. Ин зот дорои вижагиҳои зерин аст: номутаъайн будани зот, бе исм будани зот, нестии зот, исми зот, шинохтанашаванда будани зот, манъ шудани тафаккур дар зот, роҳи шинохти зот шинохти нафс аст, робитаи нафс бо Худо,

Нафси инсон ба сурати Худо офарида шудааст, ки ҳоло саъй хохем кард, ки хар кадомеро мухтасар баррасӣ намоем.

А) Номуайян будани зот. Зот вуҷуде аст бениҳоят, бетаъйин, номушаххас ва орӣ аз ҳар навъ ҳад ва моҳият[54]. Ба эътиқоди баъзе муҳаққиқон, дар ин ибора манзур аз бенишон "яъне орӣ аз аҷзо (ҷузъҳо) ва аъроз (аразҳо) ва муназзаҳ (пок) аз изофот", яъне касрат аҷзо надорад, ки байни онҳо рабт ва изофае барқарор шавад. Вале чизе, ки ба куллӣ муназзаҳ ва мутарафеъ (болотар) аз изофот бошад би-з-зарура (заруран, зарур аст, ки) номутаноҳӣ аст. Зеро номутаноҳӣ он аст, ки ҳеҷ чизи дигаре маҳдуд нашавад. Бинобар ин чизе аст, ки дигаре дар ҷанби ӯ намегунҷад, чи дигар ва дигарон ҳадди ӯ хоҳанд шуд ва маҳдудаш хоҳанд кард) [153, С. 250]. Чун номаҳдуд аст, ҳеҷ чиз дар канори ӯ нест, пас на маълули (натичаи) чизе аст ва на иллати (сабаби) чизе ва бо ҳеҷ чиз нисбат ва изофае надорад. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Муносибати байни Ҳақ ва халқ, на маъқул аст ва на мавҷуд. Аз ҳайси зот на чизе аз Ӯ содир мешавад ва на Ӯ худ аз чизе нашъат мегирад. Ҳар далели шаръӣ ва ё далели ақлӣ, ки бар Худо далолат кунад, мутааллиқаш Илаҳ аст, на зот. Худо аз он назар, ки Илаҳ аст ҳамоне аст, ки мумкинот ба ӯ мустанаданд» [40, Ҷ.2, С. 579].

Б) Бе исм будани зот. Ин зот ҳеҷ исме, ки исми хос бошад ва маънои субутиро бирасонад, надорад. Чаро ки ҳар исме, ки ба ашё медиҳем ва низ ҳар исме, ки Худоро бо он номгузорӣ мекунем аз зот иборат аст, ки ҳамроҳаш як сифат вучуд дорад. Сифат низ аз таъйин (муайянӣ), тақйид (алоқаманд, дар қайди чизе будан), тааллуқ (вобастаги), нисбат ва ё изофа бармеояд, вале аз сабаби он ки зоти Худованд аз ин умур озод аст, пас сифате надорад, аз ин рӯ, дар натиҷа номе низ нахоҳад дошт ва ба ғайр аз сурати нафӣ (инкор, рад кардан), ба ҳеҷ номе наметавон аз Ӯ ёд кард. Ибни Арабӣ андешаашро чунин идома медиҳад: «Ҳангоме ки ба муҳиб (маъшук) гуфта мешавад: исмат чист?

[54] Орифони ҳинду муътақиданд, ки он чиро дар болотарин дараҷа шуҳуд кардаанд "муназзаҳ аз изофот, бенишон ва наяндешиданӣ аст, ки ҳама чиз дар ӯ меорамад"

Мегӯяд: Аз маҳбуб (ошиқ) бипурс. Ҳар чи ӯ маро биномад, ҳамон исми ман аст. Ман аз худ исме надорам. Ман ҳамон маҷҳуле (номуайяне) ҳастам, ки ҳеҷ гоҳ маъруф (шинохта) намешавад ва накирае (номуайяне), ки ҳаргиз маърифа (муайян) намегардад. Муҳиб, Худост, ки исме надорад, ки дол (далолаткунанда) бар зоташ бошад. Ин маълуҳ (банда) аст, ки маҳбуби (ошиқи) Ӯ буда, ва назар ба асаре, ки дар худ меёбад, Ӯро ба осораш ном медиҳад... пас Ҳақ он исмеро, ки банда ба Ӯ медиҳад, мепазирад» [40, Ҷ.2, С. 360].

Аз суханхои Ибни Арабӣ маълум мешавад, ки Худо дар макоми зотӣ аз сабаби он ки дорои ҳеҷ гуна сифати муайяне нест, на танҳо наметавон ӯро номгузорӣ кард, балки ҳар номе, ки ошиқ (банда) ба ӯ дихад, ӯ онро кабул мекунад.

В) Нестии зот. Агар лафзи шайъ ва ё чизро ба мавҷуде бидиҳем, ки дорои чистӣ ва ном аст, дар ин сурат Худо на танҳо шабеҳи ҳеҷ чиз нест ва на танҳо ҳеҷ чиз шабеҳи Ӯ нест, балки болотар аз ин, Ӯ ҳеҷ чиз нест. Нестии маҳз аст. Нестии фавқу-л-вуҷуд аст, чаро ки ҳастии номаҳдуд ва номуаъйян ва номушаххасро метавон нестӣ номид, зеро ба таъбири файласуфон: “ал-шайъ мо лам яташаххас лам ювҷад” (чизе, ки мушаххас намегардад, вуҷуд надорад) чизе, ки ташаххус ба маънои оддӣ надошта бошад, вуҷуд ба маънои оддиро низ ба ӯ нисбат додан наметавон. Ба таъбири Ибни Арабӣ: «(Худо) агар шайъ буд, шайъияти Ӯ чизи дигареро низ дар бар мегирифт ва лизо байни Ӯ ва чизи дигар тамосил (дар шайъият) рух медод (дар ҳоле, ки “лайса камислаҳу шайъ”) пас, Ӯ шайъият надорад ва шайъ нест» [40, Ҷ.2, С. 86].

Қариб ба ҳамин мазмун дар Упонишадҳо омадааст: «Он ҷо, ки кас ҳеҷ чизи дигар намебинад, ҳеҷ чизи дигар намешунавад ва ҳеҷ чизи дигар дарнамеёбад “номутаноҳӣ” (беохир) он аст. Он ҷо, ки кас чизи дигаре мебинад, чизи дигаре мешунавад, чизи дигаре меёбад “мутаноҳӣ” онҷост» [153, С. 251].

Ибни Арабӣ низ дар ин ҷо чунин сухане низ дорад, ки: «Итлоқи лафзи мавҷуд бар Ҳаққе, ки назди мо маъқул аст (зот) таҷаввуз аст. Зеро нисбати

вуҷуд ба касе, ки вуҷудаш айни зоташ аст, монанд нисбати вуҷуд ба мо нест. Чуноне ки “лайса камислаҳу шайъ” – “Чизе монанди Ӯ нест” (Шӯро, 42:11) ҳеҷ чиз мисли Ӯ нест» [40, Ҷ.1, С. 602].

Хулосаи суханҳои болоро метавон чунин натичагирӣ кард: аз сабаби он ки Худо бемислу бемонанд, номахдуд ва беинтихо мебошад, наметавон барояш номи муайяне гузошт, зеро Ӯ ҳеҷ чиз набуда, нестии маҳз аст. Нестӣ фавқу-л-вуҷуд аст, зеро мо метавонем, ки ҳастии номаҳдуд, номуаъйян ва ғайри мушаххасро нестӣ биномем. Ба таъбири файласуфон: чизе, ки мушаххас намегардад, вуҷуд надорад. Чизе, ки ташаххус ба маънои оддии калима мушаххас набошад, маънои оддии вуҷудро низ ба ӯ нисбат додан наметавон.

Г) Исми зот. Агар аз исми феъл ва исми сифат (ки ҳамроҳ бо навъи таъйин аст) сарфи назар карда, ба дунболи исми зот бошем, ки фақат зотро бидуни изофа ва ё таъйин нишон диҳад, ночорем аз асмое истифода кунем, ки ҷанбаи салбӣ доранд; дар ин сурат исми аҳад ё воҳид ва ё таркиби он ду аз ҳама асмо барои он зот муносибтар хоҳад буд. Ба қавли муҳаққиқон: «Дар ин ҷо мақоми нестӣ аст, ки на айн (объект) дар кор аст ва на зеҳн (субъект), аммо чун ин нестӣ ишора ба ҳастии бетаъйин дорад, ин мақомро ба номи дигаре, ки ҷанбаи исботии бештаре дорад, яъне аҳадият ва ё воҳидият, низ мехонанд» [147, С. 43.].

Ибни Арабӣ дар ин бора мегӯяд: «Аввалин исми Худо (қабл аз ҳар таъйине) “воҳиди аҳад” аст, ки монанди Баалбак як исми мураккаб мебошад... далел ин ки ин исми аввалин исм аст, ин аст, ки исми хос барои далолат бар айни зот мебошад, бидуни дар назар гирифтани сифоти мансуб бад он; монанди асмои ҷомиде (бечон, бехаракат), ки бар ашё далолат доранд. Ҳол аз исми “воҳиди аҳад” исме хостар барои зот наметавон ёфт, зеро, ки ба далолати мутобиқе бар зот далолат дорад... аз исми воҳид ғайр аз айн бидуни таркиб, чизе фаҳмида намешавад» [40, Ҷ.2, С. 57].

Д) Шинохтанашаванда будани зот. Ба қавли Кокӣ: «Лозимаи нестӣ, надоштани исми субутӣ, ва ё беном будани зот, ғайри шинохт ва ғайри қобили

иктиноҳ (ба чизе ворид шудан, омӯзиши чиддӣ) будани он аст. Чизе, ки фоқиди моҳият ва фоқиди ташаххус бошад, бо идроки мутаориф (оддӣ, маълум, анъанавӣ) қобили иҳота ва фаҳм нест» [168]. Ба қавли яке аз муҳаққиқон: «Зоти Ҳақ барои мо қобили шинохт нест, зеро фавқи ҳама сифот ва изофоте аст, ки барои башар қобили идрок аст. Инсон наметавонад дар бораи чизе сухан бигӯяд ва ё фикр кунад, магар он ки ибтидо тавсиф ва дар натиҷа таҳдид (маҳдуд) ва тақйиде (аз чизе вобаста будан) ба он бидиҳад. Бинобар ин, зот дар таъолии ғайри муқайядаш (сатҳи олитарин ва новобастагиаш) ва дар таҷарруди зотиаш (фардияти зотиаш), наметавонад мутааллиқи илм (ба илм тааллуқ доштан) ва идроки башар воқеъ шавад. Ба ибораи дигар модом, ки Ҳақ дар итлоқаш (мутлақияташ) боқӣ бимонад, маҷҳул ва ғайриқобили шинохт, сирр ва балки сирру-л-асрор аст» [147, С. 23].

Ва билъакс, чун виҷдон (пайдо, ёфт) намешавад, метавон ба як маъно вуҷудро аз он нафӣ (инкор) карда, онро маъдуми (нестии) мутлақ донист ва қоидаи маъруфи “ал-маъдуму ал-мутлақу ло юхбар анҳу” (дар бораи маъдуми мутлак чизе наметавон гуфт)-ро ба он низ тасаро дод ва дар мавриди он қоил ба сукут шуд ва на калом. Чизе, ки ном надорад аз он хабар низ наметавон дод. Ибни Арабӣ дар ин бора мегӯяд: «Зот аз ҳайси зот исме надорад, зеро маҳали асар намебошад ва барои ҳеҷ кас маълум нест. Ҳеҷ исме бидуни нисбат ё бидуни тамкин бар ӯ далолат надорад. Чаро ки асмо мамнуъ аст. Пас Худоро ғайри Худо намешиносад» [40, Ҷ.2, С. 69].

Ба эътиқоди Ибни Арабӣ, агар бихоҳем ба забони фалсафӣ сухан гӯем, далели баённопазирии зотро бояд чунин баён кард, ки зот чун дорои моҳият нест, пас қобили тасаввур намебошад. Пас, ба ҳеҷ ваҷҳ барои ақл қобили идрок нест. Ба таъбири Ибн Арабӣ: «Маълумот (ба тартиби нузул) чаҳор ҳастанд: аввал Ҳақ таъоло, ки мавсуф ба вуҷуди мутлақ аст, зеро на маълули (натиҷаи) чизе аст ва на иллати (сабаби) чизе, балки ба зоти худ мавҷуд аст. Илм ба Ӯ иборат аз илм ба вуҷуди Ӯст дар ҳоле, ки вуҷуди Ӯ ғайр аз зоташ нест ва зоташ

ғайри маълум аст. Лекин ба воситаи интисоби (нисбат додани) сифот - яъне сифоти маъонӣ, ки сифоти камоланд - ба ӯ, шинохта мешавад. Аммо илм ба ҳақиқати зоташ маҳол аст, на ба делел ва на ба бурҳони ақлӣ. Ҳадде низ ӯро иҳота намекунад» [40, Ҷ.1, С. 118-119].

Хулосаи қавли Ибни Арабиро дар шакли мухтасар чунин метавон натиҷагирӣ кард: «Худо вуҷуди мутлақест, ки худ ба худ вуҷуд дорад, аз ин рӯ, на натиҷаи чизест ва на сабаби чизе. Илме, ки мо дар бораи Ӯ дошта метавонем танҳо вуҷуд доштани Ӯро эътироф карда метавонем, аммо дар бораи зоти Ӯ ба воситаи далелҳои ақлӣ умуман илме доштан наметавонем, зеро мо маҳдудем ва номаҳдудро донистан наметавонем.

Е) Манъ намудани тафаккур дар зот. Мартабаи зот, мақоми сукут аст, аз ин рӯ, фаҳм ва ақли башарӣ аз идроки он оҷиз мебошад, бинобар ин орифон парҳез кардан аз тафаккурро дар бораи зот тавсия додаанд. Максади онҳо дар ин ҷо барои огоҳонидани ин аст, ки чунин коре нашуданӣ аст, инсон бо ақли худ наметавонад Худоро дониста гирад. Ибни Арабӣ ошкору равшан мефармояд, ки: «Фикр ақлан ва шаръан ҳукм ва маҷоле дар зоти Худо надорад. Шаръ (шариат) аз тафаккур дар зоти Худо манъ кардааст ва дар қавли Худои таъоло юҳзаракуму-л-лоҳа нафсаҳу – Ва Худо шуморо аз Худ метарсонад (Оли Имрон, 3:28) бад-он ишора дорад, яъне дар зот тафаккур макунед. Иллати ин амр бардошта шудани нисбат байни зоти Ҳақ ва зоти халқ аст. Аҳлу-л-лоҳ (сӯфиён – З.З.) ба ҷойгоҳи фикр пай бурданд ва фаҳмиданд, ки ғояти уламои русум ва солеҳони аҳли эътибор ҳамин фикре аст, ки атое нисбати байни ашё мекунад. Лизо фикрро барои аҳлаш вогузоштанд ва худро аз ин ки фикр, ҳоли онон бошад, раҳо сохтанд» [40, Ҷ.2, С. 230].

Акнун бояд аниқ кард, ки пас аз тавсифҳои зиёди зоти Худо: номуаяйн будани зот, бе исм будани зот, нестии зот, исми зот, шинохтанашаванда будани зот, манъ шудани тафаккур дар зот ва ғайра рохи шинохти зоти Худо умуман имкон дорад ва ё не? Вале агар ягон роҳи шинохти зот вучуд дошта бошад, пас

вай кадом аст?

Ягона рохе, ки орифон пешниход кардаанд, ин шинохти нафс аст, вале бояд донист, ки механизми шинохти нафс чи гуна сурат мегирад ва умуман нафс чӣ робитае бо Худо дорад ва чаро сӯфиён даъво мекунанд, ки инсон ба сурати Худо офарида шудааст?

Ё) Ягона роҳи шинохти зот шинохти нафс аст. Агар сӯфиён даъвои он мекунанд, ки аз роҳи фикру андеша наметавон ба Худо расид, оё роҳи дигаре барои расидан ба Ӯ вуҷуд дорад? Ҷавоби Ибни Арабӣ оид ба ин савол мусбат аст. Ориф аз роҳи қалб ва тааммулу андеша дар нафс метавонад ба Ӯ бирасад. Сарлавҳа ва шиори таълимоти сӯфиён дар ин маврид ин аст, ки ҳадиси паёмбар - “ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу” (Хар, ки худро шинохт, Худоро шинохтааст) мебошад. Аммо ин нафс, ки аз роҳи шинохти он метавон ба Худо расид кадом аст ва оё шинохти он моро ба шинохти зот мерасонад ё ба Худое, ки дар мартабаи улуҳият ва раббубият ва бе зот аст?

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини тасаввуф ҷойгоҳ ва моҳияти нафс ва махсус аз назари Ибни Арабӣ мебошад, ки байни мутакаллимон ва файласуфон низ вучуд дошта, сӯфиёну орифонро аз онҳо фарқ мекунонад. Дар фалсафа ва калом баҳси шинохти нафс, он чунон ки дар ирфон матраҳ аст, ба ҳеҷ ваҷҳ ҷойгоҳе надорад ва танҳо дар бахши табииёт, баҳсе аз нафс ба миён меояд, ки он ҳам ба сурати куллӣ, айнӣ ва офоқӣ мебошад. Ҳеҷ мактабе ба андозаи мактаби орифон барои шинохти нафс саъю талош надорад. Ҳарчанд ғояти ниҳоии ориф маърифати Худо аст, вале аз дидгоҳи орифон танҳо роҳ ва ё ҳадди ақал саҳеҳтарин роҳ ин шинохти нафси хештан аст. Ба қавли Ибни Арабӣ: “Ин дидгоҳе аст, ки бо фикр бад-он намерасем, балки роҳи найл (ноил шудан) ба он шуҳуд (мушоҳида) аст ва ин ҳамон фармудаи паёмбар (с) аст, ки тибқи он «Ҳар кас худро бишиносад Худоро мешиносад (ман арафа нафсаҳу арафа раббуҳу)» [40, Ҷ.2, С. 101]... ҳама чиз аз ту ва дар туст. Амре хориҷ аз ту нест. Пас умед надошта бош, ки нафсатро ба ғайри худат бишносӣ, зеро чизе нахоҳӣ ёфт. Пас,

ту далел бар худат ва бар Ӯ ҳастӣ ва чизе, ки далел бар ту бошад, нест.

Ғайри худат ба чӣ чиз умед дорӣ,
Бо он ки дар ду ҳолат танҳо, туӣ.
Пас бо Ӯ ба Ӯ бингар ҳаму хоҳӣ буд,
Чаро ки ҳар чи дар Ӯст назди ту аст.
(Ман зо лазӣ тарҷиҳу баъдака
ва анта фи-л-ҳолатайни ваҳдака
Фанзур илайҳи биҳи такун ҳува
Факуллу мо фиҳи фаҳува индака) [40, Ҷ.3, С. 319].

Дар ҷои дигар чунин ишора мекунад: «Расуллуллоҳ (с) фармуд, ки маърифат ба Худо тариқе ғайр аз маърифат (шинохт) ба нафс надорад", пас, фармуд: "Ҳар ки худро бишносад, Худоро мешиносад (ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу)" ва фармуд: "Ҳар кадом аз шумо нафси худро бештар бишносад, ба Худо орифтар аст (аърафакум бинафсиҳи аърафакум би раббиҳи), пас туро далел қарор дод. Яъне маърифати ту ба худатро далел бар маърифат ба Ҳақ таъоло қарор дод» [40, Ҷ.2, С. 298].

Агар суханҳои болоиро дар шакли хулоса пешниҳод карданӣ бошем хулосаи мо тақрибан ба ин мазмун аст: ҳадафи ниҳоии ориф шинохтани (ё маърифати) Худо аст, ки он танҳо аз роҳи маърифати нафс имкон дорад амалӣ шавад. Ақл дар ин маърифат кумаке ба мо расонидан наметавонад, аз ин рӯ, роҳи ягонаи ин маърифат Шуҳуд (мушоҳида) мебошад. Ҳар кас метавонад нафси худашро худаш маърифат намояд, на нафси дигаронро, зеро ба қавли Ибни Арабӣ: ҳама чиз аз ту ва дар туст, чизе хориҷ аз ту нест, аз ин рӯ, кушиш намо ки Худатро бишносӣ ва ту далели ҳам худат ва ҳам Худо ҳастӣ ва далели ту вуҷуди ту мебошад. Зеро Худо маърифати худатро далели маърифати Ҳақ таъоло қарор додаст, пас «Он чӣ ту аз Худо мешиносӣ худат ҳастӣ, агар аз худат рӯй гардонӣ, пас ту ҳанӯз зоти хеш ва шаъну шарафи хешро нашнохтаӣ» [40, Ҷ.2, С. 176]. Ибни Арабӣ таъкиди он маъно дорад, ки: «Ту амри худ ва қадри

худро нашнохтаӣ. Агар ба худат илм медоштӣ ба Парвардигорат олим будӣ» [40, Ҷ.3, С. 189].

Барои ҳамин Ибни Арабӣ, дар саросари осораш моро даъват ба худшиносӣ мекунад: «Аниси уламои би-л-лоҳ фақат унс ба нуфуси худамон аст, на ба Худо, зеро медонанд, ки аз Худо ғайр аз сурате, ки худ бар онанд намебинанд ва унсе ҷуз бо он чи мебинанд, надоранд. Вале ғайриорифон унсе ҷуз бо ғайри хеш надоранд, бинобар ин ҳангоми хилват бо хеш, дучори ваҳшат мешаванд» [40, Ҷ.2, С. 541].

Акнун моро зарур аст бубинем, ки дар бораи робита доштан ва ё надоштани нафс бо Худо сӯфиён ва ба хусус Ибни Арабӣ чӣ андеша доранд, аз ин рӯ, ба он таваҷҷӯҳ менамоем.

Ж) Робитаи нафс бо Худо. Сӯфиён чунин андеша доранд, ки ҳар инсони мӯъмин дар таҷрибаи шахсии худ дараҷае “қурб”-и хешро ба Худо дар даруни хеш эҳсос мекунад. Дар матнҳои динӣ аз ин қурб фаровон сухан гуфтаанд [40, Ҷ.2, С. 107]. Аммо ориф дар таҷрибаи хеш ин “қурб”-ро ба навъи дигар шуҳуд мекунад ва тафсираш аз қурбе, ки дар матнҳо омадааст, аз дигарон фарқ мекунад. Қурб барои ӯ, ба маънои ваҳдат ва ягонагӣ аст. Ибни Арабӣ бо ҳадиси маъруфи “Ман арафа...” мегӯяд: «Агар ба нафси худат роҳ пайдо кардӣ, мефаҳмӣ, ки ту кистӣ, Парвардигоратро шинохтаӣ ва дар ин ҳангом дархоҳӣ ёфт, ки оё Ӯ ҳастӣ ва ё Ӯ нестӣ... ҳеҷ чиз беш аз худи шайъ бар худаш далолат надорад» [40, Ҷ.1, С. 695]. Ӯ бо шаҳодати матнхои зиёди Қуръон ва суннат чунин мегӯяд: “Касе, ки қавли паёмбар (с)-ро ки фармуд: Худо Одамро ба сурати хеш офарид (халақа Одама ала суратиҳи) ва низ қавли ӯро, ки фармуд: Ҳар ки худро бишносад Худоро мешиносад (ман арафа...) ва низ қавли Худои таъоло, ки фармуд: дар нафсҳоятон аст оё намебинед? Ва фи анфусукум афало табсурун – ва низ дар худи шумо (нишонаҳои Худо ҳастанд – З.З.); оё намебинед? (Зориёт, 51:21) ва ҳамин оят ба зудӣ оёти худро дар офоқ ва дар нафсҳои онон бад ишон нишон хоҳем дод “санариҳум оётино фи-л-офоқи ва фи

анфусиҳим” - нишонаҳои Худро дар атрофи олам ва дар нафсҳои онҳо (низ) ба онҳо хоҳем намоёнид, то бар онҳо равшан шавад, ки ин сухан рост аст. (Фусилат, 41:53)-ро дарк кунад, заруратан то хоҳад фаҳмид, ки ҳар кас нафси худро ин чунин бинад Парвардигори худро дидааст [40, Ҷ.4, С. 256]. Ҳамчунин дар тафсири ояи ахир мегӯяд: «Худои таъоло ду нашъа дорад: яке нашъа сурати олам - ки бо офоқ аз он ёд карда - ва дигаре нашъаи рӯҳи олам - ки бо “фи анфусиҳим” (нафс) бад-он ишора доштааст - ва ин инсони воҳиде аст, ки дорои ду нашъа аст то барояшон ошкор шавад (ҳатта ятабайин лаҳум), яъне барои онон, ки мебинанд возеҳ мешавад, ки (иннаҳу-л-ҳақ), яъне бинанда дар он чи дидааст, худи Ҳақ таъоло аст, на ғайри Ӯ» [40, Ҷ.3, С. 189].

3) Нафси инсон ба сурати Худо офарида шудааст. Яке аз мавзуъҳое, ки Ибни Арабӣ ба он ишора мекунад он чизе аст, ки роҷеъ ба хилқати (офариниши) инсон дар китоби муқаддаси Таврот ва ривоёти исломӣ омадааст, ки “Худо Одамро ба сурати хеш офарид”. Албатта, муроди Ибни Арабӣ аз Одам дар ин ҷо тамоми инсонҳо мебошад. Дар сафари пайдоиш омадааст: “Худо Одамро ба сурати худ офарид ва ӯро ба сурати Худо офарид” [258].

Дар ҳадисхои исломӣ низ омадааст, ки: «Инна-л-лоҳа халақа одама ала суратиҳи» [383, P. 399.]. Ин ҳадис бо ояе, ки аз сафари Пайдоиш болотар нақл шуд, комилан мутобиқат мекунад. Албатта ҳадиси мазбур ҳам аз назари санад мавриди бахсу муноқиша қарор гирифтааст ва ҳам аз ҳайси далолат. Муноқишае, ки дар далолати ин ҳадис бинобар мазмуни мавриди баҳс сурат гирифтааст ин аст, ки ҷонишини “ҳи” (ӯ) дар “ала суратиҳи” ба худи “одам” боз мегардад, на ба “Аллоҳ” ва маънои ҳадис ин мешавад, ки “Худованд Одамро бар сурати хоси худи Одам офарид”. Агар инро ҳам кабул надошта бошем, ҳадди ақал бояд гуфт, ки ин ҳадис аз сабаби бозгашти чонишини “ҳи” ба “аллоҳ” ё “одам” норавшан аст ва аз ин нуктаи назар қобили истинод нест. Ҳамин ишколро (мушкилӣ) дар мавриди калимаи “худ” дар қисмати аввали ояи сафари пайдоиш метавон матраҳ кард, ки “Худо Одамро ба сурати худ офарид”

норавшану муҷмал аст. Гӯё қисмати дуввуми оят: “Ӯро ба сурати Худо офарид”, барои рафъи ҳамин ишкол ва иҷмол омадааст. Ибни Арабӣ низ дар мавриди ҳадиси ёдшуда мегӯяд: «Аз танбеҳоти Ҳақ, ки бар забони паёмбар (с) ҷорӣ шуда ин аст, ки “инна-л-лоҳа халақа одама ала суратиҳи” (Худо Одамро бар сурати худаш офарид) ва дар ривояте, ки аз назари кашф саҳеҳ аст - ҳарчанд назди асҳоби нақл исбот нашуда - омадааст, ки “ала сурати ар-раҳмон”, яъне Худо одамро бар сурати Раҳмон офарид. Пас ашкол (мушкилот) муртафеъ (аз байн меравад) мешавад» [40, Ҷ.2, С. 490]. Бинобар бо зикри ин ҳадисе, ки Ибни Арабӣ дар кашф бад-он расидааст ва бо таваҷҷӯҳ ба мабонии вай, заъфи санад ва далолат аз ҳадиси ёдшуда, бардошта мешавад.

Ҳамин нуктаро низ бояд хотиррасон кард, ки Ибни Арабӣ низ аз ин ҳадис, зиёд истифода бурдааст, вай низ аз ин амр, ки инсонро ба сурати Худо офарида шудааст сирф шабоҳатро нафаҳмида, балки ваҳдатро исбот мекунад: «Ҳар касе худро бо ин маърифат бишносад Парвардигорашро шинохтааст, зеро Худо ӯро ба сурати хеш офаридааст, балки Ӯ (яъне Худо –З.З.) айни ҳувият ва ҳақиқати инсон ас»т [40, Ҷ.1, С. 125].

Агар ба қисмати ахири сухани Ибни Арабӣ таваҷҷуҳ намоем, бо осонӣ метавонем пай барем, ки маънои он возеҳу равшан ин аст, ки Худо айни ҳувият ва ҳақиқати инсонро ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин маъно фаҳмиши муаммои инсонро дар ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ возеҳу равшан мекунад.

Сурати илоҳӣ доштани инсон барои Ибни Арабӣ он қадар муҳим аст, ки онро фасли меъёри баҳодиҳии инсон қарор медиҳад. Вай таърифи машхури инсонро ҳамчун ҳайвони нотиқ барои баёни ҳақиқати вай ва фарқ кардани ӯ аз тамоми мавҷудот носаҳеҳ дониста, кайд кардааст, ки: «Нутқ дар кулли олам сорӣ аст ва ала рағми он ки онро фасли муқаввами (меъёри баҳодиҳии) инсон қарор дода, ӯро ҳайвони нотиқ номидаанд, мухтаси (хоси) инсон нест. Кашф (ки барои ориф ҳосил аст) ин ҳадро махсуси инсон намедонад. Ҳадди инсон фақат сурати илоҳӣ аст. Касе, ки ин ҳадаш набошад, инсон нест, балки ҳайвоне аст, ки

дар сурат, шабеҳи зоҳири инсон аст» [40, Ҷ.3, С. 154].

Чунин амр боиси он мешавад, ки инсон дар зоти хеш як навъ рифъату рӯҳбаландиро эҳсос кунад, ҳамон рифъате, ки мутааллиқ ба Худост: «Касе, ки асли хешро бишносад, айни худ, яъне нафси худро мешиносад ва касе, ки нафси худро бишносад, Парвардигори хешро мешиносад ва касе, ки Парвардигорашро бишносад (пас аз он ки дар саҷда худ ва Худоро шинохт аз саҷда) сар баланд мекунад, зеро ӯ бар сурати Парвардигораш офарида шуда (ва яке аз сифоти Парвардигораш рафъат (ва яке аз асмои ӯ Рафеъ (Болобаранда) аст)» [40, Ҷ.2, С. 102].

Ба сурати Худо будан вижагии инсон аст, ки ӯро аз дигар мавҷудот фарқ мекунонад, аз ҳамин рӯй, танҳо мавҷуде, ки даъвои раббубият кардааст, ба таъбири Ибни Арабӣ: «Манзили улфат иборат аст аз нисбати ҷомеъ байни Ҳақ ва халқ ва он ҳамон сурате аст, ки инсон дар он офарида шудааст. Лизо (барои ҳамин) ҳеҷ кас ҷуз инсон иддаъои улуҳият накардааст» [40, Ҷ.2, С. 204]. Ба ҳар ҳол, аз назари Ибни Арабӣ, барои расидан ба Худо бояд ба даруни нафс роҳ ҷӯст. Меъроҷи ориф ва уруҷи (болоравии) ӯ ба сӯи Худо ҳамон фурӯ рафтан ба даруни нафс аст.

Ҷамъбасти иқтибосҳои болоӣ нишон медиҳад, ки гуманизми Ибни Арабӣ дар онҳо хеле ҷасурона садо медиҳад. Ӯ бо нишона ва тавсифи инсоният ҳамчун “ҳайвони нотиқ” норозӣ буда, ин ҳадро махсуси инсон намедонад. Ӯ баръакс таъкид дорад, ки ҳадди инсон фақат сурати илоҳӣ аст. Касе, ки ин ҳадаш набошад, инсон набуда, балки ҳайвонест, ки танҳо дар сурат, шабеҳи зоҳири инсон аст. Ба андешаи ӯ, ғояи бар сурати Худо офаридани инсон боиси он мешавад, ки инсон як навъ рифъату рӯҳбаландӣ, ҳамон рифъате, ки мутааллиқ ба Худоро эҳсос кунад ва сари баланди инсон ҳам дар ҳамин аст, ки дар сурати Худо офарида шудааст. Мақоми баланди (рафеъи) Худо сари инсонро низ баланд мекунад.

Маҳз дар сурати Худо офаридани инсон хосияти муҳимтарини инсон аст,

ки ӯро аз дигар мавҷудот фарқ мекунонад ва танҳо инсон аст, ки имкон дорад даъвои илоҳият намояд. Ибни Арабӣ ибораи “манзили улфат”-ро иборат аз ҷамъи байни Ҳақ ва халқ ва ҳамон сурате донистааст, ки инсон дар он офарида шудааст. Аз назари Ибни Арабӣ, барои расидан ба Худо бояд ба даруни нафс роҳ ҷӯст. Меъроҷи ориф ва уруҷи (болоравии) ӯ ба сӯи Худо ҳамон фурӯ рафтан ба даруни нафс аст, ки аксари ҷонибдорони мактаби ӯ шинохтани нафсро, аз масоили бузурги худшиносӣ ва Худошиносӣ тавсифу таблиғ намудаанд.

Ҳоло баъди шиносоии пешакӣ бо аҳамияти шинохти нафс мо маҷбурем, ки ин масъаларо муфассалтар мавриди баҳсу омӯзиш қарор диҳем.

Қариб, ки айнан ҳамин масоилро дар шарҳи Алӣ Амининажод дар китобаш “Ҳастишиноси ирфони исломӣ” ба назар мерасанд, ки нуқоти муҳими шарҳи мухтасари онро дар ин ҷо ба хотири суҳулати фаҳми он ёдовар мешавем.

Ҳамин тариқ, дар фасли саввуми китоби худ Аҳмади Нажод пинҳонтарин ҳолатҳои: ҳолати ғайб ал-ғуюбии зот - “ло исм ва ло расм”, таъайюни аввал - номуайянӣ, таъайюни сонӣ - мавриди муҳокима қарор нагирифтан, Олами ақл, Олами мисол ва Олами модда - номҳои ҳолатҳои Зотро мавриди муҳокима қарор додааст.

Дар ду фасли гузашта ба хотири он муқаддамоте шарҳ ёфтанд ва ҳоло ба шарҳи тартиби низоми вуҷуд аз дидгоҳи сӯфиён оғоз кунем. Ҳамин тавр, пеш аз он ки ба муҳокимаи нуқтаҳои теъдодан зиёд ва таъайюнот, ки дар низоми умумии вуҷуд таҳаққуқ меёбанд, мо руйхати ин нуктаҳо ва таъайюнотро зикр карда, баъдан ҳар кадоми онро муфассалан шарҳ хоҳем дод. Сӯфиёни мусулмон ҳама низоми вуҷудро дар шаш марҳала шарҳ додаанд, навиштааст Аҳмади Нажод:

1 – ҳолати ғайб ал-ғуюбии зот.

2 –Таъайюни аввал.

3 –Таъайюни сонӣ.

4 – Олами ақл.

5 – Олами мисол.

6 – Олами модда.

Ба осонӣ метавон дарк кард, ки ин тартиб ба “қавси нузул” мансуб мебошад, аммо “қавси суъуд”, ки зимни он ҳузури умумии инсони комил ва масоили қиёмат ва шаклҳои он дар назар дошта мешавад, дар охири муҳокимаҳо, баррасӣ хоҳад шуд. Дар ин асос, марҳалаи аввалине, ки мавриди баррасӣ қарор зоҳад гирифт, баҳс оид ба ҳолати ғайбу-л-ғуюби зот мебошад.

Ғайб ал-ғуюб ва ҳолати зоти “бе ном ва муайянкунанда” (*ло исм ва ло расм*)

Дар осори орифон, вақте сухан аз ғайб ал-ғуюби ҳолати зот меравад, тасдиқ карда мешавад, ки ин ҳолат на ягон ном ва на ягон муайянкунанда - “ло исм ва ло расм” мебошад. Оё шарҳ додан метавон, ки орифон чиро дар назар доранд? Баъзеҳо дар ин ҳолат тасдиқ мекунанд, ки зери ин маъно сӯфиён онро ба назар мегиранд, ки ин ҳолати зотро бо ягон ном ва муайянкунандае номидан ғайриимкон аст. Илова бар ин дар бораи ин ҳолат ҳатто наметавон аз вожаҳое ба мисли “зот” ва “ғайб ал-ғуюбӣ” сухан гуфт.

Ин андеша бар иштибоҳе бунёд ёфтааст, - ба андешаи Аҳмади Нажод, -ки он бо умумияти калимаҳои умумии номҳои оддӣ ва ирфонӣ алоқаманд аст. Сӯфиён ҳангоми шарҳи пешниҳодкардаи худ номҳои оддиро на ба маънои ҳарфиашон мадди назар гирифтаанд, зеро сӯфиён дар осори худ тавассути калимаҳо ва ибораҳои гуногун ба ҳолатҳои ғайбӣ, номҳо ва истилоҳот ишора кардаанд. Сӯфиён дар бораи ин ҳолати зотӣ сухан гуфта, зери маънои “ло исм ва ло расм” онро ба назар гирифтаанд, ки имконияти номгузории ирфонии ин лаҳзаи зот аслан номумкин аст.

Каме пештар мо нишон додем, ки номи ирфонии зот аз сифатҳо ва таъайюни хос иборат аст. Ҳақиқати номи ирфонӣ, дар баробари зот аз сифати

мушаххас, ваҷҳ ва “ифодаи ишроқия”[55] (*нисбат*) иборат мебошад. Масалан, зот бо сифати “ифодаи раҳматӣ” номи Раҳмонро ташкил мекунад; ва ин зот якҷоя бо “таҷаллии илмӣ” ва “изофаи илмия” номи Олимро таҳаққуқ мебахшад. Ба қавли дигар, вақте ки зот дар ягон марҳала пайдо мешавад, исми ирфонӣ пайдо мешавад. Барои ҳамин, исми ирфонӣ моҳиятан воситаи махсуси таназзули зот ва навъи махсуси ифодаи сифатҳои мутлақ дар шакли таъайюнот мебошад. Дар ин замина исми ирфонӣ бо марҳалаи таъайюнот ва таҷаллиёт печида мебошад ва то замоне, ки аз ягон таъайюнот сухан наравад, дар бораи ҳеҷ як исм сухан гуфтан наметавон. Аммо дар ҳолати зот ҳеҷ гуна изофа, нисбат ва сифат сухан намеравад, ва ҳамчунон ки қаблан ба он ишора намуда будем, тамоми ҳақоиқ дар ин ҳолат дар шакли мутлақият (итлоқия) ва и упрочивающей форме таҳаққуқ меёбад ва дар он ҳеҷ гуна афзалият ва заъифӣ вуҷуд надоранд. Пас, ҳолати ғайб ал-ғуюб “бе исм” буда, онро бояд ҳамчун ҳолати “мақоми ло исм ва ло расм” шарҳ диҳем. Ҳолати асосии зот ҳолатест, ки пеш аз он ифозаи ишроқӣ, таҷаллӣ, таъайюнот ва зуҳурот онро ҳамроҳӣ мекунад. Аз ин рӯ, “исми ирфонӣ”, ки як навъи шарҳ ва таҳлили ҳолати таҷаллӣ ва зуҳур мебошад, ба ҳолати зот дастрас намебошад [57, С. 119-256].

Ҳолати ғайб ал-ғуюбии зот аз муҳокима дур аст

Дар матнҳои ирфонӣ дар баробари рад кардани - (нафй-и исм ва расм) холати ғайб ал-ғуюб чунин меҳисобанд, ки ин ҳолат иборат аз марҳалае аст, ки барои муҳокимаи ақлӣ дастнорас мебошад. Яъне, ин ҳолат барои муҳокима (ҳукм) ва предикат (маҳмул) қарор дода намешавад. Садриддин Қунавӣ дар китобаш “Расоил ан-нусус” («Расоили возеҳ») гуфтааст: «Бидон, ки нисбат ба Ҳақ аз назари зоти Ӯ (ва бо баҳисобгирии ғайб ал-ғуюбӣ) ҳеҷ гуна муайянкунандаҳо қобили қабул намебошанд» [51, С. 6].

Ҷониби зоҳирии ин сухан дорои характери умумӣ буда, шомили ҳама гуна муҳокима ва муайянкунанда мебошад. Барои ҳамин ҳеҷ гуна “ҳукм”-ро

[55] Яъне ба тасдиқоти ҳикмати ишроқ дар бораи изофот мувофиқат мекунад.

наметавон болои ҳолати зот бор кард. Ба ин ҳолати умумӣ такя карда, баъзеҳо бадғаразона, ба ин масъала наздик шуда, ҳолати зотиро аз ҳама гуна муҳокима озод шумурда чунин ҳисобидаанд, ки дар бораи ин ҳолат чизе наметавон гуфт. Аммо таҳқиқи амиқи ақвол ва асарҳои орифон нишон медиҳад, ки вақте онҳо дар бораи аз муҳокима дур будани зот сухан мегӯянд, онро дар назар доранд, ки ҳолати ғайб ал-ғуюби зот барои маҳдудият ва муҳокимаи шахсӣ дастнорас мебошад. Яъне ба мисли он ки дар мавриди ҳукм дар бораи "ло исм ва ло расм" чизе гуфтан наметавон, бо назардошти он ки ин ҳолат дорои ҳеҷ гуна хусусиятҳо ва афзалиятҳо намебошад ва наметавон ҳукмҳои хусусиро бар он бор кард. Ҳукмҳои хусусӣ барои чунин ҳолатҳое пешбинӣ гардидаанд, ки вақте мо аз ҳолати зот берун меравем, вориди таъайюноти хусусӣ ва таъайюноти махсус мешавем. Дар ин марҳала, дар нисбати зоти таъайншуда метавон аз ҳукмҳои маҳдуд, муқайяд ва махсус истифода намуд.

Қунавӣ дар тафсири сураи ал-Фотиха [130], ин масъаларо аниқ намуда, ҳолати ғайб ал-ғуюби зот танҳо ҳукмҳои хосро истисно карда, гуфтааст: «Ғайб вачҳи зот мебошад, ҳамчунон ки қайд намудем, ба он ҳеҷ як ҳукми саҳеҳ мувофиқат намекунад, ҳеҷ гуна сифатҳои таъайнотӣ намегирад, ки аз дигар сифатҳо фарқ кунад» [173, С. 105].

Пас, зери ҳукмҳое, ки дар ҳолати зот инкор карда мешаванд, ҳукмҳои хусусӣ ва маҳдудро дар назар доранд, ки дорои вачҳи баръакс буда, ба танзили Ҳақ аз ҳолати Зотӣ оварда мерасонанд. Аммо ҳукмҳое ки бо ҳукмҳои муҷаррад мутобиқат намуда дорои таҷаллии ғайб ал-ғуюб намебошанд, ки иллати нузули зот нагашта онро ба сӯи марҳаллаи таҷаллӣ тела намедиҳад, ба ин вазъ мухолифат надорад;ин ҳукмҳо, тибқи тасдиқи сӯфиён нисбати робитаи ин вазъ истифода шуда бо он марбут мебошанд.

Ҳукмҳои мазкур, ки онҳоро метавон бо истилоҳи "аҳкоми итлокии зотӣ" номид, дар фалсафаи исломӣ як ҷузъи категорияҳои дуввум - "маъқулоти сония" ба ҳисоб мераванд. Онҳо ҳамчунин ба мисли "ваҳдати зотӣ", "басотати

зотӣ” ва “вуҷуби зотӣ” бо Ҳақ дар ҳолати “ғайб ал-ғуюбӣ” мувофиқат менамоянд ва сабаби ҳеҷ гуна таназзул намешаванд.

Дар баробари “аҳкоми итлоқии зотӣ” (ҳукмҳои мутлақи зотӣ), “акмалоти итлоқии зотӣ”-ро низ метавон ба ҳолати ғайб ал-ғубӣ мансуб донист. Масалан, ҳарчанд “илм”, “қудрат”, “ҳаёт” ва ғ. дар шакли исмҳои ирфонӣ дар ҳолати зот рад карда шаванд ҳам, тамоми камолот дар шакли “итлоқӣ” ва “индимоҷӣ” дар он ҳолат таҳаққуқшаванда мебошанд ва метавон чунин ҳисобид, ки ин соҳа ба мавҷудияти чунин категорияҳои ҳукм маҳкум мебошад. Зеро ҳеҷ кадоме аз ин ҳукмҳо, ки шомили камолоти итлоқӣ мебошанд, сабаби таназзули зот аз ҳолати ғай ал-ғубюб намегардад.

Абуҳомид Тарка дар китобаш “Қавоъид ат-таухид”, баъд аз тасдиқ намудани ҳукм оид ба зарурати вуҷуди Ҳақ чунин саволро пешкаш намудааст: «Оё эътироф намудани ҳукм оид ба зарурат, худ ба худ маҳдудкунии ҳолати итлоқии зот нест ва оё чунин эътироф ба хориҷ шудан ва таназзул кардан аз ҳолати зот баробар нест?»

Абӯҳомид дар посух ба ин суол гуфтааст: «ҳолати итлоқии зот ва амсоли ин барои ҳолати зот ягон маҳдудиятро пеш намеоваранд. Чунин ҳукмҳо моҳиятан ҳукмҳои зарурӣ мебошанд, ки сабаби баромади зот аз ҳолати итлоқӣ намегардад ва маҳдуд кардани вай тавассути ягон таъайюнот намешавад» [57, С. 246].

Дар қисматҳои гузаштаи ин фасл чунин ҳукми ҳолати итлоқии зот, ба мисли ваҳдат, басотат, вуҷуб, феълият ва хориҷият, ки аз рӯи моҳияташон қисми дуввуми категорияҳои фалсафӣ мебошанд; ҳамчунин чунин камолоти зотии (абстрагированные самостные совершенства), аз қабили илм, қудрат, ҳаёт, раҳмат, дигар сифатҳо ва исмҳо дар марҳалаи ғайб ал-ғуюбӣ зотӣ муқарраршуда ҳисобида мешуданд. Ва асосан ҳамаи ҳақоиқе, ки аз ин ҳолат фарқ мекунанд, дар асоси қоидаи ақлӣ: «М*уътӣ (диҳандаи)* чиз аз ин чиз маҳрум намебошад», - бояд дар ин ҳолат таъайюнот дошта бошанд. Маҷмӯи ҳама ҳақоиқ, ки дар

ҳолати ғайб ал-ғуюбӣ таҳаққуқ ёфтаанд, “шууни зотия” номида мешаванд ва худи ин ҳолат “ҳақоиқ ал-ҳақоиқ” номида мешаванд» [52; 57; 293].

Аммо ҳоло бошад чунин суол ба миён меояд, сифати таҳаққуқи аҳком, сифот, камолот ва камолот дар ҳолати ғайб ал-ғуюбӣ чӣ гуна таҳаққуқ меёбад? Оё чунин сифат сабаби такассур мешавад ё не? Агар сабаби такассур нашавад, пас чи гуна дар вай ин қадар воқеиятҳо ва ҳукмҳои зиёд вуҷуд дошта метавонанд, ки боиси касрат намешаванд?

Пештар мо шарҳ дода будем, - менависад Аҳмади Нажод, - ки «ҳайсияи тақаюдия” се навъ мебошанд: (нафадиййа), (шаъния) ва (индимоҷия). Аз роҳи истиқро (хулрсаҳои индуктивӣ) аз ҳукмҳои ирфонии зиёд ошкор мешавад, ки ҳама ин се навъ ваҷҳҳо дар ҳастишиносии ирфонӣ вуҷуд доранд. “Ҳайсияи тақюдияи нафадиййа*”* дар миёни асмоъ, мазоҳир ва аъёни вуҷуд дорад; “ҳайсияи тақаюдияи шаъния”– дар Ҳақ ва ҳама таҷҷалиёт, таъайюнот ва зуҳурот мебошанд; аммо “Ҳайсияи тақоюдияи индимоҷия*”* – дар Ҳақ дар ҳолати “ғайб ал-ғуюб” мебошад.

Ин се “ҳайсияи тақаюдия” ҳамаашон тақаюдӣ мебошанд, яъне ҳеҷ яки онҳо иловаҳои зарурирo ба зерматн ворид намесозад ва аз дунболи худ мисдоқи касрати ҳақиқиро ба вуҷуд оварда наметавонад ва би-з-зот вуҷуд ва мавҷудотро намеорад. Пас, дар ирфон таҳаққуқи мо сивоуллоҳ фарқ кунад, дар ягон соҳа ва вазъ “касрати ҳақиқӣ”-ро ба вуҷуд оварда наметавонад. Ҳатто “касрати шуун”, ки дар тасаввуф барои тавсиф додани мушоҳидашаванда истифода мешавад, касрати ҳақиқиро ба дунбол надорад ва зимнан мо танҳо бо (шуъуни афрозӣ) сару кор мегирем. Аммо дар “шууни зотия”, яъне дар ҳама ҳукмҳо, камолот ва воқеият, ки дар матни зоти ғайб ал-ғуюб таҳаққуқ меёбанд, чунин касарот вуҷуд надорад ва матни вуҷуд дар ин соҳа аз чунин машғулиятҳо ва таносуби ишроқиёт маҳфуз аст. Ҳамаи онҳо дар шакли (индимоҷӣ) ва (*индикокӣ*) дар тамоми фазои бениҳояти Ҳақ таъоло тавассути ҳайсияи тақаюдия интишор ёфтаанд. Онҳо дар як вақт в унисон бо контексти Ҳақ дар ҳама ин контекст

вуҷуд доранд.

Дар ақволи сӯфиён ду мисоле барои шарҳ додани сифати (таҳаққуқи индимоҷӣ) касрат дар нисбати зоти Ҳақ таъоло вуҷуд дорад. Мисоли аввалин бо рақамҳо марбут аст. Рақами 1, пеш аз он ки аз вай касрати воқеии ададҳои дигар ташкил ёбад, дар вай чунин хусусиятҳоа ба мисли нима будан, сеяк будан, чаҳоряк будан ва ғ. амалӣ мегардад, сарфи назар аз он ки вай хермати воҳид ва монолитнҷӣ мебошад, дар вай ҳеҷ чизе аз касрати потенсиалӣ мушоҳида намешавад, дар худаш дар шакли собит теъдоди беинтиҳои нисбатҳоро доро мебошад (*нисбат*). Зеро рақами 1 моҳиятан нимаи рақами 2 ва сеяки рақами 3, чаҳоряки рақами 4 -ро ташкил медиҳад ва ҳамин тариқ нисбат дар вай метавонад то ба беохир идома ёбад ва амалӣ гардад.

Ба сифати мисоли дуввум донаи хурмо хизмат мекунад. Ин донаи хурмо пеш аз рӯидан, дар ҳоли ваҳдат дар касрат зоҳир мегардад ва ҳама чизе дар дарунаш бударо ошкор мегардонад ва дорои шаклҳои в (мундамиҷ) и (мундак) форме дар шакли касрат дар ваҳдат мебошад, ки дар охир аз он ба вуҷуд меоянд (ба онҳо дохил мешавад реша, тана, шохҳо, баргҳо, меваҳо ва дигар донаҳо дар дохили он ва ҳама чизе дар оянда мерӯяд, вуҷуд дорад). Инсоне, ки дорои омодагии муносиб аст, ҳамаи инро дар ҳамон ҳаҷми дона мебинад, ки онро “мушоҳидаи муфассал дар муҷмал*”* – майда, меноманд» [52, С. 9; 65, С. 20; 62, С. 36-37].

Бо назардошти ҳама гуфтаҳои боло, дар баробари ҳама навъҳои айнияти сифатҳо ва зот ба саволе равшанӣ меандозем, ки аз муайян кардани анвои робитаҳои сифатҳо байни онҳо иборат аст. Зеро сифати таҳаққуқи ин сифатҳо дар ҳолати зот ва таҷаллии сифатҳо тавассути якдигар бо назардошти се асоси муҳим собит мегардад. Тибқи асоси аввал ҳама ин сифатҳо дар матни ягона вуҷуд доранд. Бо назардошти асоси дуввум ҳама ин сифатҳо моҳиятан мутлақ мебошанд, аммо тибқи асоси саввум, ин сифатҳо индимоҷӣ мебошанд. Бо назардошти ин се асос нисбати сифатҳое, ки дар вазъи зот таҳаққуқ меёбанд,

айнияти онҳо тасдиқ мегардад. Орифон ин маъниро дар робитаи байниякдигарии сифатҳои мутлақ дар ҳолати зот ёдовар мешаванд ва ин робитаи байниҳамдигарӣ сабаби муттаҳид шудани онҳо мегардад. Фанорӣ дар китобаш “Мисбоҳ ал-унс” (“Шамъи дӯстӣ”) барои собит намудани айнияти ҳаёт ва қудрат ва бо илми Ҳақ дар вазъи зот гуфтааст:

«Вақте ки ақлан ин сифатҳоро дар нисбати Ҳақ истифода менамоем, пас маълум хоҳад шуд, ки ҳаёт ва бузургии Ҳақ аз рӯи моҳияташон таҷаллии илми Ӯ мебошанд. Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, “мутлақоти томма”, [ва ҳамчунин сифатҳо ва ҳукмҳое, ки дорои мутлақияти том мебошанд], дар ҳолати пай дар пай ҷойгир шуданашон (пушти якдигар) дар ҳоли зот (вақте дар як вақт ба ҳамдигар дар тамоми сатҳи вуҷуд ҷамъ меоянд, ҳамаи онҳо абсолютными и упроченными мебошанд), бо ҳам иттиҳод мекунанд. Аз ин рӯ, Ҳаёт ва Қудрат дар он ҳолат таҷаллии илми Ӯ мебошанд» [279, С. 79].

Дастнорас будани ғайб ал-ғуюб.

Орифон дар асарҳои худ ҳолати зотро шинохтанашаванда дониста, чунин ҳисобиданд, ки вай барои ҳеҷ касе шинохтанашаванда боқӣ хоҳад монд вай ҳатто барои пайёмбарон ва хотаму-л-анбиё низ дастнорас мебошад.

Шинохтанашаванда будани ҳолати зотӣ бо вуҷуд надоштани насаби Ҳақ аз назари зотии ӯ бо халқ алоқаманд мебошад зотӣ бениҳоят ва тақалли надошта ҳеҷ гоҳ зери таъсир ва ҳимояи ақлҳои маҳдуд ва муҷаллӣ воқеъ нахоҳад шуд.

Садриддин Қунавӣ дар китобаш Тафсири «Фотеҳа» ба ин масъала дахл намуда, навиштааст: «Дар байни донишмандони фиқҳ ва шариат, аҳли завқ ва мукошифа = орифон) ва “асҳоби ақли салим” = файласуфон) ҳеҷ гуна ихтилофе нисбати он ки Ҳақ таъоло моҳиятан номаълум аст; илмҳои ҳеҷ кадоме (ғайри донишҳои худи Худованд) наметавонанд ин ҳақиқатро шинохта гиранд. Зеро дар байни Ҳақ ва Зоти Ӯ ва халқ ҳеҷ нисабе вуҷуд надорад» [173, С. 35].

Қунавӣ дар каломаш ба мувофиқати ваҳй, ирфон ва ақл ишора кардааст, аммо ин қавл маънои онро надорад, ки зоти ғайб ал-ғуюб моҳиятан

шинохтанашаванда мебошад. Ин ҷо дар мадди назар он қарор дорад, ки ҳеҷ кас бо донишҳои худ наметавонад ба умқи асосҳои ин нуқот сарфаҳм равад. Аз ин рӯ, дар сухани орифон дар баробари инкор кардани имкони маърифати Худо дар ҳолати зот "илми иҷмолӣ" оид ба ин ҳолат мумкин ва иҷозат дода мешавад. Зеро ҳам дар "илми ҳусулӣ", ҳам дар илми интуитивӣ - "илими шуҳудӣ" инсон дар маҷмуъ ва ба шакли мухтасар медонад, ки аз пушти ҳама таҷаллиёт зоти беинтиҳо қарор дорад, ки таҷаллӣ надорад.

Қунавӣ дар китобаш "Мафотеҳ ал-ғайб" дар ин бора навиштааст: «Ҳақ таъоло аз мавқеи ғайб, ҳувияти ғайбияи итлоқияи ло таъайюнӣ аз мо сиво ҳеҷ гуна нисаб надорад. Аз ин рӯ, саъю талош дар роҳи амиқан шинохтани Ӯ ва идома додани ҷустуҷӯ зимни сулук маъноях вақтро беҳуда сарф кардан аст ва ин амал ҷустуҷӯи чизи даснорас мебошад, ба истиснои донишҳои иҷмолӣ (умумӣ). Яъне дар шакли иҷмолӣ ва мухтасар шинохтан мумкин аст, ки болотар аз ин таҷаллиёт чизе вуҷуд дорад, ки ин таҷаллиёт имконпазир мегардад» [173, С. 124]. Маҳз барои ҳамин, инчунин дар робита бо ғайриимкон будани дастрасӣ ба ин мақом Худо фармудааст: «Худо шуморо аз Худ метарсонад; ва Худо бар бандагон (бисёр) Меҳрубон аст»[56] [Қуръон, 3: 30.].

Дар ин оят аз рӯи бузургии худ оромии бандагони худро хоҳиш дорад ва онҳоро аз саъй ба сӯи чизи дастнорас бар ҳазар медонад [279, С. 98].

Дар ин бора ҳамчунин ривоёте мисли: «Дар бораи ҳама чиз бигӯ, аммо дар бораи Аллоҳ чизе магӯ» [172, Ҷ.1, С. 92] ва оятҳое мисли: «(Худо) он чиро медонад, ки пеши рӯи одамиён аст ва он чиро ки паси пушти онҳо аст. Ва одамиён Худоро ба дониш фаро нагиранд».[57] [Қуръон, 20: 110.]

Муҳаққиқ Қайсарӣ дар муқаддимаи аввалини худ бар китоби *Шарҳи* «Фусус ал-ҳикам» навиштааст: «Ҳақ таъоло аз назари вуҷуд зоҳиртарини ашё мебошад; ва ҳамин тариқ дар бораи Ӯ ҳамчун вуҷуди табиӣ сухан мегӯянд. Ва Ӯ

[56] Қуръон, 3: 30.
[57] Қуръон, 20: 110.

аз назари “моҳият” ва “ҳақиқат” махфитарин чиз мебошад. Пас, Ӯ ҳамчунон, ки доноён дар намозҳои худ аз Ӯ мегӯянд»: «Мо туро ҳамчунон ки сазовори нашнохтаем” Мы не познали Тебя, как подобает познать!» [293, С. 5].

Баъзан дар китобҳои орифони мусулмон махфияти Худо на бо махфи будани зоти Ӯ, балки ҳолати “азҳар ал-ашё” (зоҳиртарин ашё) алоқаманд карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо тасдиқ мешавад, ки Худо аз сабаби шиддати возеҳияти худ, махфӣ боқӣ мемонад. Ба қавли дигар, аз сабаби он ки ҳиссиёт пайваста дар роҳи шинохтани Ӯ қарор доранд, пас онҳо намедонанд, ки ҳамеша ва ҳама вақт Ӯро дидан наметавонанд ва Ӯ дар ҳоли зоҳиршавии пайваста, зери пардаи ғайб ва шинохтанашаванда қарор мегирад. Мулло Ҳодии Сабзаворӣ дар “Шарх-и манзума”-и худ гуфтааст:

Хафо (пӯшидагӣ) Ҳақ таъоло ба он ҳолате шабоҳат дорад, ки ҳама ашёи ҷаҳон дар зери нури сафед қарор дошта бошанд, ки ҳеҷ гуна нури дигаре вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат сарфи назар аз он ки чашмҳо пайваста нурҳои сафедро мебинанд, аз сабаби якхела будани нурҳо онҳоро дониста наметавонанд ва барои исбот намудани он далелу бурҳон ва дахолати ақл зарур мешавад.

Исмҳои ҳолати зот. Дар ирфони исломӣ вуҷуди номҳои зиёди исмҳо дар ҳолатҳои гуногун ва дар ҳар соҳа, аз як сӯ, чизи мусбӣ, аз сӯи дигар, зуҳуроти манфӣ ҳисобида мешавад. Аз як сӯ, мавҷудияти ин номҳои зиёд, ки ҳар кадоми он ба саволи муайян ҷавоб мегӯяд, равзанаест барои шинохтани ҳаҷмҳои гуногуни воқеият. Аммо, аз сӯи дигар, чунин теъдоди зиёди номҳо дар дигар маъноҳо, дар дигар ҳолатҳо ва марҳилаҳо истифода мешавад, ки ҳар кадоми он аз дидгоҳи аҳамияти махсуси худ, метавонад ҳақ бошад, аммо сарфи назар аз ин, сабаби пайдо шудани теъдоди зиёди истилоҳот мегардад, ки баъзе нуқсонҳоро тавлид менамоянд. Ин бошад, баъзе соҳибихтиёриро дар шарҳи ин ва ё он ваҷҳи воқеият сабаб мегардад [190, Ҷ.2, С. 333-337].

Пас лозим аст, - навиштааст Аҳмади Нажод - , ки дар ҳар як ҳолат ислоҳоти заруриро бояд истифода кард, ки дар ҳар китоб ва аз роҳи қиёс

мақсади асосӣ кушода шуда, шарҳи нодурости онҳо пешгирӣ шавад.

Нисбати ҳолати зот даҳҳо исмҳо истифода шудаанд, ки ҳашт адади онҳоро дар ин ҷо дида мебароем:

1. Маҷмӯи истилоҳот ба ҳолати ғайб ишора мекунанд, ки сирри он ё аз мабдаи шинохташаванда бармеояд ва ё бо мабдаи шинохташаванда алоқаманд мебошад. Баъзан онро барои он "ғайбӣ" меноманд, ки вай аз пушти ҳама таҷаллиёт қарор дорад ва аз рӯи моҳияташ "абтан ал-ашё" (пушидатарин чизҳо) мебошад. Баъзан онро "ғайб" барои он меноманд, ки шинохти он барои инсон дастнорас мебошад. Ва ҳатман, вақҳи аввали ғайб моҳиятан "иллати" вақҳи дуввум мебошад [48, С. 138].

Ба ҳолати зот дар робита бо он ки пушида буданаш ба он номҳои гуногун додаанд, мисли "ғайби мутлақ", "зоти ғайб ал-ғуюбӣ", «Вай» - "ҳува» ба маънои ишора ба ғайбӣ будани он "ғайб ал-ҳувия", "канз ал-махфӣ", "ал-ҳақиқат ал-ғайбия", "анқои муғриб", "ал-ғайб ал-макнун", "ал-ғайб ал-масун", "ғайб ал-ғайб", "ал-ғайб ал-ҳақиқӣ", "ал-ғайб аз-зотӣ", "ҳазрат ғайбия", "мақом ал-изза ва-л-ғанӣ", "мақом ал-ғайбӣ" ва "ал-ҳувият ал-ғайбия".

2. Гурӯҳи дигари асмо ин ҳолат ба "зот" ишора мекунанд, зеро ҳама мо сивои Аллоҳ, ба Ӯ такя мекунад ва аз роҳҳои гуногун ҳолати Ӯ, вазъи Ӯ ва сифати Ӯ ба ҳисоб мераванд. Пас аз пушти ин ҳолатҳо зот қарор дорад, ки моҳиятан қисми таркибии он - "муқаввим" мебошанд. Барои номгузории ин нуқот баъзан мустақиман истилоҳоте мисли "зот" ва ё "ҳазрати зот ал-ҳаққ", ва ё оддӣ "зот ал-ҳаққ" истифода мешаванд. Аммо дар аксари ҳолатҳо ин номҳо дорои сохтори таркибӣ мебошанд, масалан, "аз-зот ал-аҳадия", "аз-зот ал-мутлақа" ва"аз-зот ал-илоҳия".

3. Дар гурӯҳи саввуми исмҳо ба унсури мутлақ ва фарогири зот ишора мешавад. Масалан, "улуҳият ал-мутлақа", "ҳазрат ал-итлоқ аз-зотӣ", "вуҷуд мин ҳайс Ҳува", "ал-ҳақиқат ал-мутлақа" ва "ал-вуҷуд ал-мутлақ".

4. Дар гурӯҳи чаҳорум ҳолати зот ба вуҷуд надоштани таҷаллиёт ишора

мешавад, масалан, “мақоми ло таъайюн”, “ал-ҳазрат ал-ғайбия ал-ғайр ал-мутаъаяна” ва “ал-ҳувият ал-ло таъайюния”.

5. Дар гурӯҳи панҷуми исмҳои зот ба асли мавҷудият ва таҳаққуқ ишора мешавад, масалан, “ҳувият”, “вуҷуд”, “ҳаққ”, “ҳақиқат” ва “ал-улуҳият ал-айния”.

6. Номҳои гурӯҳи шашум ба - «*ваҳдати зот*” ишора мекунанд. Масалан, «ваҳдат», (ал-ҳувият ал-аҳадия” ва ё “ал-мартабат ал-аҳадия”.

7. Баъзан ба он ишора мешавад, ки ин ҳолат ҳақиқати мо сиворо дар бар мегирад, масалан, “ҳақиқат ал-ҳақиқа”.

8. Баъзе исмҳо ҳатто ба мотивацию ҳолати зот ишора мекунанд, масалан, - “маҳз ал-вуҷуд ал-баҳт”, «вуҷуди баҳт”, “ал-вуҷуд ал-маҳз”, “зати баҳт» ва “ҳастии сирф”.

Ҳамчунон ки мулоҳиза менамоем андешаҳои муҳаққиқони муосири эронӣ Муҳаммад Кокоӣ ва Аҳмади Нажод дар масъалаҳои фавқ бо ҳам шабоҳати зиёд доранд, гарчанде аввалӣ онҳоро муфассал ва дуввумӣ муҷазтар баён мекунанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии андешаҳои онҳо аз доираи мавзӯи баҳс берун мераванд. Ҳоло бошад фурсаи муносиби он пайдо шудааст, ки таълимоти Ибни Арабиро оид ба нафс, ки роҳи ягонаи шинохти Худо маҳсуб мебошанд, мухтасар баррасӣ намуда, шинохти нафсро сароғози шинохти худо дунболагирӣ намоем.

5.3. Мақоми инсон ва шинохти нафс

Ёдовар мешавем, ки маънои истилоҳи “нафс” вобаста аз шарҳу тафсири муфассирон ва илоҳиётшиносон доимо тағйир меёбад. Дар адабиёти динӣ ва илоҳиётшиносӣ баъзан онро бо “рӯҳ” муродиф ва баъзан ба як маъно истифода мебаранд. Баъзеи дигар тахмин мекунанд, ки истилоҳи “нафс” ба шахсият ва сифатҳои он, ки ба инсони муайян далолат мекунад, хос мебошад. Дар ҳоле, ки истилоҳи “рӯҳ” ҷавҳари олитарини нафси азалӣ мебошад. Мутакаллимон аксаран онҳоро хамчун муродифи якдигар истифода бурда, ҳамчун асоси

фаъолияти ақлӣ ва зеҳнии инсон мефаҳмиданд, дар ин маъно истилоҳи “рӯҳ”, ки дар оятҳои Қуръон истифода шудааст (масалан, 15:29; 38:72) фаҳмида шудаанд. Файласуфон “рӯҳ”-ро ҳомили нафс ҳисобида, онро ба нафси наботӣ, ҳайвонӣ ва оқила-инсонӣ ҷудо мекарданд [116]. Сӯфиён бошанд, як қисми олии “нафс”-ро “рӯҳ” номида, қисмҳои дигари онро “нафс” меҳисобанд. Дар фаришташиносӣ ва ҷиншиносӣ истилоҳи “нафс” истифода намешавад, фариштаҳо ва ҷинҳо “рӯҳ” номида мешаванд. Дар метафизикаи динӣ-фалсафӣ ба истилоҳоти “нафс” ва “рӯҳ” мақоми онтологӣ-кайҳонӣ дода мешавад. Масалан, дар тасаввуф “рӯҳ” муродифи “ақли аввал” ва “нахустофарида” дониста шуда, ҳамчунин дар шаклҳои ар–руҳ ал-қудс, ар-руҳ ал-муқаддас, руҳу Аллоҳ, ар-рӯҳ ал-аъзам ва ғ. низ номида мешавад. Файласуфон бошанд, онро ҳамчун яке аз сатҳҳо ё дараҷаҳои судури илоҳӣ ҳисобида, ба маънои мабдаи ҳаракати афлок истифода мебаранд.

Дар тасаввуф истилоҳи “нафс” ба маънои мабдае шинохта мешавад, ки тавассути он солики тариқат қабл аз ҳама “худаш”-ро ва дар марҳалаҳои баъдӣ метавонад Худоро низ шинохта гирад. Ба қавли дигар, нафс дорои хусусиятҳое аз қабили ҳодис набудан, бе замону бе макон будан, ду соҳатӣ будан, бе ном будани зоти нафс, азалият, абадият ва ғ. мебошад, ки роҳи шинохти Худоро барои солик мекушояд. Дар таълимоти Ибни Арабӣ оид ба нафс тафсилоти ҷузъии нафс чашмрас аст, ки дар ин зерфасл аз он сухан хоҳем гуфт.

Нафси инсон, ки дар даруни зоти хеш ба Худо раҳнамоӣ мекунад, дорои хусусиёт ва қуввaҳои зиёде мебошад. Баъзеи ин қуввaҳо зоҳирӣ ва баъзе ботинианд. Ориф аз миёни қуввaҳои нафс бештар таваҷҷӯҳаш ба қалб аст, на ақл ва ё қувваи дигар. Вай дар сулуки ирфонии хеш, ғайр аз қалб ва ғайр аз зоти нафс, ки дар амиқтарин аъмоқи он қарор дорад, ба қуввaҳо ва хусусиёти дигари он чандон сару коре надорад ё ҳадди ақал дар бораи онҳо камтар сухан мегӯяд.

Қабл аз ҳама дар андешаи Ибни Арабӣ, қалби ориф, уқёнуси бесоҳиле ба назар мерасад, ки аз ҷиҳати паҳноӣ, бузургӣ, фарогирӣ, бениҳоятӣ ва ғ. инсонро

дар “ҳайрат” меафканад. Қалби ориф маҳали қабули тачаллиёт ва бахшоиши илоҳӣ буда, ҳамон тавре, ки Худо аз ҷиҳати вусъат ва фарогирии хеш бениҳоят аст, қалби ориф низ аз ҷиҳати қабул, ғунҷоиш ҳадду ҳудудеро намешиносад, аз ин рӯ, метавонад Худоро низ дар бар гирад. Ибни Арабӣ дар баёни васеъгии қалб ҳадисеро аз паёмбар ба ин мазмун нақл мекунад: «Мо васаъни арзи ва ло самои валакин васаъни қалбу абди ал-муъмин»- На заминам ва на осмонам ҳеҷ кадом гунҷоиши маро надорад ва лекин қалби бандаи мӯъминам маро дар бар мегирад» [20, Ҷ.2, С. 78].

Ибни Арабӣ дар “Футуҳот” овардааст: «Аз аҷибтарин чизҳое, ки дар ҳастӣ рух намуда ин аст, ки вусъати қалб ношӣ аз раҳмати Худост, вале аз раҳмати Худо васеътар аст. Абӯязид мегӯяд: “Агар сад милиюн баробари арш ва он чи таҳти он аст дар гӯшае аз гӯшаҳои қалби ориф қарор гирад, онро ҳис намекунад» [40, Ҷ.2, С. 361].

Ибни Арабӣ муътақид аст, ки ин вусъати Абӯязид дар олами аҷсом аст, вале: «Ман мегӯям агар мумкин бувад, ки он чизе, ки вуҷудаш бениҳоят аст ҳамроҳ бо айни эҷодкунандаи он, дар гӯшае аз гӯшаҳои қалби ориф қарор гирад, ориф онро дар илми хеш ҳис намекард» [37, Ҷ.1, С. 88].

Ногуфта намонад, ки дар адаби форсӣ ин қабил қиссаҳо ва ашъор ниҳоят зиёд вуҷуд доранд, ки ҳатто тавсифи кутоҳи онҳо рисолаи таҳқиқотии моро ба дарозо мекашад, аз ин рӯ, танҳо ба хотири шиносоӣ намунаеро ин ҷо зикр мекунему халос:

Гуфт пайғамбар: ки Ҳақ фармудааст,
Ман нағунчам дар болову паст.
Дар замину осмону арз низ,
Ман нағунчам ин яқин дон, эй азиз.
Дар дили мӯъмин биғунчам, эй аҷаб,
Гар маро ҷӯӣ дар он дилхо талаб [122, С. 131].

Дар ҷои дигар, Ибни Арабӣ вусъати нафсро дар идрокот ба андозаи

уқёнуси бесоҳил медонад: «Асли вуҷуди илм ба Худо, илм ба нафс аст, бинобар ин, илм ба Худо ҳамон ҳукми илм ба нафсро дорад. Илм ба нафс назди олимон уқёнусе аст бе соҳил ва илм ба он таноҳӣ (тамомӣ) надорад. Ҳол, ки илм ба нафс чунин аст, пас илм ба Худо низ фаръи он аст дар ин ҳукм мулҳақ (часпида) ба он мебошад, лизо (аз ин рӯ) таноҳӣ (ниҳоят) надорад. Пас, (ориф) дар ҳар ҳол мегӯяд: Худовандо бар илми ман биафзой» [40, Ҷ.3, С. 121].

Масъалаи дигаре, ки Ибни Арабӣ ба он ишора мекунад, ҳодис набудан ва безамону бемакон будани нафс мебошад, ки байни файласуфон ва ҳукамо матраҳ мебошад, масъалаи қадим ё ҳадис будани нафс ва пеш ва ё баъди пайдошавии бадан, мебошад. Гурӯҳе аз ҳакимон дар пайравӣ аз Афлотун, ба қадим (махлуқ) набудани нафс ва қабл аз бадан пайдо шудани нафс муътақид буданд. Гурӯҳи дигаре низ монанди Арасту нафсро ҳодис (офаридашуда, махлуқ) донистаанд. Гурӯҳе азалияти нафсро напазируфта, вале ба абадияти он муътақид будаанд. Аксари орифон нафсро қадим дониста, илова бар абадият, азалияти онро низ қабул доранд. Ба қавли яке аз муҳаққиқон: «дидгоҳе, ки азалияти нафсро напазирад ва сирфан онро абадӣ бишуморад “рози пайдоиши нафсро табйин (равшан) намекунад. Ҳузури соҳати муҷаррад аз замон дар нафс на танҳо ба маънои абадият дар оянда аст, балки ба маънои азалият дар гузашта низ ҳаст. Чизе, ки оғози замонӣ дошта бошад, наметавонад абадӣ низ бошад. Агар нафс ҳомили мисол (образ) ва сурати илоҳӣ аст, пас дар бе замонӣ нашъат гирифтааст, на дар замон ва мутааллиқ ба олами маъност, на ҷаҳони табиат» [405, P. 46].

Ду сатҳӣ будани нафс. Ҳамон тавре, ки дар қаблан гуфта шуд, аз назари орифон нафс (ё рӯҳ) бе замон, бе макон, азалӣ ва абадӣ аст, вале дар айни ҳол, дар нашъаи дунё, дорои замон ва макон ва дорои вобастагиҳои моддӣ, замонӣ ва маконӣ аст. Ба ҳамин иллат, аз дидгоҳи ирфони исломӣ чизе, ки робитаи байни ҳодис ва қадим, замон ва бе замон аст, ҳамоно рӯҳи инсон аст.

Ба ҳамин хотири ду соҳатӣ (фазоӣ) будан аст, ки нафс метавонад ба дарун

хазида ва ё ба боло уруҷ кунад ва аз доираи замону макон берун рафта, фонӣ ва мадҳӯш шавад ва дар айни ҳол, аз он соҳати бе замон ва бе макон боз ҳам ба олами дунё ва ба ҳушёрӣ дар ин нашъа боз гашта, хештанро дар ин олам пайдо намояд. Яъне фонӣ шудани ӯ аз як нашъа ба маънои маъдум (нест, нобудан) шудани он нест (Аъроф, 143).

Бе ном будани зоти нафс. Ҳамчунон ки қаблан ҳам зикр кардем, аз назари Ибни Арабӣ, нафс дорои ду сатҳ, ду фазо аст. Сатҳи зот, ки аз ҳама тааллуқот (алоқамандиҳо) озод буда, сатҳи қувваҳо ва идрокот ҳар кадом вобастагиҳои хоси худро металабанд. Ин фарқият ба ҳамон тафовуте монанд аст, ки Ибни Арабӣ дар мавриди Худованд байни мақоми зот ва мақоми улуҳият қоил аст. Ибни Арабӣ мақоми бе исмии нафсро чунин тавзеҳ медиҳад: «ҳангоме, ки абд (банда) аз ҳама асмои (номҳои) хеш, ки барои сиришти ӯ лозиманд ва аз ҳама суратҳое, ки бар он офарида шуда, ба куллӣ хориҷ шавад, ба наҳве, ки аз ӯ ба ғайр аз айнаш бидуни ҳеҷ сифат ва ҳеҷ исме - ба ҷуз айн - чизе боқӣ намонад, дар ин ҳангом назди Худо аз муқаррибон (наздикон) хоҳад буд. Дар ин ҷо, ба маврид аст ки сухани Абӯязидро ёдовар шавем, ки ӯ гуфтааст: «Ман алъон ҳеҷ сифате надорам; ва манзураш аз “ал-ъон” замоне буд, ки Худо вайро дар ин мақом муқим дошт» [40, Ҷ.4, С. 13].

Масъалаи дигаре, ки онро Ибни Арабӣ пеш мегузорад ягонагии Худо ва нафс дар зот мебошад, ки боиси андешаҳои гуногуни сӯфиён ва натиҷагириҳои зиёд ва пурихтилофи муҳаққиқон гаштааст.

Аз назари Ибни Арабӣ, ин мақом мақоми бе мақомӣ ҳисобида ва ин масъаларо шарҳу тавзеҳ медиҳад ва онро ба асли илми илоҳӣ мақоме аст, ки ориф бад-он мунтаҳӣ мешавад ва он ин ки мақоме дар кор набошад, чунон ки «дар ояти “ё аҳлу ясриб ло мақома лакум” – Эй аҳли Ясриб, шуморо ҷои мондан нест, пас, баргардед (Азҳоб, 33:13) ба он ишора шудааст. Ин мақом ба ҳеҷ сифате вобаста намешавад. Абӯязиди Бистомӣ (р) бар он ишора кардааст. Он ҷо ба ӯ гуфта шуд: Чӣ гуна субҳ кардӣ? Гуфт: «Субҳу шоме барои ман нест. Субҳу

шом аз они касе аст, ки сифате дорад, дар ҳоле, ки ман сифате надорам» [40, Ҷ.2, С. 46].

Дар ин мақом, Худо ва нафс ба ваҳдат мерасанд, зеро нафс дар ин ҷо аз ҳар сифат ва вобастагие раҳо мегардад ва дар натиҷа бо Худованде, ки ӯ низ таҳти ҳеҷ ҳукме қарор надорад, яке мешавад: «Болотарин тоифа касоне ҳастанд, ки мақоме надоранд, зеро мақомот бар соҳиби мақомот ҳокиманд ва шакке нест, ки болотарин тоифа касоне ҳастанд, ки дорои аҳкоманд, на ин ки маҳкуманд. Онон илаҳиюн ҳастанд, зеро Ҳақ айни онҳост ва Ӯ аҳкамул ҳокимин аст» [40, Ҷ.3, С. 506].

Аз буъди дигар, метавон гуфт, ки ҳарчанд Худо дар ин мақом ҳеҷ мақоме надорад, бо ҳама асмо (номҳо) зуҳур мекунад. Дар муқобил, нафс низ ҳеҷ исме надошта ва нисбат ба қабули исм омода мебошад. Ҳеҷ ҳадде надорад ва ҳар сурат ва ҳар исмеро кабул мекунад. Ин мақоми бемақомӣ ба касоне таъалуқ дорад, ки тариқи Муҳаммад (с)-ро баргузидаанд, ки ӯ ба андешаи Ибни Арабӣ, абди маҳз (бандаи маҳз) буд ва ба ҳеҷ чиз ҷуз Худо таъаллуқ надошт: «Тамоюзи муҳаммадӣ аз ғайримуҳаммадӣ, - навиштааст Ибни Арабӣ, - танҳо ба ин аст, ки мақоми хос надорад. Мақоми ӯ, бемақомӣ аст... нисбати мақомот ба муҳаммадӣ монанди нисбати асмо ба Худо аст; аз он ҷиҳат, ки ба мақоме, ки ба ӯ аснод дода мешавад, мутаъйин намешавад, балки дар ҳар нафс ва ҳар замон ва ҳар ҳол ба сурате дармеояд, ки он нафс ва замон ва ҳол иқтизо (тақозо) дорад. Худои азза ва ҷалла мефармояд "куллу явмин ҳува фи шаъни" – Ҳар рӯз Худо дар коре аст (Раҳмон, 55:29) ва муҳаммадӣ низ чунин аст ва ин қавли Худои таъоло аст, ки “инна фи залика лизикра лиман кона лаҳу қалбун”- Ба дурустӣ, дар ин сухан барои касе, ки диле дорад ё ҳозир шуда гӯш диҳад, панде ҳаст (Қоф, 50:37) ва нагуфт ақл, ки ӯро муқайяд созад. Қалб ба ин ном хонда нашуда, магар ба воситаи дигаргунии аҳвол ва умур, доиман ва дар ҳар нафс» [40, Ҷ.4, С. 76-77].

Вале ин ҷо суоле пеш меояд, ки чӣ гуна метавон аз худи “нафс” ба худи “Худо” расид? Дар баҳсҳои қаблӣ, мо борҳо таъкид намуда будем, ки “ҳар кас

худро бишносад Худоро шинохтааст”. Барои ориф, ки вичдон ва вуҷуд назди ӯ яке аст, шинохтани Худо дар зоти нафс, яъне идроки ваҳдат бо Худо ва ин яъне фано мебошад. Пас, метавон ба хулоса омад, ки таҷрибаи фано иборат аз идроки ваҳдат аст ва ин яке аз асрор ва парадоксҳои ирфон аст, ки чигуна ду чиз метавонанд на танҳо дар айни дугонагӣ, муттаҳидӣ, балки воҳид бошанд. Ин идрок аз роҳи тафаккур ба даст намеояд, чун дар он ҷо “худӣ”-и шахси мутафаккир ҳанӯз боқӣ аст. Пас, ваҳдат, чӣ гуна ҳосил шудан метавонад?

Ин ҷо сухан дар бораи таъкиди ҳадисе меравад, ки тибқи он шарти асосии он “ҳар ки нафси хешро шинохт”, имкон дорад, ки “Худоро низ бишносад”. Яъне шинохти Худо комилан аз шинохти нафс вобаста дониста мешуд. Натиҷаи шинохти нафс бояд сӯфиро ба шинохти Худо оварда мерасонид, сӯфиён онро бо истилоҳҳои “ваҳдат” ва “фано” таъбир кардаанд. Дар ин маъно ваҳдат (як шудани сӯфӣ бо Худо) ва фано (нест шудан дар маънои заминӣ ва пайвастан бо Худо дар маънои ирфонӣ) як чизро ташкил медиҳанд ё аниқтараш ба як маъно фаҳмида мешаванд. Кӯшиши Ибни Арабӣ барои посух додан ба суоле равона шудааст, ки Оё иттиҳоди сӯфӣ бо Худо мумкин аст ва ё не? Агар он имкон дошта бошад, пас он чӣ гуна бояд оғозу анҷом ёбад? Агар имкони ваҳдат ё пайвастан бо Худо номумкин бошад, пас ин ҳадис чӣ маъние дорад? Оё ин шарт аст, ки ориф ба хотири ваҳдат ё ба Худо расидан, бояд ҷисман нест шавад (яъне бимирад)? Ба назари мо, аз ҳама муҳим ин аст, ки оё шарт ҳамин аст, ки Ваҳдат дар нестӣ амалӣ гардад ва чаро дар зиндагӣ он номкин аст?

Ибни Арабӣ дар матне, ки аз тафаккур дар зоти Худо манъ менамуд, гуфтааст: “Худо на шабеҳи чизе аст ва на чизе шабеҳи Ӯст. (Ҳол) чӣ гуна касе, ки шабеҳи ашё аст (яъне инсон) метавонад касеро, ки на шабеҳи чизе аст ва на чизе шабеҳи ӯст, бишносад?”. Дар ин ҷо Ибни Арабӣ саволи ҷиддиеро пеш мегузорад, ки аз назари мо, ҳадафи ниҳоии сайру сулуки сӯфиро бояд ошкору равшан созад. Дар ҳаллу фасли ин масъалаи ниҳоят ҷиддӣ Ибни Арабӣ саъю талоши зиёд карда, ба шарҳу тавзеҳ додани истилоҳоти махсуси сӯфиёна

таваҷҷӯҳ додааст, ки дар зер онҳоро мавриди баҳс қарор медиҳем.

Аввалин қадамҳои сӯфӣ дар таҳзиби нафс зудудани (равонидан, пок кардан) худ, поку муназзаҳ шудан аз разоили ахлоқӣ мебошад. Донишмандони ахлоқ онро таҷаллӣ – ҷилва кардан, ошкор шудан ва равшан шудан, номидаанд. Аммо саволе ин ҷо мантиқист, ки чӣ чизе бояд таҷаллӣ кунад? Сӯфия таҳаллиро (оростан, зебу зиннат додан, ороиш) муқаддимаи тахаллӣ (пок кардан, холӣ кардан, ниг. поинтар шарҳи Ибни Арабӣ –З.З.)[58] [204] ва таҷаллӣ донистаанд. Аммо Ибни Арабӣ, ки дар паи ваҳдат бо Худо ҳаст, на танҳо мехоҳад, ки аз разоили нафсонии худ пок шавад, балки дар пайи раҳоӣ аз худ мебошад. Яъне ӯ мехоҳад, ки аз роҳи инкор кардани афъол, сифатҳо ва тааллуқоти худ, ба сатҳи зоти худ ворид шуда, дар он ҷо Худоро биёбад. Барои ҳамин орифоне мисли Ибни Арабӣ мехостанд, ки ба хилвати зот паноҳ баранд.

Ба қавли Ибни Арабӣ: «Тахаллӣ, назди қавм иборат аст, аз ихтиёри хилват ва эъроз (дур шудан) аз ҳар чизе, ки аз Ҳақ боздорад, (аммо) назди мо тахаллӣ иборат аст аз тахаллӣ аз вуҷуди мустафод, зеро дар эътиқод чунин аст, вале дар нафи-л-амр ғайр аз вуҷуди Ҳақ чизе нест ва он чӣ ба истифодаи вуҷуд мавсуф шуда, бар асли имкони хеш боқӣ аст» [40, Ҷ.2, С. 484].

Ин аст, ки Ибни Арабӣ фаноро ба маънои фано аз хештан дониста мегӯяд: «Бидон, ки бақо ва фано дар ин тариқ (тасаввуф – З.И.) ду мафҳуми изофӣ ҳастанд; фаной аз фалон ва бақой бо фалон. Аммо фаной аз Худои таъоло ба ҳеҷ вачҳ мумкин нест, зеро дар ин миён вуҷуде ғайр аз Ӯ нест. Пас изтирор (зарурат, иҷборӣ, зӯрӣ) туро ба сӯи Ӯ бармегардонад... пас роҳе наменомад ҷуз он ки (бигӯем) фаноят аз худат аст. Аз худ низ фонӣ намешавӣ, магар он ки аз ҳама аквон ва аъён фонӣ шавӣ. Фанои аҳлу-л-лоҳ ҳамин аст» [40, Ҷ.4, С. 45].

Дар иқтибосҳои болоӣ ошкор аст, ки Ибни Арабӣ истилоҳоти ирфониро дар рӯҳияи таълимоти худ хеле моҳирона истифода бурда, онҳоро аз ҷиҳати

[58] Тахаллӣ – холӣ шудан, фориғ шудан, танҳо нишастан эъроз кардан аз амалҳое, ки бандаро аз Худо дур мегардонанд, масалан, меҳри дунё ва пайравӣ аз ҳаво.

маъно ва ҳаҷму ғунҷоиш амиқтар ва пурратар мегардонад. Масалан, Ибни Арабӣ фанои худро чашида, онро чунин баён кардааст:

Ҳангоме, ки хостам ба вуҷуди Ӯ шинохт пайдо кунам,

Ҳар чиро доштам байни талабгорон қисмат кардам.

Ва аз айни худ фонӣ шудам, дар натиҷа вуҷуди Ӯ ҳувайдо шуд,

Пас зуҳури Ӯ мавқуф бар хафои (пинхон шудани) ман аст.

Худованди ҳақ болотар аз он аст, ки бар ман ошкор шавад.

Ба танҳоӣ, дар ҳоле, ки айни ман ва бақои ман ҳанӯз зоҳир аст.

Чунин амре маҳол аст, пас вуҷуди Ӯ ба шарте мумкин аст,

Ки ман аз айни вуҷуд ғоиб ва фонӣ бошам [40, Ҷ.1, С. 81].

Албатта мо шарҳу тавзеҳоти гуногуни ин порчаи шеъриро аз ҷониби муҳаққиқон инкор кардан наметавонем, вале мазмуни мухтасари он хеле фаҳмову равшан аст: замоне мехостам бо Худо шинос шавам, ҳама чизе доштам тақсим кардам, Худо танҳо пас аз ин пайдо шуд. Пас маълум аст, ки зуҳури Ӯ бо маҳвшавии ман вобаста аст, зеро Худо болотар аз он аст, ки дар замони вуҷуд доштани ман, ҳанӯз ки дарк мекунам, ки вуҷуд дорам Ӯ зоҳир шавад. Чунин коре номумкин аст, ки дар як вақт ҳам ман бошаму ҳам Ӯ! Яъне, Шарти асосии пайдо шудани Ӯ нопайдо шудани ман аст.

Ин мазмун дар осори орифони зиёд ба чашм мерасад ва дар назар чунин менамояд, ки онҳо дорои як ҳадафи марказӣ мебошанд: шинохт ва маърифати Худо, вале шарти асосии зуҳури Ӯ нест шудани вуҷуди физикии инсон аст.

Ба қавли Ибни Арабӣ: «Ламҳи басар (пӯшидани чашм) монанди (рушноии) барқ аст, ки мезанад, зоҳир мешавад, зоҳир мекунад ва зоил мегардад. Агар мепойид нобуд месохт... ҷалоли ваҷҳ сирфан дуъои туро, ки ту ту ҳастӣ месӯзонад. Пас, ғайр аз Ӯ боқӣ намемонад, зеро ғайри Ӯ вуҷуд надорад. Пас, дар ҳақиқат, ин амр иборат аз ошкор сохтани воқеъият аст, на сӯзонидан» [40, Ҷ.2, С. 554].

Ба ибораи дигар, орифе, ки ҳанӯз дорои қобилияти идрок кардан мебошад,

барои худаш ҳиҷоб аст, аз ин рӯ, дар ин маврид метавон маънои фаноро ба маънои кашфи ҳиҷоб низ фаҳмид. Ба андешаи Ибни Арабӣ, ин суол, ки мо чӣ гуна метавонем Худоро биёбем, ба маънии ин аст, «ки чӣ гуна метавонем ҳиҷобҳоеро, ки монеъи рӯъяти Худост, бардорем. Ба эътиқоди вай, мо сивоуллоҳ дорои ду чеҳра мебошад: дар як вақт ҳам Ӯ нест (ло ҳува) ва ҳам Ӯст (ҳува). Бинобар ин, масъала ба ин бармегардад, ки чӣ гуна метавонем аз шуҳуди “ло ҳува” убур карда, ҷаҳонро ба унвони “ҳува” шуҳуд намоем. Мо худ низ ҷузви ҷаҳонем ва ҳар ду чеҳраи “ҳува” ва “ло ҳува”-ро доро ҳастем. Бинобар ин, вичдони (ёфтани) Ҳақ ба маънои бардоштани ҳиҷобе аст, ки моро аз Худо будан, боз медорад. Агар касе бо фонӣ шудан ба Худо бирасид ва Худоро биёбад, дигар ин худи Худост, ки худро ёфтааст. Чунон ки дидем, “вичдон” (пайдо кардан, ёфтан) аз назари орифон сирфан категорияи маърифатшинохтӣ (эпистемологӣ) набуда, балки дорои ҷанбаи вуҷудшинохти (онтологӣ) низ мебошад. Дар ин маъно "Вуҷуд ёфтан", яъне шинохтани Худо ва ҷаҳон мебошад. Худо вуҷуд аст, пас ҳеҷ кас ҷуз Худо Худоро намешиносад, ки дар Ӯ вуҷуд ва вичдон яке аст. Ориф низ дар фано ба ҳамин вуҷуд мерасад» [40, Ҷ.2, С. 254]. То замоне, ки ориф худ боқӣ бошад, Ҳақ ҳамеша дар паси ҳиҷоб ва соири (ҳама) халқ пинҳон аст. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Худо туро айни сатр ва парда барои худат қарор дод. Агар ин парда набувад, талаби зиёдат дар илм намекардӣ... пас ту худат ҳиҷоб барои худат ва парда ва сотири (пушандаи) Ӯ нисбат ба худат ҳастӣ» [40, Ҷ.2, С. 554].

Ин андеша низ байни орифон зиёд мавриди истифода қарор дорад, ки мо аз баррасии онҳо бо сабабҳои маълум худдорӣ мекунем. Ба андешаи мо, дар суханҳои болоӣ ошкору равшан аст, ки вуҷуди ҷисмии (бадании) худи инсон барои шинохтани Худо, яке аз монеъахои асосӣ ё ҳиҷобҳо ба ҳисоб меравад. Аммо замоне, ки вуҷуди ҷисмии инсон пурра аз байн меравад (фонӣ мешавад), аз ӯ чизе ба ғайр аз нафс ё рӯҳ боқӣ намемонад, чунки нафс поянда, намиранда, азаливу абадӣ мебошад. Агар ин маъноро ба таври дигар шарҳ доданӣ бошем,

метавонем тасдиқ намоем, ки барои шинохти Худо вуҷуди ҷисмии сӯфӣ ё инсон умуман шарт ё аниктараш лозим нест. Ҳамчунон ки аз суханҳои болоии Ибни Арабӣ равшан мешавад Худо “туро айни сатр ва парда барои худат қарор дод” ва маҳз ҳамин парда ва ҳиҷоби як шудан бо Худо (ваҳдат) мебошад. Пас, метавон натиҷа гирифт, ки аз байн рафтани инсон дар шинохти Худо шарти ҳатмие будааст, ки сӯфиён онро пардапӯшона бо рамзу истиъора таблиғу ташвиқ мекардаанд. Мо инро ҳам истисно намекунем, ки садҳо вариантҳои шарҳу тавзеҳи ин масъала вуҷуд доранд. Аммо вақте ки аз вуҷуди инсон танҳо нафс ё рӯҳ боқӣ мемонад, роҳе ки дар пеш боқӣ мемонад ин пайвастан бо мабдаъ ва маншаъ ё асле ҳаст, ки ба таъбири Мавлоно “шикоят мекунад” ва оқибат танҳо Худо боқӣ мемонад. Яъне Худо аст, ки бо Худо як мешавад.

Бинобар ин, ҳама орифон дар як дараҷа қарор надоранд ва дараҷаҳои онҳо ба ченаку мизони фаҳми идрокашон аз ин масъала вобаста аст. Ибни Арабӣ ояти “қул иннамо ҳаррама рабби ал-фавоҳиш мо заҳара минҳо ва мо батн” – Бигӯ: “Ҷуз он нест, ки Парвардигори ман беҳаёиҳоро – он чи аз он ошкоро бошад ва он чи пӯшида – ва гуноҳу бедодии ноҳақро ҳаром кардааст” (Аъроф, 7:33) таъвил карда гуфтааст: “Худои таъоло худро ба ғайрат мавсуф карда ва аз ғайраташ фавоҳиш (беҳаёӣ)-ро ҳаром намудааст. Фаҳш ғайр аз зуҳур нест. Аммо изҳори он чи ботин аст, нисбат ба касе аст, ки амр барояш зоҳир шудааст. Бинобар ин, дар ин маврид, ҳаром кардани фавоҳиш (беҳаёиҳо) аз ҷониби Худо, яъне ин ки монеъи ошкор шудани ин амр шуда ки “Ӯ айни ашё аст”, пас ин амрро бо ғайрати худ пӯшонидааст ва он ғайр (ки сотир аст), туӣ. Пас, ғайри ориф мегӯяд, ки шунавоӣ шунавоии Зайд аст ва ориф мегӯяд шунавоӣ айни Ҳақ аст, ҳамин тавр, дар бораи бақияи қувво ва аъзо. Пас, чунин нест, ки ҳама кас Худоро бишносанд. Мардум дар ин амр дорои дараҷот шудаанд ва маротиб аз ҳам мутамоиз шудааст (фарқ мекунанд).

Аз матни сухани Ибни Арабӣ чунин бармеояд, ки ҳангоми аз байн рафтан ва аз миён бархостани ориф ин ҳиҷоб аз байн меравад, яъне замоне, ки ӯ аз

касрат ва фарқиятҳо хориҷ шуда, ба ваҳдат ва ҷамъият расид, дар он ҷо Худоро бо чашми Худо мебинад, зеро ки бо аз байн рафтани ҳудуд (Маҳдуд, яъне инсон –З.З.), ба ваҳдат бо Номаҳдуд (Худо) расидааст. Ба таъбири Ибни Арабӣ: «Тафарруқа ишора ба халқи (офаридаҳои) ҷудой аз Ҳақ дорад ва касе, ки дар ин ҳол бошад, машҳуди ӯ чизе аст, ки сохта ва бардоштаи ҳудуд аст. Ҳудуд зуҳуре надорад, магар дар халқ зеро Ҳақ... бидуни ҳад маъруф (маълум) ва бо ҳудуд маҷҳул (номаълум) аст. Ҳудудро низ тафарруқа байни халқ эҷод мекунад... қавли Даққоқ, ки гуфта: «фарқ иборат аз он чизе аст, ки ба худ нисбат медиҳӣ, ҳамон аст, ки мо гуфтем. Зеро чизе ба ту ғайр аз худат нисбат дода намешавад. Ҳама чизҳое, ки ба абд нисбат дода мешаванд, бозгашташон ба фано ва адам аст ва он чизе, ки ба Ҳақ нисбат дода мешавад, бозгашташ ба бақо ва вуҷуд аст. Пас, аз касоне бош, ки ба Ҳақ мансубанд, на ба халқ ва ин маънои қавли Худои таъоло аст ки “мо индакум юнфаду ва мо индаллоҳи боқин” - Он чи назди шумост, фонӣ шавад; ва он чи назди Худост, поянда аст (Наҳл, 16:96)» [40, Ҷ.2, С. 518].

Бинобар ин, фано ба маънои аз байн рафтан, адам (нестӣ) ва инкори инкор аст. Чунонки Ибни Арабӣ гуфтааст: «На бояд қоил шавем, ки дар фано тарки сифот мешавад, зеро сифоте дар кор набудааст, ки бихоҳам онро тарк кунем... Ҳақ айни он сифоте аст, ки ба халқ нисбат дода мешавад. Тамоюзи бандагони хос аз ғайри хос, дар илм ба ин матлаб аст. Касе, ки бо Ҳақ мешунавад медонад, ки Ҳақ самъ (Шунавоӣ, гӯш), ва самиъ (Шунаванда) аст ва дар мавриди такаллум Худо калом ва мутакаллим аст ва ... ҳама аз Ӯст ва ба сӯи Ӯст. Пас ту куҷоӣ ва кистӣ?» [40, Ҷ.4, С. 418].

Сарфи назар аз мушкилоти тарҷумаи матни Ибни Арабӣ, баъзан ба ҷуръати ӯ аз икрори андешаҳои дар назари аввал сафсата ва бемаънӣ, хонандаро маҷбур мекунад, ки ба ҳар сухани ӯ таваҷҷуҳи махсус нишон дода, худаш маънои онро тибқи қуввату истеъдоди ақлии худ дарк кунад. Ба қавли дигар, ӯ хонандаро дар дарки маънои гуфтаҳояш озод мегузорад, ҳар хеле ки мехоҳӣ

онҳоро дарк кун, лекин танҳо ҳаминро дарк кун, ки ин Худо аст, ки вуҷуд дорад ё сазовори номи вуҷуд аст ва мосивои Ӯ вуҷуд надорад. Ин даъвои мо дар иқтибоси болоӣ комилан зоҳиру ошкор аст. Агар ин пораи иқтибосҳоро муфассал таҳлилу тачзия намоем, вақту фурсати муносибро тақозо мекунад, аммо ба таври фишурда метавон гуфт, ки ғайр аз он ки қариб сари ҳар гуфтаи ӯ ба андеша равӣ, фаҳмидан ва дарк кардани он барои хонанда на танҳо душвор, балки номумкин аст. Он чӣ хонанда ё муҳаққиқ бо он рӯ ба рӯ меояд, фақат аз рӯи тахмину фарз карданҳо ба даст меояд, гӯё ки Ибни Арабӣ фикрашро нотамом ё пой дар ҳаво барои болои он андеша кардан ва ба натиҷа расидан, вогузор мекунад.

Натиҷа ин аст, ки худро надидан на муқаддимаи ваҳдат, балки айни ваҳдат аст ва ба таъбири Ибни Арабӣ, дар ин ҳолат, соҳиби қалб «аз худаш худашро мешиносад ва нафсаш чизе ғайр аз ҳувияти Ҳақ нахоҳад буд. Чаро ки ҳеҷ чиз дар олам нест ва нахоҳад буд, магар он ки айни ҳувияти Ҳақ бошад» [40, Ҷ.1, С. 22].

Ғафлат аз хештан. Дар баҳсҳои болоӣ то ин ҷо расидем, ки аз назари ориф: барои расидан ба Худо бояд аз худ фонӣ шуд. Ҳоло суол ин аст, ки худ чист ва фано аз он ба чӣ маънӣ аст? Ҳамон тавре ки пештар қайд намуда будем, нафс дорои ду сатҳ: ботин ва зоҳир аст. Сатҳи ботинии нафс ва зоти он ҳамон ҷост, ки Худоро дар он меёбем. Фано аз ин сатҳ ба маънои фано аз Худост, ки ба таъбири Ибни Арабӣ, чунин чизе имкон надорад. Аммо сатҳи зоҳирии нафс сатҳи қувваҳо ва идрокот ва тааллуқоти нафс аст ва мурод аз фано, фаное аз ин сатҳ аст, ки ҳеҷ нахостан, ҳеҷ надонистан ва ҳеҷ надоштан, яъне инкор кардани ирода, огоҳӣ ва тааллуқ мебошад. Ин ҳамон урён шудани нафс, бе ном шудан ва ба даруни зот рафтани он аст. Чаро ки нафс дар мартабаи қувваҳо ғайр аз илм ва ирода нест ва бо инкори онҳо, худи нафс дар ин мартаба фонӣ ва аз худогоҳии рӯзмарраи хеш хориҷ, балки аз хештан ғофил шуда, ба соҳаи нохудогоҳии хеш роҳ меҷӯяд. Ба таъбири баъзе муҳаққиқон: «Ҳол ва ҳавои иттиҳоди ирфонӣ

шомили аз даст додани на танҳо огоҳӣ ба ғайр, балки ҳатто огоҳӣ ба худ аст. Ин ҳолат аст, ки урафо (орифон) онро дар ташбеҳи моддӣ ба марг ё фано таъбир кардаанд» [40, Ҷ.1, С. 22].

Маълум аст, ки худогоҳӣ (худшиносӣ) ба худоогоҳӣ (худошиносӣ) табдил меёбад. Ибни Арабӣ дар тафсири ояти "Аллоҳу валии ал-лазина оману юхриҷаҳум мин ал-зулмоти ила ан-нури" – Худо Корсози касонест, ки имон овардаанд, онҳоро аз торикиҳо ба сӯи равшанӣ берун меорад (Бақара, 2:257) гуфтааст: «Ӯ валии мӯъминон аст ба воситаи хориҷ гардониданашон аз зулмот ба нур, ин амр ҷуз хориҷ кардани онон аз илм ба хештан ба илм ба Худо нест. Чунон ки мегӯяд: Ҳар кас худро бишносад Худои худро шинохтааст» [40, Ҷ.4, С. 147].

Аз ин рӯ, дар ин ҳолат, нафсро ҳам метавон ҳозир донист ва ҳам ғоиб. Ҳолате, ки сӯфия онро ҳолати "ҷамъ" мегӯянд. Чунон ки дидем дар ирфон, вуҷуди мутлақ фақат дар кашф бар ориф тақаллӣ мекунад ва кашфи том, яъне кашфи вуҷуди мутлақ, бо фанои ориф баробар аст, яъне он ҷо ки «тақрибае, ки ҳар кас аз худаш ба унвони "ман" дорад ва Худогоҳии ӯ дар тааммул ва ҷазаба, зуб (об) шуда аз миён меравад» [147, С.41-42].

Ибни Арабӣ низ ҷамъ нашудани Худогоҳӣ ва Худоогоҳиро чунин тавзеҳ медиҳад: «Ҳангоме ки қалб Худои таъолоро дар бар мегирад, чизи дигаре дар он намеғунҷад, гуӣ, ки Ҳақ онро пур кардааст. Маънои он ин аст, ки ҳангоме ки қалб дар тақаллӣ, ба Ҳақ менигарад, имкон надорад, ки бо вуҷуди он ба ғайр назар кунад... Ҷунайд гуфта аст, ки ҳодис ҳангоме ки бо қадим қарин (як) шуд, асаре аз он намемонад; қалбе, ки қадимро идрок кунад, чӣ гуна ҳодисро идрок менамояд?» [40, Ҷ.1, С. 120].

Фано дар ин ҷо маҳви ҳама огоҳиҳо, иродаҳо ва тааллуқоти рӯзмарра (ба таъбири Ибни Арабӣ, ҳодис - махлуқ) буда, шомили эҳсосоти зоҳирӣ ва ҷисмонӣ, тасаввуроти зеҳнӣ ва тахаюлоти нафсонӣ мебошад. Ҳол агар инҳоро аз сафҳаи замири хеш пок намудем, ба хештани хеш дар сатҳи зоти нафс эҳсос

мекунем ва Худоро дар он ҷо пайдо мекунем.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки «фано иборат аст аз маҳви комили Худогоҳӣ дар ҷое, ки фақат ваҳдати маҳз ба унвони огоҳии мутлақ, боқӣ мемонад, қабл аз он ки ба зеҳн ва айн тақсим шавад. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо орифон аз қайди "ман" бо нафси таҷрибӣ раҳо шуда, ба нафс баҳси басит мерасонад».

Огоҳии маҳз. "Чунон ки каблан ёдовар шудем, таҷрибаи ирфони анфусӣ (робитаи нафс бо Худо) аз маҳви худогоҳӣ ва зуҳури худоогоҳӣ иборат аст ва чунон ки дидем, чун зоти Худо ҳад, моҳият, изофа ва ҳатто исм надорад, орифон онро нестӣ медонанд (кайди мо – З.З.). Тавсифоти адаме, ки орифони фарҳангҳои мухталиф аз идрокашон дар ин боб мекунанд, ин андешаро тасдиқ мекунанд, ки онҳо ин марҳалаи нестӣ ва фаноро таҷриба кардаанд. Масалан, дар Упонишадҳо омада аст, ки браҳман нафси куллӣ, беово, суратнопазир, ламснопазир... ва бе таъм ва бе бӯст... сифати нафси куллӣ ин аст, ки на ин аст ва на он.

Ин нуктаро ҳам бояд таъкид кард, ки истилоҳоте орифони фарҳангҳои гуногун ба кор бурдаанд, ба якдигар шабоҳати зиёд доранд. Истилоҳоте чун зулмат, шаби зулмонӣ, урёнӣ, водӣ, тиҳиворагӣ, хало, ловуҷуд ва ... ҳама муодилҳо ва мутародифоте ҳастанд, барои баёни ваҳдати мутлақ, ки дар он, фарқиятҳои таҷрибӣ маҳв мешавад [153, С. 110]. Ва ориф ба ваҳдати бетаъйин мерасад: «Дар "зулмат" ҳама фарқиятҳо нопадид мешавад. "Сукут" ҳамоно халви садост (холӣ шудан аз садо, бесадоӣ мебошад). «Урёнӣ" фиқдони (гум кардани) кисвати кайфиёт аст. Ҳама ин калимот ҷанбаи салбии (манфии) он таҷрибаро васф мекарданд» [153, С.110].

Ибни Арабӣ ибороти маъруфи "ал-аҷз ан дарк ли-идроки идрок" (очизӣ аз дарк кардани идрок, худ идрок мебошад) бар ҳамин маъно ҳамл мекунад: «Илм ба Худо айни ҷаҳл ба Ӯст. Ал-аҷз ани дарки-л-идроки идрок"- "Нотавонӣ аз дарёфти идрок худ идрок аст. - Ҳангоме ки ориф донист, ки дар он ҷо чизе аст, ки дониста намешавад, пас дар воқеъ надонистааст ва ин яъне илм ба ин ки чизе

вуҷуд дорад, ки дониста намешавад. Илмаш дар ин ҷо мутааллиқе ғайр аз ҷаҳл надорад» [40, Ҷ.1, С. 728].

Ибни Арабӣ ин манзилро хоси пайравони Муҳаммад медонад. Дар ин ҷо ҳиссиёт (чӣ зоҳирӣ ва чӣ ботинӣ) ба маҳоқ (торикӣ) мераванд: «Манзиле, ки ғайр аз муҳаммадиюн ба он намерасанд, манзили ҳувият аст, ки машҳад ва маҳали он доиман дар ғайб аст ва асаре аз он дар олами ҳис дида намешавад» [40, Ҷ.2, С. 560].

Зулмат. Бори дигар ба ин нукта ишора мекунем, ки аз назари Ибн Арабӣ, фано аз ҳеҷ нахостан, ҳеҷ надонистан ва ҳеҷ надоштан иборат аст. Агар идрок ва илм ба нур ташбеҳ дода шавад, агар ин нур (идрок ва илм) набошад, ҳама зулмат аст, ки ин ҳам яке аз парадоксҳои ирфон аст, ки ҳадди олии илм ҷаҳл ва авҷи нуроният торикӣ бошад.

Ин парадоксро Маҳмуди Шабистарӣ дар “Гулшани роз” чунин баён кардааст:

Чӣ мегӯям, ки ҳаст ин нукта борик,
Шаби равшан миёни рӯзи торик.

Муҳаммади Лоҳиҷӣ ин байтро чунин шарҳ додааст: «Мурод аз шаби равшан нури сиёҳ аст, ки равшан ба нури зот аст ва ташбеҳ ба шаб аз ҷиҳати сиёҳӣ ва адами идрок аст ва мурод аз равшан, таҷаллии зоте аст, ки шуҳуди соликон аст ва аз он ҷо ки ҳиҷоби зот аст, торик аст» [179, С. 101].

Замоне, ки нафс аз ҳама таъйинот ва суратҳо хориҷ мешавад, ба зулмати азалии зоти хеш боз мегардад. Ба таъбири Ибни Арабӣ: «Суратҳо аз зулмат мунбаъис (интишор) мешаванд ва ҳангоме, ки замонашон мунқазӣ (гузашт) шуд ба зулмат боз мегарданд» [40, Ҷ.1, С. 116].

Ин зулмат, зулмати ғайб аст ва барои он зулмат номида мешавад, ки он чӣ дар он аст, зоҳир намегардад” [40, Ҷ.3, С. 43]. Аз назари Ибни Арабӣ: «Худо (қабл аз хилқат) дар ҳиҷоби хеш ва зулмати ҳастии хештан ва ҳақиқати зоти худ буд» [40, Ҷ.2, С. 154]. Пас аз хилқат низ “дар зулмати ғуюб боқӣ монда аст” [40,

Ҷ.1, С. 116]. Дар ҷои дигар, ӯ ба ҷои истилоҳи “зулмат”, аз истилоҳи савод (сиёҳӣ) истифода мекунад: «Агар бигӯй сиёҳӣ чист, мегӯям бутунии Ҳақ дар халқ ва бутунии халқ дар Ҳақ аст» [40, Ҷ.2, С. 128]. Ба андешаи Ибни Арабӣ, мо ҳамон тавр, ки аз зулмат нашъат гирифтаем, дар авҷи ирфон, ки мақоми ҳайрат аст, боз ҳам ба зулмат бар мегардем: «Худои таъоло моро аз зулмати адам ба нури вуҷуд овард. Бинобар ин, ба изни (иҷозати) Парвардигорамон, бар сироти азизи ҳамид қарор дорем. Сипас моро аз нур ба зулмати ҳайрат мунтақил сохт» [40, Ҷ.3, С. 412].

Бинобар ин, зулмат дар ин ҷо ҳамон зулмати ҷаҳл ба мо сивоуллоҳ (ғайри Худо) аст. Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Арабӣ саъй дорад, ки хонандаи худро ҳамеша дар ёди Худо ва зикри Ӯ қарор бидиҳад, зеро маънии зиндагии инсон аз назари ӯ расидан ба сарманшаъи оғоз аст, ки онро мабдаъ ва маъод меноманд. Ҳама истилоҳоте, ки мо то ин дам мавриди назар қарор додаем: зулмат, ҷаҳл, сиёҳӣ, зулмати ҷаҳл, нури вуҷуд, зулмати ҳайрат, зулмати азалии зоти хеш, бозгашт ба зулмат, зулмати адам, ҳадди олии илм - ҷаҳл, авҷи нуроният - торикӣ, фано - ҳеҷ нахостан, ҳеҷ надонистан, ҳеҷ надоштан, шаби зулмонӣ, урёнӣ, водӣ, тиҳиворагӣ, хало, ловуҷуд ва ғ., ки дар матни иқтибосҳои болоӣ ба назар мерасанд, ҳамагӣ дар хидмат ба он ҳадафи асосӣ шарҳу баён ёфтаанд.

Сукут ва сукун. Фано, аз назари Ибни Арабӣ, аз ҳеҷ надонистан, ҳеҷ нахостан ва ҳеҷ надоштан, иборат аст. Аз ҳеҷ надоштан, ки таътили (қатъ шудан, баста шудан) қуввахои идроки башарӣ аст ба зулмат таъбир мешуд, аммо аз ҳеҷ нахостан, ки таътили қувваҳои таҳрикӣ ва ба таври мушаххас, ирода аст, ба сукут (хомӯшӣ) ва сукун (оромӣ) таъбир менамоянд. Ин сукут ва сукун ҳамон адами азалӣ аст, ки қабл аз хилқат дар он орамида будем. Ба таъбири Ибни Арабӣ: «Асоситарин ҳаракат иборат аст аз ҳаракати олам аз адаме, ки дар он сокин буда, ба соҳати (майдони) вуҷуд. Ба ҳамин сабаб, воқеъияти оламро ҳаракат аз сукун донистаанд» [40, Ҷ.1, С. 203]. Ин ҷо қобили мулоҳиза аст, ки

Ибни Арабӣ бори дигар ба ҳамон “адам”-и қабл аз хилқат бозгашт мекунад ва ин ҳамон “Бишнав аз най...”-ро ба хотир меоварад, ки дар он ба ҷуз сукут (хомӯшӣ) ва сукун (оромӣ), ҳамон адами азалӣ аст, ки қабл аз хилқат дар он қарор дошта будем. Аммо суоле, ки чаро Ибни Арабӣ он сукуту сукуни азалиро ин қадар тарғиб мекунад? Чаро на ба зиндагӣ, пӯёӣ, ҳаракату ҷустуҷӯ? Оё метавонем ба натиҷа бирасем, ки мақсад аз “омаду рафтани” инсон боз ба ҳамон нобудӣ (адам, сукуну сукути азалӣ...) бошад? Дар матни “кулли шайъи ярҷау илайҳӣ” ва “инно ли-л-лоҳ ва инно илайҳи мурҷаъун” ва ё ба таъбири шоиронаи Мавлоно “ҳар касе ки дур шуд аз асли хеш, боз ҷӯяд рузгори васли хеш” ҳама асрори азал ҳаллу фасли хешро пайдо мекунад.

Ибни Арабӣ низ истилоҳи сукутро барои баёни ин мақом бештар аз аҷз (нотавонӣ) меписандад, ки қаблан ба он ишора шуд: «Баъзе аз мо сари ҷаҳл гуфтааст: “ал-аҷз ан дарк ал-идроку идрок” (оҷиз будан аз дарки идрок идрок аст) ва баъзе дигар, ки олиманд, чунин нагуфтаанд ва болотарин қавл аст. Балки илм, ба ин шахс сукутро ато кардааст, на аҷзро (нотавониро). Ин болотарин илм ба Худо аст. Ин илм ғайр аз барои хотами расулон (с) нест» [40, Ҷ.1, С. 62], яъне Ибни Арабӣ ҷоҳилу олимро бо ҳам муқоиса намуда, суханҳои аввалиро рад (сарфи назар аз он ки қавли аввалӣ низ дуруст аст, зеро он ба “ҳайрат”-е, ки мутафаккир тез-тез онро ба хотир меоварад, хеле наздик аст) ва қавли дуввумиро болотарин қавл ҳисобидааст. Андешаи марказии Ибни Арабӣ ин аст, ки ӯ (оҷиз будан аз дарки идрок идрок аст)-ро илм ба Худо дониста, сукути олимонаро аз аҷзу нотавонии ҷоҳилона авлотар медонад.

Инкори сифот. Дар мафҳуми фано ҳеҷ нахостан, ҳеҷ надоштан, ҳеҷ нахостан нуҳуфта буд. Ҳеҷ надоштан дар ҷое амалӣ мегардад, ки солик илова бар илм ва афъол, тааллуқот, изофот ва сифотро низ аз худ дур намояд. Дар ин сурат вай ба сатҳи худи Худо, ки болотар аз сатҳи асмо ва сифот аст, роҳ меёбад. Аз баъзе ибораҳои Ибни Арабӣ бар меояд, ки вусул ба ин мақомро мумкин мешумурд [168, С. 318]

Барои мо вуҷуде зоҳир шуд, ки ӯро муқайяд (маҳдуд) намесозад,

Ҳеҷ сифате ва ҳеҷ исме аз асмо (фабада вуҷуд ло тақидаҳу лано, сифатун ва ло исм мин ал-асмо) [40, Ҷ.1, С. 7]. Матлуби орифоне мисли Ибни Арабӣ ин аст, ки тарки сифатҳо барои онҳо мақом бошад, на ҳол. Касе ба ин мақом мерасад, ки аз ҳама мақомот гузашта, ба мақоми бемақомӣ расида бошад. Намунаи орифони мусалмон дар ин кор Боязиди Бистомӣ буда, Ибни Арабӣ дар бисёр маврид андешаҳои ӯро мавриди баҳс қарор медиҳад [40, Ҷ.4, С. 319], масалан, дар "Футуҳот" гуфтааст: «Ин мақом аслан муқайяд ба ҳеҷ сифате нест. Абӯязиди Бистомӣ бар он танбеҳ дод (аз он хабар дод). Он ҷо ки ба ӯ гуфта шуд чӣ гуна субҳ кардӣ? Ва ӯ гуфт: субҳу шоме барои ман нест. Субҳу шом аз касе аст, ки сифате дорад. Ҳол он ки ман сифате надорам» [40, Ҷ.2, С. 646].

Муроди Боязид дар ин ҷо ин аст, ки сифатҳои халқ аз байн меравад ва сифатҳои Ҳақ ба ҷои он менишинад: «Муҳаққиқ мегӯяд, ки сифате надорад, зеро ҳама сифатҳо аз они Ҳақ аст... пас муҳаққиқ мегӯяд, ки сифат фақат аз они Худо аст ва барои махлуқ, орият мебошад чунон ки вуҷуд низ орият аст. Мо худамон назди худамон вадиъаи (раҳмат, ҳадя) илоҳӣ ҳастем. Ҳангоме ки талаби вадиъа кунад ба сӯи Ӯ боз мегардем, чаро ки мо айни вадиъа ҳастем. Пас бифаҳм, ки вадиъагузоранда кист, вадиъагиранда чӣ касе ва вадиъа кадом аст» [40, Ҷ.4, С. 608].

Гум шудан, мурдан ва мадфун шудан. Ҳангоме ки ориф ба фақри комил ва ҳеҷ надоштани маҳз бирасад, то андозае, ки ҳатто сифате низ надошта бошад, дар ин сурат ба зулмати ғайб хазида дар он ҷо гум мешавад ва ба наҳве, ки кас наметавонад аз ӯ нишоне биёбад. Дар бораи ҳамин ҳолат аз фано аст, ки гуфтаанд: дар сояи боли Ӯ аз даҳри хеш пинҳон шудам, пас чашмам даҳрамро мебинад ва даҳр маро намебинад, агар аз рӯзгор бипурсӣ, ки исмам чист, намедонад, ва бипурсӣ ҷойгоҳам куҷост, маконамро намешиносад:

Тасатарта ан даҳрӣ бизалли ҷиноҳа,

Фаайнӣ тара даҳрӣ ва лайса яронӣ.

Фалав тасъал ал-айём мо исма мо дарат,

Ва айна маконӣ мо дорин маконӣ [168, С. 319] (бо сояи қаноти худ аз олам пинҳон гашт, ту кай ин оламро дидӣ, ки маро дар он надида бошӣ. Агар аз айём пурсиданӣ бошӣ, ки макони ту куҷост, макони ман куҷо бошад, ки ҳеҷ маконе надорам).

Маълум аст, ки Ибни Арабӣ ҳолати фаноро бо ибораҳои аз даҳри хеш пинҳон шудан, чашм пӯшидан аз даҳр, ноаён шудан ва ҳатто ному макони хешро нашинохтан шарҳу тафсир кардааст. Аммо ӯ хавф аз фано доштани инсонро низ фаромӯш намекунад.

Хавф аз фано. Ҳамон тавре дидем фано аз даст додани хештан аст, ба торикӣ, сукут ва сукун рафтан ва саранҷом мадфун шудан дар барҳути (биёбон) зот аст ва ин амре аст даҳшатнок. Танҳо касоне метавонанд дар ин водӣ роҳ раванд, ки ҷуръату ҷасорати шаҳодат ва марги ихтиёриро дошта бошанд.

Аммо ин лаззати фано наметавонад барои ориф ҳамчун ҳадаф баҳо дода шавад, зеро ба қавли Ибни Арабӣ, аҳлу-л-лоҳ гуфтаанд, ки: «Ҳеҷ оқиле ҳаргиз ба мушоҳида лаззат набарад... зеро мушоҳидаи Ҳақ фано аст ва дар фано лаззат нест» [40, Ҷ.3, С. 213]... «ҳангоме ки Ҳақ таҷаллӣ кунад баҳт (соф) ва фано аст... ва ҳангоми шуҳуд, ба хотири ғалабаи машҳуд, абд ғоиб мегардад» [40, Ҷ.1, С. 397]... мушоҳид дар ҳоли мушоҳида муталазз намешавад (лаззат намебарад)» [40, Ҷ.1, С. 409-411].

Балки аз ин болотар, дар фано хавф ва ҳавл аст. Дар фано шудан хавфе монанди ҳамон хавфе, ки мумкин аст касе аз марги табиӣ дошта бошад. Ибни Арабӣ дар мақоми хавф мегӯяд: “Хавф аз болотарин мақомоте аст, ки илаҳиюн, ки ба исми “Аллаҳ” мухтас шудаанд, бад-он восил мегарданд. Ин мақом мақоме аст, ки дорои танокуз (зиддият) аст, зеро ки фард, аз як тараф, аз маҳҷуб (зери парда) будан метарсад ва аз тарафи дигар, аз рафъи ҳиҷоб метарсад. На ҳар касе метавонад ба ин мақом тобу тоқат намояд.

Ҳоло пас аз ин қадар саъю талоши Ибни Арабӣ дар шарҳу тафсири фано

бояд дар бораи суоле ба андеша рафт, ки Оё вусул (расидан) ба мақоми зот мумкин аст? Ибни Арабӣ ба ин масъала чӣ назар дорад? Ҳоло саъй мекунем, ки ба ҳамин ду савол посухҳои Ибни Арабиро пайдо кунем, то дар масъалаҳои минбаъда осониро эҳсос намоем.

Қаблан қайд намудем, ки аз назари Ибни Арабӣ, роҳ ёфтан ба Худо аз тариқи ақл ва илм мумкин нест ва танҳо тариқи шинохти Худованд, ки инсонро ба савоб мерасонад дар шинохти нафс ва шуҳуди қалб хулоса мешавад. Аммо шинохти Худо аз роҳи нафс ва қалб то чӣ ҳад муяссар аст? Оё дар фанои нафс, ориф бо зоти Худованд ва ваҳдат ҳосил мекунад ё он ки дар мақоми асмо ва сифот фонӣ мешавад, на зот? Баъзе аз гузоришҳое, ки аз Ибни Арабӣ ва орифоне мисли Боязиди Бистомӣ дидем, бар ин далолат мекард, ки онҳо дар ҳолати фано, ба адами азалӣ ва ё адами қабл аз хилқат боз мегарданд. Аз сӯи дигар, зоти Худоро низ адам дониста, онро бо алфозе чун зулмат, сукун, сукут ва нестӣ, ки ҷанбаи манфии таҷрибаи ирфонӣ аст, тавсиф кардаанд. Яке аз шарҳҳо ин буд, ки фано ҳамоно бозгашт ба мақоми зот (ё аҳадият), яъне мақоми адами таҷаллӣ ва адами таъйин мебошад, ки бо таъбироти манфӣ аз он метавон ёд кард. Аммо дар асарҳои Ибни Арабӣ андешаеро метавон пайдо кард, ки вусул ба мақоми зотро ғайри мумкин ва маҳол донистаанд, ки барои равшан шудани дидгоҳи воқеъии ин ориф тафсири бештаре лозим аст, ки аз доираи ҳадафҳо ва мавзӯи мо берун аст.

Нафс қобили шинохт нест. Таъкиди Ибни Арабӣ бар ин маъно буд, ки ҳар кас худро бишносад Худоро мешиносад. Ибни Арабӣ ҳадиси паёмбарро, ки “ман арафа нафсаҳу арафа раббуҳу” фаровон мавриди истифода қарор додааст, вале таъкидҳои зиёд дошт, ки аз роҳи илм наметавон ба ҳақиқати нафс расид.

Ибни Арабӣ баъзан шинохти нафсро барои илаҳиюн хос медонад ва соҳибони донишҳои ақлӣ ва нақлиро аз он бебаҳра мебинад: «Ҳар кас худашро бишносад Худояшро шинохтааст; зеро Худо инсонро на танҳо бар сурати худ, балки айни ҳувият ва ҳақиқати худ халқ кардааст. Барои ҳамин ҳеҷ як

донишманду олим ба маърифати нафс ва ҳақиқати он ба ҷуз илоҳиюн ноил наёмадаанд. Аммо аз миёни онҳое, ки аз нафс ва моҳияти он сухан рондаанд, ҳеҷ кас бар ҳақиқати амр бохабар нашудааст. Тааммули фикрӣ ин ҳақиқатро ошкор намекунад» [37, Ҷ.1, С. 125].

Ҳамчунон ки қаблан зикр кардем, баъзан Ибни Арабӣ даъвои “ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу”-ро маҳол дониста, таъкид мекард, ки агар нафсро мешинохтем, метавонистем Худоро бишносем, лекин чун наметавонем нафсро бишносем, пас, Худоро низ натавонем шинохт.

Худо худашро аз ҷаҳониён бениёз дониста, ба ин васила моро ҳайрон сохта аст, яъне намедонем, ки Ӯ чист ва худ чистем. “Ба назари ман, навиштааст Ибни Арабӣ, - албатта Худо олимтар аст - Худо танҳо ба ин иллат моро ба маърифати хеш амр фармуда ва дар касби маърифат ба Худо моро ба нуфусамон ирҷоъ (баргардонид) додааст, ки медонад, ки мо ҳақиқати нафси худамонро на дарк мекунем ва на ба он илм дорем. Бинобар ин аз маърифат ёфтан ба хеш оҷизем, дар натиҷа мефаҳмем, ки ба маърифати ӯ оҷизтарем. Ин амр ҳам маърифат ба Ӯст ва адами маърифат (яъне ҳайрат аст) [40, Ҷ.3, С. 412].

Аз ин ибораҳо бармеояд, ки ҳақиқати нафсро на бо ақл ва илм ва на аз роҳи кашф ва шуҳуд шинохтан мумкин нест. Суханҳои зер ин масъаларо то андозае равшантар менамоянд: «Паёмбар (с) фармуд касе, ки худро бишносад Худояшро шинохтааст. Маърифат ба як шайъ гоҳе иборат аз аҷз (оҷизӣ) ба маърифати он аст. Дар ин ҷо ориф мефаҳмад, ки ин матлуб намешавад (ба даст намеояд). Ғараз аз маърифат ба як шайъ низ он аст, ки онро аз ғайри худаш мутамоиз (фарқ карда тавонем) созем. Ҳол касе, ки шинохта намешавад бо ҳамин вижагии шинохта нашудан, аз он чизҳое, ки шинохта мешаванд, ҷудо гашта, мутамоиз мегардад. Пас мақсуд (аз маърифат) ҳосил мешавад» [40, Ҷ.4, С. 432].

Ибни Арабӣ дар ин ҷо ҳар ду корро эҳтимол медонад: ҳам шинохти нафс ва ҳам шинохти Худо. Ба қавли ӯ, «Бозгашти ҳар ду амр низ ба як чиз аст:

“Паёмбар (с) фармуд: «Ҳар ки худро бишносад Худоро мешиносад». Ҳол метавонем бигӯем, ки ин хабар маърифати Худоро маҳол мешуморад ва аз аҷз (оҷизӣ) ба вусул ба он хабар медиҳад. Ҳадиси (ман арафа...) ин амрро бар метобад. Ҳамчунин метавонем бигӯем, ки ин хабар, имкони маърифат ба раббро (Худоро) исбот мекунад. Ваҷҳи аввал бар ин аст, ки худатро наметавонӣ бишносӣ дар натиҷа Парвардигоратро намешиносӣ; ва ваҷҳи дуввум, мубтанӣ бар ин асос аст, ки (агар битавонӣ) худро бишносӣ ва дар натиҷа Парвардигоратро бишносӣ» [40, Ҷ.1, С. 215].

Мушкилие, ки барои хонанда пеш меояд аз он иборат аст, ки ҳадиси борҳо такрор овардаи пайёмбар “ман арафа...” ки сараввал ҳамчун ҳукм ё амри қатъӣ ва шарти асосии шинохтани Худо нафс инсон эълом шуда буд, барои хонандагон агар ҷаззобу хеле дилкаш ба назар мерасид, акнун дар усуле шарҳ дода мешавад, ки хонандаро дилхунук ва беҳуда будани саъю талошҳояшро барои шинохти нафс ва Худо эҳсос мекунад, аниқтараш онро на танҳо зери шакку шубҳа қарор медиҳад, балки онро умуман номумкин медонад. Акнун суоле пеши мо қарор гирад, ки шакку шубҳаи моро решакан кунад ва метавон онро дар чунин шакл пешкаш намуд: Оё шинохти зоти ҳақ аз роҳи нафс мумкин аст?

Аз назари Ибни Арабӣ, агар нафс қобили шинохт набошад, Худо ҳам қобили шинохт нахоҳад буд. Лекин дар ин сурат ин суол пеш меояд, ки вақте ҳам аз шинохти нафс оҷиз бошем ва ҳам аз шинохти Худо чӣ гуна метавонем байни ин ду амри маҷҳул (номаълум – нафси инсонӣ ва нафси Худо) тафовутро қоил шавем. Оё метавонем аз ваҳдат ва ягонагии онҳо сухан гӯем? Ибни Арабӣ дар ин маврид гуфтааст: «Ҳар гоҳ аз шинохти ду амр (мисли нафс ва раб) оҷиз бошем, чӣ гуна ҳар кадом аз дигаре қобили тамйиз аст? Оё чунин нест, ки нафсат айни раббат мебошад? Чунон ки дар хабар (қурби навофил) низ ба он ишора шудааст? Дар ин ҷо амр дорои норавшанӣ, шакку шубха аст. Танҳо фориқи (ҷудокунандаи) байни ту ва раббат ифтиқор аст (яъне он чи инсонро аз

холиқаш фарқ мекунонад, фақр мебошад)» [40, Ҷ.4, С. 432].

Ин ҷо гардиши қатъие дар афкори Ибни Арабӣ рух медиҳад, ки ӯ нафси рабб (инсонро) на танҳо як “пора”, “ҷузъ” ё “зарра”-и Худо эътироф накарда, тамоюз ва ё фарқияти онро инкор карда, суолро дар чунин шакл пешкаш мекунад: Оё чунин нест, ки нафсат айни раббат мебошад? Ки ба таври автоматӣ норавшанӣ ва шакку шубҳаро ба миён кашида, масъалаи фақр ва ғаноро хотиррасон мекунад ва дунболи ҳамон ҳадафи асосии хеш меравад: нишон додани вуҷуди ҳақиқӣ, ки танҳо Худо аст ва инсон ҳамчун ҷузъи “мо сивоуллоҳ” аслан аз вуҷуд маҳрум аст.

Аммо агар тасаввур намоем, ки шинохти нафс мумкин бошад ва имкони фанои нафс низ вуҷуд дошта бошад, дар ин сурат фано ба маънои ягонагии нафс ва Худо хоҳад буд. Ягонагии байни ин ду мафҳум (нафс ва рабб – З.З.), аз назари мо, аз асрор ва парадоксҳои ирфон аст. Аз ин рӯ, Ибни Арабӣ баъзан онро исбот ва замоне инкор мекунад. Дар мавриде низ дар ҳайрат боқӣ мемонад: «Ман арафа раббаҳу... ба ҳангоме ки ба нафси худат ноил шавӣ мефаҳмӣ, ки кистӣ, ва ҳангоме ки донистӣ, ки кистӣ раббатро (Худоро) мешиносӣ. Ва дар ин ҳангом дармеёбӣ, ки оё ту Ӯ ҳастӣ ва ё Ӯ нестӣ... ҳеҷ чиз бештар аз худи шайъ бар худаш далолат надорад... пас айни худатро бишнос ва бифаҳм, ки чӣ касе ҳастӣ, ҳувиятат чист, нисбатат ба Ҳақ кадом аст, аз чӣ ҷиҳат ҳаққӣ ва аз чӣ ҷиҳати олам ва сивои ҳақ ва ғайри ҳақ маҳсуб мешавӣ» [40, Ҷ.1, С. 695].

Мо ин андешаро ҳам истисно намекунем, ки фаҳму дарки гуногуни ин масъала дар миёни муҳаққиқон ихтилофи андешаҳоро ба вуҷуд оварда метавонад. Аммо қисми ниҳоии иқтибоси болоӣ ва махсусан ибораҳои - “дармеёбӣ, ки оё ту Ӯ ҳастӣ ва ё Ӯ нестӣ”... “пас айни худатро бишнос ва бифаҳм, ки чӣ касе ҳастӣ, ҳувиятат чист, нисбатат ба Ҳақ кадом аст, аз чӣ ҷиҳат ҳаққӣ ва аз чӣ ҷиҳати олам ва сивои ҳақ ва ғайри ҳақ маҳсуб мешавӣ” - хонандаро бори дигар ба тааммулу андеша водор мекунад, ки масъалаи асосиро

бе ҳаллу фасл, норавшану ғомиз боқӣ мемонад.

Вале ба ҳар ҳол дар мавридҳое Ибни Арабӣ ваҳдати нафс ва раббро ошкор мекунад: «Ориф аз нафсаш, нафсашро мешиносад. Нафсаш низ чизе ғайр аз ҳувияти Ҳақ нест. Ҳеҷ чиз аз он чӣ дар олам ҳаст ва хоҳад буд, ғайри ҳувияти Ҳақ нест, балки айни ҳувияти Ҳақ аст» [40, Ҷ.1, С. 122].

Мо итминон дорем, ки агар робитаи нафс ва рабб ваҳдате ҳам набошад, ҳадди ақал навъи иттиҳод аст. Монанди иттиҳоде, ки байни нафс ва бадан ё нафс ва қувваҳои он вуҷуд дорад: «Ту сурати Худо ва Худо руҳи туст. Ту барои Худо монанди сурати ҷисмия ҳастӣ ва Ӯ барои ту монанди рӯҳе аст, ки мудаббири сурати ҷисмияи туст» [40, Ҷ.1, С. 69].

Дар иқтибоси болоӣ сарфи назар аз он ки сухан дар бораи иттиҳод ва ваҳдат бо Худо меравад, ки мутафаккир онро ба иттиҳоди нафс ва бадан, нафс ва қувваҳои он шабеҳ медонад, аммо сухани асоси ин аст, ки агар аз ҷонибе, инсон сурати Худо ва Худо рӯҳи инсон аст, аз ҷониби дигар, инсон барои Худо “монанди сурати ҷисмия” ва “мудаббири сурати ҷисмия” эълон шуда, Худо ҳамчун “рӯҳи инсон” шарҳ ёфтааст, ки дар матни суханҳои Ибни Арабӣ бисёр нодир ба назар мерасад.

Мо мебинем, ки дар масъалаи шинохти нафс, Ибни Арабӣ, ду мақомро ишғол мекунад, аз як ҷониб, ӯ аз роҳи шинохташавии нафс ба мақоми зот расиданро қоил аст, аз ҷониби дигар, андешаи ба мақоми зот нарасиданро ҷонибдорӣ мекунад, ки поинтар онҳоро нишон хоҳем дод. Ҳоло барои мо ин суол муҳим аст, ки ин ваҳдат ва ё иттиҳод дар кадом мақом сурат мегирад, оё дар мақоми зот аст ё дар мақоми асмо ва сифот? Ба ҳар мақоме, ки шинохт пайдо кунем, бо ҳамон мақом ба ваҳдат мерасем, зеро аз назари Ибни Арабӣ вуҷуд ва вичдон як чизанд. Дар фанои сифатҳо бошад, ваҳдат низ ваҳдати сифотӣ ва марбут ба мақоми асмо ва сифот аст ва агар фанои ӯ фанои зотӣ бошад, ваҳдат низ дар мақоми зот аст. Аз баъзе ибораҳои Ибни Арабӣ, ки қаблан қисме аз онҳоро зикр кардем, чунин бармеояд, ки ӯ расидан ба мақоми

аҳадият ва шинохти онро мумкин мешумурд: «Дар миёни сифоти “воҳид”, аҳадият аз ҳама сифот шарифтар аст. Ин аҳадият дар ҳар мавҷуде сорӣ (ҳузур дорад, вале ба маънои ҳарфиаш ҷорӣ) аст. Агар чунин набуд, шинохти аҳадияти Ҳақ субҳонаҳу имкон надошт. Пас, ҳеҷ кас Худоро ҷуз аз тариқи нафси хеш намешиносад ва бар аҳадияти Ҳақ далеле ғайр аз аҳадияти нафс нест. Ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу» [40, Ҷ.1, С. 636].

Аммо Ибни Арабӣ, дар аксари ҳолатҳо, ба мақоми зот расиданро ғайри мумкин мешумурд ва дар каломи ӯ номумкин будани шинохти мақоми зот таъкид шудааст: «Аҳади азиз ва манеъ (манъшуда) ва ғайри қобили дастрас аст ва ҳамеша дар ъамо (кӯрӣ, торикӣ) хоҳад монд ва ҳеҷ гоҳ дар он ҷо таҷаллӣ нахоҳад кард, зеро ҳақиқати Ӯ монеъи ин амр аст. Аҳад он ваҷҳе аст, ки дорои ҷалоли сӯзонанда аст, пас, шабеҳи чӣ чизе метавонад бошад? Эй бародарон! Тамаъ дар рафъи ин ҳиҷоб надошта бошед» [36, С. 3-4].

Ҳамчунон ки ба назар мерасад Ибни Арабӣ бар ҳадиси “Ман арафа...” такя мекард ва сараввал шарти шинохтан (ё расидан) ба Худоро ба шинохти нафси худ вобаста медонист, яъне ҳар касе худро шинохт Худоро метавонист бишиносад, аммо баъдан шинохтани нафсро номумкин дониста, онро бо Худо дар ваҳдат ва ягонагӣ мебинад ва дар қисмати саввум ҳар дуи онҳо, яъне нафс ва Худоро шинохтанашаванда эълон мекунад.

Ҳамчунин дар “Фусус” низ ӯ ҳамин ғояро пеш гузошта, такид мекунад, ки аҳадият таҷаллӣ надорад ва қобили дарк нест: «Ҳеҷ кас Ӯро аз ҳайси аҳадият дарк намекунад. Лизо аҳлуллоҳ таҷаллӣ дар мақоми аҳадиятро инкор менамояд» [168, С. 330]. Албатта метавон инро чунин фаҳмид, ки дар он ҷо касе боқӣ наменомад, ки ӯро дарк кунад. Мақоми аҳадият дар олами ҳастӣ на таҷаллии вуҷудӣ дорад ва на таҷаллии шуҳудӣ дар идроки ориф, зеро олим ва ориф худ дорои як таъйин мебошанд. Бинобар ин, ориф дар расидан ба ин мақом, таъйини хешро аз даст медиҳад, месӯзад ва аз байн меравад ва бо аз байн рафтани вай дигар шуҳуде даркор нахоҳад буд, ки аз имкони шуҳуд (мушоҳида)

сухан бигӯем.

Дар ин ҷо танҳо ғайрияти Худо ворид шудан ба мақоми аҳадиятро иҷозат намедиҳад, раҳмат ва лутфи Ӯ бар бандагонаш низ тақозо мекунад, ки ононро аз сӯхтан ҳифз кунад ба наҳве ки битавонанд худро боз ёбанд. Аз ин рӯ, ба таъбири Ибни Арабӣ: «Башар ҳарчанд аз шуҳуди (мушоҳида кардани) башарият фонӣ мегардад, аммо аз башарияташ зоил намешавад. Пас, айни вуҷуди башарият зоил нашуда, ҳадде ҳамроҳи он хоҳад буд» [40, Ҷ.3, С. 213].

Ибни Арабӣ ошкоро ғайрат ва раҳмати Худоро барои фанои комили зоти башар монеъ медонад ва натиҷаи он монеъи расидан ба зоти Худовандӣ мешавад. Ҳамчунон ки ӯ мегӯяд: «Пас Худо туро айни сатр ва парда барои худат қарор дод». Дар тафсири ояти “ва удхули ҷаннати” - даро бар биҳишти Ман (Фаҷр, 30) ҷаннатро ба сатр ва пӯшиш таъвил карда, мегӯяд: «Ва удхули ҷаннати”, яъне дохил дар биҳишти ман шав, ки дар он ҷо сатри ман аст. Ҷаннати ман ғайр аз ту нест, пас ин ту ҳастӣ, ки маро бо зоти худ мепӯшонӣ» [37, Ҷ.1, С. 92]. Агар ин парда набуд талаби зиёдат дар илм намекардӣ... пас ту ҳиҷоби худат аз худат ва пардаи Ӯ нисбат ба худат ҳастӣ. Маҳол аст, ки аз башарияти худ зоил шавӣ, зеро зотан башар (инсон) ҳастӣ. Агар дар ҳолате, ки бар ту ориз мешавад аз худ ғоиб ё фонӣ шавӣ, башариятат побарҷост ва парда овехтааст ва чашм ҷуз бар парда намеафтад, зеро ҷуз бар парда қарор намегирад; ва ин ношӣ аз ғайрат ва раҳмати Худо аст. Аммо ғайрат, чун аз ин ки дигаре ӯро идрок карда ва дар натиҷа ба василаи мудрик муҳот шавад (онро фаро гирад) - дар ҳоле, ки Ӯ муҳит бар ҳар чизе аст (ҳамафарогир аст) ва муҳит ба иҳотаи муҳот (фарогир) дар намеояд - (Албатта ин амр метавонад бо он чи қаблан дар бораи фанои зотӣ гуфтем, мунофот надошта бошад, чаро ки дар он ҷо бо фонӣ шудани ориф ғайре дар кор нест ва Худо худаш ба худаш Олим аст. Чунон ки дар ҷои дигар мегӯяд: «Ғайри вуҷуд, ки ҳодис (офаридашуда) аст ӯро бо маърифате, ки ҳодис аст, мешиносад ва мумкин муттассиф ба вуҷуд намешавад, магар он ки Ҳақ айни вуҷудаш бошад. Пас агар (мумкин) ӯро аз он назар ки мавҷуд аст,

бишиносад. Дар воқеъ ғайри ӯ, Ӯро нашинохтааст» [40, Ҷ.3, С. 276]. Дар идомаи тафсири “ва адхули ҷаннати” пас аз он ки ҷаннатро ба пӯшиш ва сатр таъвил кард, мегӯяд: “Агар ба ҷаннати Ӯ дохил шудӣ ба нафси худ роҳ ёфтаӣ ва маърифати дигаре ба нафси худ пайдо мекунӣ ғайр аз он маърифате, ки ба ҳангоми шинохти Парвардигорат аз роҳи нафс, пайдо карда будӣ. Пас соҳиби ду маърифат мешавӣ: 1) яке маърифат ба Ӯ дар худат аз он ҷиҳат ки “ту” ҳастӣ, ва 2) дигаре маърифат ба Ӯ дар худат аз он ҷиҳат ки “Ӯ” ҳастӣ на аз он ҷиҳат, ки “ту” ҳастӣ. Пас, ту абдӣ ва ту раббӣ/ барои касе, ки ту абди Ӯ ҳастӣ” [40, Ҷ.1, С. 92].- ғайрат меварзад ва аммо раҳмат, ба хотири он ки медонад муҳдасот (чизҳои офаридашуда) дар баробари ҷалоли ваҷҳи Ӯ боқӣ намемонад, балки месӯзанд (Ибни Арабӣ худ ба зикри ҳадисе аз паёмбар (с) далели ин амрро тавзеҳ медиҳад: «Барои Худо, ҳафтод ё ҳафтод ҳазор ҳиҷоб аз нур ва зулмат аст, ки агар онҳоро бардорад ҷалоли ваҷҳаш он чиро аз халқ ба чашм меояд, месӯзонад, зеро ки агар асмои илоҳӣ бардошта шаванд, ин ҳиҷобҳо бардошта мешаванд. Агар ин ҳиҷобҳо, ки ҳамин асмоанд, бардошта шаванд, аҳадияти зот зоҳир мешавад, вале ҳеҷ айне дар аҳадияти зот муттасиф ба вуҷуд намешавад; вуҷуди аъёни мумкинот аз байн рафта, дигар иттисоф ба вуҷуд нахоҳад дошт» [40, Ҷ.2, С. 110]. Пас, (Худо – З.З.) пардаи раҳмат бар онҳо афканад, то боқӣ бошанд [40, Ҷ.2, С. 554].

Ҷои дигар, сабаби номумкин ва маҳол будани дидани зотро бо тамсиле баён мекунад. Ба эътиқоди вай: «Ҳар кас худашро дар оинаи Худованд мебинад ва ҳамон тавр, ки наметавонем ба оина назар кунем ва онро холӣ аз суввар бубинем, зоти муҷаррад аз суввар низ қобили рӯъят нест. Зеро дар он замон, ки оина дорои сурат набошад, касе дар он назар накардааст ва он замон, ки дар он назар мекунем, дигар холӣ аз сурат нест: “Мутаҷалло лаҳу дар миръоти (оинаи) Ҳақ ғайр аз сурати худро намебинад ва Ҳақро (ки оина аст) надида ва мумкин нест, ки бубинад бо он ки илм дорад, ки сурати худро ҷуз дар Ӯ надидааст монанди оина. ...Ин бузургтарин илме аст, ки Худо муқаддар (тақдир, муайян)

карда аст... Агар инро чашидӣ, ғоятеро чашидаӣ, ки фавқи он барои башар ғояте нест. Пас тамаъ маварз ва худатро ба заҳмат меяндоз, ки аз ин дараҷа болотар равӣ, чун дараҷаи болотар аз ин нест; баъд аз он ғайр аз адами маҳз чизе нест» [37, Ҷ.1, С. 41- 42].

Агар бихоҳем худро дар оина набинем ва фақат оинаро мушоҳида кунем бояд худ дар миён набошем. Дар он сурат низ чизеро намебинем, балки ба як таъбир нестиро шуҳуд (мушоҳида) мекунем; Ибни Арабӣ ин таҷрибаро чунин тавсиф менамояд: «Худои таъоло барои мумкинот ба андозаи истеъдодашон зоҳир мешавад. Онҳо худашонро дар вуҷуди Худо мебинанд, дар ҳоле, ки худ дар ҳоли адаманд. Ҳол, касе ки бигӯяд ғайри Худоро надидаам, дуруст гуфтааст. Касе, ки бигӯяд ғайри оламро надидаам, дуруст гуфтааст. Касе, ки бигӯяд чизеро надидаам, дуруст гуфтааст, чаро ки ба хотири суръати таҳаввул ва дигаргунӣ ва адами субот мегӯяд, чизе надидам ва касе, ки бигӯяд чизе надидам, магар он ки Худоро қабл аз он дидам. Дуруст гуфтааст» [40, Ҷ.3, С. 255].

Дар хулоса метавон гуфт, ки тааммули дақиқ дар суханҳои Ибни Арабӣ нишон медиҳад, ки ваҳдате, ки вай байни нафс ва рабб (Худо) қоил аст марбут ба мақоми поинтар аз зот аст. То замоне, ки башарият барқарор аст, ҳад боқӣ аст ва то замоне, ки ҳад барқарор аст, ваҳдат бо зот маҳол аст. Барои ҳамин, ваҳдати мавриди назари Ибни Арабӣ, ваҳдат бо Худо мебошад, ки марбут ба мақоми асмо ва сифот аст, на мақоми зот. Ба таъбири ӯ: «Расулуллоҳ (с) фармуд, ҳар кас худро бишносад раббашро мешиносад ва нафармуд зоти раббашро мешиносад, чаро ки зоти рабб ғанӣ аз итлоқ аст». Муқайяд (маҳдуд, побанд) чӣ гуна метавонад ба маърифати Мутлақ ноил ояд. Калимаи рабб (ки дар ҳадис омада) бало шак иқтизои марбубро (тақозои иллаҳ) дорад, бинобар ин аз калимаи рабб навъе роиҳаи (бӯи) тақйид (махдудият) фаҳмида мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки махлуқ (-и муқайяд) метавонад раббашро (ки ӯ низ муқайяд аст ва на мутлақ) бишносад [37, Ҷ.1, С. 81]. Зот агар аз нисаб холӣ бошад, Илаҳ

нахоҳад буд. Ин нисабро низ аъёни мо эҷод мекунад, лизо мо бо маълуҳиятамон (корелят) Ӯро Илаҳ қарор медиҳем. Пас Ӯ шинохта намешавад, магар он ки мо шинохта шавем[59] [40, Ҷ.4, С. 423]. Паёмбар (с) фармуд: “Ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу [37, Ҷ.1, С. 81].

Дар ҷои дигар, далели ин амрро бештар тавзеҳ медиҳад ва он ин ки тибқи “ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу” рабб барои шинохта шуданаш муҳтоҷи нафс аст. Пас, наметавонад ҳамон зоте бошад, ки бениёз аз ҷаҳониён аст: «ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу...ин ҷо ҷойгоҳи далолат аст... дар ҳоле, ки Худои бениёз аз ҷаҳониён ва муназзаҳ аз далолат аст. Ба ҳамин ҷиҳат, зот, иллат барои чизе воқеъ намешавад (ки маълул бар ӯ далолат кунад). Қавли паёмбар (с), ки Худо буд ва ҳеҷ бо Ӯ набуд (кона аллаҳа ва лам якун маъаҳу шайъ) ҳамин амрро нишон медиҳад. Пас, Худо ғанӣ аз далолат аст (дар ҳоле, ки ҳадис аз рабби сухан мегӯяд, ки мадлул воқеъ мешавад)» [40, Ҷ.2, С. 429].

Ибни Арабӣ ҷои дигар навиштааст: «Ҳарчанд Худо абдро ба сурати хеш офаридааст, аммо дар ҳад ва ҳақиқат бо ӯ яке нест, зеро Худо фи зотиҳи ҳадде надорад ва инсон зотан маҳдуд ба ҳадди зоте аст» [40, Ҷ.3, С. 8].

Ваҳдат бо айни собит. Чунон ки дидем Ибни Арабӣ ва орифоне чун Боязид аз бозгашт ба адами азалӣ ва адами қабл аз хилқат сухан мегӯянд. Фано, аз назари онон, хуруҷ аз олами ҳастӣ ва бозгашт ба асли хештан аст. Ҳамон хештание, ки қабл аз хилқат ва таҷаллӣ доштаем. Нест шудан, аз назари онон, бозгашт ба он “наистони” адами азалӣ аст, ки аз он бурида шудаем.

Ибни Арабӣ низ ҳангоме ки ин мақомро шуҳуд мекунад, мегӯяд: «Дар ин ҳол ҳеҷ айнеро надидам, ки собит бошад ва амре, ки бар он субот ёбам, бароям

[59] Дар мавриди дигар Ибни Арабӣ ҳамин амрро чунин ҷамъбандӣ мекунад: “Назди орифон, шаръ бо ин гуфта (ман арафа нафсаҳу арафа раббаҳу) боби илм ба Худоро баста аст. Зеро медонад, ки ҳеҷ кас ба маърифати нафси худ ноил намеояд. Зеро нафси муҷаррад аз алоиқе, ки ба ҷисми мавриди тадбири хеш дорад, тааққул намешавад. Пас танҳо ба сурати **мудаббир бадан таақул мешавад ва муҷаррад аз алоиқ шуҳуд намешавад**; ва ба ҳамин сон, Худо низ танҳо **ба сурати илаҳ тааққул** мешавад ва ба сурати ғайри илаҳ таақул намешавад. Илми тавоное он ки Худоро аз олами марбуб таҷрид кунад надорад. ва чун Худо муҷарад аз олам тааққул намешавад, пас зоташ фи нафсиҳи на маъқул аст ва на машҳуд. Илм ба ӯ шабеҳи илм ба нафс аст. Ҷомеъи ҳар ду (маърифат низ) таҷрид ва тахалус аз алоқаи байни Худо ва олам ва низ алоқаи байни нафс ва бадан аст (ал-Футуҳот ал-Маккия, ҷ.4, с. 423).

мустаққир (қарор гирифтан, ҷойгиршуда) нашуд. Ҳамчунон ки аз замоне, ки нест будам (камо кунту алайҳи фи ҳоли адами) низ чунин будам» [40, Ҷ.3, С. 331].

Дар ҳамин манзил ва мавтин аст, ки Ибни Арабӣ бештарин тақаррубро ба Худо пайдо мекунад: «Тақарруби ман ба Ҳақ дар ҳини иттисофам ба адам (бо адам тавсиф шуданам), бештар аст, то дар ҳини иттисофам ба вуҷуд (то замони бо вуҷуд тавсиф шуданам) ва ин ба хотири идаъое аст, ки дар ҳолати вуҷуд, ёфта мешавад. Фаной аз Ҳақ барои бақой ба Ҳақ, иборат аз бозгашт ба ҳолати адаме аст, ки бар он будаем» [40, Ҷ.2, С. 528].

Пас дар заминаи андешахои болоии Ибни Арабӣ метавон гуфт, ки абёти машхури Мавлоно «Бишнав аз най чун хикоят мекунад, В-аз чудоихо шикоят мекунад...» ба хамин маънӣ омадаанд, яъне най аз нестӣ (адам) хикоят мекунад. Ин чи гуна нестӣ аст, ки аз вуҷуд хикоят мекунад? Дар ин ҷо ҳастӣ ҳамчун ҳолате тавсиф меёбад, ки гуё асли максад нестӣ, нобудан ва адам аст. Оё метавон гуфт, ки най ҳам аз ҳамин нестӣ ҳикоят мекунаду аз вуҷуд шикоят намуда, ин қадар сӯзи ниҳон ва нолаҳои зори вай танҳо барои аз нав, тезтар нобуд шудан, нест шудану адам шудан мекунад. Агар дар воқеъ ҳамин тавр бошад, пас вуҷуд надоштан аз вуҷуд доштан афзалтар дониста мешавад? Ин абётро агар бо забони камтар соддатар баён карданӣ бошем, метавон онро чунин фаҳмид: ман вуҷуд доштан намехостам, вале бар қасди ман маро ба вуҷуд оварда нестии абадии манро вайрон кардаанд. Ҳикоятҳою шикоятҳои най, ки вайро аз найистони адам буридаанд, ба ҳамин маъно аст ё маънои дигар? Аммо биёед бубинем, ки худи Ибни Арабӣ ба ин суолҳо чӣ гуна посух хоҳад гуфт?

Барои ҳамин илат, ватани аслии инсонро ҳамон адами азалӣ дониста чунин назар дорад, ки аз сахттарин ватанҳои инсон фироқи ватан аст. Пас касе, ки ватанаш адами қадим аст (адами азалӣ), ғурбаташ вуҷуд аст. Агар (дар он вуҷуд) шуҳуде барояш ҳосил шавад, нисбат ба ватанаш муштоқ ва нолон ва аз шуҳуди сокинини он (вуҷуд) ғоиб мешавад. Фано ҳоле аз аҳволи адам аст назди

касе, ки умурро бифаҳмад. Аҳлуллоҳ (сӯфиён – З.З.) шуҳудро намехоҳад, магар барои фаной аз вуҷуд.

Ҳоло ҷои ин суол аст, ки ин бозгашт, бозгашт ба кадом мақом аст ва мурод аз ин адам чист? Як эҳтимол ин аст, ки манзуру максади бозгашт ба мақоми зот (ё аҳадият) бошад, ки мақоми адами таҷаллӣ ва адами таъйин аст ва барои ҳамин аз он ба нестӣ ва адам таъбир мешавад. Дар қисматҳои қаблӣ ин эҳтимол аз дидгоҳи Ибни Арабӣ мавриди нақд ва баррасӣ қарор гирифт ва мулоҳиза шуд, ки Ибни Арабӣ дар мавридхои зиёд вусул ба ин мақомро ғайри мумкин ва маҳол медонад.

Эҳтимоли дуввум он аст, ки мурод аз бозгашт ба адам бозгашт ба мақоми воҳидият бошад, ки маҳалли таҷаллии зот бар зот ва дар натиҷа маҳалли зуҳури асмо ва сифот ва пайдоиши аъёни собита аст. Дар он мавтин, аъёни собита ҳанӯз роиҳаи вуҷудро истишмом накарда (ба машомаш нарасида) ва дар паси пардаи ғайб карор доранд. Чаро ки ба эътиқоди Ибни Арабӣ, ашё дорои ду айнанд. 1) Яке айни мавҷуд, ки марбут ба олами шаҳодат аст ва 2) дигаре айни собит, ки дар олами шаҳодат вуҷуд надорад, вале дар ғайби улуҳият, субут дорад. Айни собит ҳанӯз дар олами шаҳодат таҷаллӣ наёфта ва маъдум аст, вале дар марҳалаи улуҳият (на зот) дорои зуҳур мебошад. Ин аст, ки Ибни Арабӣ мегӯяд: «Ашё дар зуҳури илоҳиашон, ло шайъанд (чиз нестанд)» [40, Ҷ.2, С. 70]. Маънои ин ибора он аст, ки дар ин ҷо, ашё ба вуҷуди Худо мавҷуданд ва на ба эҷоди Ӯ, ба бақои Ӯ боқианд ва на ба абқои (абадикунонӣ, ҳифзи) - ӯ. Касе, ки ба мақоми фано мерасад, аз олами вуҷуд ғоиб шуда, бо айни собити хеш муттаҳид мегардад, балки ба таъбири дақиқтар, бо он ваҳдат ҳосил мекунад ва агар ҳувият ва бақое барои хеш қоил бошад, ҳамоно ҳувият ва бақои Ҳақ аст.

Бинобар ин, агар дар боби муроди Ибни Арабӣ аз бозгашт ба адам, эҳтимоли аввалро ба маънои якдигарро истиснокунанда бидонем, роҳи дигаре ба чуз кабули эҳтимоли дуввум наемонад. Ба қавли яке аз муҳаққиқон: ирфон шавоҳиде (далелҳое) бар ло бақои нафс (азалӣ будани нафс) ироа намекунад,

лекин агар ин масъала ба тариқи дигар ба исбот бирасад, ирфон бо назарияи “бозгашт ба асл” созгортар аст, то маҳфуз мондани ҳувияти шахсӣ.

Ибни Арабӣ суоле дар бораи ваҳдати нафс ва раб, тарҳ мекунад ва он ин аст, ки ҳувияти воқеъии мо чист? 1) Ё марбут ба олами сурат аст 2) ё марбут ба зоти Худо ва 3) ё марбут ба аъёни собита? Вай ҳамин эҳтимоли охирро, ки эҳтимоли дуввумӣ аст, ки ба он ишора кардем, тақвият мекунад: Вобаста ба масъали мазкур чунин хулоса баровардан ба маврид аст, ки касе, ки худашро ба ин тариқ бишносад, инро дар меёбад, ки оё худаш айни сурат аст, ё айни воҳиби (бахшандаи) сурат, ва ё бо айни собити мумкине, ки маъдуми зотӣ аст, яке мебошад. Ҳар кас худашро бишносад, раббашро мешиносад, пас (байни шинохти нафс ва шинохти рабб) тақаддум ва тааххуре нест. Зеро мумкин дар ҳоли адам аз он азал, ки мансуб ба вуҷуди Ҳақ аст, мутааххир нест. Азал илова бар воҷибу-л-вуҷуд будани Ҳақ, ба маънои воҷибу-л-адам будан мумкин ва субут ва таъйини он назди Ҳақ низ ҳаст. Агар ҳар мумкине аз азал назди Ҳақ мутаъйин ва мутамоиз аз соири мумкинот набувад, Худованд ӯро бо қавли “кун” мавриди хитоб қарор намедод.

Чунон ки мулоҳиза мешавад, тибқи ин андешахо, ҳувияти ҳар мумкине дар айни собит аз дигар мумкинот фарқ мекунад. Вале дар айни ҳол ҳеҷ як ҳувияте ҷуз ҳувияти Ҳақ надоранд. Дар таъвили ин масъала Ибни Арабӣ дар чунин назар дорад, ки ҳарчанд дар ин ҷо бино ба зоҳири иборати нафс дол (далолат мекунад) аст ва рабб мадлул ва шинохти нафс далолат бар шинохти рабб мекунад, вале воқеъи амр ин аст, ки дар ин ҷо худи Худо дар мартабаи аъёни собита бар худи Ӯ ва ба унвон Илаҳ далолат мекунад: Масоили кашф дар маърифати худи Ибни Араби худи Ҳақ далел бар худаш ва бар улуҳияташ аст ва мефаҳмӣ, ки олам ғайр аз таҷаллии Ҳақ дар суввари аъёни собита нест. Ҳамон аъёне, ки бидуни вуҷуди ӯ вуҷудашон маҳол аст ва ба воситаи ҳақоиқи онҳо Худо дорои танаввуъ (гуногуншаклӣ) ва суввари мухталиф мешавад.

Дар он соҳа, яъне он ҷо ки асли ҳамаи ашё аст, он ҷо ки ҳама чиз ба адами аслии хеш боз мегардад, ориф бори дигар худ ва ҳама ашёи оламро боз меёбад, лекин ин бор худаш ва ҳама ашёро дар оинаи Ҳақ яке мебинад. Қиссаи “Симург”-и Аттори Нишопурӣ, ба назари мо, дар ин суханхо бозтакрор шудааст. Ибтидо ваҳдати худашро бо Ҳақ шуҳуд (мушоҳида) мекунад ва сипас дар ин ваҳдат, Ҳақро бо ҳама ашё ягона мебинад. Дар натиҷа ҳамаи ашёро дар худаш шуҳуд менамояд, яъне аз ваҳдати анфусӣ ба ваҳдати офоқӣ мерасад. Ба қавли яке аз муҳаққиқон: «Худи урафо ин нуктаро мусаллам ангоштаанд (пиндоштаанд), ки “воҳид”-е ки дар таҷрибаи анфусӣ (робитаи нафс бо Худо) мункашиф (кашф) мешавад бо “воҳиде”, ки дар таҷрибаи офоқӣ (робитаи олам бо Худо) падидор мегардад, яксон аст» [153, С. 136].

Ибни Арабӣ низ ҳамин шинохтро, ки аз роҳи кашф ҳосил мешавад, Ин назари Ибни Арабӣ ба дидгоҳи бархе аз мутаккалимони исломӣ қаробати наздик дошта дар тавҳеҳи масъали кашф ҳамназар ҳастанд. Кашфи дигаре ҳосил меояд ва суратҳоямон дар вуҷуди Ҳақ бар имон зоҳир мешаванд ва якдигарро мешиносем ва аз якдигар мутамоиз мешавем. Баъзе аз мо мефаҳманд, ки ин маърифат ба хештан дар Ҳақ таъоло бар имон воқеъ шудааст ва баъзе низ бар ҳазрате, ки ин маърифат дар он барояшон ҳосил шуда ҷоҳиланд. Паноҳ мебарем ба Худо аз ин ки ҷоҳил бошед. Ибни Араби василаи асосии маърифати инсонро танҳо ба худо воҷиб дониста, онро сабабгори ҳама ҳодисоти инсон меҳисобад.

Яъне, пас аз кашфи ҷамол, ки ҳолати фаноро барои ориф дар бар дорад ва тайи он фақат Ҳақро мебинад, кашфи дигаре ҳосил меояд, ки кашфи ҷалол аст ва бақои баъда-л-фаноро барои ориф ба армуғон меоварад. Ин кашф, кашфи халқ дар Ҳақ аст.

Нуктаи дигар он ки дар олами аъёни собита ашё дараҷа ва афзалиятхо надоранд. Ҳамагӣ яке ҳастанд ва он яке низ азим аст. Аз ин рӯ, ин ҷо соҳати таъзими халқ аст, на таҳқири он. Шинохти зоти ҳақ дар андешаи Ибни Арабӣ ин ҳақ ҳама ашё яке ҳастанд ва ҳеҷ тафозул ва муфозилат нест... пас дигар ҳақир

ва ночиз дар кор нахоҳад буд. Ҳама (азим) ва аз шаъоируллоҳ (ҳиссиёт, эҳсооти Аллоҳ) ҳастанд. Ва ман юъаззама шаъоируллоҳ фаиннаҳо ман тақва ал-қулуб – (Ҳукм) ин аст. Ва ҳар ки шаоири Худоро бузург шуморад, пас, ин аз тақвои дилҳо аст (Ҳаҷ, 22:32)**.**

Бақо би-л-лоҳ. Қаблан мо ишора карда будем, ки ориф дар сайру сулуки хеш ба марҳалае мерасад, ки аз Худшиносӣ берун рафта, ба Худошиносӣ интиқол меёбад. Дар он ҷо фаноро ба ҳар маънӣ, ки бигирем, хоҳ фано дар зот бошад ва ё бо фано дар айни собит, фарди фонишуда боқӣ ба бақои-л-лоҳ хоҳад буд. Яъне он чунон ваҳдате ҳосил мешавад, ки сифоти Худо аз они халқ ва билъакс, сафои халқ аз они Худо мешавад.

Дар истилоҳи Қуръон ин ҳолат ба қурб ёд шуда, орифон авҷи онро қурби навофил ва қурби фароиз медонанд.

Қурби навофил. Дар шариат қурб байни инсон ва Худо дар шаклхои мухталиф баён шудааст. Вобаста ба ҳамин масъала дар адёни иброҳимӣ ва мазоҳибҳои исломӣ назар ва дидгоҳи гуногун ва мутаноқиз мавҷуд ҳастанд, ки таъвили онҳо аҳкоми шариат сурат гирифтааст. Мақулаи «Абди- З.З.- бандаи» ман бо анҷоми навофил пайваста ба сӯи ман наздик мешавад, то ба марҳалае мерасад, ки ӯро дӯст медорам ва чун дӯсташ доштам, шунавоии вай мешавам, ки бо он мешунавад, биноии (чашмони) ӯ мешавам, ки бо он мебинад, забони ӯ мешавам, ки бо он сухан мегӯяд, дасти ӯ мешавам, ки бо он қувват ба харҷ медиҳад ва пои ӯ мешавам, ки бо он роҳ меравад.

Яъне Худо ҷойнишини қуввахои идрокӣ ва таҳрикӣ ва аъзо ва ҷавореҳи (аъзои бадани) инсон мешавад, ки бо онҳо идрок карда ё амал менамояд. Ибни Арабӣ монанди бисёри дигар орифон дар баҳси ваҳдати вуҷуд ва фано дар Ҳақ ва бақои ӯ бо Ҳақ, ин ривоятро фаровон истифода бурда, онро шарҳ додааст. Ва ин масъали дар тавзеҳи Ибни Арабӣ ба таври возеҳ баён шуда**,** наздиктарин қурбҳо, ки Худо ба он хабар дода ин аст, ки Худо бо ҳувияти хеш ҳама қувво ва аъзои абд (бандааш) мешавад. Наздиктар ин имкон надорад, зеро (аввалан) айни

абдро исбот кардааст, чаро ки замири (ҷонишини) “ҳу” дар самъаҳу ва басараҳу ва лисонаҳу ва ядаҳу ва риҷлаҳу ба абд (банда) мегардад ва (сониян) ин амрро собит кардааст, ки ин айн, ҳамон абд (банда) нест (чаро ки қуввои идрокӣ ва таҳрикиро айни ҳувияти Худо донистааст) ва абд (банда) ҳувияте ҷуз ин қувво надорад, зеро ин қувво ҷузви ҳадди зотӣ маҳсуб мешаванд. Пас сурат ва маънӣ, ҳар ду аз они Худои мутаъол аст ва Ӯ молики кулл аст. Пас, дар ҳастӣ ғайр аз Ӯ ва субҳонаҳу, касе нест.

Дар ҷои дигар изҳор медорад, ки чунин ваҳдате ҳам аз роҳи кашф барои инсон возеҳ мешавад ва ҳам шаръ (шариат) бар он далолат дорад. Мо гуфтем Ӯ (Худо) ӯ (инсон) аст (ҳува ҳува), ба хотири он чи аз роҳи кашфи саҳеҳ хусусан, ва имони сареҳ умуман, ба даст меояд. Чунон ки дар хабари набавӣ, омадааст: «Худо агар бандаеро дӯст бидорад, шунавоӣ ва биноии ӯ мешавад, ва (соири) қувво ва ҷавореҳи инсонро (низ) зикр кардааст. Инсон ғайр аз ин умуре, ки зикр шуд ва Худо ҳувияти худро айни онҳо қарор додааст, чизи дигаре нест. Пас агар мӯъмин бошӣ, мефаҳмӣ, ки ба воситаи чӣ касе ту ҳастӣ ва агар соҳиби шуҳуди саҳеҳ бошӣ, мефаҳмӣ, ки чи касро мушоҳида мекунӣ, дар қувваи ҳеҷ инсоне нест, ки дар бораи Худо чизе пеш аз ин баёни набавӣ бигӯяд**.** Пас, аз лафзи “кунту” (будам) маълум мешавад, ки Худо ҳувияти худ (на сифоти худ)-ро айни шунавоӣ ва биноӣ ва ҷамеъи қуввои абд (банда) дониста аст. Балки аз ин ҳам болотар рафта ва ба ин қувво иктифо нафармуда ва ҳувияти худро айни забон ва дасту по ва аъзои абд низ қарор дода аст. Аз сӯи дигар, абд ғайр аз ин қувво ва аъзо чизе нест, пас, «Ҳақ айни он чизе аст, ки абд номида мешавад» [37 Ҷ.1, С.189]... абд ҳувияте ба ҷуз Худо надорад. Зоҳираш сурати халқи маҳдуд ва ботинаш ҳувияти Ҳақи номаҳдуд аст [40, Ҷ.4, С. 140].... ва дар воқеъ Худо ҳам сомеъ (шунаванда) ва ҳам самъ (олати шунавоӣ -гӯш) аст ва ҳамин тавр, соири қувво ва идрокоти абд» [40, Ҷ.2, С. 543].

Қурби фароиз. Ба эътиқоди Ибни Арабӣ, марҳалаи болотар аз қурби навофил он ҷост, ки инсон ба мақоми вилоят ва халифа ли-л-лоҳӣ мерасад, ки

хоси инсони комил аст. Дар ин ҷо дигар ин халқ нест, ки сифоти Ҳақро пӯшида, балки Ҳақ аст, ки бо сифоти халқ зоҳир шуда аст. Аз ин мақом ба “қурби фароиз” ёд мешавад. Ба эътиқоди Ибни Арабӣ дар (қурби) навофил, Ҳақ шунавоӣ ва биноии абд аст ва дар (қурби) фароиз абд шунавоӣ ва биноии Ҳақ.

Дар қурби навофил ҳанӯз нишоне аз абд (банда) боқӣ аст, чунон ки аз замири (ҷонишини) “ҳу” дар самъаҳу (шунавоиаш) ва басаруху (биноиаш) фаҳмида мешавад, барои ҳамин Ибни Арабӣ қурби фароизро болотар аз қурби навофил медонад. Вай ҷое, бартарии қурби фароизро бар қурби навофил чунин баён мекунад: “илати ин ки Худо фароизро баргузидааст ин аст, ки дар ин ҷо абд сифати Ҳақ - яъне шунавоӣ ва биноӣ - мешавад ва дар ҳубби навофил Ҳақ шунавоӣ ва биноии абд мебошад. Нофила дар дараҷаи поинтаре аз фариза қарор дорад, пас фариза нисбат ба он авлавият дорад. Муқтазои ҷалоли Худованд ин аст, ки бо ҳувияташ танзил накунад, ки шунавоии абд бошад. Пас, ночор ба сифаташ танзил мекунад ва дар натиҷа абд ба хотири сурате, ки бар он офарида шудааст, сифати Ҳақ мегардад.

Дар ҷои дигар ҳамин амрро чунин тавзеҳ дода, медиҳад ва навофилро ба бақо бар он, аҳкоми сифоти Ҳақро абд ато мекунад ва фароиз боис мешавад, ки зоти абд айни нур бошад. Пас, ба зоти Ҳақ мебинад ва на ба сифаташ; ва зоти Ҳақ айни шунавоӣ ва биноии ӯст. Пас, ин вуҷуди Ҳақ аст, на вуҷуди ӯ.

Ҷои дигар иллати бартарии қурби фароизро бар қурби навофил чунин баён кардааст. Амал ба фароиз барои абд амреро эҷод мекунад, ки бартар аст аз (навофил ва) ин ки Ҳақ шунавоии ӯ бошад. Зеро ин ки Ҳақ самъи абд бошад ҳол барои абд аст дар сурате, ки ҳукми фарз байни - ва байни ин ҳол фосила мешавад ва он ин аст, ки абд самъи Ҳақ бошад ва Ҳақ бо абд бишунавад... дар ин ҳангом абд мефаҳмад, ки Ҳақ ӯст ва Ӯ нест (ҳува ло ҳува).

Ҳуҷҷати Ибни Арабӣ ҳамон ҳадиси қудсӣ аст, ки қаблан зикр шуд бад-ин мазмун ки: «Ҳеҷ кас ба чизе писандидатар аз он чи бар ӯ фарз кардаам, ба ман наздик намешавад (мо тақараба илайя аҳадин биаҳаб илайи мимо афтаразтаҳу

алайҳи)... пайваста абди ман бо амал бо навофил ба ман наздиктар мешавад то ин ки...». Дар ин ҷо Худованд тақарруб аз роҳи фароизро маҳбубтарин чиз назди худаш дониста аст. Ҳол агар натиҷаи навофил ин бошад (ки Ҳақ шунавоии абд шавад), пас, дар бораи фароиз чӣ фикр мекунем ва он ин ки абд шунавоии Ҳақ ва биноии ӯ бошад... дар ин ҷо Ҳақ ба иродаи абд кор мекунад. Ин мақомро араб дар ҳаққи Муҳаммад (с) баён кардааст, аммо дар навофил, абд ба иродаи Ҳақ кор мекунад.

Дар ҷои дигар ҳамин амрро чунин баён мекунад. Абд бо анҷоми фароиз ба Худо тақарруб меҷӯяд ва касе, ки самараи ин амр барояш ҳосил шавад, шунавоӣ ва биноии Худо хоҳад шуд ва Худо бо иродаи ӯ кор мекунад бидуни ин ки бифаҳмад, ки муроди ӯ муроди Худост.

Чунин фарде ба вилояти таквинӣ дар олам мерасад, чаро ки ба қавли Ибни Арабӣ ҳақ ба иродаи ӯ амал мекунад ва барои ӯ таҳаккум (ҳукм кардан) дар оламро қарор медиҳад.

Ибни Арабӣ чунин тавсия мекунад: «Бояд ба имтисоли (пайравии) амри Худо бипардозӣ, бо амал ба тоати Ӯ, муроқибаи қалб дар он чи бар он хутур мекунад, ҳаё аз Худованд, вуқуф дар ҳудуд (ва навоҳии) Ӯ, танҳо бо Ӯ будан ва ҷониби Ӯро баргузидан то ин ки Худо ҷамеъи қуввои ту шавад. Ҳамчунин мегӯяд: «Агар инсон бихоҳад ашёро бишносад наметавонад бо қуввои худ онҳоро бишносад, пас бояд саъй кунад, ки бар касрати тоъот (бо бисёрии итоатҳо), то ин Ҳақ гӯш ва чашм ва ҷамеъи қуввои ӯ шавад. (Дар ин сурат) ҳама умурро бо Худо ва Худоро бо Худо мешиносад.

Нуктаи муҳим дар ин ҷо ин аст, ки аз назари Ибни Арабӣ, тибқи ваҳдати офоқӣ, Худованд, ба андешаи ӯ, на танҳо бо ҳама мавҷудот ҳамроҳ аст, балки айни ҳамаи онҳост ва онҳо чизе ҷуз таҷаллии Ӯ нестанд. Пас чунин нест, ки Худо ба баъзе аз мавҷудот аз бақия наздиктар бошад. Агар имтиёзе барои инсон ва дар миёни инсонҳо барои орифон вуҷуд дошта бошад, ҳамоно илм ба ин қурб аст. Ба иборати дигар, ҳама мавҷудот дар қурб муштараканд, лекин илм ба қурб

махсуси орифон аст. Каромат ва саодати инсон низ дар ҳамин илм аст. Ибни Арабӣ дар ин замина мегӯяд: «Худои таъоло рӯҳи олам ва самъ ва басар ва дасти он аст. Олам ба василаи ин рӯҳ мешунавад, мебинад, такаллум (сухан мегӯяд) меварзад, амал мекунад ва талош менамояд; зеро ҳавл ва қуввае ҷуз ба Худои алии азим нест. Ин матлабро касе дарк намекунад, магар он ки бо навофили хайр ба Худо тақарруб ҷӯяд, чунон ки дар ахбори саҳеҳи набавии илоҳӣ омадааст... ин ки Худо фармуд (кунту самъҳу - ман гӯши ӯ мешавам) далолат мекунад, ки амр ҳамеша чунин буда, вале башар онро дарк накардааст. Каромате, ки маҳсули тақарруб аст ин аст, ки абд кашф мекунад ва барояш илм ҳосил мешавад, ки Худо ҳамвора шунавоӣ ва биноии ӯ буда, вале ӯ хаёл мекардааст, ки бо шунавоии худаш мешунида ва ҳол он ки бо Худо мешунидааст.

Ибни Арабӣ дар ин амр комилан ҳамдилу ҳамзабон аст: «Ҳама олам ҳамнишинони Худо ҳастанд, вале онро дарк намекунанд. Ҳадди аксар ин аст, ки омма - агар мӯъмин бошад - бидонанд, ки Худо бо онҳост. Вале фоида фақат дар ин аст, ки ту бо Худо бошӣ, на ин ки Худо бо ту бошад. Пас касе, ки бо Ҳақ аст Ҳақро шуҳуд мекунад ва касе, ки Ӯро шуҳуд кунад, илми (воқеъӣ) назди ӯ вуҷуд дорад ва ин бузургтарин атоёи илоҳӣ аст.

Дар миёни атоёи Худовандӣ шарифтарини онҳо илм аст,

Ва кашф болотарин ва возеҳтарин тариқ аст»[40, Ҷ.3, С. 457]

Дар ҷои дигар боз шарҳ додааст. Ман ҳаргиз ба андозае хушҳолиам ба ин мақом ба чизи дигаре аз атоёи илоҳӣ, ки акнун онро қабул мекунанд, хушҳол нашудаам. Зеро Худованд маро ба он орост ва ин болотарин мақомот аст, ки ҳарчанд мақоми мо сивоуллоҳ аст, вале ба он истишъор (эҳсос) надоранд, иноятиХудо ба баъзе аз бандагон ҷуз ин нест, ки ин мақомро дар нафсашон ба онон нишон медиҳад. Инон бар ҳама олам бартарӣ надоранд, магар ба илм, ҳолан ва завқан (аз роҳи ҳол ва завқ).

5.4. “Мушкилоти дарки таълимоти Ибни Арабӣ”

Вожаи ваҳдати вуҷуд, ки зимни тарҷума бо забонҳои аврупоӣ бештар муодили вожаҳои пантеизм ва панентеизм дониста шуда, таърихи тӯлониеро дар таърихи халқҳои гуногун аз сар гузаронидааст. Яке аз мушкилоте, ки қабл аз ҳама ба чашм мерасад, ин истилоҳоти ниҳоят зиёди мактабҳои гуногуне ҳаст, ки пайдо кардани маънои ягонаи онҳо ниҳоят душвор ва дар аксари мавридҳо номумкин аст. Шояд бо тавсифи мухтасари шоирона онро “ҷанги ҳафтоду миллат” метавон номид, ки имкони ҳамзабон кардани “ҳинду турк”-ро дар самти гуфтугӯи тамаддунҳо ва ваҳдати динҳо дар миён гузоштааст (ниг. Маснавии маънавӣ).

Қабл аз оғози масоили дигар ба чанд нуктае бояд ишора намуд, ки масъалаи тарҷума ва фаҳмишҳои муосири байни “миститсизм” ва “тасаввуф”, байни “пантеизм” (панентеизм) ва “ваҳдати вуҷуд” ихтилофи назарҳо ба мушоҳида мерасад, ки то ҳанӯз ҳалли ниҳоии худро пайдо накардааст. Оид ба ихтилофи андешаи бо “мистисизм” ифода намудани “тасаввуф” баҳсу мунозишаҳои тарафдорон ва мухолифонро тавлид намудааст. Масалан, муҳаққиқи турк «Комил Ҳасан хусусиятҳои миститсизмро баён намуда, ба тафоввути онро аз истилоҳи тасаввуф дар ҳафт нукта баён намудааст, ки на ҳар муҳаққиқ онҳоро қабул намуда метавонад» [280, С. 10]. Истилоҳи “ваҳдати вуҷуд” ҳамчунон ки қаблан низ ишора кардаем, муродиф бо истилоҳоте мисли пантеизм ва панентеизм шинохта шудааст, ҳадди ақал вай аксаран дар Ғарб бо номи пантеизм тарҷума ва шарҳу тафсир ёфтааст. Аз ин рӯ, мо бояд ба маънои пантеизм ва асосҳои он назаре бияфканем, то пас аз он тавонем, ки ваҳдати вуҷудро мавриди таҷзия ва таҳлилу баррасии муфассал қарор диҳем.

Сарфи назар аз он ки масъалаи асосие, дар ин мақолаҳо мавриди баҳс қарор гирифтааст, масъалаи ба сифати пантеизм шинохтани тасаввуф мебошад, ки ба ибораи “ҳамахудоӣ” фаҳмида мешавад. Мулоҳизаҳои муҳаққиқон хилофи якдигар буда, ба сифати патеизм шинохтани онро эътироф намекунанд ва яке аз

намояндагони ҳамчун пантеизм шинохтани ирфони Ибни Арабӣ, донишманди барҷаста ва муосири россиягӣ доктори улуми фалсафа, профессор Т.Ибрагим мебошад, ки бо далелҳои устувор пантеистӣ будани таълимоти ваҳдати вуҷуд, халқи ҷадид ва инсони комили ӯро ҷонибдорӣ мекунад.

Муҳаққиқи рус Т. Ибрагим баҳсеро ба миён мегузорад, ки тибқи он ваҳдати вуҷудро метавон ҳамчун пантеизм қабул кард, аз ин рӯ, ҳоло нуктаҳои асосии мақолаи ӯро пешниҳод менамоем, ки барои мутахассисон-тасаввуфшиносон қобили мулоҳиза ва андешаронӣ мебошад. Аммо зарурати он низ вуҷуд дорад, ки бо баъзе истилоҳоти марказие, ки дар мақолаи ин муҳаққиқи рус ба чашм мерасанд, мухтасар ҳам бошад, шинос шавем.[60]

Ҳамин тавр, ба андешаи муҳаққиқ, фалсафаи ваҳдати вуҷудиён қабл аз ҳама фалсафаи тавҳиди мутлақ мебошад. Масъалаи асосии таълимоти онҳо таълимот оид ба "ваҳдат", "ваҳдати мутлақа"-и тамоми олам аст. Дар чеҳраи дилхоҳ ҳар як касрат онҳо ваҳдати фарогир (ҳамаро дар бар гиранда)-ро мебинанд; дар ҳар як чиз онҳо зоҳиршавии Воҳидро мебинанд, ки ин чизро бо дигар чизҳо алоқаманд мекунад ва онҳоро бо кулли узвӣ мепайвандад. «Тамоми вуҷуд воҳид мебошад», - навиштааст «Ибни Арабӣ, ва дар олам чизи дигаре ба ғайр аз ваҳдати олӣ (ваҳдат ал-ваҳдот), ва ё Воҳиде, ки дар касрат (ал-воҳид ал-касир) зоҳир мегардад, вуҷуд надорад» [37, С. 111; 40, Ҷ.3, С. 420].

---

[60] **Акциденция** (аз лот. accidentia – ҳолат, тасодуф) – мафҳуми фалсафиест, ки хосияти муваққатӣ, гузарандагӣ, номуҳим, тағйирёбандаи аҳёро ифода менамояд (дар тафоввут аз моҳият, ҷавҳар).
Ҳастӣ - категорияе, ки асоси вуҷуд доштанро барои олам ва барои ҳар як шакли ҳастӣ (мавҷудият) ба қайд мегирад.
Шайъ – моддаи алоҳидае воқеияти моддие, ки дорои мавҷудияти мустақил ва собит мебошад.
Иманнентӣ (аз лот. immanens – дар ботин буда) – мафҳумест, ки хусусиятеро ифода мекунад, ки дар ботини предмет, раванд ва ё зуҳурот вуҷуд дорад;
Иррацирнализм (аз лат. irrationalis – беақлона, бешуурона) – ҷараёни фалсафиест, ки авлавият ва бартарияти мабдаи бешууронаро ҷонибдорӣ карда, онро тавсифи асосии ҳам худи олам ва ҳам дарки он меҳисобад. Ирратсионализм маҳдуд будани имкониятҳои маърифатии инсон, ақл ва тафаккурро таъкид намуда, интуитсия, ҳиссиёт, инстинкт ва ғ.ро ҳамчун воситаҳои асосии лониш эътироф мекунад. Ирратсионализм воқеиятро хаос, берун аз қонуниятҳо, иродаи кӯр, ва гирифтори тасодуф меҳисобад. Фалсафаи ҳаёт, экзистенсионализм, фрейдизм ва ғ.
Транценденция (аз лот. transcendens – аз ҳадду ҳудуд бароянда) – истилоҳи фалсафиест, ки сатҳи олитарини объектҳои интеллигибелиро ифода карда, онро қатъиян наметавон ба сифати объекти таҷрибаи ҳиссӣ қарор дод.
Интуитивизм – маърифати ақлиро ба интуитсия - маърифати бевоситаи воқеият муқобил мегузорад, ки ҳамчун қобилияти махсуси шуур фаҳмида мешавад, ки берун аз таҷрибаи ҳиссӣ ва тафаккури дискурсивӣ ва мантиқӣ мебошад. Интуитсия мустақиман бо ирфон ҳамроҳ мешавад.

Дар ташаккули ваҳдати вуҷуд модели аз ҳама наздиктарини вуҷудиён таълимоти каломи ашъариҳо оид ба ҷавҳар ва аразҳо хизмат намудааст. Аз ин таълимот чунин бармеояд, ки «олам ҷавҳаран ягона мебошад, зеро ҷавҳарҳо-зарраҳо, ки олам аз онҳо таркиб ёфтааст, бо якдигар айният доранд; касратро бошад, аразҳои гуногуни ҷавҳари ягона ба вуҷуд овардаанд. Чунин ҷавҳарро Ибни Арабӣ бо "вуҷуд" як медонад, аммо ашёи мушаххасро бо "сувари" (шаклҳои) ин вуҷуд як медонад» [40, Ҷ.4, С. 100].

Вуҷуд на танҳо воҳид, балки ягона мебошад. Вай ба тамоми ашё якхела муносибат менамояд. Ҳамин тавр, вақте мегӯем, ки «дарахт ё Худо вуҷуд дорад» мо ҳамон як вуҷудро дар назар дорем. Ана ҳамин аст таълимоти машҳури ваҳдати вуҷуд, ки ҷавҳари ин таълимотро ташкил медиҳад, таъкид кардааст Т. Ибрагим. "Вуҷуд"-ро ба сифати мабдаи воҳиди олам қабул карда, тавҳиди мутлақи суфиён, ба худ шакли "тавҳиди онтикӣ"[61]-ро қабул мекунад.

Аз назари пайравони ин мактаб, "ваҳдати вуҷуд" хабари фикрӣ ва ё ғояи тақридӣ набуда, вай воқеияти нисбатан возеҳтаре аст, зеро дар ҳама чиз зоҳир мешавад. Аммо дар айни замон вуҷуд нисбатан мастур ва номаълум аст, зеро вай ҳама ашёро дар бар мегирад, аз ин рӯ, мо чизеро пайдо карда наметавонем, ки аз вай фарқ дошта бошад ва тавассути вай тавониста бошем, ки онро маҳдуд намуда, муайян карда бошем. Вуҷудро танҳо бо воситаи интуитсия шинохтан мумкин аст.

Дар таълимоти Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ, на танҳо тамоми вуҷуд, балки ҳар як чиз, ягона мебошад. Ваҳдати умумӣ дар ҳар як унсури майдатарини воқеӣ ҳузур дорад. Вуҷуд-Воҳид дар ҳар як чизи алоҳида, инъикос ёфтааст, аз ин рӯ, вай воҳид буда, дорои худӣ, аутентичностью (рост, дуруст, ҳақиқӣ, асл), инфиродият мебошад. Тамоми ашёи олам тавассути ҳамин Воҳид бо ҳам пайвайста мебошанд, аммо ин робитаи "горизонталӣ" ва интенссивӣ нест.

[61] Онтикӣ –дар фалсафаи М.Хайдеггер мансуб ба тартиби вуҷуд (сущего) дар тафоввут аз "онтологӣ" - тартиби ҳастӣ (бытие). Агар "сущее" –ин олами моддӣ-ҳиссӣ бошад , пас "бытие" - ин шароити мавҷудияти "сущего" мебошад

Файласуфони тасаввуф дар рӯҳияи паненгеизм асли “кулли шайъ фи кулли шайъ – «Ҳама чиз дар ҳама чиз» аст [170, С. 101]. Онҳо инро тавсеъа бахшида, ба натиҷаҳое омада мерасанд, ки монадологияи Лейбнитсро ба хотир меоварад. Ба андешаи онҳо, ҳар як шайъи маҳдуд ва инфиродӣ умумияти беинтиҳо, кулли вуҷудро инъикос мекунад: онҳо ба ду оинаи дар муқобили ҳамдигар истодае шабоҳат доранд, ки ҳар кадоми он боқимонда ашёро дар бар мегирад: «ва ҳар як қисми олам тамоми олам мебошад» [37, С. 153]. Коинот дар ин самт беинтиҳо ва материя дар “умқ” тамомнашаванда мебошад. Шабистарӣ дар ин маврид навиштааст, ки: «дар ҳар як зарра садҳо офтобҳои дурахшон, дар ҳар як қатраи об – садҳо баҳрҳои соф вуҷуд доранд» [380].

Воқеияти ягона, аз назари ваҳдати вуҷудиён, дар тасаввури мо дорои ду самти мухталиф мебошад, ки дар аксари ҳолатҳо онҳоро бо истилоҳоти ҳақ (ҳақиқат) ва халқ (офариниш, махлуқот) ифода менамоянд. Тафоввути ҳақ ва халқ одатан ҳамчун ду чизи бо ҳам муқобил – воҳид ва касир, воқеӣ (ноуменалӣ, интиллигибелӣ) ва феноменалӣ, “ботин” ва “зоҳир”, ҷавҳар ва араз, сирф вуҷуд (вуҷуди сирф) ва мушаххас, беинтиҳо ва интиҳоёбанда, абадӣ ва муваққатӣ (темпоралӣ), зарурӣ ва контингеннӣ, мустақил ва номустақил, мутлақ ва нисбӣ ва ғ. тавсиф карда мешавад... Аммо дар ваҳдати вуҷуд барои бо ҳам муқобилгузории метафизикӣ чунин самтҳои воқеияти ягона ҷой вуҷуд надорад. Ба мисли коррелятиваҳои мантиқӣ, ҳақ ва халқ яке бе дигаре вуҷуд доштан наметавонад. Илова бар ин, ба таври диалектикӣ яке ба дигаре дохил шуда, якдигарро дар бар мегиранд: «Ҳақ халқ аст ва халқ ҳақ таъкид кардааст» [37, С. 79], Ибни Арабӣ. Ҳар як шайъи алоҳида дорои ду самт, ду соҳат мебошанд, ҳар ду чизҳои муқобилро дар ҳам мегиранд. Дар ин принсипи диалактикии “ҳамоҳангшавии чизҳои бо ҳам зид” зоҳир мегардад, ки тамоми манзараи сӯфиёнаи оламро дар бар мегирад.

Барои тавсифи воҳид ва касир, воҳиди ноуменалӣ ва касири феномелогӣ, хақ ва халқ, Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ ба қиёсҳои гуногун ва истиораҳо

(метафораҳо) даст задаанд: воҳид ва қатори шумораҳои табиӣ (ки ҳар кадоми онҳо тавассути ҷамъ кардани (илова кардани) воҳидҳо ташкил меёбанд), маркази доира ва нуқта (ки маъноияш нуқтаҳоест, ки аз як нуқтаи доираҳо бар меоянд), нуқта ва ростхата (прямая) (ҳамчун васеъшавии нуқта), физикӣ – рушноӣ ва торикӣ, ашё ва инъикоси он дар оинаҳои гуногун, тиру камон ва рангҳои гуногун, узвӣ – нафс ва ҷисм, ҷисм ва қисмҳои он, мантиқӣ – ҷинс ва фард, универсаллия ва партикулярӣ, субъекти муҳокима ва предикатҳои гуногуни он. Ин қиёсҳо, сарфи назар аз он ки барои дарки таносуби байни касрати ашёи конкретии олами эмпирикӣ ва воҳиди олие, ки онҳоро дар бар мегирад, истифода шаванд ҳам, аз тасвири айнӣ адекватии ин таносуб ниҳоят дуранд. Донистани ваҳдат ҳамчун ваҳдати касрат ҳамчунин тавассути тафаккури ақлӣ-таҳлилӣ ва дискурсивӣ низ номумкин аст. Ин кор танҳо тавассути интуитсия мумкин аст.

Муҳаққиқи рус Т. Ибрагим андешаи худро идома дода, навиштааст: «дар истилоҳоти онтологии худ вуҷудиён мафҳумҳои ба дини ислом мувофиқро шарҳу баён менамоянд. Онҳо “Худо”-ро бо воқеияти воҳид, бо тамомияти оламӣ; зоти Худоро бо вуҷуди пок, бо вуҷуд (ҳаққ); сифатҳои илоҳӣ (ҳаёт, илм, ирода, тавоноӣ ва ғ.)-ро – бо таҷридҳои умумии мушаххаси вуҷуди маҳз, “номҳои бешумори Худо”-ро бо вуҷуди инфиродии мушаххас, бо ашёи фардии олами феноменалӣ айният медиҳанд. Ҳамин тавр, тавҳиди онтикии вуҷудиён ба сифати пантеизм баромад мекунад» [313, С. 82-114].

Вуҷудиён тавҳиди анъанавии илоҳиётӣ (тавҳиди улуҳӣ), ки онро “аввом” пайравӣ мекунанд ва тавҳиди вуҷудиро, ки онро “хаввос” - баргузидагон ва қабл аз ҳама орифон риоя мекунанд, аз ҳам фарқ мекунанд. Формулаи “ло илоҳа илло-л-лоҳ” барои тавҳиди анъанавии илоҳиётӣ хос буда, онро бо формулаи “ло вуҷуда илло-л-лоҳ” иваз мекунанд [40, Ҷ.1, С. 363]. Формулаи аввал бисёрии худоёнро инкор карда, Худои ягонаро тасдиқ мекунад, формулаи дуввум бошад, бисёрии вуҷудро инкор карда, вуҷуди ягонаро тасдиқ мекунанд. Дар вуҷудиён

тавҳид бо моноонтизм иваз карда мешавад. Барои ҳамин вуҷудиён онҳоро – аҳл ал-ваҳда меноманд.

Муқобилони пантеизми сӯфиёна ҳатто дар тезиси ваҳдати вуҷуд айният додани Худо ва оламро мушоҳида кардаанд, қайд кардааст муҳаққиқи рус. Аз ин тезис, - навиштааст: «Ибн Таймия, бармеояд, ки “вуҷуди олам ин вуҷуди Аллоҳ аст”» [137, Ҷ.1, С. 183; Ҷ.4, С. 82]. Аммо Ибни Арабӣ ва пайравони он бо айният донистани Худо ва олам дар нисбати “вуҷуд”-и онҳо иктифо намекунанд. Барои дарк кардани ин бо ҳам муқоиса кардани ду қавли Шайхи акбар кофӣ аст: «Дар вуҷуд чизе нест, ки мавҷудияти ду сифати бо ҳам муқобилро иҷоза диҳад, магар дар самти ваҳдати он ” ва “Чизе вуҷуд надорад, ки ду чизи бо ҳам муқобилро, ба ҷуз Аллоҳ иҷозат дода тавонад”» [40, Ҷ.2, С. 417; Ҷ.4 С. 107] то итминон пайдо кард, ки Ибни Арабӣ зери мафҳуми “Аллоҳ” на ягон чизи дигар, балки тамоми оламро дар назар дорад. Доир ба айният додани Аллоҳ бо кулли олам он суханони муассиси вуҷудия шаҳодат медиҳанд, ки Аллоҳ ҳамчун “айн ал-кулл”, “ал-кавн ал-кулл” ва “кулл шайъ” ва ғ. тавсиф шудааст. Ҳамин тариқ, Ибни Таймия тамоми асосҳоро дошт, ки вуҷудиёнро, ки тасдиқ мекарданд, ки “Аллоҳ айни осмонҳо ва замин мебошад” ва ашёи мушаххас (коинот) моҳиятан қисмҳои Аллоҳ, монанди як мавҷи баҳр ба баҳр мебошанд, мавриди танқид қарор диҳад [137, Ҷ.4, С. 27, 44].

Тибқи тасдиқоти Ибни Таймия, - менависад муҳаққиқи рус, - вуҷудиён чунин меҳисобанд, ки «дилхоҳ чиз Худо мебошад»[137, Ҷ.4, С. 186]. Барои ин Ибни Таймия ривоятеро дар бораи Ибни Сабъин нақл мекунад, ки ӯ нияти сафар ба Ҳиндро карда буд, зеро маҳз дар ҳамон ҷо одамон ба ҳама чиз, набототу ҳайвонот саҷда мекунанд. Вуҷудиён таълиҳи (ба дараҷаи илоҳи бардоштани) оламро дар формулаи “ал-кулл ҳува” (дар форсӣ “Ҳама Ӯст”) ифода намудаанд. Бояд қайд кард, ки дар ин формула сухан танҳо дар бораи тамоми ашё меравад, на дар бораи ҳар кадоми онҳо. Ҳамчунон ки шайъи илоҳиро наметавон дар вуҷуди маҳдуд, махсус ва инфиродӣ тавсиф дод; зеро дар ҳоли акси он мо

инкарнатсионизм ва ё бисёрхудоӣ меафтем. Ашёи мушаххас, инфиродӣ танҳо дар он меъёр “илоҳӣ” ҳастанд, ки онҳо ҳамчун қисмҳои кулли умумӣ баромад менамоянд. Ибни Арабӣ аз шарҳи сатҳии шарҳу баёни он барҳазар намуда, шарҳ додааст, ки монанди он ки мо дар бораи дасти инсон ва ё дигар узвҳои он сухан намегӯем, ин узв инсон аст, дар бораи ашёи индувидиалӣ (аъён) наметавон гуфт, ки онҳо моҳиятан Аллоҳ мебошанд – «Танҳо вуҷуд дар кулл Худо мебошад» [137, Ҷ.4, С. 100].

“Худои” сӯфиён, ки рамзи ваҳдати олам аст, бо зоти худ бо мабдаи ваҳдатофар – вуҷуд, аниқтараш бо вуҷуди пок ва мутлақ, айният дорад. «Аллоҳ вуҷуд, аммо ашё суввари (шаклҳои) вуҷуд мебошанд», – гуфтааст: «Ибни Арабӣ. Дар ин самт Аллоҳ ҳамчун (айн - ҷавҳар) ва ҳаюло (материя)-и тамоми ашё баромад мекунад. Натиҷаи мантиқии айниятдиҳии пантеистонаи Худо бо вуҷуд-Ҷавҳар акомизм мебошад. Аз назари вуҷудиён, зотҳои алоҳида, ашёи ягона худ ба худ аз воқеият, ҷавҳарият маҳруманд; онҳо танҳо ҳамчун қисмҳои кулли олам, ҳамчун модусҳои (намуд, гуногунӣ, гуногуншаклӣ) ҷавҳари воҳид ва ягона мебошанд» [137, Ҷ.2, С. 604].

Зоти илоҳӣ худ ба худаш номуайянии мутлақ, вуҷуди соф аст, ки аз ҳар хел сифатҳо ва муносибатҳо маҳрум мебошад. Сифоти илоҳӣ ва ё номҳои илоҳӣ аз рӯи моҳияташон, мушаххасҳои умумии ин вуҷуд мебошанд. «Онҳо аз муносибатҳои (изофат ва нисобҳо) зоти илоҳӣ, вуҷуди соф нисбати ашёи ягонаи олами феноменалӣ иборатанд. Теъдоди номҳои Худо бе охиранд, зеро онҳо самтҳои гуногуни зоти беҳудуди илоҳӣ мебошанд» [37, С. 101, 103, 159]. «Аммо ҳангоме, ки онҳо аз якдигар фарқ мекунанд, онҳо дар якҷоягӣ тавассути зоти илоҳӣ алоқаманд мебошанд, аз ин рӯ, ҳар кадом ном ба таври худ дигар номҳоро низ ифода мекунад» [37, С. 65, 76, 97]. Дар миёни номҳои Худо касрати ниҳоӣ (умуман ҳафт ном), ки номҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, боқимонда номҳо ҳамчун ҷинс ба онҳо тобеъ мебошанд. Номгӯи “номҳои асосӣ” аз як системаи сӯфиёна ба дигараш интиқол меёбанд, аммо чун қоида, дар он номҳое

вуҷуд доранд, ки бо сифатҳои ҳаёт, илм, ирода ва тавоноӣ алоқаманд мебошанд.

Файласуфони тасаввуф робитаҳои “номҳои асосии” илоҳиро дар рӯҳияи пантеистӣ дар мувофиқат бо хосиятҳои ашёи инфиродӣ ҳамчун муносибати универсалияҳо ба партикулярҳои худ шарҳу баён менамоянд. Масалан, ҳаёти Худоро ҳамчун маҷмуи ҳаёти мавҷудоти инфиродӣ тақассум мекунанд. Дар ин матн вуҷудиён тафсири мақоми онтологии универсалияҳо (умури куллия)-ро тавсеа бахшидаанд. Ба андешаи Ибни Арабӣ, ахирӣ моҳиятан зотҳои интеллегибелиро, ки берун аз зеҳн вуҷуди инфиродӣ ва мустақил мебошанд, ки аз партикулярии мувофиқ вобаста нестанд.

Вуҷудия тамоман роҳи ҳаллу фасли масъалаи илоҳиётшиносии асмо ва сифоти илоҳиро пешниҳод намуда, тамоми ашёи алоҳидаро бо асмо ва сифоти илоҳӣ номгузорӣ намудаанд: «Тамоми ашёи алоҳида моҳиятан сифоти илоҳӣ мебошанд, ҳар номи ашёи олам дар ҳақиқат ҳам ба Ӯ тааллуқ дорад. Ҳамин тариқ, тамоми олам, ба китобе шабоҳат дорад, ки дар он номҳои илоҳӣ сабт шудаанд, тамоми олам номҳо ва сифатҳои олии Худо мебошанд» [37, С. 51-53].

Дар зерматни чунин фаҳмиши таносуби Худо ва олами Ибни Арабӣ ҳаллу фасли масъалаи қадимаи тақсимкунии илоҳӣ, танзеҳ ва ташбеҳро тавсеъа додаанд. Зери мафҳуми ташбеҳ ва танзеҳ одатан монанд кардан ва монанд накардани (шабоҳат ва ношабеҳии) Худо ба махлуқот, аз ҷумла, антропоморфизатсия ва ғайриантропоморфизатсияи Ӯ мебошад, аммо ин тақсимкунӣ чун қоида, бо эътироф кардани яке аз онҳо ҳаллу фасл мегардид: ё танзеҳ (трансендентӣ) ё ташбеҳ (иманентӣ). Дар пантеизми сӯфиёна баҳамзидҳои ташбеҳ ва танзеҳ на танҳо ҳамчун масъалаи илоҳиётшиносӣ, балки ҳамчун проблемаи онтологӣ баромад мекунад, ки дар ин ҷо вай ҳалли диалектикии худро пайдо мекунад ва он робитаи ногусастанӣ ва ягонагии онҳоро тасдиқ мекунад. Таносуби Худо ва олам, зоти илоҳӣ ва ашёи мушаххас бо таносуби кулл ва ҷузъ, ҷавҳар ва модусҳо айният дорад. Таносуби ахирӣ ҳар ду самти трансендентӣ ва имманентӣ, ташбеҳ ва танзеҳ, ва ё ҳамчунон ки Ибни

Арабӣ онро бо сухани дигар ном мебарад, итлоқ (мутлақият) ва тақйид (маҳдудият)-ро дар бар мегирад. Худо, кулли олам, дар нисбат ба махлуқот ва хосиятҳои онҳо трансендентӣ мебошад, зеро вай худ ба худ аз ашёи алоҳида, ва тавсифҳои маҳдуд озод мебошад; дар ин маъно зоти илоҳӣ низ трансендентӣ ва вуҷуди соф мебошад. Дар айни замон Худо нисбат ба махлуқон имманентӣ мебошад, зеро Ӯ ҳамчун кулл метавонад сифатҳои ҷинс ва навъии ашёи алоҳидаро ато кунад; зоти илоҳӣ ва ё вуҷуд нисбат ба махлуқот имманентӣ мебошад, зеро онҳо моҳиятан вуҷуди "маҳдудкунӣ" ва модусҳои он мебошанд. Худо, зоти илоҳиро ҳамчун ҳаққ ва олами махлуқотро ҳамчун халқ, мавриди баррасӣ қарор дода, Ибни Арабӣ таъкид мекунад: «ки ҳаққе, ки дар самти танзеҳ гирифта шуда, ҳамон халқе мебошад, дар самти ташбеҳ гирифта шудааст. Барои ҳамин сӯфии ҳақиқӣ, ориф дар як вақт ҳам танзеҳ ва ҳам ташбеҳи Худоро тасдиқ менамояд, ташбеҳ дар танзеҳ ва танзеҳ дар ташбеҳ» [37, 70, 72, 93, 182].

Дар Худо на танҳо танзеҳ ва ташбеҳ, балки тамоми бо ҳам зиддҳо мувофиқат менамоянд. Ба андешаи вуҷудиҳо «Худоро метавон танҳо бо ивазкуниҳои бо ҳамзидҳо дар Худ шинохт» [37, С. 77]. Андеша дар бораи Худо дар образҳои дар осори шоиронаи ал-Ҷиллӣ (ваф.1428) хеле зебо тавсиф намудааст: «ки дар онҳо Ӯ ҳамчун "зот ва ғайри зот, миранда ва абадӣ, ҳиссӣ ва ваҳмӣ, мор ва дуохон" ва ё "ҷаҳл ҳамчун илм; ҷанге, ки сулҳ мебошад, беқонунӣ, ки адолат мебошад" тавсиф намудааст» [40, Ҷ.1. С. 7-15].

Ҷойивазкунии бо ҳам зидҳо сабаби он мегардад, ки тафаккури мантиқӣ, дисскурсивӣ, ки қонуни истиснои салоса бар он асос ёфтааст, наметавонад Худо, Куллро бишносад. Танҳо интуитсия метавонад Худоро ҳамчун ваҳдати бо ҳамзиддҳо шинохта гирад.

Воҳид-Вуҷуд, ки дар забони илоҳиётшиносӣ ба он вожаи "Худо" мувофиқат мекунад, хайр ва ҷамоли мутлақ мебошад: "Худо зебо аст ва зебоиро дӯст медорад" – чунин аст ҳадисе, ки онро тасаввуф бо камоли майл такрор

мекунад. Оламе, ки дар сурати Худо офарида шудааст, ҳамчунин зебо мебошад. Ӯ зеботарин оламҳои олами имкон мебошад. На танҳо кулли олам, балки тамоми зотҳо зебо мебошанд: «Ҳар як чиз дар олам худ ба худ зебо аст. Зебоӣ ва хайр объективӣ мебошанд ва ба ашё имманентӣ мебошанд. Қубҳ бошад, ба монанди шар аст, субъективӣ, аразӣ буда, аз муқаррарот ва ҳолатҳо вобаста мебошад» [40, Ҷ.2, С.542; Ҷ.3, С. 449].

Худо-Зебоӣ объекти муҳаббати “ирфонӣ” ва қаробат мебошад. Вай дар ҳама чизи зебо ҳузур дорад ва дар ҳама чизи маҳбуб зоҳир мешавад. Ҷамоли воҳиди зинда, ки дар шаклҳои беҳисоби олам рехта шудааст, ба таври хоса дар зан таҷассум меёбад: «Барои ҳамин мушоҳидаи Худо дар зан мушоҳидаи нисбатан бузург ва комил мебошад» [40, Ҷ.2, С.326; 38, С. 217].

Дар таълимот оид ба муҳаббат (эротологияи) Ибни Арабӣ се навъи муҳаббатро фарқ мекунанд – табиӣ, рӯҳонӣ ва илоҳӣ. Муҳаббати табиӣ шомили гуногуншаклиҳои ҷаззобияти физиологӣ, физикӣ ва механикиро, ки ба ҳама одамон, зуҳурот ва предметҳои олами табиӣ хос мебошад. Чунин муҳаббат дар маънои муайяне эгоистона мебошад, новобаста аз мавҷуд бунин саъй дар субъекти муҳаббат дар он субъект барои қонеъ гардонидани рағбатҳо саъй мекунад. Дар ин ҷо объект ва субъект ҳанӯз аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳанӯз аз ташкил додани ваҳдати комил, кулли гусустанашаванда, дуранд. Муҳаббати рӯҳонӣ бошад, тахмин мекунад, ки ошиқ худ ва хоҳишҳои худро қурбони маъшуқ менамояд. Чунин аст муҳаббати орифон, ки ҳадафи олии онҳо амалӣ гардонидани ваҳдати зотии субъект ва объекти муҳаббат мебошад: «Дар тафоввут аз профанҳо (ҷоҳил, бехабар, нодон), ки ашёи алоҳида, шаклҳои конкретии вуҷудро дӯст медоранд, орифон куллро дӯст медоранд, ки ин ашёи алоҳидаро шомил бошад, зоти воҳидро дӯст медоранд, ки дар ҳама шаклҳои конкретӣ зоҳир мегарданд» [40, Ҷ.2, С. 227; 38, С. 215].

Ҳар ду шакли муҳаббат – физикӣ ва рӯҳонӣ – ду самти навъи олии муҳаббат – муҳаббати илоҳиро ташкил медиҳанд. Муҳаббати илоҳӣ, муҳаббати

Худо ба Худаш мебошад. Ин муҳаббати Воҳид манбаъи ҳар гуна муҳаббат аст. Вай дар ду шакл зоҳир мешавад: дар шакли андуҳ (ғам, ҳасрат) Худо нисбати олам ва андуҳи олам ба Худо. Андуҳи махлуқон нисбат ба Худо сабаби бозгашти онҳо ба асли худ, ба кулл, ба вуҷуди воҳид мегардад, мисли он ки обҳои дарёҳо ба уқёнус ҷорӣ мешаванд. Ин андӯҳ андӯҳи кулл нисбат ба аҷзои худ, хоҳиши вуҷуд мебошад, ки дар шакли бозгашти ашё ба худи онҳост. Муҳаббати одамон ба Худо ва ё ягон чизи дигар муҳабати опосредствованная любов ба Худаш мебошад. Ҳамин тариқ, Ӯ дар мо ва умуман дар ашё Худро дӯст медорад. Муҳаббати Худо ба махлуқон ҳамчунин дар шакли саъю талоши зоти илоҳӣ барои худро таҷаллӣ кардан, барои худро тавсеъа бахшидан дар ашёи номаҳдуди вуҷуди конкретӣ мебошад: «Дар тасдиқи ғояи муҳаббат ҳамчун принсипи космогонии вуҷудиён ҳадиси машҳуреро меоваранд, ки дар он Худо фармудааст: “Ман ганҷи пинҳоне будам, дӯст доштам, ки шинохта шавам, барои ҳамин Ман оламро офаридам”. Халқ кардан ин феъли яквақтина набуда, раванди муттассилест, ки дар адабиёти сӯфиёна онро халқи ҷадид, офариниши навшаванда ном мебаранд» [313].

Агар аз ҷонибе, ваҳдати вуҷудро дар маънои умумӣ ба ҳастишиносӣ алоқаманд бидонем, ки дар ин ҳолат баҳси мо ранги фалсафӣ мегирад, вале агар онро ба илоҳиёт марбут донем, баҳси мо ранги динӣ-илоҳиётӣ, яъне Худошиносӣ мегирад. Яъне, метавон ваҳдати вуҷудро назариёт ё дидгоҳе дар масъалаи сифот ва афъоли Худо эътироф кард, ки дар ин сурат ҷанбаҳои каломӣ ва ирфонии баҳс бештар ба назар мерасанд.

Истилоҳи пантеизм даромади моро ба ин баҳс аз мавқеи дуввум пешниҳод мекунад, зеро пан – ҳама ва тео – Худо, дар аксар мавридҳо бо истилоҳи “ҳамахудоӣ” тарҷума шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ваҳдати вуҷуд дар ин маъно бо баҳси худошиносӣ ва масоили бо он марбут сару кор мегирад. Дар маҷмӯъ ваҳдати вуҷуд – пантеизм назарияест, ки дар фалсафа ва илоҳиёт ба маънои Худо кул аст ва кул Худост фаҳмида мешавад: ҷаҳони офаридашуда аз

Худо фарқ намекунад, яъне Худо ҷаҳон аст ва ҷаҳон Худо.

Бисёриҳо пантеизмро ваҳдатгаро – монист пешниҳод кардаанд, ки тибқи андешаи онҳо танҳо як мавҷуд вуҷуд дорад ва ҳама шаклҳои воқеият атвор (ё зуҳурот) ва ё айни онанд. Ҳамчунон ки ба назар мерасад, дар ин ҷо баҳс аз вуҷуд меравад, на Худо. Аммо дар пантеизм ин мавҷуди "ягона" ва "воҳид" қабл аз ҳама ба тачрибаи ирфонӣ алоқа дорад ва мо маҷбурем эътироф кунем, ки ин андеша аз ирфон ба фалсафа ворид шудааст. Агар ваҳйро навъи комилтарини тачрибаи ирфонӣ эътироф кунем, пас, дар маънои муайяне динро низ бояд маншаи назарияи ваҳдати вуҷуд эътироф кунем. Аммо "ҳама чиз яке" аст, метавонад дар маънои "ҳама чиз Худо аст" низ фаҳмида шавад ё Худо ҳама чиз аст ва ҳар чизе Худо аст. Ба қавли дигар, ҷаҳон ё айни Худо аст ё вачҳе аз тачаллиҳои зоти Ӯ, ки Спиноза ин воҳидро бо номи "Худо" ёд мекунад.

Сарфи назар аз он ки дар адабиёти фалсафӣ маънои вожаи пантезм то ҳанӯз ҳаллу фасли ниҳоии худро пайдо накардааст, аммо баҳс дар бораи ваҳдат ва касрат тақозо мекунад, ки баҳс дар ҳар ду самт ҳаллу фасл карда шавад: 1. Масъалаи касрат ва ваҳдати ашё, ки оё ашёи олам яке ҳастанд? 2. Робитаи Худо ва ҷаҳон, ки оё дар робитаи ин ду бо якдигар навъе ваҳдат метавон ёфт? Дар ин масъала метавон даъво кард, ки дар пантеизм ба ду қисм тақсим кардани ҳастиро на ҳама тарафдорӣ мекунанд, вале ба хотири равшанӣ афкандан шартан метавонем таъкид намоем, ки ҳастӣ ба ду қисм - "Худованди холиқ" ва "ҷаҳони махлуқ" мавриди танқиди аксари донишмандон қарор дорад. Аммо чӣ метавон кард бо он ки Ибни Арабӣ чӣ аз назари шарқшиносон ва чӣ мухолифонаш бо ҳамин истилоҳи "пантеист" ва баъзан "монист" ном бурда мешавад, ки дар аксари мавридҳо чунин табақабандӣ гумроҳкунанда мебошанд. Сарфи назар аз он ки худи мафҳуми "пантеист" мафҳуми "мутаноқиз" ё "зидмаъно" аст, зеро дар назари пантеистҳо зоти Худо ва зоти инсон яке ҳастанд.

Дар ин самт корҳои зиёде низ анҷом гирифтаанд, ки Ибни Арабиро ваҳдати вуҷудӣ ва то ҳанӯз аниқ нест, ки ин андешаро ӯ аз исломи ҳақиқӣ ё аз

хориҷи ислом гирифтааст. Соддатарин роҳ барои мусташриқон ин аст, ки Ибни Арабиро як ваҳдати вуҷудӣ биноманд ё касе, ки хориҷ аз исломи ҳақиқӣ истода ва қавл ба ваҳдати вуҷудро хориҷ аз ислом ахз кардааст... «ба хусус вақте барчаспи пантеистро мезананд, дар пайи таҳқири қоилони ин назарияанд ва мехоҳанд моро мутақоид (бовар) кунанд, ки онро ҷиддӣ нагирем. Муҳаққиқи араб Абӯалои Афифӣ дар саросари “Фусус ал-ҳикам” аз ҳамин истилоҳ истифода бурдааст» [253, С. 89-90].

Аммо савол ин ҷост, ки назарияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ бо кадом имтиёзот ва хосиятҳояш фарқ мекунад, ин қадар теъдоди зиёди пайравон, дилбохтагон ва мутафаккиронро аз кадом роҳ ба худ ҷазб намудааст?

Яке аз вижагиҳои он шояд дар он нуҳуфта бошад, ки инсоният ҳамеша дар ҷустуҷӯи ваҳдат буда, ба ваҳдатгароӣ майл доштааст. Ин майл дар табиатшиносӣ, инсоншиносӣ, ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ ба таври эҳсосшаванда чашмрас мебошад.

Дуввум, орифон мукошафоте доранд, ки зимни онҳо ҳама ҳастиро воҳид мебинанд. Назарияи ваҳдати вуҷуд барои ваҳдати шуҳуд, таъбир ва тафсире барои таҷрибаи динӣ мабнои маъқул барои ягонагӣ ба даст медиҳад.

Чун дар назарияи ваҳдати вуҷуд, инсон ба унвони болотарин таҷаллии Худо матраҳ мешавад, ин назария ҷойгоҳи шарифе ба инсон медиҳад, ки ҳеҷ мактаби дигаре бо он баробарӣ намекунад. Аммо мушкилоте, ки пантеизм бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад кадомҳоянд, ки муҳаққиқ бояд ба онҳо посухи равшану возеҳ бигӯяд?

Аввалин суол ин аст, ки “Оё пантеизм бо эътиқод ба адёни иброҳимӣ созгор аст?”. Ҳамчунон ки қаблан ёдовар шудем, пантеизм бештар навъи худошиносӣ (Худо, сифатҳо, афъоли Ӯ ва ғ.) мебошад, ки созгории он бо худои пантеизм ва теизми адёни иброҳимӣ мавриди шак қарор гирифтааст.

Пантеизмро эътиқод ба худое донистаанд, ки ба як маъно аз олам фарқ мекунад ва трансендентӣ (мутаъолӣ), сифатҳои Ӯ - Худои мутлақ, Қодири

мутлақ, Хайри мутлақ, Самеъ (Шунаво), Басир (Бино) ва ғ. мебошанд. Пас, ду вижагии аслии Худои теизм яке фарқият ва трансендентӣ будани Худо (тамойиз ва таъолии Ӯ) аз олам ва дигар шабеҳи инсон будани Ӯст, ки дар ҳар ду маврид, Худои пантеизм аз ӯ фосила мегирад, зеро:

А) пантеизм худоро бо сифати ҳулул дар ҷаҳон мешиносад ва теизм худоро муназзаҳ ва мутаъолӣ аз халқ (трансендентӣ) медонанд. Яъне дар дидгоҳи пантеистӣ худо комилан дар ҷаҳон маҳлул аст ва андешаи онро, ки худо варои ҷаҳон (аз ҷаҳон ҷудо) астро инкор мекунад. Ин сухан чунин маъно дорад, ки пантеизм яке аз сифатҳои худои теизм, яъне фарқият ва трансендентӣ будани худоро напазируфтааст, зеро аз назари теизм худое, ки аз олам фарқ надошта бошад, худо нест.

Б) Худои динҳои иброҳимӣ, ки дар китобҳои муқаддас ҷилвагар шудааст, худои мушаххас индувидуалистӣ ва инсонвор (персонал) аст ва ин худои мушаххас ба маънои оддӣ ва куллӣ “шахс”-ест, ки бояд дорои фикр, ирода ва эҳсос бошад.

Аз ҷониби дигар, пантеистҳо илова бар он ки онҳо фарқият ва трансендентӣ будани Худоро аз ҷаҳон инкор мекунанд, умуман худои шабеҳи инсонро инкор мекунанд. Яъне пантеизм бо усули эътиқодоти динҳои иброҳимӣ созгор нест ва ин сабаби он мешавад, ки пантеизм амалҳои хоси динӣ аз қабили дуъо, ниёиш ва иртиботи шахсии байни Худо ва инсонро гум кардааст.

Ба ҳамин тартиб, илм, қудрат, самеъ, басир буданро ҳам наметавон ба худои пантеизм нисбат дод ва ҳамин тафоввути байни худои теистӣ (ин ду сифат аст – шабеҳи инсон будан, илм ва огоҳӣ доштан) ва худои пантеистӣ мебошад. Яъне пантеистҳо агар ба худо ҳам муътақид бошанд, онҳо ба худои мушаххас муътақиданд, ки дар ҷаҳон маҳлул (иманент) аст, вале Худои теизм бошад, инсонгуна ва комилан мутаъолӣ (трансендент) аз ҷаҳон аст, аз ин рӯ, пантеизм бо теизм созгор нест. Аз ин рӯ, диндорон ваҳдати вуҷуди Ибни Арабиро ба ҳамин маънои пантеистӣ фаҳмида, ба ӯ эътироз кардаанд.

Алоуддавла Симнонӣ аз гуфтаи Ибни Арабӣ, ки “Субҳона ман азҳара ал-ашё ва ҳува айнаҳо” (Муназзаҳ аст Худое, ки ашёро зоҳир сохт дар ҳоле ки худ айни онҳо аст) гуфтааст, ҳамин маъниро фаҳмида, суханҳояшро ҳазён хонда, ба ӯ хитоб кардааст: «Эй шайх, агар аз касе бишнавӣ, ки мегӯяд мадфуъи (саргин, ғоит, куҳ) шайх айни вуҷуди шайх аст, қатъан бо ӯ мусомаҳа (шарикӣ) намекунӣ, балки бар ӯ хашм мегирӣ. Пас чӣ гуна ҷоиз аст, ки оқиле чунин ҳазёнеро ба Худо нисбат диҳад? Ба сӯи Худо тавба кун; тавбаи холис» [64, С. 489].

Садрулмутаолиҳин низ дар ин маврид навиштааст: «Баъзе аз ҷаҳалаи сӯфия (сӯфиёни ҷоҳил) гумон бурдаанд, ки зоти аҳадият, ки дар забони урафо ба аҳадият ҷилваҳо надорад ва ғайби ҳувият ва ғайбулғуюб мавсум аст. Таҳаққуқи билфеъл ҷудой аз мазоҳир ва ҷилваҳо надорад ва пиндоштаанд он чӣ воқеият дорад, ҳамон сурат ва қувваи рӯҳонӣ ва ҳиссии он аст ва худованд чизе ҷуз маҷмуаи суввар ва қувво нест... ва ин куфри возеҳ ва илҳоди маҳз аст, ки ҳар кас баҳраи андаке ҳам аз он илм дошта бошад, бад-он тававҷҷуҳ намекунад» [190, Ҷ.2, С. 345].

Ва сониян, худои ононро мутлақ, куллӣ ва интизоъӣ (баркандашуда) медонад бо муташахс ва инсонвор будани худои дин созгор нест. Аз назари онон: «ҷаҳон ва аҷзояш аз як мавҷуд ташкил ёфта ки ё кулли олам аст – ва ашё ва афроде, ки дар ҷаҳонанд, аҷзои ӯ ба шумор мераванд, монанди дарахте, ки аз реша ва тана ва шоху барг ташкил шуда бошад - ва ё мавҷуди куллӣ аст, ки коинот афроди ӯянд ё айни ӯянд. Дар фарзи нахуст Худованд маҷмуаи ҷаҳон ва дар фарзи дуввум вуҷудаш интизоъӣ (канда баровардашуда, барканда) ва ё айни афрод аст» [190, Ҷ.2, С. 345].

Саволи дигар ин аст, ки “Оё пантеизм бо бехудоӣ (атеизм) баробар нест”?

Саволи пештара баҳси ин буд, ки оё пантеизм ба Худои теизм муътақид аст ё не? Ва умуман оё пантеизм асосан ба Худо муътақид аст ё не?

Посух ба ин саволҳо қабл аз ҳама тақозои донистани шарти худо буданро

чи чизҳое ташкил медиҳад? Ё ба қавли дигар, кадом шароит бояд вуҷуд дошта бошанд, ки мақоми Худо буданро таъмин гардонидан тавонанд? Масалан, холиқи ҷаҳон будан, олими мутлақ будан, қодири мутлақ будан, ҳакими мутлақ будан ва ғ. Тамоман табиист, ки пантеистҳо дорои чунин худо нестанд, онҳо танҳо ба худое муътақиданд, ки "Худо зоти воҳиде мебошад, ки дар ҳама нуфус зоҳир аст" ва "Худо зоти воҳиде аст, ки дар ҳама мавҷудоти маҳдуд ҳозир аст". Пас суоле ба миён меояд, ки маънои ягонагии Худо, ҷаҳон ва ваҳдати вуҷуд чист? Аниқтараш, маънои Худо ҷаҳон аст ва ҷаҳон Худо аст чист? Оё дар миёни иттиҳод ва ваҳдат фарқе вуҷуд дорад ё не?

Дар осори файласуфони пайрави ҳикмати мутаолия панҷ маъноро барои тавзеҳи ваҳдати вуҷуд, ҷудо намудаанд:

1. Ваҳдат суханест, ки бо муштарак будани вуҷуд созгор аст.

2. Ваҳдати вуҷуд ва мавҷуд, яъне инҳисори вуҷуд дар Худованд ва хаёлу сароб будани бақияи ашё (тамсили дарё ва мавҷ).

3. Ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд: яъне инҳисори вуҷуд дар Худованд ва мавҷуд будани соири ашё ба маънии мансуб ба вуҷуд будан.

4. Ваҳдати саъй, яъне инҳисори (маҳдуд кардани) вуҷуд дар Худованд, ки аз ғояти вусъат ва иҳотаи соири ашёро низ дар бар дорад (тамсили нафс ва қуввои он), ки дар байни орифону сӯфиён дар шакли (ваҳдат дар айни касрат ва касрат дар айни ваҳдат) матраҳ гардидааст.

5. Ваҳдати таҷаллӣ: яъне ваҳдати вуҷуд ва касрати зуҳур (тамсили шахси воҳид, ки дар оинаҳои гуногун таҷаллӣ кардааст) [345, С. 37-40].

Дар ин сурат, суол ин аст, ки оё мавҷуди воҳид ҷаҳон аст ё Худо? Ба таъбири дигар, оё ҷаҳон мавзӯи аслӣ аст ва ваҳдати вуҷуд муддаъӣ аст "ҷаҳон Худо аст", яъне Худо ҳамон ҷаҳон аст? Ё он ки асолатро бар Худо медиҳем ва иддаъои ваҳдати вуҷуд ин аст ки "Худо ҷаҳон аст", яъне ҷаҳон ҳамон Худо аст. Дар варианти аввал "Худо будан" сифати ҷаҳон аст ва дар варианти дуввум "ҷаҳон будан" сифати Худост. Феълан варианти дуввумро ба суоли баъд, ки

марбут ба идеализм аст ба таъхир андохта, ба варианти аввал мепардозем: «Ҳар чизе, ки Худо набошад маъдум аст (нест, вуҷуд надорад) ва ҷаҳон бо ҳама танаввуъ (гуногуншаклиаш) ва касраташ (бисёрӣ ва гуногунии ашёи он) таваҳҳум ва хаёле беш нест. Ин андеша бештар дар амсоли Шанкара зуҳур ёфтааст» [168, С. 74]

Шояд яке аз масъалаҳое, ки боиси он шудааст то Алоуддавла Симнонӣ ба ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ эътироз кунад, мушобеҳ будани он бо ойини Буддо аст. Муҳаққиқон дар ин бора навиштаанд: «Симнонӣ бо ин Буддо ошно буд ва аз он табарро (дурӣ) меҷӯст. Мумкин аст назари баъдии ӯ дар бораи Ибни Арабӣ аз ҳамин ҷо ношӣ (маншаъ гирифта) шуда бошад. Чунонки шавоҳиде бар даст аст, ки нишон медиҳад Симнонӣ навъе мушобеҳати зотии байни оини Буддо ва ваҳдати вуҷудро ҳис мекард» [168, С. 76].

Ибни Халдун таҳти унвони “Мактаби ваҳдати мутлақ” ба ҷамоате аз сӯфиён ишора карда навиштааст: «Пайравони мактаби вуҷуди мутлақ дар бораи таззоди мазоҳире, ки ҳис ва ақл идрок мекунанд ба муғолата пардохта ва онҳоро аз машоъири (маросим, оин) башарият шумурдаанд ва гӯянд ин мушоъира (баҳсу мунозира) авҳоме беш нест ва манзури ишон ваҳме нест, ки қасими илм ва зан (гумон) ва шакк аст, балки муроди ишон ин аст, ки куллияи онҳо дар олами ҳақиқат адаманд (вуҷуд надоранд) ва фақат дар машоъири башарӣ вуҷуд доранд ва ҳеҷ мавҷуде дар ҳақиқат на дар зоҳир ва на дар ботин ҷуз зоти қадими азалӣ наметавон ёфт» [139, Ҷ.2, С. 97-98].

Сипас Ибни Хаддун қавли як гурӯҳи аҳли тасаввуфро тавзеҳ медиҳад, ки аз назари онон: «Ҳама мавҷудот яке ҳастанд ки он зоти эзидӣ аст ва он дар ҳақиқат ягона ва басит аст ва он чи таҷзиякунандаи онҳост эътиборӣ аст. Ин гурӯҳи мутасаввифа, дар тамоми таъбироти худ аз таркиб ва касрат парҳез мекунанд. Балки ба назари ишон, ин дуро ваҳм ва хаёл ба вуҷуд овардааст ва он чи аз суханони ин даҳоқ (?) дар баён ва шарҳи ин мазҳаб пайдост, ин аст ки гуфтори ишон дар бораи ваҳдат шабеҳи суханони ҳукамо дар бораи рангҳост,

ки мегӯянд вуҷуди рангҳо машрут (вобаста) ба будани нур аст ва ҳар гоҳ нур нопадид шавад, рангҳо ба ҳеҷ рӯ мавҷуд нахоҳанд буд. Гурӯҳи мазбур низ мегӯянд куллияи мавҷудоти маҳсус машрут (вобаста аз) ба вуҷуди идроккунандаи ҳиссӣ аст, балки вуҷуди мавҷудоти маъқул ва ваҳмӣ машрут ба вуҷуди идроккунандаи ақлӣ аст... чунонки агар фарз кунем идроккунандаи башарӣ ба куллӣ вуҷуд надошта бошад, он вақт дар олами вуҷуд ҳеҷ гуна аҷзо ва тақсимоте вуҷуд нахоҳад дошт» [139, Ҷ.2, С. 979-981].

Ба ибороти дигар, инон муътақиданд, ки нақши дуввум дида аҳваланд (каҷбин) ва агар дидаи аҳвалӣ набувад ва ё аслан дидае вуҷуд намедошт, касрате низ набуд. Ибни Халдун муътақид аст, ки ин ҳамон мақоми ҷамъ бало (бидуни) фарқ аст, ки муҳаққиқони мутасаввифаи мутааххир мегӯянд чӣ басо ки дар ҳангоми кашф барои мурид таваҳҳуми ин ваҳдат даст медиҳад ва сӯфиён ин ҳолатро мақоми ҷамъ меноманд. Он гоҳ сӯфӣ аз он мақом тараққӣ мекунад ва ба мақоми боз шинохтани мавҷудот аз якдигар ноил меояд ва аз ин кайфият ба мақоми фарқ таъбир мекунанд ва он мақоми орифи муҳаққиқ аст ва дар назди ишон ҳар муриде ногузир бояд аз партгоҳи ҷамъ, ки партгоҳи душворе аст, бигузарад ва ин мақомро тай кунад, чӣ бими он меравад ки мурид дар ин мақом бимонад.

Аз ин рӯ, мухолифони ваҳдати вуҷуд ҳама қоилонро ба идеализм нисбат додаанд, ки «асҳоби назарияи ваҳдати вуҷуд дар ҳақиқат ашёи перомуни худро бо диди ангоргаро (идеалистӣ) менигаранд» [202, С. 194]. «Пантеизм бо яке донистани Худо ва халқ, мункири хилқат ва халқ аз адам (нестӣ) ва дар натиҷа мункири Худо аст». Яъне агар дар андешаи қаблӣ аз “ваҳдатангории маҳз” (идеализми соф) ба “ҷаҳони бидуни Холиқ” мерасидем, дар ин андеша тақрир бо “Худои бидуни хилқат” рӯ ба рӯ хоҳем буд ва аз назари теизм Худое, ки холиқ (офаридгор) набошад, Худо нест.

Ба назар мерасад, ки қавли “ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд” аз ҷониби баъзе мутафаккирон, барои фирор аз ин қабил ишколот ҷойгузини қавли

“ваҳдати вуҷуд ва мавҷуд” шудааст. Ҳарчанд ин қавлро ба завқи таалаҳа (ба дарҷаи худои бардоштан, худо донистан) нисбат дода ва ҳатто онро мурзии (ризоятбахши) Ибни Арабӣ донистаанд, вале тақрире ки Ҷалолиддин Давонӣ ва муҳаққиқи Ардабилӣ аз он ба даст додаанд, чизе ҷуз бозӣ ё алфоз ва халти этибориёт ва умури ақлӣ нест.

Саволи дигаре, ки бояд ба он посух гуфт ин аст ки: Оё назарияи ваҳдати вуҷуд (пантеизм) бо тавҳид (монотеизм, якахудоӣ) созгору мувофиқ аст ё не?- навиштааст Кокоӣ.

То ин ҷо баҳси мо атрофи ваҳдатангории маҳз (монизм) мерафт, аммо ба дугонаангорӣ (дуализм) дар амри ваҳдати вуҷуд қоил бошем, масъала чӣ гуна сурат мегирад? Тибқи андешаи дугонаангорӣ робитаи Худо ва ҷаҳон иттиҳод аст, на ваҳдат ва тезиси “ҷаҳон Худо аст” тезиси маънидор ва манфиатдор аст, на теологӣ. Ба таъбири Истес: «дугонаангорӣ ба ин маънӣ аст, ки иртибот ё нисбати Худо ва ҷаҳон, ҳамчунин рабти Худо бо нафси ҷузъӣ дар ҳолати иттиҳод, пайнавишти маҳз бо нояксонӣ бидуни яксонӣ аст» [153, С. 226].

Бинобар ин, агар касароти ҳувият худро ҳифз карда, дар айни ҳол ҳама Худо бошанд, дар ин сурат пантеизм ба маънои “ҳама худоӣ” хоҳад буд ва пантеистҳо на ба як Худо, балки ба худоёни бисёр муътақид хоҳанд шуд, зеро ба андешаи онҳо ҳар мавҷуде худост ва ин айни ширк (политеизм) аст, ки бо тавҳиди мавриди эътиқоди адёни иброҳимӣ созгор нест.

Вожаи пантеизм мубҳаму норавшан аст... баъзе ин назарияро ба пантеизм нисбат медиҳанд, ки худо яке ва кул аст, мумкин аст ба ин маънӣ бошад, ки худо кулли фарогир аст, кулле, ки дар басотинаш (дар чизҳои соддааш) яке аст. Вале вожаи пан метавонад ба маънои ҳама чиз бошад ва пантеизм ба ин маънӣ иборат аз ин назария аст, ки ҳама чиз Худо аст... назарияи дуввум “ҳамахудоӣ” аст, на “худое ки ҳама чиз аст”... ҳамахудоӣ ба маънои ин аст, ки ҳар шайъи мумкини мутафариде, ки мулоҳиза мекунем худои ҳамон шайъ аст. Ба ин маънӣ аст, ки худо ҳама чиз (масалан, ин коғаз ва...) аст... пантеизм ба ин маъно, дар

ҳеҷ дине ёфт намешавад то чӣ расад ба фалсафа ва ба ин маъно Спиноза пантеист нест.

Бинобар ин, агар пантеизм ба маънои ҳамахудоӣ бошад, ба таври қатъӣ бо теизм носозгор аст, барои рафъи ҳамин ишкол ва низ ишколоти қаблӣ, махсусан ишколи трансендентӣ набудани Худо ва барои наздик кардани пантеизм, қавли дигаре ба номи панентеизм матраҳ шудааст.

Панентеизм аз калимаи юнонии пан (ҳама), ен (дар) ва тео (худо) гирифта шуда, аз эътиқоде иборат аст, ки вуҷуди Худо шомили ҳама мавҷудот аст ва дар ҳама ҷаҳон сараён дорад, онҷунон ки ҳар чизе аз ҷаҳон дар ӯ вуҷуд дорад. Вале бар хилофи пантеизм – муътақид аст ки вуҷуди Худо бештар аз ҷаҳон аст ва ҷаҳон комилан ӯро дар бар намегирад.

Бинобар ин қавли “чизе дар зоти худо вуҷуд дорад, ки комилан ҷудо ва мустақил аз олам аст” ҷаҳон таҷаллии Худо аст. Ваҷҳе аз ҳаёти Худо вуҷуд дорад, ки “комилан ҷудо ва мустақил аз олам аст” қоилони ин қавл “худо ва таҷаллиёти зоти илоҳиро инсонвор мебинад” аз назари онон “мавҷудоти маҳдуд аз тур ва ҷилвае аз вуҷуди Худо ҳастанд”... Худо бештар аз кулли ҷаҳон аст, яъне Худо ҷаҳони мутаъолӣ ва ё ҷаҳони афзоишёфта аст.

Саволи дигаре, ки бо мавзӯи баҳси диссертатсияи мо мустақиман робита дорад, ин аст, ки “Оё пантеизм ҳамон қавл ба “ҳулул” ва “иттиҳод” нест?

Агар андешаи дуалистонаи ваҳдати вуҷудро бипазирем, нисбати худо ва ҷаҳон ваҳдати маҳз нахоҳад буд, балки худо ва халқ ду зот хоҳанд буд, ки бо ҳам муттаҳид шудаанд. Дар ин сурат, агар қоил бошем, ки лоҳут нозил карда, бо носут яке гаштаанд, ба ҳулул муътақид шудаем ва агар бигӯем нафси инсон уруҷ карда, бо Худо яке шудааст, ба иттиҳод назар додаем. Албатта ҳар ду қавл метавонад ду рӯи як сикка бошанд, ки аз ду ҷониб ба он нигаристаем.

Орифон ин иттиҳодро бештар дар робитаи “нафс ва худо” ва ирфони анфусӣ матраҳ кардаанд, на дар робитаи “олам ва худо” ва ирфони офоқӣ. Яъне орифон баъзан аз таҷрибаи ирфони “фано” таъбир ба “иттиҳод” кардаанд.

Ибни Халдун дар ин маврид чунин навиштааст: «Гурӯҳе аз мутасаввифаи муосир, ки ба машоъир (маросим, оин) ва вичдон ҷанбаи илмӣ ва назарӣ додаанд, муътақиданд, ки офаридгори мутаъол дар ҳувият ва вуҷуд ва сифот муттаҳид бо махлуқоти хеш аст... ин иттиҳод, муташаккил аз ду зот аст, ки яке аз онҳо мунтафӣ (инкор карда) мешавад ва ё монанди ҷузъе дар дигаре мундариҷ (пайваст) мегардад» [139, С. 977]. Мутасаввифаи мутаахир дар ин бора муътақиданд, ки Худо бо махлуқоти худ муттаҳид аст, хоҳ ба ин маънӣ, ки дар онҳо ҳулул кардааст ё ба маънии ин ки вай айни махлуқот аст ва дар саросари ҷаҳон ҷуз Ӯ чизе нест ва ҳеҷ гуна ҷудоӣ вуҷуд надорад.

Варианти аввал ба иттиҳод ва варианти дуввум ба ваҳдат ишора дорад. Флутин низ иттиҳодро чунин тавсиф кардааст: «Башар бо Мутаъол (Худо) дар ҳам омехта ва бо он ягона аст... бад-он гоҳ, ки дигар мутаноҳӣ набудӣ ва бо номутаноҳӣ ягона мешавӣ... ин иттиҳод ва ҳамсониро дармеёбӣ» [153, С. 112-113].

Дар Упонишадҳо низ омадааст ҳамчунон ки қитъае аз намак дар об мунҳал (маҳлул) мешавад... нафси мунфарид (инфиродӣ) низ чун мунҳал (маҳлул) шавад, абадӣ аст. Огоҳии маҳз аст, ло ниҳоят аст, мутаъолӣ аст.

Сухан сари он меравад, ки таҷриба, ҳулул ё иттиҳод бо Худо сурат мегирад, ки натиҷаи он ҳамчун яке шудани нафси ҷузъӣ ё фардии ӯ бо Бараҳман ё нафси куллӣ ва ҷаҳонӣ меравад. Ҳаллоҷ дар баёни таҷрибаи худ аз “фано” ба ҷои таъбири “намак дар об”, ки иттиҳоди лоҳут бо носут аст, ба “имтизоҷи шароб бо об” таъбир намуда, ки зоҳири он ҳулули лоҳут (табиати илоҳӣ) дар носут (табиати инсонӣ) аст. Барои намуна чанд мисоле аз ашъори Ҳаллоҷро зикр мекунем:

Мазаҷат руҳика фи руҳи камо,
Тамазаҷа ал-хамра фи-л-мои аз-зулол,
Фаизо масака шайъ мусанна,
Фаизан анта ано фи кул ҳол.

(Тарҷума: Рӯҳи ту бо руҳи ман даромехт он чунон, ки шароб бо оби зулол даромезад. Ва ҳар гоҳ чизе туро ламс кунад, маро ламс кардааст. бинобар ин дар ҳама ҳол ту ман ҳастӣ).

Ҷои дигар:

Субҳона ман азҳара носутаҳу,
Сирра сано носутаҳу ас-соқиб.
Сумма бадаъа лихалқиҳи зоҳиран,
Фи сурати-л-окил ва-ш-шориб.

(Тарҷума: Муназзаҳ (Пок) аст касе, ки носуташ рози рафъати лоҳути нурониашро ошкор сохт. Сипас бар халқаш дар сурати инсоне, ки мехӯрад ва меошомад зоҳир гашт).

Ҷои дигар:

Ано ман аҳва ва ман аҳва ано,
Наҳну рӯҳони ҳалално баданан.
Фаизо абсартани абсартаҳу,
Ва изо абсартаҳу абсартано.

(Тарҷума: Ман ҳамон маъшуқам ва маъшуқ ҳамон ман аст, мо ду рӯҳем, ки дар як бадан ҳулул кардаанд. Агар маро бубинӣ ӯро дидаӣ ва агар ӯро бубинӣ маро дидаӣ).

Николсон кушиш кардааст, ки назарияи Ҳаллоҷро бо қавли ҳулул дар масеҳият татбиқ намояд: «Агар носути худо шомили табиати инсон рӯҳан ва ҷисман бишавад, пас лоҳути он бо ин табиат наметавонад муттаҳид шавад, магар аз тариқи “таҷассуд” ва ё чунон ки Мосинён мегӯяд аз тариқи руҳулқудс, ки ҷои худро дар вақти ҳулули руҳ ба ҷасад мегирад... ин мазҳаб дар таълиҳи (ба дараҷаи илоҳӣ расонидани) шахсӣ ба шакли хос аст, ки Ҳаллоҷ бад-он шакл буда ва байни он ва мазҳаби масеҳии асосӣ, нисбати возеҳе мавҷуд аст ва ба ҳамин ҷиҳат назди муслимин куфр аст» [210, С.133].

Сухан сари он аст, ки агар қавли Ҳаллоҷро қабул кунем, ҳамон қавли

ҳулул хоҳад буд. Масалан, андешаи Абӯнасри Сарроҷ бо сухани Николсон қариб ки баробар аст: «иддае аз аҳли Бағдод дар ин гуфтор ба ғалат афтодаанд, ки: ба ҳангоми фано аз авсофашон, дохил дар авсофи ҳақ шудаанд ва ба воситаи ҷаҳлашон худро ба маъное мунтасиб кардаанд, ки ононро ба назарияи ҳулул ё эътиқоди масеҳиён дар мавриди Масеҳ мекашонад» [10, С. 520].

Ба умқи ин масъала дохил нашуда, танҳо ҳаминро таъкид менамоем, ки шояд яке аз сабабҳои ба куфр муттаҳам кардани Ибни Арабӣ ҳам, аз ҷониби Симнонӣ, ҳамин сухан дар бораи ҳулул шуда бошад. Симнонӣ ба муқобили Буддо ва масеҳият баромада, ҳар дуи онро рад мекард, зеро онҳо хатари ҳулул ё таҷассудро дар бар доранд, ки ориф худро ахиран бо улуҳият муттаҳид мебинад.

Аммо ҳамин нуктаро бояд возеҳан дарк кунем, ки дар масеҳият ҳам масъалаи ҳулул ё таҷассудро танҳо нисбати Исо раво дидаанд, ки он ҳам ба соҳаи имон дахл дорад, на ақл. Дар нисбати дигарон - ҳатто авлиё ҳам – онҳо ҳулулро рад мекунанд, зеро ҳулул ва иттиҳоди ду зоти мустақил ба табдилёбии он ду зот оварда, зоти саввумеро бояд ташкил диҳанд, ки аз назари дин маъқул нест. Бинобар ин, ин сухан дар мавриди ҳақ ва халқ раво нест. Фано ба маънои аз байн рафтани ҳувият набуда, балки ба маънои тағйир ё мушобеҳат дар сифот аст.

Маҳз ҳамин лаҳзаи маҷзуб шудан дар улуҳиятро бо афтодани қатраи об дар шароб, шафофу нуронӣ шудани ҳаво дар нур ё гудохта шудани оҳан дар оташ ташбеҳ кардаанд. Каме болотар мо мисоли Ҳаллоҷро дар бораи шаробу об дида баромадем. Дар ду маврид “шароб” ҳамон зоти раббавӣ аст, ки ҷамил ала итлоқ (мутлақо зебо), маҷзубкунанда ва масткунанда аст ва “об” ҳамон рӯҳи инсонӣ аст, ки шафоф ва зулол гаштааст, лекин зоҳири сухани Ҳаллоҷ ин аст, ки ин “шароб” аст, ки дар “об” ҳулул карда, ҳама аҷзои онро дар бар гирифтааст.

Ҳар тавре, ки шарҳу баён накунем охири ин баҳс бо ҳулул ва иттиҳод (пайвастан, як шудан, муттаҳид шудан, фано шудани носут дар лоҳут ё баръакс лоҳут дар носут, иттиҳод) анҷом мегирад. Ин лаҳзае, ки мавриди андешаи мо

қарор дорад, аз ҷониби Ҳуҷвирӣ хеле олӣ ва хуб тавзеҳ ёфтааст: «Мисоли ин чунон бувад, ки ҳарчӣ андар султони оташ афтад ба қаҳри вай ба сифати вай гардад. Чун султони оташ васфи шайъро андар шайъ мубаддал гардонад, султони иродати ҳақ аз султони оташ аввалитар. Аммо ин тасарруфи оташ андар васфи оҳан аст ва айн, ҳамон аст. Ҳаргиз оҳан оташ нагардад» [282, С. 360].

Ин ҳамон оташи ишқ аст, ки дар ҷони ошиқ барафрӯзад, сифоти ошиқро бисӯзад ва сифоти маъшуқро дар ҷони ошиқ нишонад ва ба ин тартиб аз боби зайқи (танги) иборат аз “иттиҳоди ошиқ ва маъшуқ” ё “ҳулули маъшуқ дар ҷони ошиқ” сухан ба миён меояд. Ба қавли дигар, - менависад Қосим Кокоӣ, - ваҳдати вуҷуд ба соҳаи ишқ мутааллиқ аст, на маърифат, сухани ошиқона аст, на файласуфона.

Чунончи Зелсон дар тавзеҳи иттиҳод бо Худо чаҳор аслро баён кардааст: «1. Зоти Худо ҳеҷ гоҳ зоти мо нахоҳад шуд; 2. Иродаи Худо ҳеҷ гоҳ иродаи мо нахоҳад буд; 3. Иттиҳод бо Худо чизе ҷуз татобуқ (мутобиқати) мутааллиқи (мурод) ду ирода мутамоиз нест; 4. Дар натиҷа, иттиҳод бо Худо ҷуз аз роҳи ишқ ба даст нахоҳад омад» [168, С. 86].

Баҳси ваҳдати вуҷуд дар самти фанои зотӣ ва иттиҳоди зотӣ ва ҳулулро пеш меоварад, ки на дар ақл рост меояд ва на дар суннати динӣ. Дар ҳама адён ба ҷалол ва ҷабарути Худо эътиқодест, ки мағз дар мағзи муъминон қарор дорад ва инсон дар назди Худо аз зарра ё ғуборе беш нест. Аз ин рӯ, қавл ба фано, иттиҳод ва ҳулул бовар карданӣ нест, касе аз муъминон онро дастгирӣ кардан наметавонад ва дар ҳама воқеаҳои дар тӯли таърих ба вуқуъ омада боиси қатл, такфири сӯфиён гаштааст, ки мисоли барҷастаи он қатли Ҳаллоҷ аст.

Масъалаи дигаре, ки мушкилоти ваҳдати вуҷудро боис мегардад “ваҳдат дар айни касрат ва касрат дар айни ваҳдат” мебошад. Ваҳдати вуҷуд таълимотест, ки аз як ҷониб тасдиқ мекунад, ки ҷаҳон бо Худо як чиз аст (яке аст), аз ҷониби дигар, даъво мекунад, ки ҷаҳон аз Худо фарқ мекунад, яъне онҳо

як чиз нестанд. Аммо сухан сари он меравад, ки ҳамин андеша суоли дигареро ба миён мекашад: яке будан ва яке набудан чӣ маъно дорад? Оё ин далели он нест, ки худи пантеизм мутаноқиз мебошад? Оё аз ҷиҳати мантиқӣ ин дуруст аст ё не? Агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад, пас чаро ҷанг вуҷуд дорад? Оё Худо бо худаш дар ҷанг аст?

Оиди чунин ҳолат Николсон гуфтааст: «То ин ҷо қиссаро мумкин буд нақл кард, вале он чӣ боқӣ монда сирре аст, ки наметавон онро бо калимот таъбир кард» [210, С. 132].

Шиблии Нуъмонӣ низ фармудааст ин масъала то ин андоза буғранҷ (мураккаб, печ дар печ) мешавад, ки таъбири он хеле мушкил хоҳад шуд ва ҳақиқат ин аст, ки муаллифоти шайх Муҳиуддин тамоман аз назари мо гузашта, ба илова расоили мустақиле ҳам, ки баъзе аз фузало дар ин хусус навиштаанд, назди мо мавҷуд ва ҳама дар мадди назари мо мебошад, лекин аз фаҳмидани он (ҳама Ӯст) оҷизем. Ба ҳар ҳол тавҷеҳот ва вокунишҳоро метавон чунин хулоса кард:

А) тури варои тури ақл будан, яъне сиррӣ будан ва ақл аз идроки он оҷиз аст: Мирсайд Шариф гуфтааст: «Агар аз ман бипурсӣ чӣ роъе хоҳӣ дод (чӣ тавон гуфт) дар бораи касоне, ки гӯянд вуҷуд айни воҷиб аст ва қобили таҷзия нест ва бар ҳаёкили мавҷудот инбисот (васеъ шуда) ёфта ва дар онҳо зоҳир гашта ва чизе аз ӯ тиҳӣ (фориғ) нест, балки худи ҳақиқати онҳост ва имтиёзи ашё ва тааддудашон ба воситаи таъйинот эътибория аст ва ӯро ба дарёе ҳам монанд сохта, ки бар он, амвоҷи гуногун падид меояд бо он ки ҷуз дарёи ҳақиқӣ нест. Дар посухи он гӯям: ҳазо тури варои тури-л-ақл» [266, С. 185].

Ҳамин сухан аз Сайд Синд низ нақл шудааст: «Ин тури варои тури ақл аст, ки ҷуз бо мушоҳидати кашфия (интуитсия) наметавон ба он расид ва мунозироти ақлия (яъне баҳсу мунозираҳои ақлӣ) дар он роҳ надорад. Ва ҳар кадом аз ин ду (кашф ва ақл) барои мақсаде ба кор меояд, ки барои он офарида шудааст» [166, С. 73].

Орифоне чун Ибни Арабӣ, ки худ муассиси ваҳдати вуҷуд аст, ваҳдати вуҷудро туре варои тури ақл (соҳаи аз ақл берун, болотар) донистаанд. Баъзеи дигар онро аз мақулаи шеър ва хаёл будан, баъзеи дигар онро муғолата ва сафсата ҳисобидаанд. Илова бар ин баъзе орифон кӯшиш кардаанд, ки ҳақиқати орифонаро нишон бидиҳанд, масъалаи ваҳдати шуҳудро асл дониста, таъбири ваҳдати вуҷудро тафсири нобаҷо ва ё ҳадди ақал шоирона аз он таҷрибаи ирфонӣ ҳисобидаанд. Шиблии Нуъмонӣ дар ин масъала гуфтааст: «Ин хаёл дар бодияи амр аз истилои ишқи ҳақиқӣ пайдо шуда аст; яъне вақте ки нашъи муҳаббат бар арбоби ирфон ва шуҳуд ғалаба пайдо намуда, дар он олам, сивои маъшуқи ҳақиқӣ (сонеъи кулл) чизе ба назари онҳо наомадааст. Шеър ва шоирӣ (тасаввуф) ҳамин ҳолатро муҷассам карда, аз назари мо мегузаронад ва инро ваҳдати шуҳуд мегӯянд. Лекин ҳамин хаёл рафта-рафта тараққӣ кард, то ба ваҳдати вуҷуд расид; ба ин ҷо ки сӯи Худо дар ҳақиқати чизе аз аввал то охир мавҷуд нест ё ин тавр бигӯед, ки он чи дар олам ба назар мерасад худо асту бас» [216, С. 109].

Маълум аст, ки Шиблӣ зери таъсири Аҳмади Сарҳиндӣ (1624 м.) қарор дорадВаҳдати вуҷудро ба кор бурда, вале онро ба ваҳдати шуҳуд тафсир кардааст", ки чунин ба назар мерасад, ки ӯ ва дигарон барои паст кардани назари мухолифоне мисли Ибни Таймия ба кор даст задаанд. Аз ин даъвоҳои Сарҳиндӣ маълум аст, ки ӯ ба хотири нигоҳ доштани трансендияти Худо ва қоил шудани тафовути байни Худои мутлақ ва ҷаҳон истилоҳи ваҳдати шуҳудро матраҳ намудааст.

Оё ҳамлаи Симнонӣ ба Ибни Арабӣ ба ин маъност, ки ӯ бо танқиди ваҳдати вуҷуд дар воқеъ ҳам мухолифат дорад? Оё дар худи "ваҳдати шуҳуд" "яке дидан" ё "ҷуз яке надидан" ба кадом маъно фаҳмида мешавад? Агар манзур ин аст, ки мавҷуди ҳақиқӣ фақат яке аст ва ориф низ дар шуҳуди худ ҷуз он яке намебинад, ки ин ҳамон назарияи ваҳдати вуҷуд аст, агар ба ин маъно набошад, ду ҳолатро метавон тасаввур кард:

6. Ориф дар бузургӣ ва азамати Худо он қадар ғарқ мешавад, ки халқ дар чашми ӯ аз ҳақирӣ ва ночизӣ ба ҳеҷ баробар мешавад, ҳангоми муқоисаи Халқ ва Холиқ, ҳатто онро ба назар намегирад ва дигар шоистаи таваҷҷуҳ нест. Саъдӣ моҷарои ақл ва ишқро ба миён кашида гуфтааст:

Раҳи ақл ҷуз печ дар печ нест,
Бар орифон ҷуз Худо ҳеҷ нест.
Тавон гуфтан ин бо ҳақоиқ шинос,
Вале хӯрда гиранд аҳли қиёс.
Ки пас осмону замин чистанд?
Бани одаму дому дад кистанд?

Худи Саъдӣ ба суолҳои пешниҳод кардааш чунин ҷавоб додааст:

Ҳама ҳар чӣ ҳастанд аз он камтаранд,
Ки бо ҳастиаш номи ҳастӣ баранд.
Ки гар офтоб аст, як зарра нест,
В-агар ҳафт дарёст, як қатра нест.
Чу Султони иззат алам баркашад,
Ҷаҳон сар ба ҷайби адам даркашад [25].

Албатта, мо шарҳу тафсирҳои гуногуни ирфонии ин абётро истисно намекунем, вале онҳоро метавон тахминан дар як маънӣ чунин тафсир кард, ки ҳангоми таҷаллӣ кардани Худо – бо яке аз номҳои худ – дар пеши он вуҷуди дигар ашё (мо сивои ӯ) ба адам табдил меёбад, яъне адам будани мосивои Аллоҳ ошкор мешавад (Ғофир, 140). Ба қавли дигар, мосивоуллоҳ дар ин ҳолат на танҳо вуҷуд надорад, балки дар баробари вуҷуди Холиқ умуман чун вуҷуд ба ҳисоб намеравад:

Бигуфто мабар номи ман пеши Дӯст, Ки ҳайф аст номи ман он ҷо ки Ӯст.

Ин ҳолат ҳангоми истифодаи тамсилҳои “офтоб ва зарра”, “қатра ва дарё” ва ғ. равшану ошкор аст:

Магар дида бошӣ, ки дар боғу роғ,

Битобад ба шаб кирмаке чун чароғ.
Яке гуфташ, эй кирмаки шабфурӯз,
Чи будат, ки берун наоӣ ба рӯз.
Бубин, ки оташкирмаки хокзод,
Ҷавоб аз сирри равшанӣ чӣ дод.
Ки ман рӯзу шаб ҷуз ба саҳро наям,
Вале пеши хуршед пайдо наям [153, С. 320]

Яъне олам ҳам, ҳамин ҳоли кирми шабтобро дорад, ки орифон онро онро умуман ба ҳисоб намегиранд, зеро барои онҳо хуршеди ҳақиқат тулуъ кардааст.

7. Яъне метавон гуфт, ки “ғайрро надидан”, “аз ғайр ғофил шудан” аз асрори ирфон аст, ки дар маънои дуввум бо тулуъи нури ориф онҷунон ҷазб мешавад, ки на танҳо ғайрро намебинад, балки вуҷуди худро ҳам фаромӯш мекунад. Ба қавли Ҳуҷвирӣ: «ғалабаи машҳуд бар шоҳид ва пинҳон шудани вуҷуди шоҳид ба нури машҳуд аст. Дар аксари ҳолатҳо ин ҳолати ошиқро ба ҷунун девонагие тавсиф мекунанд, ки ҷуз дӯст касеро намебинад, яъне маъшуқ он чунон дар чашму дили ошиқ нишаста, ки дар куҳу дашту саҳро ҷуз қади раъно, рухи зебои ӯро намебинад. Бидон ки... ҷамъ, ҷамъи ҳиммат аст андар маънии матлуб... чунон ки ҷамъи ҳиммати Яъқуб ба Юсуф – ҷуз ҳиммати ӯ вайро ҳиммат намонда буд. Ва ҷамъи ҳиммат Маҷнун андар Лайлӣ, ки чун вайро менадид, ҷумла олам ва кулли мавҷудот андар ҳақи вай, сурати Лайлӣ буд» [282 С. 377].

Оё воқеан ҳам Ибни Арабӣ ваҳдати вуҷудӣ мебошад ё ин ки ваҳдати вуҷуди ӯ ба ҳамин маънои ваҳдати шуҳуд аст? Абдуваҳҳоб Шаъронӣ дар посух ба суоли чаро Ибн Арабӣ ин қадар зиёд таъкид кардааст, ки ло мавҷуд илло-л-лоҳ (мавҷуде ҷуз Худо нест) аз Ибни Арабӣ дифоъ кардааст: «Агар воқеан Шайх чунин гуфта бошад, ки мавҷуде ҷуз Худо нест, чунин чизеро ҳангоме гуфтааст, ки коинот дар ҳини шуҳуди ҳақ дар назараш муталошӣ (парешон) шудааст. Чунон ки Ҷунайд гуфтааст, ки касе, ки ҳақро бубинад халқро

намебинад» [1, С. 13].

Масъалаи дигаре, ки дар теизм бо масъалаи хайри мутлақ алоқаманд аст, вуҷуди шар (шарри ахлоқӣ) дар олам мебошад, яъне агар ба назар бигирем, ки Худо хайри мутлақ аст, пас чӣ гуна метавонад онҳо бо ҳам мувофиқат намоянд. Оё метавон тасдиқ кард, ки худо дар пантеизм ин масъала роҳи ҳалли худро комилан пайдо кардааст? Якҷо вуҷуд доштани Худо бо шар, таҳқир, разолат, адолат ва умуман неку бад масъалаи ҷиддӣ аст. Яъне Худо дар ваҳдати вуҷуд бояд аз неку бад болотар бошад, яъне худо наметавонад танҳо айни хайр ё айни шар бошад, ки ин масъалаи ихтиёр ва иродаи инсонро ба миён мекашад. Байни Худои пантеистҳо ва худои теистҳо дар ин масъала чӣ имтиёзеро метавон қоил шуд.

Аз ҷониби дигар, мутобиқати ваҳдати вуҷуд бо шариат аст, ки бояд ба он низ посух дода шавад, зеро дар аксари ҳолатҳо ваҳдати вуҷудро барои он зери танқид қарор медиҳанд, ки боиси тақдиргароӣ ва инкори ахлоқ мегардад. Аз байн бардоштани фарқиятҳо, марзҳо ва ваҳдат бахшидан ба неку бад, фарқ қоил нашудан байни бутпарастӣ ва худопарастӣ, як шуморидани масҷид ва куништ ва ғ. дигар наметавонад пойбанди шариати хосе бошад, аз ҷониби дигар, фиристодани пайёмбарон, китобҳо ва ғ., аз назари ваҳдати вуҷуд бефоида хоҳад буд ва вуҷуди биҳишту дӯзах маънии худро гум хоҳанд кард, зеро агар вуҷуд яке беш набошад, инро бояд чунин дарк кард, ки орифон ба дини ягона ё муштараке бовар доранд, ки пайравӣ аз ин ё он шариатро шарт ва ҳатмӣ намедонанд. Маҳз ҳамин самтҳои гуногуни андешаҳо аст, ки ваҳдати вуҷудро мухолифони онҳо мавриди танқид қарор медиҳанд.

Ибни Арабӣ низ ҳамчун ваҳдати вуҷудӣ бо ҳамаи ин мушкилот рӯ ба рӯ шуда, аз Ибни Таймия сар карда, мактаби ӯро бо таътил, бехудоӣ, илҳод, зандақа, ширк ва куфр муродиф дониста, дар ду китобаш “Ибтол ваҳдати-л-вуҷуд” (Ботил будани ваҳдати вуҷуд) ва “Рисолат ила ман саалаҳу ан ҳақиқати мазҳаб ал-иттиҳодиин, ай қоилин ваҳдати-л-вуҷуд” (Нома ба касоне, ки аз ӯ оид

ба мазҳаби муваҳҳидон, яъне қоилон ба ваҳдати вуҷуд суолҳо кардаанд) онҳоро зиндиқ, илҳод [253] хондааст.

Аммо суоли бузургтарин ва муҳимтарин ин аст, ки худи Ибни Арабӣ ба саволҳои болоӣ чӣ гуна посух мегӯяд? Аниқтараш оё андешаҳои Ибни Арабӣ дар бораи ҳулул, иттиҳод ё пантеизм фарқ мекунад? Оё Ибни Арабӣ қоил ба ваҳдати вуҷуд аст ё ваҳдати шуҳуд?

Натиҷагириҳои фасли панҷум

Ҳамчунон ки мушоҳида шуд ин фасл комилан ба масоили фано ва бақо бахшида шудааст, ки яке аз мураккабтарин масоили тасаввуфи исломӣ мебошанд. Метавон даъво кард, ки фано ва бақо аз истилоҳоти марказии тасаввуф ва ирфон буда, маънояшон маҳв намудани сифатҳои шахсии (инсонӣ, бандаи Худо) ва ба ҷои онҳо касб намудани сифатҳои илоҳӣ мебошад, ки дар адабиёти сӯфиёна бо роҳу воситаҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Дар маънои умумӣ фано ва бақоро дар маънои бо Худо будан, аниқтараш бо Худо як шудан ё муттаҳид (иттиҳод) шудан истифода мешаванд. Дар маънои соддатар фано аз худ шудан ва бо Худо боқӣ мондан аст. Бақо бо сайр фи-л-лоҳ оғоз ёфта, бо марги ҷисмонии солик интиҳо меёбад. Сарфи назар аз ихтилофи ақволи орифон (бақои рағбат дар охират, боқии рағбат бо ҳақ, бақои ҳузур бо Ҳақ, бақои авсофи ҷамила, натиҷаи сукр ва ғ.), Ибни Арабӣ онро “бақои руъяти банда қиёми Худоро дар ҳама чиз” дониста, бақоро аз фано дида муҳимтар ҳисобидааст. Фано ва бақо ду ҳолати бо ҳам алоқаманд буда, ба сифати ҳадафи ниҳоии сӯфӣ (Харроз) эълон шуда, сӯфӣ аз онҳо болотар рафта наметавонад. Ибни Арабӣ андешаи Харроз: “Худоро бо ҷамъ кардани байни зиддайн шинохтам”-ро шиори худ қарор дода, даъво дошт, ки Худоро танҳо ба воситаи ҷамъ кардани аздод (бо ҳам зидҳо) метавон шинохт ва маънояшро дар маҳв шудан дар зоти абадӣ шарҳ додааст. Сарфи назар аз он ки аксари мутлақи илоҳиёшиносон таҷсими илоҳӣ (як шудани носут ва лоҳут) ва инсониро қатъиян

инкор мекарданд, сӯфиён фано ва бақоро бо масоили ахлоқӣ (фанои сифатҳои разила ва бақои сифатҳои ҳамида) пайваст намуда, инкишоф додаанд.

Аксари сӯфиён онҳоро ба “ҳолот” ва “мақомот” дохил кардаанд. Дараҷаи болотарини фано - фано аз олами зоҳирӣ, гум кардани худшиносӣ, эҳсосот ва сифатҳои шахсӣ фаҳмида мешавад, ки натиҷааш бақо – мушоҳидаи Худо, эҳсоси қаробат бо Худо, худро ҳамчун ҷузъи кул шинохтан ва дарк кардан, ҳисобида мешавад. Вале инҳо ба сифати тачрибаи ирфонии ориф фаҳмида шуда, иттиҳоди ҷавҳарии инсон бо Худо фаҳмида нашуда, балки иттиҳоди иродаи ориф бо иродаи Худо иваз мешавад. Фано ба маънои дар ҳама ҷо “мушоҳида” кардани Худо ва бақо бозгашти ориф баъди дидани ваҳдати куллӣ ва донистани асрори илоҳӣ барои ба мардум расонидани ин хабар шарҳ дода мешавад. Яъне дар ин маънӣ фано ва бақо ба “ҷамъ” (ваҳдат) ва “тафриқа” – “касрат”, васл ва фасл наздик аст. Ибни Арабӣ ҳафт марҳалаи фаноро таъкид карда (ниг. саҳ. 260 диссертатсия), Ибни Таймия каъиян ба муқобили ӯ баромадааст. Аз нигоҳи муҳаққиқон, таълимоти фано ва бақо бо “нирвана”-и буддоия шабоҳати зиёд дорад, вале аксарият онро идомаи мантиқии ғояи тавҳид эътироф кардаанд.

Агар мо ҳадафи ниҳоии инсонро тақарруб (наздик шудан бо Худо), меъроҷи инсон ба сӯи Худо бидонем, фано ниҳояти ин қурб ва авҷи ин уруҷ аст, вале аз ҷониби дигар, фано бо мақоми вилояти инсони комил марбут аст. Ориф пас аз гузаштани манзилҳои гуногун Худоро бо хаёл, басират (мушоҳидаи дарунӣ), бо басар (чашм) мебинад ва саранҷом ба марҳалаи шоҳид ва машҳуд мерасад, ки ин мақоми валӣ буда, ин мақомро бо номҳои гуногун: шуҳуди адами шуҳуд (мушоҳидаи бе мушоҳида), мақоми бемақомӣ, мавқифӣ бемавқифӣ ва ғ.) номидаанд, ки дар он ориф аз ҳама сурат ва қайду баст озод шуда, дар он оромиш ва осоишро пайдо мекунад.

Баъдан Ибни Арабӣ масъалаи худи Худоро ба миён гузошта, байни Худое, ки зоҳир аст ва дар иртибот бо олам фаҳмида мешавад ва Худое, ки ботин аст ва

сарфи назар аз вуҷуди олам боз ҳам Худо аст, тафоввут мегузорад. Ӯ аввалиро бо мақоми асмо марбут дониста, онро Илаҳ меномад ва дуввумиро ба маънои “аҳадият” марбут дониста, онро “зот” меномад. Ҳақ аз он назар ки Илаҳ аст бо маълуҳ иртибот дорад, монанди шоҳ ва мулк. Ибни Арабӣ аз ин мақом ба зот, ғайби ҳувият, аҳадият ё воҳидият ном мебарад. Ин зот дорои вижагиҳои зерин аст: номаҳдуд будан, бе исм будан, нестии зот, исми зот, шинохтанашаванда будани зот, манъ кардани тафаккур дар зот, аз ин рӯ, роҳи ягонаи шинохти Худо шинохти нафс эътироф шудааст. Баъдан Ибни Арабӣ масъалаи робитаи нафс бо Худоро дар робита ба ҳадиси нафси инсон ба сурати Худо офарида шудааст, шарҳу баён намудааст.

Баъди ин, таълимоти Ибни Арабӣ оид ба нафс ба шакли мухтасар тавзеҳ ёфта, тафоввути нафс аз рӯҳ, баъзан муродифи якдигар будани онҳо нишон дода шудааст, ки дар аксари ҳолатҳо мабдаи фаъолияти ақлӣ ва зеҳнии инсон фаҳмида шудаанд. Аксари сӯфиён як қисми олии нафсро рӯҳ номида, қисмҳои дигари онро нафс ҳисобидаанд. Дар истилоҳоти тасаввуф “нафс” ба маънои мабдае эътироф шудааст, ки тавассути он солик сараввал худаш ва баъдан Худоро шинохта мегирад. Нафс дорои хусусиятҳое аз қабили ҳодис набудан, бе замону макон будан, ду соҳатӣ будан, бе ном будани зоти нафс, азалият ва абадият мебошад, ки дар диссертатсия муфассал шарҳу баён шудаанд.

Ба андешаи Ибни Арабӣ, нафси инсон ба сӯи Худо роҳнамоӣ карда, дорои хусусиятҳо ва қувваҳои зиёд мебошад. Баъзе қувваҳо зоҳирӣ ва баъзе ботинӣ мебошанд, аммо тавоҷҷуҳи орифон бештар ба қалб равона шудааст. Танҳо қалб аст, ки Худоро ҷой дода метавонад. Нафс дорои ду сатҳ буда, дар сатҳи аввал безамон, бемакон, азалӣ ва абадӣ аст, аммо дар айни ҳол дар нашъаи дунё дорои замон, макон, тааллуқоти моддӣ ва замонӣ-маконӣ мебошад. Ҳамин ду соҳатӣ будани нафс барояш имкон медиҳад, ки ба дарун хазида равад ва ё ба боло хуруҷ кунад.

Шинохтанашаванда будани нафс бо далелҳои зиёд аз осори мутафаккир нишон дода шуда, масъалаҳои қурб (наздик шудан бо Худо) аз тариқи қурби навофил ва қурби фароиз, ки мақоми вилоят ва халифатуллоҳӣ мебошад, мерасад (инсони комил).

ХУЛОСА

Натиҷагириҳои мундаричаи рисоларо, ки дар тамоми фаслҳо ва зарфаслҳои боло мо масъалаи зиндагӣ, осор, ақоид, шореҳони ваҳдати вуҷудии Ибни Арабиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаем, ҳоло метавонем чунин хулосаҳоро манзур гардонем.

1.Ибни Арабӣ номи пурраш Муҳиуддин Абӯбдуллоҳ Муҳаммад ибн Алӣ ал-Ҳотимӣ ат-Тоӣ (560/1165 – 638/1240) ориф ва файласуфи бузург, муассиси таълимоти ваҳдати вуҷуд (ягонагии вуҷуд) маъруф бо Шайхи акбар (Устоди бузургтарин), “қутбу-л-ақтоб” (қутби қутбҳо), Ибни Афлотун (Писари Афлотун), Кибрити (гугирди) сурх ва ғ. иашҳур мебошад. Ӯ ҳамчун намояндаи барҷастаи афкори фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ, дар байни орифони исломӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маданӣ-фалсафии кишварҳои исломӣ барои ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва низоми андешаҳои Ибни Арабӣ мусоидат намудааст. Доираи осори фалсафӣ-ирфонии ӯ васеъ ва густурда буда, таҳлили самти ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аввалан, дар марҳалаи муайяни таърихӣ тарзи метафизикии тафаккур қариб барои ҳамаи намояндагони фалсафа ва илм хос мебошад; сониян, ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои мутафаккирон дар зери таълимоти расмии исломӣ ташаккул ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки тамоми ғояҳо ва андешаҳои Ибни Арабӣ бо оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва таъвили онҳо асоснок мешаванд. Таълимоти ҳастишиносии ӯ бар принсипҳои бунёдии назарияи сӯфиёнаи ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуда, - “ваҳдат вуҷуд ва касрати мавҷуд”- бино ёфтааст. Асоси ҷаҳонбинии ӯро ирфони сӯфиёна ташкил менамояд. Маҳз дар ҳамин самт масоили гуногуни ҳастӣ - моддӣ ва идеалӣ, ваҳдат ва касрат, ваҳдати вуҷуд, воҷибу-л-вуҷуд, имкону-л-вуҷуд ва ғайра ҳаллу фасл карда шудаанд. Теософияи ирфонии мутафаккир бар принсипи устувори тавҳиди исломӣ асос меёбад, зеро дар акси ҳол мавҷудияти таълимоти ирфонӣ-теософӣ ғайри имкон мебуд. Сарфи назар аз ин, моҳият ва самтнокии таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ аз

ҷаҳонбинии расмӣ фарқ мекунад. Ҳастии мутлақ, маҳз ва воқеӣ – Худо дар таълимоти ӯ абстрактӣ буда, на танҳо нахустасос ва нахустиллати тамоми мавҷудот, чӣ абстрактӣ ва чӣ моддӣ, балки иллати доимии мавҷудияти онҳо мебошад. Агар дар тавҳиди исломӣ айнияти Худо ва табиат инкор ва ҳастии трансендентии Холиқи мутлақ собит гардонида мешавад, пас дар таълимоти ирфонии мутафаккир айнияти объект ва субъект тасдиқ мешавад, ки дар рисола муфассалан баён гардидаанд.

Ба андешаи Ибни Арабӣ, танҳо Аллоҳ ҳастии воқеӣ мебошад ва ҳама чизи ғайри ӯ - Мо сивоу-л-лоҳ - ваҳдати вуҷуд ва касрати мавҷуд мебошад, яъне метавон гуфт, ки Ибни Арабӣ олами вуҷуд ё ҳастиро аз ду қисм – Аллоҳ ва Ғайри Аллоҳ (мо сивоуллоҳ) иборат медонад. Дар таълимоти Ибни Арабӣ, Худо бо “нури маҳз” айният дода мешавад, ки дар муқобили он “зулмат” қарор дорад. Нури воқеӣ аз рӯи зарурати табиӣ ҳамчун нурҳои Офтоб ошкор мегардад.

2. Ибни Арабӣ аз хурдсолӣ ба тасаввуф дилбастагӣ ва таваҷҷуҳи хоса нишон дода, таҷрибаи ботинии ӯ, бузургсолон ва ҳатто Ибни Рушд - файласуфи шинохтаи арабро дар ҳайрат монда буд. Ӯ барои идомаи таҳсил (зодгоҳаш ш.Севилро тарк карда) ба Тунис, баъдан Марокаш, Фаъс ва дигар шаҳрҳои Африқои шимолӣ ва дар синни 36 солагӣ ба Қоҳира ва аз он ҷо ба Макка рафта, дар он ҷо ду сол зиндагӣ кардааст ва маҷмуаи ашъорашро бо унвони “Тарҷумону-л-ашвоқ” ва китоби бузургҳаҷми “Ал-футуҳот ал-маккия” (ки аксари муҳаққиқон онро “доиратулмаорифи исломӣ” эътироф кардаанд)-ро дар ҳамон ҷо таълиф намудааст.

3. Ибни Арабӣ, ба эътирофи худаш, аз соли 1184 аз мансабҳои барояш пешниҳодшуда даст кашид ва тариқати сӯфиёнаро ихтиёр намуда, то охирин рӯзҳои зиндагиаш дилбаставу ҳаводори тасаввуф боқӣ монда, ҳамзамононаш ба хотири донишҳои амиқ ва васеъ ӯро бо унвони баландтарини мартабаи табақабандии ирфон - “қутб ал-ақтоб” (қутби қутбҳо)-ро сазовор донистаанд. Ӯ дар назди устодони бонуфузи давр ба шогирдӣ машғул буда, илмҳои замони

худро аз худ намуда бошад ҳам, аз ҳама илмҳои дӯстдоштааш тасаввуф буд ва бо аксари орифони машҳури даври хеш шахсан шиносоӣ ва суҳбатҳо доштааст.

4. Осори Ибни Арабӣ ниҳоят зиёд (аз 300 то 500 асар) мебошад, вале дар миёни онҳо манзалат ва мақоми ду китобаш –“Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “Фусус ал-ҳикма” дар таърихи ирфони исломӣ ниҳоят баланд буда, номи ӯро дар саҳфаи фалсафаи ҷаҳон сабт ва абадӣ гардонидаанд. Таъсир ва нуфузи Ибни Арабӣ на танҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии сӯфиёни минбаъда, балки умуман дар пешрафти илми фалсафаи асрҳои миёна баланд буда, то замони мо зиёда аз 150 асари мо маҳфуз монда, танҳо як қисми ками онҳо ба нашр расидаанд.

Нависандагӣ барои Ибни Арабӣ (ба қавли Ҳусайни Рамзҷӯ, бар хилофи Шамси Табрезӣ) ба одат табдил шуда буд. Ӯ дар номае ба соли 632 аз Димишқ барои Кайковуси аввал, подшоҳи Қуния навиштааст 240 унвони таълифоти худро бармешуморад. Шумораи навиштаҳои ӯро Шаъронӣ дар ҳудуди 400 ва Ҷомӣ беш аз 500 [64, С. 542], Усмон Яҳё 848 ва Вилям Читик болиғ бар 900 донистаанд.

5. Андешаҳои гносеологияи Ибни Арабӣ - маърифат ба ду қисм тақсим мешавад – (1) маърифати ҳодисаҳо ва зуҳуроти олами моддӣ ва (2) маърифати Худо. Ахирӣ ҷавҳари таълимоти Ибни Арабиро ташкил дода, дар партави ваҳдати вуҷуд шарҳу баён мегардад.

6. Асоси ҷаҳонбинии Ибни Арабиро андешаҳои ваҳдати вуҷуд ташкил медиҳанд, ки минбаъд дар заминаи шарҳу баён ва таблиғи таълимоташ аз ҷониби шогирдону пайравон сабаби таъсис ёфтани мактаби ирфоние бо ҳамин ном – ваҳдати вуҷуд гардид, бо мурури замон тобиш ва сибғаи динӣ-фалсафӣ гирифта, ба аксари муҳаққиқони осораш имкон фароҳам овард, ки ҷаҳонбинии сӯфиёнаи ӯро ҳамчун тасаввуфи фалсафӣ номгузорӣ намоянд. Бисёр муҳаққиқони араб ва эронӣ ба чунин натиҷа расидаанд, ки ӯ дар заминаи ҳамин таълимот тамоми рукнҳои исломро пазироӣ намуда, аз доираи таълимоти расмӣ берун нарафтааст. Сарфи назар аз он ки як қисми муҳаққиқон Ибни Арабиро

дар фалсафикунонӣ ё сибғаи фалсафӣ додани ё ақлонӣ намудани (ратсионализатсия) тасаввуф ва як қисми дигар аз аслиёти ҷавҳарии худ дур шудани тасаввуф гунаҳгор медонанд, Ибни Арабӣ тавонист, ки мақоми волои хешро дар рушд ва тавсеаи афкори ирфонӣ пайдо намояд.

7. Ибни Арабӣ кӯшиш намудааст, ки тамоми афкори пешгузаштагони ғоявии худро ҷамъбаст намуда, низоми мукаммали илмҳои замонаи худро пешниҳод намояд. Таҳлили ақидаҳои Ибни Арабӣ нишон медиҳад, ки ӯ аксарияти илмҳои замони хешро аз худ карда, сайъ кардааст, ки онҳоро дар таълимоти ваҳдати вуҷуд ҷамъбаст намуда, ҳамчун низоми мукаммали андешаҳои динӣ, ирфонӣ, ақидатӣ ва фалсафӣ пешниҳод намояд. Довариҳои муҳаққиқони гуногуни олам назари субъективии онҳо буда, вобаста аз мавқеи ҷаҳонбинии худ ба осор ва таълимоти ӯ баҳоҳои гуногун ва баъзан зидди якдигар додаанд. Сарфи назар аз мавқеи ишғолкардаи худи Ибни Арабӣ дар нисбати файласуфон наметавон қазоват кард, ки ӯ аз андешаҳои файласуфони юнонӣ ва ба хусус намояндаи бузурги машшоиёни шарқӣ – Ибни Сино баҳра набурдааст, шабоҳатҳои зиёди лафзӣ ва маъноии истилоҳот ва мафҳумҳои истифодабурдаи ӯ, дар рисола таъкид шудаанд. Ҳамин андешаро низ наметавон қотеъона пешниҳод намуд, ки дар ақоиди ӯ танҳо тамоюлҳои афлотунӣ, навафлотунӣ ва ирфонӣ вуҷуд доранд, ки дар рисолаи мо далелҳои зиёди шабоҳати онҳо зикр гардидаанд. Муҳаққиқон шабоҳати тасаввуфи шарқӣ ва ғарбӣ, навафлотуния ва гноститсизм, масеҳият, таълимоти исмоилия ва ғ. бо таълимоти Ибни Арабӣ машғул шуда, ба донишҳои иктисобӣ ва умуман донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ итминон надоштани Ибни Арабиро қайд намудаанд. Ба андешаи ӯ, дониши ҳақиқӣ мустақиман аз ҷониби Худо эҳдо мегарданд (қавли Боязид “илмро аз Зинда бояд гирифт, на аз мурда”-ро далел овардааст), аз ин рӯ, муътақид буд, ки донишҳои интуитиви (ҳадсӣ, кашфӣ, завқӣ, шуҳудӣ)-ро, ки бо илҳоми худоӣ дода мешаванд, метавон аз роҳи муҷоҳида дар зиндагӣ ба даст овард. Ориф аз тамоми асрори ҳастӣ огаҳӣ ёфтан метавонад, танҳо шарташ

ҳамин аст, ки шахс тавониста бошад, ки ба олами “барзах”, олами нахустин суввар, олами мисол, ки дар он ҷо ду сурати Худо - моддӣ ва маънавӣ, моддӣ ва трансендентӣ бо ҳам муттаҳид мебошанд, ворид шуда тавонад. Ибни Арабӣ итминони комил дошт, ки Худо трансендентӣ (аз таҷриба берун) буда, файз аз Ӯ маншаъ мегирад, ки ба назарияи судури навафлотуниён шабоҳат дорад. Ин файз донишҳои илоҳиро тавассути имон ва ё ваҳйи набавӣ ба одамон мерасонанд. Пайёмбарон дар қабули ин файз аз дигарон дида эҳсосноктар мебошанд. Ибни Арабӣ худро дар ин соҳа инсони худодод, маншаъ ва илҳоми асарҳои худро Худо ё пайёмбар меҳисобид, вале худро пайёмбар намеҳисобид. Барои сафари рӯҳонӣ-маънавӣ ӯ сукут, тарки муошират, бедорӣ ва гуруснагиро аз шартҳои асосӣ меҳисобид. Ҳангоми риоя намудани онҳо ҳиҷоби байни инсон ва Худо бардошта шуда, ба инсон ваҳй нозил мешавад. Туркҳои усмонӣ ба таълимоти Ибни Арабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, омӯзиши ҳатмии онро ҳатто ба барномаҳои таълимии мактабӣ дохил намуда буданд. Таъсири ғояҳои ӯро муҳаққиқон дар инкишофи фалсафаи аврупоӣ (Спиноза, Данте, Раймун Лулли ва диг.) низ таъкид кардаанд.

8. Сарфи назар аз он ки дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии ӯ таъсири ғояҳои халқҳои гуногуни олам ба назар расад мерасад, ҳамин нуктаро наметавон инкор кард, ки нубуғи илмии ӯ маҳсули шароити таърихию фарҳангии олами исломӣ буда, дар инкишоф ва пешрафти ирфони исломӣ саҳмгузор мебошад. Ин нуктаро низ ҳатман бояд ёдовар шуд, ки Ибни Арабӣ ҳамчун донишманди сатҳи доиратулмаорифи Шарқ дар фазои маънавие ба камол расид, ки мафкураи ҳукмрони он замон дини ислом буда, дар он суннатҳои ақлонии калом, машшоъ, исмоилия, “Ихвону-с-сафо” ва ғ. низ вуҷуд дошта, дар ташаккулёбии шахсияти илмии ӯ таъсири фаровон боқӣ гузоштаанд.

9. Даъвоҳои муҳаққиқони зиёди арабӣ ва эроние, ки Ибни Арабиро ба ҳар роҳу восита мехоҳанд дар мавқеи “дур рафтан” аз таълимоти ислом ва таҳриф додани аслиёти он ҳатто бо “куфр”, “зандақа” ва мулҳидӣ муттаҳам менамоянд,

ба андешаи мо, комилан асосе надоранд, зеро худи ӯ ин ҳадафро надошт ва дунболи он нарафта, баръакс онро аз мавқеи тавҳиди ирфони исломӣ асоснок, ҳифз ва пуштибонӣ намудааст. Ихлосу самимияти Ибни Арабиро дар ягон шакл зери шакку шубҳа қарор додан наметавон, вале таҳлили осори ӯ ва махсусан “Ал-Футуҳот ал-маккия” ва “Фусус ал-ҳикам”-и ӯ нишон медиҳад, ки ӯ суннати сӯфиён ва орифони исломиро ғановати маъноӣ бахшида, низоми бузурги ирфони фалсафиеро ба вуҷуд овардааст, ки қабл аз ӯ, аслан дар ин шакл вуҷуд надоштааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқони зиёде нубуғи илмӣ ва хориқулодаи ӯро таъкид намуда, рисолати илмӣ ва зеҳнии ӯро дар муназзамгардонии афкори парешони ирфонии панҷасраи Шарқ дидаанд. Танҳо таҳлил ва баррасии “Фусус ал-ҳикам” кофӣ аст, ки ба нерӯи ибтикор, ақлу заковат, донишҳои васеъ, низоми тафаккури махсуси ӯ итминон карда, даъво намоем, ки фалсафаи ирфонии ваҳдати вуҷуди ӯ марҳалаи наве дар пешрафт ва рушди фалсафаи исломӣ мебошад, ки пешрафти минбаъдаи он (фалсафаи ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ, ирфони назариявӣ, фалсафаи мутаолиҳаи Эрон ё номи дигараш “Ҳикмати мутаолия” ва ғ.), бевосита зери таъсири андеша ва ғояҳои ӯ, сурат гирифтааст.

10. Камтар шахсиятеро аз ҷаҳони ислом метавон пайдо кард, ки дар таълифи китобҳо ин қадар зӯрозмоӣ дошта бошад. Мавзӯи аслии рисолаҳои ӯ ирфон, ҳолот, воридот ва таҷрибаҳои қалбӣ аст, вале дар айни ҳол ӯ тамоми илмҳои динӣ: қуръоншиносӣ, ҳадис, тафсир, сира, фиқҳ, ҳамчунин шеърро дар мегирад. Ибни Арабӣ бо таълифи осори арзишманд, бунёдгузори як низоми фикри комилро бар асоси таҷрибиҳои ирфонӣ устувор сохта, ки ҳанӯз ҳам меҳвари бинишҳои ирфонӣ дар ҷаҳони ислом аст. Абӯало Афифӣ яке аз муаққиқони муосири мисрӣ Ибни Арабиро тавсиф намуда гуфтааст: агарчи осори Ибни Арабӣ ғолибан дар заминаи ирфон аст, вале тамоми улуми исломиро дар бар мегирад. Вай дар ирфони назарӣ, илми ҳадис, тафсири Қуръон, сирати набӣ, фалсафа, адабиёт ва аз ҷумла шеър ва низ улуми табиӣ кутуб ва расоили зиёде

нигоштааст. Муҳиуддин дар пардохтан ба ин мавзуъоти комилан мутафоввит, ҳаргиз ирфонро аз назар дур надоштааст, дар ҳоле, ки дар бораи масоили каломӣ, фиқҳӣ ва ҳатто илмӣ баҳс мекунад, ғолибан ҷанбаҳое аз тафаккури ирфонии вайро намоиш медиҳанд.

11. Аз дидгоҳи Ибни Арабӣ аз сабаби он ки “шуҳуд” ва “вуҷуд” яке аст, пас ваҳдати шуҳуд ҳамон ваҳдати вуҷуд аст. Дар ин миён калимаи вуҷуд, ки бо “ваҷд” ва “виҷдон” ҳамреша аст ва ҳам ба маънои “будан” ва ҳам ба маънои “ёфтан” истифода шуда, барои Ибни Арабӣ таъбири муносибе аст, ки бо истифодаи он, дугонагии байни шуҳуд ва вуҷуд, мудрик (шахси шиносанда) ва мудрак (чизи шинохташаванда), зеҳн (субъект) ва айнро (объект) аз миён бардорад [40, Ҷ.2, С. 529]. Бинобар ин, тафоввути муҳими ӯ, бо файласуфон ин аст, ки вуҷуд назди ӯ танхо аз будан иборат набуда, балки ёфтани Худо аст ба василаи худи Худо ва ё халқи Худо бо кашф ва шуҳуд муродиф мебошад. Ба индешаи мо, ин хулосаи ниҳоят муҳим аст, ки Ибни Арабӣ вуҷуд гуфта вуҷудеро дар назар дорад, ки зимни он Худо дарк шуда бошад (таъкиди мо – З.З.). Ба қавли дигар, ӯ вуҷудро бе огаҳӣ аз Худо вуҷуд намеҳисобад: то замоне, ки инсон Худоро нашинохта бошад, вуҷуди ӯ аз вуҷуди тамоми ашёи офаридашуда, тафоввут надорад. Аммо шарафу бузургӣ ва фарқи инсон ҳам дар ҳамин аст, ки ӯ дорои қобилият ва истеъдоди шинохтани Худо мебошад.

Ба андешаи Кокоӣ: «манзури нависанда (Ибни Арабӣ – З.З.) он аст, ки масдар ва ё исми масдаре, ки маънои “будан”-ро дар арабӣ бирасонад, ёфт намешавад. Барои ҳамин файласуфон ночор шудаанд, ки ба ҷои “будан” аз истилоҳи “вуҷуд” истифода кунанд. Вале агар битавонем барои феъли “кона” (будан) номи масдаре биёбем, дидгоҳи ин нависанда рад хоҳад шуд. Ин масдар метавонад масдари ҷаълии “кайнунат” (аз феъли “кона” - будан) бошад ба маънои “будан” дар баробари “сайрурат” ба маънии “шудан”. Ибни Рушд дар мавридҳое ба ҷои калимаи “мавҷуд” истилоҳи ”коин”-ро ба кор мебарад. Вале ин суол ба ҷост, ки чаро ва чӣ гуна “вуҷуд”, ки ба маънои “ёфтан” аст, ба

маънои “будан” дар кор рафтааст?» [168].

Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки Ибни Арабӣ дар аксари мавридҳо вуҷуд ва шуҳудро бо якдигар қарин ва мутародиф дониста, онро истифода мекунад: «Бояд мутобиқи он чӣ вуҷуд ва шуҳуд ато мекунад, сухан гуфт ва ваҳмиёти имкони ақлиро тарк намуд» [40, Ҷ.4, С. 102].

Чунон ки дидем дар Ибни Арабӣ орифонро “аҳлу-л-кашф ва-л-вуҷуд” мехонд [40, Ҷ.3, С. 489] ва мушаххас аст, ки дар ин мавридҳо, вуҷуд ба маънои “будан” набуда, балки марҳалаи хосе аз таҷрибаи ирфонӣ аст, ки аз ваҷд ҳосил меояд [146, С. 37] (қайди мо – З.З.), яъне уламои биллоҳ таҷаллии Ӯро аз тариқи шуҳуд ва вуҷуд дарёфт мекунанд [285, С. 226]. Дар матни зер “вуҷуд” дақиқан ба маънои “ёфтан” ва “мавҷуд” ба маънои “ёфтшуда” ба кор рафтааст: “Урафо... аҳли шуҳуд ва вуҷуданд ва вуҷуд сирфан ба хотири ҳудуси аҳком ба онҳо изофа мешавад, чаро ки ин аҳком зуҳур намеёбанд, магар дар мавҷуд (ёфташуда) [40, Ҷ.2, С. 529].

Истилоҳи арабии “вуҷуд”, ки ғолибан ба сурати ҳастӣ ва ё ҳастӣ доштан (экзистенс) тарҷума мешавад ба маънои ёфтан ва ё ёфт шудан (ту би фоинд) аст... дар интиҳои тариқ, ин танҳо Худованд аст, ки ҳозир ва ё ин ки пайдо ва ёфта шуда аст: «Бинобар ин, ваҳдати вуҷудро наметавон ба соддагӣ ваҳдати ҳастӣ (инити оф бейнг) тафсир намуд, балки ба маънои ваҳдати таҳаққуқи ҳастӣ ва вуҷуд ёфтан (экзистентиаллизешн) ва идроки ин амал аст. Баъзан ин вожа тақрибан бо шуҳуд нима мутародиф мешавад, ба наҳве, ки истилоҳоти ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд...қобили ҷо ба ҷое аст» [85, С. 438].

12. Дар баъзе мавридхо, Ибни Арабӣ вуҷудро дар муқобили шуҳуд қарор медиҳад. Маъмулан дар ин мавридҳо, вуҷуд ба Худо ва шуҳуд (мушоҳида) ба абд (банда) вобастагӣ дорад, ки дар рӯи як сикка ҷойгиранд. Худо дар ҳама чиз ҳозир аст ва худашро дар ҳама чиз мебинад ва бештар ба андозаи истеъдоди худ ҳузури ӯро дар ҳама чиз шуҳуд мекунад. Вуҷуд ба ботин (Ҳақ) ва шуҳуд марбут ба зоҳир (халқ) аст [285, С. 226]. Ибни Арабӣ худ мегӯяд, ки ҳар чӣ дар вуҷуд

аст Ҳақ ва ҳар чи дар шуҳуд аст, халқ аст. Худои таъоло дар вуҷуд сараён дорад, пас ғайр аз касе, ки маҳдуд аст, ӯро инкор намекунад. Аҳлуллоҳ тобеъи касе ҳастанд, ки аҳли ӯ маҳсуб мешаванд (яъне Худо –З.З.) ва ҳукми Ӯ бар онҳо ҷорӣ мешавад. Ҳукми Худо адами тақайюд (новобастагӣ) аст, пас барои ӯ умуми вуҷуд ва барои аҳлаш умуми шуҳуд аст. Касе, ки вуҷуди Ӯро муқайяд (махдуд) созад шуҳуди хешро муқайяд сохта ва аз аҳлуллоҳ нест**.**

Ба ҳамин сабаб, аҳлуллоҳ мехоҳад, ки вуҷудро аз худ инкор карда, танҳо ба Худо нисбат диҳанд ва худ танҳо шуҳудро, ки аз они халқ аст, доро бошанд: «Пас аҳлуллоҳ толиби шуҳуд нестанд, магар барои фаной аз вуҷуд. Лекин ғояти қурб ва болотарин дараҷа дар ирфон он аст, ки абд битавонад байни шуҳуд ва вуҷуд ҷамъ кунад: Абд мақоми болотар аз ин надорад, зеро дар ин ҷо ба воситаи зуҳури мақомаш, дар вуҷуди айнаш вуҷуд пайдо мекунад, дар ҳоле ки мундариҷ дар ҳақ аст ва аз ҳар ҷониб муҳоти ӯст (ӯро иҳота кардааст)... ва ғояти қурб ҳамин аст. Ҳангоме ки Абӯязид - қабл аз ин ки ин мақомро шуҳуд кунад - ҳайрон шуд ба парвардигораш гуфт: Парвардигоро! Чӣ чиз аст, ки ту надорӣ? Гуфт: Зиллат ва ифтиқор. Пас дар ин ҳангом Боязид фаҳмид, ки чӣ чиз аз они аннияти Ҳақ аст ва чӣ чиз аз они аннияти абд ва дохил дар мақом шуд ва қурби аттам (тамомтар, пурратар) ёфт ва байни шуҳуд ва вуҷуд ҷамъ кард, зеро кулли шайъин ҳоликун (ҳама чиз миранда аст). Пас, шуҳуд назди қавм (сӯфия) фанои ҳукм аст, на фанои айн. Дар ин мақом, шуҳуд аст, на фано» [168].

13. Масъалаи муҳиме, ки дар ин ҷо матраҳ мешавад, робитаи вуҷуд ва илм аст [146, С. 42-43]. Худованд айни вуҷуд ва айни илм аст ва ҳар ҷо вуҷуд ё илм бошад, ҳамон ҷо Худо таҷаллӣ ёфтааст. Ориф бо аз даст додани худ, мутаҳаққиқ ба вуҷуд, яъне Худо мешавад ва дар натиҷа бо илми Худо ба ҷаҳон менигарад; ва чун Худо дар вуҷуди хеш ҳама ҷаҳонро меёбад, пас ориф низ ҳангоме, ки бо ин вуҷуд, ваҳдат ёфт, ҳама чизро дар худ мебинад ва ваҳдати офоқиро аз роҳи ваҳдати анфусӣ дарк мекунад ва аз роҳи ваҳдати шуҳуд (ягонагии шоҳид ва машҳуд) ба ваҳдати вуҷуд (ягонагии кулли олам) мерасад. Ба ин тартиб,

дугонагии байни зеҳн ва айн ва низ анфус ва офоқ аз байн меравад. Яке аз муҳаққиқон дар ин бора гуфтааст, ҳангоме ки Худогоҳии маҳдуди башарӣ дар огоҳии номаҳдуд ва густурдаи Ҳақ ҳал ва ҷазб мешавад ва вуҷуде, ки дар сурати "ман" табаллур ёфта, ба асли мутлақ ва фарогири худ боз мегардад, ҳама суввари мутаъйини олами айнӣ низ ба асли вуҷуди номутаъйини худ боз мегарданд. Зеро иртиботи асосӣ байни ҳолати анфусии нафс (муносибати нафс бо Худо) ва ҳолати офоқии ҷаҳон (муносибати нафс бо олам) вуҷуд дорад. Ҷое, ки нафс ва ҷавҳари нафси Худогоҳ даркор нест, то ашёро бубинад дигар чизе барои дидан вуҷуд надорад. Вақте ҳама амвоҷи дарё фурӯ нишинад танҳо дарёст, ки мушоҳида мешавад.

Бинобар ин ориф бо фанои хеш ҳукми оинаро пайдо мекунад, ки Худо ва дар натиҷа ҳама ҳастиро дар худ мебинад ва дар воқеъ ҳама чизро дар Худо мебинад, муносиб аст, ки дар ин ҷо ба таҷрибаи ирфонӣ, ки Флутин (Плотин) нақл мекунад, ишорае кунем. Вай дар баёни таҷрибаи фано мегӯяд: «бало тардид набояд аз "мушоҳида", балки ба ҷои он аз шоҳид ва машҳуд ва балки бевоҳима аз ваҳдати басит сухан гӯем. Чӣ дар ин мушоҳида миёни он ду тамйизе намедиҳем ва дугонагӣ даркор нест... дар он ҷо шоҳид ва машҳуд яке аст... ва солик ба ваҳдат мерасад, ва ҳеҷ тафарруқае чӣ бо хеш ва чӣ бо чизҳои дигар надорад**,** ҳатто худи нафс, аз худ гусаста ва ба Худо пайваста, дар айни оромиш ва қарор аст... (пас) урафо ҳама чизро на дар сайрурат (шудан), балки дар кайнунат (будан) мебинанд ва худашонро дар дигаре мебинанд. Ҳар вуҷуди мутлақе ҳама ҷаҳони маъқулро дар бар дорад (ишора аст ба қоидаи "баситу-л-ҳақиқа куллу ашё" аз аркони фалсафаи Флутин шумурда мешавад). Бинобар ин ҳама ҳар ҷо ҳастанд, дар он ҷо ҳар кадом ҳама ва ҳама ҳар кадоманд. Инсон дар вазъияти феълӣ кул нест, вале вақте ки аз фардият даст кашид ду мартаба боло меравад ва дар кулли ҷаҳон нуфуз мекунад. Пас бо ҳама чиз яке шуда ва ҳама чизро халқ мекунад.

14. Мулоҳиза мешавад, ки дар ин ҷо чӣ гуна ваҳдати шуҳуди анфусӣ ва

ваҳдати вуҷуди офоқӣ яке мегардад ва ориф на танҳо ҷаҳонро дар худ меёбад, балки худро холиқи ашё, балки айни ашё мебинад. Ибни Арабӣ аз таҷрибаи ирфонии худ гузориши комилан равшане ба даст овардааст, ки нишондиҳандаи ин аст, ки вай ба ваҳдати шуҳуд ва ваҳдати вуҷуд якҷо ноил омада аст. Вақте ки ба ин маърифат дохил шудам таҷаллӣ бароям воқеъ шуд, дар нуре бидуни шуъо, он нурро ҳақиқатан дидам ва худро бо он нур дидам ва ҳама ашёро дар хеш дидам ва низ онҳоро аз тариқи нурҳое, ки дар зоти худ ҳамл мекарданд дидам... ва машҳаде азим ёфтам, ки ҳиссӣ буд, на ақлӣ ва сурат буд, на маънӣ... ман ҳолати эҳтироқро чашидам ва сӯхтанро дар ҳоле ки Худоро бо Худо зикр мекардам, ҳис намудам. Пас, Ӯ буд ва ман набудам... шаш соат ё дар ҳамин ҳудуд дар ин ҳолат, зокири Худо ба василаи Худо будам. Сипас, Худо забонамро дубора баргардонид ва дубора Ӯро аз тариқи ҳузур, зикр мегуфтам на бо .

Ибни Арабӣ илова бар ин ки дар сафараш аз касрат ва ваҳдат, мина-л-халқи ила-л-ҳаққи (сафар аз сӯи халқ ба сӯи ҳақ), тавфиқ ёфта, дар он ҷо низ ором нагашта, бори дигар бо Ҳақ аз Ҳақ ба халқ бозгашта ва Ҳақро дар ҳама чиз сорӣ дидааст ва зимни он ки дар ваҳдати офоқӣ бо чашми Ҳақ ба халқ нигоҳ карда, вале дар айни ҳол, монанди баъзе орифон, Ҳақ ва халқро дарҳам наёмехта аст. Вай пас аз он ки аз нузули ориф аз олами илм ба олами хаёл ва аз он ҷо ба олами ҳис сухан мегӯяд, меафзояд: «Ва Ҳақ бо нузули вай нузул мекунад ва аз вай ҷудо нест. Пас (ориф) Ҳақро сурати тамоми он чизҳое меёбад, ки дар олам, мушоҳида мекунад ва Ӯро ба сурати ғайри суратии мухтас ва маҳдуд намекунад... ва Ӯро айни нафси худаш меёбад ва (дар айни ҳол) медонад, ки Худо айни нафси вай ва айни олам нест ва дар ин матлаб дучори ҳайрат намешавад. Зеро дар нузулаш ҳамроҳ бо Ҳақ, аз мақоме, ки шоистаи ӯст таҳаққуқ ба суҳбати Ҳақ барояш ҳосил шудааст... ва ин машҳади азим аст.

Ин масъаларо метавон аз буъди дигаре низ баррасӣ кард ва дугонагии зеҳн ва айнро ба ваҳдат баргардонид ва он ин ки зеҳн (субъект) ва айн (объект)

ду наҳваи вуҷуд ё ду таҷаллӣ аз вуҷуданд ва чун вуҷуд Худо аст, пас дар зеҳн (субъект) ва айн (объект) ғайри Худо таҷаллӣ надорад. Ин андешаро метавон чунин тавзеҳ дод, ки Ибни Арабӣ пас аз тақсими вуҷуд ба айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ) навиштааст: «Маълуме нест магар он ки ба ваҷҳе муттасиф ба вуҷуд шавад ва сабаби ин амр қути вуҷуд аст, ки асли ҳама усул аст ва он Худои таъоло аст, ки ин маротиб ба ӯ зоҳир шуда ва ин ҳақоиқ ба ӯ таъйин ёфта аст" [40, Ҷ.2, С. 329]... Ҳар маълуме нисбате ба Ҳақ дорад. Ҳақ нур аст, пас ҳар маълуме нисбате ба нур дорад... маълуме ғайр аз Худои таъоло нест.Пас ҳамон тавре ки мавҷуд танҳо Худо аст, маълум низ танҳо Худо аст ва вуҷуд ва вичдон яке хоҳанд буд ва ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд тафоввуте нахоҳад дошт.

Ба ибораи дигар, бозгашти ҳузури Худо дар аъёни мавҷудот ба таҷаллии Ҳақ аст ва мутаҷаллӣ ва мутаҷалли лаҳу ва ё зоҳир ва мазҳар яке ҳастанд. Зуҳурро агар ба Худо ва манбаъи аслӣ нисбат диҳем, таҷаллӣ номида мешавад ва агар онро ба халқ ва абд изофа кунем, кашф ва шуҳуд номида мешавад [346, С. .120]. Ба қавли Ибни Арабӣ: «Таҷаллии Худо назди қавм иборат аст аз он чӣ аз анвори ғуюб бар қалб кашф мешавад.

Худо бар халқ таҷаллӣ мекунад ва дар ин таҷаллӣ халқ ӯро шуҳуд менамояд, яъне ӯро меёбанд ва чун Худо ҳамон вуҷуд аст, пас ёфтани ӯ ҳамон ёфтани вуҷуд ва ё вуҷуд ёфтан аст. Лекин таҷаллии Худо доим аст, дар натиҷа шуҳуд ва вуҷуд ёфтан доим аст. Ба қавли Ибни Арабӣ вуҷуд ва иҷод мунқатеъ намешавад (қатъ намеёбад), пас дар олам чизе ҷуз вуҷуд ва шуҳуд, дар дунё ва охират, бидуни интиҳо (бе охир) ва инқитоъ (қатънашаванда), нест. Пас аъёне ҳастанд, ки зоҳир шуда ва дида мешаванд.

Худо илова бар таҷаллии вуҷудӣ - ки бо он дар "айн" ба исми латиф зоҳир мешавад - дорои таҷаллиии шуҳудӣ аст, ки ба исми хабир дар "илм" зуҳур меёбад [146, С. 143]. Ҳол вақте ки Худо худашро аз тариқи таҷаллӣ ба дигарон мешиносонад, дар ҳақиқат худашро маҳдуд ва муқайяд месозад. Дар ғайри ин сурат халқ наметавонистанд Ӯро бишиносанд, яъне онҳо мутобиқи

истеъдодашон талаби шуҳуд доранд. Пас шиносонидани худ ба онҳо аз аътои (бахшидани) вуҷуд ба онҳо иборат аст. Пас дар воқеъ, таҷаллии шуҳудӣ низ ҳамон таҷаллии вуҷудӣ аст” [346, С. 140.].

Илми Худованд айни вуҷуд аст, ба таъбири Ибни Арабӣ: Худованд ду таҷаллӣ дорад: таҷаллии ғайб ва таҷаллии шаҳодат. Аз таҷаллии ғайб аътои истеъдоде мекунад, ки қалб маҳали он аст. Ин таҷаллии зоте аст, ки ҳақиқати он ғайб аст... ҳангоме ки ин истеъдод барои қалб ҳосил шуд, Худо барои он дар шаҳодат таҷаллии шуҳудӣ мекунад. Пас ӯро дида ба сурати он чизе дар меояд, ки барояш таҷаллӣ шудааст**.** [20, С. 120-121].

Яъне, қалби ориф маҳали таҷаллии доимии Худо дар олами шаҳодат аст, қалби вай доиман пазирои сурате дар олам аст. Пас ин Худост, ки аз як сӯ, доиман дар айн зуҳур дорад ва ҳарчанд ки худ дар паси пардаи ғайб аст: «Мазоҳири илоҳӣ, ки таҷаллиёт номида мешаванд, нури аслӣ дар онҳо барои мо пинҳон аст, дар ҳоле, ки суратҳое, ки таҷаллӣ дар онҳо воқеъ мешавад, маҳали зуҳури мазҳаранд. Пас рӯъяти мо бар мазоҳир воқеъ мешавад**.** [40, Ҷ.2, С. 257].

Танҳо ориф аст, ки мефаҳмад, ки “Ин Худост, ки дар суввари мухталиф дида мешавад ва айни ҳар сурате аст” [40, Ҷ.3, С. 312]. Аз сӯи дигар, Худо доиман дар зеҳн ва қалб ва хотири инсон дар ҳоли таҷаллӣ аст, вале боз ҳам ориф аст, ки ба воқеияти амр огоҳ аст, ки ҳақ дар дунё доиман барои қулуб (қалбҳо) дар ҳоли таҷаллӣ аст. Пас хавотири инсон аз таҷаллии илоҳӣ мутанавеъ (гуногуншакл) мешавад. Лекин касе инро намефаҳмад, магар аҳлуллоҳ. Ҳамчунон ки ҳамин тоифа мефаҳманд, ки ихтилофи суварӣ, ки дар дунё ва охират дар ҷамеъи мавҷудот зуҳур меёбад ҳама, ҳама чизи ғайр аз танаввуъи (гуногуншаклии) Худованд нест. Пас Ӯ зоҳир аст, зеро айни ҳар шайъ аст**.**

Ба ин тартиб вуҷуб ва шуҳуди ҳар ду ба як амр боз мегарданд, ки таҷаллӣ аст ва ҳар ду ҳам маънои офоқӣ доранд ва ҳам маънои анфусӣ. Яъне боз ҳам ба ин натиҷа мерасем, ки айн ва зеҳн, офоқ ва анфус, ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд аз як манбаъ сарчашма мегиранд, ки таҷаллиии Худо аст. Ибни Арабӣ

худ дар ин бора гуфтааст, ки Худо барои ҳар чиз, аз ҷумла, нафси инсон, зоҳире ва ботине қарор додааст, пас нафси инсонӣ бо зоҳир, умуреро дарк мекунад, ки айн номида мешавад ва бо ботин, умуреро идрок менамояд, ки илм ном мегиранд. Ва Худои субҳон худ зоҳир ва ботин аст, пас мутааллиқи идрок ӯст**.**

Аз маҷмӯи он чӣ дар ин ҷо гуфта шуд, ба ин натиҷа мерасем, ки: ҳамчунон ки дар ваҳдати офоқӣ маҳдуд кардани вуҷуд дар Худо ба маънои инкори вуҷуди махлуқот буд, дар ваҳдати анфусӣ низ шуҳуди Худо дар вақд ва вуҷуд ба маънои фано ва нестии ориф ва шоҳид аст. Нуктаи дигар аз он иборат аст, ки барои Ибни Арабӣ ваҳдати анфусӣ асл ва ваҳдати офоқӣ фаръи он аст. Пас ориф ваҳдати офоқиро бо ба фано расидани хеш дар даруни худ - ки бо Худо ваҳдат ёфтааст - идрок менамояд.

Муҳйддин Ибни Арабӣ дар асри VII ҳиҷрӣ (XIII м.) зуҳур намуда, соли 638/ 1240 вафот кардаст. Бо пайдошавии ин шахсияти барҷаста ирфони назариявӣ ба марҳалаи “пайдошавӣ ва рушд” ворид мегардад. Сабаби чунин номгузорӣ аз он иборат аст, ки ирфони назарӣ ҳаёти мустақилона ба даст оварда, аз ирфони амалӣ ҷудо ва мустақил гашта, тамоми меъёрҳои таълифи масоили ирфони назарӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд; ин меъёрҳо аз ҷониби худи Ибни Арабӣ ҳама ҷониба коркард ёфта, интишор дода шудаанд; ӯ тамоми принсипҳо ва аносир, фуруъ ва натоиҷи ирфони назариро матраҳ намудааст.

Ҳангоми адои фаризаи ҳаҷ ӯ раванди таассуроти наитияи ирфони ва кашфро аз сар гузаронида, сабти китобат кардани онҳо сӣ сол – аз соли 599 то 629 (1202 – 1232 м.) барои таълифи “Футуҳот ал-маккия”-ро тақозо доштааст. Бо назардошти андешаҳои муҳими худ нусхаи дуввуми китобашро аз соли 632 то 636 (1234-1288 м.) идома дода, онро ду сол қабл аз реҳлат анҷом додааст.

“Футуҳот ал-маккия” – китоби барҷастаи сатҳи доиратулмаорифи оид ба ирфон мебошад, ки дар он тамоми масоили назарӣ ва амалии ирфон муфассал шарҳ ёфтааст. Сарфи назар аз баъзе мушкилоти он, ин асар асари нодирест, ки пайдо намудани китобе мисли он дар мероси ирфонӣ номумкин аст. Дар он

муҳокимаҳо ва андешаҳое вуҷуд доранд, ки дар дигар асарҳо ба чашм намерасанд.

Асари дигари Ибни Арабӣ “Фусус ал-ҳикам” мебошад, ки соли 627 ҳ. (1229 м.) таълиф ёфтааст. Ин асар ба ирфони назарӣ таъсири бузурге расонидааст, ки ягон асари дигар ба мисли он таъсир нарасонидааст. Ҳамин тариқ, ин асар такягоҳи асосии орифони минбаъда гаштааст. Дар ин ду китоб ва дигар асарҳояш тамоми масоиле ҳаллу фасл гардидаанд, ки дар ирфони назарӣ ба чашм мерасанд. Мо даъвои он надорем, ки андешаҳои Ибни Арабӣ дар дигар асарҳои мутафаккирони собиқ ба чашм намерасанд. Мо танҳо инро таъкид карданӣ ҳастем, ки фаъолияти ӯ дорои афзалиятҳои зиёд мебошад: аввалан, мадди назари ӯ тамоми таърихи панҷасраи ирфон қарор дорад ва дар осори ӯ тамоми арзишҳои собиқи ин соҳа ҷамъоварӣ гардидаанд. Дуйюм, ҳаллу фасли масоили то замони ӯ бе низом ва пароканда буда, маҳз ӯ онҳоро ба низом даровард, дорои сохтори муайян гардидаанд. Илова бар ин саъю талошҳои Ибни Арабӣ ва доманаи васеъ ва густурдаи ӯ дар ҷанбаи гносеология ва ё ба қавли истилоҳоти ирфонӣ, дар самти ҷустуҷӯи “ҳақиқат”-ро наметавон бо фаъолияти пешгузаштагони ғоявии ӯ муқоиса кард. Ба қавли дигар, орифони то асри VI ҳ. (асри XII м.) ҳаҷми бузурги донишҳои худро, ки бо тариқат ва ирфони назарӣ алоқаманд буданд, бо масоили маърифат[62] на ирфони назарӣ, яъне ҳақиқат камтар машғул гардиданд, ки дар мактаби Ибни Арабӣ, сафҳаи нави марҳалаи рушди ирфон кушодаанд ва саъю талошҳои ӯ дар самти ҳақиқат ва ирфони назарӣ бесобиқа мебошанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ (ваф. 898 / 1492 м.) бо назардошти ин вазъият навишта буд. Ӯ барои касоне, ки ба мафҳуми “ваҳдати тамоми ҳастӣ” эътиқод доранд, қуввате ба шумор меравад... ва чунин ҳаҷми бузурги ҳақиқатҳо ва донишҳое, ки дар осори ӯ, бахусус дар “Фусус ал-ҳикам” ва “Футуҳот ал-маккийя”, баён шудаанд, дар осори ҳеҷ яке аз намояндагони ин ҷараён ёфт намешавад.

[62] Маърифат (аз араб. «дониш») – «сиррӣ», донишҳои фавқуҳиссӣ дар бораи Худо ва олам.

Дар баробари афзалиятҳои зикршудаи осори Ибни Арабӣ, ҳамчунин метавон ба масъалаи “қаробат ёфтани ирфон бо фалсафа” низ ишора кард. Низоми ирфонии Ибни Арабӣ, дар воқеъ ҳам ба системаи фалсафӣ шабоҳат дорад, зеро дар он ҳам ба мисли фалсафа масоили зиёди онтологӣ матраҳ гаштаанд, ки тафоввут танҳо дар усул ва методҳои онҳо ба чашм мерасад. Методи Ибни Арабӣ асосан бар мукошафа ва мушоҳада бунёд ёфтааст, ҳарчанд ки ӯ ҳам ба далелу бурҳонҳои илмӣ низ такя кардааст. Аммо натиҷаи мушоҳидаҳои ӯ, ки аз ҷиҳати забонӣ хеле барҷаста ифода ёфтаанд, онҳоро метавон бо суҳулат ба сифати системаи фалсафӣ қабул кард.

Маҳз барои ҳамин дар осори Ибни Арабӣ заминае тавлид ёфт, ки дар самти қаробат додани ирфон ва фалсафа хизмат намуда, анъанаи исломии номувофиқатии донишҳои қалбӣ ва ақлӣ бе нур гаштаанд ва дар самти мувофиқат ҳаракат намуд. Муҳаққиқон дар низоми фалсафие, ки ба фазли Садриддин Муҳаммад Шерозӣ (Мулло Садро) (ваф. 1050 / 1640 г.), ирфон ва фалсафа ба шакли эҳсосшаванда бо ҳам қаробат пайдо намудаанд.

ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҷаҳони муосир бо ҳама мушкилот ва нигарониҳои ҷаҳонишавӣ, ки имрӯз ба фарҳангу тамаддуни халқҳои гуногуни олам таҳдид менамояд. Натиҷаҳои пешрафт ва болоравии илмҳои техникӣ як қатор мушкилоти ахлоқӣ, динӣ, сиёсишавии дин, ташаккулёбии ҳизбу ҳаракату созмонҳои ифротӣ, мутаассиб, мусаллаҳшавии онҳо тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Ҷомеашиносон ҷиҳати пешгирии равандҳои номатлуб ва болобурди ҳисси худогоҳию худогоҳии насли ҷавон роҳҳо ва воситаҳои гуногунро пешниҳод намудаанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи самтҳои гуногуни ақидаҳои мухталифи фалсафӣ-диниро дар радифи онҳо қарор дорад. Омӯзиш ва таҳқиқи осори файласуфони бузурге мисли Ибни Арабӣ имкони воқеии онро дорад, ки дар

пешгирии ҳаракатҳои иртиҷоиву ифроти саҳми назаррас гузошта бошад. Махсусан назарияи ваҳдати динҳо ва нақши калидии ишқ дар ҳаёти одамӣ имкон дорад, ки дар ҳалли ин масоил саҳмгузор бошад.

2. Масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, худшиносии милливу ҳувияти фарҳангӣ дар тӯли таърихи инсоният дар доираи улуми фалсафӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор доштаву ҳоло ҳам қарор доранд. Зарур аст, ки афкори фалсафии куҳанбунёду аҷдодии мо дар сатҳи доираи мутахассисони факултаи фалсафаи ДМТ боз ҳам густариш дода шавад, зеро маҳдудияти соатҳои таълимӣ барояшон имкон намедиҳад, ки паҳлуҳои ҷараёнҳои динӣ-фалсафӣ муфассал мавриди омузиш қарор бигиранд.

3. Омӯзиши амиқтари консепсияҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносии тасаввуф ҳамчунин имкон фароҳам меоварад, ки онҳо ҳамчун заминаи тарбияи шахсият ва рушду нумуи тафаккури озоди хатмкунандагони факултети фалсафа бояд мавқеи марказӣ дошта бошад. Чунин даврaҳои таълимӣ барои муҳаққиқони ҷавон ва донишҷуёни риштаи фалсафа, диншиносӣ муҳим мебошанд ва донишҷӯён ҷаҳонбинии мустақил ва интиқодӣ дошта бошанд.

4. Бо назардошти забони мушкили осори донишмандони асримиёнаги ва дар аксари ҳолатҳо нофаҳмоии онҳо барои одамони муосир, зарур аст, ки шарҳ ва тарҷумаи онҳо бо забони илмии муосир ба роҳ монда шавад, то истифодаи мероси классикии куҳанбунёди мо барои муҳаққиқон ва завқмандону ихлосмандон саҳлу осон гардад.

5. Таҳкими худшиносии миллӣ ва маънавӣ аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеашиносони ватанӣ маҳсуб мегардад, ки бе шубҳа барои ташаккул додани ифтихороти миллӣ ва эҳтиром ба мероси фарҳангӣ нақши тақдирсозро ифо менамояд, ки бояд тавассути ВАО пайваста интишор дода шаванд.

6. Дар пояи таҳқиқоти мазкур метавон курсҳои махсуси таълимиро барои омӯзиши амиқтари психологияи тасаввуф, ҳастишиносӣ ва

маърифатшиносии таълимоти ваҳдати вуҷуд барои донишҷӯёни факултаҳои гуманитарии ДМТ ва махсус факултети фалсафа ба роҳ монд.

7. Таҳияи китобҳои таълимии махсус оид ба таълими амиқи мавзуъҳои сӯфиёна барои мутахассисони риштаҳои таърихи фалсафа ва таърихи динҳо барои зинаи бакалавриат ва мутахассисон ба нақша гирифта шуда, таълими амиқи онҳо ба роҳ монда шавад.

8. Ташкил намудани курсҳои академикӣ оид ба омӯзиши фалсафа, психология ва омӯзиши таърихи адён дар назди факултаи фалсафаи ДМТ. Онҳо барои амиқтар омӯхтани таърихи таҳаввул ва рушди тасаввуф дар якҷоягӣ бо омӯзиши адён ва фалсафа мусоидат хоҳад кард.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I.Сарчашмаҳои илмӣ

[1]. Абдуваҳҳоб ибн Аҳмад Шаъронӣ, ал-Явоқит ва-л-ҷавоҳир, фи баён ақоид ал-акобир, Миср, 1378.

[2]. Абдурраҳмони Сулламӣ. Табақот-ус-суфия [Матн]. – Бейрут: Дор ал-улум ал-илмия, 1419 (1998).

[3]. Абнуаъйми Исфаҳонӣ. Ҳилят-ул-авлиё ва табақот-ул-асфиё. – Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1988.

[4]. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 1 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2005. – 852 с.

[5]. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 2 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2005. – 852 с.

[6]. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3 [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2007. – 528 с.

[7]. Абӯиброҳим Исмоил ибни Муҳаммад Мустамлии Бухорӣ, Шарҳ-ут-таъарруф ли мазхаб-ит-тасаввуф. Бо муқаддимаву тасҳеҳи Муҳаммади Равшан, Ҷ. 1-2, Теҳрон, Асотир, 1363, - 1381 с.

[8]. Абулаъло Афифӣ. Таърих ат-тасаввуф ал-исломӣ [Текст]. – Қоҳира: Дор ал-Фикр. – 280 с.

[9]. Абунасри Сарроҷ, ал-Лумаъ фи-т-тасаввуф. Бо тасҳеҳи Р. Николсон.-Лейден: Брид. 1914.

[10]. Абунасри Сарроҷ, Ал-луммаъ фи-т-тасаввуф, Миср, Дору-л-кутуб ал-ҳадиса, с.552.

[11]. Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ. Мақосид-ул-фалосифа [Матн] / таҳияи матн бо алифбои кирилии тоҷикӣ ва тасҳеҳу тавзеҳот Н. Зокиров. – Душанбе, 2018. – 208 с.

[12]. Ал-Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Манозилу-с-соирин [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳ ал-Ансорӣ; бо шарҳи Камолуддини Кошонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1380 (2001). – 300 с.

[13]. Ал-Мунавӣ, Абдуррауф. Ал-Кавокиб-уд-дурия фи тароҷим-ис-суфия. – Қоҳира.

[14]. Ал-Фахурӣ, Ҳуна; Ал-Ҷор, Халил. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ [Матн] / Ҳуна Ал-Фахурӣ, Халил Ал-Ҷор; тарҷума: Абдулмуҳаммад Оятӣ. – Теҳрон: Нашри илмӣ ва фарҳангӣ, 1386 ҳ.қ. – нашри 8.

[15]. Ансорӣ Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия [Матн] / муқобала, тасҳеҳ ва ҳавошӣ: Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. – Теҳрон, Тӯс1362. – 968 с.

[16]. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Сад майдон [Матн] / Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ; бо эҳтимоми Қосим Ансорӣ. – Теҳрон, 1363. – 125 с.

[17]. Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин. Девони ашъор [Матн] / Фаридуддини Аттори Нишопурӣ; бо тасҳеҳи Тақии Тафаззулӣ. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1362. – 862 с.

[18]. Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин. Илоҳинома [Матн] / Фаридуддини Аттори Нишопурӣ; бо тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1387 (2008). =757 с.

[19]. Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин. Тазкирату-л-авлиё [Матн] / Фаридуддини Аттори Нишопурӣ; тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1386 (2007). – 959 с.

[20]. Афифӣ, Абулъало. «Фусус ал-ҳикам»-и шайх Ибни Арабӣ ва таълиқот алайҳи [Матн] / А. Афифӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуб ал-арабӣ, б.с. – 229 с.

[21]. Аш-Шаъронӣ, Абдуваҳҳоб ибн Алӣ. Ал-кибрит ал-аҳмар [Матн] / Абдуваҳҳоб аш-Шаъронӣ. – Миср, 1366 ҳ.

[22]. Аш-Шаъронӣ, Абдулваҳҳоб ибн Алӣ. Ал-Явоқит ва-л-ҷавоҳир фи баён ақоид ал-акобир [Матн] / Абдулваҳҳоб аш-Шаъронӣ. – Миср, 1378 ҳ. – 400 с.

[23]. Бадавӣ, Абдурраҳмон. Таърих тасаввуф исломӣ [Матн] / Абдурраҳмон Бадавӣ. – Кувайт: Ваколат ал-матбуъот, 1978. – 2 ҷилд.

[24]. Бадавӣ, Абдурраҳмон. Таърихи андешаҳои каломӣ дар ислом [Матн] / Абдурраҳмон Бадавӣ; тарҷума: Ҳусайн Собирӣ. – Машҳад: Остони Қудси Ризавӣ, 1374 ҳ.ш.

[25]. Бӯстон - и Саъдии Шерозӣ, иборат аз 4 ҷилд. куллиёт. Ҷилди 4. (АИ РСС Тоҷикистон) ҷилди 4. Душанбе “Адиб” 1990. 304 саҳ. Боби саввум. Дар ишқ ва мастиву шӯр. с. 140. Алфавит

[26]. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад. Эҳёу улуми-д-дин. Ҷ. 1. Рубъи ибодот [Матн] / тарҷумаи Муайядуддин Хоразмӣ, Ҳусайн Хадивҷам. – Теҳрон: 1375 (1996). – 765 с.

[27]. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Ар-рисолату-л-ладуния [Матн] / Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғаззолӣ; тарҷума ва тавзеҳ: М. Донишпажӯҳ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1351 (1973).

[28]. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Кимиёи саодат [Матн] / Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғаззолӣ; зери назари Муҳаммадии Борӣ; баргардонанда ба хати кириллӣ Баҳриддин Алавӣ; масъули тасҳеҳ ва имлои ҷилди I Муҳаммадҷон Умаров; ҷилди II Мирзо Муллоаҳмадов. – Теҳрон: Интишороти «Сурӯш», 1999. – 827 с.

[29]. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Мукошифату-л-қулуб [Матн] / Абуҳомид Муҳаммад ал-Ғаззолӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1985.

[30]. Ғанӣ, Қосим. Баҳс дар осор, афкор ва аҳволи Ҳофиз [Матн] / Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Зуввор, 1375 ҳ.қ. – 2 ҷилд. – 7-ум табъ.

[31]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Арзиши мероси сӯфия [Матн] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362 (1983). – 316 с.

[32]. Ибн Арабӣ, Мухйиддин. Ал-Футуҳот ал-маккия [Матн] / Мухйиддин ибн Арабӣ. – Бейрут: Дор эҳё ат-турос, 1998. – Ҷ. 1–4.

[33]. Ибн Араби, Мухйиддин. Мекканские откровения (Ал-Футухат ал-Маккия). Т. 4 [Текст] / Мухйиддин Ибн Араби; пер. и ред. А.В. Смирнов // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – Москва: Наука, 1998. – С. 296–338

[34]. Ибн Араби, Мухйиддин. Мекканские откровения (Ал-Футухат ал-Маккия): гл. 187 «О познании стоянки любви» [Текст] / Мухйиддин Ибн Араби; пер.

с араб. А.Д. Кныш // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – Санкт-Петербург, 1995. – С. 296–338.

[35]. Ибн Арабӣ, Мухйиддин. Расоил Ибн Арабӣ [Матн] / Мухйиддин Ибн Арабӣ. – Ҷ. 2. – Димишқ: Дор ал-Мадад

[36]. Ибн Арабӣ, Мухйиддин. Тарҷумон ал-ашвоқ [Матн] / Мухйиддин ибн Арабӣ. – Бейрут: Дор Содир, 1960.

[37]. Ибн Арабӣ, Мухйиддин. Фусус ал-ҳикам [Матн] / Мухйиддин ибн Арабӣ; тавзеҳот: Абулаъло Афифи. – Теҳрон: аз-Заҳро, 1375 ҳ.қ. – 3 ҷилд.

[38]. Ибн Арабӣ, Мухйиддин. Фусус ал-ҳикам [Матн] / Мухйиддин Ибн Арабӣ; даромад, баргардони матн, тавзеҳ ва таҳлил: Муҳаммад Алӣ Муваҳҳид, Самад Муваҳҳид. – Теҳрон, 1386 ҳ. – 733 с.

[39]. Ибн Араби, Муҳйиддин. Иншо ад-давоир [Матн] / Муҳйиддин Ибн Араби. – Миср: Мактабат ас-сақофия ад-диния. Бе зикри соли нашр.

[40]. Ибн Араби, Муҳйиддин. Футуҳот ал-маккия [Матн] / Муҳйиддин Ибн Араби; тасҳеҳ: Муҳаммад Абдурраҳмон ал-Маршаъӣ. – Бейрут: Дор ал-ихё ат-турос ал-араби, 1418 ҳ.қ. – 2 ҷилд.

[41]. Ибн Арабӣ. Геммы мудрости (Из «Великий шейх суфизма: Опыт парадигмального анализа философии Ибн Араби») [Текст] / пер. и ред. А.В. Смирнов. – Москва: Наука; Восточная литература, 1993. – 328 с.

[42]. Ибн Араби. Руҳ ал-кудус фи муҳосабат ан-нафс. Димишқ: Мактабат Або ал-Вакҳал ад-Дуруби. бе соли нашр.

[43]. Ибн Касир. Ал-бидоя ва-н-ниҳоя [Матн]. – Қоҳира, 1358 ҳ.қ. – Ҷ. XIII. – С. 140–154.

[44]. Ибн ал-Имод. "Шазарот мин –заҳаб фи ахбор мин заҳаб". Ал-Қохира: Дор Ал-Илм.1969;

[45]. Ибн Сина. Дониш-наме: Книга знания [Текст] / перевод с фарси-дари А. М. Богоутдинова. – Сталинабад: Таджикское государственное издательство, 1957. – 286 с.

[46]. Калободӣ, Абубакр. Ат-таъарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф [Матн] / Абу Бакр Калободӣ. – Қоҳира: Мактабат ал-куллиёт ал-азҳария, 1980.

[47]. Кошонӣ, Камолиддин Абдурраззоқ. Истилоҳот ас-суфия [Матн] / тасҳеҳ: Маҷид Ҳодизода. – Теҳрон: Ҳикмат, 1381 ҳ.с.

[48]. Қайсарӣ Довуд ибн Маҳмуд. Шарҳи Фусус ал-ҳикам [Матн] / Довуд Қайсарӣ. – 2 ҷилд. – Маншурат, 2013. – 2116 с. – Ба забони арабӣ.

[49]. Қунавӣ, Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ. Ан-нафаҳот ал-илаҳия, таҳрири Муҳаммад Ҳоҷӯӣ, нашри «Мавло», Теҳрон, 1375. -126 с.

[50]. Қунавӣ, Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ. Рисолат ан-нусус («Рисолаи возеҳ»), таҳрири Сайид Ҷалолиддин Оштиёнӣ, Маркази нашри донишгоҳӣ, Теҳрон, 1362 ҳ.қ.

[51]. Қунавӣ, Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ. Фукук («Фаслкунӣ»), бо тарҷума ва таҳрири Муҳаммад Ҳоҷӯӣ, нашри 2, «Мавло», Теҳрон, 1385 ҳ.қ.

[52]. Қунавӣ, Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ. Шарҳ ал-ҳадис (Арбаъин ҳадис), таҳқиқи Ҳасан Комил Пилмаза, «Бидор», Кум, 1372 ҳ.қ.

[53]. Қунавӣ, Садриддин Муҳаммад бин Исҳоқ. Эъҷоз ал-баён фи тафсир умм ал-Қуръон (Тафсири сураи «Фотиҳа»), таҳрири Сайид Ҷалолиддин Оштиёнӣ, Маркази иршоди исломӣ, Қум, 1381 ҳ.қ.

[54]. Қушайрӣ, Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозан. Рисолаи Қушайрия [Матн] / тарҷума Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқот Маҳдии Муҳаббатӣ. – Теҳрон: Ҳермес, 1391. – 625 с.

[55]. Сайид Ҳусайн Наср, Ибни Арабӣ дар ҷаҳони форсизабонон// Намодгароӣ дар андешаи Ибни Арабӣ, Иброҳим Мадкур ва дигарон, тарҷумаи Довуд Вафоӣ, нашри марказ, чопи аввал, Баҳор, 1388. -251 с. Саҳ.221-228.

[56]. Тарка Исфаҳонӣ, Соъиниддин Али бин Муҳаммад. Тамҳид ал-қавоид, [Матн] нашри «Ҷамъияти файласуфони Эрон», - нашриёти Дафтари таблиғоти исламӣ, Қум, с. 266

[57]. Фахри Розӣ. Тафсири кабир [Матн]. – Бейрут: Дор ихё ат-турос ал-арабӣ,

б.с.

[58]. Форобӣ, Абунаср. Иҳсо ал-улум [Матн] / таҳқиқи матн: Самиев Бобоҷон. – Душанбе, 2020. – 68 с.

[59]. Хатиб, Али ал- Иттиҷоҳот ал-адаб ас-суфӣ байна-л-Ҳаллоҷ ва Ибн ал-Арабӣ [Матн] / А. ал-Хатиб. – Қоҳира: Дору-л-маориф, 1404. – 508 с.

[60]. Ҷандӣ, Муаядуддин. Шарҳи Фусус ал-ҳикам [Матн] / тасҳеҳ: Сайид Ҷалолиддин Оштиёнӣ. – Қум: Бустон, 1381 ҳ.с. – 2 ҷилд.

[61]. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Ашиъат ал-ламъот [Матн] / Абдурраҳмон Ҷомӣ; таҳрир: Ҳодӣ Растагорӣ Муқаддам Гавҳарӣ. – Қум, 1383 ҳ.қ

[62]. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нақд ан-нусус (таҳлили интиқодии «Нусус») [Матн] / Абдурраҳмон Ҷомӣ; таҳрир: Вилям Читтик. – Теҳрон: Маркази мероси исломӣ, 1370 ҳ.қ. – 2 ҷилд.

[63]. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс [Матн] / Абдурраҳмон Ҷомӣ; таҳрир: Муҳаммад Обидӣ. – Теҳрон: Иттилоот, 1382 ҳ.қ. – 4 ҷилд.

[64]. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Се рисола дар тасаввуф, бо иловаи рубоиёт оид ба ваҳдати вуҷуд [Матн] / Абдурраҳмон Ҷомӣ; муқаддима: Эраҷ Афшор. – Теҳрон: Китобхонаи Манучеҳрӣ, 1360 ҳ.қ.

II. Китобҳо, монографияҳо, васоити таълимӣ

[65]. “Шарҳи Ҷомӣ ала “Фусус ал-ҳикам”. Заббатаҳу ва саҳатаҳу ва аътуҳу биҳи Аш-Шайх ал-Дуктур Осим Иброҳим ал-Киёни ал-Ҳусайни аш-Шозилӣ аз - Зарқонӣ. Маншурот Муҳаммад Алӣ Байзови, Бейрут, Лубнон. Ат-Табъат ал увла, 2004 м.-1375 ҳ. -538 с.

[66]. Абдукарим, Карам Амин. Ҳақиқат-ул-ибода инда Муҳиддин Ибни Арабӣ [Матн] / К. А. Абдукарим. – Қоҳира, 1417 ҳ./1997 м. – 312 с.

[67]. Абдулғафури Лорӣ. Такмила бар “Нафаҳот-ул-унс”, Кобул. 1344. с.29

[68]. Абдулкарим ал-Ҷиллӣ, Шарҳ мушкилот ал-Футуҳот ал-Маккия, диросатун ва таҳқиқ, д-р Юсуф Зайдон, Дор Суод ал-Сабоҳ, 1993, с.133-138.

[69]. Абдурраҳим ибни Аҳмад Сур. Кашф-ул-луғот ва-л-истилоҳот [Матн] / А. ибни А. Сур. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1389 (2010). – Ҷ. 1. – 664 с.; Ҷ. 2. – 664 с. (арабӣ).

[70]. Абулаъло Афифи. «Фусус ал-хикам» ли-ш-шайх Ибн Араби ва таълиқот алайҳи Дору-л-кутуб ал-араби, Бейрут, Лубнон, - 229 с.

[71]. Абунуъайм Аҳмад ибни Абдулло. Ҳилятул авлиё ва табақотул ас-фиё. Ал-Қоҳира. 1357 қ.

[72]. Аддос, Клод. Сафари бебозгашт [Матн] / К. Аддос; тарҷумаи Фариддун Родмард. – Теҳрон: Нилуфар, 1382 ҳ.ш. – 193 с.

[73]. Аз-Заҳабӣ. Мизону-л-эътидол фи нақд ар-риҷол [Матн]. – Қоҳира, 1350 ҳ.қ. – Ҷ. III. – С. 145–158

[74]. Акимушкин, О. Ф. Вахдат аш-шухуд [Текст] // Ислам. Энциклопедический словарь. – Москва: Наука, 1991. – С. 49–50.

[75]. Ал-Ашъарӣ. Ат-табақот ал-кубро ал-мусаммā би лавоқеҳ ал-анвор фи табақот ал-аҳёр [Матн] / Ал-Ашъарӣ. – Қоҳира: Дор ал-Фикр, 1954. – 183 с.

[76]. Ал-Бухорӣ. Саҳеҳ ал-Бухори. Ҷ.-ҳои 1-5. Бейрут; Сайда ал-Мактаба ал-асрия.1997.

[77]. Ал-Джанаби, М. М. Теология и философия ал-Газали [Текст] / М. М. Ал-Джанаби. – Москва: Марджани, 2010. – 240 с.

[78]. Ал-Мар‘ашлӣ, Муҳаммад ‘Абд ар-Раҳмāн. Муқаддимат ан-ношир // Ибн Араби. Ал-Футуҳот ал-маккия. Бейрут: Дор эҳё ат-турос ал-араби, 1998. Т. 1. С. 13

[79]. Ал-Муслиҳ, Абдуллоҳ. Ат-тасаввуф фӣ итиҳомати. [Матн] / А. Ал-Муслиҳ. – ал-Яман. б.м., б.с.

[80]. Амин Сайд Ҳасан. Ваҳдат-и вуҷуд дар фалсафа ва ирфони исломӣ [Матн] / А. С. Ҳасан. – Теҳрон: Интишороти Басрат, 1376 (1997/1998). – 150 с.

[81]. Амининажод, Алӣ. Онтология исламского мистицизма [Текст] / Алӣ Амининажод; рус. пер. Маҳмадсалом Махшулов. – Москва: Ал-Мустафа,

2012. – 258 с.

[82]. Аминхон, Ш. Т. Фалсафа дар аҳди Сомониён [Матн] / Ш. Т. Аминхон. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 368 с.

[83]. Амирхон, Ш. Т. Фалсафаи амалии Қутбиддини Шерозӣ [Матн] / Ш. Т. Амирхон. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 368 с.

[84]. Анна Мари Шиммел, Абъоди ирфони исломӣ, тарҷумаи Абдурраҳим Гувоҳӣ. Теҳрон, Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. 1374 ш. с. 443.

[85]. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия. Муқобалаву тасҳеҳ ва ҳавошиву фаҳористи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ. - Теҳрон, 1362. - 968 с.

[86]. Арабзода, Н. Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав [Матн] / Н. Арабзода. – Душанбе: Нодир, чопи 2, 2003. – 260 с.

[87]. Арабская философия средневековья: проблемы и решения [Текст]. – Москва: Восточная литература РАН, 1998. – 216 с.

[88]. Арберри, А. Суфизм. Мистики ислама [Текст] / А. Арберри; пер. с англ. М. О. Авдейчик, В. А. Литновская; примеч. С. Д. Фролов. – Москва: Сфера, 2002. – 274 с.

[89]. Ас-Субкӣ, Таҡи ад-Дин. Табақот аш-Шофеия ал-кубро [Матн] / Таҡи ад-Дин ас-Субкӣ. – Қоҳира: Дор ал-фикр, 1954. – 450 с.

[90]. Ас-Суютӣ, Ҷалолуддин. Танбеҳу-л-ғабӣ би табриати Ибн Арабӣ [Матн]. – Байрут: Дор ал-Малоин, 1971. – 128 с.

[91]. Аттор Муҳаммад ибн Иброҳим. Тазкират ул-авлиё [Матн], мутобиқ бо нусхаи Николсон, Фариддуни Аттори Нишопурӣ; бо манзумаии Қазвинӣ. - Теҳрон: Паймон. 1381. Навбати чоп: чаҳорум 1386. - 734 с.

[92]. Ахмедов, Э. М. Арабо-мусульманская философия средневековья [Текст] / Э. М. Ахмедов. – Баку: Маариф, 1980. – 68 с.

[93]. Аҳмадов С. Абӯҳанифа. (Матн)/ С.Аҳмадов. Душанбе: “Соҳибкор”. 2009. - 204с.

[94]. Аҳмадов С. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Абӯҳанифа (Матн) //С.

Аҳмадов. Душанбе .2009. -169 с.

[95]. Ашуров, Г. Философские взгляды Носира Хисрава [Текст] / Г. Ашуров. – Душанбе, 1965. – 113 с.

[96]. Бадавӣ Абдураҳмон. Ал-таърих ат-тасаввуф ал-исломия мин ал-бидоя ҳатта ал-ниҳоят ал-қарн ал-сони. Кувейт. Ваколату ал-матбуот. 1977.

[97]. Беков, К. Муҳаммад Шаҳристонӣ – таърихнигори фалсафа [Матн] / К. Беков; Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, Шуъбаи фалсафа. – Душанбе: Дониш, 1987. – 120 с.

[98]. Бертелс, Е. Э. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф [Матн] / Е. Э. Бертелс; тарҷума: Сирус Эзидӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1376. – 723 с.

[99]. Бертельс Е.Э. Введение в изучение текстов трактатов «Афакнома»// Пять философских трактатов на тему «Афак и Анфус», М., 1970.

[100]. Бертельс, Е. Э. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Е. Э. Бертельс // Избранные труды. – Т. 3. – Москва: Наука, 1965. – 531 с.

[101]. Богоутдинов А. М. Очерки по истории таджикской философии [Матн] / А. Баҳоваддинов. – [Душанбе]: Таджикгосиздат, 1961. – 332 с.

[102]. Богоутдинов, А. М. Избранные произведения [Текст] / А. М. Богоутдинов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 415 с.

[103]. Болтаев, М. Н. Ақидаҳои фалсафии Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / М. Н. Болтаев. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 153 с.

[104]. Брукелман Карл. Таърих ал-адаб ал-арабӣ. Нақалаҳу ила ал-арабия Абдулҳалим ан-Наҷҷор. Ат-табъату ал-сония. Қум. Дор ал-кутуб ал-исломи. (бидуни таърих).

[105]. Буқлии Шерозӣ. Рӯзбаҳон. Ал-абҳар ал-ошиқин. Тасҳеҳ ва муқаддимаи форсӣ ва фаронсавии Ҳенри Корбен ва Муҳаммад Муайян. Теҳрон. Институти Эрон ва Фаронса. Қисмати эроншиносӣ. 1337.

[106]. Буркхардт Т. Даромаде бар оини тасаввуф, тарҷумаи Яъқуб Ожанд, Мавли. 1374 ш..

[107]. Вақид, Абдурраҳмон. Ҳазиҳи ҳия ас-суфия [Матн] / А. Вақид. – Дор-ул-кутубати ал-илмия, 1979. – 188 с. (чопи 2).

[108]. Ғазолӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таҳофут ал-фалосифа. Тарҷумаи Алиасғари Ҳалабӣ. Маркази нашри донишгоҳӣ. 1361.

[109]. Гафуров, Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история [Текст] / Б. Г. Ғафуров; отв. ред. Б. А. Литвинский. – Москва: Наука, 1972. – 425 с.

[110]. Григорян, С. Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока [Текст] / С. Н. Григорян. – Москва: Наука, 1966. – 352 с.

[111]. Грюнебаум, Г. Э. фон. Классический ислам [Текст] / Г. Э. фон Грюнебаум. – Москва: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1986. – 216 с.

[112]. Гулямов, М. Человеческая индивидуальность [Текст] / М. Гулямов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 116 с.

[113]. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 1988. – 220 с.

[114]. Диноршоев, М. Философия Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 2020. – 494 с.

[115]. Диноршоев, М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 656 с.

[116]. Доират-ул-маъорифи бузурги исломӣ (13 ҷ.) чопи 2-ум.Теҳрон. 1374.

[117]. Донишномаи ҷаҳони ислом (17 ҷилд) [Матн]. – Теҳрон: Бунёли Доират-ул-маорифи исломӣ, 1375/1996.

[118]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Бо корвони ҳулла [Текст] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон: Илмӣ, 1372 (1993).

[119]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Бо насими нафҳаҳои ишқ [Текст] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон: Сухан, 1382 (2003).

[120]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Дунёи қаландар [Текст] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон,

1374.

[121]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Сирри най (нақд ва тафсири Маснавӣ) [Текст] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон: Илмӣ, 1364 (1965).

[122]. Зарринкӯб, А. Ҳ. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [Текст] / А. Ҳ. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363 (1984). -446 ч. Душвнбе, 1992. – 396 с.

[123]. Зиёев И.Г., Философия религии Мухаммада Икбала, Душанбе, 2014. -304 с.

[124]. Зиёев, И. Ғ. Муҳаммад Иқбол ва Ибни Арабӣ [Матн] // И. Ғ. Зиёев. Муҳаммад Иқбол ва тасаввуф. – Душанбе, 2004. – С. 85–118.

[125]. Зиёев, И. Ғ. Муҳаммад Иқбол ва тасаввуф [Матн] / И. Ғ. Зиёев. – Душанбе, 2004. – 157 с.

[126]. Зиёев, И. Г. Проблемы человека в философии Мухаммада Икбала [Текст] / И. Г. Зиёев. – Душанбе, 1996. – 165 с.

[127]. Зиёев, Х. М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он [Матн] / Х. М. Зиёев. – Душанбе, 2004. – 216 с.

[128]. Зиёев, Х. М. Мировоззрение Бахоуддина Валада [Текст] / Х. М. Зиёев. – Душанбе, 1992. – 114 с.

[129]. Зиёзода И.Ғ. Қуръоншиносӣ, -Душанбе: “Эр-граф”, 2012. - 456 с.

[130]. Зиёзода И.Ғ., Тасаввуф: пайдоиш, таҳаввул ва инкишоф, Қисми1. Душанбе, 2016, - 457 с.

[131]. Зиёзода, И. Ғ. Муҳаммад Иқбол: зиндагӣ, осор, ҷаҳонбинӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёзода. – Душанбе: “Андалеб Р”, 2015. – 519 с.

[132]. Зиёзода, И. Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ: ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна. Қисми 2 [Матн] / И. Ғ. Зиёзода. – Душанбе, 2016. – 445 с.

[133]. Зиёӣ Х.М. Мавлоно ва мавлавия. Душанбе. “Абдурраҳмон -Р”, 2022. –368 с.

[134]. Ибн Араби. Избранное / пер. с араб., вводная статья и комментарии А. В. Смирнова. М.: Языки славянской культуры; ООО «Садра», 2014. Т. 2. 400

с.

[135]. Ибн Таймия. Ал-Иҳтиҷоҷ би-л-қадар // Маҷмуъат ар-расоил ал-кубро. Бейрут: Иҳё ат-турос ал-араби, 1972. Ҷ. 2. С. 102—103

[136]. Ибн Таймия. Маротиб ал-ирода // Маҷмуъат ар-расоил ал-кубро. Т. 2. С. 72.

[137]. Ибн Таймия. Маҷмуъат ар-расоил ва-л-масоил. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1983. Ҷ. 4. С. 3-114.

[138]. Ибн Ҳабибуллоҳ, Абдулқодир. Китоб Ибни Арабӣ ас-суфӣ фӣ мизони-л-баҳс ва-т-таҳқиқ [Матн] / А. Ибн Ҳабибуллоҳ. – Мадина: Дор-ул-Бухорӣ, чопи 1, 1411 ҳ./1991 м. – 437 с.

[139]. Ибни Халдун, Муқаддима, тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ, Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1362, ч.2, с. 977-978

[140]. Иброҳимиён, Саид Ҳусайн. Маърифатшиносӣ дар ирфон [Матн] / С. Ҳ. Иброҳимиён. – Қум: Маркази илмии Қум, 1378. – 215 с. (чопи 1).

[141]. Игнатенко, А. А. В поисках счастья [Текст] / А. А. Игнатенко. – Москва: Мысль, 1989. – 256 с.

[142]. Игнатенко, А. А. Зеркало ислама [Текст] / А. А. Игнатенко. – Москва: Русский институт, 2004. – 216 с.

[143]. Идрис, Абу Абдулазиз Идрис Маҳмуд. Мазоҳир-ул-инҳирофот-ил-уқудия инда-с-суфия ва асаруҳо-л-сайъ ала уммат ал-исломия [Матн] / А. А. Идрис. – Ар-Риёз: Мактабат ар-Рушд, 1426 ҳ./2005. – Ҷ. 1. – 516 с.; Ҷ. 2. – 418 с.; Ҷ. 3. – 398 с.

[144]. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX–XIV вв. [Текст] / сост. С. Н. Григорян, А. В. Сагадеев. – Москва: Соцэкгиз, 1961. – 632 с.

[145]. Изутсу, Т. Суфизм ва даосизм (таҳлили муқоисавии Ибни Арабӣ ва Лао-цзы) [Матн] / Т. Изуцу. – Теҳрон: Рӯзбахон, 1359 (1980). – 118 с.

[146]. Изутсу, Тошиҳико. Худо ва инсон дар Қуръон [Матн] / Т. Изутсу. –

Теҳрон, 1368. – 328 с.

[147]. Иқбол Муҳаммад. Эҳёи фикри дигӣ дар ислом. -Душанбе. 1997. -184 с.

[148]. Иқбол, Мухаммад. Реконструкция религиозной мысли в исламе [Текст] / М. Иқбол. – Москва: Восточная литература, 2002. – 198 с.

[149]. Иқбол, Муҳаммад Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / М. Иқбол; тарҷ. аз англ. А. Х. Ориёпур. – Теҳрон, 1354. – 166 с.

[150]. Иқбол, Муҳаммад. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / М. Иқбол. – Теҳрон, 1383 ҳ. – 242 с.

[151]. Исматов, Б. Пантеическая философская традиция в персидско-таджикской поэзии IX–XV вв. [Текст] / Б. Исматов. – Душанбе: Дониш, 1986. – 246 с.

[152]. Истес, В.Б. Ирфон ва фалсафа. [Матн] Тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ . Теҳрон. Суруш. 1375 ш. с. 250.

[153]. История таджикской философии с древнейших времен до XV в. [Текст]. – Т. 1–2. – Душанбе: Дониш, 2012. – 786 с.

[154]. Иҷӣ Қози Иззутддин. Шарҳ ал- Мавоқиф фи ал-калом. Шарҳи Мирсаид Шарифи Ҷурҷонӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ал- Ҳусафйнӣ. Бо ҳошияи Ҳасани Чалабӣ ва ҳошияи Абдулкарим Сиёлкутӣ. Миср: ношир Муҳаммад Афандӣ. 1325 қ. 4 – ҷилд.

[155]. Карим А. А. Назаре ба масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи Абуалӣ ибни Сино [Матн]. – Хуҷанд: Нашриёти ДДҲБСТ, 2021. – 176 с.

[156]. Каримӣ, А. А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти тасаввуф: Толковый словарь суфийских терминов [Матн] / А. А. Каримӣ. – Хуҷанд, 2025. – 1110 с.

[157]. Каримов, А. А. Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоия ва тасаввуфи асрҳои X–XII (таҳлили муқоисавӣ): монография [Матн] / А. А. Каримов; зери назари К. Олимов. – Хуҷанд, 2024. – 420 с.

[158]. Карра де Во, Л. Ал-Ғазолӣ [Матн]. – Нашри 2-юм. – Б.м.: Ал-Муассаса ал-арабийя ли-д-диросот ва-н-нашр, 1984. – С. 224.

[159]. Керимов, Г. М. Аль-Газали и суфизм [Текст] / Г. М. Керимов; АН АзССР, Институт народов Ближнего и Среднего Востока. – Баку: Элм, 1969. – 109 с.

[160]. Кныш, А. Д. Мусульманский мистицизм: краткая история [Текст] / А. Д. Кныш. – Москва; Санкт-Петербург, Диля. 2004. – 454 с.

[161]. Кныш, А. Д. Суфизм - ислам. Историографические очерки [Текст] / А. Д. Кныш. – Москва, 1991. – 228 с.

[162]. Кныш, А. Д. Суфизм в контексте мусульманской культуры [Текст] / А. Д. Кныш. – Москва, 1989. – 337 с.

[163]. Комилов, Р. С. Фалсафаи тоҷик: аз аҳди бостон то имрӯз [Матн] / Р. С. Комилов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 300 с.

[164]. Корбен Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Таботабоӣ бо ҳамкории анҷумани эроншиносии Фаронса. Теҳрон. Кавир. 1370.

[165]. Корбен, Ҳенри. Хаёли халлоқ дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / А. Корбен; тарҷумаи И. Раҳматӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1384 (2005). – 584 с.

[166]. Корбен, Ҳенри. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ [Матн] / Ҳ. Корбен. – Теҳрон: Нашри Огоҳ, 1371. – 478 с.

[167]. Корбен, Ҳенри. Таърихи фалсафаи исломӣ [Матн] / Ҳ. Корбен. – Теҳрон: Сипеҳр, 1358. – 415 с.

[168]. Косим Кокоӣ. Ваҳдати вуҷуд ба ривояти Ибни Арабӣ ва Маэстро Экхарт [Матн] / Қ. Кокоӣ. – Теҳрон: Ҳермес, 1389. – 674 с. (чопи 4).

[169]. Кошифӣ, Сафиуддин. Рашаҳот айн-ул-ҳаёт [Матн] / С. Кошифӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1356. – 388 с.

[170]. Кошонӣ. Муъҷам истилоҳот ас-суфия. Таҳқиқ, тақдим ва таҳким. Абдулъол Шоҳин. Қоҳира. Дор-ул – манор. 1413 қ. // 1992.

[171]. Кули-заде, З. А. Закономерности развития восточной философии XIII–XVI вв. (регион ислама) и проблема Запад–Восток [Текст] / З. А. Кули-заде; предисл. А. Сагадеева. – Баку: Элм, 1983. – 283 с.

[172]. Кулинӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибн Яъқуб. Усули кофӣ, бо тасҳеҳи Алиакбари Ғаффорӣ, Теҳрон: илмияи исломия. Ҷ. 1, с. 92. Бе таърих.

[173]. Қунавӣ, Садрддин. Тафсири «Фатиха» [Матн] («Трактовка суры «Открывающая»), бо таҳрири Сайидҷалолуддин Оштиёнӣ, с. 105.

[174]. Курбанмамадов, А. (Акназар). Эстетическая доктрина суфизма (опыт критического анализа) [Текст] / А. Курбанмамадов; отв. ред. А. Мухаммедходжаев; АН Тадж. ССР, Отд. философии. – Душанбе: Дониш, 1987. – 108 с.

[175]. Қосим Ғанӣ, Таърихи тасаввуф дар ислом, чопи чаҳорум, Интишороти Зуввар, 1366. - 336 с.

[176]. Қосим, Маҳмуд Абдураъуф. Ал-кашф ан ҳақиқати-с-суфия ли аввал мара фи-т-таърих [Матн] / М. А. Қосим. – Бейрут: Дор-ус-саҳоба, чопи 1, 1407 ҳ./1987 м. – 910 с.

[177]. Қунавӣ, Садриддин. Мафотеҳ ал-ғайб, Ҷ. 7. С. 601. Чопи Миср

[178]. Лайло бинт Абдуллоҳ. Ас-суфия: ақида ва аҳдоф [Матн] / Л. б. Абдуллоҳ. – Ар-Риёз: Дор-ул-Ватан ли-н-нашр, чопи 1, Рамазон 1410 ҳ. – 64 с.

[179]. Лоҳичӣ, Шамсуддин Муҳаммад. Мафотеҳ-ул-эъҷоз фи шарҳи Гулшани роз. Муқаддима, тасҳеҳу таълиқоти Муҳаммадризо Холиқӣ ва Иффати Корбосӣ. [Матн] / Ш. М. Лоҳичӣ. – Теҳрон: Заввор, 1371 (1992). -818 с.

[180]. Мақсудов Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе: Пайванд, 2009. - 555 с.

[181]. Малушков В. Г., Хромова К. А. Поиски путей реформации в исламе: опыт Ирана [Текст] / В. Г. Малушков, К. А. Хромова; предисл. М. Степанянц; АН СССР, Ин-т философии. – Москва: Наука, 1991. – 206 с.

[182]. Мамаджанова, М. Т. Философия Джалолуддина Руми [Текст] / М. Т. Мамаджанова. – Душанбе: Дониш, 2007. – 290 с.

[183]. Мамаджонова М.Т. Этические взгляды Джалолуддина Руми. Душанбе. 2001. -160 с.

[184]. Массэ, А. Ислам: очерк истории [Текст] / А. Массэ. – Москва: Наука, 1982. – 191 с.

[185]. Меҳрин, Аббос. Тасаввуф [Матн] / А. Меҳрин. – Гелон, 1960. – 168 с.

[186]. Мец, А. Мусульманский ренессанс [Текст] / А. Мец. – Москва: Наука, 1973. – 475 с.

[187]. Мотаххари, М. Философия и калам: знакомство с исламскими науками [Текст] / М. Мотаххари; пер. и ред. М. Диноршоев. – Алматы, 2000. – 124 с.

[188]. Музаффари М. Системная антропология. Душанбе: “Дониш”, 2021. -218 с.

[189]. Муқаддимаи Усмон Исмоъил Яҳё ба китоби “Нассу-л-н-нуссус фи шарҳи-л-фусус”, ал-Ҳаким Шайх Сайид Ҳайдар Омулӣ, нашр Институти Эрон ва Фаронса, 1353/ 1975.

[190]. Мулло Садро. Ал-ҳикмат ал-мутаолия фи асфор ал-ақлият ал-арбаат, ал-ҷузъ ас-солис мин асфори ал-аввал. Бейрут. Дор-ал-эҳё ат-турос ал-арабӣ 1383. Ҷ. 2, 345 с.

[191]. Муминджанов, Х. Х. Философские проблемы зороастризма [Текст] / Х. Х. Муминджанов; отв. ред. М. Диноршоев. – Душанбе: 2000. – 243 с.

[192]. Муродова, Т. Пажӯҳишҳо дар таърихи фалсафа ва ирфон [Матн] / Т. Муродова. – Душанбе: Собириён, 2020. – 271 с.

[193]. Муродова, Т. Философия Носира Хусрава (на основе «Джомеъ-ул-ҳикматайн») [Текст] / Т. Муродова. – Душанбе: Дониш, 1994.

[194]. Мусави Лари, С. М. Р. Западная цивилизация глазами мусульманина [Текст] / С. М. Р. Мусави Лари; пер. с англ.; Центр исламоведческих исследований «Иршад». – Баку: б. и., 1992. – 212 с.

[195]. Мустамлии Бухорӣ, Исмоил ибни Муҳаммад. Шарҳу-т-таъарруф ли мазҳаби-т-тасаввуф [Матн] / муқаддима ва тасҳеҳ: Муҳаммади Равшан. – Ҷ. 1–2. – Теҳрон: Асотир, 1363. – 2232 с.

[196]. Мутаҳҳарӣ М. Ошноӣ бо улуми исломӣ. Ҷилди дуввум. Калом; Ирфон. Ҳикмати амалӣ [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии

ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1999. -188 с.

[197]. Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Инсони комил [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Теҳрон, 1373. – 322 с.

[198]. Мухаммад-Али, М. Введение в антропологию [Текст] / М. Мухаммад-Али. – Душанбе, 1999. – С. 27.

[199]. Мухаммадходжаев, А. Гносеология суфизма [Текст] / А. Мухаммадходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 116 с.

[200]. Муҳаммад ал-Абда. Ас-суфия нашъатуҳо ва татаввуруҳо [Матн] / М. ал-Абла. – Кувайт: б.с. – 61 с.

[201]. Муҳаммад Алӣ Фурӯғӣ. Теҳрон. Сафӣ Алишоҳ. 1318. ш. Сайри ҳикмат дар Аврупо, Ҷ.1, с. 68.

[202]. Муҳаммад Аҳмад Луҳ. Тақдис-ул-ашхос фи фикри-с-суфӣ: арз ва таҳлил фи зилли-л-Китоб ва-с-Сунна [Матн] / М. А. Луҳ. – Қоҳира: Дор Ибн Аффон, чопи 2, 1422 ҳ./2002 м. – 591 с.

[203]. Муҳаммадхоҷаев, А. Андешаҳо перомуни ирфон ва фалсафа [Матн] / А. Муҳаммадхоҷаев. – Душанбе: Дониш, 2012. – 323 с.

[204]. Муҳиддин Ибн Араби. Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ. – тарҷума ва тадвин Қосим Мирохӯрӣ ва Ҳайдар Шуҷоъӣ. Теҳрон: Ҷом. 1374.

[205]. Назариев Р. Назарамонов Ш. Фарҳанги забони Носири Хусрав.- [Матн] // Р. Назариев, Ш. Назарамонов. Душанбе: А/ндалеб Р.2015. - 420 с.

[206]. Насафӣ Шайх Абдулазиз ибн Муҳаммад, Кашф-ул-ҳакоик, ба кӯшиши доктор Маҳдавии Домғонӣ. Теҳрон. Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1344. с. 214-216.

[207]. Насафӣ Шайх Абдулазиз ибн Муҳаммад. Маҷмуаи расоили машҳур ба китоби ал-Инсон ал-комил, тасҳеҳ ва муқаддимаи Фаронсавӣ Морижон Мувала. Теҳрон: Институти Жрон ва Фаронса. Қисмати эроншиносӣ. 1331 қ.

[208]. Наср Хамид Абу Зейд. Фалсафат ат-та’вил: дираса фи та’виль ал-Кур’ан

‘инда Ибн ‘Араби [Текст]. – Бейрут, 1983. – 320 с.

[209]. Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, монография. Душанбе: “Абдурраҳмон-Р”, 2022. - 332 с.

[210]. Николсон Р. Ислом ва тасаввуф, тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайн Наҳовандӣ, Теҳрон, Китобфурӯши заввор, 1341, с.133.

[211]. Николсон, Ричард. Пайдоиш ва сайри тасаввуф [Матн] / Р. Николсон; тарҷумаи М. Б. Муин. – Теҳрон: Тӯс, 1357. – 236 с.

[212]. Николсон, Ричард. Тасаввуфи исломӣ ва робитаи инсон бо Худо [Матн] / Р. Николсон; тарҷумаи М. Р. Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1358. – 254 с.

[213]. Николсон. Р. Ирфони орифони мусалмон. Тарҷумаи Асадуллоҳ Озод. Машҳад. Донишгоҳи Фирдавсӣ. 1372.

[214]. Новейшая философская энциклопедия в 4-х томах. М.: «Мысль», 2010

[215]. Нурбахш, Д. Рай суфиев [Текст] / Д. Нурбахш. – Москва, 1998. – 112 с.

[216]. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон [Матн] / Ш. Нӯъмонӣ; тарҷума: С. М. Тақӣ Фахрии Доии Гелонӣ. – Теҳрон, 1327 ш. – Ҷ. 2. – С. 77–149. Панҷ ҷилд дар ду китоб. – 1088 с.

[217]. Одилов, Н. Мировоззрение Джалолуддина Руми [Матн] / Н. Одилов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 109 с.

[218]. Одилов, Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолиддин Румӣ [Матн] / Н. Одилов. – Душанбе, 1964. – 140 с. (Нашри дуввум: Душанбе: Маориф, 1974. – 109 с.)

[219]. Одинаев, Ё. Ибни Арабӣ [Матн] / Ё. Одинаев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 128 с.

[220]. Олимов, К. Баррасиҳо дар тасаввуф. [Матн] / К. Олимов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 138 с.

[221]. Олимов, К. Мировоззрение Санои [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 136 с.

[222]. Олимов, К. Хорасанский суфизм [Текст] / К. Олимов. – Душанбе, 1994. – 288 с.

[223]. Олимов, К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ [Матн] / К. Олимов. – Душанбе, 1988. – 134 с.

[224]. Омилӣ Ҳайдар. Ҷомеъ ал-асрор ва манобеъ ал-анвор. Бо таснифот ва муқаддимаи Ҳенри Корбен, Усмон Исмоил Яҳё. Теҳрон: Институти эроншиносии Фаронса. Қисмати эроншиносӣ. 1347 ҳ.қ.

[225]. Очерки истории исламской цивилизации. В 2 т. Т. 1 / под общ. ред. Ю. М. Кобишанова. – Москва: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2008. – 776 с.

[226]. Оштиёнӣ Сайид Ҷалолуддин. Мунтахаботе аз осори ҳукамои илоҳии Эрон. Донишгоҳи Машҳад. 1357 ҳ.қ.

[227]. Оятулло Ҷаводи Омилӣ, Раҳиқ Маҳтум. Шарҳи ҳикмати мутаолия. Бахши саввум Ҷ. 1. Маркази нашри Исроъ. 1375 ҳ.қ.

[228]. Оятулло Ҷаводи Омилӣ. Таҳрири тамҳид ул-ақоид Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад Ал-Тарака. Интишорот ал- Заҳро. 1372 ҳ.қ.

[229]. Петраш, Ю. Г. Философия мусульманского Востока IX–XII вв.: учеб. пособие по курсу философии [Текст] / Ю. Г. Петраш; Обнинский ин-т атомной энергетики, физико-энергетический факультет. – Обнинск: ИАТЭ, 1992. – 53 с.

[230]. Пиотровский, М. Б. Коранические сказания [Текст] / М. Б. Пиотровский. – Москва: Главная редакция восточной литературы, 1991. – 219 с.

[231]. Раджабов, М. Р. Абдуррахман Джами и таджикская философия XV века [Текст] / М. Р. Раджабов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 318 с.

[232]. Рамзҷӯ, Абдулҳусайн. Инсони ормонӣ ва комил дар адабиёти ҳаммосӣ ва ирфони форсӣ [Матн] / А. Рамзҷӯ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Куруши Кабир, 1368. – 432 с.

[233]. Рахимов, М. Философия человека Абуали ибн Сины (Авиценны) [Текст] /

М. Рахимов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 339 с.

[234]. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]. – Ҷ. 10. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 125

[235]. Резван, Е. А. Коран и его мир [Текст] / Е. А. Резван; отв. ред. В. Д. Ушаков. – Санкт-Петербург: Петербургское востоковедение, 2001. – 601 с.

[236]. Родионов, М. А. Ислам классический [Текст] / М. А. Родионов. – Санкт-Петербург: Петербургское востоковедение, 2001. – 256 с.

[237]. Розенталь, Ф. Торжество знания: концепция знания в средневековом исламе [Текст] / Ф. Розенталь. – Москва: Наука, 1978. – 375 с.

[238]. Саҷҷодӣ Саид Зиёвуддин. Муқаддимае бар мабонии ирфон ва тасаввуф. Самти Теҳрон. 1372.

[239]. Садриддин Муҳаммад ибн Иброҳим Шерозӣ (Мулло Садро). Ал-Ҳикмат ал-мутаъолия фи-л-асфор ал-ақлия ал-арбаъот , Ҷ. 2, С. 333-337

[240]. Садыкова, Н. Н. Философская антропология Мирзо Абдулкодира Бедиля [Текст]. – Душанбе: Дониш, 2003. – 300 с.

[241]. Саид Содиқ Гавҳарин. Шарҳи истилоҳоти тасаввуф. Интишороти Зуввор.

[242]. Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор. Фалсафаи Ҳодии Сабзаворӣ. Душанбе, 2004. – 292 с.

[243]. Сайид Яҳё Ясрибӣ, Ирфони назарӣ, таҳлиле дар сайри такомулӣ ва вусул ва васоил ат-тасаввуф, Қум, Интишороти дафтари таълимоти исломии ҳавзаи илмияи Қум, 1373. - 670 с.

[244]. Саййид Ҳусайн Наср. Се ҳакими мусалмон [Матн] / С. Ҳ. Наср; тарҷума: А. Ором. – Теҳрон: Ширкати саҳҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1371. – С. 23.

[245]. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / С. Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Туҳурӣ, 1379. – 814 с.

[246]. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / С. Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Туҳурӣ, 1379. – 814 с.

[247]. Саҷҷодӣ, Саидҷаъфар. Фарҳанги мусталаҳоти урафои мутасаввифа ва

шуаро [Матн] / С. Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Муставфӣ, 1336. – 440 с.

[248]. Саъидӣ, Гулбобо. Фарҳанги истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ [Матн] / Г. Саъидӣ. – чопи 2-юм. – Теҳрон: Шофеъӣ, Пойиз 1387. – 1093 с.

[249]. Смирнов А. В. Великий шейх суфизма: опыт парадигмального анализа философии Ибн Араби [Текст]. – М.: Наука (издательская фирма «Восточная литература»), 1993. – 327 с.

[250]. Смирнов А. В. Что стоит за термином «средневековая арабская философия» (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истинности и причинности) [Текст] // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – Москва: Восточная литература, РАН, 1998. – 527 с.

[251]. Смирнов, А. В. Три решения проблемы трансцендентности и имманентности божественной сущности в философии Ибн Араби [Текст] // Рационалистическая традиция и современность: Ближний и Средний Восток. – Москва: Наука, 1990. – 282 с.

[252]. Собир Таъима. Ас-суфия муътақадан ва маслакан [Матн] / С. Таъима. – Ар-Риёз: чопи 2, 1985. – 388 с.

[253]. Степанянц М. Т., Читтик У.К. В поисках скрытого смысла: суфийский путь любви. Духовное учение Руми [Текст] / М. Т. Степанянц, У. К. Читтик. – Москва: Научно-издательский центр «Ладомир», 1995. – 542 с.

[254]. Степанянц, М. Т. Суфизм: оппонент или союзник рационализма [Текст] // Рационалистическая традиция и современность: Ближний и Средний Восток / отв. ред. Е. А. Фролова. – Москва: Наука, 1990. – С. 282.

[255]. Степанянц, М. Т. Философские аспекты суфизма [Текст] / М. Т. Степанянц. – Москва, 1987. – 190 с.

[256]. Султанов, М. Суфийская доктрина Али Хамадани [Текст] / М. Султанов. – автореф. дис. барои дарёфти н.и.фалсафа. Душанбе: Дониш, 1993. – 23 с.

[257]. Суратгар, Лутфалӣ. Таҷаллиёти ирфон дар шеъри форсӣ [Матн] / Л. Суратгар. – Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1345. – 129 с.

[258]. Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди қадим ва Аҳди ҷадид. Институти тарҷимаи Библия. Стокголм. 1992. Ҳастӣ. 1: 27.

[259]. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2016. – Ҷ. 11. – 892 с.

[260]. Тор, Андре. Исламские мистики [Текст] / Андре Тор; пер. с немецкого В. Г. Ноткиной. – Санкт-Петербург: Евразия, 2003. – 240 с.

[261]. Торчинов Е. А. Религии мира: Опыт запредельного. Психотехника и трансперсональные состояния. СПб: Центр «Петербургское востоковедение», 1997. С. 361.

[262]. Тримингэм, Дж. С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / Дж. С. Тримингэм; пер. с англ. А. А. Ставиской. – Москва: София, 2002. – 326 с.

[263]. Умар Фаррух. Ат-тасаввуф фи-л-ислом. -Бейрут. 1947. -213 с.

[264]. Умар Фаррух. Таърих ал-фикр ал-араби ила з-замони Ибн Халдун [Текст]. – 2-е изд. – Бейрут: Дар ал-‘илм ли-л-малāин, 1979. – 280 с.

[265]. Умедов, М. Х. Сабк ва ҳикмати ирфонии «Мусибатнома»-и Фаридуддини Аттор [Матн] / М. Х. Умедов. – Душанбе, 2015. – 191 с.

[266]. Фазлуллоҳ Зиё Нур, Ваҳдати вуҷуд, Интишорот. Заввор 1369. с. 183-184

[267]. Фаллоҳ ибн Исмоил ибн Аҳмад. Ал-алоқа байна-т-ташайюъ ва-т-тасаввуф [Матн] / Ф. ибн Исмоил ибн Аҳмад. – б.м., 1411 ҳ. – 514 с.

[268]. Фарҳанги истилоҳоти ирфонӣ. Ибни Арабӣ тарҷума ва тадвин Қосим Мирохӯрӣ ва Ҳайдар Шуҷоӣ, Теҳрон, Ҷом. 1376 ш

[269]. Фарҳанги истилоҳотии ирфонӣ. Манучеҳр Донишпажӯҳ. Теҳрон, Фарзон. 1379. ш.

[270]. Фахретдин Р. Ибн Араби. Казаннь. Изд-во ДУМ , РТ, 2009. -104 с.

[271]. Фахруддин Р. Ибн Араби [Текст]. – Казань: Издательство «Иман», 2004. – 88 с.

[272]. Фридрик Копелстон, Таърихи фалсафаи Юнон ва Рум, ҷ.1, с.225.

[273]. Фролова, Е. А. Проблема веры и знания в арабской философии [Текст] / Е.

А. Фролова. – Москва: Наука, 1983. – 173 с.

[274]. Фӯрузонфар Бадеуззамон. Зиндагонии Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ. Ҷ. 5. Теҳрон: Заввор. 1366.

[275]. Хисматулин, А. А. Суфизм. Мусульманский Восток. Мир Востока [Текст] / А. А. Хисматулин. – Санкт-Петербург: Петербургское востоковедение, 1999. – 272 с.

[276]. Хоразмӣ, Камолиддин Ҳусайнӣ. Шарҳи Фусус ал-ҳикам [Матн] / К. Ҳ. Хоразмӣ. – Теҳрон, 1368. – 928 с.

[277]. Ҳазраткулов, М. Тасаввуф [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 124 с.

[278]. Ҳакикат, Абдуррофеъ. Таърихи ирфон ва орифони эронӣ [Матн] / А. Ҳакикат. – Теҳрон, 1372. – 750 с.

[279]. Ҳамавӣ Саъдуддин. Ал-мисбоҳ фи ал-тасаввуф. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқ Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Теҳрон. Мавлӣ. 1362.

[280]. Ҳасан Комил Йылмаз, Тасаввуф и тарикаты, перевод с турецского. М.: ООО “Издательская группа “САД”. 2007. 300 стр. 1-е издание. С 10.

[281]. Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Ғазолинома. Нашриёти китобхонаи Теҳрон. 1315-1318.

[282]. Ҳуҷвирӣ, Кашф-ул-маҳҷуб, ба кӯшиши д-р Муҳаммад Ҳусайн Тасбеҳӣ, Исломобод, Интишороти маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1374, с.360.

[283]. Ҷазоирӣ, Абубакр Ҷобир. Ила-т-тасаввуф ё ибоду-л-лоҳи [Матн] / А. Ҷ. ал-Ҷазоирӣ. – Дор-ул-Басра, б.с. – 144 с.

[284]. Ҷаҳонгирӣ, Муҳсин. Муҳйиддин Ибни Арабӣ – чеҳраи барҷастаи ирфони исломӣ [Матн] / М. Ҷаҳонгирӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1359. – 885 с. (чопи 3)

[285]. Читтик, У. Суфийский путь познания: метафизика воображения Ибн аль-Араби [Текст] / У. Читтик. – Изд-во Университета штата Нью-Йорк, 1989. –

478 с.

[286]. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Лавоеҳ. Бо тасҳеҳи Я. Рипка. – Теҳрон: Амири Кабир.

[287]. Ҷурҷонӣ Алӣ ибн Муҳаммад. Ат-таърифот [Матн]. – Қоҳира, 1357. – 120 с.

[288]. Шаймухамбетов, Г. Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция: (Начальный период) [Текст] / Г. Б. Шаймухамбетов. – Москва: Наука, 1979. – 150 с.

[289]. Шайх Абдулазиз ибни Муҳаммад Насафӣ, Кашф-ул-ҳақоиқ, ба кушиши Маҳдии Домғонӣ, Теҳрон, бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1344, с.153

[290]. Шамолов, А. А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси [Текст] / А. А. Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 180 с.

[291]. Шарафуддини Хуросонӣ. Ибни Арабӣ . Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. [Текст]. – Ҷ. 4. – Теҳрон, 1380. – С. 223–284.

[292]. Шариф, Мир Муҳаммад. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / М. М. Шариф. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1391. – Ҷ. 1. – С. 317.

[293]. Шарҳ Муқаддимаи Қайсарӣ. Сайд Ҷалолуддин Оштиёнӣ, Интишорти дафтари таблиғоти ислом. Чопи саввум.1372.

[294]. Шарҳ рисола Руҳ-ул-қудс фи муҳосабат ан-нафс мин калом Шайх Муҳаммад ибни Араби. Маҳмуд ал-Ғароб. Матбаъат ал-Имон, Димашқ. 1414.

[295]. Шарҳ Фусус ал-ҳикам Иззуддин Маҳмуди Кошони, Миср, 1321 қ.

[296]. Шарҳ Фусус -ал-ҳикам Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ, Теҳрон, 1368.;

[297]. Шарҳ Фусус ал-ҳикам, Тоҷиддин Ҳусайн Хоразмӣ, тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳиравӣ. Теҳрон, мувалӣ, 1364 ш.

[298]. Шарҳи “Фусус” Ҳоҷ Мулло Муҳаммад Ҳусайни Кошонӣ, Теҳрон, 1290 ҳ.қ.

[299]. Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Қаландария дар таърих.- Теҳрон: сухан, 1386.

[300]. Шах, Идрис. Суфизм [Текст] / И. Шах. – Москва, 1994. – 448 с

[301]. Шеъронӣ Абу Мавоҳиб Абдулваҳҳоб ибн Аҳмад. Лавоқиҳу-л-анвор ал-қудсия фи маноқиб ас-содоти ан-нақшбандия [Матн] / Абу Мавоҳиб Абдулваҳҳоб ибн Аҳмад аш-Шеъроний. Қоҳира: Дор ал-фикр, 1954.

[302]. Шиммель, А. Мир исламского мистицизма [Текст] / А. Шиммель; пер. с англ. Н. И. Пригариной, А. С. Раппопорт. – Москва: Алетейя, 1999. – 414 с.

[303]. Эшотс, Я. Понятие справедливости в суфизме: Джалал ад-Дин Руми и Мухийад-Дин ал-‘Араби [Текст] // Глобализация и справедливость. – М.: РУДН, 2007. – 48 с.

[304]. Юнг, Карл Густав. Инсон ва рамзҳои ӯ [Матн] / К. Г. Юнг; тарҷумаи форсӣ. – Теҳрон, 1377. – 494 с.

[305]. Юсуф ибн Исмоил Набҳонӣ, “Ҷомеъу каромот ал-авлиё”. Таҳқиқ ва муроҷаат Иброҳим Атва Аваз, Бейрут Дор-ал-фикр. 1414қ./1994 м.

[306]. Юсуф Хаттор Муҳаммад. Ал-Мавсуъат ал-юсуфия фи байан адиллат ас-суфия [Матн] / Юсуф Хаттор Муҳаммад. – Димашқ: Юсуф Хаттор Муҳаммад, 1999. – 2 ҷилд. – 687 с.

III. Мақолаҳои илмӣ

[307]. Ашуров, Г. Фалсафа дар аҳди Сомониён [Матн] / Г. Ашуров. – Душанбе, 1999. – Известия № 1. – С. 14–26.

[308]. Габуния, Г. Р. Суфизм: возникновение и сущность [Текст] / Г. Р. Габуния // Религия и атеизм: история и современность. – Махачкала, 1992. – С. 59–83.

[309]. Жуковский, В. А. Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ [Матн] / В. А. Жуковский; тарҷума ва тавзеҳот: А. Абдусаттор. – “Садои Шарқ”, 1999. – № 10–12. – С. 121–131.

[310]. Зиёев, И. Ғ., Зиёева, И. З. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Арабӣ [Матн] //

Маводи семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». – Душанбе, 2020. – С. 59–70.

[311]. Ибн Тақрибурдӣ. Ан-нуҷуму-з-зоҳира фи мулуки Миср ва-л-Қоҳира [Матн]. – Байрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1992. – Ҷ. 5. – С. 329–330.

[312]. Ибни Мадкур. Намодгароӣ дар андешаи Ибни Арабӣ / тарҷумаи Д. Вафоӣ. – Теҳрон: Марказ, 1387 (2008). – С. 24–36.

[313]. Ибрагим, Т. К. Вуджудизм как пантеизм [Текст] / Т. К. Ибрагим // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – Москва, 1998. – С. 82–114.

[314]. Ибрагим, Т. К. Калам и вопрос об «ортодоксальной философии» ислама [Текст] / Т. К. Ибрагим // Религия в изменяющемся мире. – Москва, 1992.

[315]. Ибрагим, Т. К. Суфийская концепция «совершенного человека» [Текст] / Т. К. Ибрагим // Человек как философская проблема: Восток–Запад. – Москва, 1991. – С. 62–76.

[316]. Ибрагим, Т. К. Философские концепции суфизма [Текст] // Классический ислам: традиционные науки и философия. – М., 1988. – С. 85–131.

[317]. Игнатенко А. А., Зеркало как составляюшая спекулятивной парадигматики в арабско-исламской мысли эпохи средневековья //Средневековая арабская философия. Проблемы и решения, М., 1998, с. 210-249.

[318]. Игнатенко, А. А. Мир-Бог в зеркале, или Как возник Совершенный человек [Текст] / А. А. Игнатенко // Человек и природа в духовной культуре Востока. – Москва, 2004. – С. 17–47.

[319]. Игнатенко, А. А. Познать непознаваемое (аль-Газали о рациональном познании трансцендентного – аль-ғайб) [Текст] / А. А. Игнатенко // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – Москва, 1998. – С. 175–209.

[320]. Кирабаев Н. С. Идея совершенного человека в этике аль-Газали [Текст] /

Н. С. Кирабаев // Философия современного Востока о социальной сущности человека. – Москва, 1986. – С. 88–98.

[321]. Кныш, А. Д. Ат-тасаввуф [Текст] / А. Д. Кныш // Ислам. Энциклопедический словарь. – Москва: Наука, 1991. – С. 225–231.

[322]. Кныш, А. Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия [Текст] / А. Д. Кныш // Ишрак: ежегодник исламской философии. – Москва, 2011. – № 2. – С. 460–501.

[323]. Кныш, А. Д. Мировоззрение Ибн Араби (к истории суфийских учений) [Текст] / А. Д. Кныш // Религии мира. – 1984. – С. 81–94.

[324]. Кныш, А. Д. Учение Ибн Араби в поздней мусульманской традиции [Текст] / А. Д. Кныш // Суфизм в контексте мусульманской культуры / ред. Н. И. Пригарина. – Москва, 1989. – С. 6–19.

[325]. Кныш, А. Д. Учение Ибн Араби в поздней мусульманской традиции [Текст] // Суфизм в контексте мусульманской культуры / ред. Н. И. Пригарина. – М., 1989. – С. 6–19.

[326]. Корбен, Ҳенри. Парадоксҳои сӯфиёна [Матн] / Ҳ. Корбен // Кайҳони фарҳангӣ. – Соли 10, № 6, Озармоҳ 1372. – С. 12–18.

[327]. Қасабҷӣ, Исом. Ваҳдату вуҷуд инда Ибни Арабӣ байни фикр ва шеър [Матн] / И. Қасабҷӣ. – б.м., б.с. – С. 98–103.

[328]. Ляушева С., Яхиев С. Философские аспекты суфизма [Текст] // Азия и Африка сегодня. – 2000. – № 4. – С. 55–62.

[329]. Мулло Муҳсин Файзи Кошонӣ. Калимоти макнуна, интишорот Фарҳонӣӣ, Теҳрон. 1360. - С. 245-247.

[330]. Муҳаммад Аъло ибни Алӣ ат-Таҳонавӣ. «Кашшоф истилоҳоти улум ва ал-фунун». [Матн] / ат-Таҳонавӣ Муҳаммад Аъло ибни Алӣ. ҷ 1. – Бейрут. 1996. – Дор-ул-кутуб ал-илмия. – С. 446

[331]. Назариев, Р. Социальная философия «Ихван ас-Сафа» и Насира Хусрава [Текст] // [название сборника]. – Душанбе, 2011. – С. 230–281.

[332]. Насыров И.Р. Предисловие, Жизнь и учение Ибн Араби. //Ибн Араби, Избранное Т.1. М.: Языки славянской культуры: Садра, 2013. С. 9-48.

[333]. Насыров, И. Р. Антропология Ибн ‘Араби [Текст] / И. Р. Насыров // Мусульманский мир. – 2000. – № 1. – С. 12–25.

[334]. Нирша В. М. О некоторых аспектах суфийской концепции познания (ма‘рифа) [Текст] // Проблемы истории и культуры народов Средней Азии и стран зарубежного Востока. – Ташкент, 1991. – С. 50–62.

[335]. Олимов, К. Ибн Сино и суфизм [Текст] // Известия Отд. общ. наук АН Таджик. ССР. – 1979. – № 2. С. 59-66.

[336]. Смирнов А. В. Логика смысла. М.: Языки славянской културы, 2001. С. 349—351.

[337]. Смирнов А. В. Нравственная природа человека: арабо-мусульманская традиция [Текст] // Этическая мысль: Ежегодник. - М.: Институт философии РАН, 2000. - С. 46-70.

[338]. Смирнов, А. В. К вопросу об особенностях арабской семиотической теории [Текст] // Невербальное поле культуры: материалы научной конференции «Невербальные коммуникации в культуре». – Москва: РГГУ, 1995. – С. 136–139.

[339]. Смирнов, А. В. Путь к истине: Ибн Араби и Николай Бердяев (о двух типах мистического философствования) [Текст] // Параллели (Россия – Восток – Запад): альманах философской компаративистики. – Вып. 1. – Москва: Философское общество СССР, 1991. – С. 156–175.

[340]. Смирнов, А. В. Существует ли «всемирная философия», или проблема преодоления чуждости чужого [Текст] // Историко-философский ежегодник 1994. – Москва: Наука, 1995. – С. 352–361.

[341]. Смирнов, А. В. Философия Николая Кузанского и Ибн Араби: два типа рационализации мистицизма [Текст] // Бог, человек, общество в традиционных культурах Востока. – Москва: Наука, 1993. – С. 156–175.

[342]. Степанянц, М. Т. Мусульманская концепция творения мира [Текст] // История философии: Запад — Россия — Восток. Книга первая: Философия древности и средневековья. – Москва: Греко-латинский кабинет, 1995. – С. 396–402.

[343]. Философские взгляды Садриддина Ширази [Текст] / отв. ред. М. Д. Диноршоев; авт. М. Хазраткулов. – Душанбе: Дониш, 1985. – 140, [2] с.

[344]. Хисматулин, А. А. Прагматический суфизм в братстве Накшбандийа: [Текст] // Суфизм: контекст мусульманской культуры. – Санкт-Петербург: Петербургское востоковедение, 1995. – Т. 7. – С. 243–262.

[345]. Ҳасан Ҳасанзода Омилӣ, Рисолаи ваҳдат аз дидгоҳи ориф ва ҳаким, Интишорот Фаҷр, 1362, С. 37-40.

[346]. Читтик У. Суфизм: руководство для начинающих. М.: Восточная литература, 2012. С. 217

[347]. Читтик, Вилям. Ибни Арабӣ, Мавлоно ва андешаи ваҳдати вуҷуд [Матн] / В. Читтик; тарҷума: А. Маҳмудӣ. – Теҳрон, 1379. – С. 179–208.

[348]. Читтик, Вилям. Ибни Арабӣ, Мавлоно ва андешаи ваҳдати вуҷуд [Матн] / В. Читтик; тарҷума: А. Маҳмудӣ. – Теҳрон, 1379. – С. 179–208.

[349]. Читтик, Вилям. Муқаддима ба «Нафаҳот-ул-унс» [Матн] / В. Читтик. – Теҳрон, 1310. – С. 13–28

[350]. Ясрибӣ, Сайид Яҳё. Фалсафаи ирфон [Матн] / С. Ясрибӣ. – Қум: Дафтари таблиғоти исломӣ, 1377. – С. 33–62.

IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

[351]. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддини Шерозӣ, автореф. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии док. илм. фалсафа. - Душанбе, 2023. – 60 с.

[352]. Асрори, М. Социально-нравственная ценность человеческого достоинства в трансформирующихся обществах (историко-философский и социально-культурологический анализ) [Текст]: автореф. дис. док. филос. наук / М. Асрорӣ. – Душанбе, 2025. – 77 с.

[353]. Зиёев И.Г. Религиозно-философские воззрения Мухаммада Икбала [Матн] автореф. уч. степ. д.ф.н. Душанбе, 2005. - 46 с.

[354]. Зиёев Н.И. Раванди ташаккулёбии низоъҳои динӣ-сиёсӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити ҷаҳони тағйирёбанда. [Матн] Автореф. дисс. барои дарёфти дараҷаи н. и. с. - Душанбе, 2025. – 34 с.

[355]. Зиёева З. И. Проблема взаимоотношения личности и общества в философии Мухаммада Икбала [Матн]: дис. ... канд. филос. наук: / З. И. Зиёева. – Душанбе, 2016. – 145 с.

[356]. Карамхудоев, Ш. Х. Сравнительный анализ антропологии Носира Хусрава и Джалаледдина Руми [Текст]: автореф. дисс. докт. философ. наук / Ш. Х. Карамхудоев. – Душанбе, 2020. – 46 с.

[357]. Мухаммедходжаева П.А. Философские аспекты учения Ахмада Сархинди. автореф. дисс. на соиск. уч. степ. канд. филос. наук. Душанбе. 2014. - 23 с.

[358]. Назариев Р.З. социальная философия «Ихван ас-сафа» и Насира Хусрава (сравнительный анализ). [Текст] Душанбе, 2011. 50 с. автореф. дисс. докт. философ. наук /Р.З. Назариев

[359]. Сулаймонов, Б. С. Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ [Матн]: автореферат диссертации доктора философских наук / Б. С. Сулаймонов. – Душанбе, 2016. – 80 с.

[360]. Хефийан, М. Т. Суфийская философия Ибн Араби: единство гносеологии, этики и онтологии [Матн]: дис. ... канд. филос. наук: / М. Т. Хефийан. – Москва, 2004. – 182 с.

[361]. Ҳасан Ҳасанзода Омилӣ, Рисолаи ваҳдат аз дидгоҳи ориф ва ҳаким, Интишорот Фаҷр, 1362, с. 37-40.

[362]. Шамолов, А. А. Философско-теологические воззрения Газали [Текст]: диссертация на соискание уч. степ. док. философ. наук. (09.00.03) / А. А. Шамолов. – Душанбе, 2003. – 379 с.

[363]. Шамсов М./С. Суфийское учение Ходжа Мухаммад Порсо. Душанбе:

“Ирфон”, 2014. -166 с.

[364]. Шамсов М.С. Суфийское учение Ходжа Мухаммада Порсо. Автореф. канд. дисс. на соиск. уч. степени канд. философ. наук. Душанбе, 2015. -23 с.

V. Захираҳои электронӣ

[365]. Айдын Али-Заде. Божественная и земная власть в исламе. - М.: Нур, 2013. -222 с. [Электронный ресурс]. - URL: http://alizadeh.narod.ru/books/power/contents.html. (дата обращения: 01.05.2023)

[366]. Ермишина К. Религиозная антропология: учебное пособие. - Издательство Православного Свято-Тихоновского гуманитарного университета, 2013. [Электронный ресурс]. - URL: http://www.rulit.me/books/religioznaya-antropologiya-uchebnoe-posobie-read-419694-1.html. (дата обращения: 12.11.2024)

[367]. Журавский А. В. Представления о человеке в Коране и в Новом Завете [Электронный ресурс]. URL: http://azbyka.ru/ religii/islam/predstavlenija-o-cheloveke-v-korane-i-v-novom-zavete-all.shtml#1 (дата обращения: 05.07.2021).

[368]. Лоргус А. Православная антропология. [Электронный ресурс]. - URL: http://lib.pravmir.ru/library/readbook/307. (дата обращения: 27.08.2022)

[369]. Максимов Г. Религия сильного человека: христианство или ислам. [Электронный ресурс]. - URL: http://www.pravoslavie.ru/1453.html. (дата обращения: 13.02.2025)

[370]. Максимов Г. Религия сильного человека: христианство или ислам. [Электронный ресурс]. - URL: http://www.pravoslavie.ru/1453.html. (дата обращения: 07.07.2019)

[371]. Муртазо Разавӣ, Муҳиюддин дар оинаи Фусус (Шарҳе бар Фусус ал-ҳикам), виросати дуввум, Интишороти Фахриддин, чопи аввал, Баҳор, 1383. Қафсаи китобхонаи маҷозии сайти Биниши нав (www.binishno/ com.)

(дата обращения: 19.03.2025)

[372]. Муҳсин Тайб Ниё. Пажӯҳише дар бораи Ибни Арабӣ ва тасаввуф, бе макон ва соли нашр, -299 с. www, ebnearabi, com. (дата обращения: 04.07.2024)

[373]. Полосин А.В. Ислам и православие. Богословская основа добрососедства. [Электронный ресурс]. - URL: http://islamdag.ru/analitika/5057. (дата обращения: 22.12.2023)

[374]. Полосин А.В. Ислам и православие. Богословская основа добрососедства. [Электронный ресурс]. - URL: http://islamdag.ru/analitika/5057. (дата обращения: 15.12.2024)

[375]. Редкозубов А.Д. Православный взгляд на основные аспекты мусульманского образа жизни. [Электронный ресурс]. - URL: http://mission-center. com/isl ams/-redkozub.htm. (дата обращения: 17.01.202025)

VI. Адабиёт бо забони хоричӣ

[376]. Addas, C. Ibn ‘Arabi or the Quest for the Red Sulphur [Text] / C. Addas. – Paris: Gallimard, 1989. – 407 p.

[377]. Addas, Claude. Quest for the Red Sulphur: The Life of Ibn Arabi / Claude Addas. – Cambridge: Islamic Texts Society, 1993.

[378]. Affifi, A. E. Mystical Philosophy of Muhyid Din Ibn al-Arabi [Text] / A. E. Affifi. – Lahore: Sh. Muhammad Ashraf, 1964. – 213 p.

[379]. Almond I. Sufism and Deconstruction: A Comparative Study of Derrida and Ibn ‘Arabi [Text] / I. Almond. – London; New York: Routledge, 2004. – 166 p.

[380]. Almond I. The Meaning of Infinity in Sufi and Deconstructive Hermeneutics: When Is an Empty Text an Infinite One? [Text] / I. Almond // Journal of the American Academy of Religion. – 2004. – Vol. 72. – No. 1. – P. 97–117.

[381]. Asín Palacios, M. El Islam cristianizado: estudio del «Sufismo» a través de las obras de Abenarabi de Murcia [Text]. – Madrid: Plutarco, 1931. – 543 p.

[382]. Asín Palacios, M. La escatología musulmana en la Divina Comedia [Text]. –

Madrid, 1919. – 403 p.

[383]. Chittick, W. C. The Self-Disclosure of God: Principles of Ibn al-‘Arabi’s Cosmology [Text]. – Albany: State University of New York Press, 1998. – 483 p.

[384]. Chittick, W. Microcosm and Perfect Man in the View of Ibn al-‘Arabi // Islamic Culture. – Hyderabad, 1989. – Vol. 63 (1–2). – P. 1–11.

[385]. Chodkiewicz, M. Le Sceau des saints: prophétie et sainteté dans la doctrine d’Ibn Arabî [Text] / M. Chodkiewicz. – Paris: Gallimard, 1986. – 236 p.

[386]. Chodkiewicz, M. Seal of the Saints [Text] / transl. from French by Liadain Sherrard. – Lahore: Suhail Academy, 2001. – 192 p.

[387]. Corbin, Henry. Creative Imagination in the Sufism of Ibn 'Arabi [Матн] / H. Corbin. – Paris, 1958. – 424 p.

[388]. Fadlallāh al-Hindī. L’Épître intitulée Le Cadeau sur la manifestation du Prophète Abd al-Hadi al-Malamatī [Text] / trad. Abd al-Hadi; introd. Gérard Leconte. – Paris: Éditions de l’Échelle, 1977. – 76 p.

[389]. Flügel, G. Definitions of the theosopher Muhyiddin Muhammad ibn Ali, commonly known as Ibn Arabi // Definitions of Sayyid Sharif Ali ibn Muhammad Jurjani [Text]. – Leipzig, no date. – 216 pp.

[390]. Gril, D. Le «Kitab al-inbah ‘ala tariq Allah» de ‘Abdallah Badr al-Habashi: un témoignage de l’enseignement spirituel de Muhyi al-Din Ibn ‘Arabi // Annales islamologiques. – 1979. – Vol. 15. – P. 97–164.

[391]. Gril, D. Le commentaire du verset de la lumière d’après Ibn Arabi // Bulletin d’Études Orientales. – 1977. – Vol. 29. – P. 179–187

[392]. Gril, D. Le livre de l’arbre et des quatre oiseaux d’Ibn ‘Arabi (Risalat al-ittihad al-kawni) // Annales islamologiques. – 1981. – Vol. 17. – P. 53–111.

[393]. Gril, D. Le personnage coranique de Pharaon d’après l’interprétation d’Ibn ‘Arabi // Annales islamologiques. – 1978. – Vol. 14. – P. 37–57

[394]. Ibn ‘Arabi. The Meccan Revalations. Selected Texts of Al-Futūhāt al-Makkiya.

Part II. Presentations and Translations from the Arabic under the Direction of M. Chodkiewicz in Collaboration with C. Chodkiewicz and Denis Gril. Lahore: Suhail Academy, 2005. Introduction. P. 4.

[395]. Ibn al-‘Arabi, Muhyiddin. Tarjumān al-Ashwāq: A Collection of Mystical Odes / ed. and trans. Reynold A. Nicholson. – London: Theosophical Publishing House, 1978. – 220 p.

[396]. Ibn Arabi. La sagesse des prophètes (des extraits du Fusus al-Hikam, 1229) / Traduction et notes de T. Burckhardt. Paris: Albin Michel, 1955

[397]. Ibn Arabi. Whoso Knoweth Himself [Text]. – Paperback ed. – New Leaf Distributing Company, 1988. – 32 p.

[398]. Landau, Rom. The Philosophy of Ibn 'Arabi [Матн] / R. Landau. – New York, 1959. – 126 p.

[399]. Massignon L. Essai sur les origins du lexique technique de la mystique musulmane. Paris: Librairie philosophique J. Vrin, 1968. P. 315

[400]. McGregor R. Akbarian Thought in a Branch of the Egyptian Shâdhiliyya // Une voie soufie dans le monde: la Shâdhiliyya / Sous la direction d’Éric Geoffroy. Paris: Maisonneuve & Larose, 2005. P. 107—116

[401]. Morris, J. Ibn Arabi’s Esotericism: The Problem of Spiritual Authority // Studia Islamica. – Paris, 1990. – Vol. 71. – P. 37–64.

[402]. Nasr Seyyed Hossein. Islamic Art and Spirituality. Lahore: Suhail Academy, 1997. - 137 p.

[403]. Nicholson, R. A. The Idea of Personality in Sufism [Матн] / R. A. Nicholson. – Cambridge, 1923. – 77 p.

[404]. Nicholson, R. A. The Perfect Man [Матн] / R. A. Nicholson. – London, 1921.

[405]. Nyberg, H. S. Kleinere Schriften des Ibn Arabī [Text] // E. J. Brill. – Leiden, 1919. – 106 p.

[406]. Rosenthal, F. Ibn ‘Arabi between Philosophy and Mysticism // Orient. – Leiden, 1988. – Vol. 31. – P. 1–35.

[407]. Takeshita, M. Ibn ‘Arabi’s Theory of the Perfect Man and Its Place in the History of Islamic Thought [Text] / M. Takeshita. – Tokyo, 1987.

[408]. Yahia O. Histoire et classification de l’oeuvre d’Ibn Arabi. 2 vol. Damascus, 1964. Китобшиносии Ибни Арабӣ, 341 р.

[409]. Yousef, M. Ibn Arabi – Time and Cosmology [Text] / M. Yousef. – New York: Routledge, 2008.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Монография

[1-М]. Зиёева, З. И. Проблема взаимоотношения личности и общества в философии Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева. – Душанбе: Эр-Граф, 2026. – 176 с.

[2-М]. Зиёева З.И. Ибни Арабӣ: зиндагӣ, осор ва ҷаҳонбинӣ, [Текст] З. И. Зиёева. -Душанбе, 2026, -150 с.

II. Китоб

[3-М]. Зиёев, И. Ғ., Зиёева, З. И. Ахлоқ ва зебоишиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. И. Зиёева. – Душанбе: Донишвар, 2019. – 480 с.

II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[4-М]. Зиёева, З. И. Назари таҳқиқотии А. В. Смирнов ба осори Ибни Арабӣ «Ал-Футуҳот ал-Маккия» [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 61–66. – ISSN 0235-005X.

[5-М]. Зиёева, З. И. Шореҳони маъруфи «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ

[Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 80-84.

[6-М]. Зиёева, З. И. «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам»-и Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 53–57.

[7-М]. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 11–16.

[8-М]. Зиёева, З. И. Андешаҳои гносеологӣ дар фалсафаи Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 3. – С. 66–69.

[9-М]. Зиёева, З. И. Мулоҳизот оид ба таърихи пайдошавии тасаввуф [Матн] / З. И. Зиёева // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 84–89.

[10-М]. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 1 (21). – С. 118–132.

[11-М]. Зиёева, З. И. Таълимоти Ибни Арабӣ оид ба нафс [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – Том 2, № 2 (24). – С. 53–63.

[12-М]. Зиёева, З. И. Консепсияи «инсони комил» дар ирфони Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 81–87.

[13-М]. Зиёева, З. И. Тоҷикистон дар муқовимат ба терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 259–269.

[14-М]. Зиёева, З. И. Шарҳи мафҳуми «инсони комил» аз дидгоҳи Азизуддин Насафӣ ва Абдулкарим Қутбиддин ибни Иброҳим (Ҷилӣ) [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 104–110.

[15-М]. Зиёева, З. И. Ибни Арабӣ - бузургтарин шайхи тасаввуф [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 1. – С. 121–125

[16-М]. Зиёева, З. И. Формирование личности в концепции «совершенного человека» Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 29 (230). – ISSN 2713-3168. – С. 75–82.

[17-М]. Зиёева, З. И. Нақши фарҳанг дар муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 199–204.

[18-М]. Зиёева, З. И. Краткий обзор исторической эволюции теоретического мистицизма (на основе книги «Онтология исламского мистицизма» Али Амининежад) [Текст] / З. И. Зиёева // Международный научный журнал «Научный лидер». – 2025. – № 31 (232). – ISSN 2713-3168. – С. 196–205.

[19-М]. Зиёева, З. И. Мероси адабӣ ва фалсафии Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.

Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 140–147.

[20-М]. Зиёева, З. И. Этапы развития исламского теоретического мистицизма: от суфийской практики к философской онтологии [Текст] / З. И. Зиёева // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 50–60.

[21-М]. Зиёева, З. И. Таҳлили муқоисавии дар «Рисолат-ут-тайр»-и Ибни Сино ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттори Нишопурӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2026. – № 1. – С. 20–31.

[22-М]. Зиёева, З. И. Философская интерпретация экзистенциальных вопросов у Мухаммада Икбала [Текст] / З. И. Зиёева // Актуальные исследования. – Белгород, 2026. – № 4. – ISSN 2313-1513. – С. 6–12.

[23-М]. Зиёева З.И. Зиндагӣ ва таълимоти ирфонии Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева//Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026 – № 3. – С. 68–76.

III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

[24-М]. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Маводи семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои рушд». – Душанбе, 2021. – С. 59–71.

[25-М]. Зиёева, З. И. «Ибни Арабӣ: «Тадбироти илоҳия» ва «Фусус ал-ҳикам» [Матн] / З. И. Зиёева // Файласуф ва замон: маҷмӯаи мақолот. – Душанбе, 2021. – С. 489–501.

[26-М]. Зиёева, З. И. Ҳастишиносӣ ва худошиносии ирфонӣ дар «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» [Матн] / З. И. Зиёева // Маҷмӯаи

мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ. – Душанбе. – С. 261–271.

[27-М]. Зиёева, З. И. Муаммои ваҳдати вуҷуд ва робитаи он бо Ибни Арабӣ ва Мавлоно Румӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ», бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 2023. – С. 194–200.

[28-М]. Зиёева, З. И. Философия этики Аль-Фараби в «Мадинаи фозила» («Добродетельный город») [Текст] / З. И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абунасри Форобӣ дар илм ва тамаддуни ҷаҳон» (16–17 октября 2024 г., Душанбе). – Душанбе, 2024. – С. 582–588.

[29-М]. Зиёев, И. Ғ., Зиёева, З. Сухане чанд оид ба ҷаҳонбинии Ибни Арабӣ [Матн] / И. Ғ. Зиёев, З. Зиёева // Материалы круглого стола «Современные тенденции развития философской науки в Таджикистане и мире» (18 ноября 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 64–73.

[30-М]. Зиёева, З. И., Зиёев, И. Ғ. Осори ирфонии Ибни Сино [Матн] / З. И. Зиёева, И. Ғ. Зиёев // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.

[31-М]. Зиёева, З. И. Ваҳдати вуҷуд аз нигоҳи Ибни Сино ва Ибни Арабӣ [Матн] / З. И. Зиёева // Материалы международного симпозиума «Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илм, фалсафа ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (4–5 ноября 2025 г., Душанбе). – Душанбе: ИФСҲ АМИТ, 2025. – 1280 с.

[32-М]. Зиёева, З. И. Духовные и нравственные мысли Ибн Сины и Мухаммада Газзали [Текст] / З. И. Зиёева // Сборник материалов

Международной научно-практической конференции «Эволюция, тенденции и перспективы политической культуры гражданского общества: казахстанский и зарубежный опыт». – Алматы: Казахский национальный университет имени аль-Фараби, 2026. – С. 129–132.

[33-М]. Зиёева З.И. Таҳлили муқоисавии ақидаҳои Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём андар боби Наврӯз//Ахбори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ №3 2026, С.175-179.

[34-М]. Зиёева З.И. Ибни Арабӣ ва ҷаҳонбинии ӯ //Кафедраи фалсафа: таъсис ва ташаккули мактабҳои илмӣ (1969-2026) Мавмуаи маводҳои илмӣ. Душанбе. 2026. ¬-330 с., С.271-284